ISSN 2413-5151

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ
2021. №5.

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук
2021. №5.

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences
2021. No.5.

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2021

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 10 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:
ХУШВАХТЗОДА ҚОБИЛҶОН ХУШВАХТ *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:
Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:
Исмонов Карорматулло *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

08.00.00 –иқтисод

Ғаниев Таваралӣ Бобоевич *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Давлатзода Қудрат Қамбар *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Чая Влидимир Тигранович *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Исайнов Ҳисайн Раҳимович *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Исраилов Мукаш Исраилович *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Ҷумҳурии Қирғизистон)*
Калемуллоев Мунир Воҳидович *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
Кодирзода Диловар Баҳриддин *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Низомов Самариддин Фахриевич *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Низомова Туҳфамо Давлатовна *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Умаров Ҳоҷимуҳаммад *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Файзуллоев Машраб Қурбоналиевич *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Шамсов Илёс Сафарович *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*

12.00.00 – ҳуқуқшиносӣ

Азиззода Убайдулло Абдулло *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Ғаюров Шукрулло Карорматуллоевич *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Диноршоев Азиз Мусоевич *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
Раҳмон Дилшод Сафарбек *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Сотиволдиев Рустам Шарофович *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Шарипов Тақдиршо Шарифович *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*

23.00.00 –сиёсатшиносӣ

Зокиров Гулмаҳмад Нозимович *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
Қурбонов Абдураҳмон Шерович *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
Маҳмадизода Нозим Давлатмурод *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
Потселуев Сергей Петрович *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент*
Сафранчук Иван Алексеевич *Номзади илмҳои сиёсӣ (Федератсияи Россия)*

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.
Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:
Дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ: *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*
Дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ*: 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*
Дар соҳаи илмҳои сиёсӣ: *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*
Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.
Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (*www.vestnik-tnu.com*).*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ
– 2021. – №5.
ISSN 2413-5151
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №181/МҶ-97 от 19.02.2021 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ДМТ, 2021

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 10 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:
ХУШВАХТЗОДА КОБИЛДЖОН ХУШВАХТ — *Доктор экономических наук, профессор, ректор Таджикского национального университета*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:
Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:
Исмонов Карорматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

08.00.00 – Экономика

Ганиев Таварали Бобоевич — *Доктор экономических наук, профессор*
Давлатзода Кудрат Камбар — *Доктор экономических наук, профессор*
Иброхимзода Илхомуддин Раджабали — *Доктор экономических наук, профессор*
Исайнов Хисайн Рахимович — *Доктор экономических наук, профессор*
Исраилов Мукаш Исраилович — *Доктор экономических наук, профессор (Кыргызская Республика)*
Калемуллоев Мунир Вохидович — *Кандидат экономических наук, доцент*
Кодирзода Диловар Бахриддин — *Доктор экономических наук, профессор*
Низомов Самариддин Фахриевич — *Доктор экономических наук, профессор*
Низомова Тухфамо Давлатовна — *Доктор экономических наук, профессор*
Одинаев Хаёт Абдулхакович — *Доктор экономических наук, профессор*
Умаров Ходжимухаммад — *Доктор экономических наук, профессор*
Файзуллоев Машраб Курбоналиевич — *Доктор экономических наук, профессор*
Чая Влидимир Тигранович — *Доктор экономических наук, профессор (Российская Федерация)*
Шамсов Илёс Сафарович — *Доктор экономических наук, профессор*

12.00.00 – Юриспруденция

Азиззода Убайдулло Абдулло — *Доктор юридических наук, профессор*
Гаюров Шукрулло Карорматуллоевич — *Доктор юридических наук, профессор*
Диноршоев Азиз Мусоевич — *Доктор юридических наук, профессор*
Муртазозода Джамшед Сайдали — *Доктор юридических наук, профессор*
Насриддинзода Эмомали Сайфиддин — *Доктор юридических наук, профессор, член-корр. НАНТ*
Рахмон Дилшод Сафарбек — *Доктор юридических наук, профессор*
Сотиволдиев Рустам Шарофович — *Доктор юридических наук, профессор*
Шарипов Таҳдиршо Шарифович — *Доктор юридических наук, профессор*

23.00.00 – Политология

Зокиров Гулмахмад Нозимович — *Доктор политических наук, профессор*
Курбонов Абдурахмон Шерович — *Доктор философских наук, профессор*
Махмадизода Нозим Давлатмурод — *Доктор философских наук, профессор*
Муњаммад Абдурахмон Навруз — *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ*
Нуриддинов Раймалихон Шахбозович — *Доктор политических наук, профессор*
Поцелуев Сергей Петрович — *Доктор политических наук, профессор (Российская Федерация)*
Сафарализода Худжамурод Куддуси — *Кандидат политических наук, доцент*
Сафранчук Иван Алексеевич — *Кандидат политических наук (Российская Федерация)*

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016.

Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:

В области экономических наук: *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

В области юридических наук: *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

В области политических наук: *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук.
– 2021. – №5.
ISSN 2413-5151
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство №181/ЖР-97 от 19.02.2021 г.
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2021

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences
Founder of the journal:

TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 10 times a year.

CHIEF EDITOR:
KHUSHVAKHTZODA KOBILDZHON KHUSHVAKHT — *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:
Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:
Ismonov Karomatullo — *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:

08.00.00 - Economy

Ganiev Tavarali Boboevich — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Davlatzoda Kudrat Kambar — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Chaya Vladimir Tigranovich — *Doctor of Economic Sciences, Professor (Russian Federation)*
Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Isainov Khisain Rakhimovich — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Israilov Mukash Israilovich — *Doctor of Economic Sciences, Professor (Kyrgyz Republic)*
Kalemulloev Munir Vohidovich — *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor*
Kodirzoda Dilovar Bahriddin — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Nizomov Samariddin Fakhrievich — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Nizomova Tuhfamo Davlatovna — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Odinaev Hayot Abdukhakovich — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Faizulloev Mashrab Kurbonalievich — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Shamsov Ilyos Safarovich — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
Umarov Khojamuhammad

12.00.00 – Jurisprudence

Azizzoda Ubaydullo Abdullo — *Doctor of Law, Professor*
Gayurov Shukrullo Karomatulloevich — *Doctor of Law, Professor*
Dinorshoev Aziz Musoevich — *Doctor of Law, Professor*
Murtazozoda Jamshed Saidali — *Doctor of Law, Professor*
Nasriddinzoda Emomali Saifiddin — *Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan (NAST)*
Rahmon Dilshod Safarbek — *Doctor of Law, Professor*
Sotivoldiev Rustam Sharofovich — *Doctor of Law, Professor*
Sharipov Taqdirsho Sharifovich — *Doctor of Law, Professor*

23.00.00 – Political sciences

Zokirov Gulmahmad Nozimovich — *Doctor of Political Sciences, Professor, Doctor of Philosophy, Professor*
Kurbonov Abdurakhmon Sherovich — *Doctor of Philosophy, Professor*
Mahmadizoda Nozim Davlatmurod Muhammad Abdurahmon Navruz — *Doctor of Political Sciences, Professor, Corresponding Member of the NAST*
Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich — *Doctor of Political Sciences, Professor*
Potceluev Sergey Petrovich — *Doctor of Political Sciences, Professor (Russian Federation)*
Safaralizoda Khujamurod Quddusi — *Candidate of Political Sciences*
Safranchuk Ivan Alekseevich — *Candidate of Political Sciences, Associate Professor (Russian Federation)*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016.

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

In the field of economic sciences: 08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.

In the field of jurisprudence: 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.

In the field of political sciences: 23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

Bulletin of the Tajik National University. Series of economic and social sciences – 2021. – №5.
ISSN 2413-5151

The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.

Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

©TNU, 2021

ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

УДК: 33+311(575.3)

ТАҲЛИЛИ ОМОРИИ ТАҒЙИРЁБИИ РАВАНДҲОИ ИҶТИМОӢ-ДЕМОГРАФӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Хушвахтзода Қ.Х., Одинаев М.А., Обидов Ф.С., Амонова Д.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

Солҳои охир баҳодиҳӣ ба нақши омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ мебошад. Дар шароити кунунӣ омӯзиши равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ ҳангоми батанзимдарорӣ ва банақшагирии оила аҳамияти муҳим пайдо менамояд ва яке аз фишангҳои асосии инкишофи иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад. Вобаста ба ин ҳолат, баҳои комилан мувофиқи тамоюли инкишофи равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва муайян намудани оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии онҳо зарур аст. Дар баъзе минтақаҳои кишвар суръати нисбатан баланди зиёдшавии табиии аҳолӣ дида мешавад, ки тафовути минтақавӣ дар хусусияти равандҳои демографӣ бо дигаргуншавӣ ва тағйирот дар тарзи ҳаёт, инчунин, хусусиятҳои этникӣ, ки бо одат ва анъанаҳои миллӣ дар муносибатҳои оилавӣ, нигоҳ дошта мешаванд, вобастагӣ доранд. Аҳамияти омӯзиш ва таҳқиқи равандҳои иҷтимоӣ-демографии мамлакат дар аксари суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсусан таъкид мегардад [13,с.3-6].

Барои расидан ба ҳадафи мазкур дар раванди таҳқиқот масъалаҳои зерин гузошта шудаанд:

- ❖ омӯзиши ҳолат, хусусият ва тамоюли омории тағйирёбии равандаҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ❖ таҳлили тамоюли инкишоф ва тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ- демографӣ ва пешниҳод намудани тавсияҳо доир ба такмил додани махзани маълумотҳо ва методологияи таҳлили омории равандҳои демографӣ;
- ❖ ошкор намудани тағйирот дар равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва таъсири он ба сохтори синнусолии аҳолӣ;
- ❖ гузаронидани таҳқиқоти интихобӣ ва коркарди маълумотҳо дар заминаи барномаи омории SPSS, таҳлили маълумотҳои бадастовардашуда, натиҷагирӣ ва пешниҳоди хулосаю тавсияҳо;
- ❖ истифода бурдани моделҳои оморию математикии банамоишгузории (экспонентсиалӣ) аҳолӣ барои ба даст овардани маълумотҳои пешгӯии миқдор ва сохтори аҳолӣ. Таҳлили фарқияти минтақавӣ бо ёрии усули таснифотӣ (ба гурӯҳҳо ҷудо кардан) омори бисёрченака;
- ❖ сохтани моделҳои дурнамои инкишофи демографии минтақа дар асоси истифода бурдани усулҳои гуногуни омории пешгӯикунӣ [4,с.27-33].

Ба мақсади таҳлили равандҳои демографӣ аз усулҳои иқтисодӣ-оморӣ, диалектикӣ, монографӣ, моделҳои риёзӣ-иқтисодӣ, усулҳои баҳодиҳии тағйирёбии сохторӣ, усулҳои баҳодиҳии омории тағйирёбии шумора ва сохтори аҳолӣ, усулҳои омории баҳодиҳии нобаробарии иҷтимоӣ ва барномаҳои муосири омории коркард ва таҳлили маълумотҳо ба монанди SPSS, Excel истифода шудаанд. Дар рафти таҳқиқот аз усулҳои мухталифи оморию демографӣ, маълумотҳои натиҷаи таҳқиқоти интихобии гузаронидаи муаллиф, инчунин маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаҳои омории минтақавӣ ва соҳавӣ истифода гардиданд [4,с.28-30].

Бе назардошти омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар амал татбиқ намудан ва аз нуқтаи назари илмӣ асоснок кардани барномаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати инкишофи иқтисодиёт ғайриимкон аст. Нишондиҳандаҳои асосие, ки ба рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодии демографӣ таъсир мерасонанд, сатҳи бекорӣ, такрористеҳсолии аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, ҳолати шуғл, сатҳи камбизоатӣ, хароҷот ва даромадҳо, маориф ва

тандурустӣ буда метавонанд [2,с.35-38]. Тибқи равиши иқтисодӣ равандҳои демографӣ аз бисёр омилҳои дорои хусусияти иқтисодӣ вобастаанд. Муносибати классикии иқтисодӣ ба ду мавқеи назариявӣ асос ёфтааст, ки ба ҳам мухолифанд [5,с.151-157].

Тағйирёбии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди бениҳоят мураккабу бисёрҷанбае мебошад, ки таъсири омилҳои зиёди иҷтимоию иқтисодӣ, таърихӣ ва сиёсиро аз сар мегузаронад.

Нақшаи 1. Таъсири омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба инкишофи равандҳои демографӣ
Plan 1. The impact of socio-economic factors on the development of demographic processes



Аз рӯи маълумотҳои оморӣ дида мешавад, ки шумораи аҳолӣ сол аз сол афзоиш меёбад. Дар маҷмӯъ, дар давраи солҳои 2011-2020 он ба 1506.6 ҳазор нафар ё худ ба 19,3% афзуд. Аз маълумотҳои дар график овардашуда бармеояд, ки суръати афзоиши аҳолӣ ба ҳисоби миёна 2%-и солонаро ташкил дода истодааст. Инчунин, афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ ва суръати пасти рушди иқтисодӣ нишондодҳои шадиди демографиро афзунтар мегардонад. Чунончи, соли 1989 ба 100 нафар одами синни қобили меҳнат агар 175 нафар синни ғайриқобили меҳнат рост ояд, дар соли 2019 ба 100 нафар 152 нафар рост меояд. Ин маънои онро дорад, ки дар мамлакат давра ба давра аҳолии синни ғайри қобили меҳнат кам шуда истодааст. Тағйирёбии миқдори аҳолиро, дар маҷмӯъ, дар давраи омӯхташуда бо ёрии нишондиҳандаҳои миёнаи қаторҳои динамикӣ муайян кардан мумкин аст [11,с.99-105].

Диаграммаи 1. Тағйирёбии шумораи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳаз. наф)
Diagram 1. Population change in the Republic of Tajikistan (thousand people)

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. -С. 25.

Ба вазъи демографии солҳои гузашта назар карда, муқоисаи маълумотҳоро нисбат ба соли 2020 дида бароем, фарқият хеле назаррас аст, чунки қабули консепсияи сиёсати давлатию демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва назорати бевоситаи Ҳукумат ва муассисаҳои илмӣ–таҳқиқотӣ тавонист шуури демографии аҳолиро тағйир дода, таъсири бевоситаи худро расонад [16,с.101-106].

Ҳиссаи аҳолии шаҳр соли 2020 дар шумораи умумии аҳолӣ ҳайати худро бе тағйир нигоҳ медорад ва 26,3%-ро ташкил медиҳад, лекин ҳиссаи аҳолии деҳот то 73,7% зиёд

шудааст, ки нишондиҳандаҳои асосӣ, ба монанди шумораи мутлақи аҳолӣ, аз ҷумла аҳолии шаҳр, аҳолии деҳот дар синну соли қобилияти коридошта, миқдори кӯчидаомадагон ва кӯчидарафтагон дар соли 2019 афзуд. Ин гуна тағйироти демографӣ дар заминаи тағйироти иқтисодӣ ба вуҷуд омаданд. Дар соҳаҳои иҷтимоӣ тамоюлҳои мусбат идома пайдо карда, аз ҷумла нишондиҳандаи дарозумрии аҳолӣ ба 75 сол расид ва фавти модару кӯдак дар муқоиса бо соли 1998 мутаносибан 2,1 ва 2,6 баробар паст гардид. Шумораи аҳолӣ дар кишвар аз 5,4 миллион нафари соли 1990 ба 9,3 миллион нафар дар соли 2020 расид ва дар назар аст, ки соли 2023 аҳолии кишвар ба 10 миллион нафар мерасад. Ин ҳолат аз мо тақозо менамояд, ки ба ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва тақвияти иқтидори истеҳсолии мамлакат диққати аввалиндараҷа диҳем [13,с.88-100].

Ҷадвали 1. Баробаркунии сатҳи қатори динамикии шумораи аҳолӣ (ҳаз. наф)
Table 1. Equalization of the dynamic range of the population (thousand people)

Солҳо	T	шумора Y	t^2	t*y	Шумораи назариявӣ Yср	$(Y-Yср)^2$
2000	1	6250	1	6250	6160,44	8020,994
2001	2	6375,5	4	12751	6316,76	3450,388
2002	3	6506,5	9	19519,5	6473,08	1116,896
2003	4	6640	16	26560	6629,40	112,36
2004	5	6780,4	25	33902	6785,72	28,3024
2005	6	6920,3	36	41521,8	6942,04	472,6276
2006	7	7063,8	49	49446,6	7098,36	1194,394
2007	8	7215,7	64	57725,6	7254,68	1519,44
2008	9	7373,8	81	66364,2	7411,00	1383,84
2009	10	7529,6	100	75296	7567,32	1422,798
2010	11	7616,4	121	83780,4	7723,64	11500,42
2011	12	7807,2	144	93686,4	7879,96	5294,018
2012	13	7987,4	169	103836,2	8036,28	2389,254
2013	14	8161,1	196	114255,4	8192,60	992,25
2014	15	8352	225	125280	8348,92	9,4864
2015	16	8551,2	256	136819,2	8505,24	2112,322
2016	17	8742,8	289	148627,6	8661,56	6599,938
2017	18	8931,2	324	160761,6	8817,88	12841,42
Ҳамагӣ	**171**	**134804,9**	**2109**	**1356384**	**134804,9**	**60461,15**

Сарчашма: Ҷадвал аз тарафи муаллифон дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018. -С.25-33 тартиб ва ҳисоб карда шудааст.

Ҳамзамон, дуруст ба роҳ мондани равандҳои демографӣ дар оила вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як шахс ба шумор рафта, масъулияти басо муҳимро талаб мекунанд. Табиӣ аст, ки раванди минбаъдаи афзоиши аҳолӣ ҳамеша боиси пайдоиши мушкилиҳои зиёди муносибатҳои ҳаётӣ мегардад. Барои ояндабинӣ намудани нишондиҳандаҳои демографӣ метавонем аз функсияҳои гуногуни оморӣ-математикӣ истифода барем, ба монанди функсияи хаттӣ, экспоненсиалӣ ё мантиқӣ:

А) функсияи хаттӣ:

$S_t = So + \Delta \times t;$

$$\Delta = \frac{St - So}{t} : \Delta(2010\text{-}2017) = \frac{8931,2 - 7616,4}{7} = 187,8 \text{ ҳаз.наф}$$

$S_{(2022)} = 8931,2 + 187,8 \times 5 = 9870,2$

$S_{(2030)} = 8931,2 + 187,8 \times 13 = 11372,6$

б) функсияи экспоненсионалӣ:

$$S_t = S_o \times e^{rt} \; r = \frac{\lg St - \lg So}{t};$$

$$r = \frac{\lg St - \lg So}{t} = \frac{\lg 8931{,}2 - \lg 7616{,}4}{7} = 0{,}00988$$

$S_{(2020)}$ = 8931,2× $e^{0,00988\times3}$=8931,2×1,030=9199,8;

$S_{(2030)}$ = 8931,2× $e^{0,00988\times13}$=8931,2×1,1185=10155,3.

Тағйирёбии вазъияти демографиро дар мамлакат пешгӯйӣ карда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҷорӣ шудани устувори демографӣ торафт ба чашм мерасад. Натиҷаҳои дурнамои мо нишон доданд, ки шумораи аҳолӣ то соли 2030 аз 10155,3 то 11372,6 ҳазор нафар меафзояд, ки ин нишондиҳанда дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030» то 11,5 млн. нафар пешбинӣ карда шудааст [3,с.124-126]. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки таҳлилҳои омории пешгӯишавандаи мо ба пешгӯинамоии ин Стратегия наздикӣ дорад. Яке аз равандҳои муҳимми демографӣ, ки ба ҳолати иҷтимоӣ вобастагии калон дорад, сатҳи таваллуд мебошад. Тағйирёбии коэффитсиенти умумии таваллуд бо ёрии усули индексӣ таҳлил гардида ва нақши ҳар як омил ошкор карда шудааст [3,с.126].

Ҷадвали 2. Коэффитсиенти умумии таваллуд аз рӯи омилҳо
Table 2. General coefficient of fertility by factors

Нишондиҳандаҳо	Ифодаи шартии нишондиҳандаҳо	Солҳо	
		2010	2018
Шумораи таваллудшудагон (ҳазор нафар)	**N**	239,8	231,0
Шумораи умумии занҳо (ҳаз. наф.)	**W**	3674,5	4499,3
Аз он ҷумла: синну соли қобили таваллуддошта (ҳаз. нафар)	$\mathbf{W_{15\text{-}49}}$	2032,8	2362,8
Шумораи умумии аҳолӣ (ҳаз. нафар)	**S**	7417,4	9126,6
Коэффитсиенти махсуси таваллуд %	$\mathbf{F}=\frac{\mathbf{N}}{\mathbf{W15-49}} * 1000$	117,96	97,76
Миқдори занони синну соли қобили таваллуддошта (репродуктивӣ)	$\mathbf{d}=\frac{W}{S}$	0,495	0,493
Таносуби миқдори занони синну соли қобили таваллуддошта нисбат ба шумораи умумии занҳо	$\mathbf{d}=\frac{W_{15-49}}{W}$	0,553	0,525
Таносуби миқдори занони синну соли қобили таваллуддошта нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ	$\mathbf{d}=\frac{W_{15-49}}{S}$	0,274	0,259
Коэффитсиенти умумии таваллуд %	$П=\frac{N}{S} * 1000$	32,3	25,3

Сарчашма: Ҷадвал аз тарафи муаллифон дар асоси маълумоти Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018. - С.23-28. Маҷаллаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. - С.27-35 тартиб ва ҳисоб карда шудааст.

Маълумотҳои ҷадвали 4-ро дар формулаҳо гузошта чунин нишондиҳандаҳоро ҳосил мекунем:

$$\Delta n = n_{2018} - n_{2010} = 25,3 - 32,3 = -7\%$$

$$J_n = \frac{n_{2018}}{n_{2010}} \times 100 = \frac{25,3}{32,3} \times 100 = 78,3\%$$

Барои муайян намудани он ки аз ҳисоби кадом омилҳо ин тағйирот ба амал омадаанд, ҳисоби сохтори динамикаи коэффитсиенти умумии таваллудро аз рӯйи омилҳо гузаронидан зарур аст [10,с.286-288]. Бинобар ин, аз рӯи маълумотҳои ҷадвали 2 нишондиҳандаҳо чунин ҳисоб карда мешаванд:

$$\Delta n(F) = (97,76 - 117,96)\text{x}0,259 = -5,23\%_0$$

$$\Delta n\left(d^s_{w(15-49)}\right) = 117,96\text{x}(0,259 - 0,274) = -1,77\%_0$$

$$\Delta n = -5,23 + (-1,77) = -7\%_0$$

$$J_{f=}\frac{97,76x0,259}{117,96x0,259}=0,83 \text{ ё } 83\%$$

$$J_{w(15-49)} = \frac{97,76x0,259}{117,96x0,274} = 0,78 \text{ ё } 78\%$$

$$J_n = 0,83x\,0,78 = 0,65 \text{ ё } 65\%$$

• Таъсири мутлақи динамикаи коэффитсиенти махсуси таваллуд:

$$\Delta n(F) = (97,76 - 117,96) \times 0,525 \times 0,493 = -5,23$$

$$J_f = \frac{97,76 \times 0,525 \times 0,493}{117,96 \times 0,525 \times 0,493} = 0,83$$

Дар натиҷаи таҳлил ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки раванди таваллуд тамоюли мунтазам тағйирёбӣ дошта, дар ифодаи мутлақ шумораи таваллудшудагон ҳар сол зиёд шуда истодааст, лекин дар шакли нисбӣ ва ифодаи коэффитсиентҳо ҳамаи нишондиҳандаҳои динамикаи таваллуд кам гардидаанд.

Диаграммаи 2. Тағйирёбии афзоши табии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳаз. наф)
Diagram 2. Natural population growth change in the Republic of Tajikistan (thousand population)

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. - С. 30-35.

Ҳангоми таҳлил намудан муайян гардид, ки шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол нисбат ба солҳои муқоисашаванда, яъне солҳои 2011-2020 ҳақиқатан афзоишёбанда будааст, лекин тамоюли якбора зиёд гардидани афзоиши табиии аҳолӣ соли 2013-2015 асосан натиҷаи қабули Қонун "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо" мебошад. Баъди қабули ин қонун тамоюли якбора зиёд гардидани ақди никоҳ ва таваллуд гардид, ки ин ҳолат минбаъд ба афзоиши ҳолатҳои бекоршавии ақдҳои никоҳ ё вайроншавии оилаҳо низ оварда расонид. Тибқи маълумотҳои оморӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози афзоиши аҳолӣ дар байни 200 кишвари олам дар ҷойи 97 қарор дошта, 0,12%-и аҳолии кураи ҷаҳонро ташкил менамояд [3,с.121-127].

Тағйироти шумораи аҳолӣ асосан динамикаи се раванди демографиро муайян мекунад: сатҳи таваллуднокӣ, фавт ва муҳоҷират. Гузашта аз ин, таҳлилкунии сабабҳо ва омилҳои таъсиррасонии шадид ба ҳар се раванди зикршуда ногузир аст. Барои муайян кардани он ки нишондиҳандаҳои таваллуднокӣ, фавт ва муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кадом омилҳо вобаста аст, модели регрессионирро дар асоси нишондиҳандаҳои зерин тартиб додан зарур аст: ба сифати аломатҳои натиҷавӣ коэффитсиентҳои таваллуд, фавт ва сатҳи муҳоҷират-Y_1, Y_2, Y_3 - ҳамчун нишондиҳандаҳои

вобаста ва пешгӯишаванда гирифта шудаанд. Аломатҳои омилӣ (тағйирёбандаҳои новобаста), инҳоянд:

Ҷадвали 3. Шумораи аҳолии доимии баъзе давлатҳо то соли 2021 (ҳаз. наф)
Table 3. Permanent population of some countries until 2021 (thousand people)

№	Давлатҳо	Аҳолӣ	Вақти бақайдгирӣ	Бо % аҳолии ҷаҳон
1	Чин	1408223000	15 феврали 2021	17,93%
2	Ҳиндустон	1384515000	15 феврали 2021	17,63%
3	Иёлоти Муттаҳидаи Амрико	329957441	15 июли 2020	4,22%
4	Индонезия	266911900	1 июли 2019	3,4%
5	Покистон	220259490	15 феврали 2021	2,81%
94	Беларуссия	9408400	1 январи 2020	0,12%
95	Гондурас	9158345	1 июли 2019	1,12%
97	Тоҷикистон	9127000	1 январи 2019	0,12%
98	Австрия	9815382	1 июли 2020	0,11%

Y_2 - шумораи умумии таваллудшудагон, ҳазор нафар;
X_1 – шумораи ҷавонон дар таркиби аҳолӣ, ҳазор нафар;
X_2 – маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ;
X_3 – шумораи доимии аҳолӣ дар охири сол, ҳазор нафар;
X_4 – шумораи нафақахӯрон, ҳазор нафар;
X_5 – шумораи миёнаи солонаи дар иқтисодиёт машғулбудагон, ҳазор нафар;
X_6 – сатҳи муҳоҷират (афзоиши муҳоҷират), ҳазор нафар;
X_7 – сатҳи бекорӣ бо %;
X_8 – таъминоти миёнаи аҳолӣ бо манзили истиқоматӣ ба ҳисоби як сокин бо м^2.

Дар асоси моҳияти иқтисодӣ-иҷтимоии омилҳои дар таҳқиқот омӯхташаванда, гуфтан мумкин аст, ки алоқамандии сабабӣ дар байни тамоми аломатҳои натиҷавӣ ва аломатҳои омилӣ ба мушоҳида мерасад. Натиҷаҳои таҳлили коррелятсионӣ нишон дод, ки омили X_7 – сатҳи бекорӣ бо Y_2 алоқамандии суст дошта, коэффитсиенти коррелятсияи хурдро дорад, боқимонда омилҳо бо омили натиҷавӣ алоқамандии зич доранд.

Y_2– Шумораи умумии таваллуд (ҳазор нафар) аз омилҳои зерин алоқаманд аст:
X_5 – шумораи миёнаи солонаи дар иқтисодиёт машғулбудагон, ҳазор нафар;
X_8 – таъминоти миёнаи аҳолӣ бо манзили истиқоматӣ ба ҳисоби як сокин бо м^2.

Ҷадвали 4. Нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоӣ-демографӣ барои таҳлилҳои коррелятсионӣ ва регрессионӣ
Table 4. Key socio-demographic indicators for correlation and regression analysis

Солҳо	Y_2	X_1	X_2	X_3	X_4	X_5	X_6	X_7	X_8
2004	179,6	958,7	920,0	6718,9	534,4	2090	-9419	2,0	47,0
2005	180,8	980,1	1052,1	6842,2	523,4	2112	-9349	2,0	47,8
2006	186,5	1003,1	1335,1	6965,5	520,4	2137	-10908	2,2	48,7
2007	200	1030,4	1821,1	7096,9	525,8	2150	-14478	2,3	49,6
2008	203,3	1067,3	2468,3	7250,8	529,2	2168	-13232	2,2	50,7
2009	199,8	1107,5	2812,7	7417,4	537,7	2219	-11674	2,0	51,8
2010	222,4	1163,8	3285,8	7621,2	554	2233	-6497	2,1	53,4
2011	224,2	1225,4	3898,1	7807,2	569,8	2249	-6248	2,3	54,7
2012	219,3	1294,8	4579,2	7987,4	592	2291	-5108	2,4	56,0
2013	209,4	1360,7	5019,3	8161,1	596,6	2307	-4006	2,3	57,2
2014	229,5	1419,1	5523,7	8352	610,9	2325	-5696	2,4	58,6
2015	237,5	1485,6	5727,8	8551,2	603,6	2381	-4819	2,3	60,0
2016	230	1539,1	6300,3	8742,8	617,4	2385	-4270	2,3	61,8
2017	224,1	1584,1	6913,5	8931,2	642,8	2407	-3653	2,2	63,2

Сарчашма: Ҷадвал аз тарафи муаллифон дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018. -С.36-50; Омори бозори меҳнат. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018. -С.63 тартиб ва ҳисоб карда шудааст.

Дар диаграммаи зерин пешгӯии шумораи таваллуд дар асоси модели (1) чунин аст. Ҳамин тариқ, таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ гузаронидашудаи мо нишон медиҳад, ки Y_2 – Шумораи умумии таваллуд ҳазор нафар аз нишондиҳандаҳои зерин: X_5 – шумораи миёнаи солонаи дар иқтисодиёт машғулбудагон, ҳазор нафар; X_8 – таъминоти миёнаи аҳолӣ бо манзили истиқоматӣ ба ҳисоби як сокин бо м^2 алоқамандии зич дорад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сатҳи таваллуд ҳангоми афзудани шуғли аҳолӣ ва таъмин будан бо манзили зист меафзояд. Чунин интизор меравад, ки сатҳи таваллуд дар соли 2030 ба 260,9 ҳазор мерасад, агар омилҳои боқимонда бетағйир бошанд [14,с.157-164].

Диаграммаи 3. Ояндабинии шумораи таваллуд (ҳаз. наф)
Diagram 3. Forecast of the number of births (thousand people)



Сарчашма: Ҳисоби муаллифон аз рӯи маълумоти омори расмӣ.

Масъалаҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва ояндабинии онҳо яке аз самтҳои афзалиятноки ҳар як давлат ба ҳисоб рафта, батанзимдарории он дар асоси қонуну қарорҳо ва консепсияҳо ба роҳ монда мешаванд. Таҳлили нишондиҳандаҳои асосии демографӣ шаҳодат медиҳад, ки шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ тамоюли афзоишро нигоҳ медорад. Тамоми гуфтаҳои боло аз шароити иҷтимоӣ-демографии мусоид шаҳодат медиҳад. Барои нигоҳ доштани он як қатор чораҳоро андешидан зарур аст. Аз ҷумла барои зиёд намудани дарозумрии аҳолӣ аз ҳисоби беҳтар намудани сифати зиндагӣ, инчунин беҳтар намудани саломатии репродуктивӣ, афзоиш додани сохтмони манзилҳои истиқоматӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва музди меҳнати хуб, шароит муҳайё намудан лозим аст [6,с.15-19].

Хулоса, аз маълумотҳои овардашуда маълум мегардад, ки агар равандҳои демографӣ бо ҳамин суръат рушд ёбад, пас, дар ояндаи наздик мо бо кадом мушкилиҳо рӯбарӯ хоҳем шуд. Бо ин мақсад чорабиниҳои зеринро дар амал татбиқ намудан лозим аст:

- тағйир додани шуури демографии аҳолӣ, бунёди оилаи солим, риояи фосилаи байни таваллуд ва танзими шумораи фарзандон дар оила;
- ташаккул ва тарбияи тафаккури демографии ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои синнусолии аҳолӣ;
- риояи бечунучарои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти банақшагирӣ ва танзими оила ва татбиқи амалии он;
- дастгирии давлат ба оилаҳои серфарзанд, ҷорӣ намудани кумакпулӣ ва имтиёз барои онҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ.

Муқарриз: д.и.и., профессор Низомов С.Ф.

АДАБИЁТ

1. Агентства по статистики при Президенте Республики Таджикистан. [Электронный ресурс]. http://www.stat.tg
2. Ахмадов Ф.М. Тенденция развития демографических процессов и его воздействия на окружающую среду / Ф.М. Ахмадов, М.А. Одинаев // Вестник ТНУ. Серия экономических наук. –Душанбе: Сино, 2015. -№2/3(165). -С.35-38.
3. Барфиев Қ.Х. Истифодаи усули индексӣ дар омӯзиши сохтори таваллуд / Қ.Х. Барфиев, С.С. Мирзоев,

М.А. Одинаев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. - 2020. -№2(70). -С.121-127.
4. Бобоева Р.М. Вопросы моделирования зависимости роста ВВП страны от состояния рынка труда / Р.М. Бобоева, М.А. Одинаев, О.С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. -№6. -С.27-33.
5. Комилов А.К. Исследование демографических процессов: теоретико-методологические подходы / А.К. Комилов // Экономика Таджикистана. - 2021. -№3. -С.151-157.
6. Комилов А.К. Особенности воспроизводства населения республики Таджикистан / А.К. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2017. -№2/5. -С.13-15.
7. Комилов А.К. Социально-экономические последствия рождаемости населения / А.К. Комилов // 20-летию Конституции Республики Таджикистан: материалы республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ. -Душанбе, 2014. -С.78-82.
8. Мирзоев С.С. Демографическая ситуация и тенденция ее изменения в Республике Таджикистан / С.С. Мирзоев, М.А. Одинаев, Ф.М. Аҳмадов // Материалы международной конференции. Актуальные вопросы развития и совершенствования государственного аудита в Республике Таджикистан. - Душанбе, 2019. - С.77-83.
9. Мирзоев С.С. Характеристика современной демографической ситуации и тенденция ее изменения в Республике Таджикистан / С.С. Мирзоев, М.А. Одинаев // Экономика Таджикистана. –Душанбе, 2019. - №3. - С.112-120.
10. Одинаев М.А. Индексный метод анализа динамики рождаемости в Республике Таджикистан / М.А. Одинаев, С.С. Мирзоев // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. Международный теоретический и научно-практический журнал. - 2019. -№1(24). -С.286-290.
11. Одинаев М.А. Иқтидори демографӣ ҳамчун омили рушддиҳандаи иқтисодиёт / М.А. Одинаев, С.С. Мирзоев // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2019. -№7. -С.99-105.
12. Одинаев М.А. Тенденция демографического развития регионов и её социально-экономические проблемы / М.А. Одинаев, О.С. Табаров // Вестник ТНУ. Серия экономических наук. –Душанбе, 2014. -№2/10(152). -С.98-103.
13. Одинаев М.А. Таҳқиқи омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. … ном. илм. иқт: 08.00.12 / М.А.Одинаев. -Душанбе, 2020. -196 с.
14. Одинаев М.А. Экономико-статистическое моделирование демографических процессов республики Таджикистан / М.А. Одинаев, Табарзода О.С. // Экономика Таджикистана. - 2021. -№3. -С. 157-164.
15. Социально-экономическое положение Республики Таджикистан// Статистический сборник. –Душанбе: АСПРТ, 2017. -350 с.
16. Статистический анализ динамики численности населения и факторы её роста / С.С. Мирзоев, М.А. Одинаев, А.И. Субхонов, Ш.Р. Кабиров // Экономика Таджикистана. -Душанбе, 2018. -С.101-106.
17. Статистический сборник Республики Таджикистан: Агентство по статистике при Президенте РТ. -Душанбе, 2020. -470 с.

ТАҲЛИЛИ ОМОРИИ ТАҒЙИРЁБИИ РАВАНДҲОИ ИҶТИМОӢ-ДЕМОГРАФӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола маълумоти оморӣ оид ба равандҳои демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, ҷанбаҳои мусбати тағйирёбии равандҳои демографӣ барои солҳои охир қайд гардидаанд. Таҳлили тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар ин давра нишон доданд, ки хусусиятҳои хосси ташаккулёбии аҳолии минтақаҳо, суръати баланди зиёдшавии шумораи аҳолӣ ва тағйиротҳои куллӣ дар сохтори ҷойгиршавии он ба назар мерасад. Хулосабарорӣ гардидааст, ки вазъи муосири демографӣ хусусиятҳои хосси худро дошта ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҷамъият таъсири бевосита мерасонад.

Калидвожаҳо: омор, аҳолӣ, иҷтимоӣ, равандҳои демографӣ, тағйирёбӣ, синну сол, афзоиши табиии аҳолӣ.

СТАТИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ИЗМЕНЕНИЯ СОЦИАЛЬНО-ДЕМОГРАФИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье анализируются статистические данные о демографических процессах в Республике Таджикистан, а также освещаются положительные стороны изменения демографических процессов в последние годы. Анализ изменений социально-демографических процессов за этот период показывает, что характерны особенности формирования населения в регионах, наблюдаются высокие темпы прироста населения и фундаментальные изменения в структуре населения. Сделан вывод о том, что сложившаяся демографическая ситуация имеет свои особенности и напрямую влияет на социально-экономическое развитие общества.

Ключевые слова: статистика, население, социально, демографическое процессы, естественный прирост населения.

STATISTICAL ANALYSIS OF CHANGES IN SOCIO-DEMOGRAPHIC PROCESSES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article analyzes statistical data on demographic processes in the Republic of Tajikistan, as well as highlights the positive aspects of changes in demographic processes in recent years. Analysis of changes in socio-demographic processes during this period shows that there are specific features of the population of the region, a high rate of population growth and radical changes in the structure of its location. It is concluded that the current demographic situation has its own characteristics and directly affects the socio-economic development of society.

Keywords: statistics, population, social, demographic processes, natural population growth.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректор. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Kobil_barfiev@mail.ru**. Телефон: **(+992) 919 -16-98-64**
Одинаев Меҳрубон Абдураҳмонович **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи омор. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru**. Телефон**: (+992) 900-17-17-59**
Обидов Фозил Саидович - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Obidov_1961@mail.ru.** Телефон**: (+992) 934-37-37-54**
Амонова Дилбар Субҳоновна **-** Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға**: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30. E-mail: **rtsu_slavistica@mail.ru**. Телефон: **(+992377) 221-35-50**

Сведение об авторах: ***Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, ректор. **Адрес:** 734025, Республики Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail**: Kobil_barfiev@mail.ru**. Телефон: **(+992) 919-16-98-64**
Одинаев Мехрубон Абдурахмонович - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры статистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Телефон: **(+992) 900-17-17-59**
Обидов Фозил Саидович – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела. **Адрес:** 734025, Республики Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Obidov_1961@mail.ru.** Телефон: **(+992) 934-37-37-54**
Амонова Дилбар Субхоновна **-** Российско-Таджикский (славянский) университет, доктор экономических наук, профессор кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица М. Турсунзаде, 30. E-mail: **rtsu_slavistica@mail.ru.** Телефон: **(+992 377) 221-35-50**

Information about the authors: ***Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht*** **-** Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Rector. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Kobil_barfiev@mail.ru.** Phone: **(+992) 919-16-98-64**
Odinaev Mehrubon Abdurakhmonovich **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer at the Department of Statistics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Phone: **(+992) 900-17-17-59**
Obidov Fozil Saidovich **-** Tajik National University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Banking. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Obidov_1961@mail.ru.** Phone: **(+992) 934-37-37-54**
Amonova Dilbar Subkhonovna **-** Russian-Tajik (Slavic) University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Management and Marketing. **Address:** 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade street, 30. E-mail: **rtsu_slavistica@mail.ru.** Phone: **(+992 377) 221-35-50**

УДК 657.1:57:63

МАСЪАЛАҲОИ БАҲОДИҲӢ ВА ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ТАРКИБИИ ДОРОИҲОИ БИОЛОГӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

Абдулмуминзода Н.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба масъалаҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳлили дороиҳои биологӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити имрӯза олимон ва мутахассисони соҳа на он қадар таваҷҷуҳи хос зоҳир менамоянд. Кишоварзӣ чун дигар бахшҳои иқтисодиёт яке аз соҳаҳои муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, айни замон таъминкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ - маводи озуқаворӣ мебошад. Маълумоти воқеӣ ва пурраи дар ҳисоботи молиявии корхонаҳои кишоварзӣ овардашуда имконият медиҳад, ки натиҷаҳои молиявӣ ва вазъи молиявии имрӯзаи корхонаҳои кишоварзӣ баҳодиҳӣ ва ояндабинӣ карда шаванд. Ҳисоботи молиявии корхонаҳои кишоварзӣ бояд ҳаматрафа мавриди истифодабарӣ ва омӯзиши роҳбарият, муассисон, мақомоти давлатӣ ва сармоягузорон қарор гиранд. Бо пешниҳод кардани ҳисоботи молиявии воқеӣ барои корхонаҳои кишоварзӣ имкониятҳои нави ҷалби сармоя фароҳам меояд.

Дар чунин шароит талабот ба донишҳо оид ба ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, хусусиятҳои раванди хоҷагидории кишоварзӣ, тартиб ва қоидаҳои инъикоскунии ахбор оид ба далелҳои фаъолияти хоҷагидории кишоварзӣ ва таҳлили он баланд мегардад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки бо вуҷуди тасдиқшавии санадҳои меъёрӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, хусусан СБҲМ (IAS) 41 “Кишоварзӣ”, дар истифодаи амалии он аз ҷониби корхонаҳои кишоварзӣ ва ба таври кофӣ ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ якчанд мушкилӣо мавҷуд аст.

Умуман, муқаррароте, ки дар СБҲМ 41 «Кишоварзӣ» баррасӣ гардидаанд, ба принсипҳои мавҷудаи баҳисобгирии фаъолияти кишоварзӣ зид нест. СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ» чунин муқарраротро барои тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ баррасӣ менамояд:

- эътирофи дороиҳои биологӣ;
- баҳодиҳии дороиҳои биологӣ;
- пешниҳод ва ошкор намудани иттилоот.

Дороиҳои биологӣ ба дороиҳои ҷорӣ ва дарозмуддати биологӣ ҷудо мешаванд. Маҳсулоти кишоварзӣ, чи дар соҳаи чорводорӣ ва чи дар соҳаи растанипарварӣ, ки таъиноти истифодабарии 12-моҳа доранд, дороиҳои ҷории биологӣ ҳисоб меёбанд. Дороиҳои дарозмуддати биологӣ дороиҳое мебошанд, ки давраҳои истеҳсолии онҳо аз 12 моҳ (ба истиснои ҳайвонҳо барои парвариш ва гӯштгирӣ) зиёд аст, онҳо дар давраи ҳисоботи қобилияти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ё дороиҳои иловагии биологии сифати муайян надоранд. Ба ин гурӯҳ, дарахтони бисёрсолае (боғҳо, токзорҳо, буттамева ва ғайра) шомиланд, ки ба давраи мевадиҳӣ нарасидаанд.

Дар навбати худ, дороиҳои ҷорӣ ва дарозмуҳлати биологӣ бо хусусиятҳои монанд, мақсад ва шароити истифодаи гурӯҳҳо ё зергурӯҳҳои алоҳидаи баҳисобгирӣ тасниф ва баҳогузорӣ мешаванд.

Хусусияти дигари таснифотии муҳим, ки аз тарафи В.М. Жук таъкид шудааст, усули баҳогузории дороиҳои биологӣ мебошад. Усули асосии баҳодиҳии дороиҳои биологӣ ин истифодаи арзиши одилона аст, ки аз рӯи он ҳамаи дороиҳои биологӣ дар давраи ҳисоботӣ бо дарназардошти сатҳи нархе ҳисоб карда мешавад, ки дар бозори фаъол дар ин давра амал мекунад. Агар арзиши одилона ба таври дақиқ муайян карда нашавад, дороиҳои биологӣ аз рӯи арзиши ибтидоӣ (агар ин дороиҳои дарозмуҳлати биологӣ бошанд) ё бо арзиши аслӣ (агар ин дороиҳои биологии ҷорӣ бошанд) баҳодиҳӣ мешаванд [4,с.34].

Ин масъала дар СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ» возеҳ баён ёфтааст. Тибқи банди 12-и ин санад: “Дар вақти эътирофи сараввал ва дар ҳар санаи ҳисоботӣ дороии биологӣ бояд

аз рӯи арзиши одилона бо тарҳкунии бузургии ҳисобии (тахминии) хароҷоти иловагӣ барои фурӯш муайян карда шавад, ғайр аз ҳолати дар банди 30-и ин стандарт тасвирёфта, вақте ки арзиши ҳақиқиро боэътимод чен кардан имконият надорад”[6,с.12].

Михайлов М.Г. тасдиқ мекунад, ки дар сурати мавҷуд набудани бозори фаъол, муайян намудани арзиши одилонаи маҳсулоти кишоварзӣ ва дороиҳои иловагии биологӣ аз рӯи нуктаҳои зерин амалӣ мегардад:

- нархи ниҳоии бозорӣ ба чунин дороиҳо (ба шарти мавҷуд набудани тағйироти назаррас дар муҳити технологӣ, бозорӣ, иқтисодӣ ё ҳуқуқӣ, ки дар он субъекти иқтисодӣ фаъолият мекунад);

- нархҳои бозорӣ барои чунин дороиҳо, ки бо назардошти хусусиятҳои алоҳида, ё дараҷаи пурра будани тағйирёбии биологии дороиҳо, ки барои он арзиши одилона муайян карда шудааст;

- нишондиҳандаҳои иловагӣ, ки сатҳи нархҳоро барои дороиҳои иловагии биологӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ муайян мекунанд [3,с.21].

Бинобар ин, барои ташкили иттилоот дар бораи дороиҳои биологӣ бо мақсади ошкор намудани маълумоти муфассал дар ҳисоботи молиявӣ онҳо тақсим мешаванд ба:

- дороиҳои биологии аз рӯи арзиши одилона баҳо додашуда, ки хароҷоти чашмдошт дар маҳали фурӯш камтар пешбинӣ шудааст;

- дороиҳои биологии бо арзиши аввала баҳо додашуда.

Дар Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ (Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, №41) [5] дороиҳои биологии кишоварзӣ дар ҳисоби 11400 "Дороиҳои биологӣ", ки барои ҳисобгирӣ ва ҷамъоварии иттилоот дар бораи мавҷудият ва ҳаракати воситаҳои биологии худӣ ё дар шароити иҷораи молиявии дороиҳои биологии дарозмуддат гирифташуда хизмат мерасонад, пешбинӣ шудааст.

Гурӯҳи ҳисобҳои 11400 «Дороиҳои биологӣ» барои ҷамъбасти иттилоот оид ба мавҷудият ва ҳаракати дороиҳои мансуб ба субъект дар асоси ҳуқуқи моликият ё бо шартҳои иҷораи молиявӣ ба иҷора гирифташуда, ки бо фаъолияти хоҷагии қишлоқ - дороиҳои биологӣ (ҳайвонот ё растанӣ) алоқаманд, пешбинӣ шудаанд [5,с.48].

Фаъолияти хоҷагии қишлоқ намудҳои гуногуни фаъолиятро дар бар мегирад: чорводорӣ, растанипарварӣ, хоҷагии ҷангал, ҷамъоварии ҳосил як маротиба дар як сол, ё дар давоми тамоми сол сабзонидани боғҳо ва ниҳолҳо, гулпарварӣ, моҳидорӣ, парвариши захираҳои биологӣ ва ғ.

Аз рӯи тавсифҳои асосӣ (мисол аз рӯи сину сол ва сифат) ҳайвонот ва растаниҳо ба гурӯҳи дороиҳои биологӣ бо фарқиятҳои истеъмолшаванда ва маҳсуловар, пухтагӣ ва хом муттаҳид мешаванд.

Дороиҳои биологии истеъмолшаванда дороиҳое мебошанд, ки дар намуди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ҷамъ ё дар намуди дороиҳои биологӣ фурӯхта мешаванд. Мисоли дороиҳои биологии истеъмолшаванда: чорвои калони шохдор барои гӯшт, чорвои барои фурӯш пешбинишуда; моҳӣ дар хоҷагиҳои моҳипарварӣ, инчунин растаниҳои ғалладона, ба монанди ҷуворимакка ва гандум ва дарахтоне, ки бо мақсади тайёр кардани чӯбу тахта парвриш карда мешаванд.

Дороиҳои биологии (боровар) дороиҳое мебошанд, ки ба ягон бузургиҳо расидаанд, ки имконияти ҷамъоварии маҳсулотро медиҳанд (дороиҳои биологии истеъмолшаванда), ё метавонанд ҷамъоварии маҳсулотро мунтазам таъмин намоянд (дороиҳои биологии боровар) [8].

Нақшаи ҳисобҳо ба гурӯҳи ҳисобҳои 11400 «Дороиҳои биологӣ» ҳисобҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

11410 - Ҳайвонот (дороиҳои биологии истеъмолӣ);

11420 - Ҳайвонот (дороиҳои биологии боровар);

11430 - Растаниҳо (дороиҳои биологии истеъмолӣ);

11440 - Растаниҳои боровар;

11450 - Дороиҳои биологии аз рӯи хароҷоти воқеӣ ба ҳисоб гирифташаванда;

11460 - Дигар дороиҳои биологӣ.

Тибқи банди 43-и СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ» субъектҳо метавонанд ҳисобҳои ҷузъӣ (таҳлилӣ)-ро илова ба ҳисоби 11400 «Дороиҳои биологӣ» кушоянд (мисол, растаниҳои боровари тайёр, растаниҳои боровари хом ва ғ.).

Сараввал дороиҳои биологӣ дар натиҷаи дарёфткунӣ (харид, мубодила ва ғайра) ё дар натиҷаи шакливазкунии биологӣ, ки дар ихтиёри субъекти дороиҳои биологӣ ҳаст (мисол, таваллуди ҳайвонот) аз рӯи арзиши одилона, бо истиснои (кам кардани) хароҷоти тахминии фурӯш, эътироф карда мешаванд. Хароҷоти фурӯш подошпулии комиссионӣ ба брокерон, миёнаравҳо, боҷҳои мақомоти танзимкунанда, биржаҳои молӣ, андоз ва боҷу хироҷ барои интиқоли моликиятро дар бар мегиранд. Фоидаи ҳангоми бори аввал эътироф кардани дороиҳои биологӣ пайдошуда аз рӯи арзиши одилона бо баровардани хароҷоти тахминии фурӯш аз рӯи кредити ҳисоби 44110 «Фоида (зарар) аз эътирофи ибтидоии дороиҳои биологӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 11400 «Дороиҳои биологӣ» инъикос меёбад.

Дар лаҳзаи эътирофи аввалаи дорои биологӣ, ки нисбати он иттилоот оид ба нархҳои бозор ва нишондиҳандаҳо вуҷуд надорад, аз рӯи хароҷоти воқеӣ баҳо дода шуда, аз рӯи дебети ҳисоби 11450 «Дороиҳои биологии аз рӯи хароҷоти воқеӣ ба ҳисоб гирифташаванда» ба ҳисоб гирифта мешавад. Мисоли чунин дороиҳо метавонанд дороиҳои биологие бошанд, ки дар онҳо аз лаҳзаи амалӣ кардани хароҷоти нахустин тағйирёбии ҷиддии биологӣ дида намешавад (ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда, растании ғалладона ва сабзавот, ки бевосита пеш аз санаи ҳисоботӣ шинонида шудаанд). Дорои биологӣ, ки бояд истеҳлок шавад (мисол, чорвои корӣ) аз рӯи арзиши аслӣ бо баровардани истеҳлоки ҳисобкардашуда ва зарарҳои ҷамъшуда аз коҳишёбии арзиш баҳо дода мешавад.

Ҳар як тағйироти хосияти ҷисмонӣ (физикӣ) - баландшавӣ, истеҳсоли маҳсулот ва такрористеҳсолкунӣ - мушоҳида ва баҳогузорӣ карда мешавад. Аз рӯи ҳолат ба ҳар як санаи ҳисоботӣ дороии биологӣ аз рӯи арзиши одилона бо баровардани хароҷоти тахминии фурӯш баҳо дода мешавад. Тағйироти арзиши ҳаққонии дорӣ маблағи даромадро аз дорои биологӣ кам ё зиёд мекунад ва аз рӯи дебет ё кредити ҳисоби 44130 «Фоида (зарар) аз тағйирёбии арзиши воқеии дороиҳои биологӣ» дар мукотибот бо ҳисоби 11400 «Дороиҳои биологӣ» инъикос меёбад.

Баҳисобгирии хароҷот ва истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ дар ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом», ҳисоби ёрирасони 1 «Растанипарварӣ», 55100 «Хароҷот аз рӯи истеҳсоли дороиҳои биологӣ» бурда мешавад. Дар дебети ин ҳисоби ёрирасон хароҷоти истеҳсолӣ ва дар кредити он истеҳсоли маҳсулот ба ҳисоб гирифта мешавад.

Бобоев М.У. барои баҳисобгирии маҳсулоти кишоварзӣ дар мовофиқа бо нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии амалкунанда ҳисоби таркибии 10785 «Маҳсулоти кишоварзӣ бо дороиҳои биологӣ» ва 55100 «Хароҷот оид ба истеҳсоли дороиҳои биологӣ»-ро [3,с.138] пешниҳод намудааст, ки таъйноти онҳо пурра барои баҳисобгирии дороиҳои биологии ҷорӣ нигаронида шудааст.

Объекти баҳисобгирии хароҷот дар соҳаи растанипарварӣ зироатҳои кишоварзӣ (ё ин ки гурӯҳҳои зироат), корҳои кишоварзӣ, хароҷоте, ки дар оянда тақсим карда мешаванд ва дигар объектҳо мебошанд.

Баҳисобгирии хароҷот дар соҳаи растанипарварӣ аз рӯи номгӯи моддаҳои зерин бурда мешавад [2,с.126]:

1.Музди меҳнат бо ҳиссаҷудокуниҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ;

2.Тухмӣ ва масолеҳи шинониданӣ;

3.Нуриҳои минералӣ ва органикӣ;

4.5.Воситаҳои муҳофизати растанӣ;

Нигоҳдории воситаҳои асосӣ (аз ҷумла: а) масолеҳи нефтӣ; б) истеҳлоки воситаҳои асосӣ; в) таъмири воситаҳои асосӣ;

6.Корҳо ва хизматҳо;

7.Ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ;

8.Дигар харочот.

Қайдҳо оид ба дебети ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом», ҳисоби ёрирасони 1 «Растанипарварӣ» (55100 «Харочот аз рӯи истеҳсоли дороиҳои биологӣ»), дар алоқамандӣ бо кредити ҳисобҳои зерин бурда мешавад:

11100 «Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ») - маблағи истеҳлокии воситаҳои асосӣ дар соҳаи растанипарварӣ;

10720 «Ашёи хом ва маводҳо» - бо арзиши сарфшудаи тухмӣ ва масолеҳи шинонидани барои кишт;

10720 «Ашёи хом ва маводҳо» - бо арзиши сарфшудаи нуриҳо ва дигар масолеҳ;

55100 «Харочот аз рӯи истеҳсоли дороиҳои биологӣ» - бо маблағи тақсим кардани харочоти соли гузашта, истеҳлок, ҳиссаҷудокуниҳо барои таъмир ва дигар тақсимкунии харочот;

10730 «Истеҳсолоти нотамом», ҳисоби ёрирасони 2 «Чорводорӣ» - маблағи харочоти занбӯрпарварие, ки барои гардолудшавии зироатҳо тааллуқ доранд;

10733 «Истеҳсолоти ёрирасон» – маблағи хизматрасонии истеҳсолоти ёрирасон ва парки мошину трактори;

10735 «Харочоти умумиистеҳсолӣ», 55300 «Харочоти умумихоҷагӣ» - ҳиссаи харочоти умумиистеҳсолӣ ва умумихоҷагие, ки ба растанипарварӣ тааллуқ доранд;

10800 «Харочоти пешпардохтшуда» – маблағи харочоти давраи ояндае, ки ба растанипарварӣ ва ғайра аз рӯи намуди харочот тааллуқ доранд;

Қайдҳо оиди кредити ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом», ҳисоби ёрирасони 1 «Растанипарварӣ» (55100 «Харочот аз рӯи истеҳсоли дороиҳои биологӣ») дар алоқамандӣ бо дебети ҳисобҳои зерин бурда мешаванд:

10740 «Маҳсулоти тайёр» ва 10720 «Ашёи хом ва мавод» – бо арзиш даромад кардани маҳсулот, тухмӣ ва хӯроки чорво;

10730 «Истеҳсолоти нотамом», ҳисоби ёрирасони 1 «Растанипарварӣ» (55100 «Харочот аз рӯи истеҳсоли дороиҳои биологӣ») маблағи хориҷшавии харочоти соли гузашта, истеҳлок, ҳиссаҷудонамоиҳо барои таъмир ва дигар тақсимкунии харочот;

1730 «Истеҳсолоти асосӣ», ҳисоби ёрирасони 2 «Чорводорӣ» (55100 «Харочот аз рӯи истеҳсоли дороиҳои биологӣ») харочот оид ба зироатҳои чарогоҳ, чаронидани чорво барои хӯронидан, инчунин, харочот оид ба зироатҳои асалдоре, ки барои занбӯрпарварӣ тааллуқ доранд;

66100 «Харочоти ғайриамалиётӣ», 22340 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи суғуртаи молу мулкӣ ва шахсӣ», 10590 «Қарздории дебиторӣ аз рӯи дигар амалиётҳо» - аз рӯи суғуртакунонии кишт (маблағи харочоте, ки бо сабаби офатҳои табиӣ хориҷ шудааст).

Ба ғайр аз ин, оид ба кредити ҳисоби 10730 хориҷшавӣ дар охири сол фарқи калкулятсионӣ оид ба маҳсулоти растанипарварӣ ба ҳисобҳо ва ҳисобҳои ёрирасони 10740, 10750, 10720, 10731, 10732, 10733, 10738, 55000 вобаста аз самти истифодабарии маҳсулот инъикос карда мешаванд.

Хулоса

1.Объектҳои баҳисобгирии харочот ва ҳисоб кардани арзиши аслӣ намудҳои алоҳидаи маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд. Дар хоҷагиҳои махсусгардонидашудаи кишоварзӣ харочот аз рӯи зироатҳо ва намудҳои ҳайвонот ҳисоб карда мешаванд. Дар ҳар як объект харочот мувофиқи ҳисобҳои ҷузъӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

2.Ташкили баҳисобгирии харочоти истеҳсолот дар асоси принсипҳои зерин ба роҳ монда шавад:

- ташкили аниқи объектҳои баҳисобгирии харочот ва истеҳсоли маҳсулот, калкулясияи арзиши аслии маҳсулот;

- ба гурӯҳҳо тақсим кардани харочот ва тақсими онҳо ба ҷои таъиноти онҳо;

- тақсим кардани харочот ба объектҳои калкулятсиятсионӣ бо назардошти унсурҳои ягонаи харочоти истеҳсолот;

- маълумоти ягонаи ҳуҷҷатикунонидашудаи харочоти истеҳсолот ва дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ пурра инъикос кардани он;

- истифода бурдани усулҳои аниқи арзишмуайянкунии маҳсулот вобаста ба хусусияти соҳа ва роҳҳои ташаккулёбии харочот;

- тақсимкуни харочоти ғайримустақим байни объектҳои арзишмуайянкунӣ вобаста ба музди меҳнати мустақими коргарони истеҳсолӣ, нархи фурӯши маҳсулот ё омили дигари мувофиқ;

3.Маҷмӯи умумии харочот ва истеҳсоли маҳсулот дар моҳ аз рӯи ҳисобҳои ҷузъӣ бояд ҷамъи гардишҳо аз рӯи дебет ва кредити ҳисоби ёрирасони 10730 «Истеҳсолоти нотамом» зерҳисоби 1 "Растанипарварӣ" мувофиқат карда, дар журнал-ордери №10-КАС ва китоби асосӣ инъикос карда шаванд.

4.Барои осон гаштани назорат дар феҳристи ҳисобҳои ҷузъӣ дар саҳифаи алоҳида ҳар як моҳ ҷамъи умумии харочот аз рӯи ҳамаи объектҳои баҳисобгирӣ бароварда шавад.

Муқарриз: н.и.и., дотсент Бобиев И.

АДАБИЁТ

1. Барфиев К.Х. Управление конкурентоспособностью по отчетностям / К.Х. Барфиев, С.О. Мирзохонов // Проблемы экономики и юридической практики. - 2020. -Т.16. -№2. -С.112-118.
2. Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаи кишоварзӣ / З.Р. Шарифов, М.С. Саидов, Н.Ш. Кабиров, З.М. Маҳмадназаров. -Душанбе: ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, 2013. - Қ.1. -нашри 1. -350 с.
3. Бобоев М.У. Управленческие аспекты учета в легкой промышленности. Монография / М.У. Бобоев. - Душанбе: Ирфон, 2014. -176 с.
4. Жук В.М. Новые методические основы учета сельскохозяйственной деятельности и проблемы практического применения П(с)БУ «Биологические активы» / В.М. Жук // Учет и финансы АПК. - 2006. -С.34-42.
5. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ (Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, №41). [Манбаи электронӣ]. http://minfin.tj.
6. СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ».
7. Харитонова А. Признание и оценка биологических активов / А. Харитонова // Баланс-агро всеукраинская бухгалтерская газета. - 2007. -№4(136). -С.21-24.
8. Khushvakhtzoda K. The fuzzy methodology's digitalization of the biological assets evaluation in agricultural enterprises in accordance with the IFRS / Khushvakhtzoda K., D. Nazarov // Mathematics. - 2021. -T.9. -№8.

МАСЪАЛАҲОИ БАҲОДИҲӢ ВА ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ТАРКИБИИ ДОРОИҲОИ БИОЛОГӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

Дар мақола масъалҳои баҳодиҳӣ ва ташкили баҳисобгирии дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Аҳамияти соҳаи кишоварзӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, нақши ташкили низоми мукаммали баҳисобгирии муҳосибӣ дар рушди фаъолияти ҳар як субъекти соҳаи аграрӣ асоснок карда шудааст. Дар мақолаи илмӣ муқаррароти СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ» ва назари олимони соҳа оид ба маҳакҳо ва меъёрҳои баҳодиҳии маҳсулоти соҳаи кишоврзӣ таҳлил карда шуда, оид ба ин масъала назари худи муаллиф баён гардидааст. Муаллиф аз ҷумла қайд кардааст, ки дороиҳои биологӣ дар ҳисоботи молиявӣ аз рӯи арзиши одилона баҳо дода мешаванд ва дар мавриди муайян набудани арзиши одилона баҳогузории дороиҳои биологии ҷорӣ бо арзиши аслӣ ва дороиҳои биологии дарозмуддат бо арзиши сурат мегирад.

Ҳамчунин, дар мақола самтҳои фаъолияти корхонаҳои соҳаи аграрӣ муайян карда шуда, масъалаҳои ташкили баҳисобгирии таркибии дороиҳои биологӣ вобаста ба талаботи нақшаи ҳисобҳои муҳосибии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунандаба таври муфассал баррасӣ гардидааст. Дар бахши хотимавии мақолаи илмӣ барои такмили ташкили баҳисобгирии таркибии дороиҳои биологӣ мувофиқ ба талаботи нақшаи ҳисобҳои муҳосибии амалкунанда ва коркардҳои методию методологии олимони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ хулоса ва тавсияҳои муфид пешниҳод карда шудааст.

Калидвожаҳо: соҳаи кишоварзӣ; дороиҳои биологӣ; таснифи дороиҳои биологӣ; баҳодиҳии дороиҳои биологӣ; баҳисобгирии таркибии дороиҳои биологӣ; СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ».

ВОПРОСЫ ОЦЕНКИ И ОРГАНИЗАЦИИ СИНТЕТИЧЕСКОГО УЧЕТА БИОЛОГИЧЕСКИХ АКТИВОВ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ

В научной статье рассматриваются вопросы оценки и организации бухгалтерского учета биологических активов в сельском хозяйстве. Определено значение сельскохозяйственного сектора, особенно для Республики Таджикистан, и обосновано место системного формирования бухгалтерского учета в развитии деятельности каждого аграрного хозяйствующего субъекта. В статье также анализируются положений МСФО 41 «Сельское хозяйство» и мнения ученых о нормах и критериях оценки сельскохозяйственной продукции, а также выражается мнение самого автора по этому вопросу. В частности, автор отмечает, что биологические активы оцениваются по справедливой стоимости в финансовой отчетности, а при отсутствии возможности определить справедливую

стоимость, текущие биологические активы оцениваются по себестоимости, а долгосрочные биологические активы – по первичной стоимости.

Также были определены направления деятельности предприятий аграрного сектора, подробно рассмотрены вопросы организации синтетического учета биологических активов в соответствии с требованиями действующего в Республике Таджикистан плана счетов. В заключительном разделе научной статьи изложены полезные выводы и рекомендации по совершенствованию организации синтетического учета биологических активов в соответствии с требованиями плана счетов и методологические разработки учёных в области бухгалтерского учета.

Ключевые слова: сельское хозяйство; биологические активы; классификация биологических активов; оценка биологических активов; синтетический учет биологических активов; МСФО 41 «Сельское хозяйство».

ISSUES OF ASSESSMENT AND ORGANIZATION OF SYNTHETIC ACCOUNTING OF BIOLOGICAL ASSETS IN AGRICULTURE

The scientific article discusses the issues of valuation and organization of accounting of biological assets in agriculture. The importance of the agricultural sector is determined, especially for the Republic of Tajikistan, and the place of systematic accounting formation in the development of the activities of each agricultural business entity is justified. The article also analyzes the provisions of IAS 41 “Agriculture” and the opinions of scientists on the norms and criteria for assessing agricultural products, and also expresses the opinion of the author himself on this issue. In particular, the author notes that biological assets are measured at fair value in the financial statements, and if there is no way to determine fair value, current biological assets are measured at cost, and long-term biological assets - at primary cost.

The areas of activity of enterprises in the agricultural sector were also identified, the organization of synthetic accounting of biological assets in accordance with the requirements of the chart of accounts in force in the Republic of Tajikistan was examined in detail. The final section of the scientific article contains useful conclusions and recommendations for improving the organization of synthetic accounting of biological assets in accordance with the requirements of the chart of accounts and methodological developments of scientists in the field of accounting.

Keywords: agriculture; biological assets; classification of biological assets; valuation of biological assets; synthetic accounting of biological assets; IAS 41 “Agriculture”.

Маълумот дар бораи муаллиф*: Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин* – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **o_nasim7777@mail.ru**. Телефон: **903-70-12-34**

Сведение об авторе: ***Абдулмуминзода Насимджон Абдулмумин*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент, первый проректор, проректор по учебной работе. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **o_nasim7777@mail.ru**. Телефон: **(+992) 903-70-12-34**

Information about the author: ***Abdulmuminzoda Nasimdzhon Abdulmuminovich*** – Tajik National University candidate of economic sciences, associate professor, Vice-Rector for Academic Affairs. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **o_nasim7777@mail.ru.** Phone: **(+992) 903-70-12-34**

УДК 657

ТАҲҚИҚИ МУАММОҲОИ ТАШКИЛИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР КОРҲОИ ИЛМИИ ОЛИМОНИ ВАТАНӢ

Бобоев М.У.
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд

Сарсухан. Баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун қисми таркибии низоми идоракунӣ ва намуди фаъолият дар таъмини иттилоотии низоми идоракунии корхона барои қабули қарорҳои идоракунӣ бо иттилооти муфид ва зарурӣ мавқеи муайян дорад. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар замони муосир, ба андешаи мо, барои фаъолияти муътадил, таъмини афзалияти рақобатнокӣ, рушди устувор ва стратегии ҳар як корхона зарурат дорад. Низоми баҳисобгирии идоракунӣ барои корхона имкониятҳои хуберо ҷиҳати пешбурди бизнес фароҳам меорад.

Вақтҳои охир аз ҷониби олимони ватанӣ ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва ташкили баҳисобгирии идоракунӣ мавриди таҳқиқ қарор дорад. Аз ин хотир, бо мақсади беҳтар намудани таҳҳиқи муаммоҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои ватанӣ мо лозим донистем барои таҳқиқгарони соҳа як мақолаи шарҳдиҳанда омода созем. Албатта, гуфтанием, ки дар ҳаҷми як мақола аксарияти масъалаҳоро таҳқиқ кардан имкон надорад, бо вуҷуди ин омода кардани чунин мақола, ба андешаи мо, то андозае барои ҳалли муаммоҳои имрӯзаи ҷойдошта дар ин самт мусоидат хоҳад кард.

Мақсади мақолаи мазкур шарҳи корҳои илмии олимони ватанӣ доир ба таҳқиқи муаммоҳои ташкили низоми баҳисобгирии идоракунӣ, муайян кардани норасоиҳои ҷойдошта ва пешниҳоди тавсияҳо доир ба беҳтар намудани сифати корҳои илмӣ дар ин самт мебошад.

Мавриди зикр аст, ки бо таҳқиқи масъалаҳои назария, методология ва амалияи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар давраи Шуравӣ олимони ватанӣ: Д.У. Уроқов, М.Ш. Шобеков, Ш.Д. Комилов, Д.О. Гадоев, С.М. Алиев, З.Н. Акобиров, С.Қ. Қурбонов, М.Т. Ҳомидов, Р.С. Сайисмонов, А.Б. Мухаметов, С. Зайниддинов, М.С. Бобиҷонов саҳми муайян доранд. Дар корҳои илмии ин олимон бештар ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии захираҳо, хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот дар соҳаҳо таҳқиқ шудааст. Инчунин бояд қайд намуд, ки аксари ин олимон дар кафедраҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳлили фаъолияти хоҷагидории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият бурдаанд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки то солҳои 90-уми асри XX аз тарафи олимони ватанӣ корҳои илмии вобаста ба назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ кам ба назар мерасанд. Асосан таҳқиқи самти мазкур дар давраи соҳибистиқлолӣ ба роҳ монда шудааст ва, албатта, ин бо гузариши кишвар ба иқтисодиёти бозорӣ ва рушди соҳибкории ватанӣ вобастагӣ дорад. Аз солҳои 2000-ум сар карда, баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун зернизоми алоҳидаи низоми идоракунии ташкилот аз ҷониби олимони ватанӣ эътироф карда шуда, барои рушду такмили он таҳқиқоти илмӣ бурда мешавад.

Маълумоти умумӣ дар бораи ҳимояи рисолаҳои диссертатсионӣ. Дар давраи 20 соли истиқлолияти давлатӣ, яъне солҳои 1991-2011 аз тарафи олимони ватанӣ рисолаҳои диссертатсионӣ дар самти баҳисобгирии идоракунӣ дар беруни кишвар ҳимоя карда шуданд (ҷадвали 1).

Соли 2011 С.Ф. Низомов рисолаи докториро дар мавзуи “Развитие методологии и организации управленческого учета в строительном комплексе (на примере Республики Таджикистан)” [23] дар Шурои диссертатсионии ДДМ ба номи М.В. Ломоносов ҳимоя намуд. Ҳамин тариқ, профессор С.Ф. Низомов дар рушду такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат ҳиссаи арзанда гузошт. Аз тарафи ӯ асосҳои назариявии ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ, методология ва ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар комплекси сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст. Ин кори илмиро дар

ҷумҳурӣ аввалин рисолаи докторӣ доир ба таҳқиқи комплексии ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии идоракунӣ арзёбӣ кардан мумкин аст.

Ҷадвали 1. Рисолаҳои номзадии диссертатсионии ҳимояшуда дар самти баҳисобгирии идоракунӣ дар солҳои 1991-2011

Table 1. Candidate dissertations defended in the field of management accounting in 1991-2011

№	Ному насаб	Номи рисола	Сол ва шӯрои ҳимоя
1	Калемуллоев М.В. [14]	Производственный учет в системе управленческого учета	1999, ДДМ ба номи М.В. Ломоносов
2	Низомов С.Ф. [22]	Организация учета производственных затрат в строительстве в условиях формирования рыночных отношений: На материалах Республики Таджикистан	2001, Донишгоҳи давлатии Воронеж
3	Бобоев М.У. [6]	Управленческий учет на предприятиях легкой промышленности Республики Таджикистан	2009, ДДМ ба номи М.В. Ломоносов

Соли 2019 Қ.Х. Хушвахтзода рисолаи докториро дар мавзӯи “Конкурентоспособность сельскохозяйственного производства и её учетно-аналитические основы: теория, методология, организация (на материалах Республики Таджикистан)” [1] дар Шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Қирғизистон ҳимоя намуд. Аз тарафи профессор Қ.Х. Хушвахтзода хусусияти ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ таҳқиқ карда шудааст.

Ҳамин тариқ, муаммоҳои мубрами назария, методология ва ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаҳои гуногун бештар дар корҳои илмии олимони ватанӣ Д.У. Уроқов, М.Ш. Шобеков, С.Ф. Низомов, М.В. Калемуллоев, М.У. Бобоев, Қ.Х. Хушвахтзода инъикоси худро ёфтаанд.

Дар заминаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тибқи фармони КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2019 таҳти рақами 166 Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-055 аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит ва 6D051200 – Омор ба кор оғоз намуд ва то имрӯз чандин рисолаи илмӣ ҳимоя карда шуданд.

Дар ҷадвали 2 муаллиф ва номгӯйи рисолаҳои ҳимояшуда дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-055 дар самти баҳисобгирии идоракунӣ оварда шудааст.

Ҷадвали 2. Рисолаҳои диссертатсионии ҳимояшуда дар самти баҳисобгирии идоракунӣ дар солҳои 2020-2021

Table 2. Defended dissertations in the field of management accounting in 2020-2021

№	Муаллиф	Номи рисола	Санаи ҳимоя
1	Файзуллоев А.Х. [34]	Учетно-аналитическая система управления сельскохозяйственным производством (на примере растениеводства)	28 ноябри соли 2020
2	Бобоев Ш.Н. [13]	Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои баркӣ (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон)	19 декабри соли 2020
3	Ҳасанова Н.Ҷ. [38]	Рушди методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон	8 майи соли 2021
4	Розиев Д.А. [27]	Ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ	11 июни соли 2021

Сарчашма: https://tnu.tj/index.php/ru/2012-02-15-12-36-18/ds-doktora-filosofii-phd/6d-koa-055/

Чуноне ки аз маълумоти ҷадвал бармеояд, дар давоми 2 соли охир, яъне солҳои 2020-2021 доир ба низоми баҳисобгирии идоракунӣ 3 рисолаи номзадӣ ва 1 рисолаи PhD ҳимоя карда шудааст, ҳамчунин пешниҳод ва ҳимояи рисолаҳои диссертатсионӣ дар ин самт давом дорад.

Ҳамин тариқ, дар давраи 30 соли истиқлолияти давлатӣ аз тарафи олимони ватанӣ муаммоҳои назария, методология ва амалияи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ таҳқиқ гардида, рисолаҳои диссертатсионӣ асосан дар соҳаҳои сохтмон, хоҷагии қишлоқ, таъмини барқ ва саноати сабук ҳимоя карда шудаанд.

Гумон меравад, ки дар ин давра байни олимони ватанӣ як дискуссияи илмӣ оид ба фаҳмиши моҳият ва мазмуну мундариҷаи баҳисобгирии идоракунӣ оғоз шудааст ва давом дорад.

Таҳия ва нашри монографияҳои илмӣ дар самти баҳисобгирии идоракунӣ. Чуноне ки маълум аст, яке аз навъҳои таҳқиқоти илмӣ, ки дар он як мавзуъ ё проблема аз тарафи як ва ё якчанд муаллиф ба таври пурра мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад, ин монографияи илмӣ мебошад. Аз тарафи олимони ватанӣ доир ба муаммоҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаҳо чандин монографияи илмӣ интишор ёфтааст, ки таҳқиқгарони соҳа аз онҳо дар раванди кор самаранок истифода бурда истодаанд.

Дар ҷадвали 3 маълумот оид ба муаллифон ва унвони монографияҳои илмӣ доир ба баҳисобгирии идоракунӣ пешниҳод мегардад.

Ҷадвали 3. Номгӯйи монографияҳои илмии нашршуда дар самти баҳисобгирии идоракунӣ
Table 3. List of published scientific monographs in the field of management accounting

№	Муаллиф	Номи монография	Соли нашр
1	Уроқов Д.У. [31]	Проблемы учета и контроля затрат в условиях интенсификации производство	Душанбе, 1988
2	Уроқов Д.У. [32]	Учет затрат по сферам деятельности	Москва, 1991
3	Низомов С.Ф. [20]	Производственный учет в строительстве	Душанбе, 2003
4	Низомов С.Ф. [18]	Организация учета и управления затратами в строительных организациях	Душанбе, 2006
5	Низомов С.Ф. [21]	Управленческий учет и контроль в строительстве: теория, методология и практика	Душанбе, 2013
6	Бобоев М.У. [10]	Управленческие аспекты учета в легкой промышленности	Душанбе, 2014

Аз маълумоти ҷадвали 3 бармеояд, ки аз тарафи олимони ватанӣ доир ба муаммоҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, асосан баҳисобгирӣ ва идоракунии хароҷот дар соҳаҳо, монографияҳои илмӣ нашр карда шудааст. Аз байни ин корҳо монографияи илмии профессор Д.У. Уроқовро бо номи “Учет затрат по сферам деятельности” [32] қайд кардан зарур аст, ки то ҳол ҳам олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода мебаранд. Ҳамчунин, дар монографияи С.Ф. Низомов [21] асосҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар сохтмон ба таври пурра мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, ҷанбаҳои назариявӣ бо татбиқи амалӣ ва такмили минбаъдаи баҳисобгирии идоракунӣ дар истеҳсолоти сохтмон вобаста карда шудааст.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки аз тарафи олимони хориҷи кишвар, бештар олимони рус, миқдори зиёди монографияҳои илмӣ доир ба баҳисобгирии идоракунӣ навишта шудааст ва таҳқиқотчиёни ин соҳа метавонанд аз онҳо самаранок истифода баранд.

Маълумот дар бораи чопи мақолаҳои илмӣ вобаста ба самти баҳисобгирии идоракунӣ. Дар давоми 30 соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба назария, методология ва амалияи ташкили низоми баҳисобгирии идоракунӣ аз тарафи олимони ватанӣ миқдори зиёди мақолаҳои илмӣ нашр гардид. Мақолаҳо бештар дар маҷаллаи илмии “Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ”, инчунин дар маҷаллаҳои илмии “Паёми молия ва иқтисод”, “Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз”, “Ахбори ДДҲБСТ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ)”, “Иқтисодиёти Тоҷикистон”, “Номаи Донишгоҳ (силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ)”, “Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон”, “Паёми ДДТТ” ва дигар маҷаллаҳо чоп карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки чопи мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Федератсияи Россия ва дигар кишварҳои ИДМ камтар ба назар мерасанд, аммо бо вуҷуди ин, аз тарафи олимони мо дар маҷаллаҳои илмии “Аудит и финансовый анализ”,

“Управленческий учет”, “Финансовая экономика”, инчунин дар маҷаллаҳои байналмилалии илмии “Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии” ва “Аудит и менеджмент” мақолаҳо интишор ёфтанд.

Масъалаи миқдор ва мундариҷаи мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмӣ чопшуда дар самти баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи соҳаҳо ва вазни қиёсии онҳо дар маҷаллаҳо, ба андешаи мо, таҳқиқоти алоҳидаро талаб мекунад. Ҳамчунин дар ин муддат миқдори зиёди мақолаҳои илмӣ ва тезиси маърузаҳо доир ба назария, методология ва амалияи ташкили низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар маводи конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ интишор ёфтанд.

Дар ҷадвали 4 баъзе мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмӣ чопшударо вобаста ба самтҳои муайяни баҳисобгирии идоракунӣ гурӯҳбандӣ намудем. Хотиррасон карданием, ки дар ин ҷо на ҳамаи номгӯйи мақолаҳои олимон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ба андешаи мо, чунин маълумот барои таҳқиқгарони ҷавон барои шиносоӣ бо корҳои илмӣ ва пешбурди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ аз манфиат холӣ нест.

Ҷадвали 4. Гурӯҳбандии мақолаҳои илмии нашршуда вобаста ба самти баҳисобгирии идоракунӣ

Table 4. Classification of published scientific articles on management accounting

№	Ҷанбаҳо ва унсурҳои баҳисобгирии идоракунӣ	Муаллифон
1	Ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ	С.Ф. Низомов [19], М.В. Калемуллоев [15], М.У. Бобоев [11], Қ.Х. Хушвахтзода [3, 4, 37], Д.А. Розиев [28]
2	Таснифоти хароҷот дар соҳаҳо	М. Шобеков [41], М.У. Бобоев [8], Қ.Х. Хушвахтзода, Н.А. Ойев [36]
3	Баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот	С.Ф. Низомов [24, 25, 26], М.У. Бобоев [9], Қ.Х. Хушвахтзода [2, 39], Н.Ҷ. Ҳасанова [39]
4	Хусусиятҳои соҳавии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ	М.У. Бобоев [7], С.Ф. Низомов [16], Д.А. Розиев [29]
5	Баҳисобгирӣ аз рӯйи марказҳои масъулият	Д.У. Уроқов [33], М.У. Бобоев [12], Қ.Х. Хушвахтзода [5, 33], М. Шобеков, М.М. Шамсиддинов [40]
6	Назорати идоракунӣ ва ҳисоботи идоракунӣ	С.Ф. Низомов [17], Р.С. Тоҳирова [30]
7	Баҳисобгирии идоравии стратегӣ, усули ABC	С.Ф. Низомов, Ш.Н. Бобоев [26], Қ.Х. Хушвахтзода, Н.А. Ойев [35]

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва таҳлили мазмуну мундариҷаи корҳои илмии олимони ватанӣ дар самти таҳқиқ ва такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ нишон медиҳад, ки дар таҳқиқоти мазкур бештар масъалаҳои зерин дида баромада шудаанд:

- ✓ пешниҳоди тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ;
- ✓ танзими давлатӣ ва ғайридавлатии соҳаи баҳисобгирӣ;
- ✓ стандартикунонии тарзу усулҳои баҳисобгирӣ;
- ✓ муаммоҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ташкили баҳисобгирии идоракунӣ;
- ✓ таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ ва пешниҳоди таърифи мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ;
- ✓ таъсири хусусиятҳои соҳавӣ ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ;
- ✓ таҳлили таркиби хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот;
- ✓ мутобиқгардонии низомҳои калкулятсионии дар давлатҳои хориҷа таҳияшуда ба фаъолияти ташкилотҳои ватанӣ;
- ✓ рушди аутсорсинг ва аудити идоракунӣ;
- ✓ рақамикунонӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ;
- ✓ ҷанбаҳои назариявӣ ва методии автоматизатсияи баҳисобгирии идоракунӣ;
- ✓ сегментикунонӣ ва баҳисобгирӣ аз рӯйи марказҳои масъулият;

- ✓ таҳияи ҳисоботи идоракунӣ;
- ✓ тавсияҳо доир ба такмили низоми ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ғайраҳо.

Андешаҳо доир ба камбудиҳо ва норасоиҳои ҷойдошта дар раванди таҳқиқоти муаммоҳои ташкили низоми баҳисобгирии идоракунӣ. Дар асоси натиҷаҳои омӯзиш ва таҳлили мазмуну мундариҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ камбудиҳо ва норасоиҳои зерин дар пешбурди таҳқиқот дар соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда шуданд:

1. Мақолаҳо бештар ба ҷанбаҳои назариявӣ ва методии низоми баҳисобгирии идоракунӣ бахшида шудаанд, мақолаҳои хусусияти илмӣ-амалидошта нисбатан камтар чоп карда шудаанд.
2. Таҳлили мазмуну мундариҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки бештари онҳо ба ҳалли муаммоҳои дар амалияи ташкилотҳои ватанӣ мавҷудбуда равона карда нашудаанд. Дар аксарияти мақолаҳо доир ба натиҷаи истифодабарии он дар ин ё он соҳа маълумот оварда нашудааст. Агар дар корҳои илмӣ масъалаҳои мубрам ва муаммоҳои ҳалношудаи амалияи ташкилотҳо оварда шавад, он гоҳ мутахассисон метавонанд аз он истифода баранд.
3. Дар баъзе корҳои илмӣ аз тарафи олимон доир ба такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ (қонунҳо, низомномаҳо, дастурамалҳо) тавсияҳо пешниҳод карда шудааст, аммо доир ба тафсири илман асосноки баъзе қисму бандҳои қонуну дастурамалҳо корҳои илмӣ камтар ба назар мерасанд.
4. Фаъолият накардани мактабҳои илмии баҳисобгирии идоракунӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ. Гуфтан мумкин аст, ки дар базаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мактаби илмӣ дар ин самт ташаккул ёфта истодааст.
5. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии бонуфузи соҳавии берун аз кишвар чопшуда, ки импакт-фактори нисбатан баланд ва дар базаҳои иқтибосоварӣ индексатсия доранд, қариб ки мавҷуд нестанд.
6. Сатҳи нокифояи иқтибосоварии таҳқиқоти олимони ватанӣ дар базаҳои иқтибосоварии илмии Web of Science, Scopus, Springer, ИИИР (РИНЦ) ва ғ. (бештар иқтибосоварӣ дар базаи илмии ИИИР мавҷуд аст);
7. Баъзе мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмӣ ва маводи конференсияҳо чопшуда сохтори муайян надоранд, яъне маълумоти қисму сарсатрҳо ба ҳам вобастагӣ надоранд ва бештар хусусияти маълумотӣ доранд.
8. Аз тарафи таҳқиқгарон дар раванди навиштани мақолаҳо шарҳи на он қадар пурраи корҳои илмии чопшудаи олимони шинохтаи соҳа сурат мегирад. Ҳатто дар рӯйхати адабиёти баъзе мақолаҳо танҳо 3 ё 4 китоби дарсӣ ва 2 ё 3 мақола истифода бурда шудааст.
9. Дар баъзе мақолаҳо истифода нашудани сарчашмаҳои адабиётии муътамад ва аслӣ ба назар мерасад, яъне муаллифон ба кори илмии муаллифи асосӣ такя накарда, балки аз сарчашмаҳои дуюмдараҷа истифода намудаанд. Инчунин дар таҳқиқот аз адабиёти солҳои охир чопшуда низ камтар истифода шудааст.
10. Доир ба такмили автоматизатсияи бизнес-равандҳои муайяни корхонаву ташкилотҳои ватанӣ таҳқиқот камтар ба назар мерасанд, яъне доир ба такмили модулҳои алоҳидаи барномаҳои мавҷудаи компютерӣ ва таҳияи модулҳои нав барои равандҳои баҳисобгирӣ, таҳлил ва назорат. Дар давраи муосири рушди иқтисодиёти рақамӣ ба чунин таҳқиқот субъектони хоҷагидории гуногун эҳтиёҷ доранд. Албатта, чунин таҳқиқот дар якҷоягӣ бо олимони соҳаи барномасозӣ бояд сурат гирад.
11. Таҳияи монографияҳои илмии як ё якчанд муаллиф доир ба муаммоҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаҳо бо забони давлатӣ мавҷуд нест.
12. Дар корҳои илмӣ усулҳо ва технологияҳои муосири низоми баҳисобгирии идоракунӣ камтар истифода шудаанд ва ғ.

Албатта, камбудиҳои номбаршуда ин танқиди илмӣ нест, балки ибрози назар аз натиҷаи омӯзиш ва таҳлили мазмуну мундариҷаи мақолаҳои илмӣ бо назардошти талаботи имрӯзаи илм мебошад. Таҳқиқгар бояд бо истифода аз усулҳои асосноки илмӣ маводи муфиди ба рушди илм равонашуда омода намояд.

Ҳамчунин, ёдовар мешавем, ки донишҷӯён ва магистрантон ҳангоми навиштани рисолаҳои хатм дар аксар ҳолат аз маводи китобҳо ва мақолаҳои дар интернет мавҷудбуда, бештар аз сомонаҳои дастраси Россия, Белорусия, Қазоқистон истифода мебаранд. Истифодаи китобу мақолаҳои олимони ватанӣ дар рисолаҳои хатм камтар ба назар мерасад. Албатта, ҷоиз ба қайд аст, ки вақтҳои охир аз китобҳои дарсӣ ва корҳои илмии олимони ватанӣ истифода бурдан низ мушоҳида мегардад. Ин ҳам албатта хуб аст ва боварӣ дорем, ки дар оянда бештар мешавад.

Тавсияҳо доир ба беҳтар намудани сифати корҳои илмӣ ва рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ. Барои пешбурди таҳқиқот дар самти баҳисобгирии идоракунӣ ба тамоюли байналмилалии рушди он, инчунин ба мушоҳида, таҳлил, муқоиса ва таҷрибаи амалӣ такя намуда, тавсияҳои зеринро пешниҳод мекунем:

1. Дар раванди таҳқиқот аз сомонаҳои интернетӣ, ба монанди scholar.google.com, cyberleninka.ru, researchgate.net, elibrary.ru ва ғайраҳо метавон истифода бурд, ки дар онҳо мақолаҳои илмии олимонро дар намуди электронӣ дастрас кардан мумкин аст ва барои шарҳи адабиёт беҳтарин сарчашма ба ҳисоб мераванд.
2. Шарҳи нисбатан пурраи адабиёти нашршуда доир ба таҳқиқи ин ё он муаммои назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз тарафи олимон ва таҳқиқгарони ҷавон гузаронида шавад.
3. Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бояд дар фаъолияти корхонаву ташкилотҳо татбиқ карда шаванд ва самараи иқтисодии ҷорӣ кардани онҳо ба амалия ҳисоб карда шавад. Маълум аст, ки дар рисолаҳои диссертатсионӣ санад ё маълумотномаи татбиқи натиҷаҳо оварда шудааст, аммо аксарияти онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.
4. Шиносоӣ бо фаъолияти мактабҳои илмии хориҷи кишвар ва ташкили мактабҳои илмӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ доир ба рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ тақвият дода шавад.
5. Пешниҳод мекунем, ки бо таҳқиқи рушди назария, методология ва амалияи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаҳо бештар муаллифоне машғул шаванд, ки на танҳо дониши хуби назариявӣ, балки таҷрибаи муайяни амалӣ низ дошта бошанд.
6. Бозомӯзии олимон ва устодони кафедраҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит, молия, иқтисодиёт ва менеҷмент дар ташкилотҳои ватанӣ, инчунин такмили ихтисоси мутахассисони ташкилотҳо дар базаи кафедраҳои тахассусӣ ба роҳ монда шавад.
7. Ташкили мастер-класс, тренингу семинарҳои илмӣ-амалии доимоамалкунанда дар мактабҳои олӣ, ки барои баланд бардоштани малакаи касбии омӯзгорон мусоидат мекунад, тақвият ёбад.
8. Таҳқиқи муштарак байни олимон ва мутахассисони соҳа (сармуҳосибон, аудиторон, директорони молиявӣ, менеҷерон), дар якҷоягии якчанд муаллиф навиштани мақолаҳо, монографияҳо ва китобҳои дарсӣ ба роҳ монда шавад.
9. Таҳия ва чоп намудани монографияҳои илмӣ ва китобҳои дарсӣ, ки дар онҳо амалияи ташкилотҳои ватанӣ оварда мешаванд, тақвият ёбад.
10. Дар раванди таҳқиқоти назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз тарзҳои байнифаннӣ ва фаросоҳавӣ истифода шавад.
11. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ, асосан забони англисӣ ва огоҳ шудан аз таҳқиқоти илмии олимони хориҷи кишвар ба роҳ монда шавад.
12. Ба омӯзиши таҷрибаи баланди рушди назария ва амалияи баҳисобгирии идоракунӣ дар мамлакатҳои тараққикарда, дар оянда тарҷума намудани китобҳои аз тарафи олимони бонуфуз навишташуда ва дар тамоми мамлакатҳои дунё истифодашаванда диққат дода шавад.
13. Натиҷаи таҳқиқот на танҳо дар маҷаллаҳои илмии ватанӣ, балки дар маҷаллаҳои илмии бонуфузи соҳавии берун аз кишвар, ки импакт-фактори нисбатан баланд ва дар базаҳои иқтибосоварӣ индексатсия доранд, ба монанди “Вестник Московского университета. Серия 6: Экономика”, “Российский экономический журнал”, “Международный бухгалтерский учет”, “Вестник Санкт-Петербургского университета. Серия Экономика”, “Финансовый журнал”, “Бухгалтерский учет”, “Управленческий учет”, “Учет. Анализ. Аудит”, “Экономический анализ: теория и практика” ва ғ. нашр гардад.

14. Бештар дар корҳои илмӣ усулҳо ва технологияҳои муосири баҳисобгирии идоракунӣ, ба монанди ABC, ABB, ABM, EVA, BSC, KPI, Standard-costing, JIT, Target costing, Kaizen costing, Life Cycle Costing, Benchmarking мавриди истифода ва таҳқиқ қарор дода шаванд. Масалан, баҳогузорӣ ба фаъолияти шуъба ва кормандон тибқи индикаторҳои нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ (KPI), таҳияи буҷетҳо бо усули ABM, истифодаи низоми нишондиҳандаҳои мувозинатӣ (BSC), таҳияи бизнес-модели ташкилот ва ғайра, ки дар амалияи ташкилотҳои пешрафтаи хориҷи кишвар бомуваффақият ҷорӣ шуда истодаанд. Унсурҳои ҷорӣ шудани усулҳои номбаршуда дар баъзе ташкилотҳои тиҷоратии ватанӣ низ ба назар мерасад. Қайд бояд кард, ки дар ҷумҳурии мо корхонаю ташкилотҳои ҳозиразамон бунёд шуда, фаъолият намуда истодаанд ва маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол ва содирот карда истодаанд. Менеҷменти ташкилотҳо усулҳои муосири идоракуниро дар фаъолияти худ истифода бурда истодаанд. Аксарияти бизнес-равандҳо автоматизатсия шудаанд, мутахассисони ботаҷриба кору фаъолият мебаранд.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, тавсияҳои пешниҳодшуда то андозае барои беҳтар намудани сифати таҳқиқот дар самти рушди баҳисобгирии идоракунӣ мусоидат намуда, барои таҳқиқгарони соҳа ва истифодабарандагон натиҷаҳои муайян медиҳад. Мавқеи баҳисобгирии идоракунӣ дар замони муосир бевосита дар паст кардани хавфи муфлисшавии ташкилотҳо, баланд кардани самаранокии фаъолият, беҳтар намудани идоракунии хароҷот, пешгӯйӣ намудани нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ, зиёд кардани даромаднокӣ ва таъмини амнияти иқтисодии ташкилотҳо басо калон аст. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявӣ ва методии ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар ташкилотҳо дар оянда аз тарафи олимони ватанӣ зарурат дорад.

Муқарриз: д.и.и., профессор Низомов С.Ф.

АДАБИЁТ

1. Барфиев, К.Х. Конкурентоспособность сельскохозяйственного производства и её учетно-аналитические основы: теория, методология, организация (на материалах Республики Таджикистан): диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук / К.Х. Барфиев. -Бишкек, 2019. -274 с.
2. Барфиев, К.Х. Структурный анализ затрат на производство и реализацию продукции / К.Х. Барфиев, С.О. Мирзохонов // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2019. -№2(25). -С.285-294.
3. Барфиев, К.Х. Теория понятийного аппарата управленческого учета сельскохозяйственных организаций на основе учетно-аналитического комплекса / К.Х. Барфиев, С.О. Мирзохонов // Крымский научный вестник. – 2016. -№1(7). -С.311-321.
4. Барфиев, К.Х. Управленческий учет в информационной системе сельскохозяйственного предприятия / К.Х. Барфиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. -Душанбе: Сино, 2012. -№2/7(98). -С.8-12.
5. Барфиев, Қ.Х. Низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷотҳо аз рӯйи марказҳои масъулият дар соҳаи кишоварзӣ / Қ.Х. Барфиев, Н.М. Собирзода, С.О. Мирзохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои ичтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. -№3. –қисми 2. -С.119-125.
6. Бобоев, М.У. Управленческий учет на предприятиях легкой промышленности Республики Таджикистан: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / М.У. Бобоев. –М., 2009. -182 с.
7. Бобоев, М.У. Влияние отраслевых особенностей легкой промышленности на организацию системы управленческого учета / М.У. Бобоев // Российский экономический интернет-журнал. – 2010. -№1. -С.21-34.
8. Бобоев, М.У. Классификация затрат на предприятиях легкой промышленности / М.У. Бобоев // Управленческий учет. – 2010. -№3. -С.3-11.
9. Бобоев, М.У. Методические подходы к формированию себестоимости продукции по новому плану счетов в Республике Таджикистан / М.У. Бобоев // Российский экономический интернет-журнал. – 2018. -№3. -С.9.
10. Бобоев, М.У. Управленческие аспекты учета в легкой промышленности. -Душанбе: Ирфон, 2014. -176 с.
11. Бобоев, М.У. Управленческий учет в информационной системе предприятия / М.У. Бобоев // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2009. -№1. -С.43.
12. Бобоев, М.У. Формирование центров ответственности на текстильных и швейных предприятиях / М.У. Бобоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – 2009. -№7(55). -С.260-265.
13. Бобоев, Ш.Н. Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои баркӣ (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон): диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос / Ш.Н. Бобоев. -Душанбе, 2020. -242 с.
14. Калемуллоев, М.В. Производственный учет в системе управленческого учета: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / М.В. Калемуллоев. –М., 1999. -186 с.

15. Калемуллоев, М.В. Ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ / М.В. Калемуллоев, М.М. Файзализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№4. -С.5-12.
16. Низомов С.Ф. Влияние отраслевой специфики строительных предприятий на организацию управленческого учета / С.Ф. Низомов // Аудит и Финансовый Анализ. – 2010. -№1. -С.425.
17. Низомов, С.Ф. Методологические аспекты формирования концепции управленческого контроля в системе управленческого учета / С.Ф. Низомов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. -№2/10-1(152). -С.41-49.
18. Низомов С.Ф. Организация учета и управления затратами в строительных организациях / С.Ф. Низомов. -Душанбе: Ирфон, 2006. -140 с.
19. Низомов С.Ф. Основные направления и тенденции развития управленческого учета / С.Ф. Низомов // Вестник Таджикского национального университета. Серия: Экономика. -Душанбе: Сино, 2009. -№5(53). -299 с.
20. Низомов С.Ф. Производственный учет в строительстве: вопросы теории и практики / С.Ф. Низомов. -Душанбе: Ирфон, 2003. -181 с.
21. Низомов С.Ф. Управленческий учет и контроль в строительстве: теория, методология и практика / С.Ф. Низомов. -Душанбе: Сохибкор, 2013. -272 с.
22. Низомов, С.Ф. Организация учета производственных затрат в строительстве в условиях формирования рыночных отношений (на материалах Республики Таджикистан): диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / С.Ф. Низомов. - Воронеж, 2001. -221 с.
23. Низомов, С.Ф. Развитие методологии и организации управленческого учета в строительном комплексе (на примере Республики Таджикистан): дисс... на соискание уч... степ. док. эк. наук /С.Ф. Низомов. -М., 2011.-482 с.
24. Низомов, С.Ф. Развитие организационно-методических аспектов функционального калькулирования затрат / С.Ф. Низомов, С.И. Содиков, А.А. Мирзоалиев // Ученые записки Худжандского государственного университета им. ак. Б. Гафурова. Серия естественные и экономические науки. - 2018. -№2(45). -С.164-176.
25. Низомов, С.Ф. Совершенствование методики учета затрат и калькулирования себестоимости продукции в растениеводстве / С.Ф. Низомов, А.Х. Файзуллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№7. -С.9-15.
26. Низомов, С.Ф. Современное состояние и перспективы развития управленческого учета в энергетическом секторе путем внедрения метода АВС / С.Ф. Низомов, Ш.Н. Бобоев // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2020. -№2(70). -С.62-71.
27. Розиев, Д.А. Баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ / Д.А. Розиев. -Душанбе, 2021. -223 с.
28. Розиев, Д.А. Заминаҳои таърихӣ ва асосҳои ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ / Д.А. Розиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№4. -С.98-103.
29. Розиев, Д.А. Хусусиятҳои истеҳсолоти бофандагӣ ва таъсири онҳо ба методикаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ / Д.А. Розиев // Паёми донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. -№3(32). -С.113-119.
30. Тохирова, Р.С. Управленческий аудит предприятий, его основные задачи, сущность, процедуры и перспективы развития / Р.С. Тохирова // Вестник Таджикского национального университета. - 2015. -№2/5(172). -С.92-96.
31. Ураков Д.У. Проблемы учета и контроля затрат в условиях интенсификации производство / Д.У. Ураков. -Душанбе: Дониш, 1988. -160 с.
32. Ураков Д.У. Учет затрат по сферам деятельности / Д.У. Ураков. -М.: Финансы и статистика, 1991. -176 с.
33. Ураков, Д.У. Моделирование учета процессов формирования затрат по носителям центров ответственности / Д.У. Ураков, К.Х. Барфиев // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2015. -№2-1(9). -С.329-334.
34. Файзуллоев, А.Х. Учетно-аналитическая система управления сельскохозяйственным производством (на примере растениеводства): дисс... на соис...уч... степ. канд. эк... наук / А.Х. Файзуллоев. -Душанбе, 2020. -198 с.
35. Хушвахтзода, К.Х. Анализ современного инструментария стратегического управленческого учета на сельскохозяйственных предприятиях / Хушвахтзода К.Х., Н.А. Ойев // Финансовая экономика. – 2020. -№8. -С.350-354.
36. Хушвахтзода, К.Х. Классификация затрат в стратегическом управленческом учете на сельскохозяйственных предприятиях / Хушвахтзода К.Х., Н.А. Ойев // Финансовая экономика. – 2020. -№7. -С.257-261.
37. Хушвахтзода, Қ.Х. Таҳқиқи вазъи муосири пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Хушвахтзода Қ.Х., Д.А. Розиев, М.А. Бобохонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№5. -С.5-11.
38. Ҳасанова, Н.Ҷ. Рушди методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ / Н.Ҷ. Ҳасанова. -Душанбе, 2021. -205 с.
39. Ҳасанова, Н.Ҷ. Хусусиятҳои ҳисобгирии хароҷот ба истеҳсолот ва бароориши маҳсулот дар хоҷагии қишлоқ / Қ.Х. Барфиев, З.Н. Файзуллоева, М.Б. Холназаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. –Бохтар, 2019. -№1/4(68). -С.241-247.
40. Шамсиддинов, М.М. Мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ дар саноати кӯҳкории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси баҳисобгирии сегментӣ / М.М. Шамсиддинов, М.Ш. Шобеков // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2020. -№3(42). -С.149-156.

41. Шобеков, М. Классификация издержек производства: теория, практика и новый подход / М. Шобеков, Д. Саидов // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2010. -№3. -С.120-134.

ТАҲҚИҚИ МУАММОҲОИ ТАШКИЛИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР КОРҲОИ ИЛМИИ ОЛИМОНИ ВАТАНӢ

Мақола ба шарҳи корҳои илмии олимони ватанӣ доир ба муаммоҳои назария, методология ва ташкили низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаҳо бахшида шудааст. Доир ба рисолаҳои диссертатсионии ҳимояшуда дар самти баҳисобгирии идоракунӣ ва монографияҳои илмӣ маълумот дода шудааст. Дар такя ба натиҷаи таҳқиқоти олимони ватанӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда чоп шудааст, ҳолати таҳқиқи назария, методология ва амалияи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили мазмуну мундариҷаи корҳои илмӣ камбудиҳо ва норасоиҳои ҷойдошта дар раванди таҳқиқи масъалаҳо муайян карда шуда, ҳамзамон доир ба беҳтар намудани сифати корҳои илмӣ ва рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ тавсияҳо пешниҳод гардидааст. Натиҷаи дар мақолаи мазкур овардашуда барои пешбурди таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби магистрантон, аспирантон, докторантон ва олимони соҳа, инчунин барои рушду такомули назария, методология ва амалияи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаҳо метавонад истифода бурда шавад.

Калидвожаҳо: баҳисобгирии идоракунӣ, ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, рисолаҳои диссертатсионӣ, монографияҳои илмӣ, маҷаллаҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ, рушди баҳисобгирии идоракунӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ ПРОБЛЕМ ОРГАНИЗАЦИИ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА В НАУЧНЫХ РАБОТАХ ОТЕЧЕСТВЕННЫХ УЧЕНЫХ

Статья посвящена обзору научных работ отечественных ученых по проблемам теории, методологии и организации системы управленческого учета в отраслях. Приведены информации о защищенных диссертациях и научных монографиях по направлению управленческого учета. По результатам исследований отечественных ученых, опубликованных в рецензируемых научных журналах, анализировано состояние исследований в области теории, методологии и практики организации управленческого учета. На основе изучения и анализа содержания научных работ были выявлены некоторые недостатки в исследовательском процессе, а также даны рекомендации по повышению качества научных исследований и развития системы управленческого учета. Результаты, представленные в этой статье, могут быть использованы магистрантами, аспирантами, докторантами и учеными в данной области при ведении научных исследований, а также для развития теории, методологии и практики организации управленческого учета в отраслях.

Ключевые слова: управленческий учет, организация управленческого учета, диссертации, научные монографии, научные журналы, научные статьи, развитие управленческого учета.

RESEARCH OF PROBLEMS OF MANAGEMENT ACCOUNTING SYSTEM ORGANIZATION IN THE SCIENTIFIC WORKS OF DOMESTIC SCIENTISTS

The article is devoted to the review of scientific works of domestic scientists on the problems of theory, methodology and organization of the management accounting system in the industries. Provides information on defended dissertations and scientific monographs in the direction of management accounting. Based on the results of research by domestic scientists published in peer-reviewed scientific journals, the state of research in the field of theory, methodology and practice of organizing management accounting has been analyzed. Based on the study and analysis of the content of scientific works, certain shortcomings in the research process were identified, and recommendations were made to improve the quality of scientific research and the development of the management accounting system. The results presented in this article can be used by undergraduates, graduate students, doctoral students and scientists in this field in the conduct of scientific research, as well as for the development of the theory, methodology and practice of organizing management accounting in industries.

Keywords: management accounting, organization of management accounting, dissertations, scientific monographs, scientific journals, scientific articles, development of management accounting.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Бобоев Мирзоҳаёт Усмонович*** – Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарз. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯчаи И. Сомонӣ, 226. E-mail: **bmirzohayot@mail.ru.** Телефон: **(+992) 927-74-11-64**

Сведение об авторе: ***Бобоев Мирзохаёт Усмонович*** – Худжандский политехнический институт Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими, кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов и кредита. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, ул. И. Сомони, 226. E-mail: **bmirzohayot@mail.ru**. Телефон: **(+992) 927-74-11-64**

Information about the author: ***Boboev Mirzokhayot Usmonovich*** – Khujand Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Finance and Credit. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, st. I. Somoni, 226. E-mail: **bmirzohayot@mail.ru**. Phone**: (+992) 927-74-11-64**

УДК 334(575.3)

МУАММОҲОИ ТАЪМИНИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР ДАВРАИ ПАНДЕМИЯ COVID-19

Васиев Ф.М., Ван Сан Сан
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон

Дар адабиёти иқтисодӣ оид ба мафҳумҳои шуғли аҳолӣ ва намудҳои он шарҳи зиёд оварда шудааст. Асосгузори иқтисоди классикӣ А. Смит доир ба шуғли пурра чунин гуфтааст: “шуғли пурра дар бозори меҳнат ҳамон вақт ба даст оварда мешавад, ки арза ва тақозо ба қувваи корӣ баробар бошанд” [1,с.152]. Албатта дар бозори меҳнат бо бадаст овардани мувозинат байни арзаву тақозо, шумораи максималии қувваи кориро бо шуғл таъмин намудан мумкин аст. Ҳамчунин, иқтисодчиёни машҳури классик Д. Рикардо ва Ж.Б. Сей мафҳуми шуғли пурраро чунин таъриф намудаанд: “шуғли пурра танҳо барои иқтисоди бозорӣ хос мебошад” [13,с.76; 3,с.17]. Ба фикри мо, агар бекорони фриксионирo ҳисоб накунем ва боқимонда қувваи корӣ бо кори доимӣ таъмин бошад, пас гуфтан мумкин аст, ки аҳолӣ бо шуғли пурра таъмин шудааст.

К.Маркс қайд менамояд: “сатҳи шуғли аҳолӣ аз ҳаҷми сармоягузорӣ ба иқтисодиёт вобаста аст, ки талаботро ба қувваи корӣ таъмин менамояд, ҳамчунин, сатҳи музди меҳнат ва бо воситаи арзиши изофашуда меъёри фоидаро муайян менамояд” [7,с.34]. Дар ҳақиқат, бо сармоягузорӣ ба иқтисодиёт, дар бозори меҳнат талабот ба қувваи корӣ меафзояд ва теъдоди максималии қувваи кориро бо шуғл таъмин намудан мумкин аст. Мувофиқи ақидаи Ҷ.М. Кейнс, “иқтисоди бозорӣ бе дахолати давлат наметавонад пеши роҳи бекориро гирифта шуғли пурраро таъмин намояд” [5,с.76]. Бо назардошти таъсири омилҳои гуногун ва мураккабии сохтори бозори меҳнат, барои ба даст овардани шуғли пурра, танзими давлатии муносибатҳои бозорӣ муҳим мебошад.

Иқтисодчиёни рус В.В. Адамчук, О.В. Ромашов ва М.У. Сорокина мафҳуми шуғли аҳолиро чунин таъриф додаанд: “шуғли аҳолӣ, ин фаъолияти шаҳрвандон, ки ба онҳо маош ё даромад меоварад, бо мақсади қонеъ гардонидани талаботҳои шахсӣ ва оилавашон” мебошад [2,с.103]. Дигар иқтисодчии рус Ю.М. Остапенко мафҳуми шуғли аҳолиро ба таври зерин таъриф додааст: “шуғли аҳолӣ фаъолияти одамон мебошад, ки бо қонеъ гардонидани талаботҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ вобаста буда ба онҳо даромад ё маош меоварад” [11,с.272]. Мо бо гуфтаҳои дар боло овардашуда ҳамақида мебошем ва илова карданием, ки шуғли аҳолӣ фаъолияти мақсаднок ва бошууронаи инсон буда барои ба даст овардани фоида ё музди меҳнат бо мақсади қонеъ гардонидани талаботҳои шахсӣ ва аъзои оилааш равона карда мешавад. А.С. Лукянов қайд намудааст: “шуғли аҳолӣ маҷмӯи муносибатҳоро байни кордиҳанда ва коргари кирояро доир ба иштироки ӯ дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ муайян менамояд” [6,с.7]. Мутахассиси соҳаи меҳнат, олим-иқтисодчӣ А.И. Рофе шуғли аҳолиро ба таври зерин таъриф додааст: “шуғли аҳолӣ, ин вазъи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол мебошад, ки ҷои кори муайян ва даромад ё музди меҳнати доимие доранд, ки бар хилофи қонунгузории амалкунанда нест” [14,с.86]. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба шуғли аҳолӣ” ва Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми шуғли аҳолиро чунин таъриф додаанд: “шуғли аҳолӣ, ин фаъолияти аҳолии қобилияти меҳнатӣ дошта, ки ба меъёрҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд, талабтҳои онҳоро қонеъ мегардонад ва ба онҳо даромад ё музди меҳнат меоварад” [15,с.5].

Аз оғози соли 2020 дар тамоми давлатҳои ҷаҳон бемории сироятии пандемия COVID-19 паҳн гардид, ки сатҳ ва сохтори шуғли аҳолии ҳамаи давлатҳоро тағйир дод. Ҳамчунин, бемории сироятии пандемия COVID-19 ба бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сатҳи шуғли аҳолӣ таъсири худро расонид. Дар ҳамин асос, бо мақсади муайян намудани тағйирёбии бозори меҳнат ва вазъи шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо тадқиқоти сотсиологӣ гузаронидаем.

Пандемияи COVID-19 ба бозори меҳнат, ҳаракати қуввaҳои корӣ ва муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ таъсиргузор буда, ин равандҳоро маҳдуд сохта, коҳиш додааст.

Дар чунин шароит андешидани чораҳои наву муассир барои танзими шуғл ва муҳоҷирати аҳолӣ, дар радифи масоили афзалиятноки тамоми давлатҳо қарор мегирад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин равандҳо дар канор нест. Пандемия ҳам ба раванди муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлатҳои хориҷӣ, ҳам ба вазъи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии дар хориҷа қарордошта ва ҳам ба вазъи бозори меҳнати дохилӣ таъсири манфӣ расонида истодааст. Тибқи таҳлили маълумоти баҳисобгирии рафтуомади шаҳрвандони ҷумҳурии мо тавассути гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ, теъдоди муҳоҷирони меҳнатии мо дар хориҷи кишвар, бо назардошти муҳоҷирони аз солҳои гузашта дар хориҷамонда, беш аз 500 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки беш аз 95%-и онҳо дар Федератсияи Россия мустақар мебошанд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар давраи манъи вуруди шаҳрвандони хориҷӣ ба Федератсияи Россия, ки он аз 18 марти соли 2020 инҷониб идома дорад, эҳтимоли ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта натавонистани тахминан 200 ҳазор нафар шаҳрванди ҷумҳурӣ вуҷуд дорад. Аз ин лиҳоз, масъалаи бокортаъминкунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дохили кишвар бо истифода аз имконоти мавҷуда аҳамияти фавқулоддаро касб мекунад. Таҳқиқоти вазъи воқеии бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ бо дарназардошти таъсири бевосита ва маҳдудкунандаи пандемияи COVID-19 имконият фароҳам меовард, ки доираи имкониятҳои бозори меҳнати дохилӣ муайян карда шуда, дар заминаи он нақшаву барномаҳои корӣ ҷиҳати коҳиш додани таъсири пандемияи COVID-19 таҳия ва татбиқ гарданд.

Бо ин мақсад аз минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ теъдоди муайяни корхонаҳо мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шуданд. Дар ин радиф дар ВМКБ 7 адад корхонаи шаҳри Хоруғ, дар вилояти Суғд 8 адад корхонаи шаҳри Хуҷанд, вилояти Хатлон 4 адад корхонаи шаҳри Бохтар ва 5 адад корхонаи шаҳри Кӯлоб, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 7 адад корхонаи шаҳри Душанбе ва 4 адад корхонаи ноҳияи Рашт бо теъдоди умумии 33 адад корхона ва 135 нафар мусоҳиб аз тариқи пурсиш ба таҳқиқот фаро гирифта шуданд

Таҳқиқот аз тариқи пурсиш корхонаҳои дорои самтҳои гуногуни фаъолиятро дар бар гирифта бошад ҳам, вале бо назардошти он ки таъсири манфии пандемия бештар ба корхонаву ташкилотҳои соҳаҳои саноат ва хизматрасонӣ муассиртар буд, ба доираи пурсиш коргарони ин соҳаҳо зиёдтар фаро гирифта шуданд. Дар байни корхонаҳои ба пурсиш фаро гирифташуда 61,1%-ро корхонаҳои соҳаи саноат ташкил медоданд, 16% - корхонаҳои хизматрасонӣ, 10% - маориф, 1,1%-и муассисаҳои соҳаи тиҷорат ва корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ буданд.

Тарве ки маълум аст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми зиёди корхонаву ташкилотҳо аз шакли моиликияти давлатӣ ба шаклҳои гуногуни моликият гузаштаанд. Дар раванди таҳқиқот корхонаву ташкилотҳои дорои шаклҳои гуногуни моликият ба пурсиш фаро гирифта шуданд. Ҳиссаи корхонаву ташкилотҳои таҳқиқгардида чунин мебошад:

- 46% ҶДММ (Ҷамъияти саҳҳомии дорои масъулияташ маҳдуд)
- 36% - ҶСШК (Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушода);
- 3% - ҶСШП (Ҷамъияти саҳҳомии шакли пӯшида)
- 1% - ҶС (Ҷамъияти саҳҳомӣ);
- 8,8% - муассисаи давлатӣ;
- 2,2% - бонкҳои тиҷоратӣ.

Реҷаи корӣ нишондиҳандаи муҳим мебошад, ки бевосита ба динамикаи бозори меҳнат таъсир мерасонад. Пурсиш нишон дод, ки пеш аз сар задани пандемияи COVID-19 дар давоми ҳафта реҷаи кории 97,7%-и коргарон пурра ва реҷаи кории 2,3%-и коргарон нопурра будааст. Воқеан ҳам, то давраи пандемия реҷаи кории тамоми коргарони корхонаву ташкилотҳо пурра буд.

Тавре ки аз натиҷаҳои пурсиш бармеояд, реҷаи кории коргарони корхонаву ташкилотҳои ҷумҳурӣ тағйир ёфтааст. Зимни пурсишҳо маълум гардид, ки реҷаи кории 37,7%-и коргарон дар давраи пандемияи COVID-19 дар шакли пурра мондааст. Ба ин гурӯҳ кормандони бонкҳои тиҷоратӣ ва соҳаи маориф дохил мешаванд. Дар ҳақиқат, бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи авҷи пандемия фаъолияти худро давом додаанд. 54,4%-и мусоҳибон қайд намуданд, ки дар давраи авҷи пандемия реҷаи кориашон нопурра

шудааст. Яъне, ҳафтаи кориашон аз 5 ё 6 рӯзи корӣ ба 3 ё 4 рӯзи корӣ кам шудааст. Ҳамчунин, рӯзи кориашон аз 8 соати корӣ ба 4 ё 5 соати корӣ кам шудааст.

Диаграммаи 1. Реҷаи корӣ дар вақти бемории пандемияи COVID-19
Figure 1. Work schedule during COVID-19 pandemic



Дар раванди танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ мавҷуд будани шартномаи коллективӣ дар корхона ё ташкилот байни корфармо ва коргарони кироя аҳамияти махсус дорад. Зимни пурсиш 78%-и мусоҳибон қайд карданд, ки дар корхонаи онҳо шартномаи коллективӣ ба имзо расидааст. Қайд кардан ҷоиз аст, ки бештари коргарони пурсидашуда дар сектори расмии иқтисоди ҷумҳурӣ фаъолияти меҳнатӣ доранд. Ҳамчунин, 21%-и коргарон таъкид карданд, ки дар корхонаашон байни корфармо ва коргарон шартномаи коллективӣ имзо нашудааст. Дар ҳақиқат, мувофиқи тадқиқотҳои пеш гузаронидашуда, аз 21 то 22%-и қувваи корӣ дар сектори ғайрирасмӣ фаъолият мекунад.

Кафолатҳои иҷтимоӣ омили муҳимми танзими бозори меҳнат мебошанд. Дар мавриди ба миён гузоштани савол роҷеъ ба мавҷудияти кафолатҳои иҷтимоӣ 41,1% коргарон ҷавоб доданд, ки кафолатҳои иҷтимоӣ дар корхона мавҷуданд. 33,3 дарсади мусоҳибон мавҷудияти рухсатиҳои ҳарсолаи пардохтшаванда, 22,2% - пардохти музди меҳнат ҳангоми корношоямии муваққатӣ, беморӣ ва 5,5%-и мусоҳибон пардохт шудани дигар мукофотҳоро қайд намуданд. Дар маҷмуъ, мувофиқи натиҷаи пурсиш, дар аксари корхонаҳо барои коргарони кироя кафолатҳои иҷтимоӣ пешниҳод карда мешаванд.

Мақсади асосӣ аз фаъолияти меҳнатӣ дарёфти музди меҳнат маҳсуб меёбад. Музди меҳнат омили ҳавасмандсозандаи инсон барои фаъолияти меҳнатист. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнат қисми зиёди даромадҳои шаҳрвандонро ташкил медиҳад. Дар посух ба саволи марбути андозаи музди меҳнат то замони пандемия 53,3%-и мусоҳибон қайд намуданд, ки то замони пандемия музди меҳнати онҳо аз 450 то 1000 сомониро ташкил медод. 24,4% коргарон ҷавоб доданд, ки музди меҳнаташон аз 1000 то 1500 сомонӣ буд. Инҳо аксаран коргарони корхонаҳои соҳаи саноат мебошанд.

Қайд намудан лозим аст, ки бештар коргарони соҳаи хизматрасонӣ (тарабхонаҳо, ошхонаҳо, сартарошхонаҳо, хизматрасонии нақлиёт ва ғ.), ихтисор шудаанд. 14,4%-и коргарон ҷавоб доданд, ки шумораи коргарон зиёд гардидааст. Инчунин, 36%-и мусоҳибон қайд намуданд, ки ихтисоршавии коргарон дар давраи пандемия дар корхонаҳои сурат нагирифт. Ба ин гурӯҳ асосан корхонаҳои соҳаи саноат, ки аксарияти онҳо тибқи реҷаи муайян фаъолият менамоянд, дохил мешаванд. Баъзе корхонаҳои соҳаи саноат, қисман коргаронро ба рухсатии музднок равон карданд, ки сабаби асосии ин иқдом басташавии роҳҳои оҳан ва коҳишёбии воридоти ашёи хом ба ҳисоб мераванд.

Диаграммаи 2. Дар давраи пандемияи COVID-19, музди меҳнат кам ё зиёд шудааст: кам шуда бошад то чанд фоиз
Figure 2. During the COVID-19 pandemic, wages decreased or increased: decreased to what percentage



Чи тавре ки натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, дар давраи пандемияи COVID-19 сатҳи музди меҳнати коргарон тағйир ёфтааст. Мувофиқи нишондиҳандаҳо 16,6%-и мусоҳибон қайд намуданд, ки музди меҳнати онҳо то 10% кам гардид. Ҳамчунин, 7 дарсади мусоҳибон изҳор доштанд, ки сатҳи музди меҳнати онҳо то 30% паст фаромадааст. Беш аз 13%-и мусоҳибон посух доданд, ки музди меҳнати онҳо дар давраи пандемия беш аз 50% кам шудааст. Ҳолати пастшавии сатҳи музди меҳнат дар давраи пандемия асосан дар корхонаҳои хизматрасонӣ (тарабхонаҳо, меҳмонхонаҳо, нақлиёт) ба назар мерасад. Зимни пурсиш 61%-и мусоҳибон қайд карданд, ки дар давраи пандемия сатҳи музди меҳнати онҳо тағйир наёфтааст. Бештар музди меҳнати кормандони корхонаҳои истеҳсолӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ тағйир наёфтааст.

Дар давраи пандемияи COVID-19 яке аз роҳҳои стратегии таъмини шуғли аҳолӣ гузариш ба реҷаи кории фосилавӣ мебошад. Ба ҳамин савол мусоҳибон чунин ҷавоб гуфтанд: 6 дарсади мусоҳибон қайд карданд, ки ба кори фосилавӣ гузаштанд. Инҳо асосан муҳосибон, коркунони соҳаи реклама мебошанд. Ҳамчунин, дар аксари корхонаҳо ҷаласаҳо ва ҳисоботҳо тариқи интернет аз тариқи фосилавӣ сурат мегирифтанд. 5%-и мусоҳибон қайд намуданд, ки қисман ба реҷаи кори фосилавӣ гузаштанд. 70%-и мусоҳибон қайд карданд, ки ба кори фосилавӣ нагузаштанд. Бо сабаби он, ки бештари мусоҳибон коргарони корхонаҳои истеҳсолӣ буданд ва дар чунин корхонаҳо ба реҷаи кории фосилавӣ гузаштан душвор аст, аз ин ҷост, ки шумораи бештари ҷавобҳо оид ба нагузаштан ба реҷаи кории фосилавӣ тааллуқ дорад.

Албатта, дар давраи пандемия қисми коргарон бемор шуда, ба рухсатии муваққатии корношоямӣ баромаданд ва натиҷаҳои пурсишнома вазъро ба тариқи зерин нишон доданд: Ба саволи “Дар давраи пандемияи COVID-19 аз сабаби беморӣ ба рухсатии муваққатии корношоямӣ баромадаед?”, посухҳо чунин буданд: 23,3% баромадам, 61,1% набаромадам, 14,4% мебароям, 1,1%, фикр накардаам.

Пурсишҳои сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки шаҳрвандони Тоҷикистон хоҳиш доранд бештар дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо кору фаъолият намоянд. Лекин бозори меҳнати ин давлатҳо мутахассисони баландихтисосро талаб менамояд ва қисми зиёди шаҳрвандони мо дар бозори меҳнати давлатҳои Аврупо рақобатпазир шуда наметавонанд. Ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур бояд базаи моддию техникии муассисаҳои таълими касбии мамлакат дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишварамон ба тарзи замонавӣ таҷҳизонида шаванд ва онҳо бо муаллимону устодони истеҳсолӣ таъмин карда шаванд.

Айни замон дар мамлакат асосан Маркази таълими калонсолони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи хуб таҷҳизонида шудааст, лекин он имконият надорад, ки ҳамаи шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатиро ба касбомӯзӣ фаро гирад. Зеро, ҳар сол ба бозори меҳнати кишварамон тақрибан 150-180

ҳазор нафар қувваи нави қобили меҳнат аз ҳисоби ҷавонон дохил мегардад ва онҳоро ба раванди касбомӯзӣ бояд фаро гирифт. Аммо Маркази таълими калонсолон тибқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дорад дар як сол танҳо 15-20 ҳазор нафарро ба касбомӯзӣ фаро гирад. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бошад, дар як сол 80-90 ҳазор ҷавононро ба касбомӯзӣ қабул менамоянд. Акнун дар муқоисаи рақамҳои дар боло овардашуда биёед таҳлил намоем, ки чӣ қадар шаҳрванди кишварамон ҳар сол ба раванди касбомӯзӣ фаро гирифта намешаванд ва бо ҳамин сабаб шумораи ҳарсолаи шаҳрвандони бе касбу ҳунар зиёд мегардад, ки ин гуна аҳвол боиси нигаронист.

Дар ин самт таҷрибаи пешқадами кишвари Филиппинро овардан мумкин аст, ки он аз тарафи бисёр давлатҳо ва коршиносони соҳа ҳамчун намунаи системаи касбомӯзӣ пазируфта шудааст. Дар ин мамлакат ҳар сол ба бозори меҳнат тақрибан 1 млн. нафар шаҳрванд дохил мегардад ва тавоноии муассисаҳои касбомӯзии он ба таълим фаро гирифтани зиёда аз 1 млн. 300 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Яъне, ҳар сол дар системаи касбомӯзии кишвари Филиппин дар доираи 300 ҳазор нафар шаҳрвандони хориҷӣ таълим мегиранд ва чунин натиҷа хуб баҳодиҳӣ карда мешавад. Дар Филиппин ҳамкориҳои давлатию хусусӣ дар самти касбомӯзӣ ба дараҷаи баланд ба роҳ монда шудааст ва 68%-и муассисаҳои касбомӯзиро бахши хусусӣ ташкил менамояд, ки ин гуна дастгирии давлатиро бисёр коршиносон эътироф менамоянд. Зиёда аз 70%-и шаҳрвандони Филиппин муассисаҳои касбомӯзии бахши хусусиро барои таълим интихоб менамоянд ва ҳангоми ба анҷом расидани муҳлати омӯзиш, ба хатмкунандагон шаҳодатномаи ягонаи давлатӣ аз номи Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолӣ супорида мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад чунин таҷрибаро истифода барад ва дар вазъияти душвори ба амал омада марбут ба пандемияи коронавирус қисми зиёди шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатиро ба омӯзиши касбу ихтисосҳои замонавӣ фаро гирифта, дар дохил ва хориҷи мамлакат бо шуғли пурмаҳсул таъмин намояд. Дар ҳолате, ки ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз хориҷа кам мегардад, бояд дар дохили кишвар чораҳо нисбати ҳавасмандии шаҳрвандон ба рушди соҳибкории хурду миёна ба амал оварда шавад. Таъсири бевоситаи бемории COVID-19 дар бозори меҳнати кишвар шумораи бекоронро боз ҳам зиёд намуд ва он ба сатҳи зиндагии аҳолӣ ва вазъи иқтисодию иҷтимоии мамлакат таъсири манфии худро расонида истодааст. Бинобар ин, баъд аз пандемияи коронавирус давлатҳои дунё диққати худро нисбат ба низоми нави корӣ дар бозори меҳнат ва шаклҳои ҷадиди шуғлро мавриди таҳқиқ қарор дода истодаанд. Аз ин рӯ, оқибатҳои вабои асри 21-ро ба инобат гирифта, бозорҳои меҳнати ҷаҳонӣ фаъолияти худро метавонанд бо дарназардошти вазъи пешомада дар бозори меҳнат то андозае дигаргун намоянд.

Айни замон ҳадду ҳудуди воқеии оқибатҳои пандемия барои бозори меҳнат дар асари сар задани бемории сироятии пандемияи COVID-19, бо мақсади пешгирии таъсири он ба бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷорӣ намудани таҷрибаи кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, ки дар ин масир корҳои зиёде анҷом додаанд, пешниҳод менамоем. Барои мисол:

- бар асари таъсири пандемия реҷаи кории бештари кормандони корхонаву муассисаҳо тағйир ёфта, шакли нопурраро касб намудааст;

- воситаи асосии танзими муносибатҳои меҳнатии байни корфармоён ва кормандон – шартномаи коллективӣ, дар аксари корхонаву муассисаҳо, махсусан дар бахши расмии иқтисод баимзорасида, вазифаи худро иҷро мекунад.

Дар робита бо масъалаи ниҳоят муҳим – таъмини кафолатҳои иҷтимоии кормандон таъкиди як нуктаи муҳим бамаврид аст: аксари кулли кормандон, новобаста ба шакли моликияти корхонаҳо аз кафолатҳои иҷтимоӣ бархӯрдор мебошанд

Новобаста ба таъсири пандемия ба вазъи иқтисодӣ-молиявии корхонаҳо, бештари корфармоён то андозаи муайян тавонистаанд, андозаи пештараи музди меҳнати кормандонашонро ҳифз намоянд ва онро тавонистанд пурра ва сари вақт пардохт кунанд. Ҳол он ки, ҳатто корфармоёни кишварҳои мутараққӣ тавозуни мазкурро нигоҳ дошта натавонистанд.

Мутаасифона теъдоди муайяни корфармоён, ки фаъолияти истеҳсолӣ ва хизматрасонии корхонаҳояшон ба истифодаи ашёи хоми воридотӣ вобаста мебошад, бар асари басташавии роҳҳо маҷбур гардиданд, ки теъдоди воҳидҳои кориро ихтисор кунанд.

Дар маҷмӯъ, тағйирёбии талабот ба қувваи корӣ дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ ба назар мерасад. Ин тағйирёбиҳо дар самти пастшавии талабот аз тарафи корфармоён ба қувваи корӣ ва афзудани пешниҳодоти қувваи корӣ ба назар мерасад. Аз ҳамин лиҳоз, қайд намудан лозим аст, ки пандемия COVID-19 ба бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мисли дигар кишварҳои ҷаҳон бетаъсир намондааст.

❖ Бо дарназардошти сарзадани бемории сироятии пандемияи COVID-19, дар кишвар зарурият пеш меояд, ки дар кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шуғли фосилавӣ (дистансиони) тағйиру иловаҳо ворид гардад.

❖ Аз корфармоён талаб карда мешавад, ки ҳамарӯза корхонаро бо маҳлулҳои безараргардонӣ тоза кунанд. Роҳбарони ташкилотҳо вазифадоранд, ки шароити бехатар ва ҳифзи меҳнатро таъмин кунанд, инчунин кормандонро аз риояи чораҳои бехатарӣ огоҳ намоянд.

Татбиқи тавсияҳои зикршуда имкон медиҳанд, ки шиддати таъсир ва оқибатҳои пандемияи бемории навъи COVID-19 ба бозори меҳнат, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коҳиш дода шавад.

Муқарриз: н.и.и. Искандаров Ҳ.Ҳ.

АДАБИЁТ

1. А. Смит. Исследование о природе и причинах богатства народов. Перевод с английского Е.М. Майбурда. -М.: Наука, 1993. -152 с.
2. Адамчук В.В. Экономика и социология труда: учеб.для вузов / В.В. Адамчук, О.В. Ромашов, М.У. Сорокина. - М.: ЮНИТИ, 2000. – С. 103.
3. Ж.Б. Сей. Трактат по политической экономии / Ж.Б. Сей // Научная литература. -М.: 2007. –С.17-21.
4. Закон Республики Таджикистан «О занятости населения»; Концепция государственной кадровой политики Республики Таджикистан // Утв. Указом Президента Республики Таджикистан от 17 мая 2018 г., №1526.
5. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости, процента и денег / Дж.М. Кейнс. -М.: Гелиос АРВ, 2012. – 352 с.
6. Лукьянов А.С. Потребность – занятость – управление: методологические проблемы исследования организации / А.С. Лукьянов. – Таллин, 1990. – С. 7.
7. Маркс К. Капитал. Критика политической экономии / К. Маркс. -М.: Политической литературы, 1988. -891 с.
8. Нурмахмадов М.Н. Необходимость, цели и регулирование внешней трудовой миграции / М.Н. Нурмахмадов, Р.К. Рахимов // Проблемы трудовой миграции и пути их решения: материалы респуб. науч.-практ. конф. - Душанбе, 2008. - С. 56.
9. Нурмахматов Дж. Гидроэнергетика Таджикистана / Дж. Нурмахматов // Бизнес и политика. -Душанбе, 2005. - №25. -С.18.
10. Одегов Ю.Г. Экономика труда / Ю.Г. Одегов, Г.Г. Руденко. - 2-е изд., перераб. и доп. -М.: Юнайм, 2014. - 423 с.
11. Остапенко Ю.М. Экономика труда / Ю.М. Остапенко. -М.: Инфра-М. (Высшее образование), 2014. -272 с.
12. Пецольдт К. Современные вызовы теории системной трансформации в экономике (Германия, г.Ильменау, Россия, Санкт-Петербург) / К. Пецольдт, А.Г. Коваль // Евразийский международный научно-аналитический журнал «Проблемы современной экономики». -Санкт-Петербург, 2018. –№2(66). -С.55-59.
13. Рикардо Д. Начало политической экономии и налогового обложения / Д. Рикардо. -М.: ЭКСНО, 2007. – С.76.
14. Рофе А.И. Экономика труда / А.И. Рофе. - 3-е издание, перераб. и доп.. - М.: Кнорус, 2015. - 376 с.
15. Трудовой кодекс Республики Таджикистан, от 23 июля 2016 года, №1329. -С. 5.

МУАММОҲОИ ТАЪМИНИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР ДАВРАИ ПАНДЕМИЯ COVID-19

Дар мақола муҳиммияти таъмини шуғли аҳолӣ барои рушди устувори иқтисодиёти миллии ҷумҳурӣ муайян шудааст. Нуқтаи назари классикони назарияи иқтисодиёт ва олимони муосир доир ба мафҳумҳои шуғли аҳолӣ ва шуғли пурра оварда шудаанд. Нуқтаи назари муаллиф доир ба ҳамин мафҳумҳо пешниҳод шудааст. Зарур ва саривақт будани гузаронидани тадқиқоти сотсиологӣ дар самти муайян намудани таъсири пандемия COVID-19 ба шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок кадра шудааст. Натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашуда пешниҳод шудаанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои пурсишномаи гузаронидашуда вобаста ба масъалаҳои вақти корӣ, тағйирёбии сатҳи музди меҳнат, беморшавии кормандони кироя, гузаштан ба шуғли фосилавӣ, равон кардани коргарони кироя ба рухсатии бемузд ва дигар масъалаҳои вобаста ба шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат дар давраи авҷи бемории пандемия COVID-19 оварда шудаанд. Вазъи шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнати баъзе давлатҳои ҷаҳон дар давраи бемории пандемия COVID-19 омӯхта шудаанд. Дар охир хулосаи натиҷаи тадқиқоти гузаронидашуда оварда шудааст. Ҳамчунин, пешниҳодҳо доир ба роҳҳои паст гардонидани сатҳи таъсири пандемия COVID-19 ба шуғли аҳолӣ, бозори меҳнат ва музди меҳнати коргарони кироя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

Калидвожаҳо: шуғли аҳолӣ, бозори меҳнат, қувваи корӣ, захираҳои меҳнатӣ, музди меҳнат, пандемии COVID-19, шартномаи меҳнатӣ, коргарони кироя, кордиҳанда, вақти корӣ, корхонаву ташкилотҳо.

ПРОБЛЕМЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ В ПЕРИОД ПАНДЕМИИ COVID-19

В статье определены важность и значение обеспечения занятости населения для устойчивого развития национальной экономики республики. Приведены точки зрения экономистов классиков и современных ученых-экономистов относительно определения понятия занятости населения, также достижения полной занятости. Приведены авторские точки зрения относительно понятий занятости населения и полной занятости. Обоснована важность и своевременность проведения социологического исследования в направлении определения уровня влияния пандемии COVID-19 на динамику уровня занятости населения и рынка труда Республики Таджикистан. Представлены результаты проведенного социологического исследования. В том числе, приведены результаты проведенного исследования относительно рабочего времени, изменения уровня заработной платы наемных работников, болезни наемных работников, перехода на дистанционную форму занятости, освобождения наемных работников и их отпуска без содержания, а также другие вопросы, связанные с занятостью населения и рынком труда в период пика распространения пандемии COVID-19. Исследовано состояние занятости населения и и рынка труда в некоторых странах мира в период пика распространения пандемии COVID-19. В заключении приведены выводы относительно проведенного социологического исследования. Направления по снижению уровня влияния пандемии COVID-19 разработаны на основе исследования опыта различных стран мира. В том числе, приводятся разработанные направления относительно снижения уровня влияния пандемии COVID-19 на занятость населения, рынок труда и уровень заработной платы наемных работников, организаций и предприятий Республики Таджикистан.

Ключевые слова: занятость населения, рынок труда, рабочая сила, трудовые ресурсы, заработная плата, пандемия COVID-19, трудовой договор, наемные работники, работодатели, рабочее время, организации и предприятия.

EMPLOYMENT CHALLENGES DURING THE COVID-19 PANDEMIC

The article defines the importance and significance of providing employment for the sustainable development of the national economy of the republic. The points of view of classical economists and modern economists on the definition of the concept of employment of the population, as well as achieving full employment are presented The author's points of view on the concepts of employment and full employment are presented. The importance and timeliness of conducting a sociological study in the direction of determining the level of influence of the COVID-19 pandemic on the dynamics of the employment level and the labor market of the Republic of Tajikistan has been substantiated. The results of the conducted sociological research are presented. In particular, the results of the research carried out on working hours, changes in the level of wages of employees, sickness of employees, the transition to distance employment, the release of employees and their leave without pay, as well as other issues related to employment and the labor market are presented. during the peak of the spread of the COVID-19 pandemic. The state of employment and the labor market in some countries of the world during the peak of the spread of the COVID-19 pandemic was investigated. In the end, the conclusions regarding the conducted sociological research are presented. Directions for reducing the impact of the COVID-19 pandemic were developed based on research on opate from different countries of the world. In particular, the developed directions are given regarding the reduction of the impact of the COVID-19 pandemic on the employment of the population, the labor market and the level of wages of employees of organizations and enterprises of the Republic of Tajikistan.

Keywords: employment, labor market, labor force, labor resources, wages, COVID-19 pandemic, labor contract, employees, employers, working hours, organizations and enterprises.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Васиев Фаридун Маҳмадович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Таҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 905-40-40-15.** E-mail: **faridun.75@bk.ru**
Ван Сан Сан – Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон, доктор phd кафедраи назария иқтисод ва иқтисоди ҷаҳон. **Суроға**: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 30

Сведение об авторах: ***Васиев Фаридун Махмадович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 905-40-40-15.** E-mail: **faridun.75@bk.ru**
Ван Цан Цан – Российско-Таджикский (славянский) университет, доктор phd кафедры экономической теории и мировой экономики. **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Мирзо Турсунзаде, 30

Information about the authors: ***Vasiev Faridun Makhmadovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Human Resource Management. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 905-40-40-15.** E-mail**: faridun.75@bk.ru**
Van Tsang Tsang - Russian-Tajik (Slavonic) University, Ph.D. Department of Economic Theory and World Economy. **Address**: 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mirzo Tursunzade street 30

УДК 330.14

МАВҚЕИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТИ ВАТАНӢ

Саидмуродова М.А., Моҳираи Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Имрӯз яке аз проблемаҳои асосӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ истифода бурда натавонистани имконияти содиротии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Барои таҳкими содирот бояд звеноҳои алоҳидаи иқтисоди кушод инкишоф дода шуда, саноати мамлакат тараққӣ ёбад. Яке аз звеноҳои муҳим дар ташкили принсипҳои иқтисодиёти кушод ин ташкили **минтақаҳои озоди иқтисодӣ** ба ҳисоб меравад. Фаъолияти онҳо бо либерализатсия ва фаъолгардонии робитаҳои иқтисодии хориҷӣ алоқамандӣ дорад. Иқтисодиёти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дорои сатҳи баланди кушод барои ҷаҳони берунӣ мебошад ва режимҳои гумрукию андоз барои маблағгузориҳои дохилӣ ва берунӣ мусоидат менамоянд. **Минтақаҳои озоди иқтисодӣ** (МОИ) ҳамчун зерсистемаи ҳудудии иқтисодиёти миллӣ, барои боло бардоштани самаранокии рушди иқтисодии давлат қобилият доранд ва инчунин, маблағҳои заруриро ҷалб менамоянд. Дар таҷрибаи ҷаҳонии фаъолияти иқтисодии берунӣ моделҳои гуногуни идоракунии ҳудудию хоҷагидорӣ ҷой доранд. Дар ин қатор ташкилкунии пурраи чунин сохторҳои хоҷагидорӣ ба монанди минтақаҳои озоди иқтисодӣ низ ҳастанд.

Мақсади асосии ташкилӣ, истеҳсолӣ ва илмию-техникии минтақаҳои озоди иқтисодӣ инҳоро дар бар мегиранд: ҷоришавии техника ва технологияи ватанию хориҷӣ; тезонидани навовариҳо ба натиҷаҳои корҳои илмию тадқиқотӣ; мутамарказонии мутахасиссони илмию-техникӣ, аз он ҷумла хориҷӣ ва инчунин, захираҳои моддию молиявӣ ба самтҳои афзалиятнок; ба пуррагӣ истифода намудани иқтидорҳои ҷойдошта; инкишофи инфрасохтори истеҳсолию нақлиётӣ. Бо ин мақсад минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар як қатор давлатҳои рӯ ба рушд низ ташкил карда шудаанд. Аммо дар фарқият аз давлатҳои рушдкардаи саноатӣ дар ин давлатҳо дар мавриди ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ бисёртар ба ҷалби сармояи хориҷӣ, технология, азнавсозии саноат, боло бардоштани тахассуснокии қувваи корӣ такя карда мешавад. Дар баробари мақсадҳо ва сабабҳои ташкили минтақаҳои озоди иқтисодии дар боло номбаршуда, се вазифаи асосии онҳоро қайд кардан бамаврид аст: ҳавасмандгардонии содироти саноатӣ ва дар ин асос ба даст овардани воситаҳои асъорӣ; рушди шуғли аҳолӣ; мубаддал гардондани минтақаҳо ба усули нави хоҷагидорӣ ва рушди хоҷагии миллӣ.

Асосан худи мафҳуми минтақаи озод дар Конвенсияи Киото, ки соли 1973 қабул шудааст, чунин шарҳ дода шудааст: «Минтақаи озод қисми қаламрави кишварро мефаҳмонад, ки дар он молҳо чун воқеъ берун аз қаламрави гумрукии миллӣ ҳисобида шуда, назоратбарии маъмули гумрукӣ гузаронида мешавад» [12].

Бо мақсади расидан ба афзалиятҳои миллӣ тавассути рушди минтақаҳои кишвар, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолию содиротии мамлакат ва дар ин раванд ҷалби ҳарчи бештари сармояи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба монанди: минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд», «Панҷ», «Ишкошим» ва «Данғара» таъсис ёфтаанд. ки нахустин ба ҳисоб мераванд. Дар ин самт аввалин санади ҳуқуқӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», ки соли 2004 қабул шуда буд, асосҳои ташкилию ҳуқуқии минтақаҳои озоди иқтисодиро дар қаламрави кишвар муайян намуда, пешбинӣ менамояд, ки дар ин минтақаҳо низоми махсуси гумрукӣ, молиявию асъорӣ ва андозбандӣ, тартиби содашудаи воридшавӣ, иқомат ва хориҷшавии резидентҳо ва ғайрирезидентҳо, ки бо низомнома оид ба минтақаи озоди иқтисодӣ муайян шудаанд, инчунин, дигар низомҳое, ки ба ҷалб намудани сармоя, ҳавасмандкунии инкишофи соҳибкорӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои озоди иқтисодӣ нигаронида шудаанд, муқаррар карда мешаванд.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун қаламраве маънидод мешаванд, ки тавассути фишангҳои иқтисодию ташкилӣ ва ҷорӣ намудани реҷаи воридотии бе гумрук фаъолияти иқтисодии беруна фаъол гардонида шуда, сармояи хориҷӣ ҷалб карда мешавад.

Реҷаи имтиёзнок дар минтақаи озоди иқтисодӣ доираи муайяни имтиёзҳоро дар бар мегирад, аз ҷумла имтиёзҳои гумрукӣ, иҷора, андозбандӣ, реҷаи раводид ва муносибатҳои меҳнатӣ ва ғайра, ки ба шароити фаъолиятбарии соҳибкорони хориҷию ватанӣ ва инчунин, коргарону хизматчиёни ба минтақаи озоди иқтисодӣ ба кор ҷалбшаванда дахл дорад. Рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ аз рӯи суръати истифодаи навовариҳои илмию техникӣ ва ҳавасмандии истеҳсолоти илмталаб, самаранокии равандҳои инноватсионӣ муайян карда мешавад. Вобаста ба ин, истифодаи захираҳои зеҳнӣ ва ташаккули заминаи илмиву технологӣ яке аз вазифаҳои муҳимми умумимиллии Тоҷикистон мебошад, ки қабули тадбирҳои махсусро доир ба рушди инноватсионии саноат, ба вуҷуд овардани шароити зарурии ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқиро дар доираи минтақаҳои озоди иқтисодӣ талаб мекунад.

Вобаста ба масъалаи таъмини рушди инноватсионии соҳаҳои иқтисодиёт Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2017 чунин ибрози ақида намудаанд: «...Бо дарназардошти тағйирёбии вазъу талаботи бозори ҷаҳонӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ рушд додани соҳаи саноат ва коркарди маҳсулоти он то ҳадди ниҳоӣ, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин мебошад. Хотиррасон менамоем, ки пешрафти ояндаи Тоҷикистон дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф бо истифода аз технологияҳои муосир баланд бардоштани самаранокии саноати коркард ва қобилияти рақобати маҳсулоти ватанӣ бисёр муҳим мебошад...» [11].

Асоси рушди фаъолияти субъектҳои саноат аз фаъолияти инноватсионӣ сарчашма гирифта, барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда, истифодаи сармоя бояд босамар ба роҳ монда шавад.

Дар шароити имрӯза вазъи самаранокии истеҳсолоти як қисми корхонаҳои саноатиро мӯътадил гуфтан ғайриимкон аст, зеро аксарияти онҳо ҳанӯз ҳам истеҳсолоташонро бо дастгоҳу таҷҳизоти фарсудашуда ба роҳ монда, ба сармояҳои соҳаашон кам аҳамият медиҳанд. Дар замони муосир ҷараёни ихтироот ва коркард то дар амал ҷорӣ намудани онҳо ба сифати ашё ва гирифтани фоида аз онҳо дар истеҳсолот вақти зиёдеро талаб мекунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дигар давлатҳои узви ИДМ сол то сол ҳам аз ҷиҳати дараҷаи инноватсияҳои илмӣ-техникӣ ва ҳам аз ҷиҳати татбиқи онҳо дар истеҳсолот ақиб монда истодааст. Барои таъмини рушди илмӣ-техникӣ зарурати азхуднамоӣ, дар амал ҷорӣ намудани инноватсияҳои самаранок ба миён омадааст ва ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръат низ аз татбиқи саривақтии ин вазифаҳо ба шумор меравад [1].

Амалисозии муваффақонаи ислоҳоти иқтисодӣ, “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, Консепсияи рушди саноати Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ барои ҳамгироии саноати кишвар ба сохтори саноати ҷаҳонӣ, суръатбахшии силсилаи навовариҳои технологӣ, пайдо ва устувор намудани мавқеи саноати Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварданд, ки “Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” таҳия ва тасдиқ карда шавад. (Қарори ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон аз 27.03.2018, №159) [15].

Дар стратегияи мазкур қайд карда шудааст, ки дар давраи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ даҳҳо созишномаҳои ҳамкории байниҳукуматӣ бо мамлакатҳои хориҷи дуру наздик вобаста ба таъсиси корхонаҳои нави металлургӣ, истеҳсоли семент ва дигар намудҳои масолеҳи сохтмон, истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, ангишт, саноати кимиёӣ, мошинсозӣ, коркарди металл ва саноати хӯрокворӣ ба имзо расида, амалӣ гашта истодаанд. Бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ садҳо корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ бо технологияи баланд ва кластерҳои саноатии дорои даври пурраи истеҳсолот – аз коркарди ашёи хом то маҳсулоти тайёр таъсис ёфта, саҳми саноатро дар иқтисодиёти кишвар зиёд намуда истодаанд.

Шумораи корхонаҳои саноатӣ аз 1329 адади соли 2000 мувофиқи нақшаҳои амал оид ба таъсиси истеҳсолоти нав соли 2018 ба 2161 расид, ки бештар аз 90 ҳазор аҳолии мамлакат бо ҷойи кор таъмин гардид. Соли 2016 раванди таъсиси корхонаҳои нав, аз ҷумла бунёди корхонаи муосир оид ба коркарди маъдан дар шаҳри Панҷакент, ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Покрӯд» (шаҳри Ваҳдат), корхонаи маъдантозакунии Такоб, корхонаҳои бузурги сементбарории ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Хуаксин Ғаюр Суғд семент» (ноҳияи Бобоҷон Ғафуров), ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати байналмилалии истеҳсолии Чжунгтсай Моҳир семент» (ноҳияи Ёвон), истеҳсоли гаҷкартон Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ху Чан Ғаюр Индустрал» ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Комбинати металлургии Тоҷикистон» дар шаҳри Ҳисор, Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Заводи сохташавандаи криолит» (ноҳияи Ёвон), Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Норд Азия металл» (ноҳияи Спитамен) оид ба истеҳсоли қубурҳои профилии металлӣ бо иқтидори 60 ҳазор тонна маҳсулот, маҷмааи нассоҷии «Ҷунтай Син Силу Текстил» оид ба коркарди нахи пахта дар ноҳияи Данғара, корхонаҳои «Кока - Кола нӯшокиҳои Тоҷикистон» ва «Оби Зулол» (иқтидори нӯшокиҳои ғайриспиртӣ 60 миллион литр), 2,5 миллион тонна иқтидорҳои коркарди гандум барои афзоиши иқтидори содиротӣ ва воридотивазкунанда дар кишвар заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Корхонаҳои нави сементбарорӣ имкон медиҳанд, ки ҳаҷми солонаи истеҳсоли семент то 4,5 миллион тонна ё нисбат ба соли 2000-ум 82 баробар афзуда, дар баробари пурра қонеъ гардонидани талаботи бозори дохилӣ ба ин намуди масолеҳи сохтмон, содироти он низ афзоиш ёфта истодааст. Моҳи ноябри соли 2016 таҷдиду барқарорсозии навбати аввали истеҳсолоти нуриҳои азотӣ дар шаҳри Сарбанд бо ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар ҳаҷми 3 миллиарду 168 миллион сомонӣ (360 миллион доллари ИМА) оғоз ёфта, соли 2018 ба истифода дода шуд. Иқтидори корхонаи мазкур 300 ҳазор тонна аммиак, 500 ҳазор тонна карбамид, дар маҷмӯъ, 800 ҳазор тонна маҳсулот буда, талаботи соҳаи кишоварзиро ба нуриҳои азотӣ пурра қонеъ мегардонад ва содироти он ба хориҷи кишвар ба роҳ монда мешавад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар саноати коркард нисбат ба саноати истихроҷ 2,6 баробар зиёд гардид. Зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот шаҳодати он аст, ки сиёсати давлат дар самти афзун намудани занҷири арзиши иловашуда дар асоси баланд бардоштани дараҷаи коркарди ашёи хоми маҳаллӣ то маҳсулоти ниҳоӣ дуруст интихоб ва амалӣ гардида истодааст. Таркиби намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар 7 сол (2011-2018) ба таври зайл тағйир ёфтааст:

Расми 1. Таркиби намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (C, D, E) дар истеҳсоли саноатӣ солҳои 2011-2018

Figure 1. Composition of types of economic activity (C, D, E) in industrial production in 2011-2018



Дар назди ҳар як соҳаи саноат асосан масъалаҳои истифодаи бештари иқтидорҳо, зиёд намудани номгӯи маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда, такмили технология

ва қонеъ гардонидани талаботи аҳолии кишвар бо маҳсулоти саноатии ватанӣ қарор дода шуд. Нисбат ба соли 2000 истеҳсоли хокаҳои сурб, руҳ, мис ва сурма 113,5 баробар, маҳсулоти заргарӣ 57,0, семент 56,9, кабелҳои то 1 кВт 4,6, қисмҳои эҳтиётӣ барои мошинҳои кишоварзӣ 10,8, маснуоти кабелӣ 1,4, дару тирезаҳои пластикӣ 2,5, зарфҳои шишагӣ 2,7, либосҳои мактабӣ 2,3, ангишт 79,3 баробар ва номгӯи дигари маҳсулот аз қабили металлҳои қиматбаҳо, масолеҳи сохтмон зиёд шудааст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 4,1 млрд. сомонии соли 2000 (дар муқоиса бо индексатсияи нархҳои соли 2018) соли 2018 ба 23,8 млрд. сомонӣ (5,5 баробар) афзуд ва ҳиссаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 17% боло рафт.

Соли 2018 истихроҷи ангишт 1 млн. 907,0 ҳазор тонна ва истеҳсоли семент 3,9 млн. тоннаро ташкил дод, ки ин нишондиҳандаҳои баландтарин дар давраи истиқлолияти кишвар ва таърихи саноати мамлакат мебошад. Тавре аз нишондодҳои боло ба назар мерасад, аз соли 2000 истеҳсолоти саноатӣ ҳамасола бо суръати назаррас афзоиш ёфта, иқтидори соҳаҳои истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, масолеҳи сохтмон, саноати хӯрокворӣ, истихроҷи ангишт аз нишондодҳои то соли 1990 зиёд шуданд, вале соҳаҳои алоҳида, ки дар ҳолати трансформатсионӣ қарор доранд, андешидани тадбирҳои ташкилию техникиро оид ба таъмин намудани рушди устувор тақозо доранд.

Диаграммаи 1. Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2000-2018 (млрд. сомонӣ)

Diagram 1. Dynamics of industrial production in 2000-2018 (billion somoni)



Таҳлилҳои иқтисодӣ собит намуданд, ки дар ҳолати коркарди нахи пахта дар корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ то маҳсулоти тайёр (матоъ ва либосворӣ), даромади соф аз ҳар як гектари пахта (самаранокии истеҳсолот) нисбат ба даромад аз фурӯши нах ҳамчун ашёи хом ба хориҷи кишвар бо нархи арзони ночиз зиёда аз 10 маротиба афзун мегардад. Пахта ҳамчун маҳсулоти асосии содиротӣ бояд коркард ва маҳсулоти он ба бозори хориҷӣ пешниҳод карда шавад. Дар ин маврид фоиданокии он 400% зиёд шуда, барои афзоиши даромади хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) истеҳсолкунандаи пахта ва саноати коркард мусоидат хоҳад намуд. Ҳосилнокии 1 га замини пахта 30 сентнер ё 3 тонна пахтаи хом мебошад. Тибқи меъёри баромади нах (ба ҳисоби миёна 33%) аз ин миқдори ашё 990 кг нахи пахта истеҳсол карда мешавад. Мувофиқи меъёрҳо барои истеҳсоли 1 куртаи мардона ба ҳисоби миёна 320 грамм нах истифода шуда, аз 990 кг нах 3094 курта бароварда мешавад. Агар ин миқдор курта ба ҳисоби миёна 50 сомонӣ фурӯхта шавад, маблағи 154700 сомонӣ (3094х50) ба даст овардан мумкин аст. Вобаста ба ин бояд нахи пахта, ҳамчунин дигар ашёи хом (пӯст, пашм, пилла, тамоку ва меваю сабзавот) аз ҳудуди ҷумҳурӣ бо нархи арзон содир нашуда, дар корхонаҳои ватанӣ коркард гардад. Махсусгардонии содиротии комплекси аграсаноатии ҶТ имконият медиҳад, ки маҳсулоти ин соҳа бо сармоягузориҳои хориҷӣ ва давраи кутоҳ бо истифодаи қувваи кории

арзонбаҳо, коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва фурӯши онро ба мамлакатҳои ҳамсояи дуру наздик таъмин намояд.

Дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон як минтақаи озоди иқтисодии нав ташкил карда шуд, ки дар назди фурудгоҳи шаҳри Кӯлоб дар заминҳои бекорхобидаи масоҳати 309 гектар доман паҳн карда, шаклан саноатӣ – инноватсионӣ хоҳад шуд. Минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» ҷиҳати рушди саноат дар шаҳр, ки дар аҳди шӯравӣ аз марказҳои саноатии кишвар ба шумор мерафт, нақши калидӣ хоҳад бозид. Ҳамчунин, ба ин васила, барои сокинони шаҳр ва навоҳии атроф ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда мешаванд.

Фаъолияти МОИ собит менамояд, ки ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ, рушди иқтисодӣ миллӣ, истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда, боло бурдани иқтидори содиротии кишвар ва ташкили ҷойҳои нави кор фишанги муассир аст [8].

Омилҳое ки рушди минтақаҳои озоди иқтисодиро дар ҷумҳурӣ халалдор месозад, дар чунин самтҳо зоҳир мегарданд:

- кам шудани интиқоли маблағе, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҷумҳурӣ ворид мегашт;
- паст рафтани сатҳи истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, содироти мол дар натиҷаи нарасидани барқ, махсусан дар корхонаҳои калони саноатӣ КВД «Талко», як қатор корхонаҳои саноатии вилояти Суғд;
- ба буҷети давлат кам ворид шудани маблағи андоз аз корхонаҳои аз кор боздошташуда;
- боло рафтани қурби доллар дар тавозуни доллару сомонӣ, ки боиси бекурбшавии асъори миллӣ ва шиддатёбии таваррум мегардад;
- эҳтимолияти суст шудани ҷалби сармояи хориҷӣ (инчунин, сармояи ватанӣ) ба иншоотҳои банақша гирифташудаи истеҳсолӣ ва инфрасохтор;
- иҷро нашудани тадбирҳои пешбинишуда вобаста ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ аз стратегияҳои дар ин бахш қабулшуда ва ғайра.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири пешгирии оқибатҳои тағйирёбии вазъияти бозор чораҳо андешида истодааст ва вобаста ба ин қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нақшаи тадбирҳои зиддибуҳронии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи кӯтоҳмуддат» чораҷӯии бамавриде мебошад, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд ва таъсири манфии буҳронро ба иқтисодиёти мамлакат суст мегардонад.

Ин нақша самтҳои зеринро дар бар мегирад:

- таъмини усгувори макроиқтисодӣ, ки тадбирҳои заруриро дар ҳамаи сиёсати пулию қарзӣ андозу буҷет пешбинӣ менамояд;
- таъмини устувори рушди бахши воқеии иқтисодиёт ва мусоидат ба бахши хусусӣ:
- фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби ҳарчи бештари сармоягузориҳо;
- дастгирии бозори меҳнат ва ба он ҷалб намудани муҳоҷирони меҳнатӣ;
- таъмини дастгирии иҷтимоии аҳолӣ дар шароити буҳрони молиявӣ ва инчунин, таъмини саривақтии иҷрои нақша;
- тадбирҳои зиддибуҳронии молиявии ҷаҳонӣ.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун ҷузъи фазои иқтисодии миллӣ барои соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ маҷмӯи имтиёзҳо ва ҳавасмандгардониҳоро (имтиёзҳои реҷаи гумрукӣ, андозгузорӣ, иҷора, раводид, реҷаи меҳнатӣ ва ғайра) пешниҳод намуда, имконият фароҳам меоранд, ки истеҳсоли моли баландсифати рақобатпазир барои бозорӣ ҷаҳонӣ ба роҳ, монда шуда, рушди самараноки иқтисодию иҷтимоии худи минтақа дар асоси муносибатҳои бозорӣ таъмин карда мешавад. Дар давраи муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори калони содироти масолеҳи саноати кимиёро соҳиб аст. Иқтидори энергияи барқии об ва ашёи минералӣ имконият медиҳад, ки истеҳсоли кислотаҳои намакро дар заводи минтақаи Ёвон ба роҳ монанд, ки содироти содаи каустикиро зиёд мегардонад. Бунёди заводи истеҳсоли намак метавонад тамоми Осиёи Марказиро таъмин намояд. Дар дурнамои наздик иқтидори содиротии саноати Тоҷикистон бо ҳамкории мамлакатҳои дигар дар соҳаи истеҳсоли қисмҳои электронии меҳнатталаб бо ашёи маҳаллӣ,

таҷҳизотсозӣ, маҳсулоти рӯзгор, маводҳои сохтмон, сангҳои қиматбаҳою мармарӣ, плитаҳои рӯйпудӣ ва ғайра имконияти зиёд дорад.

Тибқи афзалиятҳое, ки «Стратегияи миллии рушди ҷумҳурӣ барои давраи то соли 2030» муайян намудааст, дар сохтори имрӯзаи саноат бартарият ба гурӯҳи истеҳсолоти зерин бояд дода шавад:

- коркарди пахта, нахи пахта ва пилла;
- истеҳсолоти дӯзандагӣ;
- коркарди пуст, пашм, истеҳсоли пойафзол;
- коркарди маъдан, пеш аз ҳама, маъданҳои дорои металлҳои ранга то ҳадди ҳосил намудани металлҳои холис (сурб, сурма, руҳ, симоб, мис) ва металлҳои асил, сангҳои ороишии ранга, ки манбаи ғанигардонии захираи асъории ҷумҳурӣ мебошанд;
- истеҳсол ва коркарди алюминийи аввалия бо дурнамои тавлиди маҳсулоти тайёр (конструксияҳои сохтмонӣ, асбобҳои рӯзгор, маснуоти электротехникӣ, қисмҳои мухталиф барои таҷҳизоти технологӣ, воситаҳои нақлиёт);
- маҳсулоти тайёр аз тамоми намудҳои ашёи хоми кишоварзӣ;
- истеҳсоли нуриҳои маъданӣ, воситаҳои кимиёвии рӯзгор;
- истеҳсоли маводи бастабандии замонавӣ, зарфу ғунҷоишҳо аз фолгаи алюминий, пакетҳои синтетикӣ ва шишагӣ.

Муқарриз: н.и.и, дотсент Гулов Ш.М.

АДАБИЁТ

1. Басенко А. Свободные экономические зоны в мировой экономике / А. Басенко // Экон. науки. – 2002. -№4. -С.67-72.
2. Боброва В.В. Типология свободных экономических зон в мировой экономике / В.В. Боброва, Е.А. Мартынюк // Формирование рыночного хозяйства: теория и практика: сб. науч. ст. -Оренбург, 2012. -С.59-63.
3. Зиятдинов С.Н. Свободные экономические зоны: мировая практика / С.Н. Зиятдинов // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства: материалы II междунар. науч.-практ. конф. -Симферополь, 2016. -С.208-209.
4. Золотова Е.А. Роль и место свободных экономических зон (СЭЗ) в мировой и национальной практике / Е.А. Золотова, Э.С. Палян // Wschodnioeuropejskie Czasopismo Naukowe. – 2016. -Т.8. -№1. -С.68-71.
5. Йулдашев Н.А. Мировой опыт функционирования свободных экономических зон / Н.А. Йулдашев, А.В. Литвинцев // Информатизация и виртуализация экономической и социальной жизни: материалы II межвуз. студ. науч.-практ. конф. с междунар. Участием Иркутский национальный исслед. техн.ун-т. -Иркутск, 2017. -С.35-38.
6. Каримова М.Т. Роль свободных экономических зон в развитии промышленности в Таджикистане / М.Т. Каримова // Актуальные вопросы экономики и управления: материалы II Междунар. науч. конф. (г. Москва, октябрь 2013 г.). -М.: Буки-Веди, 2013.
7. Қарори Ҳукумати ҶТ 30 декабри соли 2008 №638 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-ми майи соли 2008 №227 «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷи поён» ва «Суғд»». Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2008.
8. Ҷумҳурият 4 марти соли 2019. №46 (23 649).
9. Миракян Д.Г. Развитие экономической интеграции: оценка возможности формирования зоны свободной торговли ЕАЭС-АСЕАН / Д.Г. Миракян // Проблемы теории и практики управления. – 2020. -№10. -С.36-46.
10. Ҳакимзода А. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Китоби дарсӣ / Ҳакимзода А., Қ. Рачабов. -Душанбе: Ирфон, 2010. -491 с.
11. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26.12.2018).
12. Саидмуродова М.А. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ: шакл, хусусиятҳо ва роҳҳои ташкили онҳо / М.А. Саидмуродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2019. -№10. –қисми 2. -С.36-42.
13. Саидмуродова М.А. Свободные экономические зоны как инструмент привлечения инвестиций (на примере СЭЗ Согд) / М.А. Саидмуродова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2017. -№2/8. -С.11-15.
14. Скудалова Т.В. Свободные экономические зоны. Учебное пособие / Т.В. Скудалова. - 2014. -156 с.
15. Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.03.2018, таҳти №159).
16. Шмонов Н.Н. История создания свободных экономических зон: мировой опыт и российская практика / Н.Н. Шмонов // В мире науч. открытий. – 2011. -Т.16. -№4. -С.154-160.

МАВҚЕИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТИ ВАТАНӢ

Дар мақолаи мазкур моҳият ва зарурати ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххас баён карда шудааст. Муаллифон диққати асосиро бо такя ба рақамҳои оморӣ ба минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд», «Панҷ», «Ишкошим» ва «Данғара» дода, нақши онҳоро дар истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда арзёбӣ намуда, ояндаи минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб»-ро ҳамчун яке аз марказҳои саноатии кишвар бо ташкили ҷойҳои нави корӣ барои аҳолии маҳаллӣ баҳогузорӣ кардаанд. Инчунин, дар мақола сабабҳои асосию илмии рушди соҳаи саноат дар ҷумҳурӣ, вобаста ба ҳадафи чоруми стратегии мамлакат, яъне саноатикунонии босуръат ва вазифагузориҳо дар «Стратегияи миллии рушди ҷумҳурӣ барои давраи то соли 2030» ба таври васеъ таҳлил карда шудааст. Дар мақола минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди миллӣ нишон дода шудааст, ки имконияти фароҳам овардани истеҳсоли молҳои баландсифати рақобатпазир барои бозорҳои минтақавию ҷаҳонӣ дар қаламрави онҳо ба роҳ монда шуда, рушди самараноки иқтисодию иҷтимоии на танҳо худи минтақа, балки иқтисоди миллӣ дар асоси муносибатҳои бозорӣ таъмин карда мешавад. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳақиқат, барои соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ маҷмӯи имтиёзҳо ва ҳавасмандгардониҳоро (имтиёзҳои реҷаи гумрукӣ, андозбандӣ, иҷора, раводид, реҷаи меҳнатӣ ва ғайра) пешниҳод менамояд, ки зина ба зина ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷиро ба ҳудуди онҳо зиёд намуда, истифодаашонро самаранок мегардонад. Дар маҷмӯъ, сол ба сол зиёд шудани миқдори минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар мамлакат сабаби истеҳсоли ҳаҷми зарурии маҳсулотҳои гуногуни ватанӣ гардида, боиси баланд шудани сатҳи даромадҳои пулии аҳолии кишвар, ба тариқи мусбӣ тағйир ёфтани қобилияти харидории сокинони мамлакат ва боз ҳам беҳтар гардидани вазъи молиявии давлат мешавад.

Калидвожаҳо: минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ба содирот нигаронидашуда, воридотивазкунанда, истеҳсоли маҳсулот, рушди соҳаи саноат, иқтисоди миллӣ, молҳои рақобатпазир, бозори ҷаҳонӣ, низоми андозбандӣ, муносибатҳои бозорӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ.

РОЛЬ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН В РАЗВИТИИ ОТЕЧЕСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА

В данной статье речь идет о характере и необходимости создания свободных экономических зон в Республике Таджикистан. Авторы, акцентируя внимание на статистических данных свободных экономических зон «Согд», «Пяндж», «Ишкашим» и «Дангара», определяют их роль в производстве экспортно-ориентированной и импортозамещающей продукции, оценивают будущее свободной экономической зоны «Куляб», как одного из промышленных центров страны, создающего новые рабочие места для местного населения. В статье также приводится подробный анализ основных научных причин развития промышленности в стране в связи с четвертой стратегической целью страны - ускоренной индустриализацией и задачами Национальной стратегии развития республики до 2030 года. В статье показано, что свободные экономические зоны являются неотъемлемой частью национальной экономики, что позволяет производить качественные конкурентоспособные товары для региональных и мировых рынков на данных территориях, а также обеспечивать эффективное экономическое и социальное развитие не только данного региона, но и всей национальной экономики на основе рыночных отношений. Свободные экономические зоны, по сути, предоставляют набор льгот и стимулов для отечественных и иностранных предпринимателей (льготных таможенных режимов, налоги, аренда, визы, иностранная рабочая сила, местная рабочая сила и т.д.), что постепенно увеличивает привлечение внутренних и иностранных инвестиций на эти территории и обеспечивает эффективное их использование. В целом, ежегодное увеличение количества свободных экономических зон в стране приводит к производству необходимого количества различной отечественной продукции, повышает уровень доходов населения, положительно меняет покупательную способность населения и еще улучшает финансовое положение государства.

Ключевые слова: свободные экономические зоны, экспортно-ориентированные, импортозамещающие, производство, промышленное развитие, национальная экономика, конкурентоспособные товары, мировой рынок, рыночные отношения, внутренние и иностранные инвестиции.

THE ROLE OF FREE ECONOMIC ZONES IN THE DEVELOPMENT OF DOMESTIC PRODUCTION

This article talks about the nature and necessity of creating free economic zones in the Republic of Tajikistan. The author, focusing on the statistical indicators of the free economic zones "Sughd", "Pyanj", "Ishkashim" and "Dangara", determines their role in the production of export-oriented and import-substituting products, assesses the future of the free economic zone "Kulyab" as one of the country's industrial centers, creating new jobs for the local population. The article also provides a detailed analysis of the main scientific reasons for the development of industry in the country in connection with the fourth strategic goal of the country - accelerated industrialization and the tasks of the National Development Strategy of the Republic until 2030. The article shows that free economic zones are an integral part of the national economy, which makes it possible to produce high-quality competitive goods for regional and world markets in these territories, as well as to ensure effective economic and social development of this region on the basis of market relations. Free economic zones, in fact, provide a set of benefits and incentives for domestic and foreign entrepreneurs (preferential customs regimes, taxes, rent, visas, foreign labor, local labor, etc.), which gradually increases the attraction of domestic and foreign investment for these territory and ensures their effective use. In general, the annual increase in the number of free economic zones in the country leads to the production of the required amount of various domestic products, increases the level of income of the population, positively changes the purchasing power of the population and further improves the financial situation of the state.

Keywords: free economic zones, export-oriented, import-substituting, production, industrial development, national economy, competitive goods, world market, market relations, domestic and foreign investment.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Саидмуродова Малика Абдувaҳобовна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-62-68-95**. E-mail: **malika-63-63@mail.ru**
Моҳираи Ҷурахон **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16Телефон: **987-14-46-00.** E-mail: **mohira @mail.ru**

Сведение об авторах: ***Саидмуродова Малика Абдувахобовна*** **–** Таджикский национальный университет, канд. экон. наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспепкт Рудаки, 17. Телефон: **918-62-68-95**. E-mail: **malika-63-63@mail.ru**
Мохира Джурахон - Кулябский государственный университет им. Абуабдулаха Рудаки, ассистент кафедры экономической теории. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. Телефон: **987-14-46-00**. E-mail: **mohira @ mail.ru**

Information about the authors: ***Saidmurodova Malika Abduvahobovna*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Telephone: **918-62-68-95.** E-mail: **malika-63-63@mail.ru**
Mohira Jurakhon - Kulob State University named after Abuabdulaha Rudaki, Assistant, Department of Economic Theory. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street 16. Phone: **987-14-46-00**. E-mail: **mohira@mail.ru**

УДК 657.6

АУДИТИ ҚАРЗДОРИҲОИ ДЕБИТОРИИ ТИҶОРАТӢ

Тоҳирова Р.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити ноустувории иқтисодиёт ва таъсири равандҳои буҳронӣ зуҳуроти пастшавии бемайлони қобилияти пардохтпазирии корхонаҳои тиҷоратӣ ба назар мерасад. Мусаллам аст, ки падидаи мазкур ба афзоиши вазни қиёсии қарздории дебиторӣ сабаб мегардад. Дар навбати худ, афзоиши қарздории дебитории харидорон ва фармоишгарон барои молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), ки қарздории дебитории тиҷоратӣ ном гирифтааст, бевосита ба вазъи молиявӣ ва ҷолибияти сармоягузории корхонаҳо таъсир мерасонад.

Воқеан, дар ҷумҳурии мо имрӯз ягон корхонаи тиҷоратӣ фаъолияти худро бе истифода аз қарзҳои дебиторӣ пеш бурда наметавонад. Ба шарофати ин воситаи молиявии муҳим афзоиши ҳаҷми фурӯши маҳсулот ва камшавии вақти ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани он таъмин карда мешавад. Истифодаи қарз барои корхонаи қарздор имконияти истифода бурдани воситаҳои гардони иловагии ройгон, барои корхонаи қарздиҳанда бошад, шароит барои густариши бозори фурӯшро муҳайё месозад.

Воситаҳои ташаккулдиҳандаи қарздории дебитории корхона аз гардиши хоҷагӣ берун карда мешаванд, ки ин албатта, ба вазъи молиявии корхона таъсир мусбӣ мерасонад. Аломати афзоиши қарздории дебитории тиҷоратии муҳлаташ гузашта дар таркиби дороиҳои гардони корхона аз ҷой доштани зуҳуроти буҳронӣ дар фаъолияти корхона гувоҳӣ дода, ба пастшавии нишондиҳандаҳои қобилияти пардохтпазирӣ ва бозоргирӣ боис мегардад. Беҳтар кардани нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи устуворii вазъи молиявии корхона тавассути идоракунии оқилонаи қарзҳои дебиторӣ, аз ҷумла бо истифода аз хизматрасоноиҳои касбии аудиторҳои дохилӣ ва берунӣ ба даст омада метавонад.

Вобаста ба ин, дар шароити ноустувории иқтисодиёт ва вазъи молиявии номуътадили корхонаҳои тиҷоратӣ, таҳқиқи масъалаҳои аудити қарздории дебитории тиҷоратӣ мубрамияти хоссаро касб менамояд. Зарурати гузаронидани санҷиши аудитории қарздориҳои дебитории харидорон ва фармоишгарон дар шароити буҳронӣ мубрамияти мавзӯи таҳқиқшавандаро асоснок мекунад. Бинобар ин, таҳқиқи вазъи муосири аудити қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ ва дар ин асос таҳия намудани пешниҳодҳо оид ба мукаммалгардонии ин самти муҳимми аудит ба мақсад мувофиқ аст.

Тавре омӯзиши адабиёти илмии соҳа нишон дод, масъалаи аудити қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтааст. Метавон якчанд муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла метавон Н.М. Гусева [3], В.Б. Малитская [10], В.В. Остапова [14], О.В. Сидюк [15] ва дигаронро номбар кард, ки мақолаҳо ва дигар асарҳои илмии онҳо бевосита ба омӯзиши масъалаи мазкур бахшида шудаанд. Масъалаҳои алоҳидаи аудит аз ҷониби М.В. Калемуллоев ва С.Ф. Низомов [12], Б.Ҳ. Каримов [6], Қ.Х. Хушвахтзода [1; 21] ва Р.С. Тоҳирова [18] мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Вале дар адабиёти ватанӣ интишороти бевосита ба омӯзиши масъалаҳои аудити қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ бахшидашуда ба назар намерасанд.

Ба хотири равшанӣ андохтан ба паҳлуҳои муҳимми аудити қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ, пеш аз ҳама, мафҳумҳои “қарздории дебиторӣ” ва “қарздории дебитории тиҷоратӣ”-ро шарҳ додан ба мақсад мувофиқ аст.

Қарздории дебитории корхона маблағи қарзҳои дигар корхонаҳо ва шахсон аз корхонаи мазкур мебошад. Корхонаҳо ва шахсоне, ки аз корхонаи мазкур қарздоранд, дебиторҳо ном доранд, маблағҳои пулии аз ҳисоби ин қарзҳо ба корхона воридшаванда – қарздории дебиторӣ номида мешаванд. Қарздории дебиторие, ки дар натиҷаи фурӯши насияи дороиҳои корхона (молҳо, маҳсулоти тайёр) ва хизматрасониҳо ба миён омадааст, қарздории дебитории тиҷоратӣ ном дорад. Қарздории дебитории тиҷоратӣ ба ибораи дигар ҳисобҳо барои қабул номида мешавад [5,с.27].

М.Л. Пятов қарздории дебитириро ин тавр маънидод мекунад: “Қарздории дебиторӣ уҳдадориҳои дар назди корхона доштаи шахсони сеюм – харидорон, кормандон, қарзгирандагон, буҷет мебошад, ки дар ҳисобҳои ҳисоббаробаркуниҳо инъикос гардидаанд” [17,с.124].

Аз диди В.Б. Ивашкевич ва И.М. Семенова, қарздории дебиторӣ маблағи қарзҳое мебошад, ки дар натиҷаи муносибатҳои хоҷагидории байни корхона ва шахсони ҳуқуқӣ ё воқеӣ аз гардиши хоҷагӣ берун карда шуда, онҳоро дигар корхонаҳо ё шахсони воқеӣ истифода мебаранд [4,с.7].

Муҳаққиқ А. Виручаева мафҳуми қарздории дебитириро чунин шарҳ додааст: “Қарздории дебиторӣ – воситаҳои пулие мебошанд, ки ба корхона аз ҷониби корхонаи дигар, ки ба вай молҳо таҳвил шуда буданд, барои вай корҳо ё хизматрасониҳо иҷро шуда буданд, пардохт карда нашудаанд” [2].

Тағйирёбии қарздории дебиторӣ дар вақт, инчунин сохтор, сифат, таркиб, шиддатнокии зиёдшавӣ ё камшавии он ба бозоргирии сармоя ва дороиҳои ҷории корхона таъсир расонида, бо ҳамин васила вазъи молиявии умумии корхонаро дигар мекунанд [13,с.40].

Қарздории дебитории тиҷоратиро метавон ба ду намуд ҷудо кард: стандартӣ ё худ маъмулӣ ва муҳлаташ гузашта.

Қарздории дебитории маъмулӣ дар ҳолате ба миён меояд, ки молҳо ё хизматрасониҳо ба истеъмолкунанда (харидор) расонида шудаанд, вале арзиши онҳоро харидор ҳоло пурра пардохт накардааст, ё ин ки танҳо ҳиссаи он ба таври пешпардохт ба ҳисоби таҳвилкунанда гузаронида шудааст. Дар ин маврид муҳлати ниҳоии пардохт ҳоло нарасидааст, вале ҳуқуқи моликият ба харидор гузаштааст. Агар молҳо ё хизматрасониҳо ба харидор расонида шуда бошанд, вале харидор (қарздор) арзиши онҳоро дар муҳлати ниҳоии муқарраршуда ба ҳисоби таҳвилкунанда нагузаронида бошад, пас ин гуна қарздорӣ қарздории муҳлаташ гузашта ҳисобида мешавад. Қарздории дебитории муҳлаташ гузашта, дар навбати худ, ба намудҳои шубҳанок ва беэътимод ҷудо карда мешавад.

Қарздории дебитории шубҳанок қарздорие мебошад, ки маблағи он дар муҳлати муқаррарӣ пардохт карда нашудааст ва бо гарав ҳам таъмин нест. Қарздории дебитории беэътимод – қарздориест, ки баргардонида нашудааст ва муҳлати даъво нисбат ба он сипарӣ шудааст. Мавриди зикр аст, ки моддаи 221 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳлати даъворо се сол муқаррар кардааст [9].

Дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми қарзи шубҳанок ва қарзи беэътимод чун мафҳумҳои ҳаммаъно баррасӣ шудаанд. Ҳамин тавр, дар моддаи 17, қисми 32 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин оварда шудааст: “Қарзи беэътимод (шубҳанок) - маблағест, ки бояд ба андозсупоранда пардохт шавад, вале бо сабаби ғайри қобили пардохт будан ё барҳам дода шудани қарздор, андозсупоранда онро пурра гирифта наметавонад ё имконияти гирифтани он аз шахси қарздор ё шахси сеюм аз эҳтимол дур аст. Дар ҳар ҳолат қарзи беэътимод (шубҳанок) қарзе мебошад, ки ба суратҳисоби пардохти он дар давоми се сол аз лаҳзае, ки чунин пардохт бояд анҷом дода мешуд, ягон пардохт сурат нагирифтааст” [8].

Мувофиқи муқаррароти банди 72 Низомнома оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун қарзи шубҳанок қарздории дебиторие эътироф карда мешавад, ки дар давоми муҳлати даъво ё дар дигар муҳлатҳои бо шартнома муқарраршуда баргардонида нашудааст, ё бо кафолати дахлдор таъмин нест [16]. Вале дар ин ва дар дигар санадҳои меъёрии амалкунанда мафҳуми алоҳидаи қарзи беэътимод шарҳ дода нашудааст. Вобаста ба ин ҳолат, аудитор ҳангоми санҷиши қарздории дебитории тиҷоратӣ, вазъи онҳоро дар таркиби дороиҳои гардони корхонаи аудитшаванда бояд арзёбӣ намояд.

Маълумотҳои саҳеҳ ва муфассал оид ба вазъи қарздории дебиторӣ барои истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ниҳоят муҳим аст, чунки онҳо дар ҳисоббаробаркуниҳои як қатор нишондиҳандаҳои нисбии арзёбикунандаи вазъи молиявии корхона ба кор бурда мешаванд. Азбаски маҳсулоти тайёри корхона дар асоси

қарзи молӣ (таъхири пардохт) таҳвил карда мешавад, пайдошавии қарздории дебиторӣ бо даромад (маблағи фурӯш) алоқаманд буда, сатҳи воқеии он ба қобилияти пардохтпазирии корхона таъсир мерасонад. Бинобар ин, дар раванди гузаронидани аудит ба нишондиҳандаҳои қарздории дебиторӣ диққати махсус дода мешавад.

Ҳадафи асосии аудити қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ пешниҳоди маълумот оид ба саҳеҳии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ дар ҳисоботи молиявӣ, муқаррар намудани мувофиқати пешбурди баҳисобгирии муҳосибии қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ бо талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [20,с.383].

Дар раванди гузаронидани аудити қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ чунин вазифаҳо иҷро карда мешаванд:

- санҷиши дурустии таҳияи ҳуҷҷатҳои аввалия оид ба фурӯши маҳсулот, анҷомдиҳии корҳо ва хизматрасониҳо бо мақсади тасдиқ намудани асоснокии ба вуҷуд омадани қарздории дебитории тиҷоратӣ;

- тасдиқ кардани сари вақт ва дар муҳлати муайяншуда баргардонидани қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ ва дурустии инъикоскунии онҳо дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ;

- баҳодиҳии дурустии нигориш ва дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикоскунии даъвоҳои ба дебиторон пешниҳодшуда.

Барои гузаронидани санҷиши қарздории дебиторӣ аудитор бояд кори худро банақшагирӣ кунад, ба ин хотир вай стратегияи умумӣ ва самтҳои санҷиш, соҳаҳои назорати амиқ ва пешниҳоди дархости аудитириро таҳия менамояд. Дар ин маврид аудитор вобаста ба гузаронидани санҷиши аудитории қарздориҳои дебиторӣ бояд чунин ҷиҳатҳоро муайян кунад:

- ташкили назорати дохилии қарздориҳои дебиторӣ;

- номгӯйи ҳуҷҷатҳои муҳосибии санҷидашаванда оид ба қарздории дебиторӣ, тартиби пур кардани онҳо;

- вазъи баҳисобгирии таҳлилии қарздориҳои дебиторӣ ва ғайраҳо.

Вобаста ба ин раванди санҷиши аудитории қарздориҳои дебитириро метавон ба чунин марҳилаҳо ҷудо кард: тартиб додани нақша ва барномаи аудити қарздории дебиторӣ; омӯзиш ва арзёбии низоми назорати дохилӣ ва баҳисобгирии муҳосибии қарздории дебиторӣ; муайян кардани амалҳои аудиторӣ ва далелҳои аудиторӣ; муқаррар намудани сатҳи муҳиммият ва хавфи аудиторӣ; пешниҳоди дархости аудиторӣ.

Илова бар ин, аудитор нақшаи умумӣ ва барномаи аудитро тартиб дода, дар доираи онҳо нақша ва барномаи санҷиши аудитории қарздориҳои дебитириро таҳия менамояд.

Ҳангоми банақшагирии санҷиши аудитории қарздориҳои дебиторӣ омилҳое, ки метавонанд боиси таҳрифи моддаҳои дахлдори ҳисоботи молиявӣ шаванд, бояд ба инобат гирифта шаванд. Дар асоси таҳлили он ки, аудитор кадом қимати сатҳи муҳиммиятро барои санҷиш қабул мекунад ва хусусиятҳои гардишҳо ва бақияҳои ҳисобҳои ҳисоббаробаркуниҳо чӣ гуна мебошанд, аудитор бояд қарор диҳад, ки кадом моддаҳои ҳисоботро вай бояд бодиққат омӯзад ва дар кадом ҳолатҳо дархости аудиторӣ ё амалҳои таҳлилиро ба кор барад, то ки хавфи аудитории умумиро то сатҳи пасти мақбул кам кунад.

Барои арзёбӣ намудани низоми назорати дохилӣ ва баҳисобгирии муҳосибии қарздориҳои дебиторӣ аудитор саволнома таҳия намуда, дар асоси маълумоти аз натиҷаи пурсиши кормандони дахлдори корхона гирифташуда ҷадвалҳои санҷишӣ (тестӣ)-ро пур мекунад. Аз натиҷаи санҷиши саволномавӣ (тестӣ)-и гузаронидашуда аудитор муқаррар менамояд, ки назорати дохилии қарздориҳои дебиторӣ дар корхона дар кадом сатҳ ба роҳ монда шудааст ва баҳисобгирии муҳосибии онҳо бо қонунгузории амалкунанда мувофиқат мекунад ё не.

Саволнома метавонад аз ҷумла чунин саволҳоро дар бар гирад [10,с.120]:

- оё барӯйхатгирии ҳисобҳо барои қабул ва таҳқиқи муҳлатҳои пайдошавии қарздориҳо гузаронида мешаванд;

- оё сабабҳои пардохт нашудани ҳисобҳо барои қабул ошкор ва таҳлил карда мешаванд;

- оё дурустии дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос кардани фоизҳо барои истифодабарии қарздориҳои дебиторӣ санҷида мешавад;

- оё баҳисобгирии таҳлилии ҳар як қарздорӣ (ҳисобҳо барои қабул) ё ҳар як дебитор бурда мешавад;

- оё фоизҳо аз маблағи асосии қарз дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос карда мешаванд.

Тавассути корбурди саволнома ва иҷро кардани амалҳои санҷишии зарурӣ аудитор маълумотҳои заруриро ба даст меорад, ки хулосаи санҷиши аудитории ӯ ҷиҳати дурустии дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос шудани гардишҳо ва бақияҳои ҳисобҳои баҳисобгирии қарздориҳои дебиторӣ ба онҳо асос меёбад.

Аудитор пас аз арзёбӣ намудани низоми назорати дохилӣ ва баҳисобгирии муҳосибии қарздориҳои дебиторӣ мавҷудият ва дурустии нигоштани шартномаҳои басташуда оид ба таҳвили маҳсулот (анҷомдиҳии корҳо, хизматрасониҳо)-ро муайян мекунад. Дар ин маврид аудитор риоя шудани талаботи моддаҳои 178-206 (оид ба бастани аҳдҳо) ва 541-568 (оид ба бастани шартномаҳо) Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар мекунад.

Мувофиқи муқаррароти моддаи 186 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳдҳо байни шахсони ҳуқуқӣ, инчунин байни шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ бояд дар шакли одии хаттӣ баста шаванд. Риоя накардани шакли одии аҳди хаттӣ ҷонибҳоро аз ҳуқуқи дар мавриди баҳс ҷиҳати тасдиқи аҳд ва шартҳои он аз истинод ба баёноти шоҳидон маҳрум месозад, вале онҳоро аз ҳуқуқи овардани далелҳои хаттӣ ва далелҳои дигар маҳрум намесозад.

Аудитор бояд муҳтавои ҳар як шартномаро аз диди мазмуни шартнома, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои байниҳамдигарии ҷонибҳо, шароит ва тартиби ҳисоббаробаркуниҳо, пайомадҳои иҷро нашудани шартнома, тартиби баррасии баҳсҳо, муҳлатҳои амал ва дигар вазъиятҳо таҳқиқ кунад.

Муҳтавои аҳд бояд ба талаботи дигар асноду муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мувофиқат намояд.

Тибқи муқаррароти моддаи 49 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои тиҷоратӣ (ба истиснои корхонаҳои воҳиди давлатӣ) барои анҷом додани ҳамаи намудҳои фаъолияти раводидаи қонунгузорӣ ҳуқуқ доранд. Барои анҷом додани баъзе намудҳои фаъолият доштани иҷозатномаи махсус (литсензия) талаб карда мешавад. Аз ин хотир аудитор бояд шартномаҳои басташударо ҷиҳати мутобиқаташон бо талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатномадиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мавриди санҷиш қарор диҳад. Мақомоти иҷозатномадиҳанда талаботи муқаррарнамудаи иҷозатномаро назорат менамоянд.

Ба хотири пешгирӣ намудани хавфи пайдо шудани баҳсҳо бо мақомоти иҷозатномадиҳанда аудитор бояд ҳамаи аҳдҳо ва шартномаҳои доир ба таҳвил басташудаи корхонаро ҷиҳати мувофиқати онҳо бо талаботи иҷозатнома мавриди санҷиш қарор диҳад. Дар рафти санҷиш аудитор сиёсати баҳисобгирии корхонаро таҳқиқ менамояд. Таҳияи дурустии сиёсати баҳисобгирӣ вобаста ба қарздории дебиторӣ ҷиҳати арзёбӣ, ташкили низоми муносиби гардиши ҳуҷҷатҳо, гузаронидани барӯйхатгирии ҳисобҳо барои қабул, корбурди ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, тартиби гузаронидани қарздории дебитории дарозмуҳлат ба кӯтоҳмуҳлат ва монанди ин, ба роҳандозӣ намудани назорат ва идоракунии босамараи қарздориҳои дебиторӣ мусоидат менамоянд. Унсури муҳимми сиёсати баҳисобгирӣ ташаккули муносибат ба баҳисобгирии қарздории дебиторӣ ва инъикоси он дар ҳисоботи молиявӣ мебошад. Дар ин маврид бояд дар назар дошт, ки сиёсати баҳисобгирии ҷиҳати қарздории дебиторӣ таҳиянамудаи корхона ба бузургии нишондиҳандаҳои вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона таъсир мерасонад.

Сипас, аудитор дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалияи ҳисобикунӣ-пардохтӣ, санадҳои барӯйхатгирии қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ (ҳисобикуниҳо бо харидорон ва фармоишгарон) ва феҳристҳои баҳисобгирии бо ҳисобҳои гурӯҳи 10400 “Қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ” алоқаманд, саҳеҳӣ, ҳаққонияти ва воқеияти қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ, тартиби пешбурди феҳристҳои баҳисобгирии таркибӣ, саҳеҳӣ ва шабоҳати баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилии ҳисобҳо барои қабул ва дурустии дар баҳисобгирӣ инъикос кардани онҳоро месанҷад. Қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибии қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ дар стандартҳои миллӣ (низомномаҳо) ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ [11] муқаррар гардидаанд.

Аудитор одатан ҳамаи амалиёти хоҷагидории бо пайдошавӣ ва ҳаракати қарздории дебиторӣ алоқамандро аз санҷиш намегузаронад, чунки хулосаҳо ҷиҳати дурустии инъикос кардани бақияи маблағҳои амалиёти якхела дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ метавонанд ба муҳокимаронихо ва амалҳои бо роҳи интихобӣ гузаронидашуда асос ёбанд.

Тасдиқ намудани қарздорӣ, инчунин ғалат будани сабтҳо дар ҳисобҳое, ки дар онҳо қарздориҳои дебиторӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, бо роҳи муқоиса намудани маълумотҳо дар ҳисобҳои таҳлилии дебиторҳо ба таври осон ошкор карда мешавад. Бо ёрии ин гуна муқоисакуниҳо ихтилофҳои дар натиҷаи якҷониба инъикос кардани амалиёт дар корхона бамиёномада ошкор карда мешаванд. Ба ин хотир тавассути равон кардани дархост барои тасдиқи ҳисобикуниҳо бо дебиторҳо робитаи мустақим барқарор карда мешавад.

Дар баробари ин, дурустии пешбурди баҳисобгирии таҳлилии қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ санҷида шуда, вазъи баҳисобгирии таҳлилӣ оид ба ҳар як дебитор арзёбӣ карда мешавад. Инчунин, далелҳои мавҷуд будани қарздориҳои дебитории муҳлаташон гузашта таҳқиқ карда мешаванд, сабабҳои пайдошавӣ ва сохтори қарзҳои саривақт пардохтнашуда ба омӯзиши амиқ фаро гирифта мешаванд.

Вобаста ба санҷиши дурустии пешбурди баҳисобгирии таҳлилии қарздориҳои дебиторӣ яке аз амалҳои аудитории муҳим тасдиқ намудани бақияи ҳисобҳои таҳлилии барои дебиторҳои алоҳида кушодашуда бо роҳи ба онҳо равон кардани дархост барои пешниҳод кардани тасдиқномаҳои берунии матлуб ва номатлуб мебошад. Аудитор ба суроғаи дебиторҳо дархост равон мекунад ва агар аз ҷониби онҳо посух нагирад, пас вай ба хотири муайян намудани далели пӯшонида шудани қарздории дебитории мазкур ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи таҳвили молҳо ва ҳуҷҷатҳо оид ба минбаъд гирифтани воситаҳои пулии дахлдорро месанҷад. Агар аудитор дар бораи ба дебиторҳо равон накардани дархост қарор қабул кунад, бояд ин қарори худро дар ҳуҷҷатҳои корӣ худ асоснок намояд.

Корхонаҳо дар асоси нишондоди банди 72 Низомнома оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд аз ҳисоби фоидаи то андозбандӣ барои қарзҳои шубҳанок захира бунёд намоянд. Маблағҳои мазкур барои пӯшонидани зарарҳои имконпазир вобаста ба қарзҳои шубҳанок бамиёномада истифода мешаванд.

Захира дар асоси барӯйхатгирии гузаронидашудаи қарздории дебиторӣ бунёд карда мешавад. Бузургии захира алоҳида барои ҳар як қарзи шубҳанок вобаста аз вазъи молиявии (қобилияти пардохтпазирии) қарздор ва арзёбии эҳтимоли пурра ё қисман баргардонидани қарз муайян карда мешавад. Агар то охири соли ҳисоботии пас аз соли бунёдшавии захира, ин захира пурра ё қисман истифода нашуда монад, пас ҳангоми тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ маблағҳои истифоданашуда ба ҳисоби натиҷаҳои молиявии корхона гузаронида мешаванд.

Аудитор тавсия медиҳад, ки оғоз аз семоҳаи IV ҳар як соли ҳисоботӣ то анҷоми давраи тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ, бевосита пеш аз ба имзо расонидани он дар корхона барӯйхатгирии ҳисобҳо барои қабул (қарздориҳои дебиторӣ) гузаронида шавад.

Ба ин хотир, ба ҳамаи дебиторҳо дархост якҷоя бо санадҳои мувофиқати ҳисоббаробаркуниҳо бо онҳо равон карда мешавад. Дар ин мавриd аз болои он ки санадҳои мазкур бо имзоҳои тасдиқкунандаи ҷониби дебитор ба сифати тасдиқи ҳисоббаробаркуниҳо ба корхона бозпас гардонида шаванд, назорат бояд кард. Агар ҷониби дебитор бо ягон сабабе ба дархост ҷавоб нагардонад, ба вай бояд дубора хотиррасон кард, занг зад ва ҳангоми зарурат бо вай вохӯрӣ гузаронидан ва вазъи корҳоро муҳокима кардан лозим аст.

Аз натиҷаи барӯйхатгирии қарздориҳои дебиторӣ андозаи қарздорие ҳисоб карда мешавад, ки ба ақидаи мутахассисони корхона пӯшонида намешавад ва барои ин бунёд намудани фонди захиравӣ зарур аст. Бояд гуфт, ки маблағи он аниқ буда наметавонад, вале донистани маблағи захира барои аудитор зарур аст, то вай муайян кунад, ки маблағи қарзи пӯшониданашаванда бо тамоми маълумоти дар ин давра мавҷудбуда асоснок карда шудааст ё не.

Ҳангоми санҷиши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ мавҷудияти ҳамаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда муайян карда шуда, дар мавриди зарурӣ санҷиши ҳуҷҷатҳо дар бонк ё корхонаи харидор (фармоишгар) анҷом дода мешавад. Ба дурустии дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз инъикос кардани амалиёт бо васиқаҳо диққати махсус дода мешавад. Аудитор бо роҳи муайян кардан ва гузаронидани санҷиши арифметикӣ дурустии нархгузории маҳсулоти фурӯхташуда ва истифодабарии нархҳоро муқаррар намуда, мавҷуд будан ё набудани ҳолатҳои ба харидорон бо нархҳои аз арзиши аслӣ пасттар фурӯхтани маҳсулот (молҳо)-ро ҳангоми аҳдҳои ивазкунӣ (бартер), ҳисоббаробаркуниҳои байниҳамдигарӣ ва истифодабарии васиқаҳо муайян менамояд. Сипас, дурустии сабти ҳисобҳо ҳангоми амалиёти додугирифт бо харидорон ва фармоишгарон санҷида шуда, мувофиқати маълумоти баҳисобгирии таҳлилӣ ва таркибӣ муқаррар карда мешавад. Маълумотҳои бадастоварда дар ҳуҷҷатҳои кории аудитор қайд карда мешаванд.

Хатогиҳои нисбатан маъмули дар раванди аудити қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ ошкоршаванда инҳо мебошанд:

- мавҷуд набудани шартномаҳои таҳвили маҳсулот (анҷомдиҳии корҳо, хизматрасониҳо);
- вайронкунии қоидаҳои тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ ҷиҳати бунёдшавии нишондиҳандаҳо оид ба андозаҳои қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ;
- вайронкунии қоидаҳои нигоштани ҳуҷҷатҳои аввалияи тасдиқкунандаи бунёдшавии нишондиҳандаҳои қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ;
- набурдани баҳисобгирии таҳлилии қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ ё ташкили номуносиби он;
- нагузаронидани барӯйхатгирии қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ.

Дар марҳилаи хотимавии санҷиши аудиторӣ, вақте ки сабабҳои хатогиҳо, таҳрифҳо ва ихтилофҳои дар раванди санҷиш ошкоргардида дарёфт карда мешаванд, аудитор бояд дубора низоми назорати дохилии корхонаро арзёбӣ кунад. Агар дар рафти аудит вай миқдори назарраси хатогиҳоеро ошкор карда бошад, ки бо сатҳи хавфи пештар арзёбишудаи низоми назорати дохилӣ мувофиқат надошта бошанд, аудитор бояд баҳои додаи худро бозбинӣ кунад ва таъсири онро ба тамоми раванди аудит ба инобат гирад.

Дар ҷамъбасти санҷиши аудитории қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ аудитор хулосаи худро оид ба санҷиши аудитории гузаронидашуда таҳия менамояд, ҳуҷҷатҳои кории худро мураттаб сохта, бахши ҳисоботи худро, ки ба ҳамин самти санҷиш тааллуқ дорад, ҳамроҳ бо ҳуҷҷатҳои корӣ ба роҳбарияти корхонаи санҷидашаванда пешниҳод менамояд.

Муқарриз: н.и.и, дотсент Рачабов Т.Б.

АДАБИЁТ

1. Барфиев К.Х. Особенности проведения аудиторской проверки в агропромышленном комплексе [Текст] / К.Х. Барфиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. –Душанбе, 2014. -№2/7(147). -С.156-161.

2. Выручаева А. Учет дебиторской задолженности по МСФО / А. Выручаева // Актуальная бухгалтерия. - 2013. - №3. [Электронный ресурс]. URL:http://www.aktbuh.ru/article/6122/
3. Гусева Н.М. Внутренний контроль и аудит дебиторской задолженности учреждений [Текст] / Н.М. Гусева // Бюджетный учет. – 2020. -№5(185). -С.23-29.
4. Ивашкевич В.Б. Учет и анализ дебиторской и кредиторской задолженности [Текст] / В.Б. Ивашкевич, И.М. Семенова. -М.: Бухгалтерский учет, 2003. -192 с.
5. Каримов Б.Х. Современное состояние бухгалтерского учета в Республике Таджикистан. Монография [Текст] / Б.Х. Каримов, Каримиён М.Б. -Душанбе: ИПС, 2018. -350 с.
6. Каримов Б.Ҳ. Баландбардории сифат ва самаранокии хизматрасониҳои аудиторӣ: истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, З.Т. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№3. –қисми 2. -С.47-54.
7. Каримов Б.Ҳ. Рушди назорати дохилӣ чун воситаҳои баландбардории самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои аудиторӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, З.Т. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. -№3(32). -С. 71-76.
8. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2012. -№9. [Манбаи электронӣ] / URL: http://base.mmk.tj/view
9. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисмҳои 1 ва 2. [Манбаи электронӣ]. URL: http://base.mmk.tj/view
10. Малицкая В.Б. К вопросу об аудите дебиторской задолженности [Текст] / В.Б. Малицкая // Вестник ТГУ. – 2008. -№1(57). -С.118-124.
11. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, №41. [Манбаи электронӣ]. URL:http://http://minfin.tj
12. Низомов С.Ф. Зарурияти истифодабарии амалиётҳои таҳлилӣ дар ҷараёни аудити ҳисоботи молиявӣ [Матн] / С.Ф. Низомов, М.В. Калемуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. -№4. –қисми 1. -С.25-33.
13. Николаева Е.А. Учет дебиторской задолженности: российские и международные стандарты [Текст] / Е.А. Николаева // Молодой ученый. - 2014. -№21/2. -С.40-43.
14. Остапова В.В. Аудит расчетов с покупателями и заказчиками: методический и практический аспект / В.В. Остапова, А.В. Яцюк // Вестник Сибирского университета потребительской кооперации. – 2014. -№3. -С.51-59.
15. Сидюк О.В. Аудит дебиторской задолженности в цикле продаж [Текст] / О.В. Сидюк / Донецкие чтения 2018: Образование, наука, инновации, культура и вызовы современности. Материалы III Международной конференции (25 октября 2018 года). -Донецк: Донецкий национальный университет, 2018. -С.121-124.
16. Положение по ведению бухгалтерского учета и бухгалтерской отчетности в Республике Таджикистан. Приказ министерства финансов Республики Таджикистан от 8 февраля 2003 года, №9. [Электронный ресурс]. URL:http://minfin.tj
17. Пятов М.Л. Управление обязательствами организации / М.Л. Пятов. -М.: Финансы и статистика, 2004. -256 с.
18. Тоҳирова Р.С. Ҳамкории аудитор бо дигар шахсон барои гирифтани шаҳодатҳои аудиторӣ [Матн] / Р.С. Тоҳирова, Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. -№4(33). -С.56-61.
19. Тоҳирова Р.С. Аудити ҳуҷҷатҳои муассисӣ [Матн] / Р.С. Тоҳирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№8. -С.193-199.
20. Тоҳирова Р.С. Аудит. Китоби дарсӣ [Матн] / Р.С. Тоҳирова. -Душанбе: Ирфон, 2018. -582 с.
21. Хушвахтзода Қ.Х. Заминаҳои бунёдгардӣ ва рушди назорати дохилӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ [Матн] / Хушвахтзода Қ.Х., Д.Ҷ. Ҳукматов, Н.Ҷ. Ҳасанова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№2. -С.5-11.

АУДИТИ ҚАРЗДОРИҲОИ ДЕБИТОРИИ ТИҶОРАТӢ

Дар шароити муосири бухронӣ маълумоти саҳеҳ оид ба вазъи қарздории дебиторӣ барои истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ниҳоят муҳим мебошад, чунки он ҳангоми ҳисобкунии нишондиҳандаҳои вазъи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ истифода бурда мешавад. Азбаски дар аксари ҳолатҳо таҳвили молҳо, маҳсулот ва хизматрасониҳо дар шароити таъхири пардохт анҷомдода мешавад, қарздории дебитории тиҷоратӣ бо гирифтани маблағи фурӯш алоқаманд мебошад ва сатҳи он ба қобилияти пардохтпазирии субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ таъсир мерасонад. Дар мақола масъалаҳои мубрами гузаронидани аудити қарздории дебитории тиҷоратӣ баррасӣ шудаанд. Зарурати воқеъбинона гузаронидани санҷиши аудитории қарздориҳои дебитории харидорон ва фармоишгарон дар шароити бухронӣ, мубрамияти мавзӯи таҳқиқшавандаро асоснок менамояд. Таҳлили адабиёти хориҷӣ ва ватанӣ, ки ба масъалаи таҳқиқшаванда бахшида шудаанд, гузаронида шудааст. Мафҳумҳои асосии дар доираи таҳқиқот баррасишаванда бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки масъалаҳои баҳисобгирии қарздории дебитории тиҷоратӣ, аз ҷумла қарздории шубҳанок ва беэътимодро танзим мекунанд, омӯхта шудаанд. Ҳадафҳо ва вазифаҳои аудити қарздории дебитории тиҷоратӣ муайян карда шудаанд, марҳилаҳо ва амалҳои асосии гузаронидани санҷиши аудитории қарздории дебитории тиҷоратӣ таҳқиқ шудаанд. Тартиби гузаронидани марҳилаҳои асосии санҷиши аудитории қарздории дебтории тиҷоратӣ нишон дода шудааст. Диққати хосса

ба масъалаҳои баҳисобгирӣ ва аудити қарздории дебиторӣ тиҷоратии шубҳанок ва беэътимод, инчунин ба бунёдкунӣ ва истифодабарии захира барои қарзҳои дебиторӣ тиҷоратии шубҳанок равона карда шудааст.

Калидвожаҳо: қарздории дебиторӣ тиҷоратӣ, ҳисобҳо барои қабул, қарздории дебиторӣ муътадил, қарздории дебиторӣ муҳлаташ гузашта, қарздории дебиторӣ шубҳанок, қарздории дебиторӣ беэътимод, аудити қарздории дебиторӣ тиҷоратӣ, захира барои қарзҳои шубҳанок.

АУДИТ ТОРГОВОЙ ДЕБИТОРСКОЙ ЗАДОЛЖЕННОСТИ

В современных кризисных условиях достоверная информация о состоянии дебиторской задолженности является чрезвычайно важной для пользователей финансовой отчетности, поскольку она используется при расчете многих показателей оценки финансового состояния хозяйствующих субъектов. Так как в большинстве случаев поставка товаров, продукции и услуг осуществляется в условиях отсрочки платежа, возникновение торговой дебиторской задолженности связано с выручкой от реализации, а сложившийся ее уровень влияет на платежеспособность субъекта хозяйственной деятельности. Этим объясняется повышенное внимание, уделяемое аудиторами показателю торговой дебиторской задолженности. В статье рассматриваются актуальные вопросы проведения аудита торговой дебиторской задолженности. Объективная необходимость проведения аудиторской проверки дебиторской задолженности покупателей и заказчиков в кризисных условиях обосновывает актуальность исследуемой темы. Проведен анализ зарубежных и отечественных литературных источников, посвященных исследуемой проблеме. Представлены определения основных понятий, рассматриваемых в рамках исследования в упор на литературные источники. Изучены основные моменты в законодательстве и нормативных правовых акт Республики Таджикистан, регулирующие вопросы учета торговой дебиторской задолженности, в том числе сомнительной и безнадежной задолженности. Определены цели и задачи аудита торговой дебиторской задолженности, исследованы основные этапы и процедуры проведения аудиторской проверки торговой дебиторской задолженности. Описан порядок проведения основных этапов аудиторской проверки торговой дебиторской задолженности. Особое внимание уделено вопросам учета и аудита сомнительной и безнадежной торговой дебиторской задолженности, а также формирования и использования резерва по сомнительной торговой дебиторской задолженности.

Ключевые слова: торговая дебиторская задолженность, счета к получению, нормальная дебиторская задолженность, просроченная дебиторская задолженность, сомнительная дебиторская задолженность, безнадежная дебиторская задолженность, аудит торговой дебиторской задолженности, резерв по сомнительным долгам.

AUDIT OF COMMERCIAL RECEIVABLES

In modern crisis conditions, reliable information about the status of accounts receivable is extremely important for users of financial statements, since it is used in calculating many indicators for assessing the financial condition of business entities. Since in most cases the delivery of goods, products and services is carried out in terms of deferred payment, the emergence of trade receivables is associated with sales proceeds, and its current level affects the solvency of a business entity. This explains the increased focus on trade receivables by auditors. The article discusses topical issues of conducting an audit of trade receivables. The objective necessity of conducting an audit of the receivables of buyers and customers in a crisis situation justifies the relevance of the topic under study. The analysis of foreign and domestic literary sources devoted to the problem under study is carried out. The definitions of the main concepts considered in the study with emphasis on literary sources are presented. The main points in the legislation and regulatory legal acts of the Republic of Tajikistan, regulating the accounting of trade receivables, including doubtful and bad debts, have been studied. The purpose and objectives of the audit of trade receivables are determined, the main stages and procedures of the audit of trade receivables are investigated. The procedure for conducting the main stages of the audit of trade receivables is described. Particular attention is paid to the issues of accounting and audit of doubtful and bad trade receivables, as well as the formation and use of a reserve for doubtful trade receivables.

Keywords: trade receivables, accounts receivable, normal receivables, overdue receivables, doubtful receivables, bad receivables, audit of trade receivables, reserve for doubtful debts.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тоҳирова Раҷабмо Сафаровна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **moh-72@mail.ru.** Телефон: **+992 935-32-08-36**

Сведение об авторе: ***Тохирова Раджабмо Сафаровна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и аудита. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **moh-72@mail.ru**. Тел.: **+992 935-32-08-36**

Information about the author: ***Tohirova Rajabmo Safarovna*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Analysis and Audit. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **moh-72@mail.ru**. Phone: **+992 935-32-08-36**

УДК 33-001.34

ИНФРАСОХТОРИ ИННОВАТСИОНӢ ҲАМЧУН МАҶМУИ ШАРОИТҲО БАРОИ ПЕШБУРДИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ

Раҳматзода Ҳ.Б.
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

Дар шароити муосир дар мамлакатҳои тараққикарда гузариш ба иқтисоди инноватсионӣ мушоҳида мегардад, ки ба низоми самараноки коркард ва ҷорисозии қарорҳои нави технологӣ дар соҳаҳои мухталифи фаъолият асос ёфтааст**.** Даврае, ки дар он мавҷуд будани захираҳои табиӣ нақши муҳим мебозид ба анҷом расида истодааст, ҳоло бошад, даврае оғоз меёбад, ки қобилияти ба таври максималӣ истифода бурдани онҳо бо мақсади тезонидани рушди технологӣ аҳамияти ҳалкунанда пайдо мекунад. Давраи истеҳсолоти ба истифодабарии меҳнати арзон ва ғайритахассусӣ асосёфта анҷом меёбад. Захираи асосӣ инсон ва қобилияти он, амалисозӣ ва дарккунии инноватсия мегардад.

Дар чунин шароит равшану возеҳ мегардад, ки фаъолияти инноватсионӣ дар рушди иқтисодии мамлакатҳои пешрафта мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Фаъолияти инноватсионӣ барои он мамлакатҳое, ки мехоҳанд мавқеи устувори муайянеро дар иқтисоди ҷаҳонӣ ишғол намоянд, афзалият пайдо хоҳад кард.

Инфрасохтори инноватсионӣ механизми асосии фаъолияти инноватсионӣ мебошад ва аз тараққии он сатҳи тараққиёти ин ё он мамлакат вобастагӣ дорад. Маҳз инфрасохтори инноватсионӣ дастрасиро ба захираҳои мухталиф таъмин намуда, худ иқтидори рушди иқтисодӣ мебошад. Мафҳуми «инфрасохтори инноватсионӣ» дар адабиёти илмии мамлакатҳои муштаракулманофеъ ва, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон нав мебошад, аз ин рӯ дар бораи мазмуни он ақидаҳои мухталиф мавҷуд аст. То ҳоло дар муайян намудани таърифи он нуқтаи назари эътирофи умум вуҷуд надорад, ки ӯро ва ин мафҳум то ҳол объекти баҳси олимони соҳаҳои гуногун мебошад.

Якчанд андешаро оид ба таърифи ин мафҳум овардан мумкин аст. Бархе аз олимон инфрасохтори инноватсиониро ҳамчун маҷмӯи ташкилотҳое, ки ҷараёни инноватсиониро хизмат мерасонанд, маънидод менамоянд. Чунин маънидодкунии ин мафҳумро дар китобҳои дарсӣ, луғатҳои умумииқтисодӣ ва, махсусан, дар ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ дучор омадан мумкин аст.

Як гурӯҳи муаллифон инфрасохтори инноватсиониро ҳамчун ташкилотҳое, ки фаъолияти инноватсионии корхонаҳо ва навҷорисозонро хидмат ва таъмин менамоянд, таъриф медиҳанд [2]. Дигарон бошанд, инфрасохтори инноватсиониро чун комплекси ба ҳам алоқаманди сохторе, ки барои хизмат ва таъмини фаъолияти инноватсионӣ равона кардашуда, муайян менамоянд. Баъзеҳо инфрасохтори инноватсиониро ҳамчун ташкилотҳои пешбарандаи фаъолияти инноватсионӣ, ки аз марказҳои инноватсионӣ-технологӣ, инкубаторҳои технологӣ, пойгоҳҳои технологӣ, марказҳои дарсии корбарӣ ва дигар ташкилотҳои махсус иборатанд, мефаҳманд [15] ё ин ки ҳамчун ташкилотҳои пешниҳодкунандаи хидматҳо оид ба тавлид, ҷорисозӣ дар истеҳсолот ва истифодаи амалии маҳсулоти нав ва такмилдодашуда, ё ҷараёни технологии нав ва таккомулёфта ба қалам медиҳанд [16].

С.Ҷ. Комилов доир ба ин мафҳум чунин қайд кардаанд: «Инфрасохтори инноватсионӣ гуфта, маҷмӯи ташкилотҳое мебошанд, ки барои амалисозии фаъолияти инноватсионӣ заруранд». Ба андешаи ин муаллифон ба ин ташкилотҳо шомиланд: ташкилотҳои илмӣ-техникӣ, таҳсилотӣ, ташкилотҳои истеҳсолӣ ва иттиҳодияҳои онҳо, инкубаторҳои технологӣ, полисҳои технологӣ, пойгоҳҳои технологӣ, марказҳои дарсӣ-корбарӣ, фондҳои инноватсионӣ ва венчурӣ, дигар ташкилотҳои махсус ва коргоҳҳои коркарди (коммертсиализатсияи) тиҷоратикунонидашудаи натиҷаҳои илмӣ ва илмӣ-конструкторӣ [5]. Дар бархе аз ҳуҷҷатҳои давлатии Федератсияи Россия, ки ба соҳаи тараққии низоми миллии инноватсионӣ бахшида шудаанд, номгӯи васеи ташкилотҳои инфрасохтори инноватсионӣ оварда шудаанд: марказҳои трансфери технологӣ, марказҳои инноватсионии технологӣ, пойгоҳҳои технологӣ ва минтақаҳои технологияҳои баланд, фондҳои дастгирии корҳои илмӣ-технологӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ, фондҳои

маблағгузориҳои венчурӣ (стартовые), марказҳои тайёр намудани кадрҳои махсус ва таъмини иттилоотии фаъолияти инноватсионӣ ва ғайраҳо [10].

Муаллифоне низ вомехӯранд, ки инфрасохтори инноватсиониро ҳамчун маҷмӯи объектҳое медонанд, ки боиси тарраққиёти инноватсионӣ дар ҳамаи давраи ҷараёни инноватсионӣ мешаванд, ё ки такя ба ягон марҳалаи он менамоянд. Масалан, А.А. Солдатов пешниҳод менамояд, ки бояд инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун сохтори зарурии давлатӣ ва хусусӣ дида баромада шавад, ки тараққӣ ва дастгирии ҳамаи марҳалаҳои рушди инноватсиониро таъмин менамояд [13]. Н.Мазур ва М.П. Левина дар маънидодсозии худ чунин марҳалаҳои ҷараёни инноватсиниро ба этибор мегиранд: «инфрасохтори инноватсионӣ ин шабакаҳои иттиллоотӣ, ташкилӣ, маркетингӣ, таҳсилотӣ ва дигарҳоро дар бар мегирад, ки барои расидани ғояи нав то ба татбиқи амалии он ва дарёфти истеъмолкунанда ёрӣ мерасонад» [7].

Тадқиқитчии дигар В.С. Кортов ҳангоми муайян намудани ин мафҳум ба марҳалаи тавлиди ин ғоя такя менамояд. Ба ақидаи ӯ, «инфрасохтори инноватсионӣ шабакаи ба ҳам алоқаманди ташкилотҳо, субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Ядрои ин шабака институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ва донишгоҳҳо мебошанд, ки дар он ҷо маҳсулоти инноватсионии барои бозор зарур тавлид меёбад» [6].

Ж.Ю. Уланова чунин ақидаро пешниҳод дорад, ки «инфрасохтори инноватсионӣ ин низоми ба ҳам алоқаманди ташкилотҳои самтҳои мухталиф ва шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ аст ва тартиби баҳамтаъсирии онҳо татбиқи марҳалаҳои ҷараёни инноватсиониро аз азхудкунии технологӣ сар карда, то ба анҷомдиҳии коркарди илмӣ таъмин менамояд» [15].

Ба фикри мо, чунин андеша, ки яке аз давраҳои ҷараёни инноватсиониро қайд менамоянд, маҳдуд мебошад, зеро инфрасохтори инноватсионӣ вазифаи васеи таъсирнокро дорост.

Ақидаи дуюм аз он иборат аст, ки муҳаққиқон инфрасохтори инноватсиониро ҳамчун маҷмӯи шароитҳо арзёбӣ менамоянд. Яъне, инфрасохтори инноватсионӣ ба мафҳуми муҳити инноватсионӣ ҳаммаъно мебошад, чунки муҳити инноватсионӣ - ин ҳам маҷмӯи шароитҳо барои амалисозии фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Ҳатто номгӯи ин шароитҳо қариб якхеланд. Дар доираи ин ақида чунин маънидодкуниҳоро овардан мумкин аст.

Н.В. Елина чунин мешуморад, ки инфрасохтори инноватсионӣ омили муҳимме мебошад, ки иқтисодиётро ба технологияи пешқадам ва баҳам таъсиркунии комплексӣ ва дарозмуддати байни соҳаҳои инноватсионӣ ва бозор асосёфта, мутобиқ мегардонад.

Ақидаи сеюм, ин аст, ки инфрасохтори инноватсиониро ҳамчун маҷмӯи институтҳо маънидод менамояд ва чунин маънидоди ин мафҳум нисбатан нав пайдо шудааст. Дар ин ҷо мафҳуми «институт» нисбати мафҳуми «ташкилот» васеътар мебошад, зеро ки дар худ маҷмӯи санадҳои меъёрӣ-қонунгузорӣ, низоми фондҳо, муносибатҳои бамиёномадаи байни навоварон ва таҳвилкунандагони захираҳоро дар бар мегирад.

Инфрасохтори инноватсионӣ, ба назари баъзе муаллифон, ин маҷмӯи институтҳое мебошад, ки дастрасиро ба захираҳои мухталиф, шароитҳои мусоидро барои расонидани хидматҳои гуногун ба иштирокчиёни фаъолияти инноватсионӣ, ки боиси паст кардани хароҷотҳои маҷмӯӣ барои ба даст даровардани натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ ва тиҷоратикунонии он мегардад, таъмин мегардонад [1].

Муаллифони мухталиф зернизомҳои гуногуни инфрасохтори инноватсиониро аз ҳам ҷудо менамоянд. Аз ҳама тақсимоти паҳнгашта, ки аз гуногунии ташкилотҳои боиси тараққиёти фаъолияти инноватсионӣ бармеояд ин ба 5 зерсохтор (блокҳо) ҷудо шудани он мебошад:

-молиявӣ - будани инфрасохтори тараққикардаи молиявӣ яке аз шартҳои ҷалби инвеститсия барои фаъолияти инноватсонӣ ва истифодаи самараноки он мебошад;

-истеҳсолӣ-технологӣ - базаи таҳқиқоти экспериментолӣ ва таҷрибавӣ мебошад;

-иттиллоотӣ - базаи маълумотгирӣ ва дониш ва марказҳои дастрас, инчунин марказҳои таҳлилӣ, статистикӣ, иттиллоотӣ ва дигар марказҳо;

-кадрӣ - инфрасохтори кадрӣ фаъолияти инноватсионии донишҳои махсус ва ғояҳоро таъмин месозад;

-санҷишӣ-машваратӣ (консалтингӣ)-ташкилотҳои барои хизматрасонӣ оид ба масъалаҳои моликияти зеҳнӣ, стандартикунонӣ, сертификатдиҳӣ, инчунин марказҳои муҳосиботӣ бандбуда.

Ғайр аз ин зернизомҳои номбаргардида, баъзе муаллифон, вобаста аз ҳадафҳои таҳқиқотҳояшон, боз дигар зерсохторҳоро муайян менамоянд. Масалан, А.Е. Матюхов дар доираи зернизоми санҷишӣ-муҳосибавӣ зерсохтори фурӯшро илова менамояд [8]. С.В. Теребова зерсохтори иттиллоотӣ-маркетингиро якҷоя мекунад. Дигар гурӯҳи муаллифон ба ин руйхат зерсохтори ҳуқуқиро илова менамоянд [14].

Бисёре аз муаллифон унсурҳои инфрасохтори инноватсиониро дар алоҳидагӣ дида мебароянд ва захираҳо, вазифаҳо ва субъектҳоро дар онҳо муайян менамоянд. Танҳо як қисме аз ин муаллифон, ба мисли Е.Т. Чистякова, Н.О. Монастирный [9], ақидаҳои томро оид ба объектҳои парокандаи инфраструктура ҳамчун низоми унсурҳои боҳам алоқаманд пешниҳод менамоянд. Ин муаллифон бар он ақидаанд, ки унсурҳои инфрасохторро ҳамчун маҷмааи боҳам алоқаманд дида баромадан зарур аст. Мо ҳам тарафдори чунин ақида мебошем.

Ҳамаи гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, хулоса кардан мумкин аст, ки корҳои хеле зиёде оид ба мазмуни иқтисодии мафҳуми «инфрасохтори инноватсионӣ» мавҷуд аст. Дар натиҷаи таҳқиқи ин корҳо ба хулосае омадем, ки аксар муаллифон инфрасохтори инноватсионӣ гуфта, маҷмӯи ташкилотҳои дар таъмини ҷараёни инноватсионӣ иштироккунандаро дар назар доранд. Аксари ин муаллифон номгӯи ин ташкилотҳоро бо мавҷудияти пойгоҳҳои технологӣ, марказҳои технологӣ, инкубаторҳои технологӣ маҳдуд менамоянд, яъне инфрасохтори инноватсиониро танҳо ба зернизоми технологӣ мансуб медонанд. Ҳоло он ки инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун шабакаи ташкилоти хизматрасони ҷараёни тавлидгари маҳсулоти илмталаб мафҳуми васеъ буда, ташкилотҳои молиявӣ, иттиллоотӣ, соҳаи ҳуқуқӣ ва дигарҳоро низ дар бар мегирад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки асоси иқтисоди инноватсиониро шаклҳои инноватсионии фаъолияти инноватсионӣ ва инфрасохтори тараққикардаи ба сиёсати инвеститсионӣ-инноватсионӣ асосёфта ташкил медиҳад. Маҳз инфрасохтори инноватсионӣ барои тараққии шаклҳои гуногунранги соҳибкории инноватсионӣ, истифодаи дониш ва технологияи илмталаб, тиҷоратикунонии коркардҳои илмӣ-техникӣ асос шуда метавонад.

Дар «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2020» яке аз самтҳои асосии татбиқи он чорабиниҳои бунёд ва тараққии инфрасохтори инноватсионӣ муайян шудаанд. Аз ин рӯ дар барнома зарурати бунёди чунин сохторҳои ба талаботи низоми инноватсионии миллӣ ҷавобгӯ таъкид шудааст. Ҳалли ин муаммо ташаккули шароитҳоро барои истифодаи амалии коркардҳои илмӣ ва тиҷоратикунии онҳо, таҷассуми натиҷаҳои коркардҳои илмро дар технологияи илмталаб, оварда расонидани коркардҳои илмиро то марҳалаи намунаи саноатӣ, дигаргунсозии натичаҳои фаъолияти илмро ба маҳсулоти рақобатпазир, ки сатҳи баланди донишғунҷоишро дорост, тақозо менамояд. Таҳлили назария ва амалияи ташаккул ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ мавҷудияти субъектҳои таъминкунандаи тараққии ҷараёни истифодаи самараноки моликияти зеҳниро дар назар дорад. Моликияти зеҳнӣ ҳамчун яке аз намудҳои моликияти хусуси ба меҳнати худӣ ва истеъдоди табии инсон асос ёфтааст, ин мафҳум дар марҳалаи баъдииндустриалӣ нақши хеле муҳимро мебозад.

Зарурати объективии ташаккули инфрасохтори инноватсионии низоми инноватсионии миллӣ баланд бардоштани самаранокии фаъолияти инноватсониро дар соҳаҳои иқтисодӣ дар асоси дигаргункунии дониш ба технологияи нав, маҳсулотҳо ва хизматҳоро дар назар дорад. Бинобар ин ҳам, барои таъмини гузариши иқтисод ба усули нави тараққӣ дар шароити кунунии муносибатҳои бозорӣ ва рақобатнокии афзоянда дар бозорҳои дохиливу берунӣ, пеш аз ҳама, ташаккули таркиби инфрасохтори ҳозиразамони инноватсионӣ коркарди консепсии нав лозим меояд. Ин инфрасохтор бояд, ки барои дастгирии рушди фаъолияти инноватсионӣ, тараққии илмҳои фундаменталӣ, таъмини дастрасӣ ба сармояи инвеститсионӣ, дониш ва тақсимоти он нигаронида шавад.

Инноватсияи муваффақ доимо ба инфрасохтори хуби муташаккил ва мунтазам коркунандаю тақвиятдиҳанда такя менамояд. Баъзеи муаллифон [2] чунин механизмҳои асосии таркибии зерро, ки инфрасохтори инноватсияи натиҷадиҳандаро бунёд менамояд, номбар мекунанд:

1.Дастгирӣ аз ҷониби роҳбарияти олӣ;
2. Муайян намудани ҳадафҳои фаъолияти инноватсионӣ;
3. Муайян намудани монеаҳо дар роҳи инноватсия;
4. Муносибати системавӣ ба инноватсия;
5. Тақвияти мотиватсия ба инноватсия;
6.Ҷудо намудани вақт дар тараққии инноватсия;
7.Арзёбии инноватсия;
8.Таъминоти захиравии ҷараёни инноватсионӣ;
9. Барпо намудани муҳити дастгирии инноватсия;
10. Низоми робита ва дастгирии иттиллоотии инноватсия;
11. Таълими иштирокчиёни ҷараёни инноватсионӣ;
12.Назорати самаранокии ҷараёнҳои инноватсионӣ.

Роҳбарияти ширкатҳои тоҷик, мутахассисони баландпоя, ҳамаи онҳое, ки фаъолона ба ҷараёни рушди инноватсионӣ ҷалб мешаванд, бояд аз чи таркиб ёфтани механизми дастгирии инноватсияро муайян намоянд. Ин имкони саривақтӣ арзёбӣ намудани вазъро дар ширкат дода, муайян созанд, ки кадом унсурҳои механизми дастгирии инноватсия мавҷуд аст ва кадоме аз онҳо вуҷуд надорад ё ки на он қадар тарраққӣ ёфтааст.

Дар ҳар мавриди мушаххас (хусусити бизнес, қонунгузории амалкунанда, вазъияти бозорӣ ва ғайраҳо) механизми дастгирии инноватсияро бояд мувофиқ муайян намуд. Як чиз фаҳмост, ки барои тарраққии инноватсия даъват намудан кам аст, бояд, ки остинро бар зада, инфрасохтори мувофиқи тақвиятдиҳандаро сохт. Даст кашидан аз ҷорисозии инноватсия дар таҷрибаи ширкаҳои ватанӣ - ин на фақат хавфи қафомонӣ, балки фано ёфтани ин гунна ширкатҳоро дошта, афзудани қафомонии тамоми умуман иқтисоди мамлакатро сабаб мегардад. Барои худоромнамоӣ ва бефаъолиятӣ ширкатҳои тоҷик набояд бо арзёбии нишондиҳандаҳои тағйирёбандаи самаранокии иқтисодии худ маҳдуд шаванд, бештар муваффақиятҳои худро бо комёбиҳои дигар ширкатҳои ватанию хориҷӣ, ки онҳо воқеан рақобатпазир ҳастанд, муқоиса намоянд.

Шароити муҳимтарини ташаккули муҳити институтсионалӣ, ки боиси тараққиёти инноватсия мегардад, ин мавҷудияти сохторҳои институтсионалӣ мебошад. Барои бунёди инфрасохтори муфиди инноватсионӣ лозим аст, ки таъсири институтҳои алоҳида барои ташаккули муҳити институтсионалӣ арзёбӣ карда шавад. Дар байни ин институтҳо давлат, илм, маориф ва бизнес аҳамияти муҳим пайдо мекунанд, ки боиси ташаккул ва истифодаи самараноки иқтидори инноватсионӣ мегарданд.

Инноватсияи муваффақи доимо ба инфрасохтори хуби муташаккил ва мунтазам коркунандаю тақвиятдиҳанда такянамуда – ин роҳи ягона ба сӯи интегратсияи иттиҳодияҳои ҷаҳонӣ ва истодагарӣ кардан дар шароити рақобати глобалӣ (ҷаҳонишавӣ) мебошад.

Тараққиёти инноватсионӣ моҳиятан ба хусусиятҳои ташаккули сохтори соҳавии иқтисоди миллӣ ва татбиқи манфиатҳои давлат дахолат дорад. Тараққиёти ҳозираи Тоҷикистон сохтори иқтисоди миллиро возеҳ шарҳ медиҳад, ки ҳоло ҳам афзалиятан хислати тавлидоти ашёи хом дорад.

Тибқи Барномаи рушди инноватсионӣ то давраи соли 2020 самтҳои асосии тараққии инфрасохтори инноватсионӣ инҳо буданд:

-дастгирии паҳнкунии моделҳои бозорҳои ташаккул ва тараққии объектҳои инфрасохтори инноватсионӣ;

-таъмини иловагии дастгирии минтақаҳои махсуси иқтисодии техникӣ - ҷорисозӣ ва такмили созмон ва амаликунии онҳо;

-таъмини иловагии дастгирии пойгоҳҳои технологӣ ва дигар ташкилотҳои ҷудогонаи минтақавии иқтидори баланд ва иқтидори инноватсионӣ дошта ва такмили созмон ва амаликунии онҳо;

-таъмини мақсадноки дастгирии такмили фаъолияти объектҳои инфрасохтори инноватсионӣ;

-ташаккули маркази инноватсионии маркази пойгоҳи технологии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Чорабиниҳо оид ба татбиқи «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» то ҳол самараи дуруст надода истодааст. Миқёси истеҳсоли маҳсулоти технологияи баланддошта ва ҳиссаи корхонаҳое, ки ба ҷорӣ намудани техникаи нав ва истехсоли маҳсулоти илмталаб машғулбуда, он қадар бузург нест. Ғайр аз ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати дигар мамлакатҳои тараққикарда ба марҳалаи тараққиёти инноватсионӣ бо сатҳи пасти иқтидори потентсиалӣ расид ва сармояи инсонӣ бошад, ба инноватсия суст майл дорад.

Таъмини рақобатпазирии мамлакат дар шароити ҳозира зарурати миқёсан анавсозии соҳаҳои базавии иқтисодиёт ва майли онро ба фаъолнокии фаъолияти инноватсионӣ ба миён моварад. Аз гуфтаҳои дар боло зикршуда чунин бармеояд: барои мамлакат инфрасохтори инноватсионие лозим аст, ки барои амалисозии фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун низоми зарурии сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ, тараққӣ ва дастгирии ҳамаи марҳалаҳои тараққиёти инноватсияро таъмин намояд. Лозим аст, ки тамоми захираҳои мавҷуда барои бунёди шароитҳои зарурии ташаккули модели тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ муттаҳид карда шаванд.

Муқарриз: н.и.и., дотсент Алиева Г.Ш.

АДАБИЁТ

1. Верхотурова Т.А. Развитие финансовых институтов инновационной инфраструктуры России / Т.А. Верхотурова // Известия Санкт-Петербургского университета экономики и финансов. – 2010. -№3. –С.75-77.
2. Гайфутдинова О.С. Инновационная экономика как цель структурной модернизации / О.С. Гайфутдинова // В мире научных открытий. - 2010. -№3-3.
3. Иода Е.В. Роль финансовой инфраструктуры в развитии региональной инновационной системы / Е.В. Иода, В.В. Подколзин, И.А. Кутеев // Вестник Тамбовского университета. – 2008. -№5. -С.166-174.
4. Комилов С.Дж. Некоторые особенности формирования инновационной инфраструктуры национальной экономики / С.Дж. Комилов // Вестник национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2018. -№6.- часть I. -С.18.
5. Концепция долгосрочного социально-экономического развития Российской Федерации на период до 2020 года, утвержденная распоряжением Правительства Российской Федерации от 17 ноября 2008 г. №1662-р [Текст] // Министерство экономического развития РФ: -М., 2008.
6. Кортов С.В. Анализ инновационного развития территории на базе эволюционного подхода / С.В. Кортов // Инновации. – 2004. -№6. -С.25-33.
7. Мазур Н.З. Инфраструктура создания и использования интеллектуальной собственности на региональном уровне / Н.З. Мазур, М.П. Левина // Инновации. – 2005. -№7. -С.35-37.
8. Матюхов А.Е. Финансовая инфраструктура инновационной деятельности: проблемы формирования в России / А.Е. Матюхов // Финансы и кредит. – 2007. -№22. -С.77-83.
9. Монастырный Е.А. Структурно-функциональная модель подсистемы «Инфраструктура» в региональной инновационной системе / Е.А. Монастырский, Н.О. Чистякова // Инновации. – 2007. -№6. -С.58-65.
10. Основы политики Российской Федерации в области развития национальной инновационной системы на период до 2010 года и дальнейшую перспективу. [Электронный ресурс]. URL: http://www.scrf.gov.ru/documents/15/22.html (Дата обращения: 10.04.2020).
11. Приложение к проекту «Основы политики РФ в области развития национальной инновационной системы на период до 2010 года и дальнейшую перспективу.
12. Соколов Д.С. Инновационная инфраструктура в современной России: понятие, содержание, особенности / Д.С. Соколов, Н.С. Томилина // Международный научный журнал «Инновационная экономика» - 2016. -№1. -С.172-171.
13. Солдатов А.А. Механизмы инновационного развития экономики и коммерциализации технологий / А.А. Солдатов // Инновационные процессы и социально-экономическое развитие. -М., 2004. -Вып. 2. -С.281-291.
14. Теребова С.В. Активизация инновационного процесса в регионе (на примере Вологодской области): дис. канд. эк. наук / С.В. Теребова. -Вологда, 2008. -212 с.
15. Уланова Ж.Ю. Теоретические основы формирования и развития инновационной структуры / Ж.Ю. Уланова. -СПб: СПбГУЭФ, 2004.
16. Управление инновационными проектами: учеб. пособие / под ред. В.Л. Попова. -М.: Инфра-М, 2009. -336 с.

ИНФРАСОХТОРИ ИННОВАТСИОНӢ ҲАМЧУН МАҶМУИ ШАРОИТҲО БАРОИ ПЕШБУРДИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ

Дар мақола шарҳи консепсияҳои мавҷудаи инфрасохтори инноватсионӣ оварда шудааст. Равишҳои мухталиф дар шинохти мафҳуми "инфрасохтори инноватсионӣ" ва таъриф додан ба он баррасӣ карда шудаанд: шарҳи инфрасохтори инноватсионӣ дар қонунгузорӣ, таърифҳои илмии мафҳум ва истифодаи он дар амалия. Дар асоси равишҳои баррасишуда таърифи муаллифии мафҳуми «инфрасохтори инноватсионӣ» пешниҳод гардидааст. Ҳолати инфрасохтори инноватсионӣ бо таснифот аз рӯи блокҳо дар асоси намудҳои

хидматҳои объектҳои инфрасохтори инноватсионӣ ба субъектҳои инноватсия баррасӣ гардидааст. Дар мақолаи мазкур қайд шудааст, ки таъмини рақобатпазирии мамлакат дар шароити кунунӣ зарурати миқёсан азнавсозии соҳаҳои базавии иқтисодиёт ва майли онро ба фаъолнокии фаъолияти инноватсионӣ ба миён моварад. Инчунин муаллиф бар он ақидааст, ки барои мамлакат инфрасохтори инноватсионие лозим аст, ки барои амалисозии фаъолияти инноватсионӣ ҳамчуннизоми зарурии сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ, тараққӣ ва дастгирии ҳамаи марҳалаҳои тараққиёти инноватсияро таъмин намояд. Лозим аст, ки тамоми захираҳои мавҷуда барои бунёди шароитҳои зарурии ташаккули модели тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ муттаҳид карда шаванд.

Калидвожаҳо: инноватсия, инфрасохтори инноватсионӣ, фаъолияти инноватсионӣ, рушди инноватсионӣ, низоми сохтори инноватсионӣ, иқтидори инноватсионӣ, сармояи инсонӣ.

ИННОВАЦИОННАЯ ИНФРАСТРУКТУРА КАК СОВОКУПНОСТЬ УСЛОВИЙ ДЛЯ ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В статье приведен обзор существующих представлений об инновационной инфраструктуре. Рассмотрены различные подходы к определению понятия «инновационная инфраструктура»: определения инновационной инфраструктуры, закрепленные в законодательстве, принятые в научном сообществе, используемые на практике. На основе рассмотренных подходов предложено комплексное определение понятия «инновационная инфраструктура». Рассмотрено современное состояние инновационной инфраструктуры с классификацией по блокам, исходя из видов услуг, предоставляемых объектами инновационной инфраструктуры субъектам инновационной деятельности. В статье отмечатся, что обеспечение конкурентоспособности страны в настоящее время предполагает необходимость масштабного обновления базовых отраслей экономики и их ориентации на активизацию инновационной деятельности. Далее подчеркивается, что инновационная инфраструктура вступает как совокупных условий для осуществления инновационной деятельности, как необходимый спектр государственных и частных структур, обеспечивающих развитие и поддержание всех стадий инновационного развития. Предстоит сконцентрировать все имеющиеся ресурсы для создания необходимых условий формирования инновационной модели социально-экономического развития.

Ключевые слова: инновация, инновационная инфраструктура, инновационная деятельность, инновационное развитие, системы инновационной инфраструктуры, инновационный потенциал,человеческий капитал.

INNOVATIVE INFRASTRUCTURE AS A SET OF CONDITIONS FOR THE IMPLEMENTATION OF INNOVATIVE ACTIVITIES

The article provides an overview of the existing concepts of innovation infrastructure. Various approaches to the definition of the concept of "innovation infrastructure" are considered: definitions of innovation infrastructure, enshrined in legislation, adopted in the scientific community, used in practice. On the basis of the considered approaches, a comprehensive definition of the concept of "innovation infrastructure" is proposed. The current state of the innovation infrastructure is considered, classified by blocks, based on the types of services provided by the objects of innovation infrastructure to the subjects of innovation. The article notes that ensuring the country's competitiveness currently implies the need for a large-scale renovation of the basic sectors of the economy and their orientation towards enhancing innovation. It is further emphasized that the innovation infrastructure enters as an aggregate condition for the implementation of innovation, as a necessary range of public and private structures that ensure the development and maintenance of all stages of innovative development. It is necessary to concentrate all available resources to create the necessary conditions for the formation of an innovative model of socio-economic development.

Keywords: innovation, innovation infrastructure, innovation activity, innovation development, innovation infrastructure systems, innovation potential, human capital.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳматзода Ҳайдар Бобо*** - Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳон. **Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзада 30. Телефон: **907-75-39-81**. E-mail: **haydar57@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Рахматзода Хайдар Бобо*** – Российско-Таджикский (славянский) университет, доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории и мировой экономики. **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Мирзо Турсунзаде, 30. Телефон: **907-75-39-81**. E-mail: **haydar57@mail.ru**

Information about the author: ***Rakhmatzoda Haidar Bobo*** - Russian-Tajik (Slavic) University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory and World Economy. **Address**: 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mirzo Tursunzade street 30. Phone: **907-75-39-81**. E-mail: **haydar57@mail.ru**

УДК 334.4

МУКАММАЛГАРДОНИИ ЗАХИРАҲОИ ҚАРЗИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ВА УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ОНҲО

Файзуллоев М.К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити муосир ташаккули захираҳо яке аз масоили калидии иқтисодиёт дониста мешавад. Махсусан ташкили захираҳои қарзӣ дар сиёсати молиявии бонкҳои тиҷоратӣ мақоми афзалиятнок дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои фаъолияти самараноки бонкҳои тиҷоратӣ захираҳои зиёди қарзӣ лозиманд. Аз ин рӯ, қисми зиёди захираҳои қарзӣ ҳамчун пасандоз ҷалб карда мешавад. Дар бораи сарчашмаҳои истифодабарии захираҳои қарзӣ дар шароити муосири иқтисодӣ дар бисёр таҳқиқотҳо фикру ақидаҳои арзишманд баён гаштаанд. Олимони ватанӣ ба монанди: Р.Б. Бердиев, З.А. Раҳимов дар ин самт корҳои арзишманд ба анҷом расонида, ташаккули захираҳои қарзӣ ва истифодаи самараноки онҳоро пешниҳод намудаанд [2,с.23]. Лаврушин О.И.**,** бошад, шарти самаранок истифодабарии захираҳои қарзии бонкҳоро ҳамчун хусусияти хосси фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ меҳисобанд, ки онро аз категорияҳои захираҳои қарзӣ дар муносибатҳои молиявӣ фарқ мекунонад ва сармаранок истифодабарии захираҳои қарзии бонкҳоро ҳамчун категорияи алоҳида ҷудо мекунад. Дар ин самт ақидаи баръакси ин гуфтаҳо низ мавҷуд аст, ки захираи қарзиро ба шумораи категорияҳои дар зери тасарруфи категорияҳои захираҳои қарзии бонкӣ, ба сифати категорияи махсус, шомил менамоянд [7,с.232]. Ҷараёни истифодабарии захираҳои қарзиро Ф.С. Обидов ҳамчун аломати моҳиятии захираи молиявӣ дида баромадааст, лекин оид ба дигар хусусиятҳои он ёдрас намешавад [8,с.54]**.** Эҳтимол меравад, ки ин бо сабаби таъсири хусусиятҳои иқтисодиёти марказонидашуда ба вуҷуд меояд. Аммо муносибатҳои иқтисодии мавҷуда ва майл ба фоида, ҳамчун натиҷаи дилхоҳ фаъолияти иқтисодӣ, ба мустаҳкамшавии аҳамияти пардохтпазирии қарз оварда мерасонад, ки он маънои иқтисодии мавҷуд будани ҷараёни истифодабарии захираҳои қарзӣ мебошад.

Оид ба моҳияти захираҳои бонкӣ шумораи зиёди таърифҳо ҷой доранд, ки яке аз паҳнгаштатаринашон онро ҳамчун шакли ҳаракати сармояи ҷалбшудаи бонк (Т.Н. Назаров ва Ф.С. Обидов) таъриф додааст [6,с.39; 8]. Таърифи саҳеҳ аз ҷониби О.И. Лаврушин пешниҳод гардидааст: “захираи бонкӣ ин ҷамъоварии дороиҳои дар ихтиёри бонкбуда ва истифодабарии он барои амалиётҳои фаъол равонашуда мебошад” [7,с.234]**.** Инчунин, аз ҷониби Р.Б. Бердиев таърифи захираи бонкӣ пешниҳод шудааст: «...тамоми воситаҳои муттаҳидкардашудаи бонк, ки барои амалиётҳои ҷории бонк баҳри гирифтани фоида равона мешавад» [2,с.32]. Аз ин ҷо бармеояд, ки захираи бонкӣ аз захираи қарзӣ маҳдудтар аст, чунки дар зери мафҳуми захираи қарзӣ, мо натанҳо маблағҳои муттаҳидшудаи бонкҳоро мефаҳмем, балки маблағҳои дар шакли қарз ҷалбшудаи дигар институтҳои молиявӣ, ба монанди фондҳои инвеститсионӣ ва ташкилотҳои молиявию қарзӣ (ташкилотҳои хурди ғайрибонкӣ ва амонатию қарзӣ)-ро низ дар назар дорем.

Захираҳои бонки тиҷоратӣ ба ҳайси унсури фаъоли фаъолияти бонкӣ хизмат мерасонанд. Дар шароити бозор маҳз ҳаҷм ва сифати таркиби воситаҳое, ки бонки тиҷоратӣ дар салоҳияти худ дорад, миқёс ва самти фаъолияти онро муайян месозанд. Дар алоқаманди бо ин, масъалаҳои ташкилнамоии базаи захиравӣ, муносибгардонии сохтори он, идоракунӣ ва таъмини муътадил дар фаъолияти бонк мавқеи муҳимро касб менамояд.

Субъекти идоракунӣ дар низоми идоракунии захираҳои қарзӣ гурӯҳи махсуси шахсоне мебошанд, ки тавассути методҳо ва равишҳои гуногуни идоракунӣ таъсири мақсаднокро ба объекти идоракунӣ мерасонанд.

Идоракунии бонкро метавон ба се соҳа тақсим намуд:

якум - масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки ба ташкил ва идоракунии ҷараёнҳои иқтисодие (ба ин гурӯҳ инчунин идоракунии инноватсияҳои бонкӣ дохил мешаванд), ки дар салоҳияти бонк қарор доранд, алоқаманд мебошад;

дуюм - ба ташкил ва идоракунии ҳайати бонкӣ алоқаманд мебошад;

сеюм - ба ташкил ва идоракунии ҷараёнҳои иттилоотӣ алоқаманд мебошад.

Идоракунии захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ба стратегияи молиявии ташкилот ва дурнамои фаъолияти молиявӣ алоқаманд мебошад. Стратегияи молиявӣ қисмати таркибии стратегияи умумии рушди иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, бо мақсадҳо ва самтҳое, ки дар стратегияи умумӣ тартиб дода шудаанд, мувофиқ мебошад. Дар навбати худ, стратегияи молиявӣ ба стратегияи умумии ташкилот таъсир мерасонад. Тағйирёбии вазъият дар бозори молиявӣ аз худ тасҳеҳи (корректировка) молиявиро эҷод намуда, баъдан стратегияи умумии рушди субъектҳои иқтисодиро ба миён меорад.

Дар намуди умумӣ ҷараёни идоракунии захираҳои қарзии бонки тиҷоратиро метавон дар намуди алгоритме, ки дар расми 1, оварда шудааст баён сохт.

Мақсади идоракунии захираҳои қарзии бонки тиҷоратӣ баландбардории самаранокии ташкилкунӣ ва истифодабарии захираҳои қарзӣ мебошад. Дар мувофиқа бо ин мақсад ҳамаи ҷараёни идоракунӣ сохта мешавад (расми 1).

Расми 1. Алгоритми идоракунии захираҳои қарзии бонки тиҷоратӣ
Figure 1. Commercial bank credit resources management algorithm



Стратегияи молиявӣ муайянсозии мақсадҳои дарозмуддати фаъолияти молиявӣ ва интихоби усулҳои нисбатан самараноки ноилгардии онҳоро пешбинӣ менамояд. Мақсадҳои стратегияи молиявӣ бояд ба стратегияи умумии рушд мувофиқ омада, ба самти то ҳадди аксар расондани арзиши бозории ташкилот равона карда шаванд.

Ҳангоми коркарди стратегияи молиявӣ муайянсозии давраи амалисозии он лаҳзаи муҳим мебошад. Он аз як қатор омилҳое вобаста мебошад, ки ба асоситарини онҳо метавон инҳоро мансуб донист: динамикаи ҷараёнҳои макроиқтисодӣ; тамоюлҳои рушди бозори ватании молиявӣ (бо дарназар-дошти вобастагӣ аз бозорҳои ҷаҳонии молиявӣ); мансубияти соҳавии ташкилот ва хусусияти хосси фаъолияти истеҳсолӣ.

Асоси идоракунии захираҳои қарзии бонки тиҷоратӣ ин тартибдиҳии низоми нақшаҳои ташкилнамоӣ, рушд ва баландбардории истифодабарии самараноки захираҳои қарзӣ мебошад. Дар ташкилоти муосир бояд чор гурӯҳи нақшаҳои ба ҳам алоқаманд коркард шаванд:

а) самтҳои фаъолияти стратегие, ки моҳияти асосии онҳо стратегияи ба ояндаи дурахшон, яъне ба муҳлати аз 10 то 15 сол ва бештар аз ин, ба ҳисоб меравад;

б) нақшаҳои рушди ташкилот ба муҳлати аз 1 то 5 сол;

в) нақшаҳои тактикие, ки фаъолияти ҷории ташки-лотро ба тартиб меандозанд;

г) барномаҳо ва нақшаҳо - лоиҳаҳое, ки хусусияти умумӣ доранд: коркарди технологияҳо, коҳишдиҳии хароҷотҳо аз рӯйи истеҳсол, сарфанамоии барқ, роҳ ёфтан ба бозорҳои нав ва ғайра.

Банақшагирӣ қисмати нисбатан масъулиятноки идоракунии бонк мебошад, ки дар ҷараёни он сиёсати бонкӣ коркард гардида, амалҳои ояндасоз муайян мегарданд.

Вазифаҳои асосии коркарди сиёсати бонкӣ инҳо ба ҳисоб мераванд:

– муайянсозии мақсади асосии амалнамоии бонк ва таҳияи вазифаҳои худие, ки ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти бонкӣ тааллуқ доранд, махсусан, сиёсати идоракунии захираҳои қарзии бонк;

– коркарди барномаҳои пурра ва лоиҳаҳое, ки ноилгардии мақсадҳои асосии амалнамоии бонкро (барномаҳои ташкилнамоии захираҳои қарзӣ, лоиҳаҳои ислоҳоти сохтори захираҳои қарзӣ; барномаҳои баландбардории самаранок истифодабарии захираҳои қарзии бонкӣ ва ғайра) таъмин месозанд;

– ташкилнамоии методологияи идоракунии фаъолияти бонк ва соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти он;

– коркарди сохтори ташкилии бонк дар мувофиқа бо сиёсати интихобгардидаи рушди бонк ва ҷудосозии самтҳои афзалиятноки фаъолият;

– лоиҳакашии сиёсат дар соҳаи маркетинги бонкӣ (таҳқиқоти имтиёзҳои бозорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои бонкӣ, ташкилнамоӣ ва коркарди намудҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ ва сиёсати пешбарандаи онҳо, истифодабарии технологияҳои муосири иттилоттӣ дар хизматрасонии мизоҷони бонк ва ғайра);

– муайянсозии сиёсат дар соҳаи идоракунии ҳайат.

Нақшаи стратегӣ қуллаи низоми нақшаҳо ба ҳисоб меравад, чунки таъинотҳои асосии ташкилӣ, мақсадҳо ва стретегии онро тавсиф месозад. Ин нақша замина барои ҳамаи нақшаҳои боқимонда ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, он ҳамчун маҳдудият ҳангоми қабули қарорҳо нисбати самтҳои асосии фаъолият ва бозорҳо хизмат мерасонад.

Нақшаи ташкилнамоӣ рушди захираҳои қарзии бонки тиҷоратӣ нисбатан возеҳтар самтҳои баромадан ба мавқеъҳои нави рақобатпазиреро, ки дар самтҳои стратегии фаъолият муқаррар гардидаанд, нишон медиҳад. Нақшаи рушд бояд ба чунин саволҳо ҷавобгӯй бошад: захираҳои мавҷуда барои таъсисдиҳии намудҳои нави маҳсулот ва хизматрасонӣ кадомҳоянд; шароит ва муҳит дар дохили ташкилот чи гуна бошад, то ки таъсисдиҳии намудҳои нави маҳсулот ва ошкорсозии бозорҳои нави фурӯшро осон гардонад. Нақшаи рушд замина барои коркарди нақшаи ҷалби захираҳои қарзии иловагӣ, бозсозии сохтори он барои бозгӯии ҷузъиёти асосии он мебошад; нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ки дар он чорабиниҳо оид ба коркарди ҷараёнҳои нави технологӣ бо дарназардошти талаботҳои бозорӣ инъикос ёфтаанд, ба ҳисоб мераванд. Ҳар як нақшаи стратегӣ ҳатман бо комплекси барномаҳо ва нақша-лоиҳаҳо мувофиқ гардонида мешавад. Ҳамин тавр, нақшаи ташкилнамоӣ ва рушди захираҳои қарзии бонк бо барномаҳои кӯтоҳмиёнаи дарозмуддат, ки онҳоро дар чорабиниҳо ворид месозанд, асоснок мегардад.

Қисмати ташкилдиҳандаи коркард ва ташкилнамоии сиёсати бонкӣ ташкилнамоии консепсияи рушди бонки мушаххас, муқаррарнамоии вазифаҳои ҷорӣ дар давраи дахлдор, коркарди чораҳо оид ба амалисозии онҳо мебошад. Қисматҳои ташкилдиҳандаи сиёсати бонкӣ–қарзӣ, сармоягузорӣ ва трастӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо аҳамияти махсусро муайяннамоии дурнамои тағйирёбии нишондиҳандаҳои миқдорӣ, сифатӣ ва иҷтимоии рушди бонк, асосноксозии принсипҳои амалисозии фаъолияти он, ҷудосозии афзалиятҳо ва интихоби усулҳои ташкили кор касб менамоянд. Банақшагирии фаъолияти бонк дар таҳлили амиқи конъюнктураи бозори пулӣ ва худи бонкӣ имконпазир буда, инчунин дар моделҳои иқтисодӣ-математикие, ки барои ояндабинӣ истифода карда мешаванд асос меёбад. Ҳангоми ташкилнамоии сиёсат зарур аст, то баҳогузории вазъи бонкро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ амалӣ намуда, талабот ва таклифотро дар он оид ба хизматрасониҳои бонкӣ дар ҷумҳурӣ таҳлил намоем. Дар ин замина мебояд доираи мизоҷони воқеӣ ва потенсиалии бонкро новобаста аз маҳалли қароргириашон ошкор созем. Бо ин мақсадҳо бонки тиҷоратӣ метавонад корбурди пурсишномагии мизоҷонро гузаронад. Дар пурсишномае, ки аз ҷониби бонк барои мизоҷони воқеӣ ва оянда коркард гардидааст, бояд намудҳои гуногуни хизматрасониҳое, ки ба онҳо мизоҷ метавонад эҳтиёҷ дошта бошад, оварда шаванд.

Ҳамзамон, бонк бояд имкониятҳои худро аз нуқтаи назари ҳаҷм ва сохтори захираҳои қарзӣ, бозоргирии тавозун, сатҳи хароҷотҳо аз рӯйи гузаронидани амалиётҳои дахлдор, ҷиҳозонии техникии бонк, тахассусмандии кормандон таҳти омӯзиш қарор диҳад. Дар асоси чунин таҳлил бонк сиёсатеро, ки ба ҳар як соҳаи фаъолият мувофиқ

мебошад, татбиқ менамояд. Дар баробари ин имкониятҳои бонкҳои рақобатпазир ба инобат гирифта мешаванд.

Барои ноилгардии мақсадҳои идоракунии захираҳои қарзии бонки тиҷоратӣ бояд маҷмӯи амалҳо, усулҳо ва воситаҳо ҷиҳати батартибандозии фаъолияти муштараки одамон, яъне ташкили идоракунӣ, муайян карда шавад. Ташкилнамоӣ ҳамчун яке аз функсияҳои менеҷмент объектро созмон ва такмил дода, тартиби амалнамоии онро коркард намуда, механизмҳои мутобиқгардиро дар тағйироти алоқаҳои хориҷӣ ва дохилӣ дар низоми идоракунӣ таъсис медиҳад. Моҳияти функсияи ташкилии идоракунӣ, дар ташкилнамоӣ ва асосноксозии интихоби намудҳои фаъолияте, ки барои амалисозии ташкилнамоии захираҳои қарзии бонк зарур мебошанд, ифода меёбад.

Давраи навбатӣ дар идоракунии захираҳои қарзии бонки тиҷоратӣ таъсисдиҳии сохтори функсионалии идоракунӣ ва тақсимкунии функсия ва вазифаҳо миёни воҳидҳои алоҳидаи бонк мебошад. Мақсаду вазифаҳо ва сиёсат дар ин давра на танҳо ифодаи аниқу сифатнок, балки миқдориро низ соҳиб мегарданд. Шакли ҷамъбастии ифодаи сиёсати идоракунии захираҳои қарзии бонки тиҷоратӣ – барномаи рушди захираҳои қарзӣ, нақшаи ташкилкунии захираҳои қарзӣ, дастурамалҳо, фармонҳо ва ғайра ба ҳисоб меравад. Дар ин давра номгӯи чораҳои амалӣ дар соҳаи ташкилнамоӣ ва идоракунии захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ (ташкилӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ-иқтисодӣ, техникӣ ва технологӣ, кадрӣ ва ғайра) бо ишораи муҳлатҳои мушаххас, ҳаҷми захирҳо, иҷрокунандагоне, ки барои амалисозии ҳар як вазифаҳои тасдиқгардидаи муассисаҳо оид ба идоракунии захираҳои қарзии бонк зарур мебошанд, таъсис меёбанд.

Дар ҷараёни банақшагирӣ ва ташкил зарур аст, то идоракунии фавриро амалӣ намоем. Идоракунӣ – ин намуди фаъолият оид ба дастгирӣ ва рушди тартибҳои амалнамоии бонк дар соҳаи қонунҳои объективӣ, принсипҳо ва таъмини шароити ҷараёнҳо ва тамоюлҳои объективӣ мебошад. Функсияи мазкур менеҷментро ба ҷанбаҳои аз ҷониби давлат тасдиқгардидае, ки ба ташкилнамоии захираҳои қарзӣ таъсир мерасонанд, ба монанди андозҳо, меъёрҳои фоизӣ, тарифҳо, қурби асъор ва таассуротро ба тағйири ҷанбаҳои макроиқтисодӣ (сатҳи шуғл, меъёри таваррум, тағйирёбии динамикаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ) таъмин месозад.

Назорат ҳамчун функсияи асосии менеҷмент намудҳои фаъолияти идоракуниеро, ки бо ташкилнамоии иттилоот оид ба вазъият ва амалнамоии объекти идоракунӣ (баҳисобгирӣ), омӯзиши иттилоот оид ба ҷараёнҳо ва натиҷаҳои фаъолият (таҳлил), кор аз рӯйи ташхис ва баҳогузории ҷараёнҳои рушд ва ноилгардии мақсадҳо, самаранокии стратегия, дастовардҳо ва зиёдаравиҳо дар истифодабарии воситаҳо ва усулҳои идоракунӣ алоқаманданд, муттаҳид месозад.

Маълумоти ба таври муайян гирифташуда ва коркард карда шуда вазъи ҷории ҳамаи дороиҳо ва уҳдадориҳои бонкӣ, мувофиқасозии онҳо, фаврият ва хавфҳое, ки бо онҳо алоқаманд мебошанд, тавсиф месозад. Вале, муаммои фавран гирифтани маълумот метавонад танҳо бо роҳи комплексӣ ҳал гардад. Барои он, аз як тараф, коркарди таъмини методии низоми рушди молиявӣ, ки ба ҳар як сардори бонк фаҳмо мебошад, ва аз дигар тараф, муносибгардонии се қисми таркибӣ: сохтори бонк, ҳуҷҷат-гардишии он ва низоми иттилоотии он зарур мебошад.

Идоракунии дороиҳои бонк – яке аз самтҳои муҳимми менеҷменти бонкӣ мебошад, чунки он сиёсати бонкро, ки дар давраи дахлдор ба қайд гирифта шудааст, амалӣ месозад. Дар ҷараёни идоракунии дороиҳо вазифаи таъминсозии фаъолияти даромаднокии бонк ҳангоми риояи бозоргирии тавозуни он имконпазир мегардад. Ин вазифа танҳо дар асоси таҳлили низомноки вазъияти бамиёномада тавассути амалҳои самти мақсаднокдоштае, ки тағйироти сохтори дороиҳоро таъмин менамоянд, имконпазир мебошад. Маълум аст, ки дороиҳои гуногун ба бонк фоидаи якхеларо наоварда, дорои сатҳи гуногуни хавф мебошанд. Аз ҳамин сабаб бонкҳо бояд гурӯҳбандии ҳамаи дороиҳоро дар алоқамандӣ бо муҳлатҳои воситаҳои гузошташуда, даромаднокӣ ва сатҳи хавфи онҳо гузаронанд. Усулҳои идоракунии дороиҳо одатан аз рӯйи хусусиятҳои вазифавие, ки бонк дар муддати давраи дахлдор ҳал менамояд, вобастагӣ дорад.

Идоракунии уҳдадориҳо фаъолияти бонкро ифода менамояд, ки бо ҷалби воситаҳои молиявии ҳиссагузорон ва дигар қарздорон ва муайянсозии комбинатсияи сарчашмаҳои воситаҳое, ки барои қонеъгардонии бозоргирӣ зарур мебошанд, алоқаманд аст.

Маҳз тавассути амалиётҳои ғайрифаъол бонк захираҳои худро барои амалинамоии амалиётҳои фаъол идора намуда, сохтори муносиби захираҳои қарзиро созмон медиҳад. Ба амалиётҳои ғайрифаъоли бонкҳои тиҷоратӣ ҳиссаҷудокуниҳо аз фоида барои ташкилнамоии сармояи оинномавӣ; ҷалби қарзҳо, ки аз дигар шахсони ҳуқуқӣ гирифта шудаанд; амалиётҳои пасандозӣ тааллуқ доранд. Танҳо гурӯҳи якуми амалиётҳои ғайрифаъол воситаҳои худии бонкро ташкил менамояд. Бадастории қарзҳои бонкӣ аз дигар шахсони ҳуқуқӣ бештар барои танзимнамоии фаврии бозоргирии тавозунҳои бонкӣ ё додани қарзҳои тасоддуфӣ зарур мебошад. Ҳиссаи асосии ҳамаи амалиётҳои ғайрифаъоли бонкиро амалиётҳои пасандозӣ ташкил медиҳанд.

Идоракунии уҳдадориҳои бонк самти мустақили менеҷментро мефаҳмонад, ки дар ҷараёни он чунин вазифаҳо ҳал карда мешаванд:

– дар бонк роҳ надодани мавҷудияти воситаҳое, ки даромад намеоранд, ба ҷузъ аз он қисмате, ки ташкилнамоии захираҳои ҳатмиро таъмин месозанд;

– ҷустуҷӯ намудани захираҳои зарурии қарзӣ барои аз ҷониби бонк иҷронамоии уҳдадориҳои дахлдорро дар назди мизоҷон ва рушди амалиётҳои фаъол;

– таъминсозии гирифтани фоида аз ҷониби бонк аз ҳисоби ҷалби «захираҳои арзон».

Ҳар яке аз ин вазифаҳо усулҳо ва роҳҳои ҳалли махсуси худро пешбинӣ менамоянд. Нақши муҳим дар миёни онҳо ба фоизи пасандозӣ, дифференсиатсияи он дар вобастагӣ аз муҳлати ҳиссагузорӣ мансуб мебошад. Вале рушди амалиётҳои ғайрифаъол аз гуногунии намудҳои онҳо дида, диққати ҷиддӣ ба афзоиши ҳаҷми онҳо медиҳад.

Ҳамин тавр, идоракунии самараноки захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ, бо низоми пурраи чорабиниҳои ташкилӣ, якҷоя мебошанд, аз ҷумла: таъсисдиҳии технологияи ягона, гирифтан ва назорати иттилооти ибтидоӣ бо тартиби вақти воқеӣ; барпосозии сохтори ташкилии бонк, ки дар дохили он тақсимнамоии ҷиддии уҳдадориҳо миёни кормандон мавҷуд буда, омодасозии маълумотҳои ибтидоӣ ва коркарди онҳоро амалӣ месозанд; таъсисдиҳии механизмҳои сохтории ташкилие, ки таъминкунандаи алоқаи баръакс миёни таҳлилгарон ва шахсоне мебошанд, ки дар асоси ин маълумотҳо қабул намудани қарорҳои мушаххас ва амалнамоии пурраи бонкро кафолат медиҳанд.

Бо дарназардошти нуктаҳои дар боло зикргардида метавон чунин хулосаҳоро иброз дошт:

– низоми бонкӣ сохтори мураккабташкили иерархӣ бо унсурҳои ташкилдиҳандаи он – ниҳодҳои қарзӣ - молиявӣ ба ҳисоб меравад, ки муҳимтарини онҳо бонкҳои интишорӣ ва ғайриинтишорӣ (тиҷоратӣ ва махсусгардонидашуда) мебошанд;

– дар шароити қунунӣ аҳамияти ҷиддиро ҷараёни ташкилнамоии уҳдадориҳои бонкӣ касб менамояд, ки бо муносибгардонии сохтор ва сифати идоракунӣ аз рӯйи ҳамаи сарчашмаҳои воситаҳои пулӣ, ки иқтидори захиравии бонки тиҷоратиро таъсис медиҳанд, алоқаманд мебошад;

– базаи захиравии бонк аз рӯйи воситаҳои худӣ, ҷалбкардашуда ва қарзӣ иборат мебошад. Чунин сохтори воситаҳо бо хусусияти хосси фаъолияти миёнаравии бонк муайян карда мешавад, ки дар ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо пешниҳоди минбаъдаи онҳо ба дигар субъектҳои бозори молиявӣ бо шароити баргардонӣ, пардохтпазирӣ ва муҳлатнокӣ дода мешаванд. Умуман воситаҳои ҷалбкардашуда ва қарзии бонк қисмати калони захираҳои он ва воситаҳои худӣ бошанд, қисмати камтаринашро ташкил медиҳанд;

– ташкилнамоӣ, идоракунӣ ва истифодабарии самараноки захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ, ки бо низоми пурраи чорабиниҳои ташкилӣ мусаллаҳ гардонида шудаанд.

Ҳамин тавр, метавон зикр намуд, ки истифодаи самараноки захираҳои қарзӣ дар рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ нақши калидӣ дорад ва болоравии даромаднокиву устуворii молиявии бонкро таъмин месозад. Гузашта аз ин, бонкҳои тиҷоратиро лозим аст, ки дар истифодаи мақсадноки захираҳои қарзӣ стратегияи муайян дошта бошанд ва даромаднокии иқтисодии онҳоро таъмин созанд.

Муқарриз: н.и.и., муаллими калон Ғаюров Ғ.Ҳ.

АДАБИЁТ

1. Барфиев К.Х. Конкурентоспособность сельскохозяйственного производства и её учетно-аналитические основы: теория, методология, организация (на материалах Республики Таджикистан) 08.00.12 - бухгалтерский учет, статистика. Диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук. г. Бишкек-2019 г. 274 стр.
2. Бердиев Р.Б. Институциональные факторы инвестиционного развития в постсоветских странах (на материалах Республики Таджикистан): автореф…дис… док. экон. наук / Р.Б. Бердиев. -Бишкек: КРСУ, 2012. -42 с.
3. Ганиев Р.Г. Модернизация банковских услуг населению в условиях рыночной экономики / Р.Г. Ганиев. – Душанбе: Эрграф, 2017. -204 с.
4. Гаюров Г.Х. Дистанционное банковское обслуживание и его роль в развитии банковского сектора Республики Таджикистан / Г.Х. Гаюров // Вестник ТГУПБП. – 2017. -№3(72). -С. 95-106.
5. Ғаюров Ғ.Ҳ. Истифоданамоии самараноки менеҷмент дар сохтори бонкии муосир / Ғ.Ҳ. Ғаюров, С.П. Одинаев // Паёми Донишгоҳии миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2017. -№2/3. -С.253-256.
6. Глобализационные процессы и экономические проблемы Таджикистана / [Н.К. Каюмов, Т.Н. Назаров, И.И. Махмудов и др.] // Экономика Таджикистана: стратегия развития. -2003. -№4. -С.5-64.
7. Лаврушин О.И. Банковское дело: учебное пособие / О.И. Лаврушин. – 2-е изд., перераб. и доп. -М.: Финансы и статистика, 2010. -672 с.
8. Обидов Ф.С. Природно-ресурсный потенциал национальной экономики и проблемы его использования (на примере Республики Таджикистан): автореферат дис. ... докт. экон наук / Ф.С. Обидов. -Душанбе, 2006.
9. Рахимов З.А. Развитие банковской системы Таджикистана в условиях переходной экономики: дис. …д-ра экон. наук / З.А. Рахимов. -М., 2003. -258 с.
10. Файзуллоев М.К. Современная практика управления и организации долговых ресурсов коммерческих банков / М.К. Файзуллоев, Солехзода А.А. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2019. -№1. -С.33-38.
11. Хикматов У.С. Анализ развития основных показателей банковской системы Республики Таджикистан / У.С. Хикматов // Вестник (Российско-Таджикский (Сславянский) университет). - 2019. -№3(67). -С.41-52.
12. [Электронный ресурс]. www.economy-ru.com/obraschenie-kredit-denejnoe/iii-politikagosudarstva-otnoshenii-14422.html

МУКАММАЛГАРДОНИИ ЗАХИРАҲОИ ҚАРЗИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ВА УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ОНҲО

Дар мақолаи мазкур яке аз самтҳои асосии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дарҷ гардидааст, ки захираҳои бонкӣ ва тартиби ташкили онҳо дар раванди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ нақши муҳим доранд. Тартиби ташкили захираҳои бонкӣ раванди мураккаб буда, аз бонкҳои тиҷоратӣ стратегияи махсус ва комилро талаб менамояд. Асоснок гардидааст, ки яке аз қисматҳои бузурги захираҳои бонкӣ, ин захираҳои қарзӣ ба шумор меравад ва даромади бонк дар шароити муосир аз ин захираҳо вобастагии зиёд дорад. Қисмати зиёди захираҳои қарзӣ аз ҳисоби маблағҳои ҷалбшуда дар шакли пасандоз ташкил карда мешавад. Барои ҷалби бештари пасандозу амонатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бонҳоро зарур аст, ки роҳҳо ва усулҳои муосирро коркард намоянд. Зеро сармояи бонк асосан аз ҳисоби захираҳои ҷалбшуда ташаккул меёбад ва самаранокии фаъолияти бонкҳо азистифодаи мақсадноки ин захираҳо вобастагии зиёд дорад. Дар умум, муаллиф паҳлуҳои назариявӣ – амалии ташкил, идора ва истифоданамоии захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратиро ба таври васеъ таҳқиқ намудааст. Ҳангоми таҳқиқ самтҳои муҳими истифодаи самараноки захираҳои қарзӣ нишон дода шуда, усулҳои муосири мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Гузашта аз ин, ҷиҳати ташаккулёбии захираҳои қарзӣ ва истифодабарии мақсадноки онҳо аз ҷониби муаллиф тавсияҳои муфид пешниҳод гардидааст.

Калидвожаҳо: низоми бонкӣ, танзими фаъолияти бонкҳо, захираҳои бонкӣ, уҳдадориҳои бонкӣ, пасандоз, амонат, қарз, захираҳои қарзӣ, сармояи бонк, ташкилоти қарзӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, хавфи қарзӣ.

УЛУЧШЕНИЕ КРЕДИТНЫХ РЕСУРСОВ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ И МЕТОДЫ ИХ УПРАВЛЕНИЯ

В статье исследуется одно из основных направлений деятельности коммерческих банков. Отмечается, что банковские ресурсы и порядок их организации играют важную роль в процессе работы коммерческих банков. Процедура создания банковских резервов - сложный процесс, требующий от коммерческих банков конкретной и комплексной стратегии. Утверждается, что одним из основных компонентов резервов банка являются его кредитные резервы и доход банка в современных условиях сильно зависит от этих резервов. Наибольшая часть кредитных ресурсов формируется за счет привлеченных средств в виде депозитов. Чтобы привлечь больше депозитов физических и юридических лиц, банкам необходимо развивать современные методы и приемы. Ведь капитал банка формируется в основном за счет привлеченных ресурсов, а эффективность деятельности банков зависит от целевого использования этих ресурсов. В целом, автор подробно изучил теоретические и практические аспекты организации, управления и использования кредитных ресурсов коммерческих банков. В исследовании определены важные направления эффективного использования кредитных ресурсов и рассмотрены современные методы. Кроме того, автор дает полезные рекомендации по формированию кредитных ресурсов и их целевому использованию.

Ключевые слова: банковская система, регулирование банков, банковские резервы, обязательства банков, сбережения, депозиты, ссуды, кредитные резервы, банковский капитал, кредитная организация, коммерческие банки, кредитный риск.

IMPROVEMENT OF CREDIT RESOURCES OF COMMERCIAL BANKS AND THEIR MANAGEMENT METHODS

This article examines one of the main areas of activity of commercial banks. It is noted that bank resources and the order of their organization play an important role in the process of commercial banks. The procedure for creating bank reserves is a complex process and requires a specific and comprehensive strategy from commercial banks. It is argued that one of the major components of a bank's reserves is its credit reserves, and the bank's income in modern conditions depends heavily on these reserves. The largest part of credit resources is formed at the expense of attracted funds in the form of deposits. In order to attract more deposits of individuals and legal entities, banks need to develop modern methods and techniques. Because the bank's capital is formed mainly from the attracted resources and the effectiveness of the banks' activity depends on the targeted use of these resources. In general, the author has extensively studied the theoretical and practical aspects of the organization, management and use of credit resources of commercial banks. The study identifies important areas for the effective use of credit resources and examines modern methods. In addition, the author provides useful recommendations for the formation of credit resources and their targeted use.

Keywords: banking system, regulation of banks, bank reserves, bank liabilities, savings, deposits, loans, credit reserves, bank capital, credit organization, commercial banks, credit risk.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Файзуллоев Меҳроб Кароматуллоевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 985-38-40-00.** E-mail: **mehrob-89@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Файзуллоев Мехроб Кароматуллоевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры банковского дела. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 985-38-40-00.** E-mail: **mehrob-89@mail.ru**

Information about the author: ***Fayzulloev Mekhrob Karomatulloevich*** - Tajikistan National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of Banking. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 985-38-40-00**. E-mail: **mehrob-89@mail.ru**

УДК 330.34 (575.3)

ТАШАККУЛ ВА ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ САРМОЯИ ИНСОНӢ: АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ

Қурбонов А.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити шиддат гирифтани тараққиёти истеҳсолию муомилотӣ, дар сохтори муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёнҳое ба монанди рушди донишҳои нав дар заминаи истифодаи технологиҳои рақамӣ, пурзӯр шудани рақобат байни субъектҳои хоҷагидорӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ ба иқтисоди миллӣ ва ғ. ба амал омада истодаанд, ки тақвият ва истифодаи оқилонаи сармояи инсониро дар ҳадди максималӣ талаб мекунанд. Ин равишҳо ва дигар масъалаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мардум дар шароити имрӯза муҳиммияти интихоби роҳу усулҳои мусоиди ташаккул ва рушди сармояи инсониро ба миён мегузоранд. Албатта, то имрӯз олимони ватанию хориҷӣ масъалаи дарёфт ва истифодаи беҳтарин равишҳои ташаккул ва рушди сармояи инсониро мавриди омӯзиш ва истифода қарор додаанд. Аммо, бо назардошти тағйирот ва рушди илму техника талабот ба тақвият ва истифодаи сармояи инсонӣ аз нигоҳи стратегӣ такмил ёфта, дар ин радиф усулҳои ташаккулдиҳӣ ва истифодаи он низ тағйир меёбад.

Сармояи инсонӣ чун категорияи мураккаби иқтисодӣ дорои имконият ва иқтидорҳое мебошад, ки барои дарёфти роҳҳои ҳавасмандгардонӣ ва истифодаи сатҳи баланди онҳо роҳу равишҳои ҳирфаӣ талаб карда мешавад.

Ҷиҳати омӯзиш, таҳлил, муайяннамоӣ ва истифодаи равиши беҳтари ташаккул ва истифодаи сармояи инсонӣ, ба андешаи мо, қаблан бояд заминаҳои таърихии пешниҳод ва истифодаи равишҳои маъмули ташаккулдиҳандаи сармояи инсонӣ мавриди муқоиса ва баҳогузорӣ қарор дода шуда, сипас вобаста ба тақозои замон равиши беҳтаре коркард ва тавсия карда шавад.

Бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои таркибии сармояи инсонӣ маълум мегардад, ки ташаккул ва истифодаи мақсадноки он предмети омӯзиши танҳо иқтисодиёт набуда, балки роҳу усулҳои истифодаи самаранок ва ташаккули он дар доираи илмҳои ҷомеашиносӣ, фарҳангшиносӣ, фалсафа, тиб ва ғайра бисёр пайгирӣ шудааст. Вобаста ба ин, ҳангоми омӯзиши заминаҳои таърихии рушду инкишофи назария ва амалияи ташаккули неруи инсонӣ ақида ё тавсияҳои ҷолибе пайдо намудан мумкин аст. Файласуфони Юнони қадим - Сукрот, Арасту, Афлотун, Эпикур, Лукретс инсон ва қобилияти эҷодкорию маҳорати ҳунарии онро мавриди омӯзиш қарор дода, ташаккули онро аз қуввaҳои илоҳӣ, муҳит, вазъи ҷуғрофӣ, сатҳу сифати хӯрок ва ғайра вобаста шуморидаанд [5,с.280; 12,с.24].

Дар адабиёти иқтисодӣ Уилям Петти яке аз нахустин олимоне шинохта шудааст, ки омили инсониро дар раванди пешбурди фаъолияти хоҷагидории давлат арзиши баланд додааст. Воқеан, У. Петти аз нуқтаи назари иқтисодӣ ҷараёнҳои иқтисодию иҷтимоии бо инсон алоқамандро таҳқиқ намуда, ҳамзамон қайд мекунад, ки нақши муҳимми шахс ва қобилияти фавқулода фарқкунандаи ӯ муҳимтарин сарвати миллии ҳар як кишвар ба ҳисоб меравад. Ӯ одамонро бо қобилиятҳои гуногунашон, ки дар маҷмӯъ аҳолии давлатро ташкил медиҳанд, манбаи асосии даромади давлат мансуб дониста, қайд мекунад, ки ташаккул ва инкишофи ин сарвати миллӣ хароҷоти муайянро талаб мекунад. Барои Уилям Петти он замон мушкил буд, ки инсон ва қобияти онро ҳам сарват ва ҳам объекти сармояталаб исбот намояд. Аммо бо ин мушкилӣ таслим нашуда, ӯ барои муайян кардани мақсаднокии хароҷоти пул аз хазинаи давлат ба аҳолии давлат, дар асари худ «Рисолаи андозҳо ва пардохтҳо» кӯшиш кард, ки шумораи зарурии одамони касбу кори гуногунро (табибон, адвокатҳо, ходимони дин, деҳқонон ва ғ.) бо назардошти бартариятҳои касбиашон омӯхта, вобаста ба ин муайян намояд, ки кадом институтҳои асосии таъсиррасон ба ташаккули кадом касбу кор вазифадор карда шавад [1,с.80].

Ҳамин тариқ, Уилям Петти муҳимтарин ихтисосҳоро барои рушди давлат муайян намуда, давлат ва субъектҳои хоҷагидори бузургро, ки аз меҳнати умумиҷамъиятии

одамон истифода мекунанд, ба сармоягузорӣ ва қадрнамоии ин неруи муҳим таъкид месозад. Равиши ташаккулдиҳии омили инсонӣ, ки аз ҷониби Уилям Петти пешниҳод шуд, аз сармоягузорӣ, идоракунӣ ва ҳавасмандгардонии давлатии касбу кори барои давлат муҳим иборат буд.

Ғояи истифодаи мақсадноки имкониятҳои омили инсонӣ, хусусан такмили асарбахшии дониш ва малакаи инсонӣ дар асарҳои намояндаи маъруфи мактаби классикии иқтисодиёт Адам Смит мавриди таҳқиқ ва инкишофдиҳӣ қарор дода шудааст. Ӯ низ чун У. Петти қайд мекунад, ки қобилиятҳои инсон ва боварии ӯ ба меҳнат як қисми сармояи умумии раванди истеҳсолот мебошанд. Аммо такмил ва ба даст овардани ин арзишҳо бо баъзе хароҷотҳо алоқаманд мебошанд, ки албатта ин хароҷот баъдан ҷуброн карда мешаванд, зеро қобилиятҳои бадастомада барои ба даст овардани даромад истифода мешаванд. Яъне, мутобиқи консепсияи илмии А. Смит ташаккули омили инсонӣ бо додани музди меҳнат ва ҳавасмандаградонии коргар дар ҷараёни истеҳсолот алоқаманд аст.

Муносибати Карл Маркс ба арзёбии қобилиятҳои инсон, аз як тараф, ба ақидаҳои пешниҳоднамудаи У. Петти ва А. Смит шабоҳат дорад, хусусан бо он ақидае, ки қобилиятҳои истеҳсолии одамон муҳимтарин сарвати аслии ҷамъият ё давлат мебошанд. Мо фикр мекунем, ки пайдоиши нахустин хулосаҳо дар робита бо он, ки инсон муҳимтарин омили раванди истеҳсолот аст, боиси инкишофи фикрҳои У. Петти, А. Смит ва К. Маркс гаштааст. Бо ин далел фикрҳо аз як нигоҳ шабоҳати байниҳамдигарӣ доранд. Аз тарафи дигар, муносибати К. Маркс нисбат ба тавсифи мавқеи муайян кардани неруи меҳнатӣ комилан фарқ мекунад. К. Маркс қайд мекунад, ки: «…қувваи корӣ дар дасти коргар ин мол аст, зеро он пас аз фурӯш, дар дасти сармоядор амал мекунад, албатта дар раванди истеҳсолот» [17,с.78].

Дар маҷмӯъ, хулосаҳои илмию озмоишии алоқаманд бо масъалаҳои иқтисодӣ К. Марксро маҷбур ба ҳамоҳанг сохтани равиши класикӣ бо равиши иҷтимоию иқтисодӣ намуданд. Дар тадқиқотҳои К. Маркс, ба андешаи мо, яке аз муаммоҳои марказӣ маҷмӯи масъалаҳои алоқаманд бо таҳлили нақши иқтисодию иҷтимоии инсон дар низоми истифодабарӣ ва истеҳсоли сармоя ба ҳисоб меравад. К. Маркс дар натиҷаи озмоишҳо ва таҷрибаҳои илмӣ мафҳумҳои зиёдеро, ба мисли иқтисодиёти меҳнат, қувваи корӣ, қувваи кории кироя, маҳсули қувваи кориро ба илми иқтисодиёт ворид намуд, ки онҳо минбаъд заминаи асосии ташаккулёбӣ ва рушди назария ва амалияи сармояи инсонӣ гаштанд. Хулоса, К. Маркс бо кӯшиши зиёд мехост исбот намояд, ки инсон ва қувваи кории он дар раванди истеҳсоли неъматҳои моддию маънавӣ муҳимтарин омили пешрафт ба ҳисоб мераванд.

Дар мавриди таҳлили масъалаҳои иқтисодии вобаста ба омӯзиши қобилиятҳои истеҳсолии инсон олимони шинохта одатан номи Алфред Маршаллро дар охири мулоҳизаҳо қарор медиҳанд. Ин ҳолат бо он алоқаманд аст, ки ӯ сармояи инсониро чун категорияи иқтисодии ғайривоқеӣ мешуморид. Ӯ қайд намуд, ки одамон моли бозоргир буда, наметавонанд. Сифатҳои шахсӣ ва қобилияти инсонро А. Маршалл ба сифати неъматҳои интиқолнашаванда тавсиф намудааст. Ҳамин тариқ, бо назардошти он ки А. Маршалл дар байни иқтисодчиёни ҳамон замон нуфуз ва эътибори баланд дошт, баъди ибрози ақида роҷеъ ба мафҳуми сармояи инсонӣ таваҷҷуҳ ва ҳавасмандии муҳаққиқони ин равиш коста гардид. Оид ба ин вазъият муҳаққиқи маъруфи таърихи рушди афкори иқтисодӣ М. Блауг возеҳ исбот намудааст, ки: «… Маршалл таваҷҷуҳ ва рушди бемайлони назарияи сармояи инсониро, ки чун категорияи иқтисодӣ хуб ҷараён гирифта буд, кушт. Баъдтар ӯ ғояи сармояи инсониро ғайривоқеӣ шуморида, мақоми судманд ва фоидаоварии онро дар зуд пажмурда шудани ин ғоя маънидод намуд» [1,с.80]. Аз ин ҷост, ки дар ташаккули илм ва назарияи сармояи инсонии он замон танаффуси калон ба назар мерасад.

Баъд аз танаффуси тулонӣ татбиқи корҳои илмию назариявии доманадор дар самти ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ дигарбора шуда солҳои 30-40-уми асри XX дар Донишгоҳи Гарвард аз ҷониби Ҷ. Уолш (1935) дар мақолае бо номи «Консепсияи татбиқи сармоя ба инсон» бисёр масъалаҳои рушд ва инкишофии амалии сармояи инсониро мавриди омӯзиш қарор дод. Ӯ, ҳамзамон, ба якчанд саволи муҳимми рушд ва инкишофи

сармояи инсонӣ посух дод, ба монанди: оё маориф ва малакаҳои касбӣ сармояи шахс буда метавонанд? Агар чунин бошад, оё тавассути онҳо фоида ба даст овардан мумкин аст? Ҷ. Уолш дар натиҷаи пайгирии дарёфти посух ба ин саволҳо бо истифодаи усулҳои гуногуни баҳогузорӣ дар асоси маълумотҳои оморӣ хароҷоти таҳсилот ва даромади оянда аз онро муайян намуд. Дар натиҷа ӯ ба хулосае омад, ки сармоягузорӣ ба дониш ва малакаи инсон баробар ба сармоягузорӣ ба воситаҳои моддӣ аст. Яъне, ӯ сармоягузориро ба ташаккули сармояи инсонӣ тавассути дониш ва малакаи касбӣ тасдиқ намуд [17,с.78].

Ташаккулёбии назария ва амалияи муосири сармояи инсониро мутааллиқ ба охирҳои солҳои 50-ум ва аввали солҳои 60-уми асри XX медонанд. Дар сароғози равнақ додани донишҳо вобаста ба ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ Т. Шултс меистад.

Т. Шултс соли 1960 дар мақолаи худ бо номи «Дониш чун сарчашмаи ташаккулёбии сармоя» арзиши қувваи корӣ, арзиши таҳсил ва маҷмӯи меҳнати дар раванди таълим масрафшударо, ҳисоб намуда, ҳамзамон раванди ташаккулёбии сармояи инсониро муайян кардааст. Ба ҳамин монанд, соли 1961 дар мақолаи навбатии худ «Инвеститсия ба сармояи инсонӣ» [17,с.570] нахустин шуда ҷиҳати ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ хусусиятҳои инвеститсионии онро омӯхта, намудҳои сармояи инсониро бо тартиби зерин тақсим кардааст: инвеститсия ба омӯзиш (дар мактаб, донишгоҳ ва ҷойи кор); инвеститсия ба тандурустӣ.

Дар пайравии Т. Шултс иқтисодчии машҳури англис Гери Стэнли Беккер ҷиҳати тақвият бахшидан ба инкишоф ва рушди консепсияи сармояи инсонӣ ҷанбаҳои гуногуни рафтори инсон ва алоқамандии муносибатҳои бозорию ғайрибозории онро бо истифода аз равиши таҳлили микроиқтисодӣ баҳогузорӣ намудааст. Аниқтараш, ӯ соли 1961 дар мақолаи худ «Инвеститсия ба сармояи инсонӣ» ташаккул ва инкишофи сармояи инсониро дар алоқамандӣ бо ҷалби инвеститсия ба қисмҳои таркибии он тавсия намудааст. Дар баробари ин, ба сифати муҳимтарин қисмҳои таркибии сармояи инсонӣ ӯ таҳсил, таҷрибаи корӣ, тандурустӣ, зудҳаракатии ҷуғрофӣ ва иттилоотро ҷудо намудааст. Инчунин Г.С. Беккер қайд мекунад, ки унсурҳои таркибии номбурда сармоягузориро ифода мекунанд, зеро хароҷоти имрӯз дар онҳо масрафшуда, даромадро барои фардо афзун месозанд. Инчунин, Г.С. Беккер соли 1964 бо нашр кардани монография дар мавзӯи «Сармояи инсонӣ: таҳлили назариявӣ ва эмперикӣ» [17,с.65] модели ташаккулдиҳӣ ва рушди сармояи инсониро дар асоси омӯзиши мотиватсия ва рафтори фардӣ, ки дар натиҷа фоидаоварии сармояи инсониро баланд мекунад, пешниҳод намуд.

Дар натиҷаи омӯзиши амиқи таҳқиқотҳои анҷомдодаи Т. Шултс ва Г.С. Беккер маълум мегардад, ки нахустин заминаи ташаккулдиҳӣ ва рушди сармояи инсонӣ мутаалиқ ба асарҳои онҳо буда метавонад. Таҳиқотҳои минбаъдаи дар ин замина анҷомёфтаро гоҳо бо таҳлили пурра ва гоҳо бо таҳлили яке аз қисмҳои таркибии сармояи инсонӣ омӯхтаанд.

Аз давраи Уилям Петти то ба Т. Шултс ва Г.С. Беккер муҳимтарин масъалаҳои алоқаманд бо сармояи инсонӣ омӯхта, ошкор карда шуданд. Шурӯъ аз замони Т. Шултс ва Г.С. Беккер дар мавриди ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ равишҳои гуногун пайдо шуд.

Дар баробари олимони шинохтаи классики хориҷӣ, ки масъалаҳои гуногуни ташаккул ва рушди сармояи инсониро мавриди таҳқиқ қарор додаанд, саҳми олимони тоҷик низ бузург арзёбӣ мегардад. Тайи солҳои охир падидаи хуби илмие дар асарҳои Т.Б. Ғаниев дида мешавад, ки ӯ андешаҳои ҷолиби олимони классики тоҷикиро ба доираи баҳси иқтисодиёт ворид намудааст. Аз сарчашмаҳои қайд шуда бар меояд, ки классикони форсу тоҷик чун Абуабдуллои Рӯдакӣ, Абӯали ибн Сино, Абулқосими Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ ва дигарон ба масъалаи тарбияи ҷисмонию равонии инсон таваҷҷуҳи хоса додаанд. Воқеан, дар асоси истифодаи тавсияҳои олимони классики тоҷик тарбияи сарварони муваффақро дар тамоми сохторҳо тарбият намудан мумкин аст, ва, албата, ин яке аз талаботҳои асосии ташаккул, инкишоф ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба махсусиятҳои арзишҳои миллӣ мебошад [12,с.24].

Дар замони муосир масъалаи коркард, пешниҳод ва амалисозии равиши мувофиқи ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ байни муаллифони ватанию хориҷӣ масъалаи баҳснок ва мубрам интихоб шудааст.

Дар мавриди расидан ба натиҷаи хосташавандаи рушди сармояи инсонӣ равишҳои гуногун истифода мегардад [10,с.188]:

–такмили низоми таълим дар муассисаҳои таҳсилотӣ (миёна, касбӣ ва олӣ);

–ташкил ва такмили низоми пайвастаи омӯзиш дар раванди истеҳсолот;

– ҳавасманд гардонидани фаъолияти инноватсионӣ, ҳавасманд гардонидани фаъолияти эҷодӣ;

–истифодаи низоми дурусти баҳогузории раванди меҳнат;

–таъмини низоми бо талабот мувофиқи болоравӣ дар мансаб.

Дар ниҳоят, аз таҳқиқотҳои олимони зикргардида маълум мегардад, ки онҳо ташаккули сармояи инсониро дар асоси равиши мукаммалгардонӣ ва рушди сармояи дониш муҳим мешуморанд.

Ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба равиши тақвияти сармояи дониш. Воқеан, дар ташаккул, рушд ва истифодаи мақсадноки сармояи инсонӣ дониш нақши марказӣ дорад. Муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии замони муосир аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ба рақобат тоб овардани ҳама намуди молу хизматрасониҳо аз сатҳи дониш ва инноватсияи истифодашуда вобастагӣ дорад.

Дар ҷомеа сатҳи саводнокии ҳар як аъзои он аҳамияти муҳим дорад. Мувофиқи тадқиқоти ЮНЕСКО, чунин вобастагӣ муайян карда шудааст: «…саводнокӣ ба 60% сатҳи даромади ояндаи инсон таъсир мерасонад». Ҳамин тавр, саводнокӣ ҷузъи муҳимми раванди такрористеҳсоли сармояи инсонӣ буда, онро дар ҷомеа соҳаи маориф таъмин менамояд. Зери мафҳуми маориф «раванди таълиму тарбия ба манфиати шахс, ҷамъият ва давлат, ки соҳиби дараҷаи муайяни таҳсилот гардидани таълимгирандаро таъмин мекунад» [11,с.23] фаҳмидан мумкин аст.

Саводнокӣ самти калидии бавуҷудоии сармояи инсонӣ аст. Ин, пеш аз ҳама, ба таҳсилоти олии касбӣ дахл дорад. Аз ин ҷо чунин самтҳои таъсири саводнокиро ба инсон ҷудо намудан зарур аст:

- дараҷаи баланди саводнокӣ меҳнати инсонро бештар сермаҳсул менамояд. Ин ҳолат дар бисёр таҳқиқотҳои таҷрибивӣ тасдиқи худро ёфтааст;

- савод малакаи соҳибкории кормандро тақвият дода, ӯро кордон ва идоракунанда менамояд. Одамоне, ки на танҳо самаранок меҳнат мекунанд, балки оқилона захираҳоро истифода намуда ҳаёти минбаъдаи онҳоро дар ихтиёр доранд;

-саводнокӣ суръати паҳн шудани кашфиётҳои илмиро метезонад. Шахсони сатҳи баланди савдонокидошта зудтар ба тағйиротҳои истеҳсолӣ, илмӣ ва техникӣ диққат медиҳанд. Шахсони саводнок ба фаъолияти нав, навоварӣ, ҷӯяндагӣ ва гирифтани донишҳои нав бештар кӯшиш менамоянд**.**

Сифат ва самаранокии дониш, албатта, чун сармояи муҳимми иқтисодиёт ва имконияти рушду тараққиёт маҳсуб меёбад. Дараҷаи таъсири он аз дуруст истифода кардани ҷараёни ташаккулёбии он вобастагӣ дорад. Дар ҷараёни таълим як ё якчанд гурӯҳи қобилиятҳо инкишоф меёбанд, ки бевосита бо раванди таълим алоқаманд буда, одатан зимни ба итмом расидани раванди таълим ба анҷом мерасанд. Баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ раванди омӯзиши доимиро пешбинӣ мекунад, ки ин бевосита шарти рушди иқтисодиёти донишмеҳвари рақамӣ мебошад.

Барои ташаккул додани сармояи инсонӣ тавассути андухт ва инкишофи сармояи дониш бояд бисёр захираҳо (моддӣ – яъне неъматҳои зарурӣ, ки талаботи физиологии инсонро таъмин карда метавонанд ва захираҳои маънавӣ, ки бо рафтор, муносибат ва ғ. вобастаанд), сатҳи идоракунӣ ва истифодабарӣ (оила, ташкилот, минтақа, давлат, байналхалқӣ ва ҷаҳонӣ), соҳаҳои хоҷагии халқ (талабот ва хусусиятҳои доништалабӣ ва ташаккулдиҳии он дар соҳаҳо аз ҳам фарқ мекунад), усули таълим, талаботҳои бозори меҳнат ва ба монанди ин хусусиятҳо ба эътибор гирифта шавад [6,с.107].

Ташаккули сармояи инсонӣ дар асосии рушд ва инкишофи дониш танҳо дар ҳолати ба эътибор гирифтни тамоми унсурҳои бо ҳам алоқаманди сармояи инсонӣ имконпазир

мегардад. Ташаккули сармояи инсонӣ чун раванд, низом, механизм, яъне маҷмӯи амалҳои ба ҳам алоқаманд ё намудҳои фаъолият ва марҳилаҳо баррасӣ карда мешавад, ки танҳо дар мавриди ба эътибор гирифтани ҳамаи ин вобастагиҳо иҷроиши мақсад имкон дорад.

Ба андешаи мо ҳангоми ташаккули сармояи инсонӣ дар бахшҳои гуногуни соҳаҳои хоҷагии халқ истифодаи баъзе равишҳои илман асосноккардашуда, чун муносибати умумӣ ба фаъолият мувофиқи мақсад аст, ки дар ҷадвали 1 нишон дода шудаанд.

Ҷадвали 1. Равишҳои илмӣ ба ташаккули сармояи инсонӣ
Table 1. Scientific approaches to the formation of human capital

РАВИШ	ШАРҲИ МУХТАСАР
МАЪМУРӢ	Ин равиш дар асоси танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои вазифавӣ ташкил ва таъмин намудани низоми ташаккулёбӣ ва истифодаи мақсадноки сармояи инсониро дар бар мегирад.
ТАКРОРИСТЕҲ-СОЛӢ	Ин равиш кӯшиши таъмини ташаккулёбии сармояи инсониро бо мавқеъгирӣ ба дараҷаи баланди такрористеҳсоли доимии сармояи инсонӣ дар бахшҳои фаъолиятро ифода мекунад.
ДИНАМИКӢ	Ин равиш бо баррасии сармояи инсонӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ тавассути алоқамандии рушди диалектикӣ, алоқамандии сабабӣ ва пайдарҳамии унсурҳои он вобаста дониста мешавад.
ҲАМГИРОӢ	Таъмин намудани натиҷаи дилхоҳи ташаккулёбӣ ва рушди сармояи инсониро дар барқарор намудани муносибатҳои байни унсурҳои низоми ташаккулёбии сармояи инсонӣ ва қонуниятҳои ҳамкории зерсохторҳои алоҳидаро ифода мекунад. Яъне ҳамгироии илм, амалия ва дигар унсурҳои раванди ташаккулёбии сармояи иснонӣ.
КОМПЛЕКСӢ	Равиши мазкур, ташаккул ва истифодаи мақсадноки сармояи инсониро бо назардошти ҷанбаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, техникӣ, илмӣ, инвеститсионӣ ва ғайра муҳим тавсия менамояд.
МАРКЕТИНГ	Равиши маркетингӣ - ин таъмин намудани сатҳу сифати сармояи инсонӣ бо мавқеъгирии талаботи субъектҳои хоҷагидори иқтисодӣ фаҳмида мешавад. Яъне, замона тағйир меёбад ва соҳаҳо ба кадрҳои гуногун талабот доранд, бо ин мақсад зарурати бо талаботи онҳо мувофиқ ташаккул додани сармояи инсонӣ пеш меояд. Мисол, айни замон дар ҷаҳон талаботи баланд ба кадрҳои баландихтисоси технологияи рақамӣ вуҷуд дорад, пас ташаккули сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба инноватсия ва қонуниятҳои ин соҳа бояд таъмин карда шавад.
МЕЪЁРӢ	Ин равиш ташаккули сармояи инсониро дар асоси истифодаи мақсадноки меъёрҳо ва стандартҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда дар назар дорад.
ҶАРАЁНӢ	Фаъолияти ташаккули сармояи инсониро ҳамчун маҷмӯи амалҳои бо ҳам алоқаманд баррасӣ намуда, такмил ва ташаккули пайдарпайи онҳо вобаста аз рушди сину солӣ шарти муҳим дониста мешавад.
ВАЗЪИЯТӢ	Фарз мекунем, ки истифодаи усулҳои гуногуни ташаккули сармояи инсониро вазъи мушаххаси кишвар, минтақа, шаҳрдорӣ, ташкилот муайян мекунад. Яъне дар баъзе ҳолатҳо мо маҷбур мешавем, ки ташаккули сармояи инсониро дар доираи имкониятҳои сохтор маҳдуд созем. Бисёр мехоҳем, аммо захираҳои молиявӣ кифоят намекунанд.
ҲАДАФМАНДӢ	Тахмин меравад, ки дар ташаккули сармояи инсонӣ аз манфиатҳо ва ҳадафҳои давлат, ташкилот ва касбу ҳунари шахс, таъмини омезиши оптималии онҳо идома ёбад.

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси [1; 6; 9; 12] таҳия шудааст.

Дар воқеъ, равишҳои номбурда (ҷадвали 1), ки дар асоси ба эътибор гирифтани тавсияҳои олимони гуногуни ватанию хориҷӣ ҷамъоварӣ ва шарҳ дода шудаанд, барои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба инкишоф додани сармояи зеҳнӣ тавсия дода мешавад. Аммо бояд қайд намуд, ки танҳо бо муваффақ шудан дар самти донишандузӣ мо ба натиҷаи хосташавандаи сармояи инсонӣ ноил шуда наметавонем. Зеро муҳимтарин сармоя, ки имконияти самаранок истифодабарӣ ва андухти сармояи донишро имкон медиҳад, ин сармояи саломатӣ ба ҳисоб меравад.

Ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба равиши тақвияти сармояи саломатӣ**.** Дар илми иқтисодиёти муосир роҷеъ ба ташаккули сармояи инсонӣ соли 1972 равиши нави омӯзиш ва ташаккулдиҳӣ ба вуҷуд омад, ки дар сарчашмаи ин тағйиротҳо иқтисодчии машҳури англис Майкл Гроссман меистод. М. Гроссман нахустин шуда саломатии инсонро чун сармоя ва муҳимтарин дороии давлат илман асоснок намуда, дар монографияи «Талабот ба саломатӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва эмпирикӣ» иброз медорад, ки саломатӣ на танҳо барои ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ мусоидат мекунад, балки чун категорияи мустақили иқтисодӣ баромад карда, тамоюли рушд ва инкишофи давлатро муайян мекунад.

М. Гроссман чунин мешуморад, ки сармояи дониш, ки одам дар ихтиёр дорад ба ҳосилнокии бозорию ғайрибозории он таъсир мерасонад. Дар чунин маврид сармояи саломатии инсон шумораи ҷамъулҷамъи вақти ӯро муайян мекунад, ки он шахс метавонад харҷ намояд ва ба ин васила мол ва пул ба даст оварад [14,с.32]. Ба ақидаи ӯ сармояи саломатӣ сарват ё воситаи асосиест, ки ба дорандаи он имконияти дар вақт ва ҷойи зарурӣ истифода бурдани дониш, малака ва ғайраро медиҳад. Ба ақидаи М. Гроссман ва ҷонибдорони ӯ нишондиҳандаи муҳимми сармояи саломатӣ чун кагегорияи мустақили иқтисодӣ дарозумрӣ ба шумор меравад. Дарозумрӣ аз нигоҳи онҳо изофанамоии давраи иловагии фаъолиятро ифода мекунад, ки дар ин вақт шахс имкони истифодаи малака, дониш ва қобилияти ташкилотчигии худро пайдо намуда, онро бо пул иваз мекунад.

Воқеан, сармояи саломатӣ ба молики худ имкон медиҳад, ки муддати вақти тулонӣ сармояи дониш ва сармояи фарҳангиро андухт намояд ва пул ба даст орад. Аз ҷониби дигар, ба ақидаи М.М. Грейбил розӣ шудан мумкин аст, ки чунин мешуморад: «Одамони нисбатан донишманд бо таваҷҷуҳ ба саломатии худ муносибат мекунанд, инчунин кӯшиш мекунанд, ки ҳаёти солим ва умри дароз дошта бошанд. Дар навбати худ нишондиҳандаҳое ба монанди сатҳу шароити ташкили фаъолияти тандурустӣ, дастрасӣ ба хизматрасониҳои ин сектори бозори хизматрасониҳо сатҳу сифати инкишофи инсониро ташкил дода, мақсаднок истифода менамояд» [7,с.16]. Ҳатто қабл аз сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ аз сармояи саломатӣ вобаста аст, яъне саломатии хуб имконияти меҳнати пурсамарро таъмин намуда, ҷиҳати дар оянда даромад ба даст овардан ва сармоягузорӣ кардан ба сармояи инсониро фароҳам меорад.

Набудани сармояи саломатӣ аз байн рафтани маҳсулнокии сармояи инсонии фард ё ҷамъиятро ба миён меорад, ки дар асоси ин наметавонем то ба чунин андеша мухолиф мавқеъ нишон диҳем, ки чунин омадааст: «Инсони носолим ё коргар нест ва ё корманди ғайрисамаранок аст. Ин ҷо мушкилӣ на танҳо дар норасоии қувваи физиологӣ, ки сабаби қобилияти пасти меҳнатӣ ва аз байн рафтани он аст. Мушкилӣ, инчунин, дар он аст, ки ба кор набаромадани як корманд бо сабаби беморӣ раванди банизомдаровардашудаи фаъолияти кулли коллективро вайрон мекунад, гарчанде ҷойи онро як корманди дигар иваз карда метавонад. Ҳолати беморӣ ба ҷараёнҳои равонӣ таъсир расонида, завқи кориро аз байн бурда, вазъи боздеҳии меҳнатиро паст мекунад, ки ин, пеш аз ҳама, дар натиҷаи меҳнати эҷодӣ мушоҳида мешавад» [13,с.91]. Аз ин бар меояд, ки сатҳи нокифояи саломатӣ ба фаъолнокии иҷтимоию иқтисодии одамон таъсири манфӣ гузошта, ташаккул ва инкишофи сармояи инсониро дар маҷмуъ имкон намедиҳад.

Сармояи саломатӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар худ ҷараёни ташаккулёбӣ, дастгирӣ, мукаммалгардонии саломатӣ ва қобилияти меҳнатии инсонро ифода мекунад. Мафҳуми «сармояи саломатӣ» чун категорияи иқтисодӣ ифодакунандаи муносибат ҷиҳати нигоҳдорӣ, ташаккулдиҳӣ, ҷонибдорӣ, барқарорнамоӣ, беҳтаргардонӣ ва мустаҳкамгардонии саломатӣ буда, талафоти инсонӣ ва бемориро коҳиш дода, қувваи қобили меҳнати инсонро таъмин мекунад ё амалкарди босуботи сармояи инсониро дар маҷмӯъ таъмин месозад. Бо мақсади ошкор намудани мавқеи сармояи саломатӣ дар сохтори ташаккулдиҳии сармояи инсонӣ маҷмӯи омилҳо, унсурҳо ва ҷараёнҳо ба таври хулосабарории назариявӣ дар расми 1 нишон дода шудаанд.

Натиҷагирии нақш ва аҳамияти сармояи саломатӣ нишон медиҳанд, ки воқеан, саломатӣ заминаи асосиро дар андухт ва ташаккули қобилияти зеҳнии инсон гузошта, ҳамзамон сармояи инсониро қобили истифодабарӣ ва даромадбинӣ нигоҳ медорад. Аммо,

новобаста аз муҳиммияти ин ду хусусияти сармояи инсонӣ, дар сохтори ин сармоя агар сармояи фарҳанг мадди назар карда шавад, расидан ба натиҷае, ки онро мо интизорем ғайриимкон мегардад. Дар чунин маврид, омӯзиш, таҳлил ва ташаккули сармояи фарҳанг ҷанбаҳои иқтисодию иҷтимоӣ дошта, метавонад дар рушди ҳамаҷонибаи сармояи инсонии рақобатпазир заминаи хуб гузорад.

Расми 1. Мавқеи сармояи саломатӣ дар заминагузории ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ
Figure 1. The role of health capital in laying the foundation for the formation and development of human capital



Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси [9; 12; 10; 13] тартиб дода шудааст.

Ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба равиши тақвияти сармояи фарҳангӣ. Тавре ки маълум аст, сармояи фарҳангӣ дар равандҳои иҷтимоӣ ва институтҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла дар институтҳои ҳукмронӣ ва сиёсӣ тавассути истифодаи шаклҳои гуногуни сармояи ғайримоддӣ, ки қобилияти интиқол ба захираҳои молиявӣ ва қудратиро доранд, амалӣ карда мешавад. Моҳияти муносибати фарҳангшиносӣ ба мушкилоти навсозии ҷомеа иборат аз он аст, ки сармояи фарҳангӣ ҳамчун манбаи стратегӣ баррасӣ карда шавад, ки бидуни он навовариҳои истеҳсолӣ ғайриимкон буда, пешрафт, муваффақият ва самаранокии рушди иҷтимоӣ-фарҳангиро таъмин мекунад. Дар баробари

ин, сармояи фарҳангӣ ҳамчун маҷмӯи омилҳое амал мекунад, ки ба раванди навсозӣ мусоидат карда, ҳамчун силсилаи тағйиротҳои мақсадноки иҷтимоию иқтисодии ба дигаргуниҳои глобалӣ вобаста фаҳмида мешаванд. Дар робита ба раванди ҷаҳонишавӣ ва рушди сармояи инсонии бо талабот мувофиқ, хусусан бо таваҷҷуҳ ба сармояи фарҳангӣ, олими ватанӣ Т.Б. Ғаниев бисёр таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ аз ҷумла, қайд мекунад, ки «Барои таъмини фаъолнокии сармояи инсонӣ дар ҷараёни истеҳсолӣ ва тиҷорату хизматрасониҳо моро зарур аст, ки сармоягузориҳои стратегии дарозмуддатро дар бахши рушди неруи зеҳнии инсонӣ равона намоем. Ин равишро бо роҳи додани маълумоти олии касбӣ ва таълимоти бефосилаи касбӣ – электронӣ тарбияи хуби ахлоқӣ гирифтани инсоният, рушди пайвастаи соҳибкориву ҳунармандӣ, ТТИИЭ, ташаккули пешвоӣ, таъмини бехатарии фаъолияти касбиву ҳунарӣ ва муҳити озоди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву санъати волои инсонӣ муҳайё созем» [5,с.158; 6,с.105].

Мафҳуми «капитали фарҳангӣ» нахустин маротиба ба таври илмӣ соли 1964 аз ҷониби олимони фаронсавӣ П. Бурдие ва Ҷ. Поссрон асосонок шудааст [2,с.34]. Новобаста аз ин, ки аллакай соли 1960 намояндаи мактаби неоклассики назарияи иқтисодӣ Т. Шултс салоҳиятҳои таълимиро ҳамчун шакли хосси тағйирёфтаи сармоя ҳисоб намуда, баъзан элементҳои фарҳангро ба эътибор гирифтааст. Баъдтар Т. Шултс дар яке аз мақолаҳои худ, ки ба омӯзиши масъалаҳои сармояи инсонӣ бахшида шудааст навишт, ки: «Сармоя ҳама гуна дороӣ аст - ҷисмонӣ ё инсонӣ, бо қобилияти тавлиди ҷараёни даромади оянда» [17,с.175].

Ҳамин тариқ, баътар П. Бурдие ва К. Поссрон дар пайравӣ бо асарҳои Т. Шултс баъзан ҳисобҳои арифметикиро пешниҳод намудад, кӯшиш намудан, ки мавқеи сармояи фарҳангро дар сохтори сармояи инсонӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ нишон диҳанд. Онҳо сармояи фарҳангиро чун «долони имкониятҳои бузург» шуморида, таҷрибаи ҳаррӯзаи зиндагии ҷамъиятӣ, такмилёбии пайвастаи меъёрҳои ахлоқи ҷамъиятӣ, истифодаи модели фарҳанги анъанавӣ, фарҳанги навоваронаи ҷамъиятӣ ва дигар усулҳои рафторро оғози имкониятҳои бузурги рушд шуморидаанд.

Ҷонибдорони сармояи фарҳангӣ айни замон кам нестанд ва ба онҳо исботи масъалаи хусусияти иқтисодию иҷтимоӣ доштани сармояи фарҳангӣ имкон додааст. Ҳамин тариқ, вобаста ба натиҷаи таҳқиқотҳои анҷомдодаи олимони гуогун баъзан махсусиятҳоеро ҷудо намудан мумкин аст, ки мутааллиқ ба сармояи фарҳангӣ буда метавонанд:

- дарбаргирандаи асосии иқтидори фарҳанг инсон ба ҳисоб рафта, ташаккули унсурҳои алоҳидаи он боиси тағйирёбии инсон ва тавлиди шахсият мегардад;

- сармояи фарҳангӣ тавассути амал, дониш ва қолаби муайяни ахлоқӣ марҳила ба марҳила байни наслҳо интиқол гардида, ташаккул ёфта, имконияти андухти дониш ва нигоҳдории саломатиро ба вуҷуд медорад [17,с.400];

- сармояи фарҳангӣ беихтиёр дар натиҷаи омезиши меъёрҳои ахлоқию рафторӣ дар шароити оила ташаккул ёфта, барои ташаккули дониш дар шароити мактаб ва ҳамкории судманд дар шароити ташкилот ва ҷамъият заминаи мусоид мегузорад [13];

- сармояи фарҳангӣ дар баробари бузургшавии инсон ва тараққиёти ҷамъиятӣ ташаккул ёфта, дар истифодаи оқилонаи захираҳо ва зудмутобиқшавӣ ба тағйиротҳои ҷамъиятӣ ва инноватсия заминаи зарурӣ мегузорад.

Хулоса, бори дигар таъкид кардан зарур аст, ки сармояи фарҳангӣ, аз ҷумла мероси фарҳангӣ, захираҳои моддӣ-маънавӣ, самтҳои ақлӣ ва иҷтимоӣ, тасвири консептуалии ҷаҳони зиндагии инсон, намунаи тарзи ҳаёт, захираи асосии иҷтимоию фарҳангии фазои геомадании Тоҷикистон ва тамоми мардуми тоҷик аст. Самтҳои асосии навсозии иҷтимоӣ-фарҳангӣ бояд бо ташаккули фазои ягонаи фарҳангию иттилоотӣ, ташаккулёбии элитаи зеҳниву эҷодии миллӣ, дастгирии муассисаҳои таълимӣ, таҳияи механизмҳои муқовимат ба густариши фарҳанги оммавии ҷаҳонӣ ва рушди системаҳои нави арзиш ва муассисаҳои иҷтимоию фарҳангӣ алоқаманд бошад. Байни равишҳои мавҷудаи ташаккули сармояи инсонӣ, ба андешаи мо, равиши нисбатан дақиқ ва умумӣ равишест, ки аз ҷониби Н.Н. Даниленко ва И.С. Долгополова пешниҳод шудааст. Онҳо қайд намудаанд, ки сармояи инсонӣ дар шароите ташаккул ва рушд меёбад, ки ба муҳимтарин фондҳои таркибии он таваҷҷуҳ карда, сармоягузорӣ ба онҳо мақсаднок ташкил ва амалӣ

карда шавад. Ба сифати фондҳои муҳимми сармояи инсонӣ фонди «саломатӣ», фонди «дониш», фонди «муҳоҷират» ва фонди «такрористеҳсол» дохил мешаванд [8,с.216-217].

Ҳамин тариқ, Н.Н. Даниленко ва И.С. Долгополова нақши фондҳои таснифшударо дар ташаккул ва инкишофи сармояи саломатӣ муҳим шуморида, ҳамзамон қайд мекунанд, ки ба талабот мувофиқ таъмин намудани фондҳои зикршуда на танҳо боиси рушди сармояи инсонӣ, балки заминаи муҳимми инкишофи иқтисодиёти муосир шуда метавонанд. Робитаи алоқамандии фондҳо бо назардошти омилҳои муайянкунандаи онҳо дар расми 2 нишон дода шудааст. Ӣ

Расми 2. Ташаккул ва истифодаи сармояи инсонӣ бо назардошти таъсири омилҳо
Figure 2. Formation and use of human capital taking into account the influence of factors

Эзоҳ: I – Омилҳои табиию биологӣ. II – Омилҳои фарҳангӣ: урфу одат, дин ва низоми рафтори умумиҷамъиятӣ. III – Омилҳои иқтисодӣ: даромади хуби аҳолӣ, имконияти интихоби шуғли иловагӣ, дастрас будани ҳамаи неъматҳои иқтисодии барои ҳаёт зарурӣ ва ғ. IV – Омилҳои ҳавасмандӣ: қадр кардани дониш, малака ва тавоноии фард ё гурӯҳ дар ҷараёни фаъолият. V – Омилҳои демографӣ: паст кардани фавт, ҳавасмандгардонии таваллуд, ташаккули синфҳои ҷамъиятӣ ва ғ. VI – Омилҳои сиёсию ҳуқуқӣ: таъмини амният, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъмини ҳуқуқи муҳоҷирони дохил ва хориҷи кишвар ва ғ. VII – Омилҳои маънавӣ: қаноатмандӣ аз сифат ва самаранокии таълим, хизматрасониҳои тандурустӣ ва ҳолати беҳдошти рафторию равонӣ.

Воқеан, ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ раванди мураккаби алоқамандии байниҳамдигарии унсур ва омилҳои зиёди тағйирёбандае мебошанд, ки танҳо дар натиҷаи истифодаи равиши консептуалӣ (ё комплексӣ) таъмин мегардад. Аз натиҷаҳои таҳқиқ бармеояд, ки сармояи инсонӣ яке аз муҳимтарин омилҳои тараққиёт ва рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ буда, дилхоҳ тағйирот бавосита ё бевосита ба раванди ташаккул, инкишоф ва истифодабарии бо мақсад мувофиқи он таъсир мерасонад. Вобаста ба ин, ташаккул ва истифодаи мақсадноки сармояи инсониро дар ташкил ва амалигардонии чорабиниҳои зерин муҳим мешуморем:

1. Қаблан чорабиниҳои ташкилию ҳуқуқӣ, ки муносибати одамонро дар шароити оила, ташкилот, минтақа ва ҷумҳурӣ танзим мекунанд, бояд бо назардошти тақозои замони муосир таҳия ва мавриди амал қарор дода шавад. Ин иқдом бояд тамоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии одамонро баробар таъмин карда тавонад.

2. Ҷиҳати ташаккули сармояи дониш бояд тамоми омилҳое, ки таъсири манфӣ доранд, бартараф гардида, ҳамзамон, низоми такмилёфтаи мативатсионии фаъолият дар ҳама зинаҳои ташаккулёбии сармояи инсонӣ таҳия ва мавриди амал қарор дода шавад.

3. Чорабиниҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ роҷеъ ба ташаккули сатҳу сифати сармояи саломатӣ ва фарҳанг бо ҷалби тамоми иниститутҳои дахлдор равнақ дода шавад.

4. Барои ташаккули сармояи инсонӣ зарур аст, ки раванди истифодаи оқилонаи он ба роҳ монда шавад. Ин ҷараён дар асоси истифодаи дурусти малака ва маҳорати мутахассисон ба роҳ монда мешавад. Дар шароити оила, ташкилот, минтақа ва давлат кадрҳо дар асоси маҳорати табиӣ ва талаботи иҷрои кор бо истифода аз механизми бозтавлиди онҳо рушд меёбад.

5. Набояд фаромӯш кард, ки вобаста ба тағйирёбии сохтори ҷамъиятӣ ва мураккаб гардидани тарзи ҳаёт, шароити донишандузӣ ё тақвияти қобилияти зеҳнию ҳунарӣ тағйир меёбад. Дар чунин вазъият ҳали масъалаҳо аз инсон қобилияти фавқулода ташаккулёфтаро талаб мекунад. Дар ташаккули қобилияти зеҳнии фаъол ва маҳорати баланди ҳалли мушкилоти фаврӣ истифодаи васеи усулҳои таълимӣ-когнетивӣ ва креативӣ тавсия дода мешавад.

Муқарриз: д.и.и., профессор Ғаниев Т.Б.

АДАБИЁТ

1. Блауг М. Экономическая мысль в ретроспективе / М. Блауг; пер. с англ. -4-е изд. -М.: Дело Лтд, 1994. -С. 80.
2. Бурдье П. Воспроизводство / П. Бурдье, Ж.К. Пассрон; пер с франц. Н. Шматко. -М., 2007.
3. Бурмистрова М.Е. Движущие силы модернизации и их институционализация: капитал здоровья и социально-экономические эффекты его привращения / М.Е. Бурмистрова. [Элекронный ресурс]. www. http://lomonosov-msu.ru/archive/Lomonosov_2013/structure_32_2371.htm
4. Вялкова А.И. Экономика здравоохранения: учебное пособие для вузов / А.И. Вялкова.-3-е издание. -2009. -664с.
5. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ / Т.Б. Ғаниев. -Душанбе, 2017. -С.158.
6. Ғаниев Т.Б. Ҳавасмандгардонии кормандон ва таъсири он ба системаҳои идоракунандаи захираҳои меҳнатӣ / Т.Б. Ғаниев, О.А. Искандаров, М.Д. Эсанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. -№10. –қисми 1. -С. 05-111.
7. Грейбил М.М. Социальный и человеческий капитал как факторы благосостояния и развития / М.М. Грейбил. – М., 2003 -144 с.
8. Даниленко Н.Н. Человеческий капитал и неравенство доходов в России / Н.Н. Даниленко, И.С. Долгополова // Социально-экономическое развитие и образование. - 2011. -С.216-221.
9. Каримов М.И. Здоровье как наиболее важная составляющая человеческого капитала / М.И. Каримов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и социальных наук. - 2012. -№2/3(86). -С.150-153.
10. Қодиров Ш.Ш. Сармоягузорӣ ба соҳаи маориф: таҳлили самаранокӣ / Ш.Ш. Қодиров, С.Д. Давлатёрова // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2020. -№S4-1. -С.187-194.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», 22.07.2013 с. -№1004.
12. Кузнецов Н.В. История менеджмента / Н.В. Кузнецов. Изд. Дальневосточного университета, 2004. - С.23-24.
13. Қурбонов А.Ҷ. Равишҳои назариявии таҳлили саломатӣ дар сохтори сармояи инсонӣ / А.Ҷ. Қурбонов, М.И. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -2019. -№10. –қисми 1. -С. 89-94.
14. Радаев В.В. Понятие капитала, формы капиталов и их конвертация / В.В. Радаев // Экономическая социология. - 2002. -Т.3. -№4. -С.20–32. [Элекронный ресурс]. URL: http://group27.narod.ru/ucheba/files/ecsoc-capital-radaevv.pdf (дата обращения 25.06.21).
15. Розмаинский И. Почему капитал здоровья накапливается в развитых странах и "проедается" в постсоветской России? (опыт посткейнсианского анализа) / И. Розмаинский // Журнал "Вопросы экономики". – 2011. -№10. -С.113-131.
16. Ходиев Д.А. Теоретические аспекты определения образовательных услуг как экономической категории / Д.А. Ходиев, С.Б. Ганиева // В сборнике: Инновационные доминанты социально-трудовой сферы: экономика и управление. Материалы ежегодной международной научно-практической конференции по проблемам социально-трудовых отношений. -2019. -С.295-300.
17. Schultz T.W. Capital Formation by Education / T.W. Schultz // Journal of Political Economy. - 1960. -Vol. 68. -680 p.

ТАШАККУЛ ВА ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ САРМОЯИ ИНСОНӢ: АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ

Дар мақолаи мазкур мақсад, моҳият, вазифа ва унсурҳои таркибии сармояи инсонӣ ба таври назариявӣ мавриди омӯзиш ва асоснокнамоӣ қарор дода шудааст. Муаллиф бо мақсади дарёфт, коркард ва амалигардонии раванди такмил ва истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ сарчашмаҳои зиёди иттилоотиро таҳқиқ намуда, самаранокии равишҳои мавҷударо асоснок намудааст. Ҳамзамон, муаллиф дар мақолаи мазкур қайд намудааст, ки ташаккул ва истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ дар шароити оила, ташкилот,

минтақа ва ҷумҳурӣ қаблан аз таҳлили дуруст ва комплексӣ ва сипас аз раванди ҳавасмандгардонӣ вобаста аст. Бо ин мақсад, унсурҳои алоҳидаи сармояи инсониро (сармояи дониш, сармояи саломатӣ, сармояи фарҳанг) мавриди омӯзиш қарор дода, вобастагии онҳоро аз омилҳои дохилию берунӣ нишон додааст. Муаллиф қайд мекунад, ки рушди сармояи инсонӣ танҳо дар асоси яке аз унсурҳои таркибӣ (сармояи дониш) инкишоф ёфта наметавонад. Бо чунин далел ҷомеаи имрӯза дар истифодаи оқилонаи тамоми имкониятҳои омили инсонӣ муваффақ шуда наметавонад. Муаллиф барои расидан ба натиҷаи ниҳоии истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ дар шароити оила, ташкилот, минтақа ва давлат тақвияти механизмҳои ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии раванди қонеъсозии талабот ба дониш, барқарорсозии саломатӣ ва ташаккули фарҳангро тавсия медиҳад. Барои ташкил ва амалигардонии шароити мусоиди қонеъгардонии талаботи рушди сармояи инсонӣ тавсияҳои муфидро дар доираи мақолаи мазкур пешниҳод намуда, амалигардонии сатҳи баланди онҳоро дар амалия кафолати такмилёбӣ ва истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ медонад.

Калидвожаҳо: сармояи инсонӣ, сармояи саломатӣ, сармояи фарҳангӣ, сармояи дониш, ташаккули сармояи инсонӣ, самаранокии сармояи инсонӣ, омилҳои дохилӣ, омилҳои берунӣ, маориф, тандурустӣ.

ФОРМИРОВАНИЕ И РАЦИОНАЛЬНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ

В статье исследованы и обоснованы теоретические аспекты рационального использования человеческого капитала, а также характеризованы составляющие ее элементы. Автором изучено множество научной литературы и обоснована эффективность существующих подходов. При этом в статье автор подчеркивает, что формирование и рациональное использование человеческого капитала в рамках семьи, организации, региона и страны зависит от правильного всестороннего анализа составляющего процесса стимулирования. С этой целью в статье расмотрены отдельные элементы человеческого капитала (капитал знаний, капитал здоровья, капитал культуры) и показана их зависимость от внутренних и внешних факторов. Автор подчеркивает, что развитие человеческого капитала не может развиваться только на основе одной из составляющих (капитала знаний). По этой причине современное общество не может добиться успеха в рациональном использовании всех возможностей человеческого фактора. Для достижения конечного результата рационального использования человеческого капитала в семье, организации, регионе и государстве автор рекомендует усилить механизмы стимулирования и поддержки процесса удовлетворения спроса на знания, сохронение здоровья и культуры. И, конечно же, для организации благоприятных условий и реализации мероприяттий по развитию человеческого капитала в контексте данной статьи даны полезные рекомендации, осуществление которых является залогом улучшения и рационального использования человеческого капитала.

Ключевые слова: человеческий капитал, капитал здоровья, капитал культуры, капитал знаний, формирование человеческого капитала, эффективность человеческого капитала, внутренние факторы, внешние факторы, образование, здровохранение.

FORMATION AND RATIONAL USE OF HUMAN CAPITAL: THEORETICAL BASIS

The article investigates and substantiates the theoretical aspects of the rational use of human capital, and also characterizes the constituent elements. The author has studied many scientific literatures and substantiated the effectiveness of existing approaches. At the same time, the author emphasizes in the article that the formation and rational use of human capital within the family, organization, region and country depends on the correct comprehensive analysis and components, on the incentive process. For this purpose, the article examines individual elements of human capital (knowledge capital, health capital, cultural capital) and shows their dependence on internal and external factors. The author emphasizes that the development of human capital cannot develop only on the basis of one of the components (knowledge capital). For this reason, modern society cannot succeed in the rational use of all the possibilities of the human factor. To achieve the final result of the rational use of human capital in the family, organization, region and state, the author recommends strengthening the mechanisms for stimulating and supporting the process of meeting the demand for knowledge, health and culture. And, of course, for the organization of favorable conditions and the implementation of measures for the development of human capital in the context of this article, useful recommendations are given, the implementation of which is the key to improving and rational use of human capital.

Keywords: human capital, health capital, culture capital, knowledge capital, human capital formation, human capital efficiency, internal factors, external factors, education and health.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Курбонов Аъзамҷон Ҷалилович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Azamjon_5004@mail.ru.** Телефон**: 919-14-50-04**

Сведение об авторе: ***Курбонов Аъзамджон Джалилович*** **–** Таджикский национальный университет, асисстент кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Azamjon_5004@mail.ru.** Телефон**: 919-14-50-04; 900-73-50-04**

Information about the author: ***Kurbonov Azamjon Jalilovich*** - Tajik National University, assistant at the Department of Management and Marketing. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Azamjon_5004@mail.ru**. Phone: **919-14-50-04; 900-73-50-04**

УДК 331

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТИ ИҚТИДОРИ МЕҲНАТИИ МИНТАҚА: ТАВСИФОТ, ХУСУСИЯТ ВА ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ОН

Ҷураев Ф.М., Қоситов Ҷ.Р.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва пешрафти босуръати технологӣ боиси тағйирёбии бозори меҳнат дар тамоми кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Дар ин маврид рушди иқтисодиёти мамлакат дар асоси иқтидори меҳнатӣ боз ҳам намоёнтар мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиши иқтидори меҳнатӣ дар сатҳи минтақавӣ аҳамияти хосаро пайдо менамояд. Таҳқиқ ва арзёбии иқтидори меҳнатӣ дар мисоли объекти таҳқиқот – вилояти Суғд метавонад маълумот дар бораи ҳолат ва рушди аҳолии қобили меҳнатро пешниҳод намояд ва ҳамзамон, он баҳри қабули қарорҳои идоракунӣ дар сатҳи иҷтимоӣ замина мегузорад. То кунун таърифи ягонаи иқтидори меҳнатии минтақа вуҷуд надорад. Оид ба сохтор, усулҳои таҳлил ва баҳодиҳии он саволҳои баҳснок ба вуҷуд меояд. Одатан иқтидори меҳнатии минтақа аз ҷиҳатҳои миқдорӣ ва сифатӣ муайян карда мешавад [2,с.189].

Бояд тазаккур дод, ки таркиби иқтидори меҳнатиро аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ ташкил медиҳанд. Хусусиятҳои миқдории иқтидори меҳнатии минтақа бештар миқдори захираҳои меҳнатӣ, шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, шуғл ва бекорӣ, андозаи аҳолии қобили меҳнат, сатҳи фаъолияти иқтисодиро дар бар мегиранд.

Рушди босуръати иқтисодиёти имрӯзаи ҷаҳонӣ аз ҳар як шахс тақозои онро дорад, ки ҳамчун аъзои ҷомеа, ҳам дар сохтори комплексии идоракунии бисёрҷонибаи муносибатҳои истеҳсолӣ ва ҳам дар системаҳои робитаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ иштироки фаъоли созандагӣ дошта бошад. Мувофиқ ба ин назария иқтисодиёти имрӯза аз ҳар як фарди солими ҷамъият асосан дониши касбӣ-созандагӣ ва маърифати баланди эҷодию идоракуниро талаб менамояд [8,с.164].

Як қатор олимони рус ба монанди К.В. Бабак, А.И. Таюрский, З.Ф. Гарипова, М.В. Ештокин, Е.А. Корчак, Т.Ю. Крышталева, И.В. Моисеева ва дигарон таркиб ва хусусиятҳои иқтидори меҳнатии минтақаро гуногун арзёбӣ менамоянд [1,с.238]. Аммо, бо вуҷуди ин, сифати иқтидори меҳнатии минтақа, аз ҷониби муҳаққиқон ҳамчун маҷмӯи хусусиятҳои сифатии қувваи корӣ он ё аҳолии қобили меҳнат дарк карда мешавад.

Тавре, С.Ҷ. Комилов қайд менамояд: «Хусусияти сармояи инсонӣ тавсифкунандаи имкониятҳои ӯ, овардани фоида бе иштироки захираҳои табиӣ ва дигар захираҳо, бо дарназардошти шаклҳои иқтисодии ноосферии такрористеҳсолкунӣ, баҳогузорӣ карда мешаванд. Ин манфиатҳо, пеш аз ҳама, дониши нав барои инкишофёбии инсон бениҳоят муҳим, дониста мешаванд. Дониш, маҳорат, навоварӣ, таҷрибаи амалии инсон, ташаккули фарҳанг, ҳамчун як чизи махсуси қобилиятҳо ё имкониятҳои калидӣ барои инсон дониста мешавад. Дониш, ҳамчун захираи ҷудонашавандаи инсонҳо ва натиҷаи фаъолияти онҳо дониста шуда истодааст. Инкишофёбии ҷараёни инноватсионӣ водор ба он намуда истодааст, ки сатҳи донишро баланд бардошта, бо равишҳои ташкилӣ мувофиқ шуда, ба мақсадҳои ниҳоии худ расидан лозим меояд. Мақсаднок истифодабарии донишҳо дар бисёр ҳолатҳо муайянкунандаи сифати инкишофёбию вусъатёбии такрористеҳсол мегардад» [5,с.15].

Ҳангоми омӯзиши иқтидори меҳнатӣ аз усулҳои таҳлилӣ истифода бурдан лозим аст. Инчунин, набояд фаромӯш кард, ки иқтидори меҳнатӣ дар зинаҳои гуногуни такрористеҳсол нақши муҳиммеро пайдо менамояд. Бо ақидаи профессор Т.Б. Ғаниев «Инсоният танҳо дар натиҷаи омӯзиши бефосилаи илм метавонад худро, ҷомеаро, муҳитро ва сарватҳои табииро шинохта, ин захираҳоро самаранок барои мақсадҳои худ ё ин ки ҷомеа истифода барад» [2,с.154]. Яъне, ҷомеаи инсонӣ дар навбати худ ба ҳар як фард имконоти рушдёбиро таълим дода, ҷараёни рушдёбӣ ва худшиносии ҳар як фардро таъмин месозанд.

Барои тавсифи категорияи «иқтидори меҳнатӣ», бояд ба этимологияи он муроҷиат кард. Дар сарчашмаҳо зикр карда мешавад, ки он ҳамчун имконият ба воситаҳо, захираҳоест, ки барои ҳалли ҳама гуна мушкилот, ноил шудан ба ҳадафи мушаххас истифода мешаванд. Маънои ибтидоии пурмазмуни мафҳуми «иқтидор» ба чунин муродифҳо ба монанди имконият, қобилият мувофиқат мекунад, зеро онҳо баъзе захираҳои пинҳоншудаи амалишавандаро тавсиф мекунанд, ки ҳангоми тағйир ёфтани шароити атроф аз иқтидор ба воқеият гузашта метавонанд.

Бо назардошти муносибатҳои мушаххасшуда метавон иқтидори илмӣ-техникии минтақаро ҳамчун маҷмӯи захираҳо ва натиҷаи фаъолияти илмӣ-техникӣ бо ҳам алоқаманд муайян кард [14,с.59].

Ҳамин тариқ, иқтидори меҳнатиро дар якчанд сатҳ баррасӣ кардан мумкин аст:

- дар сатҳи микро – иқтидори меҳнатии корманд, гурӯҳ;
- дар сатҳи мезо – иқтидори меҳнатии минтақа;
- дар сатҳи макро – иқтидори меҳнатии кишвар.

Расми 1. Системаи муносибатҳои меҳнатӣ
Figure 1. The system of labor relations



Умуман, иқтидори меҳнатӣ ҳамчун категорияи мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, дараҷаи рушди захираҳои махсуси меҳнатиро инъикос менамояд. Яке аз муҳимтарин унсурҳои иқтидори меҳнатӣ бевосита муносибатҳои меҳнатӣ мебошанд. Шакли асосии зуҳуроти муносибатҳои меҳнатии ҳама гуна корманд, пеш аз ҳама, муносибат ба меҳнат, тахассус ва қобилияти касбии онҳо, ҷамъоварӣ, таҳия ва татбиқ дар раванди меҳнат мебошад. Бо ибораи дигар, дар шароити имрӯза «сармояи инсонӣ» яке аз захираҳои асосӣ ва пешбаранда ва идоракунандаи ҷамъияти имрӯза буда, ҳама гуна бурдбориҳо, рақобатпазириҳо ва навовариҳои молию тиҷоратӣ, техникию технологӣ бевосита натиҷаи рушди ақлонии як ва ё гурӯҳи фардони соҳибистеъдоди касбиву ҳунарӣ мебошад, ки онро ихтироъ ва кашф намудаанд.

Ба андешаи мо, истилоҳи «иқтидори меҳнатӣ» бо мафҳуми «сармояи инсонӣ» алоқаманд буда, раванди такрористеҳсолро таъмин менамояд ва баҳри баланд бардоштани маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ мусоидат менамояд.

Расми 2. Ҷузъҳои таркибии иқтидори меҳнатӣ
Figure 2. Component parts of labor potencial



Вобаста ба ин масоил Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои милат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон 22-юми декабри соли 2017 чунин қайд намуданд: «Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ва пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд» [1].

Бояд гуфт, ки татбиқи иқтидори меҳнатӣ дар раванди истеҳсолот ба сармояи инсонӣ табдил меёбад. Ҳангоми таҳлили иқтидори меҳнатӣ ҷузъҳои таркибии он аҳамияти хосаро пайдо менамояд. Б.М. Генкин ҷузъҳои зерини иқтидори меҳнатии ҷомеаро фарқ карда, нишондиҳандаҳои дахлдорро пешниҳод менамояд [8]. Дар баробари ин, ҳамаи усулҳои методологии баҳодиҳии сифати иқтидори меҳнатӣ дар ду гурӯҳи асосӣ, яъне маълумотҳои оморӣ ва мониторингӣ (назоратӣ) муттаҳид карда шаванд. Боиси зикр аст, ки иқтидори меҳнатӣ на танҳо афзоиши сатҳи истеҳсолот ва самаранокии иқтисодии он, балки рушди сифатии тамоми низоми иҷтимоии минтақаро таъмин менамояд.

Пеш аз ҳама, иқтидори меҳнатии минтақаи вилояти Суғд имконият ва қобилияти аҳолиро оид ба машғул шудан ба фаъолияти муайян дар шароити муосири иҷтимоию иқтисодӣ ифода мекунад. Иқтидори меҳнатии минтақаи вилояти Суғд вобаста ба ҳамбастагии муҳити иҷтимоию иқтисодии ташаккул, иқтидори захираҳои меҳнатӣ, хусусияти умумиҷамъиятии иқтисодӣ, миқдорӣ ва сифатист, инчунин низоми арзишҳо, манфиатҳо ва афзалиятҳоро дар бар мегирад.

Тавре маълум аст, ки иқтидори меҳнатии минтақаҳои вилояти Суғд як падидаи тағйирёбанда, мураккаб, бисёрҷанба мебошад, ки доимо тағйир, ташаккул ва инкишоф меёбад, зеро иқтидори меҳнатӣ дар муҳити тағйирёбии дохилӣ ва берунӣ қарор дорад.

Дар ин замина омилҳои таъсиркунанда ба ташаккул ва истифодаи иқтидори меҳнатиро ҷудо менамоем:

1. Омилҳои ҳавасмандгардонӣ ва мутобиқшавӣ. Омили мазкур иқтидори меҳнатии вилояти Суғдро бо чунин сифатҳои инфиродии захираҳои меҳнатӣ ба монанди: хоҳиши кор кардан, рушди касбӣ ва афзоиши ҷойҳои корӣ, хусусиятҳои мутобиқшавӣ ва коммуникативӣ тавсиф дода мешавад.

2. Иқтидори инноватсионии захираҳои меҳнатӣ. Ба андешаи мо, қобилияти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, дарки навовариҳо ва, пеш аз ҳама, ҷорӣ намудани он дар истеҳсолот, имрӯз муҳимтарин сифатест, ки барои ташаккул ва рушди неруи меҳнатӣ дар минтақаи Суғд зарур аст.

Ҳамин тариқ, омилҳои иқтидори меҳнатии минтақа дар якҷоягӣ унсурҳои сифат ва самаранокии онро ташкил медиҳанд. Зеро онҳо ба тамоми соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва истеҳсолии ҳаёт таъсири бевоситаи худро мерасонанд.

Тавре аз шарҳи истилоҳи иқтидори меҳнатӣ бармеояд, он, пеш аз ҳама, захираи меҳнатие мебошад, ки баҳри татбиқи раванди истеҳсоли мол зарур аст. Хусусияти асосии ҳамаи захираҳо дар он аст, ки дорои сарчашмаи муайян буда, ки аз онҳо барои фаъолияти истеҳсолӣ неруи нав ҷалб карда мешаванд. Дигар хусусиятҳои характерноки захираҳои истеҳсолӣ инҳоянд:

- якум, захираҳо ба ҳам пайвастанд. Масалан, чунин сарчашмаи иқтисодӣ, ба монанди дониш, вақте истифода мешавад, ки захираҳои табиӣ ба таври оқилона дар асоси дониши нав истеҳсол карда мешаванд. Зеро дониш унсури муҳимми неруи меҳнатӣ аст ва баҳри истифодаи самараноки техникаву таҷҳизот мусоидат менамояд;

- дуюм, захираҳои иқтисодии интиқолёбанда - онҳо метавонанд дар дохили кишвар ва байни кишварҳо ҳаракат намоянд;

- сеюм, хусусияти захираҳои иқтисодӣ дар маҳдудияти онҳост, ки маънои имконнопазирии пурра қонеъ гардонидани талаботи ҳамаи аъзои ҷомеа дорад. Иқтидори меҳнатӣ низ ба маънои маҳдудияти интиқолдиҳандагони ҷисмонии он (одамон дар қаламрави муайяни кишвар, минтақа, корхона) маҳдуд аст.

«Аён аст, ки фаъолияти корманди солим ва пардохти музди меҳнати ӯ аз фаъолияти мутахассиси одӣ ва музди меҳнати ӯ фарқ пайдо мекунад, чунки як фикри солим ҳам ба соҳибаш ва ҳам ба атрофиёнаш манфиат хоҳад овард. Аз ин ҷост, ки саломатии инсон барои худи ӯ ва ҳам барои корфармо бояд дар дараҷаи аввал бошад. Саломатии инсон

муқаддастарин унсури сармояи инсонӣ дар ҳаёт дониста мешавад, чунки агар аз даст равад, баргардонидани он кори саҳлу осон нест» [15,с.126]. Ба ақидаи мо, кам кардани иқтидори меҳнатӣ нисбати захираҳои меҳнатӣ нодуруст аст. Иқтидори меҳнатӣ нисбат ба захираҳои меҳнатӣ хеле ғанитар, васеътар ва ҳаҷман калонтар аст. Захираҳои меҳнатӣ ва иқтидори меҳнатӣ дорои таъйиноти миқдорӣ ва сифатии хосси онҳо мебошанд. Иқтидори меҳнатӣ шумораи миқдоран зиёди хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатиро дорад, зеро захираҳои меҳнатӣ дар раванди ҳаракат, фаъолияти меҳнатӣ, ба қувваи корӣ табдил ёфтан, таҷрибаи истеҳсолӣ, ихтисос ва ғайраро ҷамъ мекунанд, ки асоси иқтидори меҳнатӣ мебошад. Яъне, захираҳои меҳнатӣ нисбат ба иқтидори меҳнатӣ аввалиндараҷа мебошанд. Ҳамин тариқ, ин ду категорияи иқтисодӣ дар алоқамандии мураккаб қарор доранд.

Зикр намудан бамаврид аст, ки асоси рушд ва инкишофёбии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари ташкилӣ дар шароити таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисодиёти кишвар, имкониятҳои иқтисодии он бояд заминаи асосии бехатарии иқтисодӣ дида баромада шавад. Дар ин шароит истифодаи мақсадноки захираҳои табиӣ ва захираҳои инсонӣ дар минтақаҳо, ҳамчунин мустаҳкамнамоии имкониятҳои ниҳодӣ дар самти баландбардории самаранокӣ, ва рақобатнокии захираҳои мавҷуда, имконияти саноатикунонии рушди кишвар муайян карда мешавад. Ин гузаришро аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ таъмин намуда, саҳми соҳаи саноатро дар ММД нисбат ба соҳаи кишоварзӣ бештар менамояд [12,с.150].

Тағйироти иқтидори меҳнатӣ на ҳамеша бо тағйирёбии шумораи аҳолии қобили меҳнат алоқаманд аст, аммо дар ҷомеаи постиндустриалӣ ин падида дар ҳама ҷо маъмул аст. Ҳатто дар ҳолати шумораи устувори захираҳои меҳнатӣ, афзоиши иқтидори меҳнатӣ метавонад тавассути афзоиши хусусиятҳои сифатии он ба амал ояд: афзоиши сатҳи тахассуси маълумоти олӣ-касбӣ, беҳтар шудани вазъи саломатӣ, баланд шудани сатҳи фарҳангӣ ва ғайра. Афзоиши иқтидори меҳнатӣ аз ҳисоби беҳтар шудани хусусиятҳои сифатии шуғли аҳолӣ бо шумораи устувори худ маънои интенсификатсияи истеҳсолотро дорад.

Ба андешаи мо, маҷмӯи ин унсурҳои иқтидори меҳнатӣ хусусият ва нақши онро дар системаи категорияи меҳнатӣ инъикос мекунад. Айни замон якчанд категорияҳои асосии иқтисодӣ мавҷуданд, ки шахсро ҳамчун субъекти фаъолияти меҳнатӣ тавсиф мекунад, инҳо: шумораи аҳолӣ, қувваи корӣ, захираҳои меҳнатӣ, сармояи инсонӣ.

Ҳангоми таҳлили иқтидори меҳнатии минтақа вазъи нишондиҳандаҳои демографии он аҳамияти хосаро пайдо менамоянд.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои асосии демографии вилояти Суғд
Table 2. Main demographic indicators of Sughd region

	2014	2015	2016	2017	2018	2019
шумораи доимии аҳолӣ дар охири сол, ҳазор нафар аз ҷумла:	2455,5	2511,1	2560,8	2608,5	2657,0	2705,4
захираҳои меҳнатӣ, ҳазор нафар: аз ҷумла:	1491,6	1521,4	1569,5	1598,7	1615,5	1669,2
қувваи корӣ, аз ҷумла:	815,7	809,6	812,8	807,2	815,8	829,0
аҳолии машғул	804,8	798,7	802,0	797,5	807,7	820,1
бекорони расман эътирофшуда	10,9	10,9	10,8	9,7	8,1	8,9
қувваи кории истифоданашуда	675,9	711,8	756,7	791,5	799,7	840,2
дараҷаи бекорӣ (шумораи расман эътирофшудаи бекорон бо фоиз нисбат ба қувваи корӣ)	1,3	1,3	1,3	1,2	1,0	1,1

Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд. – 2020. -С.71.

Маълумотҳои ҷадвали 2 нишон медиҳанд, ки шумораи доимии аҳолиивилояти Суғд аз 2455,5 ҳазор нафар дар соли 2014 ба 2705,4 ҳазор нафар дар соли 2019 расидааст, яъне дар ин муддат аҳолии вилоят 249,9 ҳазор нафар зиёд шудааст. Захираҳои меҳнатӣ бошад дар ин давра 177,6 ҳазор нафар зиёд гардидааст. Дараҷаи бекорӣ аз 1,3%-и соли 2014 он ба 1,1%-и соли 2019 паст гардидааст. Умуман, маълумотҳои мазкур шаҳодат медиҳад, ки

нишондиҳандаҳои асосии демографии вилояти Суғд ба ҷиҳати мусбат рушд ёфта истодааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ иқтисодиёт аз мо омода намудани мутахассисони баландпоя ва рақобатпазирро талаб менамояд. Чуноне ки Т.Д. Низомова қайд менамояд: «... айни замон, мо ба кадрҳои салоҳиятдор дар ҳама соҳаҳо ва ихтисосҳо ниёз дорем, бахусус ба мутахассисони соҳаҳои энергетика, технологияҳои нав, геология ва дигар бахшҳои иқтисодиёти миллӣ. Аммо, таҳлили сохтори довталабон ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки аксарияти довталабон ихтисосҳои равияҳои ҳуқуқ, тиббӣ ва иқтисодиро афзалтар мешуморанд. Ин интихобнамоии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки хатмкунандагони мактаб роҳнамоии касбии нокифоя доранд» [9,с.70].

Дар хулоса хусусиятҳои хосси иқтидори меҳнатиро зикр намудан ба мақсад мувофиқ мебошад:

- мураккабии иқтидори меҳнатӣ ҳамчун маҷмӯи унсурҳои гуногуни психофизиологӣ, истеҳсолӣ ва тахассусӣ;

- унсурҳои иқтидори меҳнатӣ гуногунҷанба ва ивазшавандаанд. Ҳар яке аз унсурҳои раванди фаъолият дар замонҳои гуногун, дар ҳолатҳои мухталиф, дар самти худ амал мекунанд. Баҳисобгирии ин хусусияти иқтидори меҳнатӣ имкон медиҳад, ки он дар самти дуруст моделсозӣ, танзим ва таҳия карда шавад;

- мансубият, ки онро ҳамчун тобеияти тамоми низоми иқтидори меҳнатӣ ба интиқолдиҳанда (корманд) муайян кардан мумкин аст;

- мушаххасот ва воқеият, ки ба моликият алоқамандии зич доранд, маънои функсияи иқтидори меҳнатӣ, қобилияти онро барои таъмини иҷрои корҳо дар доираи қобилиятҳои муайян - техникӣ, саноатӣ, иттилоотӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорад;

- ҳамбастагии иқтидори меҳнатӣ – ин хусусият қобилияти иқтидори меҳнатро барои пайвастшавӣ бо дигар унсурҳои истеҳсолӣ, мутақобила бо дигар иқтидори истеҳсолӣ инъикос мекунад. Силсилаи робитаҳои сабабии иқтидорро метавон ба таври зайл муаррифӣ кард: иқтидори меҳнатӣ дар асоси иқтидори илмӣ, техникӣ ва инноватсионӣ ҷойгир аст – дар якҷоягӣ онҳо ба истифодаи самараноки иқтидори истеҳсолӣ ва дар ин асос ба афзоиши сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ оварда мерасонанд.

Муқарриз: н.и.и., дотсент Искандаров Ҳ.Ҳ.

АДАБИЁТ

1. Бабак К.В., Таюрский А.И. Трудовой потенциал региона: структурные компоненты и методы оценки // Управление человеческими ресурсами – основа развития инновационной экономики. – 2013. -№4. -С. 235-239.
2. Ғаниев Т.Б Менеҷмент: Таълимоти бефосилаи касбӣ-электронӣ. -Душанбе: Ирфон, 2017. – С. 154.
3. Генкин Б.М. Экономика и социология труда: учебник для вузов. -М: Норма, 2003. -С.506.
4. Давлатов С.Н. Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон): дисс. ... ном.илм.иқт.: 08.00.05 / С.Н. Давлатов. -Душанбе: Донишгоҳи милии Тоҷикистон, 2020. – С.4.
5. Комилов С.Дж. Особенности формирования экономики знаний на современном этапе / С.Дж. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе: Сино», 2013. -№2/8(125). -С.15.
6. Қосидов О. Рушди инсонӣ – асоси зиндагии шоиста / О. Қосидов. –Хуҷанд: Ношир, 2018.
7. Макроэкономические пропорции и механизмы экономического роста в Республике Таджикистан (проблемы и основные направления совершенствования) / Р.К. Рахимов, Я.П. Довгялло, Б.М. Шарипов, Ю.Р. Юсуфбеков // АН РТ Ин.-т экономики и демографии. –Душанбе: Дониш, 2016. – С. 435.
8. Михайлова А.В, Попов А.А. Анализ тенденций оценки ресурсного потенциала Российского Севера // Экономика и предпринимательство. - 2017. -№ 7. -С.164-191.
9. Низомова Т.Д. Оптимизация соотношения подготовки специалистов высшего и среднего образования: отраслевые и региональные аспекты // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино, 2017. -№2-5. -Ч.1. -С.70.
10. Олимова С.К., Олимов М.А. Человеческий капитал в Таджикистане // Журнальный клуб Интелрос Дружба Народов. – 2011. -№9.
11. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22-юми декабри соли 2017.
12. Саидмурадов Л.Х. Стратегические цели Республики Таджикистан и устойчивое развитие регионов страны / Л.Х. Саидмурадов // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). Серия экономических наук. - Душанбе, РТСУ, 2016. - № 3 (54). -Ч.1. - С.150.

13. Ходиев Д.А. Особенности развития человеческого капитала в условиях переходного периода (на примере Республики Таджикистан): автореф.дисс. ... канд. экон. наук: 08.00.05 / Д.А. Ходиев. -Душанбе: Таджикский государственный университет коммерции, 2011. –27 с.
14. Ятимов А.Ҷ. Асосҳои назариявии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақа / А.Ҷ. Ятимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. -№10. -Қисми II. -С.57-60.
15. Social Security and Public Health: Annual Report of the Public Health Society. -New York, 2004. -P.126-127.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТИ ИҚТИДОРИ МЕҲНАТИИ МИНТАҚА: ТАВСИФОТ, ХУСУСИЯТ ВА ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ОН

Дар мақола асосҳои назариявии таҳқиқи иқтидори меҳнатии минтақа – ҳамчун категорияи мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ дида баромада шудааст. Махсусан, тавсифот, хусусият ва истифодабарии иқтидори меҳнатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шудааст. Дар асоси маълумотҳои оморӣ нишондиҳандаҳои асосии демографии вилояти Суғд мавриди таҳлил қарор гирифтаст. Қисматҳои асосии итидори меҳнатӣ ва вобастагии он бо иқтидори меҳнатии мамлакат дар шароити ҷаҳонишавӣ муайян гардидааст. Қайд шудааст, ки таъмини иқтидори меҳнатии минтақа афзалиятноктар мебошад, чунки унсурҳои он бо ҳам алоқаманд буда, ба якдигар вобаста мебошанд. Барои мисол, норасоии иттилоотии илмӣ-техникӣ, набудани таҷриба ё тахассуси лозимаи ҳайати кормандон, ҳатто дар мавриди кофӣ будани мавҷудияти дигар захираҳо метавонад, ба бесамарии истифодаи онҳо оварда расонад. Муаллифон чунин хулосабарорӣ намудаанд, ки сохтори иқтидори меҳнатии минтақа ягонагии таркибҳои захиравӣ, натиҷа ва идоракунӣ мебошад, ки аз алоқаи мутақобилаи зич ва мувофиқи онҳо сатҳи рушд ва имконоти фаъолияти онҳо дар шароитҳои баамаломада вобаста мебошад.

Калидвожаҳо: иқтидори меҳнатӣ, минтақа, бозори меҳнат, захираҳои меҳнатӣ, сармояи инсонӣ, захираҳои инсонӣ, такористеҳсол, нишондиҳандаҳои демографӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ТРУДОВОГО ПОТЕНЦИАЛА РЕГИОНА: ХАРАКТЕРИСТИКА, ОСОБЕННОСТИ И ЕГО ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ

В статье рассмотрены теоретические основы исследования трудового потенциала региона – как сложной социально-экономической категории. В частности, изучены характеристика, особенности и использование трудового потенциала Согдийской области Республики Таджикистан. На основе статистических данных рассмотрены основные демографические показатели Согдийской области. Выявлены составные части трудового потенциала и их взаимосвязь с трудовым потенциалом страны, в целом, в условиях глобализации. Отмечается, что обеспечение трудовым потенциалом региона является приоритетным, потому что его элементы взаимосвязаны и взаимозависимы. Например, недостаток научной и технической информации, недостаток опыта или необходимой квалификации персонала и даже наличие других ресурсов может привести к неэффективному ее использованию. Авторы приходят к выводу, что структура трудового потенциала региона представляет собой единство ресурса, результатов и управления, которое зависит от тесной взаимосвязи и их оптимального соотношения, уровня развития и возможности их функционирования в современных условиях.

Ключевые слова: трудовой потенциал, регион, рынок труда, трудовые ресурсы, человеческий капитал, человеческий ресурс, воспроизводство, демографические показатели.

THEORETICAL BASIS OF RESEARCH OF LABOR POTENTIAL OF REGION: CHARACTERISTICS, FEATURES AND ITS EFFECTIVE USE

In this article considered theoretical basisresearch of the labor potential of the region - as a complex socio-economic category. In particular, the characteristics, features and use of the labor potential of the Sughd region of the Republic of Tajikistan have been studied. On the basis of statistical data, the main demographic indicators of the Sughd region are considered. The components of the labor potential and their relationship with the labor potential of the country as a whole in the context of globalization have been identified. It is noted that ensuring the region's labor potential is a priority, because its elements are interrelated and interdependent. For example, a lack of scientific and technical information, a lack of experience or the necessary qualifications of personnel, and even the availability of other resources can lead to ineffective use. The authors come to the conclusion that the structure of the labor potential of the region is a unity of resource, results and management, which depends on the close relationship and their optimal ratio, the level of development and the possibility of their activities in modern conditions.

Keywords: labor potential, region, labor market, labor resources, human capital, human resource, reproduction, demographic indicators.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ҷураев Фаррух Маъруфҷонович*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақа. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1. Телефон: **(+992) 92-820-96-33**. E-mail: **farrukh.8183@gmail.com**

Қоситов Ҷӯрабек Рафиқович – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, докторанти (PhD) кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақа. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1. Телефон: **(+992) 92-701-89-08**

Сведение об авторах: ***Джураев Фаррух Маруфжонович*** – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики предприятий и регионов. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, микрорайон 17, дом 1. Телефон: **(+992) 92-820-96-33.** E-mail: **farrukh.8183@gmail.com**
Коситов Джурабек Рафикович – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, докторант (PhD) кафедры экономики предприятий и регионов. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, микрорайон 17, дом 1. Телефон: **(+992) 92-701-89-08**

Information about the authors: ***Juraev Farrukh Marufjonovich*** – Tajik State University of Law, Business and Politics, candidate of economic sciences, docent Department of Economy Enterprise and Region. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, microdistrict 17, house 1. Phone: **(+992) 92-820-96-33.** E-mail: **farrukh.8183@gmail.com**
Kositov Jurabek Rafikovich – Tajik State University of Law, Business and Politics, doctorate (PhD) of the Department of Economy Enterprise and Region. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, microdistrict 17, house 1. Phone: **(+992) 92-701-89-08**

УДК.: 331.338.58

ҶАНБАҲОИ ИЛМИИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТ

Дусмадова А.Ҳ.
Институти иқтисодиёт ва таҳлили системавии рушди кишоварзии АИКТ

Дар шароити муосир дониш, маҳорат, малакаи меҳнатӣ, ташаббускорӣ, уҳдабарой, яъне ҷузъҳои асосии иқтидори корманд ва, дар маҷмӯъ, захираҳои меҳнатии ҳар як корхона дар баробари сармояи молиявӣ ва истеҳсолӣ ба як манбаи торафт муҳим табдил ёфтаистодаанд. Бо рушди босуръати технология рақобатпазирӣ танҳо аз сифат, маҳсулнокӣ ва чандирии захираҳои инсонӣ вобаста аст. Коршиносони давлатҳои пешрафтаи Ғарб қайд мекунанд, ки баробари ба давраи баъдисаноатӣ ворид шудани кишварҳои пешрафта, сармояи инсонӣ аҳамияти бештар пайдо мекунад.

Аксар асарҳои назариячиёни менеҷмент аз тағйироти муайяни фаҳмиши аҳамияти омили инсонӣ шаҳодат медиҳанд.

Чунончи Т. Питере ва Р.Уотерман пас аз таҳлили шароити идоракунӣ дар ширкатҳои муваффақи ИМА ба хулосае омаданд, ки омилҳои асосии самаранокии идоракунӣ ба амалҳои қатъӣ, мустақилият ва услуби соҳибкорӣ, фаъолсозии қобилияти кормандон, бартарӣ додан ба арзишҳои умумикорпоративӣ, соддагии шаклҳои ташкилӣ, робитаи зичи ширкат бо истеъмолкунанда вобаста мебошад [11,с.37].

К. Бланшир ва С. Ҷонсон ҷанбаҳои рафтории фаъолияти идоракуниро таҳлил карда, чунин нишонаҳои идоракунии некбинонаи кадрҳо, ба монанди ҳадафи моҳирона гузоштан, муқоисаи хусусияти фаъолияти кадрҳо бо вазифаҳои гузошташуда, ташкили робитаи баръакс аз зердастон ба роҳбарият, ҳавасмандкунӣ барои дастовардҳои баланд муҳим донистаанд [2,с.54-55].

К. Маркс ибораҳои «бозори қувваи корӣ» ва «захираҳои меҳнатӣ»-ро васеъ истифода намудааст. Муаллифи “Капитал” қайд намудааст, ки дар бозори меҳнат на “меҳнат”, балки “қувваи корӣ” фурӯхта мешавад. Ҳамчунин К. Маркс ибораҳои «талабот ба меҳнат», «пешниҳоди меҳнат», «меҳнат, ин мол мебошад»-ро муттасил истифода бурдааст. Илова бар ин, зикр кардааст, ки дар бозори меҳнат коргарон танҳо маҳорати меҳнатии худро мефурӯшанд, яъне қувваи корияшонро, ки нарх дорад ва арзиши муқаррарии воситаҳои зиндагӣ барои таҷдиди худи коргар ва оилаи ӯ ҳатмӣ мебошанд. Дар раванди истифодаи қувваи корӣ, яъне дар раванди меҳнат арзиши нав, ки дар мол таҷассум меёбад ба вуҷуд меояд (маҳсулоти тайёр). Ин арзиши аз нав ба вуҷуд оварда, арзиши меҳнат мебошад [9,с.50].

Дар самти бозори меҳнат Л.А. Костин низ таҳқиқотҳои илмии муфассал бурда, ба ғайриқонунӣ будани шабеҳияти мафҳумҳои «аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол» ва «қувваи корӣ» рӯ оварда, чунин меҳисобад, ки захираҳои меҳнатӣ мафҳуми хеле возеҳи ҷамъбастӣ мебошад ва аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолро гурӯҳи аҳолии бо фаъолияти меҳнатӣ машғул набуда дар бар мегирад [7,с.44]».

Қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии захираҳои меҳнатӣ олимон асару мақолаҳои зиёд чоп намудаанд.

Оид ба ин масъала Т.Ҷ. Усманова қайд кардааст, ки захираҳои меҳнатӣ дар мамлакатҳои бо иқтисодиёти бозоргонӣ гузаранда на танҳо хусусияти иҷтимоӣ, балки сиёсӣ низ дорад, чунки ба ташаккулёбии синфи соҳибмулкон бо роҳи дастгирии рушди тиҷорати хурду миёна мусоидат менамояд. Азбаски корхонаҳои хурд, ҳамчун сарчашмаи асосии даромадҳо ва шуғли миллионҳо нафар дар тамоми дунё баромад мекунанд, таъсири ин қисми иқтисодӣ ба шаҳрвандони алоҳида, хоҷагии хонавода ва иқтисоди миллӣ аён аст [15,с.27].

Ба ақидаи Д. Набиева вазифаҳои муайянро ҷиҳати идоракунӣ ва танзимкунии захираҳои меҳнатӣ ба мақомоти худидоракунии маҳаллӣ гузоштан, ташкил кардани ҳисоботи оморӣ аз рӯи бекорӣ ва шуғл, мустаҳкам кардани масъулияти мақомоти ҳокимияти мазкурро ҷиҳати таъминкунии шуғл ва бунёди ҷойҳои нави корӣ, ки дар

нақшаи ташкилии инҳо метавонанд филиалҳои хадамоти ноҳиявии шуғл ё хадамотҳо дар асоси деҳот бошанд, ба мақсад мувофиқ ба назар мерасад [10,с.187].

Ҷиҳати идоракунии захираҳои меҳнатӣ Т.Б. Ғаниев қайд кардааст, ки захираҳои меҳнатӣ дар деҳот чораҳои ҷиддии танзимкунии давлатӣ, махсусан дар масъалаҳои баландбардории сатҳи шуғл, муборизаи бо бекории бозистода ва дигар чорабиниҳоро талаб менамояд. Ҳадафи идоракунии ин намуди захираҳо - фаъолсозии иҷтимоии аҳолӣ дар ҳалли масъалаҳои маишӣ, оилавӣ, фарҳангӣ, экологӣ ва иқтисодӣ мебошад. Қисми зиёди захираҳои меҳнатӣ ба раванди меҳнатӣ ҷалб карда мешаванд [3,с.14].

Барои тавсифи омили инсонии (шахсии) истеҳсолот чунин мафҳумҳо, аз қабили "қувваи корӣ", "захираҳои меҳнатӣ", "шахсият", "корманд", "коргар" истифода мешаванд.

Қувваи корӣ ин маҷмӯи қобилиятҳои ҷисмонӣ ва фикрии инсон мебошад, ки онро барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва хидматрасониҳо истифода мебарад. Бояд қайд кард, ки дар робита бо раванди мустақими меҳнат, он ҳамчун арзиши потенсиалӣ амал мекунад, ҳол он ки меҳнат – ин қобилияти амалкунанда, қувваи корӣ амалкунанда мебошад. Мувофиқи анъана, дар илми иқтисодии ватанӣ қувваи корӣ қобилияти меҳнат карданро ифода мекунад ва меҳнат бошад - маънои фаъолияти мақсадноки инсонро дорад. Қувваи корӣ ҳамчун мол, дар фарқият аз дигар намудҳои мол, хусусияти сифатӣ дорад: он бо мавзунияти назаррас, қобилияти фаъолона тағйир додани хусусиятҳои худ ва бо ин васила ба конъюнктураи талабот ва пешниҳод таъсир расониданро дорост.

Табиист, ки ҳар як шахс дорои диапазони хусусиятҳои молии ба худ хос аст, ки онро бозори меҳнат талаб мекунад. Чунин хусусият дар ҳама баробар дида намешавад. Барои баъзеҳо он васеътар ва барои дигарон маҳдудтар аст, ки ҳамаи ин аз дониш, маҳорат, малака ва дигар қобилиятҳои инсон вобаста аст.

Аз таърифҳои дар боло овардашуда маълум аст, ки ин категорияҳо якхела нестанд, аммо онҳо бо ҳам зич алоқаманданд. Меҳнат бидуни қобилияти корӣ иҷро карда намешавад ва қобилияти корӣ танҳо дар ҷараёни меҳнат амалӣ мешавад. Ба андешаи мо, захираҳои меҳнатӣ – ин кулли қобилияти меҳнатии тамоми ҷомеа мебошанд, ки қисми назарраси он (қобилияти занони хонашин, донишҷӯён ва ғ.) айни замон дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ истифода намешавад. Ин гурӯҳи одамон омили истеҳсолот ва субъектҳои муносибатҳои истеҳсолӣ, ягонагии моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ ва хусусиятҳои мушаххаси таърихан муайяншудаи миқдорию сифатиро тақассум мекунад [17,с.236].

Бояд ёдовар шуд, ки азбаски "қувваи корӣ" ва "захираҳои меҳнатӣ" ҷуз омезиши қобилиятҳои ҷисмонӣ ва ақлонии одамон, ки барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва хидматрасонӣ пешбинӣ шудаанд, чизе беш нестанд. Онҳо наметавонанд ҳадафҳои худро муқаррар кунанд, талаботҳо дошта бошанд, манфиатҳои муайянеро пайгирӣ кунанд ва ташаббусҳои эҷодкорона нишон диҳанд.

Аз миёнаҳои солҳои 80-ум мафҳумҳои «омили инсонӣ» ва «иқтидори меҳнатӣ» барои ифодаи назари нави нақши инсон дар истеҳсолот дар адабиёти иқтисодӣ бештар истифода мегардад. Одатан тахмин карда мешавад, ки мафҳуми омили инсонӣ (ё баъзан шахсӣ) диққатро ба нақши фаъоли инсон дар иқтисодиёт муайян мекунад. Ин бештар ба вазъи нави иҷтимоӣ мувофиқ аст, ки бо истифодаи нокифояи самараноки меҳнати инсон тавсиф карда мешавад. Мафҳуми «омили инсонӣ» назар ба мафҳумҳои «қувваи корӣ» ва «захираҳои меҳнатӣ» маънои васеътар ва амиқтар дорад [16,с.37].

Дар ин ҳолат сухан на дар бораи "омили инсонӣ", балки дар бораи "захираҳои инсонӣ" меравад. Мафҳуми «омили инсонӣ» ба муносибати технократӣ ба рушди истеҳсолот асос ёфтааст, ки дар он коргари кироя дар раванди меҳнат аз худ бегона аст. Ин мушкилот, ки дар нимаи дуюми асри гузашта ба миён омада буд, имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накардааст.

Тасаввуроти маҷмӯи одамон ҳамчун захираҳои меҳнатӣ маънои мувозинати воқеии онҳоро ба омилҳои моддии истеҳсолот дорад, ба монанди техника, ашёи хом, энергия ва ғайра. Бо чунин равиш одамон на ҳамчун субъектҳои бошуури фаъолияти хоҷагӣ, балки ҳамчун объектҳои идоракунӣ баррасӣ карда мешаванд. Маълум аст, ки то он даме, ки дар илми иқтисодӣ одами зинда бо тамоми гуногунии ниёзҳои ҳаётии худ ба ҷои "коргар",

"меҳнаткаш" ё умуман «фард» гузошта намешавад, ҳоҷат ба андешаи азнавсозии низоми мавҷудаи идоракунии "омили инсонӣ" нест.

Омили инсонии истеҳсолот, иқтисодиёт, ҷомеа худаш чист? Ба ин савол ҷавоби аниқ вуҷуд надорад. Мувофиқи маълумоти Т.И.Заславская [5,с.27], омили инсонӣ «системаи ҳамбастагии синфҳо, қишрҳо ва гурӯҳҳо мебошад, ки мавқеъҳои гуногунро ишғол мекунанд, ки фаъолият ва ҳамкории онҳо рушди ҷомеаро таъмин мекунанд». Ба ибораи дигар, омили инсонӣ инсонро аз бисёр ҷиҳатҳо нишон медиҳад. Яъне инсон ҳамчун меҳнаткаш, ҳамчун шаҳрванд, ҳамчун захира, ҳамчун воситаи истеҳсолот ва ғайра.

Омили шахсии истеҳсолот (ба маънои бевоситаи иҷтимоӣ - омили шахсӣ) тамоми гуногунии сифатҳои субект (корманд)-ро, ки дар раванди фаъолияти меҳнатии ӯ зоҳир мешавад, тавсиф мекунад. Ба ибораи дигар, омили шахсӣ қувваи кории амалкунанда (дар амал татбиқшаванда) мебошад, ки дар маҷмӯи хусусиятҳои сифатии он баррасӣ карда мешавад. Омили шахсии истеҳсолот ва қувваи корӣ ҳамчун маҷмӯи мукаммал ва хусусӣ бо ҳам мувофиқат доранд. Қувваи корӣ, ки танҳо иқтидори истеҳсолии коргарро ифода мекунад, наметавонад ҳамчун омили истеҳсолот амал кунад. Ин шахсест, ки қобилияти меҳнатӣ (қувваи корӣ) дшта, раванди меҳнатро иҷро мекунад, яъне ки ба раванди истеҳсолот дохил карда шудаанд.

Омили инсониро ҳамчун зуҳуроти куллии сифатҳои шахсии инсон, ки ба фаъолияти меҳнатии ӯ таъсир мерасонанд, баррасӣ кардан лозим аст. Ин мафҳум нақши ҳалкунандаи инсонро дар раванди истеҳсолот нишон медиҳад. Омили инсонӣ – ин одамони ташкилотҳо ва муассисаҳое мебошанд, ки барои фаъолияти муштарак муттаҳид шудаанд. Аз ҷиҳати сохторӣ бошад, - ин, пеш аз ҳама, шахс, гурӯҳи корӣ, коллективи меҳнатӣ мебошад. Омили инсонӣ на танҳо корманди коллективӣ, балки субекти коллективии ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад, ки дорои сохтори иҷтимоӣ, демографӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ буда, ҳамкории унсурҳои он рушди ҷомеаро таъмин мекунад. Ин нуқтаи назар бо дарки ҳадафи рушди иҷтимоӣ ҳамчун фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди иҷтимоии мардум ва афзоиши самаранокии иқтисодиёт - ҳамчун василаи расидан ба ин ҳадаф мувофиқ аст.

Эътирофи шахс ҳамчун иштирокчии комилҳуқуқ ва бошууронаи рушди иҷтимоӣ дар баробари ниёзҳои ҳаётан зарурӣ, инчунин дар мадди аввал талабот ба фаъолияти эҷодӣ, иттилоотӣ, иштирок дар идоракунӣ ва ғ. гузошта мешавад.

Фарқи пурмазмуни мафҳумҳои «захираҳои меҳнатӣ» ва «омили инсонӣ» равишҳо ва усулҳои гуногуни омӯзиши онҳоро тақозо мекунад. Захираҳои меҳнатии минтақа, соҳа ва корхонаҳо, чун қоида, бо нишондиҳандаҳои миқдор ва ҳудуд, сохторҳои демографӣ, соҳавӣ, касбӣ ва тахассусӣ тавсиф карда мешаванд. Омили инсонии истеҳсолот, илова бар ин аломатҳо, бо нишондиҳандаҳои муносибат ба меҳнат, ташаббус, уҳдабарӣ, манфиатҳо, талаботҳо, арзишҳо, тарзи рафтор дар ҳолатҳои гуногун тавсиф карда мешавад.

Мафҳуми омили инсонӣ, ки дар муқоиса бо захираҳои меҳнатӣ қадаме ба пеш аст, маҳдудияти муайяни зеринро дар бар мегирад: дар доираи он одамон на ҳамчун арзиши асосии ҷомеа, балки ҳамчун омили берунаи раванди рушд баррасӣ мешаванд. Маълум аст, ки ин маҳдудият марҳилаи бадастомадаи рушди ҷомеаи моро инъикос мекунад.

Омили инсонӣ – истилоҳи иқтисодӣ ва сиёсӣ, мавзӯи манфиатҳои назарияи муосири низоми умумӣ, психологияи меҳнат, эргономика ва сотсиология мебошад. Таваҷҷуҳ ба омили инсонӣ бо зарурати тезонидани рушди иҷтимоию иқтисодӣ бевосита алоқаманд аст, ки бо истифодаи усулҳои авторитарӣ, маъмурӣ ва бюрократии идоракунӣ имконнопазир аст [12,с.48].

Низоми маъмурии идоракунӣ, ки нақши махсуси омили инсониро ба таври расмӣ эътироф намуда, дар воқеъ маънои онро рад кард, ба принсипҳои итоати бечунучаро такя намуда, дар ниҳояти кор ба бегона кардани шахс аз манфиатҳои ҷомеа, меҳнаткашон – аз ҳадафҳои ҷамъият оварда расонд мақсадҳо ва манфиатҳо ва бо аз ҳад зиёди марказонидан ва бюрократизатсияи тамоми низоми идоракунӣ алоқаманд буданд.

Ҳамин тариқ, аҳамияти усулҳои нави идоракунии кадрҳо ҳамчун технологияи махсуси идоракунӣ, ки ба ҳадди аксар татбиқи самаранокии иқтидори иқтисодии

захираҳои ба истеҳсолот ҷалбшавандаро таъмин менамояд, дар сатҳи байналмилалӣ тасдиқи расмии худро гирифтааст.

Қабл аз баррасии масъалаҳои амалии фаъолсозии омили инсонӣ барои такмили механизми хоҷагидорӣ, моҳияти шахсияти инсон ва рафтори онро қайд кардан зарур аст. Фаъолияти инсон бояд на танҳо ба азнавсозии ҷомеа, балки ба такмили доимии худ низ равона карда шавад. Аз ин рӯ, мазмуни мафҳуми «омили инсонӣ» бояд категорияҳои фарҳанг, санъат, тамаддун, саъйу кӯшишро ба такомул дар бар гирад.

Қобили қайд аст, ки олими рус Л.И. Абалкин дар навбати худ, чунин мешуморад, ки ҷомеаи инсонӣ дар ояндаи наздик ба сохтори комилан нави истеъмол мегузарад, ки дар он ҳар як воҳиди маҳсулоти истеъмолшуда ташкил ва сарф карда мешавад ва ҳамчун самараи меҳнати ҳар як шахс дарк карда мешавад [1,с.3]. Сабабҳои мушаххасеро, ки боиси дарки нақши махсус, ҳалкунандаи омили инсонӣ шуданд, афзоиши таҷҳизоти техникӣ, ихтисос ва кооператсияи меҳнат, иҷтимоигардонии воқеии истеҳсолот ва хусусигардонии моликияти давлатӣ шуморидан мумкин аст. Мазмуни ин муқарраротро аз масъалаҳои зерин дарк намудан мумкин аст:

- таъминоти босуръат афзояндаи илмӣ ва техникии коргарон оммаи васеи воситаҳои гаронбаҳои истеҳсолотро ба ҳаракат медароранд. Арзиши воситаҳои истеҳсолӣ ба маҳсулоти истеҳсолшаванда гузаронида мешавад. Арзиши рафтори масъулиятноки корманд, вобаста аз сатҳи тахассус ва ақлу хиради ӯ, камолоти эмотсионалӣ ва ҳолати рӯҳӣ, дар ин маврид чанд маротиба меафзояд;
- ҷомеа беш аз пеш ба сифатҳои шахсии соҳибкорон, менеҷерон ва кормандони муҳандисию техникӣ, ростқавлӣ, бовиҷдонӣ, садоқат ба манфиатҳои ҷамъиятӣ вобастагӣ пайдо мекунад;
- иҷтимоикунонии воқеӣ, хусусигардонӣ ва махсусгардонии истеҳсолот шумораи робитаҳои системавии иқтисодиро меафзояд. Ҳамаи ин робитаҳоро ҳатто бо истифодаи технологияи инноватсионӣ муносиб кунонидан ва пайванд кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, сифати кор, ҳиссиёти масъулият, хусусияти ташабускори фаъолият, вазъи бозор ва сохторҳои бозор ба самаранокии иқтисодиёт таъсири бениҳоят муҳим мерасонанд.

Ҷиҳати дигари масъала низ мавҷуд аст, ки он чанде пеш дар ҷомеаи мо комилан нокифоя ба назар гирифта мешуд ва он тариқи зерин шарҳ меёбад: - одами аз ҷиҳати иҷтимоӣ рушдёфта дорои иқтидори бузурги меҳнатӣ мебошад, аммо айни замон вай нисбат ба шахси ғайрифаъол объекти мураккабтари идоракунӣ мебошад. Манфиатҳои коргарон ҳаматарафаанд, аз ин рӯ, фаъолсозии идоракунии омили инсонӣ бояд бо усулҳои гуногун, фарқ карда шавад. Низоми авторитарии маъмурӣ-бюрократии идоракунӣ ин корро анҷом дода натавонист. Бо истифода аз усулҳои маҷбуркунӣ ва фишороварӣ, ки ба вазъи иҷтимоӣ мувофиқат намекунад, омили инсониро несту нобуд карда, боиси истифодаи бесамари захираҳои иҷтимоӣ ва неруи меҳнатии онҳо гардид. Вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ ҳамеша беҳтар кардани шароити зиндагӣ, татбиқи адолати иҷтимоӣ, бо ҳам наздик кардани гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва беҳтар намудани муносибатҳои миллӣ буданд. Дар фаъолияти амалӣ ин вазифаҳо ё ҳал карда нашудаанд, ё дар фаъолияти камсалоҳият инъикос ёфтаанд [4,с.56-57].

Кори мушаххасе, ки бояд фаъолсозии омили инсониро таъмин кунад, гуногунҷабҳа мебошад. Агар кӯтоҳтар карда гӯем, нақши омили инсонӣ бо вазъияте алоқаманд аст, ки қонунҳои ахлоқӣ, меъёрҳои маънавӣ ва этикии дар ҷомеа амалкунанда аксар вақт нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва маъмурӣ қавитар ва пурсамар мебошанд.

Ҳамин тариқ, фаъолсозии омили инсонӣ ин мушкилоти гуногунҷабҳа мебошад, ки равандҳои мураккаби ташаккули арзишҳои маънавӣ, мушкилоти оила, таълими мактаб ва хона, солимии ҷисмонии ҷомеа, ҳифзи анъанаҳои фарҳангӣ, кадрҳо ва сиёсати иҷтимоӣ, маълумот ва ғ. дар бар мегирад.

Фаъолсозии омили инсонӣ бояд аз нуқтаи назари ҷанбаҳои иҷтимоию психологии фаъолияти меҳнатии коргар, ки хосси ин давра мебошад, баррасӣ карда шавад.

Якум, ҳамбастагии байни ҷузъҳои истеҳсолот мураккабтар шудааст. Ҷонибҳои техникӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти истеҳсолӣ беш аз пеш ба омили инсонӣ

(субъективӣ), ба фазои иҷтимоию психологие, ки дар коллективи меҳнатӣ ҳукмфармост, вобастагӣ доранд, ки метавонанд рушди иқтидори меҳнатро на танҳо ҳавасманд кунанд, балки рушди ҳам корманди алоҳида ва ҳам дар маҷмӯъ корхонаро боздоранд.

Дуюм, интенсивонии истеҳсолот ва суръат бахшидани раванди таҷдиди техникии он шароити фаъолияти меҳнатиро ба таври динамикӣ тағйир дода, ба амалисозии нерӯи меҳнатии коргар таъсир мерасонад.

Сеюм, низоми идоракунии истеҳсолот «қафо мондааст» ва баъзан он ба ҳалли масъалаҳои марбут ба афзоиши ҳаракатнокии кадрҳо ва ноустувории манфиатҳои иҷтимоии мардум омода нест.

Аз ин рӯ, айни замон омили инсонӣ на танҳо баланд шудани сатҳи техникии иқтидори иқтисодии корхонаҳо ва иттиҳодияҳоро муайян мекунад, балки он қобилияти созандагӣ, ихтироот ва тавлиди донишҳои навро дар бар мегирад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд шудааст, ки сармояи инсонӣ омили муҳимми рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт маҳсуб меёбад, аз сифати он пешрафти тамоми соҳаҳо вобастагии зич дорад. Он дар байни омилҳои дарозмуҳлати рушди минбаъдаи иқтисодиёт ҷойи аввалро (дар муқоиса бо захираҳои табиӣ, сармояи воқеӣ ва молиявӣ) ишғол мекунад. Аз ин рӯ, рушди сармояи инсонӣ дар кишвар ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст. Принсипҳои калидии ин самти фаъолият бо талоши ҳалли маҷмӯи вазифаҳои рушди сармояи инсонӣ ва сифати зиндагӣ, инчунин фароҳам овардани заминаҳои устувор барои ташаккули донишҳои иқтисодӣ алоқаманд мебошанд [13,с.48-49].

Айни замон, се самти фаъолсозии омили инсониро метавон ҷудо намуд. Аввалан, кӯшишҳои ҷорӣ намудани системаҳои идоракунӣ ва мукофотонидан барои натиҷаҳои ниҳоии кор дар рӯҳияи мактаби «оқилона»-и идоракунии амрикоӣ сурат мегиранд. Дуввум, мисолҳои татбиқи системаҳои идоракунии Ҷопон дар корхонаҳо омӯхта мешаванд. Севвум, таҳияи назарияи фарҳанги ташкилӣ ё идоракунӣ (алахусус дар Швейтсария ва Белгия, то андозае дар Фаронса ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон) ҳамчун назарияи мустақили «аврупоӣ»-и идоракунии коллектив ва корманди алоҳида ба амал омадааст, гарчанде ки баъзан таҳияҳо дар зери парчами ин назария сурат мегирифт, мактабҳои амрикоӣ ва ҷопонӣ бо ҳам хеле зич алоқаманд буданд. Дар шароити имрӯза дар Иёлоти Муттаҳида ва Аврупои Ғарбӣ масъалаи идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун вазифаи ҳатмии роҳбарони корхонаҳои звеноҳои олӣ баррасӣ карда мешавад.

Дар шароити гузариш ба шакли нави рушди иқтисодӣ дар кишварҳои пешрафта сифати қувваи корӣ ҳамчун омили муҳимми самаранокӣ ва амнияти иқтисодӣ баррасӣ карда мешавад. Масъалаҳои такмилдиҳии омодагии касбӣ ва рушди кадрҳо бо техникаю технологияи нав, бо дигаргуниҳо дар соҳаи шуғл ва азнавсозии механизми хоҷагидорӣ мустақиман алоқаманданд [8,с.78-79].

Талаботе, ки дар эълонҳо оид ба пешниҳоди ҷойҳои корӣ муқаррар карда шудааст, аз он шаҳодат медиҳад, ки мутахассисони имрӯза оид ба компютер бояд омодагии хуб дошта бошанд, ба ғояҳои нав боидрок бошанд, ба мушкилот тобовар ва хушахлоқ бошанд, мустақилона фикру андеша карда тавонанд, инчунин ба манфиатҳои корхона амал кунанд [16,с.40].

Таҳлилҳо дар бахшҳои тахассуси соҳавӣ ва касбӣ нишон медиҳанд, ки мутобиқ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шакли саноатии шуғл ва бо баъзе хусусияту зиддиятҳо сухан рондан қонунист. Яке аз чунин зиддиятҳои асосӣ –зиддияти байни сатҳи қайди маълумот ва мувофиқан талаботе, ки одамон ба ҷойҳои корӣ мегузоранд, аз як тараф, ва талаботи воқеии хоҷагии халқ ба кадрҳои касбу ихтисоси муайян карда мешавад.

Ба ақидаи мо, яке аз роҳҳои воқеии тағйир додани сохтори шуғл дар иқтисодиёти ватанӣ дар шароити буҳрони кунунӣ ва норасоии маблағ барои навсозии куллии истеҳсолот бояд тамаркузи (консентратсия) воситаҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ дар соҳаҳои ояндадори аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимми хоҷагии халқ, ҳамзамон барои баланд бардоштани фаъолияти сармоягузории корхонаҳо шароит фароҳам овардан аст. Ҷомеаи иттилоотиро

назариётчиёни он ҳамчун як марҳилаи комилан нави рушди тамаддун ва ҳамчун ядрои ҷомеаи меҳнатӣ мешуморанд ва меҳвари асосии ин ҳудуд меҳнат аст [13,с.22-23].

Муқарриз: н.и.и., Искандаров Ҳ.Ҳ.

АДАБИЁТ

1. Абалкин Л.И. Размышления о долгосрочной стратегии науки демографии / Л.И. Абалкин // Экономика и управление: научно-практический журнал. – 2007. -№2. -С.3-14.
2. Бланшир К. Наилучший менеджер / К. Бланшир, С. Джонсон. – 2005. -С.54-55.
3. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент / Т.Б. Ғаниев. -Душанбе 2009. -Ҷилди 6. -С.67-68.
4. Ефимов В.А. Управление воспроизводством трудового потенциала агропромышленного комплекса (теория, методология, практика): монография / В.А. Ефимов. -СПб.: СПбГАУ, 2008. -С.56-57.
5. Заславский К.И. К новой парадигме рынка труда / К.И. Заславский // Вопросы экономики. -М., 1998. -С.27-29.
6. Исломов С.И. Сущность человеческого капитала / С.И. Исломов // Веб: Переходный период: Тенденции экономического и социального развития Таджикистана. –Душанбе: ИПС, 2001. -Вып.2. -С.76-77.
7. Костин Л.А. Российский рынок труда: вопросы теории, истории, практики / Л.А. Костин. -М., 1998. -С.44-49.
8. Майбуров И. Эффективность инвестирования в человеческий капитал в США и России / И. Майбуров // Мировая экономика и международные отношения. - 2004. -№4. -С.78-79.
9. Маркс К. Капитал. Критика политической экономии / К. Маркс, Ф. Энгельс. Соч. -2-е изд. -М.: Политиздат, 1974. -т. 49. -С.5.
10. Набиева Д. Анализ современного состояния развития рынка труда в Республике Таджикистан / Д. Набиева // Роль и значение инвестиций в развитии национальной экономики. Материалы респ. науч.практ. конф. -Кулоб, 2016. -С.187-195.
11. Питере Т. В поисках эффективного управления / Т. Питере, Р. Уотерман. - 1990. -С.37.
12. Проблемы управления трудовыми ресурсами Таджикистана: коллективная монография. –Душанбе: ТоРус, 2012. -С.48-49.
13. Саградов А.А. Человеческий капитал: источник развития / А.А. Саградов // Экономика и жизнь. – 1998. -№3. -С.22-23.
14. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –Душанбе, 2016. -С.48-49.
15. Усманова Т.Д. Современный рынок труда: методология системного исследования / Т.Д. Усманова. Душанбе: Ирфон, 2004. –С.27-29.
16. Хоналиев Н. Некоторые теоретико-методологические вопросы занятости трудовых ресурсов Таджикистана в условиях переходной экономики / Н. Хоналиев // Труд и социальное развитие. – 2010. -№2. -С.37.
17. Экономика труда (социально-трудовые отношения): Учебник / Под. ред. Н.А. Волгина, Ю.Г. Одегова. -М.: Экзамен, 2004. -236 с.

ҶАНБАҲОИ ИЛМИИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТ

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои илмии идоракунии захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёт баррасӣ гардидааст. Асосҳои назариявӣ оид ба идоракунии захираҳои меҳнатӣ ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ омӯхта шудааст. Муайян гардидааст, ки дониш, маҳорат, малакаи меҳнатӣ, ташаббускорӣ, уҳдабарорӣ, соҳаи арзишию ҳавасмандгардонии кормандони ҳар як корхона дар баробари сармояи молиявӣ ва истеҳсолӣ ба як манбаи торафт муҳим табдил ёфтааст. Бо афзоиши зудҳаракатёбии технология ва сармоя рақобатпазирӣ танҳо аз сифат, маҳсулнокӣ ва чандирии захираҳои инсонӣ вобаста аст, илман асоснок карда шудааст. Аз таҳлилҳои дар мақола овардашуда маълум мегардад, ки шароити идоракунӣ дар ширкатҳои муваффақи ИМА омилҳои асосии самаранокии идоракунии майли роҳбарон ба амалҳои қатъӣ, мустақилият ва услуби соҳибкории кор, фаъолсозии қобилияти кормандон, бартарияти арзишҳои умумикорпоративӣ, соддагии шаклҳои ташкилӣ робитаи зичи ширкат бо истеъмолкунанда мебошад. Ақидаи олими Бланшир К., Джонсон С. нишонаҳои идоракунии некбинонаи кадрҳо, ба гуфтаи муаллифон, ҳадафи моҳирона гузоштан, муқоисаи хусусияти фаъолияти кадрҳо бо вазифаҳои гузошташуда, ташкили робитаи баръакс аз зердастон ба роҳбарият, ҳавасмандкунӣ барои дастовардҳои баланд мебошад. Инчунин олимони ватанӣ: Усманова Т.Ҷ., Ғаниев Т.Б., Набиева Д. оид ба идоракунии захираҳои меҳнат чунин ақидаҳо доранд, ки захираҳои меҳнат дар деҳот чораҳои ҷиддии танзимкунии давлатиро, махсусан дар масъалаҳои баландбардории сатҳи шуғл, муборизаи бо бекории бозистода талаб менамояд. Ҳадафи идоракунии ин намуди захираҳо - фаъолсозии иҷтимоии аҳолӣ дар ҳалли масъалаҳои маишӣ, оилавӣ, фарҳангӣ, экологӣ ва иқтисодӣ мебошад. Қисми зиёди захираҳои меҳнатӣ ба раванди меҳнатӣ ҷалб карда мешаванд. Омили инсониро ҳамчун зуҳуроти куллии сифатҳои шахсии инсон, ки ба фаъолияти меҳнатии ӯ таъсир мерасонанд, баррасӣ карда шудааст. Идоракунии захираҳои инсонӣ аз нуқтаи назарӣ имкониятҳои истифодаи захираҳои фарҳангӣ ва ахлоқӣ дар ташаккули мақсадноки идоракунии корпоративии низоми ҳадафҳо, дастурҳои меъёрӣ ва арзишҳои корпоративӣ пешниҳод гардидааст.

Калидвожаҳо: идоракунӣ, захираҳои меҳнатӣ, захираҳои инсонӣ, омили инсонӣ, равандҳои меҳнат, менеҷмент.

НАУЧНЫЕ АСПЕКТЫ УПРАВЛЕНИЯ ТРУДОВЫМИ РЕСУРСАМИ В ЭКОНОМИКЕ

В данной статье рассматриваются научные аспекты управления трудовыми ресурсами в экономике. Изучены теоретические основы управления трудовыми ресурсами, взгляды зарубежных и отечественных ученых.

Определена необходимость усиления внимания менеджмента к активизации человеческого фактора, к использованию как физического, так и психического, эмоционального потенциала работников, т.е. не только исполнительских, но и творческих, организаторских их способностей. Научно обосновано, что в условиях быстрого роста технологий и капитала конкурентоспособность зависит только от качества, производительности и устойчивости человеческих ресурсов. Анализ показывает, что условия управления в успешных американских компаниях являются основными факторами эффективного управления - стремление менеджеров к строгим действиям, независимость и деловой стиль, активизация возможностей сотрудников, преобладание корпоративных ценностей, простота организационных форм. Были изучены взгляды ученых Бланшир К. Джонсон С. и др., что признаками оптимистического управления кадрами являются умелое целеполагание, сопоставление характера деятельности персонала с поставленными задачами, организации обратной связи от подчиненных к руководителю, поощрение, стимулирование за высокие достижения. Также были изучены взгляды отечественных ученых на то, что трудовые ресурсы в сельской местности требуют серьезного государственного регулирования, особенно с точки зрения повышения занятости и борьбы с застойной безработицей. Целью управления этими видами ресурсов является социальная активизация населения в решении бытовых, семейных, культурных, экологических и экономических проблем. Большая часть рабочей силы задействована в трудовом процессе. Основные человеческие факторы рассматриваются как общее проявление личных качеств человека, влияющих на его работу**.** Предложено управление человеческими ресурсами с точки зрения возможностей использования культурных и этических ресурсов при формировании целевой системы корпоративного управления, руководящих принципов и корпоративных ценностей.

Ключевые слова: управление, трудовые ресурсы, человеческие ресрурсы, человеческие факторы, трудовые процессы и мененджмент.

SCIENTIFIC ASPECTS LABOR MANAGEMENT IN ECONOMY DUSMADOVA AZIZA KHAIDAROVNA

This article examines the scientific aspects of labor management in the economy. The theoretical foundations of human resource management, the views of foreign and domestic scientists have been studied. The direct embodiment in the practical strengthening of management's attention to the activation of the human factor, to the use of both physical and mental, emotional potential of employees, i.e. not only performing, but also their creative, organizational abilities. It is scientifically grounded that in the conditions of the rapid growth of technology and capital, competitiveness depends only on the quality, productivity and sustainability of human resources. The analysis shows that the conditions of management in successful American companies are the main factors of effective management - the desire of managers to take strict actions, independence and business style, the activation of employee capabilities, the prevalence of corporate values, and the simplicity of organizational forms. The views of scientists Blanshire K. Johnson S. et al. Were studied that the signs of optimistic personnel management are skillful goal-setting, comparing the nature of personnel activities with the tasks set, organizing feedback from subordinates to the leader, encouragement, incentives for high achievements. The views of domestic scientists were also studied, labor resources in rural areas require serious government regulation, especially in terms of increasing employment and combating stagnant unemployment. The purpose of managing these types of resources is the social activation of the population in solving household, family, cultural, environmental and economic problems. Most of the workforce is involved in the labor process. The main human factors are considered as a general manifestation of a person's personal qualities that affect his work. The proposed human resource management is presented in terms of opportunities, opportunities for the use of cultural and ethical resources in the formation of a target system of corporate governance goals, guidelines and corporate values.

Keywords: management, labor resources, human resources, human factors, labor process and management.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Дусмадова Умеда Ҳайдаровна*** **–** Институти иқтисодиёт ва таҳлили системавии рушди кишоварзии АИКТ, унвончӯ. **Суроға:** 734020, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Ҳаёти Нав, 306. Телефон: **905-22-80-08**

Сведения об авторе: ***Дусмадова Умеда Хайдаровна*** **–** Институт экономики и системного анализа развития сельского хозяйства ТАСХН, соискатель. **Адрес**: 734020, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Хаёти-Нав, 306. Телефон: **905-22-80-08**

Information about the author: ***Dusmadova Umeda Khaidarovna*** - Institute of Economics and System Analysis of Agricultural Development, TASKHN, applicant. **Address**: 734020, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Hayoti-Nav street, 306. Phone: **905-22-80-08**

УДК: 631.115.8.

АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ САМАРАНОКИИ КООПЕРАТИВҲОИ КИШОВАРЗӢ

Қурбонов А.Д., Раҳимов Ҷ.О.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав,
Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат

Муаммои баланд бардоштани самаранокии хоҷагидорӣ доимо ҳамчун масъалаи рӯзмарра маҳсуб меёфт. Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ислоҳоти гузарондашудаи замин, ғайридавлатикунонии моликият дар комплекси агросаноатии (КАС) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба камшавии шумораи колхозу совхозҳо, зиёд шудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва шумораи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намуд [10,с.51].

Таҳлили адабиёти тахассусӣ нишон медиҳад, ки солҳои охир ба низоми кооператсияи кишоварзӣ бештар аҳамият дода мешавад. Дар масъалаҳои самаранокии кооперативҳои кишоварзӣ ва усулҳои ченкунии он таҳқиқоти илмии зиёд гузаронда шудааст. Аз як тараф, ин таҳқиқот аз рӯйи мазмун аз таҳлили масъалаҳои методии стандарти қабулшудаи баҳодиҳии самаранокии дигар корхонаҳо тафовути зиёд надоранд. Дар асарҳои илмии аз ҷониби мо мавриди таҳлил қарор гирифта, масъалаҳои арзёбии нишондиҳандаҳои маҳсулнокии меҳнат, фоиданокӣ, даромаднокӣ, рафтор дар ташкилот, таъсири омилҳои беруна ва дохила ба самаранокии фаъолияти кооперативҳо таҳқиқ гардидаанд. Аз тарафи дигар, дар бештари асарҳои илмӣ муқаррарот оид ба хусусиятҳои ташкилоти кооперативӣ ҷой дошта, дар раванди таҳқиқ ин хусусиятҳо мунтазам ба инобат гирифта мешаванд. Масалан, назари Э. Шумахер бисёр ҷолиб аст, ки дар мақолаи худ нисбат ба кооперативҳои навтаъсиси яке аз музофотҳои Чин шиори “корхонаи хурд - беҳтарин аст”-ро истифода мебарад, ки аз бисёр ҷиҳат бартарии худро нисбат ба корхонаҳои бузург исбот намудаанд [13].

Баъзе корҳои илмӣ ба муқоисаи стратегияҳои кооперативҳо бо ширкатҳои ғайрикооперативӣ бахшида шудаанд. Ҳаминтавр, дар мисоли Юнон нишон дода шудааст, ки корхонаҳо стратегияҳои гуногунро пайгирӣ менамоянд: ширкатҳои алоҳида ба стратегияҳои тафриқавӣ такя менамоянд, фаъолияти кооперативҳо бошад, ба кам кардани хароҷот нигаронда шудааст [15]. Ин бори дигар характери анъанавии кооперативҳоро нишон медиҳад. Сабаб дар он аст, ки кооператив бо шарофати ғайримуттамарказ қабул намудани қарорҳои идоракунӣ, доимо ба такрористеҳсол ва назорати мунтазами сифати маҳсулот майлу рағбат дорад [6]. Барои муқоисаи самаранокии корхонаҳои кооперативӣ ва хусусии шарбатбаркорӣ усули DEA-таҳлил (data envelopment analysis – таҳлили муҳити фаъолият) истифода мегардад [14]. Муаллифони таҳқиқоти мазкур ба хулоса меоянд, ки кооперативҳо самаранокии бештарро нишон медиҳанд.

Ҳанӯз соли 1927 А.В. Чаянов ба хулоса омадааст, ки истеҳсолоти коллективӣ дар назди истеҳсолоти хоҷагиҳои деҳқонии кооперативӣ, инчунин истеҳсолоти капиталистӣ заиф аст, зеро ҳама вақт иродаи коллективӣ нисбат ба иродаи соҳибкорӣ, ки ба хавфу ташаббускорӣ алоқаманд аст, заиф мебошад. Аз ин ҷо, аз ибтидо низоми колхозӣ наметавонист, ки аз рӯйи принсипҳои ташкилиаш ҳамчун шакли самараноки хоҷагидорӣ бошад [12,с.117].

Дастовардҳои зиёд дар таҳқиқи таърихи ташаккулёбии кооператсия дар ҷумҳуриҳои шӯравии Осиёи Марказӣ ба даст омадаанд. Махсусан, таҳқиқотҳои монографии Б.А. Антоненко [1], Б.И. Искандаров [2], Х.М. Саидмуродов [11], Т.Р. Каримов [6]. Д.Д. Бобоҷонов [3] ва Қ.Қ. Давлатовро [4] бояд қайд намуд, ки хусусиятҳои рушди ҳаракати кооператсияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос намудаанд.

Ба ақидаи Қ.Қ. Давлатов “...рушди муносибатҳои кооперативӣ ва ҳамгироӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти трансаксионӣ кам карда шуда, аз ҳисоби коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ ва таҳкими раванди муттаҳидкунии захираҳо ҳаҷми истеҳсолот зиёд карда шуда, самаранокии бисёрҷониба таъмин гардад” [4,с.9].

Пиризода Ҷ.С., Маҳмадиев Ф.Б., Ҷалилов Ш.Н. ва дигарон қайд мекунанд, ки «…дар шароити гузариш ба рушди саноатӣ, иқтисодиёти деҳот ва комплекси агросаноатӣ дар маҷмӯъ ташкили ҳамкории зичи байнихоҷагии ҳамаи субектҳои бозори агроозуқавориро тақозо мекунад, ки боиси зарурати ҳамгироии (интегратсияи) байниистеҳсолии КАС мегардад. Ин вазифаро кластерҳои соҳавӣ метавонанд бо назардошти хусусияти хоҷагидорӣ ва сатҳи рушди иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ дар шароити нав ба иҷро расонанд» [9,с.89-97].

Дар марҳилаҳои гуногуни ислоҳоти соҳаи аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон кооперативҳо дар заминаи як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунанда фаъолияти худро ба роҳ мондаанд. Соли 2002 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ” қабул гардид, ки дар он мафҳуми «кооперативи истеҳсолӣ» чунин маънидод карда шудааст: «Кооперативи истеҳсолӣ (артел) - иттиҳоди ихтиёрии шаҳвандон дар асоси узвият барои фаъолияти якҷояи истеҳолӣ ё дигари хоҷгидорӣ мебошад, ки ба иштироки шахсии меҳнатӣ ва тарзи дигари иштирок, инчунин аз ҷониби аъзо (иштирокчиён)-и он муттаҳид сохтани аъзоҳақии саҳмии амволӣ асос меёбад. Ҳуҷҷатҳои таъсисии кооперативҳои истеҳсолӣ (минбаъд кооператив) иштироки шахси ҳуқуқиро дар фаъолияти он пешбинӣ карда метавонад» [7].

Соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳо» ба тасвиб расид. Тибқи он кооперативҳое, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ» ба қайд гирифта шуда буданд, бояд дар муҳлати на дертар аз ду сол аз рӯзи мавриди амал қарор додани қонуни нав, санадҳои дохилии худро ба он мутобиқ сохта, ба кооперативҳои тиҷоратӣ табдил диҳанд.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳо» мафҳуми кооперативҳо чунин шарҳ дода шудааст: «кооператив - иттиҳодияи мустақил ва ихтиёрии бо тартиби муқаррарагардида ба қайд гирифташуда мебошад, ки дар асоси узвияти шахсон бо мақсади қонеъ намудани талаботи муштараки иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар талаботи онҳо, инчунин саъю кӯшиши шахсони мазкур тавассути муттаҳидкунии молу мулк (аъзоҳақии саҳмӣ) ва таъсиси ташкилоти ба таври демократӣ идорашавандаи молу мулки якҷоя таъсис дода мешавад» [8,с.1].

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кооперативҳо метавонанд дар ду шакл таъсис дода шаванд: кооперативи тиҷоратӣ ва кооперативи ғайритиҷоратӣ.

Кооперативҳои тиҷоратӣ дар соҳаи кишоварзӣ бошад, кооперативҳои истеҳсолие мебошанд, ки шаҳрвандонро барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар доираи корхонаи ягона муттаҳид менамоянд.

Кооперативи ғайритиҷоратӣ ташкилоти ғайритиҷоратӣ буда, мутобиқи оинномаи кооператив асосан ба аъзои худ хизмат мерасонад. Даромади софи кооперативи ғайритиҷоратӣ, ки дар натиҷаи хизматрасониҳо ба шахсони сеюм ба даст оварда шудааст, дар байни аъзои он тақсим карда намешавад ва ин даромад ҷиҳати рушди минбаъдаи он сарф карда мешавад. Рисолати кооперативҳои ғайритиҷоратӣ дар он аст, ки як қатор корхонаҳои кишоварзӣ вазифаҳои худро оид ба фурӯш, таъминот, коркарди маҳсулот ва дигар намуди фаъолият ба кооператив бо мақсади гирифтани фоидаи иловагӣ медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти иқтисодии хориҷӣ дар бисёр ҳолатҳо кооперативҳои кишоварзии ғайритиҷоратиро истеъмолӣ ё хизматрасон ва кооперативҳои тиҷоратиро - истеҳсолӣ низ меноманд, зеро онҳо маҳз барои расонидани хизмат ба молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ созмон дода мешаванд. Кооперативи ғайритиҷоратӣ метавонад дилхоҳ ба хоҷагие, ки соҳибмулконаш аъзои кооперативи мазкур нестанд, хизмат расонад.

Вобаста ба доираи фаъолият кооперативҳои ғайритиҷоратиро ба намудҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: коркардкунанда, фурӯшӣ (савдоӣ), хизматрасон, қарзӣ, боғдорӣ, наздиҳавлигӣ, чорводорӣ, суғуртавӣ ва дигар кооперативҳои барои иҷрои як ё якчанд намуди фаъолият ташкилшуда. Бо назардошти шароитҳои ҳозираи фаъолият кооперативҳоро аз рӯйи аломатҳои дигар низ таснифот менамоянд: аз рӯйи сатҳи муттаҳидкунии истеҳсолот, аз рӯйи шакли идоракунӣ, аз рӯйи аломатҳои ҳудудӣ ва ғайра.

Инчунин хусусиятҳои кооперативро баррасӣ намуда, онҳоро аз аломатҳои функционалӣ (хизматрасонӣ), соҳавӣ (омехта) ва минтақавӣ тасниф намудан мумкин аст (расми 1).

Расми 1. Таснифоти кооперативҳои кишоварзӣ дар замони муосир
Figure 1. Classification of agricultural cooperatives in modern times



Чунин таснифот имкон медиҳад, ки низоми кооперативии бахши аграрии иқтисодиёти миллиро дар дурнамо пешбинӣ намоем. Кооператсия дар ҳама ҳолатҳои ҳамкорӣ моликият ва асосҳои ташкилии хоҷагиҳои кишоварзӣ ин иттиҳодро вайрон намекунад, баръакс онро такмил медиҳад, хусусан ба корҳои ташкилии аксари молистеҳсолкунандагони хурд дар бисёр самтҳо кумак мерасонад.

Аз ин бармеояд, ки кооператив – ин иттиҳоди хоҷагиҳост ва хоҷагиҳои ба он дохилшуда барҳам намехӯранд ва ҳамчун хоҷагиҳои хурди меҳнатӣ боқӣ мемонанд, ки дар шароити ҳукмронии монополии корхонаҳои бузург баҳри рушд намудан кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Кооператсияи омехта бошад ба ҳуқуқи истифодабарии замин ва воситаҳои истеҳсолот дахолат накарда, ба соҳибмулк имкон медиҳад, ки хусусиятҳои фардии худро такя ба принсипҳои демократии идоракунӣ ва бо назардошти манфиатҳои деҳқонон нишон диҳад.

Метавон як қатор муаммоҳоеро ҷудо намуд, ки садди роҳи кооперативҳо, аз он ҷумла, кооперативҳои кишоварзӣ гардидаанд:

1.*Мероси Шӯравӣ*. Ҳоло ҳам асосҳои ташкилии сохти шӯравии кооперативҳо боқӣ мондаанд. Имрӯз дар кишварҳои ИДМ, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи таърихии кишоварзии коллективӣ ба раванди қабулу эътирофи кооперативҳо таъсири манфӣ расондааст, зеро кооперативҳо ташкилотҳои сотсиалистии маҷбуран коллективикунандаро ба ёд меоранд.

2. *Набудани ҳаракатҳои кооперативӣ аз поён.* Ислоҳоти бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин баъдтар бад шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар оғози марҳилаи гузариш раванди худташкилии ҷомеаро ҳамчун аксуламал ба душвориҳои иқтисодиро эҷод накард. Ба ҳайси мисол таҷрибаи аксуламали ҷомеаро ба сиёсати давлати Бразилия метавон номбар намуд, ки ислоҳоти иқтисодии соли 1994 таҳти унвони The Plano Real ба оммавияти кооперативҳо замина гузошт.

3. *Авлавият ба истеҳсолоти бузург.* Муттаасифона, то ҳол дар ҷомеа нақши хоҷагиҳои бузург калон аст. Ҳамзамон, баъзе таҳқиқотчиён қайд менамоянд, ки пешрафти соҳаи кишоварзӣ танҳо дар заминаи агрохолдингҳо оқилона нахоҳад буд.

Муаммоҳои зерини рушди ҳаракати кооперативро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи аввали таъсиси кооперативҳои кишоварзӣ ҷудо намудан мумкин аст: надоштани воситаҳои молиявии озод, возеҳ набудани санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти кооперативҳои истеҳсолӣ, мавҷуд набудани имкониятҳои фаррохи ташкили мустақилонаи фаъолияти таъминотӣ ва фурӯшӣ, баромадан ба бозорҳои хориҷӣ, дастрас набудани нархҳо ба ашёи хом ва масолеҳ, тобовар набудан дар рақобат бо молистеҳсолкунандагони бузург.

Самаранокии кооператсия бо рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва тақсимоти ҷамъиятии меҳнат алоқаманд буда, дар баробари нишондиҳандаҳои умумимиллӣ бо низоми нишондиҳандаҳои хосси худ фарқ мекунад, ки хусусиятҳои ин шакли ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидориро инъикос менамоянд (расми 2).

Расми 2. Модели самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодии кооператсияи кишоварзӣ
Figure 2. Model of socio-economic efficiency of agricultural cooperation



Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳайати заминаҳои рушди кооператсия дар мадди аввал манфиатҳои узвҳои кооператив гузошта мешаванд. Ҳамзамон, ҳатман зарурати дастгирии молиявии давлатии ҳаракати кооперативиро бояд ба инобат гирифт. Аз ин ҷо, зарур аст ки критерияҳои самараи иқтисодӣ бо нишондиҳандаҳои амиқи инъикоскунандаи натиҷанокӣ дар шароити бозор пурра карда шаванд.

Дар баробари гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои бозорӣ дар назди кооперативҳои кишоварзӣ масъалаҳои баҳогузории ҳолати молиявии фаъолияти хоҷагидорӣ ба миён омад. Баҳодиҳии ҳолати молиявии корхонаҳо бевосита баҳодиҳии дороии корхонаҳо, устуворӣ молиявӣ, пардохтпазирӣ ва бозоргирии онҳоро

дар бар мегирад. Ба ақидаи мо, ду равиши истифодабарии нишондиҳандаҳоро ҷудо намудан мумкин аст:

1.Тақсимоти воситаҳо аз рӯйи принсипи “кам-кам барои ҳама” дар ҳолате истифода мешавад, ки агар корхона барои баромадан аз вазъи ногувори молиявӣ ба воситаҳои молиявӣ эҳтиёҷ дошта бошад. Ин вариант бештар ҳангоми тақсимоти воситаҳои буҷетӣ истифода мегардад.

2. Сармоягузориҳо танҳо барои гирифтани фоида равона карда мешаванд. Муайян намудани баҳодиҳии мушаххас имконияти баҳо додани сармоягузории он корхонаҳоеро фароҳам меорад, ки андозаи сармоягузориашон баргардонии кафолатноки воситаҳои гузошташуда ва самаранокии истифодабарии онҳоро таъмин намояд. Илм ва таҷрибаи иқтисодӣ усулҳои зиёди баҳодиҳии комплексиро кор карда баровардааст ва дар байни онҳо усули холгузорӣ ва усулҳои таҳлили омилӣ бештар мавриди истифода қарор мегиранд.

Се варианти истифодаи усулҳои иқтисодии интенсификатсияи кооперативҳои кишоварзӣ вуҷуд дорад:

1) Ҳангоме, ки зиёдшавии хароҷот афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро таъмин карда наметавонад.

2) Нисбат ба хароҷоти давраи гузашта истеҳсоли маҳсулот зиёд мегардад.

3) Миқдори ками меҳсулот нисбат ба хароҷоти истеҳсол. Варианти мазкур дар ҳолате имконпазир мегардад, ки агар маблағгузории иловагӣ дар пояи сатҳи тағйирнаёфтаи агротехника (бе назардошти дастовардҳои илмӣ-техникӣ) амалӣ карда шавад.

Баҳодиҳии комплексии самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодии кооперативҳои истеҳсолӣ бояд мунтазам дар мавриди пайдо шудани зарурати баҳодиҳии саҳми онҳо дар ноҳия (минтақа), инчунин бо мақсади тавсияи самтҳои шароитҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди кооператсия гузаронидан лозим аст.

Таҷрибаи бисёрсолаи ҳаракати кооперативӣ дар ҷаҳон дар солҳои охир натиҷаҳои баланд ва самараи иқтисодӣ ва иҷтимоии кооператсияро дар рушди истеҳсолоти агросаноатӣ исбот намудааст. То имрӯз олимони соҳа ба методологияи баҳодиҳии самаранокии соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ дар умум корҳои зиёде ба анҷом додаанд, аммо оид ба критерияҳои баҳодиҳии самаранокии кооперативҳои кишоварзӣ аҳамияти зарурӣ дода нашудааст.

Аз ин рӯ, зарур аст ки баҳри муайян намудани хусусият ва ҷойгоҳи кооперативҳои кишоварзӣ дар рушди соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон методологияи баҳодиҳии самаранокии кооператсия бо назардошти хусусиятҳои махсуси иҷтимоӣ таҳия карда шавад.

Зарурати бознигарии таърифи моҳияти самаранокии кооперативҳои кишоварзиро бо сабабҳои зерин асоснок менамоем:

1.Фаъолияти кооперативҳо на танҳо ба ноилгардии мақсадҳои соҳибмулкон, балки ба татбиқи масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудудҳои муайян равона карда шудааст. Самаранокии кооперативҳои кишоварзӣ на танҳо дар доираи КАС, балки берун аз он ба сатҳи иқтисодии минтақа таъсиргузор аст.

2. Фаъолияти кооперативҳои кишоварзӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ баланд бардоштани самаранокиро дар асоси истифодабарии дастовардҳои илму техника, усулҳои самарноки ташкили меҳнат ва татбиқи намудҳои нави истеҳсолот тақозо менамояд.

3. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ дараҷаи самаранокӣ аз рӯи завқу хоҳиши харидорон ташаккул меёбад, на аз рӯи талаботи истеҳсолкунандагон.

Бо назардошти ин, критерияҳои баҳодиҳии самаранокии кооперативҳои КАС-ро дар намуди модел пешниҳод менамоем (расми 3).

Рушди кооперативи амудии молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ҷиҳати коркарди маҳсулоти худ, таъминот ва фурӯш ба таъсиси ташкилотҳои кооперативии агаросаноатӣ муосидат менамояд, ки онҳоро ба организми ягонаи хоҷагидории иборат аз сиклҳои истеҳсол ва ба истеъмолкунанда расонидани маҳсулоти парварида табдил медиҳад.

Дар ин маврид, самаранокии истеҳсолоти кооперативиро дар алоҳидагӣ чӣ аз рӯйи зерсохтори саноатию кишоварзӣ ва чӣ аз рӯйи истеҳсолоти дастаҷамъӣ муайян намудан лозим аст.

Ҳамин тариқ, методикаи такмилёфтаи баҳодиҳии самаранокии фаъолияти кооперативҳои кишоварзӣ иқтидори коркард ва ҳалли масъалаҳои тактикии ташкил ва идоракуниро васеъ менамояд, инчунин имконият медиҳад, ки натиҷаҳои аниқ ҳосил гарданд.

Расми 3. Модели критерияҳои самаранокии фаъолияти кооперативҳои кишоварзӣ
Figure 3. Model of efficiency criteria for agricultural cooperatives



Муқарриз: н.и.и., дотсент Ҳофизов Ҳ.А.

АДАБИЁТ

1. Антоненко Б.А. Аграрные преобразования в доколхозном таджикском кишлаке / Б.А. Антоненко. -Душанбе: Дониш, 1987.
2. Антоненко Б.А. Развитие исторической науки в Советском Таджикистане / Б.А. Антоненко, Б.И. Искандаров // Вопросы истории. – 1974. -№4. -С.3-19.
3. Бабаджонов Д.Д. Перспективы формирования и развития аграрного сектора сельского хозяйства Таджикистана / Д.Д. Бабаджонов. –Душанбе: Ирфон, 2010.
4. Давлатов К.К. Кооперация и интеграция в агропромышленном комплексе Республики Таджикистан: теория, методология, практика: автореф. дисс…д.э.н. / К.К. Давлатов. –Воронеж, 2008. -С.3.
5. Дискуссия о характере кооперативного капитала см. в: Hayes M. Co-operative Capital // Journal of Co-operative Studies. - 2013. -Vol. 46. -№3.
6. Каримов Т.Р. Победа Великой Октябрской Социалистической революции и решение аграрного вопроса в Таджикистане / Т.Р. Каримов. -Душанбе, 1968. -ч.1.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ” (АМОҶТ с. 2002, с.2002, №11, мод.687; с.2010, №12, қ.1, мод.819).
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳо» (АМОҶТ с. 2013, № 7, мод. 519), с.1.
9. Пиризода Дж.С. Теоретические и методологические аспекты функционирования кластеров в экономике аграрного сектора / Пиризода Дж.С., Ф.Б. Махмадиев, Ш.Н. Джалилов // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук.- 2020. -№1(63). -С.89-97.
10. Раҳимов Ҷ.О. Самаранокии корхонаҳои кишоварзӣ: моҳияти иқтисодӣ, усули баҳодиҳӣ, самтҳои афзалиятноки рушд / Ҷ.О. Раҳимов, И.И. Набиев //Маҷалаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ. –Душанбе: Кишоварз, 2017. -№4(76). -С.51-53.
11. Саидмурадов Х.М. Аграрные переобразования и формирования социалистической системы сельского хозяйства в Таджикистане: автореф. дисс... д.э.н. / Х.М. Саидмурадов. -Душанбе, 1972.
12. Чаянов А.В. О неприемлемости коллективного производства в сельском хозяйстве России / А.В. Чаянов. –М: Московский комсомолец, 1993. -С.117.
13. Шумахер Э. Малое прекрасно. Экономика, в которой люди имеют значение / Э. Шумахер. -М.: ВШЭ, 2012.

14. Pestana Barros C. Comparing the Productive Efficiency of Cooperatives and Private Enterprises: The Portuguese Wine Industry as a Case Study / Pestana Barros C., Gomes Santos J.C. // Journal of Rural Cooperation. - 2007. -№2.
15. Salavou H.E. Generic Business Strategies in Greece: Private Food Firms versus Agricultural Cooperatives / H.E. Salavou, P. Sergaki // Journal of Rural Cooperation. - 2013. -№1.
16. Wang L. Member Willingness To Invest In Agricultural Cooperatives In Shaanxi Province, China / L. Wang, X. // Huo Journal of Rural Cooperation. - 2013. -№2.

АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ САМАРАНОКИИ КООПЕРАТИВҲОИ КИШОВАРЗӢ

Дар мақолаи мазкур ақидаҳои поягузорандагони назарияи ташаккулёбии кооператсия ва кооперативҳои кишоварзӣ Э. Шумахер, А.В. Чаянов, Б.А. Антоненко ва дигарон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Таҳлили адабиёти тахассусӣ нишон медиҳад, ки солҳои охир олимон ба масъалаҳои эҳёи кооператсияи кишоварзӣ аҳамияти хоса дода истодаанд. Дастовардҳои зиёд дар таҳқиқи таърихи ташаккулёбии кооператсия дар ҷумҳуриҳои шӯравиии Осиёи Марказӣ ба даст омадаанд. Махсусан, таҳқиқотҳои монографии Б.И. Искандаров, Х.М. Саидмуродов, Т.Р. Каримов, Д.Д. Бобоҷонов ва Қ.К. Давлатов хусусиятҳои рушди ҳаракати кооператсияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос намудаанд. Дар рафти таҳқиқот таҳаввулот ва хусусиятҳои ташаккулёбӣ, шаклҳои амалкунандаи кооперативҳои кишоварзиро мавриди таҳлил қарор дода, таснифоти кооперативҳои кишоварзӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ пешниҳод гардидааст. Дар заминаи омӯзиши як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда мафҳумҳои асосӣ, асосҳои методологии баҳодиҳии самаранокии ташкили кооперативҳои кишоварзӣ таҳлил гардида, тавофути фаҳмишҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти кооперативҳои кишоварзӣ асоснок карда шудаанд. Инчунин, дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи ватанию хориҷӣ таъсироти як қатор омилҳои ба рушди кооперативҳои кишоварзӣ мусоидаткунанда асоснок карда шуда, бо назардошти хусусиятҳои махсуси иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, модели самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодии кооператсияи кишоварзӣ ва модели критерияҳои самаранокии он пешниҳод карда шудааст.

Калидвожаҳо: кооператсия, кишоварзӣ, кооператив, самаранокӣ, критерия, усулҳои баҳодиҳӣ, методология.

МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ЭФФЕКТИВНОСТИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ КООПЕРАТИВОВ

В настоящей статье исследованы точки зрения основоположников теории становления кооперации и сельскохозяйственных кооперативов, таких как: Э.Шумахера, А.В. Чаянова, Б.А.Антоненко и других. Анализ специальной литературы показывает, что в последние годы учёные стали уделять особое внимание вопросам возрождения сельскохозяйственных кооперативов. Бесценными становятся исследования учёных об истории формирования кооперации в бывших советских республиках Средней Азии. Особенно, монографические исследования Б.И. Искандарова, Х.М. Саидмуродова, Т.Р. Каримова, Д.Д. Бабаджанова, К.К. Давлатова об особенностях развития кооперативного движения в Республике Таджикистан. В ходе исследования проанализированы особенности формирования, формы сельскохозяйственных кооперативов, предложена классификация сельскохозяйственных кооперативов в условиях рыночных отношений. На основе изучения ряда действующих нормативно-правовых актов раскрыты основные понятия, методологические основы оценки эффективности организации сельскохозяйственных кооперативов, а также обоснованы отличия в разных понятиях, основные показатели эффективности функционирования сельскохозяйственных кооперативов. Кроме того, в результате изучения отечественного и зарубежного опыта, обосновано влияние ряда условий успешного функционирования сельскохозяйственных кооперативов, предложены модель эффективности функционирования сельскохозяйственных кооперативов и критерии её оценки с учётом специфических социальных особенностей Республики Таджикистан.

Ключевые слова: кооперация, сельское хозяйство, кооператив, эффективность, критерий, методы оценки, методология.

METHODOLOGICAL BASIS OF THE EFFECTIVENESS OF AGRICULTURAL COOPERATIVES

The present article reviews the points of view of the founders of formation theory of cooperation and agricultural cooperatives, such as: E. Schumacher, A.V. Chayanov, B.A. Antonenko and others. Review of specialized literature shows that in recent years scientists have begun to pay special attention to the revival of agricultural cooperatives. Studies by scientists on the history of cooperation formation in the former Soviet countries of Central Asia are becoming invaluable. Particularly, monographic studies by B.I. Iskandarov, H.M. Saidmurodov, T.R. Karimov, D.D. Babajanov, and K.K. Davlatov on the peculiarities of the development of the cooperative movement in the Republic of Tajikistan. During review of the scientific article, evolution and formation peculiarities, existing forms of agricultural cooperatives are analyzed, the classification of agricultural cooperatives in the context of market relations is proposed. Based on the research of several current normative-legal acts the basic concepts, methodological basis for evaluation the efficiency of establishment of agricultural cooperatives, as well as justified the differences in various understandings, the main efficiency indicators of functioning of agricultural cooperatives are disclosed. In addition, as a result of studying national and foreign experience, the influence of a number of factors of successful functioning of agricultural cooperatives is substantiated, a model of the effectiveness of the functioning of agricultural cooperatives and a criterion for its assessment are proposed considering the specific social characteristics of the Republic of Tajikistan.

Keywords: cooperation, agriculture cooperative, efficiency, criterion, evaluation methods, methodology.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Қурбонов Аминҷон Давлаталиевич*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав, докторанти кафедраи назарияи иқтисодӣ. **Суроға:** 735141, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айнӣ 67. Телефон: **(+992) 905-85-55-58.** E-mail: **inomnabizoda@jmail.com**
Раҳимов Ҷамшед Одинабекович **-** Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кафедраи менеҷмент. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: **(+992) 938-45-44-88.** E-mail: **rahjam@mail.ru**

Сведение об авторах: ***Курбонов Аминджон Давлаталиевич*** - Бохтарский государственный университет имени Н.Хусрава, докторант кафедры экономической теории. **Адрес:** 735141, Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Бохтар, проспект Айни, 67**.** Телефон: **(+992) 905-85-55-58.** E-mail: **inomnabizoda@jmail.com**
Рахимов Джамшед Одинабекович **–** Институт туризма, предпринимательства и сервиса, кандидат экономических наук, доцент кафедры менеджмента. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Телефон: **(+992) 938-45-44-88**. E-mail: **rahjam@mail.ru**

Information about the authors: ***Qurbonov Aminjon Davlatalievich*** – Bokhtar State University named after N. Khusrav, PhD student of Economic Theory Department. Address: 735141, Khatlon region, Bokhtar city, Ayni Avenue 67. Phone: **(+992) 905 85 55 58.** Email: **inomnabizoda@jmail.com**
Rahimov Jamshed Odinabekovich - Institute of Tourism, Entrepreneurship and Service, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of Management and Marketing Department. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad Avenue, 48/5. Phone: **(+992) 93 845 44 88**. E-mail: **rahjam@mail.ru**

УДК 377.5

МОҲИЯТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Ғафорзода Ҷонона Ғафор
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар шароити муосир рушди бемайлони ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври умум эътироф шудааст, ки таҳсилот асоси рушди маънавӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, касбӣ, иқтисодии шахс, ҷомеа ва давлат мебошад ва пеш аз ҳама, ин ба нақши таълим дар рушди иқтисод дахл дорад. Иқтисоди рақобатпазири муосир – ин иқтисоди дониш аст. Аз ин лиҳоз, метавон бо боварӣ иброз намуд, ки боздеҳии фонди сармоягузориҳо ба ин соҳа самаранок мебошад. Тибқи ҳисобҳои мавҷуда, 1 долларе, ки ба хароҷоти системаи маориф гузошта шудааст, ҳадди ақал 3-6 доллар фоида меорад.

Таҳсилот яке аз соҳаҳои асосии таъминкунандаи рушди иҷтимоӣ мебошад, ки аз раванди он ҳолати иқтидорҳои зеҳнӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии ҷомеа вобастагии зиёд дорад. Иқтидори таълимӣ ва касбии ҷомеа, интиқолдиҳандагони он - захираҳои инсонӣ - муҳимтарин сарчашмаи некуаҳволии ҳар миллат мебошанд. Айни замон, дар шаклҳои муосири истеҳсолот ва хизматрасонӣ, сармоя ва омилҳои табиӣ торафт бештар нақши ғайрифаъол дода мешаванд ва танҳо сармояи инсонӣ (дониш ва малакаҳои ҷамъовардаи аҳолӣ, ки барои ҳалли самарабахши соҳаҳои мухталифи фаъолият истифода мешаванд) маҳдудият надорад.

Бинобар ин, дар тӯли таърихи башарият дар фарҳангҳои гуногун барои муайян намудани нақши фаъолияти таълимӣ муносибатҳои сершумор ташаккул ёфтаанд, ки маҷмӯан онҳоро метавон чунин натиҷагирӣ намуд:

- таҳсилот ҳамчун механизми таҳвил додани иттилоот хизмат менамояд, ки ба насли наврас ҷиҳати зиндагӣ кардан кумак намуда, барои пешрафти минбаъдаи онҳо заминаро ба вуҷуд меорад;
- таҳсилот вазифаи "мерос"-ро дорад, мо донишро аз як насл ба насли дигар барои ҳифз ва ғанӣ гардонидани он меомӯзонем;
- таҳсилот усули истеҳсоли аъзоёни манфиатноки ҷомеа ба ҳисоб меравад [20,с.29].

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки 27 декабри соли 1993 қабул гардида, ба он тағйиру иловаҳо аз 22 июли соли 2013 ворид шудааст, **таҳсилот -** раванди муттасили таълиму тарбия, ки ба инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии шахс равона карда шудааст, ки дар маҷмӯъ ба рушди шахсият ва давлат мусоидат менамояд [6,с.3].

Ҳадафи таҳсилот пеш аз ҳама, «қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти фардӣ барои амалисозии қобилияти потенсиалии ӯ, зиндагӣ кардан, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва сифатнокии кор, дар ин асос барзиёд намудани мероси иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ барои таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад” [5,с.20].

Ҳамин тавр, маориф дар якҷоягӣ бо илм омили асосии бунёди иқтисодиёти пурсамар буда, дар доираи муносибатҳои комилан нави истеҳсолӣ, технологӣ ва бозорӣ, зимни гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самти индустриалию инноватсионии рушди кишвар бояд мусоидат намояд ва пеш аз ҳама, дар заминаи гузаронидани ислоҳот дар низоми таҳсилот ва омодасозии кадрҳои ҷавобгӯй ба талаботи замон барои соҳаҳои иқтисодиёт дар назар дошта мешавад.

Ба ақидаи таҳқиқгарон А.Н. Тихонов, А.Е. Абрамешин, Т.П. Воронина, О.П. Молчанова "соҳаи маориф ба таври назаррас дар ҷомеаи иттилоотӣ бо соҳаҳои иқтисодии ҳаёти ҷомеа иртибот дорад. Фаъолияти таълимӣ ҷузъи муҳимми рушди иқтисодӣ мегардад ва дар ин ҳолат сохтори муносибатҳо бо дигар бахшҳои фаъолият тағйир меёбад. Дар бахшҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҳаёти ҷамъиятӣ мунтазам навсозии донишҳо, гирифтани иттилооти нав аз манбаъҳои мунтазам афзоишёбандаи миқдорӣ ва сифатан баланд ва дарки он ба вуҷуд меоянд" [3,с.17].

Бинобар ин, мақсади асосӣ ва дарозмуҳлати Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 – бунёди низоми самараноки маориф аст, ки имконияти фарогир ва баробарро барои инкишофи қобилият, рушди зеҳнӣ, таъмини шуғл ва беҳтар намудани некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё месозад [14,с.1].

Таҷрибаи муосири кишварҳои рӯ ба инкишоф аз он шаҳодат медиҳад, ки заминаи асосии рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии кишвар маҳз таҳсилоти миллат аст. Бинобар ин, сармоягузорӣ ба иқтисодиёте, ки аҳолии он дорои сатҳи пасти таҳсилот ё таҳсилоти ба талаботи замон ҷавобгӯ набуда мебошад, танҳо ба бунёди истеҳсолоти аз ҷиҳати технологӣ камсамару қафомонда, қафомонии ҳарчи бештари кишвар аз тамоюлоти ҷаҳонии рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта мусоидат карда метавонаду халос.

Дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта маориф яке аз омилҳои муваффақияти иқтисодии давлат мегардад. Рушди ҷомеа, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат, сифати зиндагии мардум, расидан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисодиёт, азхудкунии имкониятҳои нави технологӣ ва умуман рушди иҷтимоӣ мустақиман аз сатҳи маориф, ташкили ҷараёни мураттабу хушсифати таълиму тарбияи талабагону донишҷӯён, хулоса – аз сатҳи саводнокии миллат вобаста аст.

Ҳамин тариқ, нақш ва масъулияти маориф барои рушди глобалии иҷтимоию иктисодӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, ташаккули низоми одилонаи ҷамъиятӣ ва муваффақияти миллии давлат афзун мегардад.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Рӯзи дониш (01.09.2021) қайд намудаанд, ки: «Дар буҷети давлатии соли 2021 барои соҳаи маориф 5 миллиарду 597 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки ин нисбат ба соли 2020-ум 11,2% зиёд мебошад. Маблағи зикршуда қариб 20%-и буҷети давлатиро ташкил дода, ба 6%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар аст» [15].

Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва илм муносибатҳои сифатан нав ба вуҷуд омаданд ва сарфи назар аз мураккабиҳо ва мушкилоти замони гузариш Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятноки кишвар зери назар ва пуштибонии худ қарор дода истодааст.

Ҳамзамон, як қатор Консепсияҳо оид ба таълиму тарбия, барномаҳои давлатӣ бо мақсади рушди соҳавӣ ва дар маҷмӯъ беш аз 160 қонун ва санадҳои меъёрӣ, низомномаву дастурамалҳо дар бораи муассисаҳои таълимӣ таҳия гардидаанд, ки онҳо ҷавобгӯи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ мебошанд.

Дар асоси моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” сохтори зерини низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст [6,с.3]:

- таҳсилоти умумӣ;
- таҳсилоти умумии асосӣ;
- таҳсилоти ибтидоии касбӣ (ТИК);
- таҳсилоти миёнаи касбӣ (ТМК);
- таҳсилоти олии касбӣ (ТОК);
- таҳсилоти касбии (ТК) баъд аз муассисаи олии таълимӣ (МОТ);
- таҳсилоти иловагӣ (ТИ);
- таҳсилоти махсус (ТМ);
- муассисаҳои таълимии дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд.

Таҳсилоти томактабӣ – муассисаест, ки барои кӯдакони синну соли томактабӣ пешбинӣ гардидааст ва дар он кӯдакони аз як то ҳафтсола бо таҳсилоти ибтидоӣ ва тарбия фаро гирифта шудаанд. Вазифаи ин бахши маориф тайёр кардани кӯдакон барои таҳсилоти ибтидоӣ мебошад.

Таҳсилоти умумии асосӣ - марҳилаи дуюми низоми таҳсилот, ки барои ташаккули шахсияти таълимгиранда ва инкишофи қобилиятнокии ӯ зарур мебошад. Таҳсилоти мазкур барои ҳама зарур ва ҳатмӣ мебошад ва бояд дастрас бошад. Барномаҳои таҳсилоти умумӣ ба мактабҳои ибтидоӣ, умумӣ ва миёна ҷудо мешаванд, ки мақсади азхудкунии

маълумоти асосиро доранд ва метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ гирифта шаванд.

ТИК метавон дар мактабҳои касбӣ тавассути омӯзиши барномаҳои дахлдор гирифт. Ба муассисаҳои таълимии ТИК дохил мешаванд: литсейҳои касбӣ- техникӣ, литсейҳои касбӣ, марказҳои таълимии шуғли аҳолӣ; марказҳои таълимии иҷтимоию истеҳсолӣ, маҷмааҳои таълимии илмӣ-истеҳсолӣ. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ метавонанд дар асоси ройгон ва шартномавӣ (пулӣ) фаъолият намоянд [7,с.3].

Таҳсилоти миёнаи касбӣ - зинаи таҳсилот, тарбия ва инкишофи шахсияти таълимгиранда, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ба роҳ монда шуда, ба онҳо шахрвандон метавонанд баъди хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ дохил шаванд. "Муассисаҳои таълимии ТМК дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар коллеҷҳо ва коллеҷҳои сохтории муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, новобаста аз шакли моликият анҷом медиҳанд" [8,с.3].

"Таҳсилоти олиро метавон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ - донишгоҳҳо ва донишкадаҳои олии таълимӣ ба даст овард, ки таҳсилоти касбиро пешниҳод ва амалӣ менамоянд".

Таъмини хизматрасониҳои низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ (ТМК) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани таҳсилоти миёнаи касбӣ ташкил карда мешавад. Шахрвандон баъд аз хатми муассисаҳои таълимӣ ҳуқуқ доранд, ки таҳсилоти миёнаи касбӣ гиранд, ки дар коллеҷҳои кишвар ва коллеҷҳои сохтории муассисаҳои таълимии олии касбӣ анҷом дода мешаванд [6,с.4].

Моҳияти пешниҳоди хизматрасониҳои низоми ТМК дар татбиқи се вазифаи асосии таҳсилоти касбӣ: иҷтимоӣ – фарҳангӣ, таҳсилотӣ ва иқтисодӣ муайян мегардад.

Таҳсилоти миёнаи касбӣ вобаста аз хусусиятҳои хосси худ дар меҳвари ҷараёни меҳнат қарор гирифта, малакаи касбии шахсиятро инъикос менамояд ва аслан таҷассумкунандаи касбу ҳунар мебошад.

Мушоҳидаҳои солҳои охир аз он шаҳодат медиҳанд, ки фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ҳам дар давраи гузариш қарор доранд. Зеро онҳо ба бисёр мушкилоти давраи гузариш тоб наоварда, раванди фаъолияти худро ноустувор амалӣ мегардонанд. Вобаста ба ин, соҳаи мазкурро зарурати ислоҳоти давлатӣ, сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ мебояд. Дар давраи гузариш ба низоми нави таълим давлат бештар аз таҳсилоти касбӣ дур монд, зеро маҷбур буд барои вусъат додани эҳтиёҷоти воқеии кишвар раванди худро ба дигар соҳаҳои муҳимми иқтисодӣ равона гардонад.

Ба раванди муосири амалкунандаи ислоҳотгузаронию таҷдиди иқтисодиёти миллӣ ва низоми маорифи мамлакат нигоҳ накарда, мушкилоти рушди сармояи инсонӣ ва таъмини иқтидори рақобатпазири кадрҳои соҳаҳои иқтисодиётро бе дахолати давлат тасаввур намудан номумкин аст [1,с.135].

Мушкилоти иқтисодии солҳои 1990-2000-ум боиси коҳиш ёфтани истеҳсолот гардида, талаботро ба кадрҳои баландихтисос, ва махсусан коргарони дорои тахассуси техникӣ ва талафоти шадиди талаботҳои корхонаҳо ба миён овард.

Ҳамзамон, низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ роҳи мураккаби таърихии ташаккул ва рушдро аз устохонаҳои алоҳидаи гуногун ва мактабҳои ҳунармандӣ ба шабакаи омӯзишгоҳҳои коргоҳӣ-истеҳсолӣ ва минбаъд ба низоми пурраи омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, омӯзишгоҳҳои техникӣ ва коллеҷҳо тай намудааст, ки дар натиҷа раванди фаъолияти низоми маориф бо бозори меҳнат қавитар гардида, ҳамгироии онҳо дар фазои “дурнамои ояндаи нек” ба роҳ монда шуда истодааст.

Ба ақидаи муаллифон С.Н. Штанов ва А.Ф. Салимова низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд ба талаботи бозори бисёри ихтисосҳо нигаронида шавад ва эҳтиёҷоти минбаъдаи шариконӣ тиҷоратӣ ва дигар шариконӣ иҷтимоиро дар муассисаҳои таълимӣ ба инобат гирад, аммо худи низоми омодасозии мутахассисон суст ба назар мерасад ва бинобар ин, муайян намудани самт дар оянда зарур аст, аз ҷумла таҳияи консепсияҳои нав, тарҳрезии фаъолияти ташкилотҳои таълимии ҳозиразамон, ки дар шароити зудтағйирёбандаи муҳити номаълум фаъолият мекунанд [21,с.8-9].

Дар воқеъ, тадқиқоти мавқеи таҳсилоти миёнаи касбиро дар кори илмии Ниёзов А.М. қайд кардан ба мавриди аст. Дар кори педагогии мазкур масъалаҳои асосӣ ва самтҳои ислоҳот дар таҳсилоти миёнаи касбӣ тавзеҳ дода шудаанд [10,с.29-36].

Дар корҳои Х.О. Амонова, К.Г. Ҳасанова, М. Шарофова, Т. Луғмонов ва дигарон масъалаҳо оид ба рушди таҳсилоти касбӣ-техникӣ дар Тоҷикистон таҳқиқ карда шудаанд, аммо то кунун мушкилотҳои асосии муосири мукаммалгардонӣ ва рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ нашудаанд.

А.Х. Катаев ва Н.Н. Шоев таҳқиқоти усулҳои таҷрибавӣ ва моделҳои технологияҳои таълимиро анҷом додаанд. Дар он тавсияҳои амалӣ оид ба таҳия ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави таълимӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ пешниҳод карда шудаанд [4,с.35-46].

Ба ақидаи муҳаққиқони илми иқтисод, профессорон Фақеров Ҳ.Н. ва Ҳабибов С.Ҳ. нисбат ба рушди инноватсионии соҳаи таълим: «… яке аз муносибатҳои самараноктарин ва озмоишгардида дар таҷриба соҳаи навсозӣ (рушди инноватсионӣ - муаллиф) ислоҳот дар таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии Тоҷикистон бояд гузариши тадриҷан ва марҳилавии донишгоҳҳо ба низоми умумиаврупоии баҳисобгирии кори таълимии донишҷӯён ECTS (Европейская система перевода и накопления кредитов) ҳисобида шавад» [18,с.11].

Қурбонов М.Ҳ. масъалаҳои алоҳидаро оид ба рушди таърихию назариявии бахши мазкури таълим ва усулҳои муосири ташкили идоракунии фаъолияти донишҷӯёнро дар ташкилотҳои ТМК таҳқиқ намудааст. Аммо, дар ин кори илмӣ таркиби иҷтимоию иқтисодии таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охири истиқлолият дида намешавад [9,с.18-29].

Дар тадқиқоти илмии Раимдодов У.С. «Механизми омодасозии мутахассисони кадрҳои коргарӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ», муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ, ки дар раванди омодасозии касбҳои коргарии баландихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо мешаванд, омӯхта шудааст. Аммо, нуқтаи назари асосӣ ба омодасозии кадрҳои коргарӣ дар муассисаҳои касбии таҳсилоти ибтидоӣ дода шудааст [12,с.54].

Дар шароити бозор барои омодасозии мутахассисон фармоиши давлатӣ вуҷуд надорад, ки хусусият ва аҳамиятнокии низоми пешниҳоди хизматрасониҳои ТМК-ро ба таври назаррас тағйир додааст.

Моҳияти ТМК муосир бояд «таҳсилоти пешгузаранда»-ро дар робита ба рушди истеҳсолот ва пешниҳоди хизматрасониҳо дошта бошад. Дар ин сурат, ҳамзамон нақши низоми пешниҳоди хизматрасониҳо дар таҳсилоти иловагии касбӣ баланд мешавад. Низоми хизматрасониҳои таҳсилоти иловагии касбӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯён курсҳои азнавтайёркуниро гузашта, соҳиби касби дуюм гарданд.

Мо чунин мешуморем, ки дар шароити муосир пешниҳоди хизматрасониҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ заминаи сершохатарин барои омодасозии мутахассисони сатҳи миёна ба ҳисоб меравад. Айни замон, дар шароити кунунӣ пешниҳоди хизматрасониҳои низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати омодасозии кадрҳо асосан дар коллеҷҳо амалӣ карда мешавад.

Коллеҷҳо шакли асосии чунин муассисаҳои таълимӣ ҳисобида мешаванд, ки барномаҳои таълимии касбиро татбиқ менамоянд. Аз рӯи шакли моликият муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии давлатӣ ва ғайридавлатиро фарқ мекунанд.

Коллеҷ - муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки барномаҳои асосии таълимии касбии ТМК дар сатҳи заминавӣ ва баланд амалӣ менамояд.

Дар бисёре аз маводҳои истилоҳӣ мафҳуми омӯзишгоҳи техникӣ ва коллеҷ ҳамсинониманд. Аммо, дар омӯзишгоҳи техникӣ дар тафовут аз коллеҷ барои гирифтани маълумоти миёна барномаи амиқ вуҷуд надорад. Дар ин самт калимаи коллеҷ ба таври хориҷӣ садо медиҳад.

Сохтори низоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон чунин тасвир намуд.

Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф муассисаҳои таълимии давлатӣ ва хусусӣ кушода шуданд ва таъсисёбии онҳо ба баланд гардидани сифати таълим мусоидат намуд. Бо вуҷуди ин, айни замон рушди шабакаи муассисаҳои

таълимии хусусӣ дар маҳалҳо суст ба роҳ монда шуда, умуман онҳо дар шаҳрҳо ва маркази ноҳияҳо инкишоф меёбанд.

Расми 1. Сохтори низоми муассисаҳои таълимии ТМК дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
Figure 1. The structure of the system of educational institutions of TMC in the Republic of Tajikistan



Таҳияи муаллиф.

Дар ин шароит заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ҷузъи таркибии механизми мавҷуда дар низоми ягонаи идоракунии раванди пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва омодасозии кадрҳои коргарӣ ба ҳисоб мераванд.

Ақидаи муаллифонро ба инабат гирифта итминон дорем, ки «коллеҷ - ин муассисаи новобастаи таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад, ки дар онҳо барномаҳои амиқи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва барномаи таълимии инфиродӣ омӯзонида шуда, ояндаи мутахассисон таъмин карда мешаванд. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки асосан омодасозии мутахассисони гуногундараҷаро бо маълумоти миёнаи касбӣ амалӣ менамоянд, бинобар ин, чун қоида имрӯзҳо онҳо муассисаҳои универсалии таълимӣ ба ҳисоб мераванд» [4,с.32-138].

Дар робита ба ин, Раимдодов У.С. оид ба таҳқиқоти «Механизми омодасозии мутахассисони кадрҳои коргарӣ дар шароити иқтисодиёти табдилёфта», муносибатҳои ташкилию иқтисодиеро, ки дар раванди омодасозии касбҳои коргарии баландихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо мешаванд, омӯхтааст [12,с.55]. Аммо, нуқтаи назари асосӣ ба омодасозии кадрҳои коргарӣ дар муассисаҳои касбии таҳсилоти ибтидоӣ дода шудааст.

Хусусияти омодасозии касбӣ дар низоми пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ хусусияти инноватсионии он мебошад, ки ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки мутаносибан бо корҳои таълимӣ – тарбиявӣ, илмӣ - тадқиқотӣ машғул шаванд ва таълими босифатро нисбат ба дигар муассисаҳои махсуси таҳсилоти миёна таъмин намоянд.

Раванди дигаргунсозӣ дар шароити иҷтимоию иқтисодии имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати омодасозии кадрҳоро дар сатҳи сифатан нав таъкид месозад, ки он метавонад бо роҳи гузариши муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ба сатҳи нави рушди инноватсионӣ мусоидат намояд. Чунин тарзи дигаргунсозӣ имконияти таъмини баланд бардоштани фаъолияти пурсамари муассисаи таълимӣ, омодасозии босифати мутахассисони ҷавобгӯй ба дархости субъектҳои иқтисодиро фароҳам месозад.

Бинобар ин, дар ин робита ва тибқи сохтори раванди таълим, шакл ва усулҳои таълимдиҳӣ, коллеҷ ба донишгоҳ наздик мебошад.

Дар ташкил ва татбиқи раванди таҳсил муассисаҳои таҳсилоти миёна чунин вазифаи асосиро ҳал менамоянд – таъмини эҳтиёҷоти аҳолӣ барои гирифтани омодагии таълими сифатноки касбӣ. Бо вуҷуди ин, коллеҷҳои муосир барои ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт омодасозии мутахассисони нави сифатноки сатҳи миёнаро, ки ба талаботи замонавии иқтисоди бозоргонӣ ҷавобгӯ мебошанд, дар амал таъмин менамоянд.

Таҷрибаи бештари давлатҳои рӯ ба инкишоф аз он гувоҳӣ медиҳад, ки, ки дар ҷаҳони муосир вазифаҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ин саҳмгузорӣ дар рушди минбаъдаи иқтисодиёти инноватсионӣ ба ҳисоб меравад ва ҳадафҳои асосии пешниҳоди хизматрасониҳои низоми ТМК инҳоянд:

- омодасозии мутахассисон бо маълумоти олии нопурра;
- қонеъ гардонидани талаботи давлат ба кадрҳои ТМК;
- таъмин намудан ва баланд бардоштани такмили ихтисоси кадрҳои сатҳи миёна;
- баланд бардоштани арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳангии ҷомеа.

Ҳадафҳои номбурда низоми дониш, иттилоот, маҳорат ва малакаҳоеро пешниҳод менамоянд, ки бо мақсади қонеъ гардонидани талаботҳои мухталифи таълимии шахсият

дар инкишофи маънавию зеҳнии онҳо истифода бурда мешаванд ва барои худмуайянкунӣ ва худидоракунии шахсият шароит фароҳам меоранд.

Дар шароити демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ, ки дар асоси омилҳои рушдёфта, инсонпарварона нигаронида шудааст, таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд як муассисаи воқеан муосире бошад, ки ҷаҳонбинии инсонро аз догмаҳо ва таассуфҳо озод намуда, ҳолати иҷтимоии зеҳнӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ-маънавиро ташаккул диҳад ва асоси онро тафаккури ба комёбиҳои тамаддун бунёдгардида, баҳри ҳифзи беҳтарин анъанаҳои миллӣ ва маҳаллӣ, ки бо шартҳои демократии эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандони ҳамаи табақаҳо ва гурӯҳҳо асос ёфтааст, заминагузорӣ намояд. Ва маҳз ҳамин ҷо вазифаи иҷтимоӣ-мадании ин сатҳи зинаи таҳсилот дида мешавад.

Маориф дар демократикунонии ҳаёти ҷамъият, баланд бардоштани сатҳи маданияти шаҳрвандии он бояд (ва метавонад) нақши муҳим бозад, зеро танҳо инсони ҳақиқатан соҳибмаърифат метавонад аз имкониятҳои демократия дар соҳаҳи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ оқилона ва пурра истифода намояд.

Вобаста ба ин, таъсири маориф дар пешрафти сиёсати давлатӣ зоҳир мегардад, зеро дар асоси шуури ҳақиқатан олии шаҳрвандӣ фаъолияти сиёсии аҳолӣ бо роҳи прогрессивӣ инкишоф ёфта, равандҳои сиёсӣ характери тамаддунӣ, демократӣ пайдо мекунанд.

Маҳз тавассути кадрҳои дараҷаи баландтари касбӣ ва тахассусӣ таҳсилот равандҳои инноватсионӣро дар ҳамаи намудҳои фаъолият ҳавасманд намуда, роҳҳои нави таҷдиди илмию техникии истеҳсолотро инкишоф дода, самтҳои навро ба вуҷуд меорад.

Раванди умумии ислоҳоти иқтисодиёт, инкишофи динамикии он дар фазои нави бозор ба андозаи ҳалкунанда аз мавҷудияти кадрҳои баландихтисос, фаъол, эҷодкор, барои амали худ масъул, ки ба шароити тағйирёбандаи истеҳсолию иқтисодӣ зуд мутобиқ шуда метавонанд, вобаста аст. Ва дар ин ҷо нақши муҳимми таҳсилоти миёнаи касбӣ-техникӣ ҳамчун низоми тайёр намудани кадрҳо барои навъҳои гуногуни меҳнати фикрӣ чи дар истеҳсолот ва чи дар соҳаи ҷамъиятӣ мушоҳида мегардад.

Фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси коргарони ҳамаи категорияҳо дар мазмуни нав ва ба шароити меҳнат мутобиқ намудани онҳо дар давраи иқтисодиёти бозорӣ аҳамияти калон дорад.

Соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва марҳалаҳои ибтидоии ислоҳоти иқтисодиёт зарурати таъҷилии бозомӯзии оммавии кадрҳои иқтисодчӣ, ташкилотчиёни истеҳсолотро нишон дод, ки дар шароити рақобати шадиди байналхалқӣ кор карда тавонанд.

Бозомӯзии муҳандисону техникҳо ва коргарон бояд дар шароити рушди рақобати истеҳсолот, молҳо, инчунин, ноҳияҳо ва соҳаҳо, тезондани дигаргуниҳои сохтории иқтисодиёт ба роҳ монда шавад. Ин самти фаъолият дар марҳалаҳои аввали ташаккули бозорҳои минтақавии меҳнат, вақте ки таҷдиди васеи касбӣ ва тахассусии талабот ба мутахассисон сурат мегирад, нақши муҳим мебозад. Дар назар доштан лозим аст, ки мутахассисони дорои маълумоти миёнаи касбӣ сеяки тамоми аҳолии бо кор таъмин буда, ба гурӯҳҳои касбии коргарон, муҳандисону техникҳо, хизматчиён ва роҳбарон дохил мешаванд.

Ҳамин тавр, таҳсилоти миёнаи касбӣ – зинаи таҳсилот, тарбия ва инкишофи шахсияти таълимгиранда, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ба роҳ монда шуда, ба онҳо шаҳрвандон метавонанд баъди хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ дохил шаванд [13].

Дар асоси таҳлили сарчашмаҳо мо ба чунин хулосае омадем, ки ноил гардидан ба дастовардҳои соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар миқёси васеъ - далели равшани зарурнокии ҳамон маҳсулоти талаботи оммавидошта, ки ин соҳа ба аҳолӣ таъмин менамояд, мебошад. Дар асл, кормандони муассисаҳои таълимӣ эҳтиёҷоти аъзоёни ҷомеаро барои манфиатҳои иқтисодӣ, ки хизматрасониҳои таълимӣ ҳисобида мешаванд, қонеъ карда метавонанд.

Дар баробари ин, метавонем вазифаҳои муосиртарини миёнамуҳлати фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро чунин баён намоем:

•рушди низоми аттестатсияи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, таъмини сатҳи баланд ва ҳатмии бозомӯзии онҳо дар курсҳои миёнамуҳлати такмили ихтисос бо тартиби “таълим-малака-амалия” ва ташаккули системаи мукаммали роҳнамоии касбӣ;

• таъмини сатҳи баланди рақобатпазирии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ҷавобгӯй ба талаботҳои муосири бозори ҷаҳонӣ;

•таъмин намудани хоҷагии халқи мамлакат бо мутахассисони дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

•дарёфти сарчашмаҳо ва бастани шартномаҳо бо ширкатҳо-таҳиягарони таъминоти барномавӣ, коргоҳҳои соҳавӣ бо мақсади мукаммалгардонии идоракунии ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (пешбурди унсурҳои низоми ҳукумати электронӣ);

•ҳавасмандсозии сарпарастон ва сармоягузорон тавассути имтиёзҳои гумрукӣ ва андозӣ бо мақсади камхарҷ гардонидани заминаи моддӣ-техникӣ ва сифатнокии ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

•ташкили муҳити махсуси таълимӣ, яъне мавҷудияти кадрҳои педагогӣ бо ихтисоси махсус, ки дорои методҳои инноватсионӣ ва технологияҳои таълимии иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мебошанд;

•ҳамкории судманд ва бастани шартномаҳо бо кордиҳандагони хоричӣ дар самти тайёр намудани мутахассисони касбӣ бо фармоиш ва дархости онҳо;

• ҳавасмандгардонӣ ва фарогирии духтарон ба ихтисосҳои муҳандисӣ-техникӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

•такмили барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои касбии таҳсилоти миёнаи касбӣ дар асоси таҷриба ва тамсилаҳои (моделҳои) байналмилалӣ, ки салоҳиятҳои умумӣ ва касбии хатмкунандагонро мутобиқ ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва берунӣ дар асоси талаботи чорчӯбаи миллии ихтисосҳо ва стандартҳои касбӣ ташаккул медиҳанд, инчунин, бо талабот ва дархости корфармоён, аз ҷумла гузаронидани ташхиси муқоисавӣ бо стандартҳои ҷаҳонӣ (World Skills), таҳияи сохтор ва мазмуни барномаи таълимӣ, таҳияи матрисаи салоҳиятҳо, таҳияи тартиби арзёбии натиҷаҳои таълим ва ғайраҳо;

•таҳия ва ҷорӣ намудани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таъминоти босифати таҳсилоти касбӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки ба муносибатҳо ва талаботи байналмилалӣ асос ёфтааст.

Дар асоси баёни ояндабинии вазифаҳои болозикр ва дар шароити ноустувории вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, мавҷуд набудани пешгӯии дарозмуддати рушди иқтисодиёт - ташаккули сохтори профилии тайёр кардани мутахассисони зинаи миёнаи касбӣ мушкил аст.

Вайрон гардидани робитаҳои анъанавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ бо истеъмолкунандагони кадрҳо, таъсири сусти ҷомеаи касбӣ ба рушди низоми маориф, ноустувории бозори меҳнат, мутобиқати мазмуну мундариҷа ва сохтори таълимро ба талаботи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ташкили таълими амалии донишҷӯё ва бо кор таъмин намудани хатмкунандагонро душвор мегардонад.

Ҳамин тариқ, нокифоягии маблағгузории буҷети давлатӣ, ғайримақсаднок истифодабарии маблағҳои пешбинигардида, харочоти зиёди изофанависӣ дар таъмиру барқарорсозии заминаи моддиву техникӣ фаъолияти муътадили муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбиро душвор мегардонад ва яке аз сабабҳои асосии кам гардидани музди меҳнати омӯзгорон, боиси аз кор рафтани мутахассисони варзидаи касбӣ мегардад.

Муқарриз: н.и.и., дотсент Аҳмадов Р.Р.

АДАБИЁТ

1. Ахмадов Р.Р. Развитие интеграционных процессов образовательных услуг в условиях глобального экономического пространства. Национальные экономические системы в контексте формирования глобального

экономического пространства: сборник научных трудов / Р.Р. Ахмадов; под общей редакцией д.э.н., профессора З.О. Адамановой. -Симферополь: ИТ «АРИАЛ», 2021. -С.135. (elibrary_45660783_73526742.pdf)
2. Ғуломов С.Г. Зиёиён дар Тоҷикистони Шӯравӣ /С.Ғуломов. - Душанбе, 1974. – С. 176.
3. Идоракунии таҳсилоти муосир: ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ / А.Н. Тихонов, А.Е. Абрамешин, Т.П. Воронина,О.П. Молчанова: дар таҳрири А.Н. Тихонов. -М.: Вита-Пресс, 1998. -С.17.
4. Катаев А.Х. Ҷанбаҳои методологӣ ва ахлоқии коркард ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ба низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ / А.Х. Катаев, Н.Н. Шоев. -Душанбе: Ирфон, 2002. -185 с.
5. Катаева З.А. Асосҳои ташкилӣ-иқтисодии ташаккул ва рушди бозори хизматрсониҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис..ном.илм.иқт.: 08.00.05 / З.А. Катаева. -Душанбе, 2006. – 183 с. .
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». -Душанбе, 22 июни 2013. -№1004. -С. 3.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти касбии ибтидоӣ». -Душанбе, 22 апрели 2003. -№21. -С.3.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ». Душанбе, 08 августи с.2015, №1225.- С.3.
9. Қурбонов М.Ҳ. Асосҳои назариявии ташкили идоракунӣ ва навсозии муассисаҳои ТМК дар асоси технологияҳои инноватсионӣ (тибқи маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон): дис.ном. илм. пед: 13.00.01 / М.Ҳ. Қурбонов. – Душанбе, 2016. -175 с.
10. Ниёзов А.М. Рушди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият: дис…илм.пед.: 13.00.01 / А.М. Ниёзов. - Душанбе, 2006. -168 с.
11. Обидов И. Таърихи рушди таҳсилоти халқӣ дар РСС Тоҷикистон (с.с.1917-1967) / И. Обидов. – Душанбе, 1968. - С.34.
12. Раимдодов У.С. Механизми омодасозии кадрҳои коргарии баландихтисос дар шароити иқтисодиёти тағйирёанда (тибқи маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон): дис.ном.. илм.. иқт.: 08.00.05 / У.С. Раимдодов. - Душанбе, 2015. –С.54.
13. Сомонаи интернетии https://tg.wikipedia.org/. Санаи мурочиат 27.10.2021.
14. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020. -№526. –С. 1.
15. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими ифтитоҳи гимназияи №4 барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе дар Рӯзи дониш (01.09.2021). http://www.prezident.tj/node/26435 (санаи мурочиат 22.10.2021).
16. Сухарева О.А. Бухоро дар асри XIX – ибтидои асри XX (шаҳри баъдифеодалӣ ва аҳолии он) / О.А. Сухарева. -М.: Наука, 1966. - С.311.
17. Убайдуллоев Н.К. Таърихи таҳсилоти халқии Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX – нимаи якуми асри XX: дис. док. илм. таърих: 07.00.09 / Н.К. Убайдуллоев. -Душанбе, 2014. -276 с.
18. Фақеров Ҳ.Н. Раванди Болония ва масъалаҳои ҷорӣ намудани механизми эътирофи мутақобилаи дараҷаи ихтисос ва ҳуҷҷатҳо оид ба таҳсилот / Х.Н. Фақеров, С. Ҳабибов // Ҷорӣ намудани ECTS ва механизмҳои эътирофи дараҷаи ихтисос дипломҳо. Маводҳои конференсияи байналмилалӣ (ш. Душанбе, июни с.2006). -Душанбе, 2006. - С.11.
19. Ҳасанов К.Г. Ташаккул ва рушди таҳсилоти касбӣ-техникӣ дар РСС Тоҷикистон / К.Г. Ҳасанов. - Душанбе, 1985. - С.17.
20. Шатская И.В. Трансформатсияи низоми омодасозии кадрҳо дар шароити навсозии иқтисодиёти Россия: дис...док. ил.иқт.: 08.00.05/ И.В. Шатская. - М., 2015. -165 с.
21. Штанов С.Н. Рушди муассисаи таҳсилотии ТМК: муносибати комилҳуқуқ / С.Н. Штанов, А.Ф. Салимова //Таҳсилоти миёнаи касбӣ. - 2011. -№4. -С.7-9.: [Манбаи электронӣ]. http://www.portalspo.ru.

МОҲИЯТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур оид ба заминаҳои таърихӣ, эҳё ва рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ маълумот оварда шуда, алоқамандии ин зинаи таҳсилот бо дигар сохтори таҳсилот муайян гардида, дар охир вазифаҳои муосиртарини миёнамуҳлати фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Тоҷикистон пешниҳод шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар асоси баёни ояндабинии вазифаҳои дар мақола зикргардида ва дар шароити ноустувории вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, мавҷуд набудани пешгӯии дарозмуддати рушди иқтисодиёт - ташаккули сохтори профилии тайёр кардани мутахассисони зинаи миёнаи касбӣ мушкил аст. Инчунин муаллиф ба он ишора менамояд, ки вайрон гардидани робитаҳои анъанавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ бо истеъмолкунандагони кадрҳо, таъсири сусти ҷомеаи касбӣ ба рушди низоми маориф, ноустувории бозори меҳнат, мутобиқати мазмуну мундариҷа ва сохтори таълимро ба талаботи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ташкили таълими амалии донишҷӯён ва бо кор таъмин намудани хатмкунандагонро душвор мегардонад. Ҳамин тариқ, нокифоягии маблағгузории буҷети давлатӣ, ғайримақсаднок истифодабарии маблағҳои пешбинигардида, харочоти зиёди изофанависӣ дар таъмиру барқарорсозии заминаи моддиву техникӣ фаъолияти муътадили муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбиро душвор мегардонад ва яке аз сабабҳои асосии кам гардидани музди меҳнати омӯзгорон, боиси аз кор рафтани мутахассисони варзидаи касбӣ мегардад.

Калидвожаҳо: таҳсилоти миёнаи касбӣ, маориф, таҳсилоти олӣ, рушд, муассисаҳои маориф, буҷети давлатӣ, маблағгузорӣ, сармоя, захираҳои инсонӣ.

СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ СРЕДНЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье представлена информация об исторической основе, возрождении и развитии среднего профессионального образования, определены взаимосвязи этого уровня образования с другими образовательными структурами и, наконец, представлены самые современные среднесрочные цели среднего профессионального образования в Таджикистане. Автор отмечает, что на основе изложения перспектив представленных в статье задач и в условиях неустойчивости социально-экономического положения общества и отсутствия долгосрочных прогнозов развития экономики - формирование профильной структуры подготовки специалистов средней ступени является очень трудной задачей. Также автор указывает на то, что разрушение традиционных связей между учебными заведениями среднего профессионального образования с потребителями кадров, слабое влияние профессионального общества на развитие системы образования, неустойчивость рынка труда, затрудняет процесс соответствие темы и содержания обучения к требованиям социально-экономической сферы, организацию практического обучения студентов и обеспечения рабочими местами выпусников. Таким образом, недостаточное финансирование государственного бюджета, нецелевое использование предусмотренных денежных средств, огромные денежные приписки при ремонте и восстановлении материально-технической базы затрудняют нормальую деятельность средних профессональных учебных заведений и одна из основных причин уменьшения заработной платы учителей становится причиной их ухода с работы.

Ключевые слова: среднее профессиональное образование, образование, высшее образование, развитие, учебные заведения, государственный бюджет, финансирование, капитал, человеческие ресурсы.

SOCIO-ECONOMIC VALUE OF VOCATIONAL SECONDARY EDUCATION IN MODERN CONDITIONS

This article provides information on the historical basis, revival and development of secondary vocational education, identifies the relationship of this level of education with other educational structures and, finally, presents the most modern medium-term goals of secondary vocational education in Tajikistan. The author notes that based on the presentation of the prospects of the tasks presented in the article and in the conditions of the instability of the socio-economic situation of society and the absence of long-term forecasts for the development of the economy, the formation of a profile structure for training middle-level specialists is a very difficult task. The author also points out that the destruction of traditional ties between educational institutions of secondary vocational education with personnel consumers, the weak influence of the professional society on the development of the education system, the instability of the labor market, complicates the process of matching the topic and content of training to the requirements of the socio-economic sphere, the organization of practical training students and providing jobs for graduates. Thus, inadequate financing of the state budget, misuse of the allocated funds, huge monetary additions in the repair and restoration of the material and technical base impede the normal operation of secondary vocational educational institutions and one of the main reasons for the decrease in teachers' salaries is the reason for their departure from work.

Keywords: secondary vocational education, education, higher education, development, educational institutions, state budget, financing, capital, human resources.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ғафорзода Ҷонона Ғафор*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **000-33-99-77**

Сведение об авторе: ***Гафорзода Джонона Гафор*** **-** Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, кандидат экономических наук, заведующая кафедрой экономики и управления. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **000-33-99-77**

Information about the author: ***Gaforzoda Jonona Gafor*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddina Aini, Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Economics and Management. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **000-33-99-77**

УДК: 633.5 ББК 42.16

САМТҲОИ РУШДИ КЛАСТЕРИ ПАХТА ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

Хоҷаева Д.А.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Тибқи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, барои амалӣ намудани имкониятҳои рақобатпазирии минтақаҳои Тоҷикистон дар шароити Ташкилоти умумиҷаҳонии тиҷоратӣ яке аз пешомадҳои рушди минтақавӣ ин таъсис ва ташаккули кластерҳои ҳудудӣ-истеҳсолӣ, кластерҳои инноватсионии дорои технологияҳои баланд ва инчунин, кластери агросаноатӣ мебошанд. Мувофиқи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030” [11] Консепсияи рушди кластерҳои инноватсионӣ пешбинӣ гардидааст, ки иштироки фаъолонаи мақомоти давлатӣ ва маҳаллиро дар ин равандҳо, аз ҷумла дар рушди механизмҳои дастгирии лоиҳаҳо дар назар дорад. Ташаккул ва рушди кластерҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон, таҳти мафҳуми кластер дар қонунгузории амалкунанда маҷмӯи минтақаҳои махсуси иқтисодии як ё якчанд намуд дар назар дошта шудааст, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, онро як ширкат идора менамояд. Рушди кластерҳои минтақавии соҳавӣ ва озуқавӣ заминаи афзоиши интенсивии рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва таҳкими механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад.

Таъсиси кластерҳои минтақавӣ-истеҳсолӣ, аз ҷумла як қатор кластерҳои инноватсионии дорои технологияи баланд, ки дорои қобилияти амалигардонии рақобатпазирии минтақаҳои Тоҷикистон мебошанд, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” яке аз пешомадҳои рушди минтақаҳо, ин ташаккули кластерҳои боиқтидори агросаноатӣ мебошад ва ба минтақаҳо имконият медиҳад, ки таъминкунандагони асосии номгӯи васеи маҳсулоти кишоварзии бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ гарданд.

Дар сатҳи давлатӣ механизмҳое мавҷуданд, ки маблағгузории зарурии чорабиниҳоро оид ба ташаккул ва рушди кластерҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ таъмин намоянд. Яке аз ин механизмҳо ин интиқоли воситаҳои пулии давлатӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ барои маблағгузории минбаъдаи корхонаҳои хурду миёна, аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ, мебошад [6].

Ба ақидаи иқтисоддонҳо Пиризода Ҷ.С., Маҳмадиев Ф.Б., Ҷалилов Ш.Н., «…Сиёсати кластерӣ - яке аз равишҳои муҳимтарини инноватсионӣ ва иқтисодиёти минтақавӣ дар гузариш аз модели аграрию саноатӣ ба модели саноатию аграрии макроиқтисодиёт барои кишоварзӣ мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ чунин равиш метавонад бо мушкилиҳо дучор оянд, аммо ба фаъолияти самаранок бо роҳи таъмини рушди кластерии иқтисодиёти миллӣ ва комплекси агросаноатӣ дар маҷмӯъ оварда мерасонад» [8,с.89-97].

Механизми дигари маблағгузории ташаккул ва рушди кластерҳо аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути татбиқи муқаррароти дар Қоидаҳои тақсимот ва пешниҳоди субсидияҳо аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалисозии чорабиниҳое, ки дар барномаҳои рушди кластерҳои минтақавии инноватсионии пилотӣ пешбинӣ шудаанд, ифшо карда мешавад.

Ин механизмҳо имкон фароҳам меоранд, ки ки дастгирии молиявии давлатӣ бо мақсади татбиқи доираи васеи лоиҳаҳои кластерӣ истифода бурда шавад.

Рушди кластерҳо метавонад ғайримустақим тавассути маблағгузории давлатӣ ба соҳаи илм, инноватсия, иҷтимоиёт ва ғайра таъмин гардад.

Маблағгузории кластерҳоро ғайр аз механизмҳои номбаршуда, чунин ташкилотҳои институтсионалӣ ба монанди Фонди сармоягузорӣ, Фонди дастгирии корхонаҳои хурди инноватсионӣ дар соҳаи илму техника метавонанд дастгирӣ намоянд.

Барои баландбардории самаранокии ташаккул ва рушди лоиҳаҳои кластерӣ ҳамчун самти муҳимтарини баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи иқтисодиёт, таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи сиёсати кластерӣ дар ҷумҳурӣ зарур аст.

Маълумоти пешгӯишаванда оид ба натиҷаҳои афзоиши истеҳсоли нахи пахта меҳвари рушди иқтисодиёти минтақаро нишон медиҳад, ки ин зиёд шудани фоизи истеҳсоли нахи пахта дар минтақа ва беҳтар шудани сатҳи иҷтимоии некуаҳволии мардуми деҳот мебошад. Ин тағйиротҳо метавонанд дар ҳудуди кластерҳои мавҷуда самараноктар амалӣ гарданд. Бо вуҷуди он, ки дар ҷараёни рушди минтақа усули кластерӣ самаранок эътироф гардида, лекин алгоритми ягонаи ташаккули кластерҳо то ҳол вуҷуд надорад. Дар расми поён натиҷаҳои пешгӯишавандаи истеҳсоли нахи пахта барои солҳои 2017-2025 дар вилояти Суғд ва ҷумҳурӣ нишон дода шудаанд.

Тавассути таҳлили маълумоти пешгӯишаванда маълум гардид, ки ҳамасол майдони кишти пахта кам гашта истода, ин нишондиҳанда дар вилояти Суғд то - 13,0% ва дар ҷумҳурӣ то - 19,4% коҳиш ёфтааст. Аммо, дар сурати афзоиши парвариши пахта, хоҷагиҳои пахтакор метавонанд ба натиҷаҳои баланд ноил шаванд, ки инро аз пешгӯиҳои дар расми 1 овардашуда дидан мумкин аст.

Расми 1. Дурнамои истеҳсоли нахи пахта дар вилояти Суғд ва ҷумҳурӣ то соли 2025
Figure 1. Prospects for cotton fiber production in Sughd region and the republic until 2025



Барои таҳияи дурнамои истеҳсоли пахта нишондиҳандаҳои зерин истифода шудаанд: истеҳсоли пахта, майдони кишти пахта ва ҳосилнокӣ дар якчанд сол дар минтақа ва ҷумҳурӣ.

Алгоритми ташаккули кластер - ин пайдарпайии мантиқии таҳлили омилҳо [2,с.148]; коркарди низоми меъёрҳо ва маҳдудиятҳое, ки субъектҳои зерсоҳаи пахтакориро ҳамчун иштирокчиёни эҳтимолии кластер муайян мекунанд; муайян кардани алоқамандиҳои афзалиятноктарини вазифавӣ дар кластер ва андозаи таъсири мутақобилаи онҳо; баҳодиҳии синергетикии кластери ташаккулёфта мебошад.

Ҳамчун меъёри марбуткунандаи субъектҳои зерсоҳаи пахтакорӣ барои иштирокчиёни кластери пахтакорӣ, инҳоро интихоб кардан мумкин аст:

- мавҷудияти корхонаҳои дорои сатҳи баланди рақобатпазирӣ дар минтақа;
- мавҷудияти бартариҳои рақобатии минтақавии ба рушди кластер мусоидаткунанда [1,с.64];
- зичии минтақавӣ ва наздикии иштирокчиёни потенсиалӣ дар кластер;
- мавҷудияти робитаи мутақобилаи байни иштирокчиёни потенсиалии кластер дар асоси занҷираи технологии истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди пахта;
- мавҷудияти робитаҳои мутақобила байни корхонаҳои зерсоҳаи пахтакорӣ бо муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ;
- таъмин будан бо инфрасохтор.

Субъектҳои кластери пахта бояд мавҷуд бошанд, дар сурати набудани онҳо барои ба кор андохтани бахшҳои холигӣ бояд тавсияҳо таҳия карда шаванд, эҳтимолан бо истифодаи таҳлиле, ки дар равандҳои ҷараёнӣ ва системавӣ асос ёфтааст.

Дар ин самт бояд таҳлили технологияи истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди пахта анҷом дода, шавад, имконият медиҳад, ки тамоми субъектҳои хоҷагидории минтақаро, ки мустақиман ё ғайримустақим дар ҷараёни истеҳсолоти зерсоҳаи пахтакории вилояти Суғд иштирок ва ё таъсир мерасонанд, муайян менамояд.

Сохтори зерсоҳаи пахтакории минтақа, ки дар заминаи занҷираи технологии истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди пахта ташаккул ёфтааст, дар расми 2 оварда шудааст. Дар вилояти Суғд барои ташкили кластери пахта тамоми иштирокчиёни зарурӣ мавҷуданд.

Расми 2. Нақшаи занҷираи технологии истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди пахта
Figure 2. Technological chain plan for production, storage and processing of cotton



Самтҳои муҳимтарини коркарди стратегияи рушди кластери пахта дар минтақаи зикршуда инҳо мебошанд: баландбардории самаранокии ташкилотҳои инфрасохторӣ, ки ҷолибияти сармоягузории минтақаро таъмин менамояд; ҳавасмандгардонии навоварӣ дар кластер; кор оид ба таҳким ва рушди робитаҳои ҳамкорӣ дар кластер дар асоси ташаккули барномаҳои махсуси фаъолсозии робита байни иштирокчёни кластер; таҳия ва татбиқи чорабиниҳо барои фаъолгардонии вазифаҳои гумшуда дар зерсоҳа, аз ҷумла:

1) Барқароркунии робитаҳои корӣ бо ширкатҳо-миёнаравҳо дар ҷустуҷӯ ва таъмини техникаи кишоварзӣ ва мошинҳои барои соҳаи кишоварзӣ пешбини шуда, ки дар навбати худ бояд бо ҳам рақобатпазир бошанд.

2) Ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ барои таъсиси филиалҳо ва ташкили истеҳсоли муштараки таҷҳизот барои истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди пахта.

3) Ташкили таъминоти қисмҳои эҳтиётии техникаи истеҳсоли маҳаллӣ.

4) Ташкили корхонаҳои нав оид ба коркарди ниҳоии нахи пахта ва коркарди маҳсулоти ғайриасосии пахтакорӣ.

Пас аз ташаккули як кластер, боз дигар кластерҳо ташаккул меёбанд, ки рақобатпазирии минтақаҳои алоҳида ва тамоми кишварро баланд мебардорад. Ташаккул ва рушди кластери пахта дар вилояти Суғд ба нуқтаи афзоиши рушди дигар соҳаҳои

иқтисодиёти минтақа табдил ёфта, ба рушди пай дар пайи тамоми минтақа мусоидат хоҳад кард.

5) Таҳияи сохтори возеҳи ташкилии кластер. Сохтори пешниҳодшудаи ташкилию истеҳсолии кластери пахта дар расми 3 нишон дода шудааст.

Барои зерсоҳаи пахтакорӣ дар минтақа истифодаи модели кластери пахта мувофиқи мақсад мебошад, ки ба афзоиши самаранокии худ ва самаранокии рушди минтақа мусоидат мекунад ва дар доираи он барои таъсиси муносибатҳои оқилона ва самараноки байни шумораи зиёди субъектҳои хоҷагидории сатҳҳои гуногун имконият фароҳам меоранд

Ҳамзамон, иштирокчиёни кластер ба ҷараёнҳои иқтисодии дар он рӯйдиҳанда метавонанд таъсир расонанд. Қайд кардан зарур аст, ки кластер имконияти самаранок шомил гаштан ба низоми инноватсионии минтақавӣ дорад ва ба рушди ҳамкории самаранок байни қисматҳои сохтории он мусоидат менамояд [3,с.39].

Расми 3. Сохтори ташкилӣ-истеҳсолии кластери зерсоҳаи пахтакорӣ
Figure 3. Organizational and production structure of the cotton sub-cluster



Ба андешаи мо, иштирокчиёни асосии кластер дар зерсоҳаи пахтакории вилояти Суғд бояд инҳо бошанд: корхонаҳои кишоварзии пахтакор; корхонаҳои коркарди пахта; заводҳои равғанбарорӣ; мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; муассисаҳои таълимӣ

ва илмӣ; таъминкунандагон; истеъмолкунандагон; соҳаи савдо ва молия; иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ; марказҳои ҳамоҳангсозӣ ва иттилоотӣ-таҳлилӣ; маркази инноватсионӣ.

Нақши асосии мақомотҳои иҷроияи маҳаллӣ дар раванди ташаккули кластери пахта, аз дастгирӣ ва тараққиёти шароити мусоиди мавҷудаи сармоягузорӣ ба зерсоҳаи пахтакорӣ ва мусоидат ба ҳамкориҳои самараноки иштирокчиёни кластер иборат мебошад.

Дар минтақа вазифаҳои асосии мақомотҳои иҷроияи маҳаллӣ оид ба дастгирӣ ва ташаккули шароитҳои мусоид метавонанд ба воситаи тадбирҳои зерин таъмин карда шаванд:

1. Рушди инфрасохтор. Сатҳи баланди рушди инфрасохтор асоси фаъолияти самараноки корхонаҳо ва иттиҳодияҳо дар ҳудуди он мебошад.

2. Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ. Сиёсати устувори давлатии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, заминаи мусоиди меъёрӣ-ҳуқуқии муносибатҳои бозорӣ, ҷолибии сиёсати андозбандӣ барои сармоягузорӣ ва ғайраҳо, барои афзоиши ҷараёнҳои молиявӣ ба рушди бахши истеҳсолоти асосии кластер бояд мусоидат намояд. Барои кластери пахтакории минтақа ташаккули самтҳои навтарини фаъолияти истеҳсолӣ муҳимияти махсус доранд. Дар ҳолати имрӯза, дар миқёси он корхонаҳое, ки таҷҳизоти коркардкунандаи маҳсулоти иловагии нахи пахтаро истеҳсол мекунанд, кофӣ нестанд.

3. Ҳавасмандгардонии рушди инноватсионӣ. Дар иқтисодиёти муосир, рушди инноватсионии давлатҳо бо ташаккул ва фаъолияти кластерҳо зич алоқаманд аст [9,с.11]. Тавре ки қаблан қайд гардида буд, хусусияти ташаккулёбии кластерӣ дар он аст, ки кооператсияҳо дар шароити рақобати шадид рушд мекунанд ва ин онҳоро барои тамоилба роҳи инноватсионии рушд водор мекунад. Аммо дар ҷумҳурӣ чунин қонуният на ҳама вақт амалӣ мегардад, зеро корхонаҳо омода нестанд, ки барои ҷорӣ намудани навовариҳо маблағгузорӣ намоянд.

Усули афзалиятноки афзун намудани фарқияти даромад дар амалияи ватанӣ бо афзоиши шумораи маҳсулоти истеҳсолшуда ва фурӯхташуда бидуни кам кардани арзиши аслӣ аст [10,с.284]. Дар чунин вазъе, ки иқтисодиёти мо қарор дорад, корхонаҳо бояд тавассути ташкили кластерҳои минтақавӣ рушди инноватсиониро ба роҳ монанд.

Пешниҳод карда мешавад, ки ба кластери пахтакории вилояти Суғд ҳамчун як унсур маркази инноватсионӣ (МИ) дохил карда шавад, ки он ба корхонаҳои дохили кластер барои гузариш ба рушди инноватсионӣ мусоидат хоҳанд намуд.

Кор бо марказ бояд аз рӯи принсипи "як равзана" сурат гирад, ки ба суръатбахшии хизматрасонии дархостнамудаи иштирокчиёни кластер ва баландбардории самаранокии фаъолияти онҳо ёрӣ мерасонад [13,с.274].

Дар асоси механизми фаъол гардонидани рушди кластери пахтакорӣ, аз ҷониби муассисаҳои таълимию илмӣ бояд тадқиқотҳо оид ба мувофиқгардонии равандҳои технологии истеҳсол, коркард ва нигоҳдории пахта анҷом дода шаванд, ки аз ҳисоби буҷети минтақа маблағгузорӣ мешаванд.

Дар оянда коркардҳои навин дар МИ ҷамъоварӣ гардида, аз он ҷо дар ҳолатҳои зарурӣ корхонаҳо метавонанд бо таври ройгон дархости худро қонеъ гардонанд. Ширкатҳои пахтакорӣ дар истеҳсолот навоварӣ ҷорӣ намуда, инчунин барои таҷҳизоти нав маблағгузорӣ карда, барои барқарор кардани хароҷоти истеҳсолӣ имтиёзҳои андозӣ ба даст меоранд.

Ғайр аз ин, корхонаҳои зерсоҳаи пахтакорӣ бояд имконияти ба маркази иттилоотӣ-таҳлилӣ оид ба коркардҳои зарурӣ фармоиш фиристоданро дошта бошанд, ки вазифаи онҳо таҳлили бозорҳои рақибон ва шароити савдо бо мақсади мусоидат баҳри пешбурди маҳсулоти кластер дар бозорҳои гуногунандоза мебошад.

Тақвияти рушди фаъолияти инноватсионӣ дар кластери пахтакорӣ дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ бо вуҷуди камбудии воситаҳои озоди пулии корхонаҳо ва касри маблағгузории буҷетӣ махсусан муҳим аст.

Корхонаҳои бахши молиявӣ барои иштирок дар барномаҳои маблағгузории кластерӣ ҳуқуқ пайдо намуда, барномаҳои қарзиро диверсификатсия ва шароити мусоиди қарздиҳиро таъмин мекунанд.

Корхонаҳое, ки ҳайати асосии кластерро ташкил дода, маҳсулоти асосиро истеҳсол мекунанд, маҷбуранд, ки дар пешбурди фаъолият бо назардошти рақобати шадид ба роҳи рушди инноватсионӣ гузаранд ва имкониятҳои васеъ барои роҳандозии робитаҳои мустаҳкам бо мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ, бахши молиявӣ ва соҳаҳои марбута пайдо кунанд [7,с.20].

Корхонаҳо имконият доранд, ки мавқеи худро дар бозори дохилии нахи пахта ва маҳсулоти коркарди пахта мустаҳкам ва такмил диҳанд, ба бозорҳои хориҷӣ бароянд ба шарте ки модернизатсияи истеҳсолот ва идоракунӣ, татбиқи навовариҳо дар ҷараёни истеҳсолот, кор дар самти мувофиқгардонии навъҳои пахта ва баланд бардоштани сифати маҳсулот амалӣ гардонанд. Рушди кластерҳо барои баланд бардоштани рақобатпазирии ҳамаи иштирокчиёни ин шакли ҳамгироӣ имконият фароҳам меорад [5,с.28].

Дар намуди нақша афзалиятҳои ташаккул ва фаъолияти кластерро барои иштирокчиён чунин тасвир кардан мумкин аст (расми 4).

Мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ, ки барои рушди кластер шароити мусоид фароҳам меоранд, ба рушди назарраси тамоми минтақа ноил мегарданд, яъне: фаъолнокии инноватсионии корхонаҳо меафзояд, корхонаҳои навтаъсис ҷойҳои нави корӣ ва воридоти қисми даромади буҷетро таъмин менамоянд. Нишондиҳандаҳои умумии иқтисодӣ ва рейтинги минтақа меафзояд. Кор бо корхонаҳои кластер таъминкунандагонро дорои фармоиш намуда, рақобати шадид байни таъминкунандагон боиси рушди самаранокии истеҳсолот ва сифати молҳо, корҳо ва хизматрасониҳои пешниҳодшаванда мегардад.

Расми 4. Бартариҳои рақобатии иштирокчиёни калстер
Figure 4. Competitive advantages of calster participants



Истеъмолкунандагон маҳсулоти баландсифатро бо нархҳои рақобатпазир ба даст меоранд. Ғайр аз ин, бо интихоби ин ё он маҳсулоти кластер, харидорон бевосита ба сохтори маҳсулоти истеҳсолшаванда таъсири худро мерасонанд. Сохти функсионалии кластер дар расми 5 оварда шудааст.

Истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба иттилоот ва технологияҳои нав дастрасӣ пайдо мекунанд. Дастрасӣ ба захираҳо, ҳамкории наздик бо маъмурият, бонкҳо, муассисаҳои илмӣ, соҳаҳои ба ҳам наздик барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва пайдо намудани самтҳои нави нави рушд имконият фароҳам меорад.

Ташкилотҳои инфрасохтори молиявӣ-тиҷоратӣ имконият пайдо мекунанд, ки сандуқи қарзии худро васеъ намоянд, аз иштирок дар барномаҳои ташкилии рушди кластер даромади иловагӣ ба даст оранд ва мағозаҳои худро барои фурӯши маҳсулоти кластер зиёд намоянд.

Бояд қайд кард, ки кластер шакли махсуси ҳамгироӣ мебошад, ки дар он идоракунии ботартиби мутамарказонидашуда мавҷуд набуда, низом таҳти таъсири қоидаҳои бозорӣ рушд меёбад.

Субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ дар доираи кластер дар асоси амалигардонии манфиатҳои тарафайн ("манфиатҳои кластерӣ") ҳамкорӣ мекунанд, аз ин сабаб усули асосии таъсиррасонӣ ба кластер барои давлат ташкили шароити муносиби ташаккули намудҳои гуногуни муносибатҳои иқтисодӣ мебошад. Дар навбати худ, ташкилотҳо-иштирокчиёни кластер самаранокии ("функсияҳои кластерӣ" амалӣ мегарданд) фаъолияти худ ва минтақаро баланд мебардоранд.

Расми 5. Нақшаи функсионалии сохти кластер
Figure 5. Functional plan of cluster structure



Дар ҷараёни ташаккули кластери самаранок ба баҳодиҳии иштирокчиёни эҳтимолии он диққати махсус додан лозим аст [4,с.85]. Чунин баҳодиҳӣ бояд ба таври ҳамаҷониба, дар асоси нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва молиявии фаъолияти онҳо гузаронида шавад. Иштирокчиёни эҳтимолие, ки нишондиҳандаҳои фаъолияташон ба ҳадафҳои кластер ҷавобгӯ нестанд, бояд аз ҳайати он хориҷ карда шаванд.

Пиризода Ҷ.С., Маҳмадиев Ф.Б., Ҷалилов Ш.Н., ва дигарон чунин мешуморанд, ки «…шакли кластерии ҳамгироии байни истеҳсолкунандагон, коркардкунандагон ва дигар воҳидҳои инфрасохторӣ истеҳсоли молҳои рақобатпазирро таъмин мекунад ва аз як воҳиди маҳсулоти фурӯхташуда манфиати бештаре ба даст меорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон истисно нест, зеро ташаккули кластерҳо самаранокии фаъолият ва рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон, пеш аз ҳама, соҳаи асосии он – КАС-ро ба таври назаррас баланд мебардорад. Дар шароити муосир ташаккул ва рушди сохторҳои ҳамгироишуда самти муҳим дар соҳаи кишоварзӣ равиши кластерӣ мебошад» [8,с.89-97].

Барои қабули қарор оид ба мувофиқи мақсад будани ташкили кластер, нишондиҳандаҳои умумии рақобатпазирии корхонаҳои зерсоҳаи пахтакории вилояти Суғдро тавсиф додан лозим аст, ки онҳо аъзоёни кластер мебошанд. Нишондиҳандаи интегралӣ, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои фаъолияти як қатор корхонаҳои калонтарини зерсоҳаи пахтакории вилояти Суғд дар давраи муайян ҳисоб карда шудааст, бояд аз 1,0 зиёд бошад, ки ин имконият медиҳад чунин хулосабарорӣ намоем, ки тамоми шароити зарурӣ барои ташкили кластери пахтакорӣ дар вилояти Суғд мавҷуд мебошад.

Муқарриз: д.и.и., профессори ДДҲБСТ Раҳимов А.М.

АДАБИЁТ

1. Гельмле А.М. Основные аспекты региональной специализации в зерновом кластере Казахстана / А.М. Гельмле // Приволжский научный вестник. - 2013. -№3. -С.63-66.
2. Денисова И.Н. Кластеризация как инструмент повышения конкурентоспособности региональной экономики в условиях глобализации: проблемный аспект / И.Н. Денисова // Российское предпринимательство. - 2009. -Том 10. -№11. -С.148-152.
3. Древинг С.Р. Сущность и основные формы кластеризации экономики / С.Р. Древинг // Проблемы современной экономики. - 2009. -№2(30). -С.38-41.
4. Дырдонова А.Н. Оценка эффективности кластерных образований в регионе / А.Н. Дырдонова // Регионология. - 2010. -№4(73). -С.83-88.
5. Клейнер Г.Б. Синтез стратегии кластера на основе системно-интеграционной теории / Г.Б. Клейнер, Р.М. Качалов, Н.Б. Нагрудная // Отраслевые рынки. - 2008. -№5-6(18). -С.9-39.
6. О распределении и предоставлении субсидий из государственного бюджета субъектов Республики Таджикистан на государственную поддержку малого и среднего предпринимательства, включая дехканские (фермерские) хозяйства.
7. Пантюшина О.В. Конкурентные преимущества регионального экономического кластера при совершенствовании управления хозяйствующими структурами (на примере льняного кластера Вологодской области): автореф. дис. ... канд. экон. наук: 08.00.05 / Пантюшина Ольга Владимировна. -Владимир, 2012. -28 с.
8. Пиризода Дж.С. Теоретические и методологические аспекты функционирования кластеров в экономике аграрного сектора / Пиризода Дж.С., Ф.Б. Махмадиев, Ш.Н. Джалилов // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. –Душанбе, 2020. -№1(63). -С.89-97.
9. Полтерович В.М. Принципы формирования национальной инновационной системы / В.М. Полтерович // Проблемы теории и практики управления. - 2008. -№11. -С.8-19.
10. Поршнев А.Г. Модернизация российской экономики и государственное управление / А.Г. Поршнев, А.Н. Анисимов, В.Е. Дементьев. -М.: URSS. - 2006. -376 с.
11. Стратегияи миллии рушди Љумњурии Тољикистон то давраи соли 2030. –Душанбе, 2016. -102 с.
12. Ходжаева Д.А. Теоретические подходы к разработке конкурентной стратегии предприятия /Д.А.Ходжаева // Вестник Таджикского национального университета. - 2014. - №2/10(152). -С.210-215.
13. Черненко А.А. Зерновой кластер как инновационный инструмент экономического развития региона / А.А. Черненко // Экономика и предпринимательство. -2014. -№1-2. -С.272-274.
14. Шаталов М.А. Эффективность функционирования интегрированных агропромышленных формирований / М.А. Шаталов, С.В. Овсянников // Вестник ОГУ. - 2008. -№5(86). -С.60-63.
15. Юзвович Л.И. Особые экономические зоны как эффективная форма кластерного привлечения инвестиций / Л.И. Юзвович // Вестник Уральского государственного технического университета- УПИ, серия Экономика и управление. - 2010. -№3. -С.78-83.

САМТҲОИ РУШДИ КЛАСТЕРИ ПАХТА ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

Мақола ба баррасии самтҳои рушди кластери пахта дар вилояти Суғд бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз омилҳои асосии таъмини рақобатпазирии минтақаҳо ва рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ташкили кластерҳои инноватсионӣ, саноатию агросаноатӣ ба ҳисоб меравад. Таъсиси кластерҳо дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 низ пешбинӣ гардидааст, зеро рушди кластерҳои минтақавӣ рақобатпазирии иқтисодиёти миллиро таъмин менамоянд. Ташаккули кластери агросаноатӣ ба минтақаҳо имконият медиҳад, ки ба таъминкунандагони асосии номгӯи васеи маҳсулоти кишоварзии бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ гарданд. Муаллиф ба он ишорат менамояд, ки дар ҳудуди вилояти Суғд имконияти васеи ташаккули кластери пахтакорӣ мавҷуд аст, ки барои зиёд намудани андозаи истеҳсол ва коркарди нахи пахта мусоидат менамояд. Кластери пахтакорӣ иштироки субъектҳои хоҷагидории минтақаро дар зерсоҳаи пахтакорӣ муайян мекунад, ки дар вилояти Суғд барои ташкили он тамоми имкониятҳо мавҷуд мебошанд. Дар шароити муосири ҷумҳурӣ дар ташаккули кластерҳои минтақавӣ давлат аҳамияти аввалиндараҷа дорад, ки вазифаҳои он пурра дар мақола нишон дода шудааст. Муаллиф чунин хулосабарорӣ менамояд, ки корхонаҳое, ки ҳайати кластерро ташкил медиҳанд имконияти мавқеи худро дар бозори дохилии нахи пахта ва маҳсулоти коркарди пахта мустаҳкам ва такмил доданро ба даст меоранд, яъне рушди кластерҳо барои баланд бардоштани рақобатпазирии ҳамаи иштирокчиёни ин шакли ҳамгироӣ имконият фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: кластер, инноватсияҳо, рақобатпазирии минтақа, зерсоҳаи пахтакорӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ, сохтори ташкилӣ-истеҳсолӣ, бартариҳои рақобатӣ.

ПУТИ РАЗВИТИЯ ХЛОПКОВОГО КЛАСТЕРА В СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

Статья посвящена рассмотрению путей развития хлопкового кластера в Согдийской области. Автор отмечает, что одним из основных элементов обеспечения конкурентоспособности регионов и развития экономики Республики Таджикистан является создание инновационных, высокотехнологичных и агропромышленных кластеров. Стратегией инновационного развития Республики Таджикистан на период до 2030 года предусмотрено формирование кластеров, так как развитие региональных кластеров обеспечивает конкурентоспособность национальной экономики. Формирование агропромышленного кластера позволит регионам стать основными поставщиками на отечественный и зарубежный рынки широкого перечня сельскохозяйственной продукции. Автор отмечает, что на территории Согдийской области имеются возможности создания хлопкового кластера, который будет способствовать увеличению объемов производства и переработки хлопка-волокна. Хлопковый кластер подразумевает участие хозяйствующих субъектов региона принимающие участие в хлопковом подкомплексе, и в Согдийской области имеются все возможности для его организации. В современных условиях республики первостепенное значение в формировании региональных кластеров принадлежит государству, основные функции которого полностью освещены в данной статье. Автор приходит к выводу о том, что предприятия, которые являются ядром кластера, имеют возможность сохранять и улучшать позиции на внутреннем рынке хлопка-волокна и продукции переработки хлопка- сырца, то есть развитие кластеров создаёт возможности для повышения конкурентоспособности всех участников указанной формы интеграции

Ключевые слова: кластер, инновации, конкурентоспособность региона, хлопковый подкомплекс, субъекты хозяйствования, организационно-производственная структура, конкурентные преимущества.

WAYS OF COTTON CLUSTER DEVELOPMENT IN SOGD REGION

The article is devoted to the consideration of the ways of development of the cotton cluster in the Sughd region. The author notes that one of the main elements of ensuring the competitiveness of regions and the development of the economy of the Republic of Tajikistan is the creation of innovative, high-tech and agro-industrial clusters. The strategy of innovative development of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 provides for the formation of clusters, since the development of regional clusters ensures the competitiveness of the national economy. The formation of an agro-industrial cluster will allow the regions to become the main suppliers of a wide range of agricultural products to the domestic and foreign markets. The author notes that on the territory of the Sughd region there are opportunities to create a cotton cluster, which will contribute to an increase in the production and processing of cotton fiber. The cotton cluster implies the participation of economic entities of the region participating in the cotton sub-complex, and in the Sughd region there are all opportunities for its organization. In the modern conditions of the republic, the primary role in the formation of regional clusters belongs to the state, the main functions of which are fully covered in this article. The author comes to the conclusion that the enterprises, which are the core of the cluster, have the opportunity to maintain and improve their positions in the domestic market of cotton fiber and raw cotton processing products, that is, the development of clusters creates opportunities for increasing the competitiveness of all participants in this form of integration.

Keywords: cluster, innovation, regional competitiveness, cotton subcomplex, subjects of management, organizational and production structure, competitive advantages.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Хоҷаева Дилрабо Абдусамадовна*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, дотсент, декани факултети молия. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкн. 17, хонаи 1. E-mail: **dilrabo.hodjaeva@mail.ru.** Телефон**: (+992) 928-00-04-05**

Сведения об авторе: ***Ходжаева Дилрабо Абдусамадовна*** **-** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, доцент, декан факультета финансов. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 мкр., дом №1. E-mail: **dilrabo.hodjaeva@mail.ru.** Телефон**: (+992) 928-00-04-05**

Information about the author: ***Khodjaeva Dilrabo Abdusamadovna*** **-** Tajik State University of low, business and politics. Candidate of Economics, Associated Professor, Head of Finance Faculty. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khudjand, Ave 17, №1. E-mail: **dilrabo.hodjaeva@mail.ru**. Phone**: (+992) 928-00-04-05**

УДК 334.14

СИСТЕМАИ НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ

Манучеҳри Нозимии Раҷабзода
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Имрӯз ба хотири мукаммал намудани низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапаварии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд масъалаҳои ҳалталаби дар раванди ташкил ва пешбурди ин самти фаъолияти дастгоҳи идоракунии онҳо мавҷудбуда таҳлил карда ва роҳҳои ҳалли онҳо муайян карда шаванд. Ҳалли масъалаи мазкур ба баландбардории самаранокии фаъолияти корхонаҳои парандапарварӣ дар шароити муосири хоҷагидорӣ, ки дар он таъсири буҳрони молиявӣ ба таври возеҳ намоён аст, мусоидат менамояд. Бинобар ин, донистани ҷиҳатҳои асосии ба мушкилоти дар ин низом мавҷудбуда боисшаванда муҳим аст.

Таҳлили доираи васеи адабиёти илмӣ, интишороти даврӣ ва таҳқиқоти олимон, омӯзиши низоми идоракунии як қатор корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда ба мо имкон дод, то камбудиҳои асосии ба низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои мазкур хосбударо ошкор кунем. Маълум гардид, ки ин камбудиҳо имконияти аз ҷониби менеҷменти корхонаҳои мазкур қабул намудани қарорҳои идоракунии босамарро маҳдуд менамоянд.

Соҳаи парандапарварӣ ва рушди он тақозо менамояд, ки механизми идоракунии корхонаҳои парандапарварӣ тибқи талаботҳои иқтисодиёти муосир ба роҳ монда шаванд. Яке аз функсияҳои асосии идоракунии корхона назорати дохиликорхонавӣ мебошад, ки имконияти муайян кардани тамоюлҳо ва ошкор кардани норасогиҳои фаъолияти корхонаро фароҳам оварда, қарорҳои идоракуниро асоснок мекунад. Дар шароити амалкунии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, ки ба моликияти хусусӣ асос ёфтаанд, нуфузи назорати дохилӣ хеле боло меравад.

Таҳқиқи масъалаи назорати дохилиро дар корхонаҳои парандапарварӣ аз асосноккунии категорияи иқтисодии «назорат» ва мавқеъи он дар низоми идоракунии корхона мебояд шурӯъ намуд.

Дар таърихи идоракунӣ назорат ҳамчун раванде дониста мешавад, ки барои ба мақсад расидан истифода мешавад [2,с.328]. Таҳқиқи назарияи назорат нишон дод, ки калимаи “control” дар забони англисӣ маънои ҳам назорат ва ҳам идоракуниро дорад. Худи калимаи «назорат» аз забони франсузӣ (controle – рӯйхат, ки дар ду нусха бурда мешавад; такроран баргаштан ба саволе, ки қаблан баррасӣ шудааст, тафтиши он) гирифта шуда, тафтиши қонунӣ будани ин ё он қарори хоҷагидорӣ ва аз нигоҳи иқтисодӣ мақсаднок будани онро ифода мекунад.

Таҳти назорат аксар вақт мо тафтиши иҷрои нақшаро аз тарафи роҳбарон ва менеҷерони корхона, мувофиқаткунии натиҷаҳои воқеӣ бо натиҷаҳои банақшагирифташуда, дида баромадани ин нақшаҳо, агар иҷро гардидани онҳо имконпазир набошад, пас муайян кардани майлкуниҳо нисбат ба иҷро нагардидани онҳо ва амсоли инҳоро дар назар дорем. Назорат он қадар бо банақшагирӣ алоқаманд мебошад, ки дар корҳои одиву муқаррарӣ ин мафҳумҳо қариб, ки инъикоскунандаи ҳамдигаранд. Ҳар як қарори идоракунӣ бо баҳое асоснок карда мешавад, ки дар он банақшагирӣ ва системаи назоратӣ пурра ҳамкорӣ мекунанд [13].

Назорат ҳамчун категорияи иқтисодӣ тариқи якмаъно набудани мафҳумаш тавсиф дода мешавад. Дар фаъолияти корхона он ҳамчун ҷараёни иҷроиши назорат ва санҷишҳои фаъолияти истеҳсолӣ, молиявию хоҷагидорӣ тавсиф карда мешавад, ки аз тарафи субъектони идоракунӣ бо мақсади муайян намудани майлкуниҳо ва ҳодисаҳои манфӣ амалӣ карда мешаванд [12,с.6].

Баъзе муҳақиқон бар он ақидаанд [22,с.66], ки назорат ҳамчун фаъолияти идоракуниест, ки вазифааш баҳогузории миқдорию сифатӣ ва баҳисобгирии натиҷаҳои кори корхона мебошад. Дигар муаллифон бар он назаранд [19,с.30], ки назорат марҳилаи ниҳоии давраи идоракунӣ буда, ҳамзамон ибтидои давраи наве мебошад, ки мувофиқати

натиҷаҳои ниҳоӣ ва тамоми ҷараёнҳои фаъолияти идоракунандаву идорашавандаро аз рӯи параметрҳои пештар қабулгардида, вазифа ва мақсадҳо амалӣ месозад. Ҳамин тавр, баъзеҳо бар онанд, ки назорат дар тамоми ҷараёни фаъолияти идоракунӣ амалӣ карда мешавад ва баъзеҳо ин ақидаро доранд, ки кори назорат бо давраи ниҳоии фаъолияти идоракунӣ маҳдуд мебошад.

Ба назорат ҳамчун усуле нигоҳ мекунанд, ки ба воситаи он хатогиҳои дар фаъолият ва дар функсияҳои гуногуни идоракунӣ ба вуҷуд меомадаро муайян мекунад, махсусан назорат инъикоси функсияи идоракунӣ ва таҳлил мебошад, ки хатогиҳои амалисозии тамоми функсиҳои идоракунӣ, банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, таҳлил ва танзимкуниро муайян карда, онҳоро бартараф месозад [26,с.23]. Мелник М.В. чунин нуқтаи назарро тарафдорӣ намуда, қайд меукунад, ки назорати дохилӣ – яке аз функсияҳои асосии идоракунӣ буда, низоми мониторинги доимӣ ва санҷиши фаъолияти хоҷагии ташкилотро ифода мекунад, ки барои баҳодиҳии дурустӣ ва самаранокии қабули қарорҳои идоракунӣ, ошкорсозии майлкуниҳо ва саривақт бартараф намудани онҳо, паст намудани хавфҳои фаъолияти он ва идоракунии онҳо зарур мебошад [18,с.45].

Дар адабиёти иқтисодӣ назоратро ҳамчун шакли алоқаи баръакс низ ифода кардаанд. Масалан А.А. Годубов мегӯяд, ки ҷойгоҳ ва аҳамияти назорат бо он муайян карда мешавад, ки он дар худ усули алоқаҳои баръаксеро инъикос мекунад, ки тавассути он мақомоти идоракунӣ маълумотро дар бораи рафти иҷрои қарори қабулгардида мегирад [9,с.124]. Дар асл нақши назорат васеътар аст ва онро танҳо дар доираи алоқаҳои баръакс маҳдуд кардан нодуруст аст.

Дар адабиёти иқтисодӣ ба мавқеъи назорат дар соҳаи идоракунӣ нигоҳи ягона мавҷуд нест. Баъзе муаллифон нақши онро дар идоракунӣ нодида мегиранду баъзеяшон бошанд, ба он назаранд, ки назорат функсияи мустақил набуда, танҳо нақши ёрирасонро иҷро мекунад [30,с.4]. Дигар муаллифон мегӯянд, ки назорат фаъолияти мустақил ва ибтидоӣ нест [25,с.8.]. Аз нигоҳи мо И.А. Белобжитский моҳияти назоратро нисбатан пурратар кушода аст. Ӯ қайд мекунад, ки назорат на танҳо ҳамчун функсияи санҷиши объектҳои идоракуниро амалисозанда аст, балки инчунин имконияти баҳодиҳии самаранокӣ ва пуррагии қарорҳои идоракуниро низ мегузаронад [5,с.7]. Назорат тамоми фаъолияти иқтисодиро фаро мегирад ва бо дигар зуҳурот алоқамандии зич дошта, барои ҳамин ҳам нақши муҳимми он бояд дар тамоми равандҳои идоракунии истеҳсолот инъикос гардад.

Бештари муҳаққиқони дигар бар он ақидаанд, ки назорат ҳамчун функсияи мустақил баромад мекунад. Дар корҳои илмии олимон [3; 8; 19; 21; 4; 27; 28;. 29 ва дигарон] назорат ба функсияҳои асосии идоракунӣ дохил карда шудааст. Аз ин лиҳоз назорат аз худ функсияи мустақили идоракуниро таҷассум карда, дигар функсияҳоро муттаҳид намесозад, пурра намекунад ва бо онҳо алоқамандии баробар карда, ба самарнок истифода гардидани онҳо таъсири амиқ мегузорад [15,с.10].

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон назорати дохилиро ҳамчун маҷмӯи сохтори ташкилӣ, усулҳо ва расмиёти аз ҷониби роҳбарияти корхона қабулшуда, ҳамчун воситаи назорати самаранокии фаъолияти иқтисодӣ баррасӣ менамоянд. Масалан, А. Аренс, Ҷ. Лоббек қайд мекунанд, ки назорат “усулҳо ва маросимҳои се категория асосӣ, ки аз тарафи мақомот барои таъмини кафолати кофии мувофиқат ба мақсадҳои назорат, низоми баҳисобгирӣ, лаҳзаҳои назоратӣ (маросимҳо) таҳия ва истифода карда мешавад” [1,с.264] дар бар мегирад. Ю.Н. Воропаев чунин мешуморад: “маҷмӯи усулҳо ва маросимҳои гуногуни боҳамалоқаманд, ки аз тарафи мақомот барои таъмини паст намудани хавфҳои номатлуб дар фаъолияти корӣ ва молиявӣ, инчунин дар баҳисобгирӣ ва ҳисобот коркард ва истифода мебарад” [7,с.56–60].

Гурӯҳи дигари олимон назорати дохилиро ҳамчун ҷараён баррасӣ менамоянд. Масал***ан,*** А.Г. Волков дар он ақида аст, ки “назорати дохилӣ – ин ҷараёнест, ки барои расидан ба мақсади корхона равона гаштааст ва он натиҷаи фаъолияти роҳбарият оид ба банақшагирӣ, ташкил, назорати фаъолияти кулли ширкат ва зерсохторҳои алоҳидаи он мебошад [6,с.60]. Роберт Н. Энтони назорати дохилиро ҳамчун “ҷараён, ки бо ёрии он менеҷерон оид ба он боварӣ мекунанд, ки захираҳо ворид ва самаранок ва самарабахш

барои расидан ба мақсади дар назди корхона гузошташуда, истифода карда мешаванд [*32*] маънидод кардааст. Назорати дохилиро А.М. Сонин ҳамчун "ҷараёне, ки барои расидан ба мақсади ширкат ва натиҷаи фаъолияти роҳбарият оид ба банақшагирӣ, ташкил ва мониторинги фаъоляти ширкат дар умум ва зерсохторҳои алоҳидаи он равона шудааст [*23*] муайян кардааст. Мутобиқи COSO назорати дохилӣ – ин ҷараёни аз тарафи мақомоти болоии корхона гузаронидашаванда, ки сиёсати онро муайян мекунанд (мисол, Шӯрои директорон, ки моликони ширкатро муаррифӣ мекунанд), корманди идоракунии сатҳи болоӣ (менеҷмент) ва дигар кормандони боқимонда, ки дар сатҳи кофӣ ва асоснок аз тарафи корхона расидан ба мақсадҳои зеринро таъмин мекунанд: мақсаднокӣ ва фаъолияти самаранокии молиявӣ (аз ҷумла, нигаҳдории (амнияти) дороиҳо); эътимоднокии ҳисоботи молиявӣ; риоя намудани қонунгузории амалкунанда ва талаботҳои мақомоти танзимкунанда [16]. Мафҳумҳои дар боло овардашуда назорати дохилиро кӯтоҳ ва фаррох бо нишон додани субъектони назорат ва гурӯҳи мақсадҳои "мафҳуми классикии назорати дохилӣ" шарҳ додаанд, ки ба ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи назорати дохилӣ асос ёфтааст. Ба замми ин, тавсифи назорати дохилӣ ҳамчун ҷараён якум, мавҷудияти марҳилаҳои "ибтидоӣ" ва "интиҳоӣ"-и ҷараёнро пешбинӣ мекунад, ва дуюм, дар натиҷаи он ки дар доираи ҷараён "ивазшавии пайдарҳамии ҳодисаҳо", тағйирнопазирии тартиби ҷойгиршавӣ ва боҳамалоқамандии қисмҳои назорати дохилӣ амалӣ карда мешавад. Зеро худ ба худ ҷараёни назорат "чизе дар худ (аз рӯи гуфтаи файласуфи асри XVIII Иммануил Кант)" нест ва маустақилона амалӣ намешавад. Барои амалӣ шудани он маҷмӯи системаи ташкилии унсурҳо, ки давраи ҳаёти ин ҷараёнро таъмин месозад, зарур мебошад, мисол, автоматикунонӣ, қисми методологӣ, ҳуҷҷатикунонӣ, иерархияи ҳамкории муттақобила ва боҳамалоқамандии унсурҳои зертобеъ ва ғ.

Гурӯҳи дигари олимон назорати дохилиро ҳамчун система баррасӣ менамоянд. Масалан, С.Е. Гусакова дар он ақида аст, ки «системаи назорати дохилӣ бояд маҷмӯи ҷораҳои батартибдаровардаи боҳамалоқаманд, усулҳо ва маросимҳое, ки аз тарафи кормандон, зерсохторҳо ва роҳбарияти субъекти хоҷагӣ бо мақсади таъмини риояи сисёсати роҳбарият ва самаранокии пешбурди фаъолияти хоҷагӣ истифода мешаванд, ифода намояд. Назорати дохилӣ бояд бо қувваи субъекти иқтисодии мушаххас барои назорати доимӣ ва санҷиши амалиётҳои иҷрошаванда, натиҷаҳои бадастомада ва чораҳои фаврии қабулгардида гузаронида шавад» [10,с.51]. Ба ақидаи Т.В. Каковкина системаи назорати дохилӣ «Системаи назорат, аз тарафи роҳбарияти корхона бо мақсади таъмин намудани (гузаронидани) кори мураттаб ва самараноки корхона, таъмини эътимоднокии нишондиҳандаҳои дар баҳисобгирӣ ва ҳисоботи идоракунӣ ташаккулёбанда, риояи талаботҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ташкил карда мешавад» [11,с.11]. Мафҳумҳои системаи назорати дохилӣ ҳамчун система бо мақсадҳои маъмулии назорати дохилӣ оварда шудааст, вале дар баробари ин оид ба боҳамалоқамандии унсурҳои система ягон чиз зикр нагардидааст.

Л.В. Сотникова дар он ақида аст, ки "назорати дохилӣ системаи чораҳоро ифода мекунад, ки аз тарафи роҳбарият ташкил карда шудааст ва дар корхона бо мақсади хеле самаранок аз тарафи тамоми кормандон иҷро намудани уҳдадорияшон ҳангоми баамалбарории амалиётҳои хоҷагӣ гузаронида мешавад. Назорати дохилӣ қонунӣ будани ин амалиётҳо ва аз лиҳози иқтисодӣ самаранок будани ин амалиётҳоро барои корхона муайян менамояд [24**,**с.10]. Д.М. Колодин қайд мекунад, ки «назорати дохилӣ - ин системаи ҷораҳо, ки роҳбарияти корхона ташкил намудааст ва дар корхона аз тарафи тамоми кормандон бо мақсади хеле самаранок иҷро намудани уҳдадориҳои худ ҳангоми амалигардонии амалиётҳои хоҷагӣ гузаронида мешавад» [14,с.16]. Ба ақидаи И. Юдина "назорати дохилии ташкилот бояд ҳамчун системаи доимоамалкунанда, аз ҷумла, фарогири чунин ҷузъҳо, ба монанди муайян намудани параметрҳои назоратшаванда ва объектҳои назорат, муайян намудани нуқтаҳои "ҳасосӣ" назорат, ки дар он ба миён омадани хатогӣ, таҳрифот ва дигар ҳодисаҳои номатлуб хеле калон аст, баррасӣ карда шавад" [31,с.45-46]. Мо нуқтаи назари муаллифоне, ки назорати дохилиро фаррох муаррифӣ намудаанд, тарафдорӣ мекунем. Вале қайд карданием, ки аксари муаллифон ба

фарқияти мафҳумҳои “система” ва “ҷараён” диққат намедиҳанд. Аксар вақт назорати дохилӣ ҳамчун “система” ё “зерсистема”, “системаи назорати дохилӣ” бошад ҳамчун “ҷараён”, “маҷмӯи чораҳо, усул, маросимҳо” номида шудааст, ки мантиқан қобили қабул нест. Д.Х. Медоуз ба сифати система чунин маҷмӯи унсурҳоеро баррасӣ мекунад, ки боҳамалоқамандии байни онҳо пурра бо рафтори система муайян карда мешавад. Система ҳамчун маъмӯи қисмҳои алоҳида дида намешавад. Унсурҳо бо мақсади расидан ба мақсади система бо ҳамдигар алоқаманд мешаванд. Хусусияти ҳатмии система унсурҳо, боҳамалоқамандии байни онҳо ва таъиноти (ё мақсади) система ба шумор мераванд [17,с.18].

Бо назардошти гуфтаҳои боло, ба ақидаи мо, чунин равиш пурра хусусияти мафҳуми “система”-ро ҳамчун маҷмӯи унсурҳои бо ҳам алоқаманд, ки мақсади умумӣ ва хосияти ба худ хос доранд, инъикос намекунад. Ба ақидаи мо, мафҳумҳои “назорати дохилӣ” ва “системаи назорати дохилӣ” каме аз ҳамдигар мантиқан фарқ мекунанд. Ҳамин тавр, зери “назорати дохилӣ” бояд фаъолият, ҷараён, функсия, давраи (марҳилаи) идоракунӣ ва зери “системаи назорати дохилӣ” – маҷмӯи унсурҳои бо ҳам алоқаманд, ки фаъолияти онҳо барои расидан ба мақсадҳои алоҳида ва дорои хусусияте, ки барои система хос мебошад, фаҳмида мешавад. Дар баробари ин, мақсади “назорати дохилӣ” ва “системаи назорати дохилӣ” якхела буда, се мақсади пояviро фаро мегиранд: мақсадҳои амалиётӣ (ҷорӣ), мақсадҳои иттилоотӣ ва мақсади риояи меъёрҳои танзимкунанда (мақсад–мувофиқат).

Ҳамин тавр, ҳардуи мафҳум нисбати ташкили назорат дар дохили корхона метавонанд истифода шаванд. Бо назардошти гуфтаҳои боло, аз тарафи муаллиф таърифҳои мукаммалгардидаи “назорати дохилӣ” ва “системаи назорати дохилӣ” пешниҳод карда шудааст. Назорати дохилӣ –фаъолияти мақомати идоракунӣ ва кормандони корхона, ки барои бақайдгирии майлкуниҳо аз натиҷаҳои пешбинишуда ва паст кардани хавфҳо, инчунин барои таъмини эътимоди комили расидан ба мақсадҳои корхона оид ба таъмини самаранокӣ ва натиҷанокии (самарабахшии) фаъолият, омода намудани ҳисоботи эътимодноки дохилӣ ва берунӣ ва риоя намудани талаботҳои меъёрҳои танзимкунанда, равона карда шудааст. Дар мафҳуми мазкур хусусияти назорати дохилӣ ҳамчун фаъолият/ ҷараён, ки барои расидан ба мақсадҳои алоҳида равона гардидааст, инчунин он ки маъмулан назорати дохилӣ ҳамчун функсияи идоракунӣ баррасӣ мегардад, ки барои ошкор кардани майлкуниҳои манфии ҷойдошта аз натиҷаҳои банақшагирифташуда равона гардидааст, ба инобат гирифта шудааст.

Системаи назорати дохилӣ – маҷмӯи самтҳои бо ҳам алоқаманд ва унсурҳои назоратӣ дохилӣ, мақомоти идоракунӣ, зерсохторҳо ва кормандони корхона, ки хусусиятҳои бисёрченакӣ, мутобиқшавӣ ва худташкилшавӣ системаро доро мебошанд, ки бо мақсади самаранокӣ ва натиҷанокии (самарабахши) фаъолияти корхона, омодасозии иттилооти боэътимод, муфид ва саривақти оид ба фаъолияти он ва аз тарафи он риоя намудани талаботҳои меъёрҳои тамзимкунандаи ҳам дохилӣ ва ҳам берунӣ мебошад. Дар мафҳуми мазкур хосияти асосии система ба инобат гирифта шудааст, ки барои тавсифи таҳқиқоти объектҳои система хеле муҳим ба шумор меравад.

Муқарриз: н.и.и., муаллими калон Зокирова Ф.Ҷ.

АДАБИЁТ

1. Аренс, А. Аудит / Аренс А., Лоббек Дж.; пер. с англ.; гл. редактор серии проф. Я.В. Соколов. -М.: Финансы и статистика, 2001. -560 с.
2. Банковское дело: справочное пособие [текст]. -М.: Экономика, 1993. -328 с.
3. Барфиев, К.Х. Структурный анализ затрат на производство и реализацию продукции / К.Х. Барфиев., С.О. Мирзохонов // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. - 2019. - №2. -С.49-55.
4. Баҳисобгирии идоракунӣ. Васоити таълимӣ [Матн] / С.Қ. Шоймардонов, П.Ҷ. Орзуев, Қ.Х. Барфиев, И.А. Бобиев. -Душанбе: Ирфон, 2017. - 468 с.
5. Белобжицкий, И.А. Финансово-хозяйственный контроль в управлении экономикой / И.А. Белобжицкий. – М.: Финансы, 1979. – 252 с.
6. Волков, А.Г. Контроль и ревизия: Учебное пособие / Волков А.Г., Чернышева Е.Н. -М.: Изд. центр ЕАОИ, 2011. - 224 с.

7. Воропаев, Ю.Н. Система внутреннего контроля организации [текст] / Ю.Н. Воропаев // Бухгалтерский учет. - 2003. -№9. -С.56-60.
8. Ганиев, Т.Б. Менеҷмент: Қисми. 1. [Текст]: китоби дарсӣ / Т.Б. Ганиев. -Душанбе: Ирфон, 2004. - 473 с.
9. Годубов, А.А. Социально-экономические проблемы управления социалистическим производством: учебник / А.А.Годубов. -М.: Экономика, 1975. – 124 с.
10. Гусаков, С.Е. Внутренний контроль в обеспечении экономической безопасности организации / С.Е. Гусаков // Экономический анализ. - 2004. -№16(31). -С. 50-54.
11. Каковкина, Т.В. Разработка внутрифирменного стандарта «Организация системы внутреннего контроля фактов хозяйственной жизни»: монография / Т.В. Каковкина. -М.: РУСАЙНС, 2016. -234 с.
12. Кальницкая, И.В. Учетно-аналитическая концепция интегрированной информационной системы для целей управления организацией: автореф. дис. на соискание науч. степени канд. экон. [текст] / И.В. Кальницкая. - Екатеринбург, 2011. -41 с.
13. Карпова, Т.П. Основы управленческого учета: учебник / Т.П. Карпова. -М.: Инфра-М, 1997. -392 с.
14. Колодин, Д.М. Внутренний контроль: Практические рекомендации / Д.М. Колодин. -М.: Техносфера, 2017. - 194 с.
15. Кочерин, Е.А. Контроль как функция управления / Е.А. Кочерин. -М.: Знание, 1982. -64 с.
16. Маводҳои COSO [Манбаи электронӣ]. www.coso.org ҷой дода шуда (санаи мурочиат 01.07.2020).
17. Медоуз, Д.Х. Азбука системного мышления / Д.Х. Медоуз; пер. с англ. под ред. чл.-корр. РАН Н.П. Тарасовой. - 2-е изд. -М.: БИНОМ. Лаборатория знаний, 2011. - 343 с.
18. Мельник, М.В. Ревизия и контроль: Учебное пособие / М.В. Мельник, А.С. Пантелеев. -М.: ИД ФВК-ПРЕСС, 2003. - 520 с.
19. Наумова, А.И. Управление общественным производством / А.И. Наумова, Ю.И. Краснопояса. -М.: Колос, 1991. -134 с.
20. Полунина, Ю.В. Система внутреннего контроля предприятия. Существование и оценка эффективности /Ю.В. Полунина, П.А. Желтов // Аудит и финансовый анализ. - 1997. [Электронный ресурс]: URL: http://www.auditfin.com/1997/3/4.pdf.
21. Пошатаева А.В. Управление на сельськохозяйственных предприятиях/А.В. Пошатаева. -М.: Колос, 1979. -271 с.
22. Румянцева, З.П. Менеджмент организации / З.П. Румянцева, Н.А. Соломатина. -М.: ИНФРА, 1995. -429 с.
23. Сонин, А.М. Внутренний контроль и внутренний аудит - необходимость для компании / А.М. Сонин. [Электронный ресурс] URL: http://gaap.ru/articles/vnutrenniy_kontrol_i_vnutrenniy_audit_nbsp_ndash_nbsp_neobkhodimost_dlya_kompanii/ www.coso.org (санаи мурољиат 12.07.2021).
24. Сотникова, Л.В. Внутренний контроль и аудит: Учебник / Л.В. Сотникова. -М.: Финстатинформ, 2000. - 239 с.
25. Старостьяк, Е.И. Элементы науки управления / Е.И. Старостьяк. -М.: Прогресс, 1965. -198 с.
26. Стражев, В.И. Оперативное управление предприятием, проблемы учета и анализа / В.И. Стражев. -Мн.: Наука и техніка, 1973. – 148 с.
27. Улупова, Е.Д. Контроль в системе социалистического планового управления / Е.Д. Улупова. -М.: Моск. рабочий, 1986. -87, [2] с.
28. Уткина, Е.А. История менеджмента: учебник / Е.А. Уткина. -М.: Экмос, 1997. – 223 с.
29. Фалмер, Р.М. Энциклопедия современного управления / Р.М. Фалмер. -М.: ВИПК-ЕНЕРГО, 1992. -168 с.
30. Шкарабай, С.И. Оперативный экономический анализ в хозяйственном объединении / С.И. Шкарабай. -М.: Финансы и статистика, 1985. -168 с.
31. Юдина, И. Внутренний контроль: проблемы, критерии эффективности и значение в управлении компанией [текст] / И. Юдина // Рынок ценных бумаг. - 2005. -№4. -С.45-4.
32. Anthony, R.N. Planning and Control Systems: A framework for analysis / R.N. Anthony. -Boston, Ma.: Division of Research, Harvard Business School; 1ST edition (January 1, 1965), 1965. -180 p.

СИСТЕМАИ НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ

Дар мақолаи нуқтаҳои назари назариявӣ ва методологӣ нисбати мафҳуми назорати дохилӣ ошкор ва тафриқабадӣ карда шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки рушди устувори соҳаи парандапарварӣ тақозо менамояд, ки механизми идоракунии корхонаҳои парандапарварӣ тибқи талаботҳои иқтисодиёти муосир ба роҳ монда шаванд. Яке аз функсияҳои асосии идоракунии корхона назорати дохиликорхонавӣ мебошад, ки имконияти муайян кардани тамоюлҳо ва ошкор кардани норасогиҳои фаъолияти корхонаро фароҳам оварда, қарорҳои идоракуниро асоснок мекунад. Дар шароити амалкунии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, ки ба моликияти хусусӣ асос ёфтаанд, нуфузи назорати дохилӣ хеле боло меравад. Муаллиф ба он ишора менамояд, ки таҳқиқи масъалаи назорати дохилиро дар корхонаҳои парандапарварӣ аз асосноккунии категорияи иқтисодии «назорат» ва мавқеи он дар низоми идоракунии корхона мебояд шурӯъ намуд. Муаллиф қайд менамояд, ки моҳияти назорати дохилӣ вобаста ба равишҳои гуногун таҳқиқ карда шуда, таърифи муаллифии назорати дохилӣ ва системаи назорати дохилӣ дода шудааст. Инчунин мавқеи системаи назорати дохилӣ дар низоми идоракунии корхона таҳқиқ ва баррасӣ карда шудааст.

Калидвожаҳо: система, ҷараён, маросимҳо, банақшагирӣ, ҳисоботи молиявӣ, баҳисобгирии бухгалтерӣ, назорати дохилӣ, системаи назорати дохилӣ, низоми идоракунӣ, қабули қарорҳои идоракунӣ, самаранокӣ, натиҷанокӣ.

СИСТЕМА ВНУТРЕННЕГО КОНТРОЛЯ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ

В статье выявлены и классифицированы теоретические и методологические подходы к понятию внуреннего контроля; понятие внутреннего контроля. Автор отмечает, что устойчивое развитие птицевоческой отраслы требует, чтобы механизм управления птицеводческих предприятий был организован в соответствии с требованиями современной экономики. Один из основных функций управления предприятия является контроль внутри предприятия, который будет обеспечивать возможность определения тенденций и выявления недостатков в деятельности предприятий и обосновать управленческие решения. В условиях функционирования различных форм хозяйствования, которые основаны из частного имущества, будет возрастать влияние внутреннего контроля. Автор указывает на то, что исследование проблем внутреннего контроля в птицеводческих предприятиях нужно начинать с обоснования экономической категории “контроля” и его позиции в системе управления. Автор отмечает, что с различных точек зрения была исследована сущность внутреннего контроля и дано авторское определение внутреннего контроля и системы внутреннего контроля. Также было изучено место системы внутреннего контроля в системе управления предприятием. В данном понятии взята на заметку основная особенность системы, которая считается очень важной при описании исследования объектов системы.

Ключевые слова: система, процесс, процедуры, планирование, финансовая отчетность, бухгалтерский учет, внутренний контроль, система внутреннего контроля, система управления, принятие управленческих решений, эффективность, результативность.

INTERNAL CONTROL SYSTEM: THEORETICAL ASPECTS

The article identifies and classifies theoretical and methodological approaches to the concept of internal control; the concept of internal control. The author notes that the sustainable development of the poultry industry requires that the management mechanism of poultry enterprises be organized in accordance with the requirements of the modern economy. One of the main functions of enterprise management is control within the enterprise, which will provide the ability to identify trends and identify shortcomings in the activities of enterprises and justify management decisions. In the conditions of functioning of various forms of management, which are based on private property, the influence of internal control will increase. The author points out that the study of the problems of internal control in poultry enterprises should begin with the substantiation of the economic category of “control” and its position in the management system. The author notes that the essence of internal control was investigated from various points of view and the author's definition of internal control and the internal control system was given. The place of the internal control system in the enterprise management system was also studied. In this concept, the main feature of the system is taken into account, which is considered very important in describing the study of system objectsd.

Keywords: system, process, procedures, planning, financial reporting, accounting, internal control, internal control system, management system, management decision-making, efficiency, effectiveness.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Манучеҳри Нозимии Раҷабзода*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. E-mail: **nozimi@yandex.ru.** Телефон: **987-11-99-99**

Сведение об авторе: ***Манучехри Нозимии Раджабзода*** - Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, ассистент кафедры бухгалтерского учета, анализа и аудита. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 121. E-mail: **nozimi@yandex.ru.** Телефон: **987-11-99-99**

Information about the author: ***Manuchekhri Nozimiya Rajabzoda*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddina Aini, Assistant of the Department of Accounting, Analysis and Audit. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. E-mail: **nozimi@yandex.ru.** Phone: **987-11-99-99**

УДК 338.438(575.3)

ҲОЛАТ ВА РОҲҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Назаров М.С., Ҳакимов С.Н.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Асри XXI давраи ташаккули фарҳангу технологияи навин буда, бо назардошти афзуншавии аҳолии сайёраи Замин ниёзмандии инсоният ба неъматҳои моддӣ бештар мегардад. Дар давраи муосир пешрафти ҷомеа аз стратегияи давлатӣ дар бахши иқтисодӣ бештар вобастагӣ дорад. Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми корӣ дар раванди иқтисодӣ ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи иқтисодиёт дере нагузашта самар овард, ки дар ин ҷода заҳмату талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беандоза бузург мебошад.

Таъмини бехатарии озуқаворӣ дар даҳсолаҳои охир чун бахши муҳимми иқтисодӣ мавриди омӯзиш ва чораҷӯиҳои зарур дар пешбурди зиндагии мардум қарор гирифта, он дар баробари истиқлолияти энергетикӣ, саноатикунонии босуръати кишвар ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ба самтҳои асосии стратегияи давлатӣ дар ҷодаи рушди кишвар ворид карда шудааст.

Чуноне ки И.С. Фасеҳзода қайд намудаанд, робитаҳои байниминтақавии озуқаворӣ сатҳи рушди муосирро нишон дода, тақсимоти воқеии меҳнатро дар комплекси агросаноатӣ муайян намуда, алоқамандии комплексҳои минтақавии озуқаворӣ, ки ҳамчун муносибатҳои иқтисодии истеҳсолот зуҳур ёфтаанд, инчунин амалигардонӣ ва мубодилаи намудҳои якхелаи озуқаро миёни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони он баррасӣ менамояд [11,с.214-218].

Пиризода Ҷ.С., Ҷалилов Ш.Н., Махмадиев Ф.Б. “... Нақш ва мавқеи бозори маҳсулоти аграрӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ, ки муҳимтарин ҷузъи системаи амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ва истиқлолияти миллӣ ҳисобида мешавад. Моҳияти ин мафҳум, инчунин, ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ҳалли масъала ошкор карда мешаванд. Тадбирҳои пешниҳодкардаи муаллифон барои рушди бозори мутамаддини агроозуқаворӣ шароити зарурӣ фароҳам меоранд ва асоси боэътимоди таъминоти озуқавории тамоми аҳолии кишварро таъмин месозанд» [7,с.68-74].

Бо назардошти мушкилиҳои ҷойдошта дар самти бехатарии озуқавории мамлакат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Ҳукумати кишвар дастур доданд, ки доир ба дастгирии соҳаи кишоварзӣ, бахшҳои коркарди маҳсулоти он ва ҳавасманд намудани кишоварзон баҳри истифодаи самараноки захираҳои обу замин тадбирҳои иловагӣ андешанд, инчунин тавассути ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати азхудкунӣ ва обёрии заминҳои нав чораҷӯӣ карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини иқтисоди миллӣ буда, таъмини яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумат, яъне амнияти озуқавории мамлакат, асосан аз сатҳи рушди он вобаста мебошад [1,с.13-14].

Дар аксар кишварҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ низ мушкилоти таъмини озуқаворӣ дида мешавад. Дар баробари ин, мо бояд дурнаморо ба инобат гирифта, маҳсулоти озуқавориро аз хориҷи кишвар неву, балки истеҳсолоти ватаниро ба монанди давлатҳои тараққикарда, хусусан ИМА ва Франсия – бештар аз 100%, Олмон – 93%, Италия – 78%, Япония 50%, Руссия -49,3% ба роҳ монем [10,с.95].

Бехатарии озуқаворӣ ҳолате мебошад, ки дар он давлат қобилияти қонеъ намудани талабот ба озуқаро дар сатҳи муътадили ҳаётгузаронии аҳолӣ кафолат медиҳад. Мафҳуми «сатҳи муътадили ҳаётгузаронии аҳолӣ» дар доираи илм аз нуқтаи назари рушди инсонӣ шарҳ дода мешавад, ки барои саломатии инсон ва дарозумрии он аҳамият дорад. Яъне, дар ин ҳолат, бехатарии озуқаворӣ дар захира намудани озуқа ё таъмини истеҳсоли ватании он баҳри ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунанда инъикоси ҳақиқии худро наёфта, балки аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ дар дигаргун сохтани таркиби истеъмолоти аҳолӣ бо

бехтар гардонидани сифати озуқа баҳри нигоҳ доштани саломатии инсон бештар бояд шарҳ дода шавад. Аз ҳамин ҷиҳат ҳам таъмини бехатарии озуқаворӣ асоси рушди инсонӣ ва нерӯи он баромад мекунад.

Таъмини бехатарии озуқаворӣ, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, фурӯш, инчунин ҳалли мушкилоти дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии озуқаворӣ хусусияти системавӣ дорад. Мавҷудияти маҳсулоти озуқа ба ҳар нафар аҳолӣ ба воситаи тарози (баланси) озуқаворӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар тарози (баланси) озуқаворӣ ҳар кадом маҳсулоти асосии озуқа аз ҷиҳати мавҷудияти умумии худи маҳсулот ва истеъмоли он дар давраи муайян нишон дода мешавад, ки маъмулан як солро дар бар мегирад. Нишондиҳандаи мавҷудияти озуқаворӣ дар миқёси миллӣ ба ҳисоби миёна оварда шудааст ва дар он манбаи дастрас будан ба хонавода (имконияти истеҳсол, дарёфт кардан ё гирифтани озуқа бо ҳар усул) ба назар гирифта намешавад [2,с.21].

Дар шароити ҷаҳонишавии хоҷагии ҷаҳонӣ истиқлолияти иқтисодии ҳар як мамлакат хоссияти нисбиро доро мебошад, аммо дар муқаррароти зерин истиқлолияти иқтисодӣ ҳамчун имконияти назорати самарабахши захираҳои худӣ ва соҳиб шудани чунин дараҷаи рақобатпазирии иқтисодие мебошад, ки ҳалли ҳамаи мушкилиҳои фаъолияти ҷамъият ва давлатро таъмин менамояд.

Бехатарии озуқаворӣ ҳамон вақт таъминшуда ҳисобида мешавад, ки агар озуқавории мувофиқ (аз ҷиҳати миқдор, сифат, бехавфӣ ва аз нуқтаи назари иҷтимоию фарҳангӣ маъқул) мавҷуд ва дастрас буда, ҳамаи мардум доимо барои таъмини ҳаёти солим, чунин озуқавориро қаноатмандона истеъмол кунанд. Бехатарии озуқаворӣ қисми таркибии бехатарии иқтисодӣ буда, мақсади асосии он истифодаи самараноки захираҳо дар роҳи комёбшавӣ ба тавозуни бозорӣ, яъне талабот ва таклифоти озуқаворӣ, таъмини ашёи хом барои соҳаҳои коркардабарорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ мебошад ва ин на танҳо бо истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва имконияти харидории онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, балки бо қобилияти таъминнокии аҳолии кишвар ба маҳсулоти зарурии озуқаворӣ мебошад. Бо ин мақсад меъёрҳои тиббии истеъмолӣ ва санитарӣ барои назорати озуқаворӣ бояд дар сатҳи давлатӣ баррасӣ карда шаванд. Масъалаи мазкурро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар нанамуда, соли 2018 бо қарори худ барои истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ меъёрҳои тавсиявӣ муқаррар намуд, ки онро дар ҷадвали 1 муфассал шарҳ додаем.

Ҷадвали 1. Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018

Physiological recommendation of basic food products per capita in the Republic of Tajikistan

№	Номгӯи маҳсулот	Грамм дар як шабонарӯз	Килограмм дар як моҳ	Килограмм дар як сол
1	Нон ва маҳсулоти нонӣ, ярмаҳо, лӯбиёгиҳо	404,7	12,1	147,7
2	Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ	111,9	3,4	40,8
3	Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ	24,6	0,7	9,0
4	Шир ва маҳсулоти ширӣ	316,0	9,5	115,3
5	Тухм (дона)	0,5	15,0	180,0
6	Равған (растанӣ, чарбу)	46,2	1,38	16,6
7	Қанд	54,8	1,6	20,0
8	Сабзавот ва полезиҳо	455,0	13,7	166,1
9	Мева ва буттамева	340,0	10,2	124,1
10	Картошка	252,0	7,6	92,0
11	Чой	5	0,15	1,8

Сарчашма: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018, №451.

Дар баробари ин, ҳангоми муайян намудани вазъи бехатарии озуқаворӣ масъалаҳои зерин низ бояд ба назар гирифта шаванд: ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ватанӣ, ашёи хоми ватанӣ, талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ тибқи меъёрҳои Ташкилоти

умумиҷаҳонии тандурустӣ муқарраршуда, сатҳи худтаъминкунӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ тибқи меъёрҳои илман исботшуда бо назардошти шароити табиӣ ва иқтисодии макони зист [3,с.31].

Давлат вазифадор аст, ки барои аксарияти аҳолӣ дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии намудҳои асосии озуқавориро тибқи меъёрҳои ба таври илмӣ асосёфта фароҳам орад. Аз ин рӯ, муносибати методологии таҳқиқи бозори озуқаворӣ аз мамлакатҳои Ғарб, ки низоми ташаккулёфтаи муносибатҳои бозорӣ доранд, набояд нусхабардорӣ карда шавад. Низоми муносибатҳои иқтисодӣ дар шароитҳои хоҷагидории нимбозорӣ ва нимнатуралӣ муносибати замонавии навро талаб мекунад. Ин муносибат бояд бо менеҷменти самарабахш, захираҳои иттилоотӣ ва худи низоми ташкили муносибатҳо дар маҷмӯи озуқаворӣ асос ёфта бошад. Низоми идоравӣ бояд хусусиятҳои зеринро ба ҳисоб гирад:

-менталитети мавҷудаи аҳолӣ оид ба ташаккули захираҳо, ки ба натурализатсияи фаъолияти хоҷагӣ меорад;

-фаъолияти ғайрирасмии миёнаравӣ, ки иттилоотро таҳриф намекунад, вале ба баланд шудани нархҳои маҳсулоти озуқаворӣ таъсир мерасонад.

-тавассути фурӯшандаҳои фардӣ дар бозор фурӯхтани маҳсулоти озуқаворӣ, ки ҳаҷми онро баҳо додан номумкин аст;

-робитаи суст дар байни бахшҳои истеҳсолӣ ва истеъмолии иқтисодӣ.

Роҳҳои ноил шудан ба таъминоти озуқавориро нишон дода, қайд менамоям, ки ҳар як давлат ва Тоҷикистон низ истисно нест, ки асоси «бехатарии озуқаворӣ»-ро тибқи хусусиятҳои он, ҳамчунин тибқи нақши анъана, тарзи зиндагӣ ва психологияи аҳолӣ ташкил медиҳад.

Дар навбати худ, зарур аст ки аз ҳисоби ба вуҷуд овардани муносибатҳо ва муттаҳид намудани онҳо, чораҳо оид ба такмили низоми идораи тамоми соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва кор карда баровардани низоми чорабиниҳо доир ба баланд кардани устувории робитаи дуҷонибаи воҳидҳои низоми агробизнеси мамлакат ва минтақаҳо иҷро шавад. Бо озуқаворӣ таъмин будани аҳолӣ яке аз роҳҳои асосии муайян кардани вазъи бехатарии озуқаворӣ мебошад. Дар умум вазъи бехатарии озуқаворӣ мамлакатро ду нишондиҳанда муайян мекунад:

-ҳаҷми умумии захираҳои ғалладонагӣ (миқдори зарурии захираи солона то ҳосили оянда);

-истеҳсоли молҳои дигари озуқаворӣ ба ҳисоби миёна ба сари аҳолӣ.

Новобаста ба афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ (9,3 млн. нафар) истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ба сари аҳолӣ дар даврони истиқлолият рӯ ба беҳбудӣ овардааст, ки мо дар ҷадвали 2 бо пуррагӣ шарҳ додаем.

Ҷадвали 2. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як нафар аҳолӣ, кг
Table 2. Production of agricultural products per capita, kg

	1991	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**
Ғалладона	54,3	159,6	164,8	166,1	163,8	143,5	150,4
Картошка	32,3	103,4	105,0	103,9	88,6	106,9	105,7
Сабзавот	112,1	187,6	197,2	202,2	210,4	234,8	232,0
Полизӣ	31,2	66,1	70,1	68,7	71,4	71,1	74,5
Меваҳо ва буттамеваҳо	31,6	41,3	35,4	42,1	45,8	49,6	50,4
Ангур	21,6	22,9	24,1	24,8	25,8	26,7	26,3
Гӯшт (дар вазни кушташуда)	13,4	12,0	13,2	27,0	28,2	29,0	29,0
Шир	104,9	103,5	105,2	106,2	107,5	108,9	106,4
Тухм, дона	81,1	42,4	42,3	39,0	38,6	49,9	77,1

Сарчашма: Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. -С.15.

Чуноне, ки аз ҷадвали мазкур ба мо маълум гашт истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як нафар аҳолии кишвар ба истиснои тухм дар бештари маврид нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 1991 рушд ёфтааст. Яъне ғалладона аз 54,3 ба 150,4 кг, картошка аз 32,3 ба 105,7 кг, сабзавот аз 112,1 ба 232,0 кг, зироати полезӣ аз 31,2 ба 74,5 кг, меваҷот

аз 31,6 ба 50,4 кг, ангур аз 21,6 ба 26,3 кг, гӯшт аз 13,4 ба 29,0 кг, шир аз 104,9 ба 106,4 кг ва тухм бошад, мутаассифона каме пасттар гаштааст, яъне аз 81,1 ба 77,1 дона.

Ҷадвали 3. Таъминнокии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳсулоти кишоварзӣ (таносуби фоизи бо меъёри тавсияшавандаи истеъмол 1 кг/одам дар як сол)
Table 3. Supply of agricultural products to the population of the Republic of Tajikistan (ratio of recommended percentage of consumption to 1 kg / person per year)

Навъҳои маҳсулот	Меъёри тавсияшавандаи истеъмол 1 кг/одам дар як сол	СОЛҲО					
		2017		2018		2019	
		Ба сари аҳолӣ, кг.	Сатҳи таъмин будан, %	Ба сари аҳолӣ кг.	Сатҳи таъмин будан, %	Ба сари аҳолӣ, кг.	Сатҳи таъмин будан, %
Ғалла маҳсулоти ғалладонагӣ	**147,7**	166,1	112,4	143,5	97,1	150,4	101,8
Сабзавот ва обчакорӣ	**166,1**	270,9	163,0	106,9	64,3	232,0	252,1
Картошка	**92,0**	103,9	112,9	234,8	255,2	105,7	63,6
Мевагӣ ва ангур	**124,1**	66,9	53,9	71,1	57,2	76,7	61,8
Шир ва маҳсулоти ширӣ	**115,3**	106,2	92,1	49,6	43,0	106,4	92,2
Гӯшт ва маҳсулотӣ гуштӣ	**40,8**	27,0	66,1	26,7	65,4	29,0	71,0
Тухм (дона)	**180,0**	39,0	21,6	29,0	16,1	77,1	42,8

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маводи маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020”

Дар солҳои 80-уми асри XX пас аз муваффақиятҳои **«инқилоби сабз»**, ки ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ мусоидат намуд, эътироф карда шуд, ки норасоии маҳсулоти хӯрокворӣ ва ҳатто гуруснагӣ, аксаран на аз сабаби коҳиши якбораи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ба вуҷуд омадааст, балки аз сабаби паст шудани даромади қишрҳои муайяни ҷамъият, яъне талаботи харидорӣ ба амал меояд. Аз ҳамин сабаб, ба мафҳуми «бехатарии озуқаворӣ» аломатҳое чун дастрасии воқеӣ ва иқтисодии аҳолӣ ба озуқаворӣ низ дохил шудаанд.

Тибқи ақидаи Пиризода Ҷ.С., Ҷалилов Ш.Н., Маҳмадиев Ф.Б. «…амнияти озуқавории давлат – ин ҳолати иқтисодиёти кишвар мебошад, ки дар он мустақилияти озуқаворӣ таъмин карда мешавад, дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии маҳсулоти ғизоӣ барои ҳар як шаҳрванди кишвар кафолат дода мешавад, ки ба талаботи қонунгузории давлатӣ мушаххас дар бораи танзими техникӣ, дар ҳаҷм, на камтар аз меъёри оқилонаи истеъмоли маҳсулоти ғизоӣ, ки барои тарзи ҳаёти фаъол ва солим зарур аст, мувофиқ мебошад. Таъмини мустақилияти озуқавории давлатӣ муайян аз ҳисоби истеҳсоли усутувори ватанӣ ба амал меояд. Тибқи ин таъриф, миқдори озуқаворие, ки барои таъмини амнияти ғизоӣ камикунанда аст, бояд тавассути воридот харидорӣ карда шавад» [7,с.68-74].

Бехатарии иқтисодӣ ба таъмини аҳолии мамлакат бо маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва озуқаворӣ оварда мерасонад, дар баробари ин бештар бехатарии озуқаворӣ ва истиқлолият айният дода шуда, дар ин маврид манбаъҳои озуқаворӣ ва қобилияти харидории аҳолӣ ба назар гирифта намешаванд.

Ташкил додани низоми идоракунии устувор аз гуногуншаклии таркибҳои бозорӣ ҷудо намудани унсурҳои инфрасохтории низомташкилкунанда ва дар соҳаҳо муттаҳид намудани онҳоро дар назар дорад. Ҳангоми вобаста бо мувозинаи тақозо ва арзаи маҳсулот ва вазъи иҷтимоии харидорон, низоми таҳлил ва пешгӯии рушди бозори озуқаворӣ, тағйир наёфтани роҳҳои ташаккулёбии нархҳо, давлат ин вазъро танзим мекунад. Ба яке аз роҳҳои танзим дар ин ҳолат ҷорӣ кардани сиёсати нархӣ дохил мешавад. Пеш аз иҷро намудани ин мақсад санҷиши саривақтии бозори озуқавории минтақа, ба ҳисоб гирифтани иқтидори он ва пешгӯйии рушд бо роҳи дар марказҳои

шаҳру ноҳияҳо ташкили Марказҳои санҷиши сифатӣ ва консалтинг (мониторинги консалтингӣ) зарур мебошад.

Дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта таҷрибаи чандинсолаи дастгирии молиявии хоҷагиҳои фермерӣ нишон дод, ки афзоиши ёрии пулии давлат ба ин хоҷагӣ мисли истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ самарабахш нест. Маҳз барои ҳамин гузариш ба модели нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар он нархҳои ҷаҳонӣ асосӣ мебошанд, зарурати бо мақсади дастгирии нархҳои дохилӣ аз буҷет ҷудо намудани маблағи зиёдро ба вуҷуд овард. Вале аз ин пас ҳатто дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта имконнопазир будани давом додани пулҷудокунии соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб гирифта шуда, дар аксари онҳо зарурати дида баромадани принсипҳои бунёдии сиёсати аграрӣ пайдо шуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи молҳои озуқаворӣ дар ҳаҷми умумии содирот дар моҳҳои январ-декабри солҳои 2018-2019-ум мутобиқан 2,3 ва 2,8%-ро ташкил кардааст [2,с.20].

Дар воридот таносуби онҳо хеле зиёд буда, мутобиқан, 19,6 ва 20,5%-ро ташкил дод. Молҳои асосии воридшаванда аз инҳо иборатанд: гандум ва орд, ки таносуби бештарро ташкил медиҳанд, қанду шакар, равғани растанӣ маҳсулот аз орд (макарон, угро, макарони қӯчқорак, нон, кулчаҳои қандин (пирожниҳо ва печениҳо), маҳсулоти ширӣ, тухм ва ғайраҳо [2,с.20].

Воридоти молҳои озуқаворӣ дар соли 2019 нисбат ба соли 2018-ум 13,9% зиёд шудааст, аз он ҷумла воридоти тухм 17,2%, орд 81,8%, равғани растанӣ 24,2%, гандум 7,0%, макарон, угро, макарони қӯчқорак 29,8%, чой 13,7%, қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ 39,3%, шарбату меваю сабзавот 40,8%, шир ва маҳсулоти ширӣ 1,2%. Зимнан, дар ин давра воридоти меваҷот ва бехмеваҳо 4,2%, картошка 88,5%, сабзавот 72,0% ва сабзавоти консервашуда, қайлаҳои помидор 33,3% кам шудааст [2,с.20].

Молҳои асосии воридшаванда аз инҳо иборатанд: гандум ва орд, ки таносуби бештарро ташкил медиҳанд, қанду шакар, равғани растанӣ, сабзавот, меваҷот, картошка, маҳсулот аз орд (макарон, угро, макарони қучқорак, нон, кулчаҳои қандин) маҳсулоти ширӣ, тухм, чой ва ғайраҳо (нигаред ба ҷадвали 4).

Ҷадвали 4. Содироту воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии савдо дар моҳҳои январ-декабри солҳои 2018-2019

Table 4. Exports and imports of basic food products and their share in total trade in January-December 2018-2019

(ҳазор тонна)

	Содирот		**2019 ба ҳисоби фоиз нисбат ба 2018**	**Воридот**		**2019 ба ҳисоби фоиз нисбат ба 2018**
	2018	**2019**		**2018**	**2019**	
Молҳои озуқаворӣ	145,2	131,8	90,8	1623,7	1849,6	113,9
Аз онҳо:						
Гандум	-	-	-	1018,9	1090,2	107,0
Орд	-	-	-	4702	85,8	181,8
Қанду шакар ва маснуоди қандӣ	0,07	0,05	71,4	116,7	162,6	139,3
Макарон, угро, макарони қӯчқорак ва ғайра	0,16	-	-	13,4	17,4	129,8
Равғани растанӣ	0,11	-	-	80,9	100,5	124,2
Шир ва маҳсулоти ширӣ	-	0,02	-	8,2	8,3	101,2
Тухм, дона	-	-	-	34,4	40,3	117,2
Чой	-	0,1	-	5,1	5,8	113,7
Картошка	0,02	0,03	150,0	32,2	3,7	11,5
Сабзавот	84,8	84,5	99,8	39,5	10,9	28,0
Меваҷот ва бехмеваҳо	48,7	18,5	38,0	28,4	27,3	95,8
Шарбати мева ва сабзавот	0,07	-	-	4,9	6,9	140,8
Сабзавоти консервашуда,	0,03	0,03	100	0,3	0,2	66,7

қайлаҳои помидор						
Ҳиссаи маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҳаҷми умумӣ, ба ҳисоби фоиз	2,3	2,8	121,7	19,6	20,5	104,6

Сарчашма: Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №4-2019. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. –С.21.

Чуноне ки аз ҷадвали мазкур маълум гашт дар соли 2018 145,2 ҳазор тонна ва дар соли 2019 бошад 131,8 ҳазор тонна моли озуқаворӣ содирот карда шудааст. Масалан, қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ 0,05, шир ва маҳсулоти ширӣ 0,02, чой 0,1, картошка 0,03, сабзавот 84,5, меваҷот ва бехмеваҳо бошад 18,5 ҳазор тонна. Воридоти молҳои озуқаворӣ бошад дар соли 2018 ба 1623,7 ҳазор тонна ва дар соли 2019 ба 1849,6 ҳазор тонна мерасид, аз ҷумла: гандум 1018,9 ҳазор тонна дар соли 2018 ва 1090,2 ҳазор тонна дар соли 2019, орд мувофиқан 47,2 ва 85,8, қанду шакар 116,7 ва 162,6, макарон, угро, макарони қучқорак ва ғайра 13,4 ва 17,4, равғани растанӣ 80,9 ва 100,5, шир ва маҳсулоти ширӣ 8,2 ва 8,3, тухм 34,4 ва 40,3 млн. дона, чой 5,1 ва 5,8 ҳазор тонна, картошка нисбатан кам 32,2 ва 3,7 ҳазор тонна, сабзавот низ нисбатан камтар яъне 39,5 ва 10,7 ҳазор тонна воридот гардид [2,с.21]. Ҳарчанде ки таъмини маҳсулоти озуқавории ватанӣ нисбати солҳои 1997-1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2019 хеле пеш рафтааст, вале ҳоло ҳам ҳиссаи баъзан маҳсулоти озуқавории воридотӣ аз меъёр зиёд ба назар мерасад.

Воридоти молҳои озуқаворӣ дар соли 2019 нисбат ба соли 2018 13,9% зиёд шудааст, аз ҷумла воридоти гандум 7%, орд 81,8%, қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ 39,3%, макарон, угро, макарони қучқорак ва ғайра 29,8%, равғани растанӣ 24,2%, тухм 17,2%, чой 13,7%. Зимнан дар ин давра воридоти картошка 88,5%, сабзавот 72% кам шудааст [4,с.21].

Дар баробари ин, чи тавре ки А.А. Солеҳзода қайд менамояд, махсусан тавсеа додани дастрасӣ ва саҳм дар таъмини фаровони маҳсулоти озуқа, сифат ва бехатарии он дар асоси гузариш ба дараҷаи баланди саноатикунонӣ ва рушди босуботи соҳаи аграрӣ, дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар асоси ислоҳоти соҳаро ташкил медиҳанд [9,с.5-9].

Чуноне ки муҳаққиқон Фасеҳзода И.С. ва Сайдалиев Х.А. қайд намудаанд, истифодаи самараноки обу замин ва зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бе ворид намудани технологияи нав ва риояи қоидаҳои муосири агротехникии парвариши зироатҳо ғайриимкон мебошад [12,с.95-99].

Аз ин ҷо таъминоти бехатарии иқтисодӣ ҳалли як қатор масъалаҳоро дар назар дорад:

– ташкил намудани шароитҳои устувори иқтисодӣ барои рушди бозори озуқавории мамлакат;

–гузаронидани сиёсати самарабахши агроозуқаворӣ;

– таъмини имкониятҳои баробар барои ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ;

– гузаронидани сиёсати дурусти миллӣ дар соҳаи бо кор таъминкунии аҳолӣ;

– амалӣ гардонидани сиёсати иҷтимоии давлат, ки ба решакан кардани камбизоатӣ ва нобаробарӣ дар бобати дастрасӣ доштан ба озуқавории хушсифат, ҳамчунин истифодаи он равона шудааст;

– ба даст овардани истеҳсолоти устувор, муътадил ва гуногуни озуқаворӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва самарабахшии меҳнат;

– амалӣ намудани стратегияҳои рушди соҳаҳои маҷмӯи агросаноатӣ бо мақсади зиёд намудани имкониятҳои маҳаллии истеҳсоли озуқаворӣ

– ба дохил кардани технологияҳои пешқадам дар соҳаи истеҳсолот, коркардкунӣ, нигоҳдорӣ ва фурӯши ашёи хом ва озуқаворӣ мусоидат намудан;

– истифода бурдани афзалиятҳои тақсимоти байналхалқии меҳнат;

– гузаронидани фаъолияти иқтисодиёти хоричӣ, мувозина байни фаъолияти содиротию воридотӣ;

– сармоягузории соҳаи аграрӣ.

Умуман, бехатарии озуқаворӣ яке аз қисматҳои муҳимми бехатарии иқтисодии мамлакат ба ҳисоб рафта, бо маҷмӯи шароитҳои иқтисодӣ ва иҷтимоие таъмин мешавад,

ки бо рушди хоҷагии аҳолӣ ва тамоми маҷмӯи озуқаворӣ, ҳамчунин бо вазъи умумии иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ алоқаманд мебошад.

Ҳамин тавр, метавон қайд кард, ки барои ҳалли масоили бехатарии озуқаворӣ амалӣ намудани маҷмӯи чораҳо лозим мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад зарур аст, ки ҳамкории давлатӣ-хусусӣ мустаҳкам гардад, ҳамчунин ислоҳоти институтсионалии бо рушди иқтидори иқтисодии мамлакат алоқаманд гузаронида шаванд ва, пеш аз ҳама, дар натиҷаи истифодаи самарабахши заминҳои корам ва истифодаи технологияҳои муосир дар соҳаи комплекси агросаноатӣ вобаста мебошад.

Муқарриз: н.и.и., дотсент Тағоев Ҷ.Ҳ.

АДАБИЁТ

1. Ашуров И.С. Амнияти озуқавории Тоҷикистон / И.С. Ашуров // Рушди босуботи комплекси агросаноатӣ – омили муҳимми таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конфренсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ (12-13 майи соли 2017). – Қӯрғонтеппа, 2017. – С.21-34.
2. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ. Бюллетени оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2019. -№4. -170 с.
3. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. – С. 24-25.
4. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2020.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» санаи истифодашуда: 28.12.2012 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, №643, 18 05 2009 с. –Душанбе, 2016. -С.6-9.
6. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26.12.2018.
7. Пиризода Дж.С. Роль и место рынка агропродукции в обеспечении продовольственной безопасности / Пиризода Дж.С., Ш.Н. Джалилов, Ф.Б. Махмадиев // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. – 2020. -№2(64). -С.68-74.
8. Солехзода А.А. Факторы, влияющие на уровень продовольственной безопасности / А.А. Солехзода, И.С. Фасихов // Научные исследования: Ключевые проблемы III тысячелетия. –М., 2016. -№8(9). - С.15-23.
9. Солеҳзода А.А. Ҷабҳаҳои стратегии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар Тоҷикистон / А.А. Солеҳзода, И.С. Фасеҳзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2018. -№3. -С. 3-8.
10. Сайдалиев Х.А. Бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва тамоюлҳои рушд / Х.А. Сайдалиев / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2019. –С.94-99.
11. Фасеҳзода И.С. Моҳияти механизми иқтисодии хоҷагидорӣ ва таҳаввулоти он дар рушди босуботи иқтисодӣ / И.С. Фасеҳзода, Х.А. Сайдалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№7. –С.214-218.
12. Фасеҳзода И.С. Роҳҳои такмили истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар рушди истеҳоли маҳсулоти озуқаворӣ / И.С. Фасеҳзода, Х.А. Сайдалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. -№10. –С.113-119.
13. Фасеҳзода И.С. Нақши идоракунии давлатӣ дар таъмини маҳсулоти озуқавории ватанӣ / И.С. Фасеҳзода, Х.А. Сайдалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№1. -С.95-99.
14. Шамсов Дж.И. Формирование регионального рынка молока в Республике Таджикистан / Дж.И. Шамсов, И. Шерхон // Журнал «Наука и образование сегодня» Российская Федерация. –М., 2020. -№11(58). -С.17-22.
15. Шарифов З.Р. Основы рыночной экономики и формирование хозяйственного комплекса АПК / З.Р. Шарифов. - Душанбе: Ирфон, 2008. -444 с.
16. Шарипов К.К. Аграрная реформа – основа устойчивого развития сельского хозяйства: автореф. дис… на соискание ученой степени канд. экон. наук / К.К. Шарипов. – Душанбе, 2004. –24 с.

ҲОЛАТ ВА РОҲҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола оид ба таҳия ва татбиқи стратегияи бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дурнамои дарозмӯҳлат сухан меравад. Масъалаҳое, ки бояд дар стратегия дарҷ ёбанд, аз ҷумла дастрасии физикӣ ва иқтисодӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ, ҳифзи муҳити зист ва идоракунии самарабахш, риояи меъёрҳои агротехникӣ ва дар маҷмӯъ, истифодаи дурусти захираҳои замини ҷумҳурӣ ва афзалиятҳои кишвар дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии органикӣ пешниҳод карда шудаанд. Расидан ба ҳадафҳои умумимиллӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизо, кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ маркази масъалаҳоро дарбар мегиранд. Дар мақола асоснок карда шудааст, ки дар шароити кунуни истифодаи самараноки обу замин ва зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ бе ворид намудани технологияи нав ва риояи қоидаҳои муосири агротехникии парвариши зироатҳо ғайриимкон мебошад. Инчунин роҳҳои ҳалли масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар мамлакат пешниҳод гардидаанд. Хулоса карда шудааст, ки барои ҳалли масоили бехатарии озуқаворӣ амалӣ намудани маҷмӯи чораҳо лозим мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад зарур аст, ки ҳамкории давлатӣ-хусусӣ мустаҳкам гардад, ҳамчунин ислоҳоти институтсионалии бо рушди иқтидори иқтисодии мамлакат алоқаманд гузаронида

шаванд ва, пеш аз ҳама, дар натиҷаи истифодаи самарабахши заминҳои корам ва истифодаи технологияҳои муосир дар соҳаи комплекси агросаноатӣ вобаста мебошад.

Калидвожаҳо: бехатарии озуқаворӣ, дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ, кишоварзӣ, комплекси агросаноатӣ, таъминнокӣ, таъминнокии аҳолии мамлакат ба маҳсулоти ватанӣ, таъмини корхонаҳои саноатӣ ба ашёи хом, рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ, рушди босуботи иқтисодиёт.

СОСТОЯНИЕ И ПУТИ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается вопрос о необходимости разработки и реализации стратегии продовольственной безопасности в Таджикистане на долгосрочную перспективу. Предлагаются вопросы, которые должны быть включены в стратегию, в том числе физическая и экономическая доступность качественного продовольствия, сохранение экологических норм и эффективного менеджмента, соблюдение агротехнических норм и, в целом, использование преимуществ страны в производстве органической сельскохозяйственной продукции. Достижение стратегических целей, доступность продовольствия населению, снижение уровня бедности и развитие агропромышленного сектора составляют основу исследования. В статье обосновано, что в современных условиях эффективного использования земельных и водных ресурсов увеличение объема производства сельскохозяйственной продукции невозможно без внедрения новых технологий и соблюдения агротехнических норм выращивания культур. Также предложены пути обеспечения продовольственной безопасности в стране. Сделано заключение, что для решения проблем продовольственной безопасности необходимо принять ряд мер. Для достижения заявленной цели необходимо расширение государственно-частного партнерства, а также проведение институциональных реформ, связанных с укреплением экономического потенциала страны, эффективным использованием пахотных земель и использованием современной технологии в агропромышленном производстве.

Ключевые слова: продовольственная безопасность, доступность продовольствия, агротехнические нормы, продовольственное обеспечение, норма потребления, сельское хозяйство, снабжение промышленных предприятий сырьем, развитие дехканских хозяйств, устойчивое экономическое развитие.

CONDITION AND WAYS TO ENSURE FOOD SECURITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article discusses the need to develop and implement a long-term food security strategy in Tajikistan. It proposes questions that should be included in the strategy, including the physical and economic accessibility of high-quality food, the preservation of environmental standards and effective management, compliance with agricultural standards, and in general the use of the country's advantages in the production of organic agricultural products. Achievement of strategic goals, availability of food to the population, poverty reduction and development of the agro-industrial sector form the basis of the study. The article justifies that in modern conditions of effective use of land and water resources and increase in agricultural production, it is impossible without the introduction of new technologies and compliance with agricultural standards for growing crops. Ways to ensure food security in the country are also proposed. It was concluded that a number of measures were needed to address food security. To achieve the goal, it is necessary to expand public-private partnerships, as well as institutional reforms related to the potential of the country's human resources, the effective use of arable land and the use of modern technology in the agro-industrial complex.

Keywords: food security, availability of food, agrotechnical standards, food supply, consumption rate, agriculture, supply of industrial enterprises with raw materials, development of dekhkan farms, export of domestic products to the country, sustainable economic development.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Назаров Муродали Солиҳович*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, докторанти (Ph.D)-и кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: **(+992) 986-07-97-97; 935-37-37-44.** E-mail: **dilshod.04.1986@mail.ru**
Ҳакимов Саъдулло Назриевич - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи таҳлили иқтисод. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: **(+992) 919-13-31-71.** E-mail: **sadullo-61@mail.ru**

Сведение об авторах: ***Назаров Муродали Солихович*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, докторант (Ph.D) кафедры экономической теории. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Нахимова, 64/14. Телефон: **986-07-97-97; 935-37-37-44.** E-mail: **dilshod.04.1986@mail.ru**
Хакимов Саъдулло Назриевич - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры экономического анализа **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 919-13-31-71.** E-mail: **sadullo-61@mail.ru**

Information about the authors: ***Nazarov Murodali Solikhovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, doctoral student (Ph.D) of the Department of Economic Theory. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Avenue, 64/14. Phone: **(+992) 986-07-97-97; 935-37-37-44**. E-mail: **dilshod.04.1986@mail.ru**
Khakimov Sadullo Nazrievich - Tajik State Financial and Economic University, Assistant of the Department of Economic Analysis **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Avenue, 64/14. Phone: **(+992) 919-13-31-71.** E-mail: **sadullo-61@mail.ru**

УДК 338.48

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА В УСЛОВИЯХ РЫНКА

Давлатзода Д.А., Сахибов Е.Н.
Российско-Таджикский (славянский) университет

Международная практика туризма со временем доказала, что независимо от осуществляемого вида развитие туризма (массовый туризм или альтернативный туризм), рано или поздно повлечет за собой ряд последствий, как на социальном, так и на экологическом уровне. Безусловно, массовый туризм является основным, ответственным за наиболее заметные и глубокие воздействия, по крайней мере, на уровне места пребывания, причем эти воздействия носят в основном негативный характер (разумеется, есть исключения, обусловленные особенностями самого места пребывания). Альтернативный туризм ("современный" или "пост-массовый") пытается избежать традиционные массовые туристические направления, фокусируя свое внимание на ответственном отношении и этическом поведении своих потребителей при участии в новых формах туризма. Большинство новых форм туризма основаны на принципах устойчивого развития.

Концепция “устойчивого развития” является сложной, а также оспариваемой на международном уровне.

Появившаяся в начале 80-х годах XX-века концепция “устойчивого развития” - такое развитие, которое удовлетворяет потребности настоящего времени, но не ставит под угрозу способности будущих поколений удовлетворять свои собственные потребности [16,с.7].

В 1993 году Организация Объединенных Наций приняла решение о формировании Международной комиссии по окружающей среде и развитию с главной целью - охранять природную среду и применять принципы устойчивого развития. Первый доклад, подготовленный этой комиссией, касался определения понятия "устойчивое развитие", которое основывалось на докладе Г.Х. Брунтланн 1987 г. Были установлены принципы и законы устойчивого развития, которые были сгруппированы в пять основных направлений, касающихся: охраны природной среды, биоразнообразия и человеческого наследия, защиты, развития, исчезновения мирового экономического неравенства [1,с.47].

Возникшая концепция устойчивого развития в туризме за последние три десятилетия является относительно новой. Концепция приняла форму "устойчивого туризма", как отрасли со значительным увеличением важной экономической деятельности, индустрии туризма, научных исследований и исследований в области окружающей среды.

В “повестке дня на XXIв” - отмечается, что под устойчивым развитием туризма понимается процесс, происходящий без нанесения ущерба туристическим ресурсам, это в условиях нашей республики возможно при таком управлении ресурсами, которое обеспечивает их возобновление с такой же скоростью, с какой они используются, либо переходом на возобновляемые ресурсы и быстровозобновляемые.

Идея принятия концепции устойчивого развития в области туризма возникла в начале 90-х годов, что породило “устойчивый туризм” - область, которая быстро приобрела важное значение, как в научных кругах и исследованиях, так в индустрии туризма.

“Устойчивый туризм” в принципе отделяет себя от массового туризма и частично ассоциируется с альтернативными, современными (постмассовыми) формами туризма. Иными словами, устойчивый туризм является в первую очередь противоположностью массовому туризму.

Он определяется как "позитивный подход, направленный на снижение напряженности и трений, создаваемых сложностью взаимодействия между индустрией туризма, туристической, природной средой и местными сообществами, как хозяевами туристических объектов" [7,с.349].

Первым крупным направлением в области туризма стал новаторский доклад "За пределами Зеленого горизонта", который определил устойчивое развитие в туризме, как:

"...туризм и связанные с ним инфраструктуры, которые в настоящем времени, так и в будущем, должны работать в пределах природных возможностей для восстановления и воспроизводства природных ресурсов. Вклад людей и общин, их обычаи и образ жизни, должны вноситься в туристический опыт. Общины должны иметь равные права участвовать в экономических выгодах от туризма, руководствуясь пожеланиями местных жителей и общин в принимающих регионах".

Принцип устойчивого развития туризма заключается в диссоциации массового туризма и ассоциировании в той или иной форме с некоторыми формами альтернативного туризма. Иными словами, устойчивый туризм можно рассматривать просто, как противоположность классическому туризму. Стоит отметить, что некоторые эксперты считают, что "устойчивое развитие туризма" в их понимании означает, когда речь идет обо всех аспектах развития, или под "устойчивым развитием туризма" понимаются некоторые аспекты составляющих туризм [3,с.125].

Устойчивое развитие туризма является требованием и в то же время тенденцией современной эволюции, его интеграцией в экономическую и социальную динамику. В подходе принимающих регионов устойчивый туризм удовлетворяет потребности в улучшении ресурсов для будущих поколений, направленный на комплексное управление всеми ресурсами, параллельно с экономическими потребностями, социальными и эстетическими, не ставя под угрозу целостность культурных, биологических и экологических процессов.

Устойчивое развитие туризма объединяет три элемента: качество, преемственность и сбалансированность. Качество заключается в том, что устойчивый туризм является ценным опытом для посетителей в контексте улучшения качества жизни общин и привлечение внимания к природной среде. Устойчивый туризм не может существовать без преемственности природных ресурсов, культуры и обычаев принимающих общин. Кроме того, устойчивый туризм направлен на обеспечение баланса между индустрией туризма, туризмом и потребностью в энтузиастах окружающей среды и местных общин [7,с.345].

В широком смысле может быть определен ряд целей устойчивого туризма: повышение качества жизни принимающих общин, равенство между поколениями, охрана окружающей среды, обеспечение культурной целостности, создание высококачественных впечатлений для посетителей.

Устойчивый туризм развивается на основе ряда руководящих принципов: доступ к туризму для большого числа людей, солидарность между поколениями и внутри поколения, качество, охрана окружающей среды услуг с участием всех заинтересованных сторон, последовательная и согласованная разработка политики, анализ воздействия и использование результатов исследований. Принципы, действующие в зависимости от темпов роста туризма и их применения, основаны на мотивации, снижающей негативные последствия.

Само понятие «туризм» - это быстро растущее явление, ставшее одной из крупнейших отраслей в мире. Влияние туризма чрезвычайно разнообразно. С одной стороны, туризм играет важную, положительную роль в социально-экономическом и политическом развитии стран, предлагая новые возможности трудоустройства для жителей. Кроме того, в некоторых случаях это может способствовать более широкому культурному взаимообмену путем создания различных историко-культурных маршрутов, с другой стороны, жалобы от туристических маршрутов в связи с массовым негативным воздействием на окружающую среду, культуру и жителей. Исходя из этого, спрос породил более устойчивое развитие туризма. Поэтому все стороны должны участвовать в процессе развития устойчивого туризма. Стоит отметить, что сама индустрия туризма должна предпринимать шаги для повышения ее устойчивости. Одним из важнейших аспектов в концепции “устойчивого развития” является экология [10,с.314].

Туризм не является, как утверждают многие, экологически чистой отраслью. Основной проблемой является отсутствие общего понимания того, что такое устойчивый туризм или "экотуризм". Эта двусмысленность приводит к нарушениям экологических норм и стандартов. Следовательно, экологические проблемы эволюции от туризма многообразны. Прежде всего, туристическая индустрия – это использование природно-рекреационных ресурсов.

Следовательно, интересы туристического сектора часто будут вступать в конфликт с местными стандартами и методами землепользования. Развитие индустрии туризма будет означать повышенную нагрузку на природно-рекреационные ресурсы [9,с.210]. Увеличение притока туристов приведет к конкуренции между хозяйствующими субъектами туристической индустрии за природно-рекреационные ресурсы.

Туристическая деятельность подразумевает более интенсивное использование природно-рекреационных ресурсов. Инвесторы и туристы не имеют в большинстве случаев представления о том, как использовать природно-рекреационные ресурсы на устойчивой основе, а в дальнейшем это приводит к деградации природно-рекреационных ресурсов. Туристическая отрасль также является крупным производителем отходов. Большинство туристических регионов развивающихся стран не уделяют внимания должным образом удалению сточных вод и твердых отходов.

Благодаря развитию туристической отрасли увеличилось использование транспорта с целью передвижения туристов и, следовательно, произошло увеличение выбросов загрязняющих веществ в атмосферу.

Международный туризм действует как катализатор перехода от традиционного образа жизни к так называемым современным, западным формам общества. Соответственно, туризм часто влечет за собой введение новых поведенческих тенденций и норм. Очень часто они противоречат традиционным нормам, существующим в принимающей стороне, могут вступать в конфликт с ее культурной самобытностью и угрожают традиционным системам ценностей [2,с.22]. Проблема в том, что инвесторам необходимо понимание и изучение инвестируемого региона. Существует необходимость в более глубоком осознании того, что создание новых гостиниц и т.д. будет иметь свои последствия для общества и людей, которые живут в этой среде.

В целом, индустрия туризма должна заниматься продвижением устойчивости в качестве отличительной черты для инвесторов. Говоря более конкретно, инвесторы в туристической отрасли должны стремиться к тому, чтобы взять на вооружение экологически безопасные технологии или другие меры по минимизации потребления местных грунтовых вод, например: использование для воды сберегающего оборудования, системы опреснения воды и сбора. Использование других видов ресурсов на устойчивой основе, конечно, также имеет решающее значение. Необходимо использовать экологические материалы и устанавливать возобновляемые источники энергии [8,с.9].

Для предотвращения или сведения к минимуму воздействия химических веществ на почву, воду и здоровье человека следует начать использовать экологически безопасные методы. Экологические методы должны применяться во всех областях.

Загрязнение грунтовых и прибрежных вод необходимо предотвращать и внести соответствующие рекомендации (возможно, даже законодательство) для туристических хозяйствующих субъектов, чтобы они могли инвестировать в надлежащие очистительные сооружения. Надлежащие системы удаления отходов и способы разделения отходов на органические и неорганические должны быть разработаны. Органические отходы можно компостировать и, возможно, повторно использовать в садах гостиниц или даже для местного сельского хозяйства. Это можно сделать путем сотрудничества с местными жителями. Жители могли бы организовывать и управлять выделенными свалками и, следовательно, извлекать выгоду из системы в получение оплаты от отеля за оказанные услуги. Система разделения различных материалов и утилизация некоторых из них на свалке еще больше сокращает количество отходов.

Чтобы избежать деградации природно-рекреационных ресурсов туристические проекты могут помочь в финансировании охраняемых территорий и защитить экологически регионы от дальнейшего ухудшения окружающей среды. Расширение прав и возможностей местного населения и обеспечение его участия во всем процессе устойчивости будет заключаться в обеспечении по мере того, как она принимается местными общинами и адаптируется к ним. Кроме того, охраняемая территория может, безусловно, будет подходящим туристическим

аттракционом, где туристы смогут познакомиться с удивительной природой и узнать о сохранении и о традиционном использовании природных ресурсов на данной территории [12,с.51].

Инвесторы, занимающиеся туризмом, должны всегда уважать традиционную систему землевладения в данной области и традиционное использование системы ресурсов. В связи с этим, коммуникации и консультации с местным населением в вопросах использования ресурсов имеют важное значение. Туристическая индустрия должна поощрять проекты, совместимые с культурной самобытностью образа жизни местного населения. Кроме того, туристический сектор должен всегда действовать в соответствии с культурным наследием и уважать культурную целостность туристических направлений.

Путем разработки местных программ обучения и создания образовательных проектов, индустрия туризма может обеспечить трудоустройство квалифицированного местного населения в своих проектах. Следует обучать местных жителей вместо иностранцев, чтобы стать проводниками благодаря своим знаниям в этой области и ресурсам. Инвесторы должны реагировать на знания, способности и навыки, которые имеются в местных общинах. Зачастую такие знания и навыки хорошо подходят для использования в туристической деятельности, будь то рыбалка, продажа сувениров или курсы танцев для туристов и т.д.

Чтобы ограничить утечку иностранной валюты, лица, ответственные за туристические проекты, должны покупать местные ресурсы для своих проектов. Надлежащее изучение имеющихся местных ресурсов позволит быть выгодным как для промышленности, так и для местных жителей. Значительное место занимает готовность начать производство новой продукции, если рынок для этой продукции существует. Туристический сектор должен также принять меры по предотвращению утечки иностранной валюты путем принятия обязательств по реинвестированию справедливой доли местной прибыли. Инициативы, направленные на увеличение числа проектов по развитию местных общин, должны быть следующими, для этого необходимо:

- Туристическая индустрия должна содействовать развитию малого и среднего туризма, предприятий, которые, по сравнению с крупными гостиницами и т.д., оказывают гораздо более умеренное воздействие на окружение.

- Отрасль несет ответственность за то, чтобы действовать в качестве модели для сообществ, чтобы показать, что это возможность вести бизнес, одновременно защищая природные ресурсы.

- Отрасль также должна содействовать и оказывать поддержку местным общинам в открытии бизнеса, связанного с туризмом, и предоставлять доступ к кредитам под низкие проценты.

В этих пунктах внимание было сосредоточено на том, что может сделать сама индустрия туризма для того, чтобы дополнить и улучшить свой экологический, культурный, социальный и экономический профиль, а также обеспечить его устойчивость. Однако, усилия отрасли не могут быть успешными без глубокого сотрудничества со всеми заинтересованными сторонами.

В рамках отрасли важно, чтобы в нее были включены как мелкие, так и крупные туристические операторы, которые в сотрудничестве участвовали бы в решении проблем, связанных с развитием туризма. Как было отмечено, что устойчивое развитие туристической отрасли может быть обеспечено только при участии всех местных жителей в странах назначения. В этой связи, обмен успешным опытом в реализации проектов в области устойчивого туризма является важным фактором. Наконец, необходим междисциплинарный подход к проблеме использования местных, региональных и международных консультативных форумов.

Для того чтобы туризм стал устойчивой индустрией, государства, регионы и отдельные лица должны работать с новыми технологиями, концепциями управления природными ресурсами, маркетинга и инвестиционной деятельностью. В идеале, планирование и осуществление туристических проектов на основе широкого участия, станут частью процессов реализации местных повесток дня на XXI век. Для обеспечения вовлечения местного населения

и сохранения местных культур, развитие устойчивого туризма должно быть таким образом, чтобы вовлекались все заинтересованные стороны в развитии туризма на всех соответствующих уровнях с целью развития туристических услуг, которые планируются, управляются и пересматриваются принимающим обществом в будущем [2,с.17].

Следует отметить, что устойчивый туризм является одной из форм альтернативного туризма, основанного на следующих принципах:

а) минимизация воздействия туристической деятельности на окружающую среду с целью достижения экологической устойчивости, путем содействия сохранению и усилению охраны природы путем возврата части доходов в охраняемую территорию.

Практика использования форм туризма, не оказывающих воздействия на окружающую среду.

б) имитация негативного воздействия туристической деятельности на местное сообщество и его членов с целью достижения социальной устойчивости.

Развитие тех форм туризма, которые не расстраивают и не нарушают повседневную жизнь населения на туристическом объекте. Предотвращение возникновения враждебных ситуаций.

в) минимизация негативного воздействия туристической деятельности на культуру местных общин с целью достижения культурной устойчивости.

Развитие туризма, способного определить подлинность и индивидуальность местных культур, которые необходимо сохранить и не нарушать их насыщения "внешними" культурными воздействиями [15,с.29].

г) максимизация экономических выгод местного населения в результате развития туризма с целью получения экономической устойчивости.

Один из важнейших принципов устойчивого туризма, призванного служить защите и экономическому развитию местных общин и охраняемых территорий.

д) образование, подготовка, информация.

Просвещение туриста путем повышения его осведомленности и учета его воздействия, с тем чтобы улучшить личное отношение к окружающей среде и уменьшить его воздействие.

Это включает компонент экологического образования (для посетителей, местных жителей, местной администрации, сельского и городского населения, и т.д.), который, помимо интерпретационного компонента, имеет решающее значение на уровне экотуризма, как с точки зрения продукта, так и с точки зрения местной администрации.

е) местный контроль - базовый принцип устойчивого туризма.

Падидаи қарздиҳӣ дар Рими қадим вуҷуд дошт ва дорои мазмуни комилан дигар буд, ки як гурӯҳи муомилотро барои бегонакунии молу мулк (pecunia credita) дар асоси таъҷилӣ ва баргардонидан ифода мекард. Ба ғайр аз қарз (мутум), он анбор (депозит), қарз (коммодатум) ва иҷораи молу мулкро дар бар мегирифт.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, қарз ҳамчун муносибати байни агентҳои иқтисодӣ оид ба интиқоли арзиш дар шакли воқеӣ ё пулӣ баррасӣ карда мешавад, агар он дар оянда ҷуброн карда шавад. Дар таърифи зикршуда, хусусиятҳои муҳим инҳоянд:

- интиқоли арзиш. Муносибатҳои қарзӣ интиқоли арзишро бидуни ҳаракати муқобили эквивалент дар назар доранд;

- ҷуброн дар оянда. Арзиш ба ивази уҳдадории ҷуброни маблағи эквивалент дар оянда интиқол дода мешавад.

К.Т. Трофимов зикр менамояд, ки моҳияти иқтисодии кредит дар вазифаҳои он зоҳир мешавад. Ҳамчун як қисми молия, муаллиф чунин мешуморад, ки қарз худи ҳамон се вазифаро, ки худи молия доро мебошад, иҷро мекунад: 1) ташаккули маблағҳо ва гирифтани маблағҳо; 2) истифодаи маблағҳо ва пардохтҳо; 3) функсияи назорат. Ба андешаи К.Т. Трофимов, қарз категорияи мустақили молиявӣ буда, вазифаҳои хосси худро дорад: 1) ҷамъоварии маблағҳои муваққатии озод; 2) функсияи тақсимотӣ; 3) иваз кардани пули нақд бо пули ғайринақдӣ дар муомилоти пулӣ.

К.П. Победоностсев моҳияти иқтисодии муносибатҳои қарзиро ба назар гирифта, шартномаи қарзро ҳамчун «шартнома дар бораи баргардонидани маблағи барои истеъмол гирифташуда» тавсиф кард.

Ба маънои ҳуқуқӣ, мафҳуми кредит на ҳамеша бо аҳамияти иқтисодии он рост меояд. А.А. Сапожков қайд мекунад, ки муносибатҳои зиёде мавҷуданд, ки илми иқтисод онҳоро қарз ҳисобида метавонад, аммо аз нигоҳи ҳуқуқӣ, инҳо қарз маҳсуб намеёбанд, масалан, векселҳо, маблағгузорӣ бар ивази таъйиноти талаби пулӣ нестанд.

Шартномаи кредит вобаста ба моҳият ва хусусиятҳои фаркунандаи худ, аз он ҷумла вобаста ба субъект ва предмети худ аз дигар шартномаҳои граждани ба куллӣ фарқ менамояд. Шартномаи кредит, вобаста ба табиати ҳуқуқии худ, ба сифати шартномаи консенсуалӣ, музднок ва дутарафа эътироф карда шудааст.

Қарз - маблағе, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба қарзгир бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба муҳлати муайян дода шудааст [12,с.20]. Тибқи м. 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” аз 19 майи соли 2009 таҳти №524 [2] қарз ин маблағе мебошад, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба қарзгир бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба муҳлати муайян дода шудааст.

Дар баробари ин, мутобиқи Дастурамал “Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ”, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2011 таҳти №73 тасдиқ шудааст, қарз маблағи пулие мебошад, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба муштарӣ бо шартҳои муҳлатнок, пардохти фоиз ва баргардонидан дода мешаванд.

Дар қонунгузории бонкӣ истилоҳи “кредит” вуҷуд надорад. Додани “қарз” ҳамчун навъи алоҳидаи амалиёти бонкӣ муқаррар гардидааст. Кредити бонкӣ дар қонунгузории граждани бештар истифода бурда мешавад ва сабаби асосӣ ба ин тарз номгузорӣ намудани ин амалиёти бонкӣ ва шартнома дар он зоҳир мегардад, ки тафовут миёни шартномаи қарз ва шартномаи кредит таъмин гардад ва хусусиятҳои хосси онҳо аз ҳамдигар фарқ карда шаванд.

Кредити бонкӣ – ин амалиёти фаъоли бонкӣ, ҷалб кардан ва ҷобаҷогузории маблағҳои пулӣ аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва аз номи худ ва таваккалӣ бо шарти

баргардонидан, пардохт ва муҳлатнокӣ додани маблағи пулӣ мебошад. Аз мафҳуми зикршудаи кредити бонкӣ якчанд хусусиятҳои онро муайян кардан мумкин аст:

а) додани қарз ё кредит ин амалиёти фаъоли бонкӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми анҷом додани ин амалиёт бонк ва дигар ташкилоти қарзӣ (кредитӣ) ба сифати кредитор баромад мекунад;

б) бонк ва дигар ташкилоти қарзӣ кредитро на аз ҳисоби маблағҳои худӣ, балки аз ҳисоби маблағҳои ҷалбнамуда медиҳад. Бонк ва ташкилотҳои дигари қарзӣ маблағҳои пулиеро ба кредит медиҳанд, ки ин маблағҳо тавассути анҷом додани дигар амалиёти бонкӣ – ҷалби амонат ва пасандоз ба миён омадаанд. Ин хусусият яке нишонаҳои муҳимми кредити бонкӣ мебошад, ки онро аз қарз фарқ мекунонад;

в) додани кредит ба се шарти асосӣ – баргардонидани маблағи пулӣ, пардохтнокӣ (яъне пардохти фоиз) ва муҳлатнокӣ асос меёбад.

Ба андешаи О.В. Боброва, "кредити бонкӣ ин намуди бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзимшудаи фаъолияти касбии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ мебошад, ки ба ҷалб ва додани маблағҳои пулии худӣ ва вобастаи субъектҳои муносибатҳои кредитӣ бо шартҳои муҳлатнок, музднокӣ ва баргардонидан равона карда шудааст" [4,с.5].

Ба андешаи А.М. Тавасиев ва Н.Д. Эриашвили, принсипҳои асосии кредити бонкӣ баргардонанда, музднок ва муҳлатнок будан мебошанд [18,с.208].

Ба сифати принсипҳои иловагии кредити бонкӣ баъзе муҳаққиқон принсипи истифодаи мақсаднок ва таъминнокӣ [5,с.150], принсипи тобеияти муомилоти кредитӣ ба меъёрҳои қонунгузорӣ ва қоидаҳои бонкӣ, принсипи ивазнашавандагии шартҳои кредит, принсипи манфитнокии дуҷонибаи муомилоти кредитӣ [18,с.208], принсипи додани кредит бо мақсадҳои иҷрои чорабиниҳои хоҷагидорӣ, принсипи самаранокии кредит, принсипи додани воситаҳо мутобиқи барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ, принсипи тафовутгузорӣ (дифференсиатсия) ва принсипи бевоситагии муомилоти пардохтиро [20,с.95-98] муайян намудаанд.

О.И. Лаврушин вижагиҳои низомҳои муосири кредитиро таҳлил намуда, як қатор шартҳои ба амал баровардани кредити бонкиро муайян намудааст: а) риояи талаботе, ки ба унсурҳои асосии кредит равона карда шудаанд (субъект ва объекти кредит, шакли таъмини кредит); б) мутобиқати манфиатҳои тарафҳои муомилоти кредитӣ; в) имконияти татбиқи гарав ва мавҷудияти кафолат; г) таъмини манфиатҳои бонки тиҷоратӣ; ғ) банақшагирии муносибати байниҳамдигарии тарафҳои муомилоти кредитӣ [5,с.252-254].

Дар адабиёти илмӣ таснифи дигари принсипҳои кредити бонкӣ мавҷуд аст. Ба андешаи О.В. Боброва, принсипҳои кредити бонкӣ ба намудҳои зайл тасниф карда мешаванд:

1) принсипҳои императивӣ (муҳлатнок, музднок, баргардонидан, озодии шартнома, манъи яктарафа рад намудани иҷрои уҳдадорӣ ё яктарафа тағйир додани он), яъне принсипҳое, ки дар қонунгузорӣ мустаҳкам шудаанд;

2) принсипҳои шартномавӣ – талаботе, ки тарафҳои кредити бонкӣ ба созиш омадаанд (таъминнокӣ ва мақсаднокӣ);

3) принсипҳои фардӣ-субъективӣ, яъне қоидаҳои инфиродӣ, ки ба гурӯҳи принсипҳои якум ва дуюм шомил намешаванд (сифати қарздор, ботартиб ва дар алоҳидагӣ, имкониятҳои касбии қарздори оянда, син ва вазъи саломатии муштарӣ) [4,с.10].

Нисбат ба бонкҳои тиҷоратӣ бояд қоидаҳои махсус барои додани кредит аз тарафи онҳо муқаррар карда шаванд. Ба сифати ин қоидаҳо ва шартҳо принсипҳои додани кредити бонкӣ баромад намуда метавонанд. Дар қонунгузории бонкӣ мустаҳкам намудани принсипҳои кредити бонкӣ дорои аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ мебошад. Принсипҳои кредити бонкӣ асос ва ғояҳои бунёдие мебошанд, ки моҳияти кредити бонкиро ифода менамоянд. Принсипҳои махсуси кредити бонкӣ (муҳлатнокӣ, баргардонанда будан ва музднокӣ) бояд бевосита дар қонунгузорӣ муайян карда шаванд. Дигар принсипҳои кредити бонкӣ дар қонунгузории граждани пешбинӣ гардидаанд ва гурӯҳи дигар бошад, бо хоҳиши тарафҳои кредити бонкӣ дар шартномаи бастаи онҳо муайян карда мешавад.

Бо ҳамин мақсад, пешниҳод менамоем, ки ба Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ё м. 839 КГ ҶТ илова ворид карда шуда, принсипҳои муҳлатнок, баргардонанда ва музднокии кредити бонкӣ муқаррар карда шаванд.

Муқарриз: *Қурбонов Қ.Ш.* – д.и.ҳ., профессори ДМТ

АДАБИЁТ

1. Алексеев С.С. Об объекте права и правоотношения // Вопросы общей теории советского права / С.С. Алексеев. – М., 1960. – С. 297.
2. Ахбори Маълиси Олии Љумњурии Тољикистон, с. 2009, №5, мод. 331; с. 2010, №7, мод. 555; с. 2011, №12, мод. 846; с. 2013, №11, мод. 786; с. 2014, №11, мод. 663; с. 2018, №7-8, мод. 532.
3. Баринов Н.А. Услуги. Социально-правовой аспект: монография / Н.А. Баринов. – Саратов, 2001. – С. 9.
4. Боброва О.В. Правовые основы государственного регулирования банковского кредитования: автореферат на соискание степени к. ю. н. / О.В.Боброва. - Саратов, 2000. -С. 5.
5. Банковское дело: Учебник/Под ред. О. И. Лаврушина. -М., 2003. -С. 243, 253; Богомолов А.М. Судебная финансово экономическая экспертиза по делам о незаконном получении кредита и банкротстве / А.М. Богомолов. - М., 2002. -С.33; Сапожков А.А. Кредитные преступления: Незаконное получение кредита и злостное уклонение от погашения кредиторской задолженности / А.А. Сапожков. - СПб., 2002. -С. 82-83; Волженкин Б.В. Преступления в сфере экономической деятельности (экономические преступления) / Б.В. Волженкин. -СПб., 2002. -С. 250; Тадеев А.А.. Банковское право (конспект лекций) / А.А.Тадеев, В.А. Парыгина. - М., Прориздат, 2004. -С. 149-150.
6. Грушевая Е.П. Обязательство по предоставлению услуг в хозяйственных отношениях / Е.П. Грушевая // Советское государство и право. – 1982. – № 1. – С. 82.
7. Зайцева Н.В. Договор по оказанию медицинских услуг: дис. … канд. юрид. наук / Н.В.Зайцева. – Волгоград, 2004. – С. 7–8.
8. Индюков Н.П. Услуга как объект гражданского правоотношения / Н.П. Индюков // Проблемы права социалистической государственности и ее социального управления. – Свердловск: УрГУ, 1978. – С. 32-33.
9. Кочерга А.И. Сфера обслуживания населения: монография / А.И. Кочерга. М.: Мысль, 1979. – С. 67.
10. Кротов М.В. Обязательство по оказанию услуг в советском гражданском праве: монография / М.В. Кротов. – Л., 1990. – С. 56.
11. Кванина В.В. Договор на оказание возмездных услуг: учебное пособие / В.В. Кванина. -Челябинск, 2002. -С.31.
12. Мирзоев П.З. Ҳуқуқи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Васоити таълимӣ / П.З. Мирзоев. -Душанбе: ЭР-граф, 2014. -С. 20.
13. Пучков Е.А. Правовое регулирование договора возмездного оказания услуг: дис. … канд. юрид. наук / Е.А. Пучков. – М., 2006. – С. 12.
14. Петров А.И. Договор возмездного оказания консультационных услуг: дис. ... канд. юрид. наук / А.И. Петров. – Рязань, 2004. – С. 50.
15. Степанов Д.И. Услуги как объект гражданских прав: монография / Д.И. Степанов. – М., 2005. – С. 217.
16. Санникова Л.В. Обязательства об оказании услуг в российском гражданском праве: монография / Л.В. Санникова. – М.: Волтерс Клувер, 2007. – С. 16; Санникова Л.В. Обязательства об оказании услуг в Российском гражданском праве: дис. ... д-ра. юрид. наук / Л.В. Санникова. – М., 2007. – С. 9
17. Ситдикова Л.Б. Правовое регулирование отношений в сфере оказания информационных и консультационных услуг в Российской Федерации: дис. … д-ра юрид. наук / Л.Б. Ситдикова. – М., 2009. – С. 10–11.
18. Тавасиев А. М., Эриашвили Н. Д. Банковское дело /Под ред. проф. А. М. Тавасиева. -М., 2002. -С. 208.
19. Фархидинов Я.Ф. Правовое регулирование транспортно-экспедиционного обслуживания граждан: монография / Я.Ф.Фархидинов. – Казань, 1977. – С. 8-9.
20. Челноков В.А. Банки и банковские операции: Букварь кредитования. Технологии банковских ссуд. Околобанковское рыночное пространство. Учеб. для вузов / В.А. Челноков. - М., 1998. -С. 95-98.
21. Щуковская О.М. Правовое регулирование деятельности по оказанию правовых услуг: дис. … канд. юрид. наук / О.М. Щуковская. – СПб., 2001. – С. 22.
22. Шаблова Е.Г. Гражданско-правовое регулирование отношений возмездного оказания услуг: дис. … д-ра юрид. наук / Е.Г. Шаблова. – Екатеринбург, 2003. – С. 11.

МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ АСОСИИ ҚАРЗИ БОНКӢ ДАР НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МОЛИЯВӢ

Мақолаи мазкур ба масъалаи мафҳум ва аломатҳои қарзи бонкӣ дар назария ва амалияи хизматрасониҳои молиявӣ бахшида шудааст. Муаллиф қарзи бонкиро таҳлил намуда, мафҳуму моҳияти онро муайян намудааст, ҳамчунин бо истифода аз адабиётҳои илмӣ ва қонунгузорӣ масъалаи мазкур таҳлил шудааст. Дар баробари ин аломатҳои асосии қарзи бонкӣ муайян карда шудаанд. Зимни таҳлил муаллиф кӯшиш намудааст дар назария ва амалияи хизматрасониҳои молиявӣ мафҳуму аломатҳои қарзи бонкиро таҳлил намуда, фикру андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро бобати ин масъала мавриди омӯзиш қарор диҳад. Бо мақсади анҷом додани таҳқиқоти мазкур муаллиф, пеш аз ҳама, мафҳуми «хизматрасонӣ»-ро, ки дар қонунгузорӣ, аз ҷумла дар қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода бурда мешавад, шарҳ додааст. Ҳол он ки дар ягон санади меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ таърифи расмии ин мафҳум

оварда нашудааст. Масъалаи дигари баҳсталаб, муайяннамоии мафҳуми қарз дар қонунгузории кишвар аст. Қарз маблағе мебошад, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба қарзгир бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба муҳлати муайян дода шудааст. Ҳамин тавр, муаллиф бо истифода аз доираи васеи адабиётҳои илмӣ ва қонунгузорӣ мавзӯи мазкурро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Калидвожаҳо: қарзи бонкӣ, аломатҳои асосии қарзи бонкӣ, хизматрасонӣ, хизматрасонии молиявӣ, бонк, қонунгузории бонкӣ, назария ва амалияи хизматрасонии молиявӣ.

ПОНЯТИЯ И ОСНОВНЫЕ СИМПТОМЫ БАНКОВСКИХ КРЕДИТОВ В ТЕОРИИ И ПРАКТИКЕ ФИНАНСОВЫХ УСЛУГ

Данная статья посвящена понятию и характеристике банковского долга в теории и практике финансовых услуг. Автор анализирует банковский кредит и определяет его понятие и сущность, а также анализ данной проблемы с использованием научной литературы и законодательства. Наряду с определением банковской ссуды также определены ее основные характеристики. В ходе анализа автор попытался проанализировать понятие и характеристики банковского долга в теории и практике финансовых услуг, а также изучил взгляды отечественных и зарубежных ученых на этот вопрос. Для завершения исследования автор, прежде всего, разъяснил понятие «услуга», которое широко используется в законодательстве, в том числе в гражданском законодательстве Республики Таджикистан. Однако ни один нормативный правовой акт страны не дает официального определения этого понятия. Еще один спорный вопрос - определение долга в законодательстве страны. Заем - это сумма, предоставляемая кредитным учреждением заемщику на условиях выплаты процентов и погашения в течение определенного периода. Таким образом, автор проанализировал данное исследование, используя широкий спектр научной литературы и законодательства.

Ключевые слова: банковский заем; основные особенности банковского кредита; услуги; финансовые услуги; банк; банковское законодательство; теория и практика финансовых услуг.

CONCEPTS AND BASIC SYMPTOMS OF BANK LOANS IN THEORY AND PRACTICE OF FINANCIAL SERVICES

This article is devoted to the concept and characteristics of bank debt in the theory and practice of financial services. The author analyzes a bank loan and defines its concept and essence, as well as an analysis of this problem using scientific literature and legislation. Along with the definition of a bank loan, its main characteristics are also defined. In the course of the analysis, the author tried to analyze the concept and characteristics of bank debt in the theory and practice of financial services, and also studied the views of domestic and foreign scientists on this issue. To complete the study, the author first of all explained the concept of “service”, which is widely used in legislation, including in the civil legislation of the Republic of Tajikistan. However, not a single regulatory legal act of the country provides an official definition of this concept. Another controversial issue is the definition of debt in the country's legislation. A loan is an amount provided by a credit institution to a borrower on terms of interest payment and repayment within a certain period. Thus, the author analyzed this study using a wide range of scientific literature and legislation.

Keywords: bank loan; the main features of a bank loan; services; Financial services; bank; banking legislation; theory and practice of financial services.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Асрорзода Зуҳуриддин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон **937-83-00-08.** E-mail: **asrorzoda.z@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Асрорзода Зухуриддин*** – Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон **937-83-00-08**. E-mail: **asrorzoda.z@mail.ru**

Information about the author: ***Asrorzoda Zuhuriddin*** – Tajik National University, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, prospect Rudaki, 17. Phone: **(+992) 937-83-00-08**. E-mail: **asrorzoda.z@mail.ru**

УДК: 347.440.679

ШАРТНОМАИ ИҶОРАИ МОЛИЯВӢ (ЛИЗИНГ): МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Соҳибзода М.М., Ҳакимов Я.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар низоми уҳдадориҳо нақши муҳимро он уҳдадориҳое иҷро мекунад, ки барои ба муҳлати муайян (муваққатӣ) додани ашё равона шудаанд. Хусусияти ин гуна уҳдадориҳо дар он зоҳир мегардад, ки ашё муваққатан барои соҳибӣ ва истифодабарӣ дода шуда, тарафи бадастоварандаи ин ваколатҳо дар асоси ҳамин шартнома ҳаргиз соҳибмулк шуда наметавонад, ба истиснои ҳолате, ки дар асоси шартномаи иҷора минбаъд ҳуқуқи харидани ин ашёро пайдо мекунад [10,с.56].

Шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи граждани мавқеи махсус дошта, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онро ба низоми шартномаи иҷора дохил намудааст. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ оид ба мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи мазкур баҳсҳои зиёде ҷой доранд, ки таҳлили онҳо имконият медиҳад, зарурияти ин падидаро дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи граждани муайян намоем.

Оид ба мафҳуми иҷораи молиявӣ (лизинг) на танҳо дар ҳуқуқи граждани, инчунин дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ (ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи нақлиёт ва ғ.) ҳамзамон дар соҳаи иқтисодиёт ва молия низ фикру андешаҳои гуногун ва баҳсҳои зиёде ҷой доранд. Пеш аз ҳама, дар хусуси мафҳуми лизинг метавон қонунгузории кишварро мавриди баррасӣ қарор дод. Танзими ҳуқуқии лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2) аз 11 декабри соли 1999 таҳти №12, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012 таҳти №901; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» аз 22 апрели соли 2003 таҳти №9; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷора» аз 6 декабри соли 1990 таҳти №184 ва Созишнома дар бораи фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ барои васеъ намудани фаъолияти лизингӣ дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 12 октябри соли 2005 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сурат мегирад [11,с.4-14].

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)-ро дар моддаи 693 муқаррар намудааст: «Аз рӯйи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) иҷорадеҳ (лизингдеҳ) уҳдадор мешавад, ки амволи нишондодаи иҷорагир (лизинггир)-ро аз фурӯшандаи муайянкардаи ӯ ба моликият харидорӣ намояд ва ин амволро пулакӣ ба ихтиёрдорӣ ва истифодаи муваққатӣ барои мақсадҳои соҳибкорӣ пешниҳод кунад. Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, иҷорадеҳ барои интихоби амволи ба иҷора гирифташуда ва фурӯшанда ҷавобгар нест» [3].

Аз мафҳуми мазкур, чунин нишонаҳои муҳимми шартномаи мазкурро ҷудо намудан мумкин аст:

- тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) – иҷорадеҳ (лизингдеҳ) ва иҷорагир (лизинггир) мебошанд;
- иҷорадеҳ уҳдадор аст, амволи нишондодаи иҷорагирро аз фурӯшандаи муайянкардаи ӯ харидорӣ намояд;
- амволе, ки иҷорадеҳ харидорӣ менамояд, бояд ба он ҳуқуқи пурраи молумулкиро дошта бошад;
- амволи харидаро пулакӣ ба иҷорагир барои соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ диҳад;
- амвол танҳо бо мақсади соҳибкорӣ ба иҷорагир дода мешавад;
- агар иҷорадеҳ ва иҷорагир дар шартнома тартиби дигареро муқаррар накарда бошанд, иҷорадеҳ барои интихоби амволи ба иҷора гирифташуда ва фурӯшанда ҷавобгар нест, яъне муносибат байни иҷорагир ва фурӯшанда мустақилона ба вуҷуд меояд.

Аз сабаби оне, ки иҷораи молиявӣ пурра маънои лизингро дода наметавонад [12,с.148-156], мо низ минбаъд ба ивази шартномаи иҷораи молиявӣ, шартномаи лизингро истифода менамоем.

Дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» мафҳуми шартномаи лизинг ба таври зерин дода шудааст: «Шартномаи лизинг - аҳди хаттие, ки мутобиқи он лизингдеҳ ухдадор мешавад молу мулки нишондодаи лизинггирро аз фурӯшандае, ки ҳамин лизинггир муайян кардааст, ҳамчун моликият харидорӣ намуда, онро барои соҳибӣ ва истифодабарии муваққатии бо пардохт барои мақсадҳои соҳибкорӣ ба лизинггир пешниҳод намояд» [6]. Дар фарқият аз Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ, (лизинг)» на шартномаи иҷораи молиявӣ балки шартномаи лизингро муқаррар намудааст. Ҳамчунин, чунин аломатҳои фарқкунандаро дар ин мафҳум мушоҳида намудан мумкин аст:

1. шартномаи лизинг аҳди хаттӣ аст;
2. лизингдеҳ молу мулкро барои соҳибӣ ва истифодабарии муваққатии бо пардохт ба лизинггир медиҳад.

Созишнома дар бораи фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ барои васеъ намудани фаъолияти лизингӣ дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (12 октябри соли 2005 дар ш. Москва қабул шудааст) мафҳуми шартномаи лизингро ба таври дигар муқаррар намудааст: «Шартномаи лизинг - шартномаест, ки мутобиқи он шахси лизингдиҳанда уҳдадор мешавад, ки ба ивази маблағ амволеро дар ихтиёр ва истифодаи муваққатии лизинггиранда диҳад, ки тибқи шартномаи хариду фурӯш ҳамчун моликияти худ аз фурӯшанда (таҳвилгар) аз рӯйи интихоби лизинггиранда бо мақсади гирифтани фоида, даромад ё комёб шудан ба самараи дигари муфид харидорӣ намудааст. Шартномаи лизинг метавонад пешбинӣ намояд, ки интихоби фурӯшанда (таҳвилгар) ва амволи харидоришуда аз тарафи лизингдиҳанда сурат гирад» [13].

Дар баробари ин, танзими ҳуқуқии лизинг тавассути Конвенсияи УНИДРУА «Дар бораи лизинги байналмилалии молиявӣ» аз 28 майи соли 1998, ки дар шаҳри Оттаваи Канада қабул шудааст, амалӣ карда мешавад. Ҳарчанд Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи мазкурро ратификатсия накарда бошад ҳам, дар адабиёти илмӣ оид ба ин масъала андешаронӣ карда шудааст. Мафҳуми лизинг дар Конвенсияи мазкур ба таври мушаххас дода нашудааст, аммо хусусиятҳои он ба таври зерин муқаррар шудаанд:

- иҷорадеҳ тибқи мушаххасоти тарафи дигар (иҷорагир) бо шахси сеюм (фурӯшанда) шартнома мебандад, ки мувофиқи он таҷҳизот, воситаҳои истеҳсолот ё дигар таҷҳизотро тибқи шартҳои тасдиққардаи иҷорагир то он дараҷае ки талаботи ӯ қонеъ мешавад, харидорӣ менамояд;
- иҷорадеҳ бо иҷорагир шартнома (шартномаи лизинг) мебандад, ки тибқи он таҷҳизот барои истифодабарӣ ба ивази пардохти давра ба давра дода мешавад;
- иҷорагир таҷҳизот ва фурӯшандаи онро худ муайян мекунад ва ба таҷрибаю иродаи иҷорадеҳ такя намекунад;
- таҷҳизот ба иҷорагир тавассути шартномаи лизинг дода мешавад, ки таъминкунанда (фурӯшанда) аз ин огоҳ аст ва ё ин ки бояд огоҳ карда шуда бошад;
- пардохтҳои давра ба давра дар асоси шартнома бо дарназардошти фарсудашавии таҷҳизот ва ё ин ки арзиши он амалӣ карда мешавад [5].

Дар адабиётҳои илмӣ нуқтаи асосие, ки мавриди баҳс қарор гирифтааст, дар он ифода меёбад, ки шартномаи лизинг намуди алоҳидаи лизинг аст, ё ин ки як навъи шартномаи иҷора. Албатта, таҳлили Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» нишон медиҳад, ки дар кишвар шартномаи лизинг як навъи шартномаи иҷора аст ва он маҳз ба ҳамин институт ворид карда шудааст. Дар илм нуқтаҳои назари гуногун ҷой доранд.

Гурӯҳи якум, бар он назаранд, ки шартномаи лизинг шартномаи иҷораи амвол аст ва ба худ хусусиятҳои хос дорад.

Гурӯҳи дуюми олимон бар он назаранд, ки он ба шартномаи хариду фурӯш таалуқ дорад, зеро муносибати истифодабаранда ва фурӯшанда метавонад мустақилона ба вуҷуд ояд.

Сеюм гурӯҳи олимон шартномаи лизингро ба гурӯҳи шартномаҳои қарзӣ ва шартномаи дигари ҳуқуқи граждани вобаста медонанд.

Конвенсияи УНИДРУА «Дар бораи лизинги байналмилалии молиявӣ» шартномаи лизингро ҳамчун як навъи махсус (sui generis) ҷудо менамояд, аммо унсурҳои шартнома дар бораи додани таҷҳизот барои истифодаи муваққатӣ, шартномаи хариду фурӯш ва шартномаи фурӯши шартиро фаро мегирад.

Дар адабиётҳои ватанӣ низ доир ба ин нуқтаи назар олимон андешаҳои худро иброз намудаанд. Аз ҷумла Ф.С. Сулаймонов қайд менамояд, ки шартномаи иҷораи молиявӣ унсурҳои ду намуди шартномаи мустақил-шартномаи хариду фурӯш ва шартномаи иҷораро доро мебошад. Маҳаки асосии шартномаи хариду фурӯш, ки дар асоси шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) баста мешавад, дар он мебошад, ки ин ду шартнома ба сифати шартномаҳои аз ҳамдигар мустақил ва новобаста эътироф карда шуда, шартномаи хариду фурӯш нисбати шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) хусусияти аксессориро доро нест. Шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) танҳо дорои унсурҳои асосии шартномаи иҷора буда, дар асоси шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) шартномаи хариду фурӯш баста мешавад [15,с.92-93]. Албатта, аз нигоҳи аввал таҳлили шартномаи лизинг аз нигоҳи истифодабарии унсурҳои шартнома дуруст аст, ки дар он унсурҳои асосии ду шартномаи мустақил-шартномаи хариду фурӯш ва шартномаи иҷора истифода бурда мешавад, аммо таҳлили қонунгузорӣ ва адабиётҳои илмӣ нишон медиҳад, ки шартномаи лизинг хусусиятҳои дигар шартномаҳои ҳуқуқи грађаниро низ дар бар мегирад.

Дар дигар адабиёти ватанӣ чунин нишонаҳои шартномаи лизингро ҷудо менамоянд:

1. Будани мақсади маблағгузории иҷорадиҳанда, яъне бастани шартномаи лизинг бо мақсади маблағгузорӣ ба амволе, ки баъд ба иҷора дода мешавад, маблағи иҷорапулӣ ба намуди фоида аз сармоя баромад мекунад.
2. Аз ҷониби иҷорадеҳ гирифтани амволе, ки ба лизинг дода мешавад, баъди бастани шартномаи иҷора бо интихоби иҷорагир, ҳамчун қоида аз тарафе, ки иҷорагир интихоб шудааст. Дар ин ҳол иҷорадеҳ барои интихоби фурӯшанда ва предмети иҷора ҷавобгар нест.
3. Бо мақсади соҳибкорӣ аз ҷониби иҷорагир истифода бурдани ашёи лизингӣ.
4. Мувофиқи шартномаи лизинг ба соҳибият ва истифодабарии иҷорагир додани ашё [16,с.82].

Дар ин ҷо маълум мешавад, ки ба ғайр аз унсурҳои шартномаи хариду фурӯш ва шартномаи иҷора, инчунин маблағгузорӣ ҷой дорад. Мақсади лизингдиҳанда танҳо маблағгузорӣ ба шумор меравад, зеро ӯ нисбат ба амволе, ки ба иҷора дода шудааст, ҷавобгар нест, фурӯшанда ва лизинггир онро мустақилона ҳал менамоянд.

Ба андешаи Г.Ҳ. Разоқова, лизинг аз нуқтаи назари иқтисодӣ хусусиятҳои мутақобилаи шартномаҳои иҷора ва қарз, консессия ва қарз, қарз ва хариду фурӯш ва лизингҳои истеҳсолӣ, фаъолияти инвеститсионӣ ва фурӯшро соҳиб аст [8,с.27]. Албатта, дар ин ҷо аз нуқтаи назари иқтисодӣ шартномаи лизингӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, набояд фаромӯш кард, ки шартномаи лизинг хусусияти ҳуқуқӣ ва иқтисодиро дорост, аз ин лиҳоз метавон онро ҳам аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ва ҳам аз нуқтаи назари иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор дод. Тибқи ақидаи мазкур дигар хусусиятҳои шартномаи лизинг, аз ҷумла истифодабарии унсурҳои шартномаи қарз, консессия, фаъолияти инвеститсионӣ ва ғайра ба мушоҳида мерасад.

Р.С. Симинг бар ин назар аст, ки лизинг як намуди хизматрасонии молиявӣ, намуди қарзгузорӣ барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми харидани воситаҳои асосӣ мебошад. Лизингдиҳанда вазифадор мешавад, ки воситаи ба лизинг додаро аз фурӯшандаи муайяншуда харида гирад ва ба лизингистифодабаранда бо пардохти қисм ба қисми арзиш ва молики муваққатӣ диҳад [14,с.371-374]. Муаллиф дар ин ҷо лизингро ҳамчун хизматрасонии молиявӣ эътироф мекунад, ин нишон медиҳад, ки шартномаи лизинг метавонад дар худ унсурҳои шартномаи хизматрасониро дар бар гирад.

Бинобар сабаби оне, ки шартномаи лизинг аз унсурҳои шартномаҳои гуногун истифода менамояд, аз ин лиҳоз М.И. Брагинский ва В.В. Витрянский мафҳуми аҳди

лизингиро дастгирӣ менамоянд, ки тибқи он аҳди лизингӣ маҷмӯи шартномаҳое, ки барои иҷрои предмети шартномаи лизинг миёни лизингдеҳ, лизинггир ва фурӯшанда (пудратчӣ) баста мешавад [1,с.584]. Муаллифони мазкур комплексӣ будани шартномаи лизингиро эътироф намуда, онро ҳамчун аҳди лизингӣ қобили қабул шуморида, маҷмӯи шартномаҳо эътироф намудаанд.

Ба андешаи И.А. Решетник, шартномаи лизингӣ, шартномаи мустақил дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи граждани маҳсуб меёбад ва дар ин замина чунин қайд менамояд: “Шартномаи лизингӣ аз рӯйи табиати худ элементҳои гуногунро фаро мегирад, ки миёни онҳо аломатҳои асосии шартномаҳои хусусияти иҷоравидошта, шартномаи хариду фурӯш, шартномаҳои хизматрасонии ҳуқуқиро ҷудо намудан мумкин аст” [2,с.294]. Муаллиф дар ин ҷо шартномаи лизингиро ҳамчун навъи мустақили шартномаи ҳуқуқи граждани эътироф менамояд, ки то андозае қобили дастгирист, зеро шартномаи мазкур элементҳои гуногунро фаро гирифта, табиати ҳуқуқии мушаххасе надорад, ки онро ба ин ё он шартномаи ҳуқуқи граждани ворид намоем.

Аз таҳлили қонунгузории кишвар ва адабиётҳои илмӣ маълум гардид, ки шартномаи лизинг бо шартномаҳои иҷора, хариду фурӯш, қарз ва хизматрасонӣ алоқамандии зич дорад, зеро аломатҳои шартномаҳои номбаршударо метавон дар шартномаи лизинг пайдо намуд. Шартномаи лизингӣ бо доштани хусусиятҳои хосси худ аз шартномаҳои болозикр фарқ мекунад, ки ҳар яки онҳоро таҳлил намудан шарт ва зарур аст.

Имрӯзҳо алоқамандии шартномаи лизинг бо шартномаи иҷора аз ҷониби ҳамагон эътироф карда шудааст ва онро ба гурӯҳи шартномаи иҷора дохил намудаанд. Таҳлили Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” нишон медиҳад, ки шартномаи лизинг қисми таркибии шартномаи иҷора ба шумор меравад. Дар бисёр адабиётҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ падидаи мазкурро ба шартномаи иҷора вобаста медонанд. Бояд қайд кард, ки шартномаи лизинг аз шартномаи иҷора тафовут дорад. Дар ин замина М.И. Брагинский ва В.В. Витрянский тафовути шартномаи лизингро бо шартномаи иҷора чунин баён намудаанд:

- ба сифати тарафи ҳатмии шартномаи лизинг дар баробари иҷорадеҳ ва иҷорагир, инчунин фурӯшандаи амвол мавҷуд аст, ки соҳиби молу мулк буда, тарафи ҳатмии шартнома маҳсуб намеёбад, аммо уҳдадориҳои мушаххасро соҳиб аст;
- иҷорадеҳ дар фарқият аз вазъияте, ки дар шартномаи иҷора дорад, соҳиби амволи ба иҷорадодашуда маҳсуб намеёбад;
- нақши фаъолро дар уҳдадорӣ оид ба лизинг иҷорагир иҷро менамояд, ки ин хусусият дар муносибатҳои иҷоравӣ мушоҳида намешавад;
- тибқи меъёрҳои диспозитивии Кодекси граждани, ки интиқоли амволи иҷорашударо муқаррар мекунанд, амволро на иҷорадеҳ, балки фурӯшандаи он ба иҷорагир интиқол медиҳад [1,с.56].

Барои муайян намудани мавқеи шартнома дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи граждани ва муайян намудани фарқият ва тақсими онҳо ба намудҳои мустақил чор элементи зарурӣ ҷой дорад: мақсаднокӣ, предмет, субъект, мазмун [9,с.48].

А.Е. Прудникова қайд менамояд, ки бинобар сабаби амали иҷорадеҳ ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯш бо фурӯшанда, иҷорагир бо фурӯшанда ҳуқуқу уҳдадориҳои муайянро соҳиб мегардад, аз ин лиҳоз предмети шартномаи лизинг аз предмети шартномаи иҷора васеътар аст. Аммо ҳолати мазкур ба намуд ва шаклҳои шартнома вобастагӣ дорад, зеро дар баъзе намуди шартномаҳо барои амалишавии предмети он шартномаи иловагӣ баста мешавад ва барои тарафҳои уҳдадориҳои муайянро ба вуҷуд меорад [7,с.6]. Муаллиф фарқияти шартномаи лизингро аз нигоҳи предмети он муайян намудааст, ки воқеан ҳам қобили дастгирист, зеро предмети шартномаи иҷора аз предмети шартномаи лизинг фарқ мекунад. Аммо ӯ қайд мекунад, ки се унсури дигари он, яъне мақсаднокӣ, субъект ва мазмуни он аз ҳамдигар фарқ намекунанд.

Андешаи болозикр баҳснок аст, зеро субъекти шартномаи иҷора танҳо иҷорадеҳ ва иҷорагир мебошад, аммо ба сифати субъекти шартномаи лизинг, лизингдеҳ, лизинггир ва дар як навбат фурӯшанда баромад мекунад. Ҳарчанд фурӯшанда дар ин муносибат ба

сифати субъекти ҳатмӣ эътироф нашуда бошад ҳам, қонунгузорӣ ба ӯ як қатор уҳдадориҳои мушаххасро вогузор намудааст. Аз ин лиҳоз шартномаи иҷора аз шартномаи лизинг аз нигоҳи субъект низ фарқ мекунад.

Дар адабиёти илмӣ кам ба мушоҳида мерасад, ки шартномаи лизингро ба гурӯҳи шарномаи хариду фурӯш вобаста донанд, зеро шартномаи хариду фурӯшро чун шартномаи иловагӣ ҳангоми бастани шартномаи лизинг медонанд. Албатта, шартномаи лизингро ба гурӯҳи шартномаи хариду фурӯш вобаста кардан дуруст нест, зеро онҳо ҳам аз нигоҳи мақсаднокӣ, предмет, субъект ва мазмун аз якдигар фарқ мекунанд.

Дар ин замина Ф.С. Сулаймонов дуруст қайд менамояд, ки маҳаки асосии шартномаи хариду фурӯш, ки дар асоси шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) баста мешавад, дар он мебошад, ки ин ду шартномаҳо ба сифати шартномаҳои аз ҳамдигар мустақил ва новобаста эътироф карда шуда, шартномаи хариду фурӯш нисбати шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) хусусияти аксессорро доро нест [15,с.93]. Албатта, шартномаи хариду фурӯш, ки ҳангоми шартномаи лизинг баста мешавад, барои ҳуқуқи соҳибмулкӣ пайдо намудани лизингдеҳ анҷом дода мешавад ва дар оянда миёни фурӯшанда ва лизинггир метавонад уҳдадориҳои мушаххасро ба вуҷуд орад. Чи тавре ки қайд намудем, баҳри амалишавии предмети шартнома мумкин аст шартномаи иловагӣ баста шавад, яъне бинобар сабаби амалишавии предмети шартномаи лизинг шартномаи хариду фурӯш баста мешавад.

Дар баробари оне, ки аксар олимон шартномаи лизингрро ба шартномаи иҷора вобаста медонанд, инчунин ҳастанд олимоне, ки онро ба шартномаи қарз вобаста медонанд. Тибқи шартномаи қарз як тараф (қарзидиҳанда) ба тарафи дигар (қарзгиранда) ба моликият пул ё ашёи дорои аломати навъи муайянро месупорад ва қарзгиранда уҳдадор мешавад, ки ба қарздиҳанда ба таври якдафъаина ё давра ба давра ба ҳамин андоза маблағ ё баробар ба теъдоди ашёи ба қарз гирифташудаи дорои ҳамон навъ ва сифат (маблағи қарз)-ро баргардонад [3]. Аз мафҳуми додашуда маълум мешавад, ки хусусиятҳои шартномаи мазкур дар он аст, ки қарздиҳанда ба қарзгиранда маблағи пулӣ ё ашёеро ба моликият медиҳад ва қарзгиранда уҳдадор аст, ба қарздиҳанда ба таври якдафъаина ё давра ба давра маблағро пардохт намояд. Албатта, мансуб донистани шартномаи лизинг ба шартномаи қарз назар ба шартномаи иҷора дурусттар аст, аммо ин маънои онро надорад, ки шартномаи лизинг ба шартномаи қарз вобаста аст, чунки тафовути ҷиддӣ миёни онҳо ҷой дорад. Танҳо ҳангоми дар амал татбиқ намудани шартномаи лизинг баъзе аз унсурҳои шартномаи қарз татбиқ карда мешаванд.

Дар санадҳои қонунгузории Фаронса, Белгия ва Италия оид ба ин масъала, дар якҷоягӣ бо лизинг, шартҳое, ба монанди credit-bail (қарзи иҷора кредит-аренда), location-financement (лизинги молиявӣ), operazioni di locazione finanziaria (амалиёт оид ба иҷораи молиявӣ) истифода мешаванд. Дар айни замон, бисёр муаллифони аврупоӣ душвории тарҷумаи «лизинг»-ро ба забонҳои дигар эътироф мекунанд. Масалан, истилоҳи фаронсавии «credit-bail» ба маънои лизинг маъруф нест.

Аз ҷумла, дар асари Д. Кремер-Исроил «Лизинг ва қарз - иҷораи амволи манқул», ба андешаи муаллиф, тарҷумаи истилоҳи англисии «лизинг» ба забони фаронсавӣ ҳамчун «қарз-иҷора» метавонад чунин тасаввуроте пайдо кунад, ки инҳо муродифанд. Дарвоқеъ, лизинг маҷмӯи амалиёте мебошад, ки ба ихтиёри корбар додани амвол ба ивази гирифтани пардохтҳои даврӣ ва дар баъзе ҳолатҳо дохил намудани имконият (опсия) барои харид ва қарзи иҷора як қисми лизинг мебошад, ки бо санадҳои қонунгузории дахлдор муайян ва танзим карда мешавад. Ҷ. Паз чунин аломатҳои қарзи иҷора ва лизингро фарқ мекунад:

- қарзи иҷора - иҷораи таҷҳизот барои мақсадҳои касбӣ бо интихоби харид, ки аз ҷониби ташкилоти молиявӣ ё бонк амалӣ карда мешавад;

- лизинг - иҷораи амвол бо ягон мақсад бо интихоби харид, ки онро ягон ташкилоти савдо анҷом медиҳад [4,с.25].

Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки шартномаи лизинг аз шартномаи қарз тафовут дорад, зеро қарзе, ки ҳангоми шартномаи лизинг ба вуҷуд меояд, унсурҳои

шартномаи қарзро фаро гирифта наметавонад. Баръакс, ҳангоми бастани шартномаи лизинг аломатҳои шартномаи қарзро мушоҳида намудан мумкин аст.

Р.С. Симинг лизингро чун хизматрасонии молиявӣ эътироф намудааст. Аз ин ҷо ин шартномаро ба гурӯҳи шартномаи хизматрасонӣ вобаста кардан мумкин нест, зеро дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи граждани мавқеи шартномаи хизматрасонӣ алоҳида аст, мавқеи шартномаи лизинг тамоман дигар аст. Албатта, ҳангоми бастани шартномаи лизинг хизматрасонии молиявиро мушоҳида намудан мумкин аст. Харидорӣ намудани амвол аз ҷониби лизингдеҳ ва додани он ба лизинггир як навъи дастгирии молиявӣ (финансовая поддержка) мебошад, чунки маҳз амволи нишондодаи лизингирро лизингдеҳ ба моликият харидорӣ менамояд ва онро барои минбаъд пайдо намудани ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба лизинггир медиҳад. Бо ин мақсад шартномаи лизингро ба шартномаи хизматрасонӣ вобаста донистан дуруст нест, чунки баъзе аз унсурҳои шартномаи хизматрасонӣ ҳангоми бастани шартномаи лизинг ба вуҷуд меоянд.

Аз таҳлили анҷомдодашуда вобаста ба мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи лизинг дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи граждани чунин хулосаҳоро пешниҳод намудан мувофиқи мақсад аст:

1. Вобаста ба мафҳуми шартномаи лизинг дар қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва адабиётҳои илмӣ нуқтаҳои назари гуногун ҷой доранд, аз таҳлили онҳо маълум гардид, ки дар муайян намудани шартномаи лизинг баъзе ақидаҳое вуҷуд доранд, ки қобили дастгирӣ мебошанд ва баъзеи дигарашонро дастгирӣ намудан мушкил аст. Дар асоси таҳлили анҷомдодашуда чунин мафҳуми шартномаи лизингро метавон пешниҳод намуд: «Шартномаи лизинг аҳди хаттие мебошад, ки мутобиқи он лизингдеҳ уҳдадор мешавад молу мулки нишондодаи лизинггирро аз фурӯшандае, ки ҳамин лизинггир муайян кардааст, ҳамчун моликият харидорӣ намуда, онро барои соҳибӣ, истифодабарӣ ва минбаъд пайдо намудани ҳуқуқи ихтиёрдорӣ бо пардохт бо мақсадҳои соҳибкорӣ ба лизинггир пешниҳод намояд». Дар баробари ин, пешниҳод менамоем, ки мафҳуми дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» муқарраршуда бо мафҳуми болозикр мутобиқ карда шуда, мувофиқи мақсад мешуморем, ки мафҳуми шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) аз Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шавад. Зеро, аввалан, дар ин масъала қонуни махсуси соҳавӣ амал мекунад; дуюм ин ки, бо мақсади такрорнаёбии муқаррароти қонунгузорӣ аз нигоҳи техникаи қонунгузорӣ ва мутобиқ намудани он ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» анҷомдиҳии ин амал мувофиқи мақсад мебошад.

2. Вобаста ба номи шартномаи мазкур ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки истилоҳи «иҷораи молиявӣ» пурра маънои «лизинг»-ро дода наметавонад, аз ин лиҳоз мувофиқи мақсад аст, ки на шартномаи иҷораи молиявӣ, балки шартномаи лизинг истифода карда шавад.

3. Аз таҳлили анҷомдодашуда ва мафҳуми пешниҳодшуда чунин хусусиятҳои шартномаи лизингро метавон ҷудо намуд: шартномаи мазкур аҳди хаттӣ аст; мутобиқи шартномаи мазкур лизингдеҳ уҳдадор аст амволи нишондодаи лизинггирро аз фурӯшандаи муайянкардаи ӯ харидорӣ намояд; шарти харидорӣ намудан дар он аст, ки лизингдеҳ амволро ба моликият харидорӣ менамояд; амволро барои соҳибӣ, истифодабарӣ ва минбаъд пайдо намудани ҳуқуқи ихтиёрдорӣ нисбат ба он ба лизинггир медиҳад; пардохт нисбат ба амвол якдафъаина, ё ин ки давра ба давра сурат мегирад; амвол ба лизинггир танҳо бо мақсади соҳибкорӣ дода мешавад. Хусусиятҳои номбаршуда, албатта, ба мафҳуми пешниҳодшуда вобастагӣ доранд, зеро мафҳум бояд тарзе пешниҳод карда шавад, ки тамоми хусусиятҳои ҳамон падидаро фаро гирад. Албатта, назар ба хусусиятҳое, ки дигар олимон пешинҳод намудаанд, ду хусусияти навро пешниҳод намудем. Сабаби пешниҳод намудани яке аз онҳо «амволро барои соҳибӣ, истифодабарӣ ва минбаъд пайдо намудани ҳуқуқи ихтиёрдорӣ нисбат ба он ба лизинггир медиҳад» дар он аст, ки дар намуди лизинги амалиётӣ амвол ба лизингдеҳ бармегардад, дар ду намуди дигари он, яъне лизинги молиявӣ ва лизинги баргарданда амвол ба моликияти пурраи лизинггир мегузарад. Аз ин лиҳоз ваколатҳои соҳибмулкро дар мафҳуми мазкур дар алоҳидагӣ пешниҳод намудем. Дигар масъала вобаста ба пардохт мебошад, пардохт дар

шартномаи лизинг метавонад якдафъаина, ё ин ки давра ба давра бошад. Аслан, дар шартномаи мазкур пардохт давра ба давра сурат мегирад, аммо аз мафҳуми додашуда бармеояд, ки пардохт муқаррар карда шудааст, яъне якдафъаина ё давра ба давра сурат гирифтани он муқаррар нашудааст. Талаботи мазкур аз қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки пардохт метавонад якдафъаина ё давра ба давра сурат гирад, аз ин лиҳоз чунин хусусияти алоҳидаи шартномаи мазкурро ҷудо намудем.

4. Вобаста ба мавқеи шартномаи лизинг дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи граждани ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки шартномаи лизингро ба ин ё он шартнома вобаста намудан ғайриимкон аст. Дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи граждани шартномаи лизинг бо доштани хусусиятҳои худ аз дигар шартномаҳо фарқ дошта, онро ба ин ё он шартнома мансуб дониста наметавонем. Аз ин лиҳоз хуб мешуд, дар қонунгузории кишвар шартномаи мазкур аз низоми шартномаи иҷора гирифта шуда, чун шартномаи мустақили ҳуқуқи граждани эътироф карда шавад.

Муқарриз: *Шарифзода Ф.Ш.* – н.и.ҳ. дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Брагинский М.И. Договорное право. Книга вторая: Договор о передаче имущества / М.И. Брагинский, В.В.Витрянский. – М.: Статут, 2000. – С. 584.
2. Витрянский В.В. Договор аренды и его виды: прокат, фрахтование на время, аренда зданий, сооружений и предприятий, лизинг / В.В. Витрянский.- (Изд. 3-е, стереотипное). - М.: Статут, 2005. -С. 294.
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2) аз 11 декабри соли 1999 [Манбаи электронӣ] // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
4. Кабатова Е.В. Лизинг: понятие, правовое регулирование, международная унификация / Е.В. Кабатова. – М.: Наука, 1991. – С. 25.
5. Конвенция о международном финансовом лизинге // СЗ РФ. – 1999. – № 32. – Ст. 4040.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» аз 22 апрели соли 2003 [Манбаи электронӣ] // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
7. Прудникова А.Е. Договор лизинга в системе договора аренды / А.Е. Прудникова // Научный журнал КубГАУ, №104(10), 2014. – С. 6.
8. Разоқова Г.Ҳ. Самаранокии лизинги молиявӣ дар кишоварзии Тоҷикистон: дис. ... номзади илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе, 2019. – С. 27.
9. Романец Ю.В. Система договоров в гражданском праве России / Ю.В. Романец. - Норма, 2013. -С. 48.
10. Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъйиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал / М.М. Соҳибов / Зери таҳрири Ғаюров Ш.К. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе: «Графика-83», 2020. – С. 56.
11. Сохибзода М.М., Хакимов Я.Б. О понятии финансовой аренды и лизинга // XVIII International correspondence scientific specialized conference «International scientific review of the problems of Law, Sociology and Political science». (Boston. USA. January 26-27, 2021), - С. 4-14
12. Соҳибзода М.М. Мафҳум ва хусусиятҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.М.Соҳибзода, Я.Б. Ҳакимов // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №1(50). – С. 148-156.
13. Созишнома дар бораи фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ барои васеъ намудани фаъолияти лизингӣ дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 12 октябри соли 2005 [Манбаи электронӣ] // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
14. Cuming C.C. Model Rules for Lease Financing: A Possible Complement to the UNIDROIT Convention on International Financial Leasing // Uniform Law Review. – 1998. Vol. 3. – P. 371-384.
15. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми дуюм // Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – С. 92-93.
16. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми дуюм // Зери таҳрири узви вобастаи АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор О.У. Усмонов. – Душанбе: АМРИ ИЛМ, 2003. – С. 82.

ШАРТНОМАИ ИҶОРАИ МОЛИЯВӢ (ЛИЗИНГ): МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Шартномаи иҷора яке аз он созишномаҳои классикии ҳуқуқи граждани мебошад, ки дар муомилоти граждани мавқеи хосса дошта, аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи граждани баҳри қонеъ намудани манфиатҳои дахлдор баста мешавад. Мақсади шартномаи иҷора таҳвили ашё барои истифодаи муваққатӣ аст. Дар бастани чунин шартнома, одатан ҳарду ҷониб манфиатдоранд. Мақолаи мазкур ба мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи лизинг бахшида шудааст. Муаллиф кӯшиш ба харҷ дода аст, ки вобаста ба мафҳум ва

хусусиятҳои шартномаи мазкур бо истифода аз қонунгузорӣ ва адабиётҳои илмӣ андешаҳои худро иброз намояд. Ҳамчунин, мавқеи шартномаи лизинг дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи граждани мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Тафовути он аз шартномаи қарз, хариду фурӯш, иҷора, хизматрасонӣ бо истифода аз унсурҳои зарурӣ муайян карда шудааст. Шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи граждани мавқеи махсус дошта, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онро ба низоми шартномаи иҷора дохил намудааст. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ оид ба мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи мазкур баҳсҳои зиёде ҷой доранд, ки таҳлили онҳо имконият медиҳад зарурияти ин падидаро дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи граждани муайян намоем.

Калидвожаҳо*:* шартнома, мафҳум, хусусият, иҷораи молиявӣ, лизинг, шартномаҳои ҳуқуқи граждани, шартномаи иҷора, қонунгузории граждани, тарафҳои шартнома.

ДОГОВОР ФИНАНСОВОЙ АРЕНДЫ (ЛИЗИНГА): ПОНЯТИЕ И ЕГО ОСОБЕННОСТИ

Договор аренды - один из классических договоров гражданского права, занимающий особое место в гражданском обороте и заключаемый субъектами гражданского права для удовлетворения соответствующих интересов. Целью договора аренды является передача вещей во временное пользование. В заключении такого договора обычно заинтересованы обе стороны. Данная статья посвящена понятию и особенностям договора лизинга. Были предприняты попытки выразить свое мнение о понятии и особенностях данного договора, используя законодательство и научную литературу. В статье также анализируется место договора лизинга в системе гражданско-правовых договоров. Он отличается от договора займа, покупки, продажи, аренды, обслуживания необходимыми элементами. Договор финансовой аренды (лизинга) занимает особое место в системе гражданско-правовых договоров, а законодательство Республики Таджикистан включает его в систему договоров аренды. В юридической литературе ведется много дискуссий о понятии и особенностях этого договора, анализ которых позволяет определить необходимость данного явления в системе гражданско-правовых договоров.

Ключевые слова: договор; определение; особенность; финансовая аренда; лизинг; договоры гражданского права; договор аренды; гражданское законодательство; стороны договора.

FINANCE LEASE AGREEMENT (LEASING) CONCEPT ANF ITS FEATURES

A rental agreement is one of the classic civil law contracts, which occupies a special place in civil circulation and is concluded by subjects of civil law to satisfy their respective interests. The purpose of the rental agreement is to transfer things for temporary use. Both parties are usually interested in concluding such an agreement. This article is devoted to the concept and features of a leasing. Attempts were made to express their opinion on the concept and features of this agreement, using legislation and scientific literature. The article also analyzes the place of the leasing in the system of civil contracts. It differs from a loan, purchase, sale, lease, service agreement with the necessary elements. The financial rent agreement (leasing) occupies a special place in the system of civil law contracts, and the legislation of the Republic of Tajikistan includes it in the system of rental agreements. In the legal literature, there are many discussions about the concept and features of this agreement, the analysis of which makes it possible to determine the need for this institute in the system of civil contracts.

Keywords: agreement; definition; feature; financial lease; leasing; civil law contracts; lease agreement; civil legislation; party to the treaty.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Соҳибзода М.М.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон **(+992) 985-91-24-88.** E-mail: **sohibov_m.1990@mail.ru**
Ҳакимов Я.Б. – Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Суроға:** 734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов 13. Телефон **(+992) 918-92-71-16**

Сведение об авторах: ***Сохибзода М.М.*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, кафедра гражданского права юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон **(+992) 985-91-24-88**. E-mail: **sohibov_m.1990@mail.ru**
Хакимов Я.Б. – Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. **Адрес**: 734024, г. Душанбе, улица академика А. Адхамова, 13. Телефон **(+992) 918-92-71-16**

Information about the authors: ***Sohibzoda M.M.*** – Tajik National University, candidate of legal sciences, civil law department of the law faculty. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, prospect Rudaki, 17. Telephone **(+992) 985-91-24-88**. E-mail: **sohibov_m.1990@mail.ru**
Hakimov Ya.B. - National Center of Legislation under the President of the Republic of Tajikistan. **Address**: 734024, Dushanbe, academic A. Adhamov Street. Telephone **(+992) 918-92-71-16**

УДК 347

ИСТИФОДА ВА ТАТБИҚИ ШАРТНОМАҲО ДАР БАХШИ САВДОИ ФОСИЛАВИИ МОЛ ВА ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР НАМУДИ УҲДАДОРИИ ЧАКАНА: МАСОИЛИ ШАКЛИ БАСТАНИ УҲДАДОРӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМ

Майнусова З.М.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Қисми 1 моддаи 528 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КГ ҶТ хонда шавад) муқаррар менамояд, ки тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана фурӯшандае, ки фаъолияти соҳибкориро оид ба фурӯши мол анҷом медиҳад, уҳдадор мешавад ба харидор молҳоеро диҳад, ки одатан барои истифодаи шахсӣ, манзилӣ ё дигар навъи истифода таъйин гардидаанд.

Аз мазмуни муқаррароти меъёри КГ ҶТ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ маълум мегардад, ки шартномаи хариду фурӯши чакана намуди паҳнгардидаи хариду фурӯш мебошад. Барои ҳамин ҳам ҳар рӯз дар ҷаҳон шумораи зиёди иштирокчиёни муомилоти гражданӣ чунин намуди аҳдро мебанданд, ки дар маҷмӯъ муомилоти савдои чаканаро ташкил менамоянд.

Сивилисти тоҷик А.А. Абдуллоев чунин ақида дорад, ки мақсади охироне, ки шартномаи хариду фурӯши чакана дорад, хизмати истеъмолии ҷамъиятӣ, яъне тамоми соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ аст. Таъмини истеъмолкунандагони бисёр – ақидаи худро идома дода менависад муаллиф, бо мол дар шакли хариду фурӯши чакана амалӣ карда мешавад. Яъне, ин шакли хотимавии ҳуқуқӣ, ки ҷараёни мубодилаи неъматҳои моддиро пеш аз истеъмоли онҳо дар бар мегирад, ба шумор меравад [2,с.21].

Дар адабиётҳои ҳуқуқии русӣ нисбати мазмуни охирон аз тарафи сивилистони машҳури рус профессорон А. П. Сергеев ва Ю. К. Толстой чунин ақида пешкаш мегардад, ки масъалаи истеъмоли неъматҳои мазкур, ки мақсади охирони шартномаи чаканаро дар бар мегирад, бо қонунгузории хариду фурӯши чакана танзим карда мешавад. Ҳол он ки танҳо ба тариқи матлуб иҷро кардани уҳдадорӣ муносибатҳои ҳуқуқиро қатъ мегардонад [5,с.45].

В.А. Язеб чунин меҳисобад, ки агар ҳуқуқи истеъмолкунанда вайрон карда шавад, қонун то пурра иҷро гардидани шартнома онро ҳифз менамояд. Беҳуда нест, ки як қатор муаллифон қонеъ кардани талаботи шахсии истеъмолкунандагонро бо иҷрои матлуби шартномаи хариду фурӯши чакана алоқаманд менамоянд [12].

Маврид ба таъкид аст, ки солҳои охир дар Тоҷикистон шакли нави савдо инкишоф ёфта истодааст, ки ба ин савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ҳамчун як муносибати нави гражданӣ–ҳуқуқӣ баромад намуда, сарфи назар аз таърихи кӯтоҳаш айни ҳол ба таври васеъ паҳн шуда истода, ба инкишофи муносибатҳои савдо замина гузошта истодааст. Хусусияти нав доштани чунин навъи муносибати гражданӣ, ки он дар шакли бастани шартномаи хариду фурӯши чакана ба вуҷуд меояд, тағйир меёбад ва қатъ мегардад, дар рақамӣ будани он (аз рӯйи имкониятҳои кории воситаҳои коммуникатсионӣ ба амал бароварда мешавад) ифода меёбад.

Шартномаи маъмултарин дар ҳаёти ҳаррӯза шартномаи хариду фурӯши чакана мебошад. Ин навъи шартнома, дар навбати худ, якчанд намуд дорад, ки мо метавонем онҳоро аз якдигар фарқ кунонем: фурӯши моле, ки бояд аз ҷониби харидор дар вақти муайян қабул карда шавад, фурӯши мол аз рӯйи намунаҳо, фурӯши мол аз фосилаи дур, фурӯши молҳо бо истифода аз мошинҳо (автомат), фурӯши молҳое, ки бояд ба харидор расонида шаванд.

Аҳамияти рушди усулҳои нави фурӯш ва хариди чакана бо афзоиши босуръати таъсири технологияҳои нав ба дурнамои иқтисодии кишварҳои муосир пешакӣ муайян карда мешавад. Ҷаҳон ба давраи "иқтисоди зеҳнӣ" ворид шудааст, ки дар он манбаъҳои асосии некуаҳволӣ ва омилҳои пешбари истеҳсолот навоварӣ ва инчунин дастовардҳои эҷодии одамон мебошанд.

Дар шароити имрӯза танҳо он ташкилотҳое фаъол мемонанд, ки ба талаботи бозор зуд ҷавоб медиҳанд, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазирро ташкил мекунанд, самаранокии азнавсозии идоракунии дохилии истеҳсолотро таъмин мекунанд, яъне онҳо ба таври инноватсионӣ рушд мекунанд.

Ҳангоми савдои фосилавӣ ҳамчун як шакли алоҳидаи фаъолияти тиҷоратӣ, бо рушди технологияҳои иттилоотӣ, шаклҳои гуногуни тиҷоратро истифода бурдан мумкин аст, ки аз якдигар бо усулҳои огоҳ кардани харидорони эҳтимолӣ дар бораи маҳсулот ва хосиятҳои истеъмолии он фарқ мекунанд. Гузашта аз ин, ҳар як шакли фурӯши фосилавӣ як намуди алоҳидаи фаъолияти тиҷоратист, ки ҳар яки он дорои равандҳои ташкили савдои худ мебошад.

Яке аз дастовардҳои инноватсионӣ тиҷорати автоматӣ (фурӯши молу хидматҳо бо истифода аз системаҳои автоматӣ ё худ автоматҳо) мебошад. Ногуфта намонад, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиққунии кишварамон масъалаи мазкур, яъне фурӯши мол бо истифодаи автоматҳо истисно нагардида, ба озодии амали гардиши он фазои ҳуқуқӣ ташкил карда шудааст. Дар алоқа ба ин, меъёри моддаи 531 КГ ҶТ фурӯши молро бо истифодаи автоматҳо муқаррар намудааст. Хусусияти ягонаи чунин навъи муносибати граждaниро муаллифон А.А. Абдуллоев ва И.Р. Одиев дар бастани шартнома бо роҳи содир кардани амалиёти конклюдентӣ медонанд. Чунончи, фурӯши мол (газета, нӯшокиҳо, тамоку, пардохтҳои маблағ ба телефонҳои мобилӣ ва ғайраҳо) ба воситаи автоматҳо. Боз муаллифони мазкур чунин мешуморанд, ки хусусияти ин шартнома дар *оммавӣ* будани он аст ва касе, ки ба ин офертаи оммавӣ муроҷиат мекунад, шартнома басташуда эътироф мегардад. Ногуфта намонад, ки айнан чунин хусусиятро рекламаҳо ба воситаи телевизор, радио ё дигар ВАО доро мебошанд [1,с.336].

Ташаккули иқтисоди бозорӣ ҳаминро нишон дод, ки имрӯз фурӯш дар ҷаҳон ҳамчун як роҳи муносиб ва чандон серталаби ташкил ва пешбурди тиҷорат паҳн нагардида истодааст (ин аз як тараф). Аз тарафи дигар бошад, истеъмолкунандагони муосир ҳарчи бештар майл доранд, ки вақтро сарфа кунанд ва ба осонӣ молу хизматҳои дилхоҳашонро ба даст оранд, ки онро тиҷорати фурӯш низ таъмин карда метавонад. Барои ҳамин ҳам ба рушди тиҷорати автоматӣ, асосҳои аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ ва методологии ташаккулёфта лозим аст, ки ба ташаккули механизми ташкилӣ ва иқтисодии рушди фурӯш оварда расонад.

Хусусияти шартномаи иҷора-фурӯшро мо дар он мебинем, ки то гузаштани моликияти мол аз фурӯшанда ба харидор, ӯ иҷорагир (корфармо) -и моли интиқолшаванда мебошад. Харидори мол ҳангоми киро кардан ва фурӯхтан аз пардохти ин молик соҳиби он мегардад, ки ин маънои онро дорад, ки мол ҳамеша аз ҷониби харидор бо кредит ё бо пардохти қисм -қисм харида мешавад.

Хусусияти асосии фурӯши мол тавассути шартномаи фурӯши чакана муайян карда мешавад, ки байни фурӯшандаи ин маҳсулот ва харидор дар асоси маълумоте, ки аз буклетҳо, каталогҳо, варақаҳо, васоити ахбори омма гирифта шудааст, ё бо роҳҳои дигаре, ки тамоси мустақимро истисно мекунанд, баста мешаванд.

Ҳангоми муайян намудани табиати шартномавии фурӯши мол, тибқи намунаҳо дар сивилистика, бештари вақт хусусияти истифода ва аломатҳои фарқкунандаи он аз дигар намудҳои алоҳидаи уҳдадорӣ бардошта мешавад. Барои ҳамин ҳам дар адабиётҳои ҳуқуқӣ дар ин бобат чунин ақида пешкаш мегардад, ки хусусияти шартномаи хариду фурӯши чакана бо тарзи фосилавӣ дар он ифода мегардад, ки истеъмолкунанда ҳам бо маҳсулот ва ҳам бо намунаи он робитаи мустақим надорад. Шартнома дар асоси шиносоии истеъмолкунанда бо тавсифи моле, ки дар каталог ё маълумоти аз ҷониби фурӯшанда ба тариқи тамос ирсолшуда мавҷуд аст, баста мешавад. Ҳатто А.В. Осипов навишта буд, ки дар ин ҳолат фурӯшанда бояд ҳама миқдори зарурии маълумотро дар бораи мол пешниҳод кунад, дар ҳоле ки пешниҳоди чунин маълумот бояд то бастани шартнома, инчунин ҳангоми интиқоли мол анҷом дода шавад [8,с.576-580].

Сарчашмаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки танзими ҳуқуқии савдои фосилавӣ дар Тоҷикистон ҳамчун як намуди алоҳидаи гардиши мол таърихи нисбатан нав дорад. Оғози онро метавон соли 2007 номид, ки ин марҳила ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

30 июли соли 2007 таҳти № 320 "Дар бораи имзои электронии рақамӣ" [7] вобаста аст. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро ҳангоми созмон додан ва истифодаи имзои электронии рақамӣ дар ҷараёни ташаккул ва истифодаи ҳуҷҷатҳо дар шакли инъикоси электронӣ тавассути системаи иттилоотии автоматикунонидашуда ва телекоммуникатсионӣ, воситаҳои барномавию техникӣ ба танзим медарорад. Аммо ба боэътимодии чунин сарчашма шубҳа пайдо мешавад. Чунки танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ соли 1999 ба қабул гардидани КГ ҶТ (қисми 2) алоқаманд мебошад ва муносибати мазкур дар моддаи 534 КГ ҶТ вазъи ҳуқуқии худро мустаҳкам карда буд.

Қисми 1 моддаи 534 КГ ҶТ муқаррар менамояд, ки тарафҳо метавонанд оид ба фурӯши мол тибқи намуна (тасвир, феҳраст ва ғайра) шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба имзо расонанд [6].

Ҳангоми бастани шартномаи мазкур бояд шартҳои асосии он риоя карда шаванд. Шартҳои муҳимми шартномаи хариду фурӯши фосилавӣ шартҳое мебошанд, ки дар қонун ё дигар санадҳои ҳуқуқӣ барои шартномаҳои ин навъи муҳим ё зарурӣ зикр шудаанд, инчунин ҳамаи шартҳое, ки нисбати онҳо бо дархости яке аз тарафҳо бояд баста шаванд. Ин шартҳо дар шартномаи хариду фурӯши фосилавӣ инҳоянд: мавзӯи шартнома ва нархи он.

М.В. Токмовсева менависад, ки мавзӯи шартномаи савдои фосилавиро моле дар бар мегирад, ки рӯйхати онро фурӯшанда муайян мекунад. Фурӯши фосилавии нӯшокиҳои спиртӣ, инчунин молҳое, ки фурӯши озоди гардиши граждании онҳо тибқи қонунгузорӣ манъ ё маҳдуд карда шудааст, ба сифати объекти мавзӯи шартномаи мазкур баромад карда наметавонад.

Нарх бошад, менависад муаллиф, маблағи пулест, ки барои ҳар як ашё пардохт мешавад. Аз ин рӯ харидор уҳдадор аст арзиши молро бо нархе, ки дар шартномаи фурӯш пешбинӣ шудааст, пардохт намояд [9,с.120-121].

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми фурӯши дурдасти мол шартнома дар асоси шиносоии харидор бо намунаи мол (тавсифи он, каталоги молҳо, аксҳо ва ғайра), ки фурӯшанда пешниҳод кардааст, баста мешавад. Харидор, ки маҳсулоти дахлдорро мехарад, метавонад сифат ва дигар хосиятҳои истеъмолии онро танҳо аз рӯйи маълумоти пешниҳоднамудаи фурӯшанда арзёбӣ кунад, аз ин рӯ харидор ҳуқуқ дорад дар вақти дилхоҳ пеш аз гирифтани мол ва пас аз гирифтани он аз иҷрои шартнома даст кашад. Дар асоси қонунҳои гражданӣ 7 рӯз, ба шарте ки дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ба муносибати мазкур паҳн мегардад. Дар сурати даст кашидани харидор аз мол, харидор хароҷоти таҳвили молро мустақилона пардохт мекунад.

Фурӯшанда ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯш вазифадор аст ба харидор маълумоти зеринро пешниҳод намояд:

1. Маълумот дар бораи хосиятҳои асосии истеъмолии мол, таъйинот, маводҳое, ки аз он мол истеҳсол карда мешавад, маҳалли истеҳсоли мол.
2. Нарх бо асъор, инчунин шарту усулҳои расонидани он ба харидор.
3. Маълумот дар бораи муҳлати кафолати маҳсулот.
4. Маълумот дар бораи истеҳсолкунандаи мол.
5. Маълумот дар бораи баргардонидан, мубодилаи моли хушсифат, инчунин баргардонидан ва мубодилаи моли хушсифат.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бастани шартномаи фурӯши фосилавӣ тавассути мубодилаи паёмҳои электронӣ иҷозат медиҳад, аммо он танзими мушаххаси ин шартномаҳоро дар бар намегирад ва уҳдадориҳои иловагии мушаххаси тарафҳоро пешбинӣ намекунад.

Шартнома дар лаҳзаи гирифтани аксепт аз ҷониби шахси фиристодашуда басташуда эътироф карда мешавад, ба шарте ки аксепт аз ҷониби шахсе, ки пешниҳодро дар муҳлати пешбининамудаи он гирифтааст, ва агар барои қабули пешниҳод вақт надошта бошад, пеш аз ба охир расидани муҳлати муқаррарнамудаи қонун ё дигар санадҳои ҳуқуқӣ, баста мешавад.

Масъалаи омӯзиши ҳамкории фурӯшанда ва харидорон дар усули фосилавии фурӯши мол, ҳаминро нишон дод, ки бояд як қатор хусусиятҳои хосси механизми ташкили тиҷоратро ба таври фосилавӣ муайян кард. Масалан, расонидани мол ба харидор ҳатмист. Баръакси савдои статсионарӣ, ки таҳвили мол як хидмати иловагӣ аст, расонидани мол барои фурӯши масофа ҳатмист. Интиқол метавонад тавассути почта, тавассути хадамоти хаткашонии фурӯшанда ё шахсони сеюм, ё бевосита аз ҷониби харидор, аз ҷое ки фурӯшанда муайян кардааст (одатан, дар маҳалли ҷойгиршавии фурӯшанда), амалӣ карда шавад. Сониян, аломати ҳатмии фурӯши мол аз дур фиристодани пешниҳод дар шакли дар каталогҳо, воситаҳои алоқа ва буклетҳо оварда шуда мебошад. Пешниҳод метавонад ҳам ба шахси мушаххас ва ҳам ба доираи номуайяни одамон пешкаш гардад [10,с.124].

Фурӯшанда, вақте ки ӯ дар бораи мол дар каталогҳо ё васоити алоқа маълумот мегузорад, моли доштаашро ба харидор пешниҳод мекунад. Ба монанди савдои чакана, каталогҳо ва коммуникатсия дар ин ҷо ҳамчун намоиши намунаҳои маҳсулот баромад мекунанд. Барои фурӯшандагоне, ки бо фурӯши фосилавӣ машғуланд, ин ягона роҳи имконпазири ба харидор расонидани маълумот дар бораи маҳсулот ва пешниҳоди хариди он аст, дар ҳоле ки дар савдои чакана ин танҳо як роҳи таблиғест, ки ба ҷалби муштариён нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, аз рӯи табиати ҳуқуқии худ шартномаи савдои фосилавӣ чунин аст:

1. Консенсуалӣ (аз лаҳзаи ба мувофиқа расидани тарафҳо дар бораи шартҳои асосӣ баста мешавад) эътироф карда мешавад.
2. Музднок (тараф барои иҷрои уҳдадориҳояш соҳиби подошпулӣ мегардад).
3. Ҳатмии дуҷониба (ҳарду ҷониб ҳуқуқ ва уҳдадориҳо доранд).
4. Воқеӣ (ба ғайр аз созишномаи тарафҳо интиқоли молро пешбинӣ мекунад).
5. Ҷамъиятӣ (фурӯшанда ташкилоти тиҷоратӣ аст) [4,с.328].

Метавон гуфт, ки мавзӯи шартномаи хариду фурӯши фосилавӣ на ҳама чиз буда метавонад, балки танҳо он чизҳое, ки барои истифодаи шахсӣ, хонагӣ ё оилавӣ пешбинӣ шудаанд. Шартҳои асосии шартнома инҳоянд: мавзӯи шартнома, миқдори моли харидашуда, нарх, инчунин шарти расонидани мол ба харидор.

Нозукии ба вуҷуд омадани шартномаи фурӯши фосилавӣ дар он аст, ки агар ҳангоми бастани шартномаи фурӯши чакана истеъмолкунанда имкони мустақиман бо мол шинос шуданро надошта бошад, дар акси ҳол, муносибатҳои муносиби истеъмолкунандагон бастани шартномаро дар шароити муқаррарии амалияи тиҷоратӣ пешбинӣ мекунанд.

Хусусияти фарқкунандаи ин намуди тиҷорат дар он аст, ки байни харидор ва фурӯшанда робитаи шахсӣ вуҷуд надорад, яъне харидор наметавонад мустақиман бо мол то гирифтани мол шинос шавад. Богдашева А.А. мавҷудияти чунин шартҳоро барои пайдоиши як қатор мушкилоти ҳуқуқӣ ва баҳсҳои зайл асос медонад:

1. *Мушкилоти мушаххаси корбар, ки ҳангоми бастани шартнома дар шакли электронӣ ба вуҷуд меояд.* Дар баробари ин, мушкили ҳифзи маълумоти шахсии шаҳрвандон вуҷуд дорад, ки танҳо дар қаламрави воҳиди маъмурии муайян пешниҳод карда мешавад, ки бешубҳа як қатор мушкилотро дар хариду фурӯши фосилавӣ дар мағозаҳои интернетии хоричӣ дар назар дорад.

2. *Мушкилоти миёнаравҳои иттилоотӣ,* ки бо масъулияти соҳибони сайтҳо - операторони платформаҳои савдо барои иттилооте, ки дар сайтҳои онҳо ҷойгир шудаанд, алоқаманд аст.

3. *Мушкилот дар танзими ҳуқуқии байналмилалии тиҷорати электронӣ аст,* зеро созмонҳои байналмилалӣ мувофиқи салоҳияти худ масъалаҳои инфиродии хусусиро танзим мекунанд, на дар маҷмӯъ тиҷорати электрониро.

4. *Мушкилоти дигар маълумоти нокифоя, носаҳеҳ ё бардурӯғ дар бораи фурӯшандаи мол, хусусият ва сифати мол* мебошад. Маълумотҳои оморӣ аз он дарак медиҳанд, ки фурӯшандагони номаълум тақрибан 80% гардиши фурӯши воқеии фосилавиро ташкил медиҳанд [3,с.221-226].

Хариди онлайн аксар вақт барои харидор бо натиҷаи номусоид хотима меёбад: зарурати ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо дар суд мисоли ин ҳолат буда метавонад. Ин дар ҳолатҳое рух медиҳад, ки фурӯшанда пешпардохт гирифтааст, аммо уҳдадориҳои худро дар назди

харидор дар шакли интиқол (фиристодани) ашёи пардохтшударо иҷро накардааст. Бинобар ин, фурӯшандагон даъвои харидоронро нодида мегиранд ва аз гирифтани огоҳиҳои судӣ худдорӣ мекунанд. Баъдтар, дар мурофиаи судӣ маълум мешавад, ки мағоза аслан дар макони нишондодашуда ҷойгир нест, суроға нашршуда нодурустанд.

Шергунова Е.А. нисбати мулоҳизаи болоӣ ҳатто навишта буд, ки хариду фурӯши фосилавӣ барои қаллобон як олам аст. Ҳодисаҳои қаллобӣ ҳангоми пардохти фосилавӣ ва фиристодани мол бештар маъмуланд. Дар сурати вайрон кардани ҳуқуқҳои яке аз тарафҳо, харидор тибқи қонун ҳуқуқ дорад ба суд мурочиат карда, зарари расонидашударо дар шакли ҷуброни зарар (ҷуброни зарари маънавиро) талаб намояд [11,с.216].

Дар Русия ин маъсла комилан ҳал шудааст. Қарори Пленуми Суди Олии Федератсияи Русия аз 28 июни соли 2012 таҳти №17 "Дар бораи баррасии парвандаҳои граждани аз ҷониби судҳо дар баҳсҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" равшан кард, ки далели харид бо усулҳои фосилавии фурӯши мол метавонад бо иқтибос аз суратҳисоби бонкӣ бо нишон додани гирандаи пардохт ва инчунин дигар ҳуҷҷатҳое, ки интиқоли маблағро тасдиқ мекунанд, тасдиқ карда шавад.

Масъалаи ҳалли мушкилоти марбут ба савдои фосилавӣ бисёр мубрам аст. Барои ҳамин ҳам, ба андешаи мо, якчанд роҳҳои ҳалли ин мушкилот мавҷуданд:

1. Ба низом даровардани қоидаҳо оид ба хариду фурӯши фосилавӣ, таҳияи қоидаҳои ягона барои иштирокчиёни он.

2. Дар сатҳи қонунгузорӣ бояд маълумоти зарурӣ барои сайти тиҷоратӣ собит карда шавад: бақайдгирии ҳуқуқӣ, супориш ба фурӯшанда, маълумот дар бораи миёнарави иттилоот ва ғайра. Тахмин меравад, ки назорат аз болои мағозаҳое, ки фурӯши фосилавиро анҷом медиҳанд, пурзӯр карда мешавад. Тоҷирони васоити ахбори иҷтимоӣ бояд ба мисли дӯконҳои муқаррарии чакана, ки ба таври фосилавӣ фурӯхта намешаванд, таҳти назорати қонунӣ қарор гиранд.

3. Ҷорӣ намудани масъулияти ҳуқуқӣ барои пешниҳоди маълумоти носаҳеҳ ва беэътибор аз ҷониби миёнаравони сайт.

Аз гуфтаҳои боло бояд хулоса баровард, ки технологияҳои интернетӣ бо суръати баланд пеш мераванд, ки дар натиҷа тиҷорати фосилавӣ низ рушд мекунад, аммо дар сатҳи қонунгузорӣ нисбати танзими ҳуқуқии ин намуди савдо камбудиҳои зиёд мавҷуданд.

Нисбати шартномаи савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ тибқи уҳдадории чакана дар боло баъзе муқарраротро таҳлил кардем, акнун бошад, хусусияти шартномаи хариду фурӯши чаканаро дар интернет ба таври мухтасар меомӯзем.

Сараввал бояд қайд намуд, ки имрӯз, сарфи назар аз истифодаи васеи шартномаи хариду фурӯши чакана дар интернет танзими ягонаи ин гуна амалиёт вуҷуд надорад. Барои ҳамин ҳам мебояд, ки афзалиятҳо ва нуқсонҳои тиҷорати электрониро шарҳ диҳем.

Аввал, биёед бо таҳлили камбудиҳо ва тарафҳои мушкили бастани шартномаи хариду фурӯши чакана дар интернет оғоз кунем.

1. *Маҳрум кардан аз имконияти бевосита ламс кардан, нигоҳ кардан, чен кардан ва инчунин санҷидани он* ки ин ё он маҳсулот чӣ гуна кор мекунад. Ҳамин тариқ, ҳангоми харидани мол тариқи савдои фосилавӣ, шиносоӣ танҳо пас аз гирифтани он ба амал меояд ва аксар вақт ҳолатҳое мешаванд, ки воқеият ба интизориҳо ҷавобгӯ нест. Фурӯшанда ба истеъмолкунанда маълумоти мукаммал ва боэътимоди тавсифкунандаи моли пешниҳодшударо пешкаш мекунад. Интишори он бошад, дар вебсайт ё саҳифаи вебсайт дар интернет ё дар дигар маводи иттилоотӣ ҷой мегирад.

2. *Хавфи рӯ ба рӯ бо қаллобон.* Ин камбудиро метавон дар пешниҳоди маълумоти носаҳеҳ дар бораи маҳсулот ё умуман надодани ин маълумот, инчунин дар фурӯши молҳои пастсифат ва ғайра дид. Дар интернет баррасиҳои зиёде мавҷуданд, ки молҳои фармоишшуда бештари вақт қалбакӣ будаанд.

3. *Мушкилот дар бозгашт / мубодилаи моли харидашуда.* Одатан, ин камбудӣ дар набудани нишонаи суроғаи фурӯшанда ва дигар маълумоти барои муошират дар сайте, ки онҳо фурӯхта мешаванд, ифода меёбад.

4. *Ҳуқуқ барои баргардонидани ашё, ашёе, ки баргардонида намешавад.* Барои харид дар вақти воқеӣ, шахсе, ки ба мағоза омадааст, рӯйхати молҳои ба истилоҳ "барнагардонидашуда" мавҷуд аст, ки ба он молҳо, ба монанди маҳсулоти заргарӣ, молҳои аз ҷиҳати техникӣ мураккаб ва ғайра дохил мешаванд. Чунин рӯйхат барои хариди онлайн вуҷуд надорад. Ҳамин тавр, харидор метавонед ҳама чизро баргардонад. Бо вуҷуди ин, дар амал мушкилот пеш омад. Фурӯшанда вазифадор аст, ки баъзе молҳоро қабул кунад, ҳатто агар онҳо сифати хуб надошта бошанд ҳам.

5. Инчунин, *камбудиҳои фурӯши фосилавӣ душвориҳои марбут ба таҳвилро дар бар мегиранд,* ки чун қоида, ин сабаби таъхири он аст. Ҳамин тариқ, ҳангоми харидани маҳсулот дар мағозаи онлайн, харидор бояд вақти расидани онро ба назар гирад.

6. *Бақайдгирӣ дар сайт*, ё дурусттараш истифодаи минбаъдаи мағозаи интернетии маълумоти шахсии муштариён барои фиристодани рекламаи маҳсулоти худ мебошад. Барои харид дар мағозаҳои онлайн, аксар вақт харидор бояд дар вебсайти он ё дар барнома сабти ном кунад. Аммо, пас аз бақайдгирӣ, ҳар рӯз ба почта мактубҳо бо маълумот дар бораи фурӯш ва рекламаи мухталифи ин мағозаи интернетӣ фиристода мешаванд, ки метавонанд харидҳои нолозимро ба вуҷуд оранд. Албатта, дар баъзе мавридҳо аз рӯйхати фиристоданҳо даст кашидан мумкин аст, аммо ба ҳар ҳол ин боиси нороҳатӣ мегардад.

Акнун тарафи мусбии бастани шартномаи хариду фурӯши чакана дар интернет ва як қатор афзалиятҳои истифодаи онро дида мебароем:

1. *Ӯҳдадории фурӯшанда оид ба интишори пешниҳод, новобаста аз платформаи фурӯши мол*: дар вебсайт, дар замима, шабакаҳои иҷтимоӣ ё ягон платформаи дигари интернет. Инчунин муҳим нест, ки фурӯшанда чӣ гуна маҳсулот мефурӯшад.

3. *Сарфаи вақт ва саъю кӯшиши харидорон.* Бо пайдоиши имкони амалӣ кардани шартномаи хариду фурӯши чакана дар интернет, барои харидани маҳсулоте, ки ба харидор лозим аст, шарт нест, ки худи ӯ дар атрофи як қатор марказҳои тиҷоратӣ вақти зиёдеро барои ҷустуҷӯи он сарф кунад. Ҳоло ба харидор лозим аст, ки дар браузер дархост нависад ва мағозаи дилхоҳи онлайнро пайдо кунад. Гузашта аз ин, дар вебсайтҳои мағозаҳои интернетӣ, инчунин дар замимаҳои онҳо, чун қоида, "филтр" таъмин карда мешавад - ҷустуҷӯ аз рӯйи параметрҳои гуногун: андоза, ранги мол, нарх, маълумот дар бораи кишвари истеҳсолкарда ва ғайра. Бисёр мағозаҳои интернетӣ шабакаҳои нейрониро барои таҳлили дархостҳои муштариён истифода мебаранд ва ба ин васила чизҳои шабеҳро пешкаш мекунанд, ки метавонанд ба онҳо низ таваҷҷуҳ кунанд.

4. Афзалияти фурӯши фосилавӣ дар он аст, ки бо ёрии он *ёфтани чизи писанддидаи харидор нисбат ба ҷустуҷӯи он дар марказҳои савдои одӣ хеле осонтар шудааст.* Дар мағозаҳои интернетӣ доираи васеи молҳо фурӯхта мешавад ва харидор метавонад дилхох молҳоро пайдо кунад. Яке аз хусусиятҳои асосӣ дар он аст, ки баъзе маҳсулот танҳо дар интернет фурӯхта мешаванд. Ҳамчун намуна, мо метавонем фурӯши молро (аз молҳои англисӣ - молҳо) мисол оварем - инҳо атрибутҳо (либос, туҳфаҳо) бо рамзҳои лоиҳаҳои тиҷоратӣ мебошанд. Молҳои лоиҳаҳои мусиқӣ ва блогнависон ҳоло хеле маъмуланд.

5. Инчунин, ҷиҳати мусбати татбиқи шартномаи хариду фурӯши чакана дар интернет *тавсифи пурраи маҳсулот мебошад.* Дар вебсайтҳои мағозаҳои интернетӣ, маълумоти пурра дар бораи маҳсулот, аз андозаи либос, бо ҷадвалҳои дақиқи мувофиқати андозаи либос (S, M, L, XL) дар сантиметр ва андозаи дигар молҳо нишон дода шудааст. Оид ба маводе, ки аз он мол истеҳсол карда мешавад, маълумот дар бораи кишваре, ки молро истеҳсол кардааст, маълумот дода мешавад, ки фурӯшандагон дар мағозаҳои одӣ чунин маълумотро ба харидор пешниҳод карда наметавонанд.

6. *Сарфаи пул барои харидор.* Одатан, арзиши мол дар мағозаҳои интернетӣ нисбат ба мағозаи муқаррарӣ хеле пасттар аст. Ҳамин тавр, ба соҳибони созмон лозим нест, ки биноеро иҷора гиранд ва ҳайати калони кормандонро нигоҳ доранд, то фаъолияти тиҷоратии худро анҷом диҳанд. Бартарии дигари мағозаҳои интернетӣ гузаронидани аксияҳо ва фурӯшҳои гуногун мебошад, ки дар он нархи мол боз ҳам арзонтар мешавад, ки харидоронро ба ҳайрат меорад.

7. *Усули пардохт*. Қобилияти харидор дар интихоби якчанд вариантҳои пардохт барои харид дар мағозаи онлайн барои ӯ аз ҳама мувофиқтар аст: ҳангоми гирифтани пул бо пули нақд ё ғайринақдӣ бо истифода аз корти бонкӣ ё пули электронӣ (QIWI Wallet). Дуконҳои онлайн мавҷуданд, ки дар аввал, пардохт пурра анҷом дода мешавад ва танҳо баъд мол ба қабулкунанда фиристода мешавад.

8. *Интихоби интиқол.* Ҳамчунин, харидор ҳуқуқ дорад интихоби усули пардохт, усули интиқоли ба ӯ мувофиқро тавассути почта интихоб кунад, расонидани молро бевосита ба манзил фармоиш диҳад ё мустақилона молро идораи ш. мағозаи онлайн. Дар ҳолати охирин, интиқол ройгон хоҳад буд.

Ҳамин тариқ, пас аз таҳлили заминаи меъёрӣ ва амалияи татбиқи шартномаи хариду фурӯши чакана дар интернет, метавон ҳам афзалиятҳо ва ҳам мушкилоти татбиқи ин шартномаро нишон дод. Технологияҳои рақамӣ бемайлон рушд карда истодаанд. Татбиқи шартномаи хариду фурӯши чакана дар интернет як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти ҳаррӯзаи қариб ҳар як шахс шудааст. Савдо бо ин роҳ хеле қулай аст, зеро харидор метавонад ин ё он маҳсулотро бе тарк кардани хона, ҷойи кор ё таҳсил харад. Савдои фосилавӣ дар Тоҷикистон торафт васеътар паҳн шуда истодааст, аз ин рӯ, ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи шартномаи хариду фурӯши чакана тақозо мекунад, ба мақсад мевофиқ аст.

Муқарриз: *Саъдизода Ҷ.* – н.и.ҳ., дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Абдуллоев А.А. Ҳуқуқи граждани. Китоби дарсӣ / А.А.Абдуллоев, И.Р.Одиев. –Хуҷанд: Хуросон, 2020. - Ҷилди 1. - С. 336.
2. Абдуллоев А.А.. Ҳуқуқи граждани / А.А.Абдуллоев. –Хуҷанд: Хуросон, 2020. -Ҷилди 2. -С- 21.
3. Богдашева А.А. Проблемы дистанционной купли-продажи в России / А.А. Богдашева // В сборнике: Частное право в эволюционирующем обществе: традиции и новации. Сборник научных статей 2-й Всероссийской научной конференции, посвященной памяти доктора юридических наук, профессора В.Н. Сусликова. Отв. редактор В.В. Богдан. -2020. -С. 221-226.
4. Борисов А. Б. Комментарий к Гражданскому кодексу РФ части первой, второй, третьей, четвертой / А. Б. Борисов. – М.: Книжный мир, 2016. – С. 328 (1088 с.)
5. Гражданское право: учеб.: в 2 Т. Т.2. – 4-е изд., перераб. и доп. / отв. ред. А.П Сергеев, Ю.К. Толстой. -Москва, 2007. -С. 45.
6. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми II) аз 11 декабри соли 1999// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 12, мод. 323; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2006, № 4, мод. 194; с. 2009, № 12, мод. 821; с. 2010, № 7, мод. 540; с. 2012, № 7, мод. 699; с. 2013, № 7, мод. 505; Қонуни ҶТ аз 3.05.2002 № 5, аз 29.04.2006 № 181, аз 3.12.2009 № 569, аз 21.07.2010 № 607, аз 03.07.2012 № 849, аз 22.07.2013 № 977, аз 2.01.2019. - № 1558.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2007, № 320 "Дар бораи имзои электронии рақамӣ"// Ахбори Маҷлиси Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2007. -№7. - мод. 682.
8. Осипов А.В. Договор розничной купли-продажи и его особенности / А.В. Осипов // Аллея науки. – 2017. – № 7. – С. 576. (С. 576-580).
9. Токмовцева М.В. Правовое регулирование дистанционной торговли // Актуальные проблемы современного законодательства Российской Федерации (сборн. статей) / М.В. Токмовцева. – М., 2017. – С. 120-121 (С. 116-127).
10. Токмовцева М.В. Правовое регулирование дистанционной торговли // Актуальные проблемы современного законодательства Российской Федерации (сборн. статей) / М.В. Токмовцева. – М., 2017. – С. 124 (С. 116-127).
11. Шергунова Е.А. Возникновение права на компенсацию морального вреда / Е.А. Шергунова // В сборнике: Современные проблемы гуманитарных и естественных наук. материалы XXV международной научно-практической конференции. Научно-информационный издательский центр "Институт стратегических исследований". -2015. -С.216 (С. 216-221)
12. Язев В.А. Закон в советской торговле / В.А. Язев. – М. – 1987. – С.90-131.

ИСТИФОДА ВА ТАТБИҚИ ШАРТНОМАҲО ДАР БАХШИ САВДОИ ФОСИЛАВИИ МОЛ ВА ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР НАМУДИ УҲДАДОРИИ ЧАКАНА: МАСОИЛИ ШАКЛИ БАСТАНИ УҲДАДОРӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМ

Дар мақолаи мазкур масъалае баррасӣ шудааст, ки он дар ҳуқуқи граждани муносибати нав эътироф мегардад. Барои ҳамин ҳам дар алоқа бо ин масала механизми баамалбарории он дар ҳуқуқи граждани ва масъалаи дар кадом намуди муносибатҳои хоҷагидорӣ истифода ва татбиқ гардидани он бардошта мешавад. Яъне, дар мақолаи илмӣ дар бораи шартномаҳо дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ сухан меравад.Муаллиф бар он ақида аст, ки шартномаҳо дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ

як навъи уҳдадории гражданиест, ки он ба институти уҳдадории хариду фурӯши чакана дахл дорад. Аз ин рӯ, муаллиф меъёри моддаи 534 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун шартнома дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ медонад. Ғайр аз ин, дар мақола масъалаи дар шакли хаттӣ ва электронӣ бастани шартнома бардошта шуда, дар ин бобат низ хулосаҳои зарурӯ бароварда шудаанд.Инчунин истифодашавии шартномаҳо дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар таҷрибаи қонунгузории мамлакатҳои алоҳидаи хориҷа омӯхта шуда, зарурияти татбиқи он дар амалияи ҳуқуқии миллӣ баён гардидааст.

Калидвожаҳо: шартномаи хариду фурӯши чакана, уҳдадорӣ, шартномаҳо дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ, моддаи 534 КГ ҶТ, фурӯши мол тибқи намунаҳо; интернет.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ И РЕАЛИЗАЦИЯ ДОГОВОРОВ В ОБЛАСТИ ДИСТАНЦИОННОЙ ТОРГОВЛИ ТОВАРАМИ И УСЛУГАМИ В ВИДЕ РОЗНИЧНОГО ОБЯЗАТЕЛЬСТВА: ПРОБЛЕМЫ ФОРМЫ ЗАКЛЮЧЕНИЯ ОБЯЗАТЕЛЬСТВ И ОСОБЕННОСТИ РЕГУЛИРОВАНИЯ

Научная статья рассматривает вопрос, который признается новым подходом в гражданском праве. Поэтому в связи с этим возникает проблема механизма его реализации в гражданском праве и вопрос о том, в каком виде хозяйственных отношений он используется и реализуется. То есть в научной статье речь идет о договорах в области дистанционной торговли товарами и услугами. Автор считает, что договоры в сфере дистанционной торговли товарами и услугами-это вид гражданско-правового обязательства, который относится к институту обязательства розничной купли-продажи. Поэтому автор рассматривает норму статьи 534 Гражданского кодекса Республики Таджикистан как договор в сфере дистанционной торговли товарами и услугами. Кроме того, в статье были подняты вопросы, связанные с заключением договора в письменной и электронной форме, и были вынесены необходимые заключения относительно этого. Кроме того, изучено применение договоров в области дистанционной торговли товарами и услугами в законодательной практике отдельных зарубежных стран и изложена необходимость их реализации в национальной правовой практике.

Ключевые слова: договор розничной купли-продажи; обязательство; договоры в сфере дистанционной торговли товарами и услугами; статья 534 ГК РТ; продажа товаров по образцам; интернет.

USE AND IMPLEMENTATION OF CONTRACTS IN THE FIELD OF REMOTE TRADE IN GOODS AND SERVICES IN THE FORM OF RETAIL OBLIGATIONS: PROBLEMS OF THE FORM OF CONCLUSION OF OBLIGATIONS AND FEATURES OF REGULATION

The scientific article considers the issue that is recognized as a new approach in civil law. Therefore, in this regard, arise a problem of the mechanism of its implementation in civil law and the question of in what form of economic relations it is used and realizable. That is, the scientific article deals with contract in the field of distance trade in goods and services.The author finds out that contracts in the field of distance trade of goods and services are a type of civil liability, which refers to the institute on of the obligation of retail sale and purchase. That is way, the author considers the norm of article 534 of the Civil Code of the Republic of Tajikistan as an agreement in the field of distance trade in goods and services. Besides it, the article raised issues related to the conclusions of an agreement in written and electronic form, and made the necessary conclusions regarding this.In addition, it has been studied the application of contracts in the field of distance trade of goods and services in the legislative practice of individual foreign countries and the need for their implementation in national legal practice has been outlined.

Keywords: retail sale and purchase agreement; obligation; contract in the field of distance trade of goods and services; article 534 of the Civil Code of the Republic of Tajikistan; sale of goods according to samples; the Internet.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Майнусова З.Ф.*** - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Микрарайони 17, хонаи 1. E-mail: **maynusova1989@mail.ru**. Телефон: **928-88-84-99**

Сведение об авторе: ***Майнусова З.Ф.*** **-** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, г. Худжанд, соискатель кафедры предпринимательского и медуранордного права. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1. E-mail: **maynusova1989@mail.ru**. Телефон: **928-88-84-99**

Information about the author: ***Mainusova Z.F.*** **-** Tajik State University of Law, Business and Politics, Khujand, applicant for the Department of Entrepreneurial and Meduranord Law. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, building 1. E-mail: **maynusova1989@mail.ru.** Phone**: 928-88-84-99**

УДК: 342.4

АСОСҲОИ КОНСТИТУТСИОНӢ-ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ДАВРАИ ШӮРАВӢ

Рашидов Ҷ.Қ.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар фазои танзими муносибатҳои экологӣ яке аз заминаҳои муҳимро бевосита низоми қонунгузорӣ ташкил менамояд. Нисбат ба низоми қонунгузорӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ андешаҳои гуногун ҷой дошта бошанд ҳам, лекин дар соҳаи ҳуқуқи экологӣ чунин раванд хусусиятҳои хосро дорад. Зеро, то ба ҳол оид ба масъалаи умуминазариявии мансубияти ҳуқуқи экологӣ ба соҳаи мустақил ва ё комплексӣ андешаи ягона вуҷуд надорад. Аз ҳамин нуқтаи назар, қонунгузории экологии кишварҳои гуногун бо тарзу усулҳои ба худ хос раванди инкишоф ва рушдро аз сар гузаронидаанд. Ҳолати мазкурро мо метавонем дар танзими комплексӣ ва кодификатсионии муносибатҳои экологӣ мушоҳида намоем.

Мувофиқи андешаҳои умумиэътирофшудаи олимони соҳаи назарияи илми ҳуқуқшиносӣ, яке аз зинаҳои асосии бавуҷудоӣ, тағйирёбӣ ва рушди қонунгузорӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи сарватҳои табиӣ ба давраи Шӯравӣ рост меояд [1,с.132]. Албатта, андешаи мазкурро боиси дастгирӣ меҳисобем, барои он ки худи зуҳуроти экологӣ ва раванди экологикунонии самтҳои асосии фаъолияти хоҷагидорӣ низ ба ин давраи таърихӣ рост меояд.

Конститутсия қонуни асосӣ буда, асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, тартиби ташкил ва таҷзияи ҳокимияти давлатиро муайян мекунад. Конститутсия эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд.

Дар Конститутсия қоидаҳои стратегии экологии давлат ва самтҳои асосии мустаҳкамкунии тартиботи экологӣ дарҷ ёфтаанд. Фаъолияти экологӣ дар Конститутсия асосан бо дарназардошти таъмини илмии истифодабарии табиат, ҳифзи муҳити табиии зист ва таъмини амнияти экологӣ ифода шудааст.

Яке аз санади меъёрии принсипиалӣ, ки муносибатҳои вобаста ба истифода ва ҳифзи муҳити зистро мавриди танзим қарор медиҳад, ин Конститутсия мебошад. Конститутсия санади олӣ ва роҳбарикунанда ба ҳисоб меравад ва дар он тамоми самтҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ инъикоси расмии худро меёбанд. Аз ҳамин лиҳоз, яке аз сарчашмаҳои асосии танзими муносибатҳои экологӣ маҳз Конститутсия ба шумор меравад.

Тоҷикистон соли 1924 ҳамчун Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистӣ дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ташкил ёфта, то соли 1929 тавассути он ба ИҶШС дохил буд. Бинобар ин, ташаккулёбии низоми ҳуқуқӣ-конститутсионии он ба рушди конститутсионии ҷумҳурии мазкур вобаста гардид. Фақат баъди қабули Конститутсияи ҶШС Ӯзбекистон соли 1927 дар мувофиқа бо он ва Конститутсияи ИҶШС, Конститутсияи Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шуд. Аммо мувофиқи тартиби ҳуқуқӣ-конститутсионии он вақт амалкунанда, ба ҳукми қонун даромадани конститутсияи ҷумҳурии мухторӣ фақат баъди аз тарафи мақомоти олии ҷумҳурии иттифоқии дахлдор тасдиқ гардидани он сурат мегирифт. Вале, ин раванд ҳанӯз оғоз наёфта, вазъияти ҳуқуқӣ-сиёсӣ ва маъмурии Тоҷикистон соли 1929 куллан тағйир ёфт ва масъалаи ба тасдиқи мақомоти олии Ӯзбекистон пешниҳод кардани Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон аз байн рафт [12,с.6].

Яке аз аввалин меъёрҳое, ки бевосита муносибатҳо вобаста ба истифодаи захираҳои табииро ба сифати моликияти давлатӣ эътироф намуда, ҳифзи онро кафолат дода буд, Конститутсияи (қонуни асосии) Ҷумҳурии Шӯравии Автономии Тоҷикистон аз 28 апрели 1929 мебошад, ки дар қисми 18, боби 1 муқаррар гардида буд [2,с.302].

Аз ҳолати болозикр маълум мегардад, ки дар давраи солҳои 1924-1929 дар Ҷумҳурии Шӯравии Автономии Тоҷикистон тамоми сарватҳои табиии ҷойдошта моликияти давлатӣ мебошанд ва ҳолати истифодаи самаранок ва оқилонаи онҳо муқаррар карда нашудааст.

Аммо чунин ҳолат маънои онро надорад, ки сарватҳои табиӣ бе истифода ва ё гардиши хоҷагидорӣ мемонанд. Агарчанде ки ҳолати ҳуқуқии онҳо моликияти давлатӣ эътироф гардида бошад ҳам, истифодаи онро халқ ҳамчун асоси Давлати Шӯравӣ ба амал мебароварад.

Дар вақти таҳлил ва омӯзиши Конститутсияи (қонуни асосии) Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 1931 маълум мегардад, ки нисбат ба муқаррароти меъёрҳои Конститутсияи пешин нисбатан ба масъалаҳои сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист меъёрҳои бештарро муқаррар кардааст. Масалан, дар муқаррароти қисмҳои 23, 24 ва 25 боби 1 Конститутсияи болозикр муқаррар гардидааст, ки тамоми объектҳои табиӣ моликияти давлатӣ мебошанд. Дар як маврид, дар меъёри қисми 24 муқаррар карда мешавад, ки «соҳибии замин ва об иҷозат дода мешавад, танҳо бо мақсади истифодабарӣ [2,с.368]», ҳамчунин, дар ин маврид дар қисматҳои дигар кафолати истифодабарии ин сарватҳои табиӣ барои коркард ва киштукор зикр карда шудааст.

Албатта, ҳолати дар боло ишорашуда гарчанде хусусияти танзими кишоварзӣ ва заминро дошта бошад ҳам, лекин бояд тазаккур дод, ки муқаррароти мазкур бевосита хусусияти танзими муносибатҳои экологиро низ таҷассум менамоянд. Бинобар ин, мо аз ин раванди танзимнамоии принсипиалӣ мушоҳида менамоем, ки яке аз зинаҳои аввалияи танзими конститутсионӣ -муносибатҳо вобаста ба ҳифзи муҳити зист рушд ёфта истодаанд.

Ҳолатҳои дар боло ишорагардида дар муқаррароти моддаи 4, Қонуни асосӣ (Конститутсияи) Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 16 январи соли 1935 низ муқаррар гардида буданд [3,с.288-307]. Ҳамчунин, дар муқарророти моддаҳои 6 ва 8 Конститутсия (қонуни асосии) Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 1 марти соли 1937, муқаррарот вобаста ба сарватҳои табиӣ ва механизмҳои ҳуқуқии истифодабарии онҳо мустаҳкам гардида буданд [2,с.439].

Дар муқаррароти боло ишорагардидаи конститутсионӣ мушоҳида карда мешавад, ки меъёрҳо ба таври умумӣ ҳолати ҳуқуқии сарватҳои алоҳидаи табииро муқаррар кардаанд. Аз ҳамин лиҳоз, бояд нисбат ба механизми истифодабарӣ, тадбирҳои андешидашаванда, мақсади назораткунанда, мавқеи ҳуқуқии мақомоти босалоҳият ва дигар равандҳои вобастакарди самти истифода, ҳифз ва барқароркунии объектҳои табиӣ қонунгузории алоҳидаи кодификатсионӣ ва ҷорӣ дар назар гирифта шудааст. Агарчанде муқаррароти конситутсионӣ дар ҷодаи танзими муносибатҳои экологӣ бевосита амал намояд ҳам, аммо бе қонунгузории алоҳида рушд додани асосҳои идоракунӣ ва танзими ин соҳаи ҳаётан муҳим ғайриимкон мебошад.

Яке аз заминаҳои асосии конститутсионии даврони Тоҷикистони Шӯравӣ, ки бевосита дар самти танзими тамоми муносибатҳои ҳаётан муҳимми фаъолияти хоҷагидорӣ нақши муҳим бозидааст, Консититутсияи (қонуни асосии) Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1978 мебошад. Аз таҳлили муқаррароти моддаҳои алоҳидаи Конститутсияи мазкур муайян мегардад, ки яке он аз санадҳои меъёрии мукаммал дар ин давра ба шумор мерафт. Нисбат ба самти муносибатҳои экологӣ дар Конститутсияи номбурда моддаи 11 муқаррар менамояд, ки замин, қаъри замин, об, ҷангал моликияти давлатӣ мебошанд. Ҳамчунин, дар сархати дуюми моддаи 12 муқаррар менамояд, ки замин барои истифодаи хоҷагидорӣ бемуҳлат ва бемузд дода мешавад [2,с.641].

Дар баробари муқаррароти дар боло қайдшуда, дар моддаи 65 чунин омадааст: «Нигоҳдории табиат ва ҳифзи сарватҳои он вазифаи шаҳрвандони ҶШС Тоҷикистон мебошад» [2,с.652].

Таҳқиқи таърихи қонунгузорӣ ва сатҳи олии он конститутсия дар ҳар як мамлакат аҳамияти калони сиёсӣ, илмӣ ва амалӣ дорад. Омӯхтани он хусусан баъди ноил гаштани Тоҷикистон ба соҳибихтиёрии давлатӣ ва қабули Конститутсияи соли 1994 хеле муҳим гардид. Зеро он, аз як тараф, идомаи раванди пайдоиш ва рушди конститутсияҳои дар таърихи Тоҷикистон қаблан қабулшуда мебошад. Аз тарафи дигар, давраи нави таърихи давлатдории миллӣ, ташаккули низоми ҳуқуқ ва қонунгузорӣ, тағйиротҳои ҷиддии ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеаи тоҷикро ифода мекард [13,с.62-85].

Ҳар як зуҳуроти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ҳамон вақт дуруст дарк карда мешавад, ки давраҳои асосии пайдоиш ва рушди он омӯхта шавад [14,с.9].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 аз конститутсияҳои қаблии ҷумҳурӣ моҳиятан фарқ дорад. Аммо барои муайян кардани мазмун ва моҳияти аксари меъёрҳои амалкардаистода, донистани қонуниятҳои рушди падидаҳои муҳимми ҳуқуқи конститутсионӣ аз давраи пайдоиши онҳо то давраи муосир муҳим аст. Ин омил барои дуруст таҳқиқ кардан ва кушода додани хусусияти масоили ҳуқуқи конститутсионӣ имкон медиҳад.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки дар ҳақиқат ҳам, ба масъалаи ҳифзи муҳити зист дар муқаррароти конститутсионӣ эътибори ҷиддӣ дода шудааст, ки чунин ҳолат имкон фароҳам овардааст, то аз ҷониби субъектони истифодабаранда муқаррароти қонунгузории амалкунанда риоя ва иҷро карда шаванд.

Бояд тазаккур дод, ки дар баробари таҳлилу омӯзиши сатҳи конститутсионии танзими муносибатҳои экологӣ дар давраи Шӯравӣ, барои ба тариқи пурраву ҳамаҷониба, илман асоснок матраҳ гардидани масъалаи мазкур, бояд андешаву ғояҳои олимони самти мазкур аз мадди назар дур намонад.

Муҳаққиқи соҳаи ҳуқуқи экологӣ С.А. Балашенко чунин андеша дорад, ки асосан дар давраи Шӯравӣ танзими меъёрии муносибатҳои экологӣ ва умуман, соҳа ва зерсоҳаҳои ҳуқуқи замин, об, ҷангал ва истифодабарии табиат дар солҳои 60-70 асри XX раванди нисбатан рушди худро паси сар намудааст, мисоли онро мо дар қабул гаштани қонунгузории алоҳидаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ мушоҳида намуданамон мумкин аст [4,с.24]. Дар баробари ин, С.А. Балашенко таъкид менамояд, ки дар бештари ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС дар марҳилаи байни солҳои 1957 то соли 1963 бо такя ба базаи қонунгузории умумииттифоқӣ оид ба ҳифзи табиат, қонун дар бораи ҳифзи муҳити зист ҳамчун шакли нави қонунгузорӣ қабул карда шудаст [4,с.25].

Макеева Е.Д. дар таҳқиқоти худ ҳолати инкишофёбии муносибатҳои экологӣ ва идоракуниву танзими онро ба таври зинавӣ бо тартиби зайл даврабандӣ кардааст: аз соли 1917 то соли 1950; аз 1950 то соли 1970; аз соли 1970 то соли 1991. Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки раванди инкишофи муносибатҳои ҷамъият ва давлат ба табиат хусусиятҳои хосси худро дошта, танзимнамоӣ ва идоракунии он низ механизмҳои ҷудогонаи худро доранд [5,с.5-11].

Дар ҳақиқат ҳам, ба андешаи мо, масъалаи танзими муносибатҳои экологӣ хусусиятҳои хосси худро дошта, дар як маврид бештари қонунгузории ба талаботи техникаи он ҷавобгӯй ба марҳилаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии даврони Шӯравӣ вобастагӣ дорад, ки ин ҳолатро мо аз низоми қонунгузории давлатҳои ИҶШС баръало мушоҳида карда метавонем.

Саркисов О.Р. дар китоби худ менависад, ки то солҳои 1991 дар РСФСР дар самти танзими муносибатҳои экологӣ Қонуни РСФСР «Дар бораи ҳифзи сарватҳои муҳити табиии зист» аз 19 декабри соли 1991 таҳти №2060-1 қабул карда шудааст. Дар асоси Қонуни номбурда, ки хусусияти соҳавиро ба худ касб карда буд, бештари муносибатҳои муҳимми соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ мавриди танзим қарор дода мешуданд [6,с.39-40].

Ба андешаи мо, агарчанде ки масъалаҳо вобаста ба ҳифзи муҳити зист, истифодаи самаранок ва барқароркунии боигариҳои табиӣ дар асоси қонуни ҷории соҳавӣ мавриди танзим қарор гирад ҳам, маънои онро надорад, ки ин қонуни ягона дар ин самт мебошад. Барои он ки соҳаи муносибатҳои экологиро танҳо бо як қонунгузории алоҳида мавриди танзим қарор додан ғайриимкон мебошад.

Ба андешаи В.В. Петров, сарчашмаҳои ҳуқуқи экологӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошанд:

1) дар низоми онҳо аксариятро қонун ташкил медиҳад, на дигар шакли ҳуқуқ;

2) мавҷудияти меъёрҳо ва санадҳои «экологишуда» дар низоми онҳо;

3) мавқеи муайянро санадҳои байналмилалӣ ишғол менамоянд.

Сарчашмаҳои ҳуқуқи экологӣ давраҳои асосии инкишофёбии худро дошта, дар замони муосир низоми он аз қонунгузории ҳифзи муҳити зист ва қонунгузории захираҳои табиӣ маншаъ гирифтааст.

Давраҳои асосии инкишофёбии сарчашмаҳои ҳуқуқи экологӣ. Дар таърихи инкишофёбии қонунгузории экологӣ ду ҳолат бояд ба ҳисоб гирифта шавад:

Давраи якум, қонунгузорӣ ҳамчун соҳаи қонунгузории Русия (солҳои аввал 1917-1918) ва баъдтар қонунгузорӣ дар таркиби қонунгузории собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, бе баҳисобгирии хусусиятҳои ба худ хосси маҳаллӣ инкишоф меёфт.

Давраи дуюм аз саршавӣ то солҳои 1980-ум, қонунгузории экологӣ дар ҳайати қонунгузорӣ оид ба сарватҳои табиӣ инкишоф меёфт [7, с. 77].

Аз ҷониби муҳаққиқи ватанӣ М.М. Соҳибзода чунин даврабандии инкишофёбии қонунгузории экологӣ пешниҳод гардидааст:

1) Солҳои 1917-1922 – бавуҷудоӣ ва барқароршавии санадҳои қонунгузории ҳифз ва истифодаи захираҳои табиӣ.

2) Солҳои 1922-1957 – инкишофёбии васеи фаъолонаи қонунгузории самти захираҳои табиии умумииттифоқӣ.

3) Солҳои 1957-1969 – давраи қабули қонунҳои ҳифзи табиат ҳамчун шакли нави қонунгузории ҳифзи табиат дар ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ. Қонуни ҳифзи табиати ҶШС Тоҷикистон аз 24 октябри соли 1959 қабул шуда буд.

4) Солҳои 1968-1980 – гузаронидани кодификатсияи қонунгузории умумииттифоқӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ доир ба замин, маъданҳо, об, ҷангал, олами ҳайвонот, ҳавои фазо ва монанди инҳо. Нисбат ба ин объектҳо дар миқёси умумииттифоқ асосҳои қонунгузорӣ ва дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ кодексҳо ва қонунҳо қабул карда шуданд.

5) Солҳои 1985-1990 - дар ин давра қонуни ҳифзи табиат дар Иттиҳоди Шӯравӣ коркард шуд ва мувофиқи онҳо бояд сохти мақомотҳои ваколатдори махсуси идоракунии истифодабарии табиат ва ҳифзи табиати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дигар карда мешуд. Низоми нави идоракунии табиатистифодабарӣ ва ҳифзи табиат ҳам ба як андозае сохта мешавад.

6) солҳои 1990 то ҳол давраи аз сари нав сохтани қонунгузории ҶТ ва аз он ҷумла, қонунгузории экологӣ маҳсуб меёбанд. Дар ин давра Қабули «Қонуни ҳифзи табиати ҶТ» (аз 27 декабри соли 1993), КЗ ҶТ (аз 13 декабри соли 1996), КО ҶТ (2000) ва ғ. қабул гардидаанд [8,с.74-76].

Дар ҳақиқат ҳам, аз ҷониби олимони соҳаи ҳуқуқи экологии ватанӣ даврабандии инкишофи қонунгузории экологӣ бо дарназардошти воқеияти қабул ва мавриди амал қарор гирифтани онҳо оварда шудааст, ки ҳолати мазкур аз мукаммал будани он гувоҳӣ медиҳад.

Бояд таъкид намуд, ки амалияи рушди низоми қонунгузорӣ ва ҳуқуқ нишон медиҳанд, ки барои инкишофи қонунгузории дилхоҳ соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ заминаи таърихӣ ва методологии он зарурияти аввалиндараҷаро доро мебошад [9]. Ба ҳамин мувофиқ қонунгузории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чунин равандро барои бавуҷудоӣ ва инкишофи худ аз сар гузаронидааст, ки ин ҳолатро мо аз доктринаҳои таърихӣ-ҳуқуқии мавҷуда баръало мушоҳида карда метавонем.

Ҳамин тариқ, аз омӯзиш ва таҳлили мавзӯи мазкур ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Ба мо маълум гардид, ки дар танзими муносибатҳои экологӣ ва умуман ҳифз ва истифодаи дурусти сарватҳои табиӣ нақш ва мақоми Конститутсия бениҳоят муҳим мебошад.

2. Дар марҳилаи давраи Шӯравии танзими муносибатҳои экологӣ дар Тоҷикистон дар баробари дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчунин конститутсияҳоро махсус зикр намуданамон ҷоиз мебошад. Барои он ки дар Тоҷикистони Шӯравӣ маҳз конститутсияҳои қабулшуда ва меъёрҳои алоҳидаи онҳо имконият медоданд, ки вазъи ҳуқуқии сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист ба таври расмӣ-ҳуқуқӣ ҳифз карда шаванд. Аз ҳамин нуқтаи назар, яке аз заминаҳои расмии рушди қонунгузории экологиро дар Ҷумҳурии Шӯравии

Сотсиалистии Тоҷикистон маҳз аз коституцияҳои қабулшудаи ҳамон давра вобаста донистан дуруст мебошад.

3. Яке аз хусусиятҳои хосси танзими муносибатҳо вобаста ба истифода ва ҳифзи сарватҳои табиӣ дар динамикаи рушди меъёрҳои конституционӣ-ҳуқуқии марҳилаҳои инкишофи конституционализм буд. Ҳолати мазкурро мо метавонем аз муқоисаи меъёрҳои экологии Конституцияҳои қабулгардида дар фосилаи вақти давраи Шӯравӣ бараъло мушоҳида намоем.

4. Раванди инкишофи қонунгузории экологии замони Шӯравии Тоҷикистон имкон додааст, ки он дар вақти таҳияи низоми муосири қонунгузории миллӣ ба сифати замина мавриди истифода қарор дода шавад. Гарчанде дар собиқ ИҶШС қонунгузорӣ дар ду зина, яъне қонунҳои умумииттифоқ ва ҷумҳуриҳои алоҳида амал мекард, аммо бештар механизми одатӣ, этикӣ, таърихӣ ва ҷуғрофии ҷумҳуриҳои алоҳида ба инобат гирифта мешуданд.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Қурбонзода Қ.

АДАБИЁТ

1. Игнатьева И.А. Экологическое законодательство России: теория и практика систематизации. Автор. дис…докт.юрид.наук: 12.00.06 / Игнатьева, Инна Анатольевна – Москва – 2007.- 42 с. Электронный ресурс: Режим доступа: https://www.dissercat.com/content/ekologicheskoe-zakonodatelstvo-rossii-teoriya-i-praktika-sistematizatsii (Дата обращения: 03.06.2021).
2. Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917-1994 гг.)/ Сост. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Типография ТНУ, 2019. – 840 с.
3. Хрестоматия по истории отечественного государства и права: форма государственного единства в отечественной истории XX века / сост. О.И. Чистяков, Г.А. Кутьина. – 698 с.
4. Экологическое право: учеб. пособие / С.А. Балашенко [и др.]; под ред. Т.И. Макаровой, В.Е. Лизгаро. – Минск: БГУ, 2008. -379 с. Электронный ресурс: https://law.bsu.by/pub/25/7548-1.pdf (Дата обращения: 04.06.2021).
5. Макеева Е.Д. Взаимоотношения власти и общества в России в сфере охраны природы в 1917−1991 гг. (на материалах Среднего и Нижнего Поволжья: исторический аспект): авто. доктора исторических наук: 07.00.02 – Отечественная история / Макеева Екатерина Дмитриевна – Самара – 2020 - 41 с. Электронный ресурс: Режим доступа: https://ssau.ru/files/resources/dis_protection/avtoref_makeeva.pdf (Дата обращения: 04.06.2021).
6. Саркисов О.Р. Экологическое право: учеб. пособие для студ. учреждений высшего проф. образования / О.Р. Саркисов, Е.Л. Любарский. -5-е изд. переработанное и доп – Казань: Центр инновационных технологий, 2014. – 335 с. Электронный ресурс: https://kpfu.ru/portal/docs/F331996391/PRAVO.pdf (Дата обращения: 05.06.2021).
7. Петров В.В. Экологическое право. – М., 1995. – 478 с.
8. Соҳибзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: нашри аввал. Қисми умумӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 583 с.
9. Потапова Н.В. История отечественного государства и права: учебно-методическое пособие / Н.В. Потапова. – Южно-Сахалинск: изд-во СахГУ, 2014. – 196 с.
10. Қонуни РСФСР «Дар бораи ҳифзи сарватҳои муҳити табиии зист» аз 19 декабри соли 1991, № 2060-1.
11. Коституцияи (қонуни асосии) Ҷумҳурии Шӯравии Автономии Тоҷикистон аз 28 апрели 1929.
12. Имомов А., Буриев И., Гадоев Б., ва дигарон. Коституцияҳои Тоҷикистон: пайдоиш ва инкишоф. - Душанбе, 2014. - 837 с.
2. Acharya, A. The End of American World Order, Polity, 2018.
3. Holbraad, C. Middle Powers in International Politics, Macmillan Press, 1984.
4. Chapnick A. The middle power // Canadian Foreign Policy Journal, 1999, V. 7, No. 2, 73-82.
5. Mearsheimer, J.J. The Tragedy of Great Power Politics, W. W. Nanon & Company, 2001.
6. Safranchuk I. 2018. Russian-U.S. Relations: Torn between the Practical and Ideational Agendas // Russia In Global Affairs. Vol. 16. No. 4. P. 96–121.
7. Öniş Z. and Kutlay M. Rising Powers in a Changing Global Order: the political economy of Turkey in the age of BRICS // Third World Quarterly. 2013, Vol: 34, No. 8, pp. 1409-1426.
8. Öniş Z. and Kutlay M., The Dynamics of Emerging Middle Power Influence in Regional and Global Governance: The Paradoxical Case of Turkey // Australian Journal Of International Affairs · June 2016.
9. Искандаров А. Приоритеты США в Центральной Азии в 2000-е гг. / А.Искандаров, И.А.Сафранчук, Ф.М.Юсуфджанов // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. -2017. -№ 4-1. -С. 98-102.
10. Караганов С.А. Холодная Война: прогноз на завтра // Россия в глобальной Политике. 23.10.2017. Режим доступа: https://globalaffairs.ru/articles/holodnaya-vojna-prognoz-na-zavtra/ (дата обращения: 25.05.2021)

11. Кортунов А.В. Почему мир не становится многополярным? // Россия в глобальной политике. 26.06.2018. Режим доступа: https://globalaffairs.ru/articles/pochemu-mir-ne-stanovitsya-mnogopolyarnym/ (дата обращения: 26,05.2021)
12. Надточей Ю.И. Евразия: сложности управления / Ю.И.Надточей, И.А.Сафранчук // Вестник МГИМО Университета. -2019. -Т. 12. -№ 6. -С. 188-197.
13. Надточей Ю.И. Европейский Союз в Центральной Азии: границы нормативной силы / Ю.И.Надточей, И.А. Сафранчук // Вестник международных организаций: образование, наука, новая экономика. -2018. -Т. 13. -№ 4. -С. 280-285.
14. Сафранчук И. Конкуренция за безопасность в Центральной Азии / И.Сафранчук // Россия в глобальной политике. 2007. Т. 5. № 6. С. 112-121.
15. Сафранчук И. Глобализация в головах // Россия в глобальной политике. -2015. -Т. 13. -№ 1. -С. 120-126.
16. Сафранчук И. Путешествие в разных лодках / И.Сафранчук // Россия в глобальной политике. -2008. -Т. 6. -№ 5. -С. 151-161.
17. Сафранчук И. Афганистан в поисках баланса / И.Сафранчук // Россия в глобальной политике. -2012. -Т. 10. -№ 4. -С. 112-117.
18. Сафранчук И.А. Эволюция позиции США в отношении роли Китая в Центральной Азии / И.Сафранчук // Международная жизнь. -2015. -№ 8. -С. 97-107.
19. Сафранчук И.А. Концепция «Новый Шелковый путь» и политика США в «Большой Центральной Азии» / И.Сафранчук // Международная жизнь. -2013. -№ 7. -С. 43-53.
20. Сафранчук И.А. Глобализация и регионализация для Центральной Азии / И.А.Сафранчук, А.И. Искандаров //Материалы междунар. конф. «Новые государства Центральной Азии в условиях формирования полицентричного мира (г.Душанбе, 16 марта 2017 г.). -Душанбе, 2017. -С. 40-48.
21. Сафранчук И.А. Гегемония и мировой порядок: обзор концепции «сложной гегемонии» / И.А.Сафранчук, В.М.Жорнист, А.Д.Несмашный // Вестник международных организаций: образование, наука, новая экономика. -2021. -Т. 16. -№ 1. -С. 172-183.
22. Сафранчук И.А. Современный мировой порядок: структурные реалии и соперничество великих держав / И.А.Сафранчук, Ф.А. Лукьянов // Полис. Политические исследования. -2021. -№ 3. -С. 57-76.
23. Сафранчук И.А. Современный мировой порядок: адаптация акторов к структурным реалиям / И.А.Сафранчук, Ф.А. Лукьянов // Полис. Политические исследования. -2021. -№ 4. -С. 14-25.

МУНОСИБАТҲОИ КУДРАТҲОИ МИЁНА БО ҚУДРАТҲОИ БУЗУРГ ДАР ЧАХОНИ БИСЁРҚУТБӢ: СИЁСАТИ ТУРКИЯ БАЙНИ РУСИЯ ВА ИМА

Системам яккутбдори либералӣ-капиталистӣ дар зери таъсири гегемонизми Америка тадриҷан тағғир ёфта истодааст. Дар натичаи паст шудани нақши гегемонизм таъсир ва ракобати давлатхои бузург дар сиёсати чахонӣ меафзояд. Муаллиф дар ин тадқиқот бо истифода аз мисоли равобити Туркия бо ИМА ва Русия ба муносибатҳои байни қудратҳои миёна ва бузург чӣ гуна тағйироту дигаргунсозиҳо дар низоми байналмилалӣ таъсир мерасонад, таҳлил менамояд. Ба ин максад дигаргунихои системаи муносибатхои байналхалкӣӣ пеш аз хама ба воситаи концепцияи бисьёр-кутбӣ ва бисьёртарафа мухокима карда мешаванд. Дар натича, афзалиятҳо ва нуқсонҳои Туркия ҳамчун як давлати миёнарав ошкор карда мешаванд. Ин тағйирот дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ба авлавиятҳои сиёсати хориҷии Туркия дар муносибатҳои ИМА ва Русия бевосита таъсир мерасонад. Ба акидаи муаллиф, даврахои субот дар системаи байнал-халкӣ бо талоши шумораи махдуди давлатхо ба даст оварда мешаванд, вакте ки дар дигар кишварҳо амният ва сулхро таъмин мекунад онҳоро ҳамчун гегемон эътироф менамоянд. Ин гуна давлатҳоро абарқудратҳо ё қудратҳои бузург меноманд. Онхо аз лиҳози иктисодӣ, харбӣ ва идеологӣ аз дигарон бартарӣ доранд, амнияти худро таъмин менамоянд. Афзоиши шумори ин гуна давлатҳо низ метавонад баъзан дар система тавозуни қудратро ба вуҷуд орад. Аммо ноил шудан ба ин таносуби байни давлатхои бузург осон нест. Зеро баробари ба сари хокимият омадани давлатхо неруи моддии худро барпо карда, ба мукобили сохти мавчуда ва давлатхои бузург мубориза мебаранд; максадхои минтақавӣ ва ҷахонии онҳоро таҳким мебахшад. Ҳамин тавр, тартиботи байналхалкӣ аз байн меравад; дар натичаи чангхои бузург ё кризисхои умумичахонӣ баркарор карда шуда, ҳокимият дар байни давлатхо аз нав таксим карда мешавад.

Калидвожаҳо: Туркия, Русия, ИМА, давлатҳои бузург, қудратҳои миёна, бисёрқутбӣ, бисёрҷониба.

ОТНОШЕНИЯ СРЕДНИХ ДЕРЖАВ С ВЕЛИКИМИ ДЕРЖАВАМИ В МНОГОПОЛЯРНОМ МИРЕ: ПОЛИТИКА ТУРЦИИ В ОТНОШЕНИИ РОССИИ И США

Однополярная либерально-капиталистическая система под американской гегемонией уже давно претерпевает трансформацию. В результате снижения роли гегемонии возрастают влияние и конкуренция государств-великих держав в мировой политике. В этом исследовании автор рассматривает, как изменения и трансформации в международной системе влияют на отношения между государствами средней и великой державы на примере отношений Турции с Соединенными Штатами и Россией. С этой целью трансформация в системе международных отношений будет обсуждаться, в первую очередь, через концепции многополярности и многосторонности. В результате, выявляются преимущества и недостатки для Турции как государства средней державы. Эти изменения и трансформация в системе международных отношений напрямую влияют на приоритеты внешней политики Турции в отношениях с США и Россией. Как полагает автор, периоды стабильности в

международной системе достигаются ограниченным числом государств, когда другие признают их в качестве стабилизаторов и гегемонов. Это обеспечивает безопасность и приносит мир. Такого рода государства называются сверхдержавами, или великими державами. Они превосходят других в экономическом, военном и идеологическом отношении, обеспечивая свою собственную безопасность. Увеличение числа таких государств также может иногда создавать баланс сил в системе. Но достичь такого баланса между великими державами непросто. Потому что, как только государства приходят к власти, они наращивают свой материальный потенциал и начинают бросать вызов существующей системе и великим державам; их региональные и глобальные амбиции превосходят цель поддержания мира. Таким образом, международный порядок исчезает; он восстанавливается в результате великих войн или глобальных кризисов, и власть перераспределяется между государствами.

Ключевые слова: Турция, Россия, США, великие державы, средние державы, многополярность, многосторонность.

RELATIONS BETWEEN THE MIDDLE POWERS AND THE GREAT POWERS IN THE MULTIPOLAR WORLD: TURKEY'S POLICY BETWEEN RUSSIA AND THE UNITED STATES

The unipolar liberal capitalist system under the American hegemony has long been in a transformation period. As a result of the decline of the hegemony, the influence of great power states in world politics is increasing. The study discusses how the change and transformation in the international system affect relationships between middle powers and great powers in the case of Turkey's relations with the United States and Russia. For this purpose, the transformation of the international relations system will be discussed primarily through the concepts of multipolarity, multilateralism, and multiflex world. As a result, the advantages and disadvantages that arise for Turkey as a middle power state are revealed. It is also seen that the change and transformation in the system of international relations directly affect Turkey's foreign policy priorities between the United States and Russia. According to the author, periods of stability in the international system are achieved by a limited number of states, when others recognize them as stabilizers and hegemons. It provides security and peace. These kinds of states are called superpowers or great powers. They are superior to others economically, militarily and ideologically, ensuring their own security. The increase in the number of such states can also sometimes create a balance of power in the system. But achieving this balance between the great powers is not easy. Because, as soon as states come to power, they build up their material potential and begin to challenge the existing system and the great powers; their regional and global ambitions exceed the goal of maintaining peace. Thus, the international order disappears; it is being restored as a result of great wars or global crises, and power is redistributed among states.

Keywords: Turkey, Russia, the United States, Great Powers, Middle Powers, Multipolarity, Multilateralism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Али Эмре Сужу*** - Донишкадаи давлатии муносибатҳои байналмилалии Москва, аспиранти кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 143005 Русия, вилояти Москва, Одинцово, кӯчаи Ново-Спортивная, 3. E-mail: **aliemresc@gmail.com**

Сведение об авторе:*Али Эмре Суджу* – Московский государственный институт международных отношений, аспирант кафедры политологии. **Адрес:** 143005 Россия, Московская область, г. Одинцово, улица Ново-Спортивная, 3. E-mail: **aliemresc@gmail.com**

Information about the author: ***Ali Emre Suju*** - Moscow State Institute of International Relations, postgraduate student of the Department of Political Science. **Address:** 143005 Russia, Moscow region, Odintsovo, Novo-Sportivnaya street, 3. E-mail**: aliemresc@gmail.com**

УДК:329

МАСЪАЛАҲОИ ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ СИЁСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Зокиров Г.Н., Холов Х.Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истиқлолият ҳамчун бузургтарин ва арзишмандтарин дастоварди тоҷикон дар раванди бунёди давлат ва давлатдорӣ дар асри ХХ ба ҳисоб меравад, ки аввалан шаклгирии давлат дар ҳайати Иттифоқи Советӣ ва баъдан, ташаккул ва камолоти он ҳамчун давлатдории муттамадину пешрафта сурат гирифтааст.

Истиқлолияти давлатӣ эҳё ва мабдаи рушду такомули арзишҳои олии миллӣ мебошад. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ қайд менамоянд: “Озодӣ ва истиқлолият дар ҳар давру замон неъмати бебаҳо ва волои ҳаёти инсон, нишонаи барҷастаи симо ва ташаккули таърихӣ, кафили пешрафт, рамзи асолату ҳувият ва шарти бақои миллат ва пойдории давлат мебошанд. Гузашта аз ин, истиқлолият мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ, замонати ҳастии воқеӣ ва шарофату эътибори ҷаҳонии миллат аст” [12,с.28].

Истиқлолият шиносномаи ҳастии давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёри тоҷикон дар ҷомеаи ҷаҳонист, ки низоми давлатдорӣ, сиёсати дохилию хориҷӣ, сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии хешро мустақилона пеш мебарад. Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хосса ва мақому мавқеи муносиберо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо карда, набзи давлату миллати моро бо набзи сайёра ҳамсадо месозад.

Ҳамин тариқ, баъд аз пароканда гардидани давлати абарқудрати Иттифоқи Советӣ масъала оид ба истиқлолияти худро ҳифз намудани Тоҷикистон, дар ин замина ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ, системаи сиёсӣ, сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ пеш омад. Тоҷикистон дар ҳолати ҷанги ҳамватанӣ қарор дошт, ҳифз намудани истиқлолият аз муҳимтарин вазифаҳо ба ҳисоб мерафт. Дар ин давра на танҳо системаи давлатӣ, балки неруҳои сиёсии дигар – ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо, ки дар чаҳорчӯбаи қонун фаъолият мекарданд, ташаккул ёфтанд.

Соли 1992 дар таърихи навини халқи тоҷик ҳамчун давраи пурфоҷиа боқӣ мондааст. Зеро ки дар ин вақт давлатҳои ҳамсояи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар гузашта тақдири умумию ба ҳам алоқаманд доштанд, қадамҳои устуворона дар роҳи рушди истиқлолияти сиёсию иқтисодӣ мегузоштанд, аммо кишвари мо бошад, бо ҷурми ҳизбҳои алоҳида ва гурӯҳҳои сиёсӣ–ҷамъиятӣ ба гирдоби ҷанги бемаънии ҳамватанӣ кашида шуд. Ҳар касе мехост бо роҳи ғайридемократӣ, ба таври зӯрӣ ҳокимиятро ба даст орад, дар натиҷа бо ин рафтори бевиҷдонона ҷиноятқорон ба таври золимона намояндагони халқу миллати худро ба қатл расониданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба майдони қатлу ғорат табдил ёфта, хонаҳо вайрон мегардиданд ва ба ҷойи базму тантана шаҳрвандон ба маросими дафн мерафтанд. Тоҷикон дар ватани худ гуреза гашта, тоҷик аз тоҷики дигар меҳаросид [15,с.18-20].

Воқеан, давлат заиф гардида, тартибу низом тақрибан аз байн рафта буд. Давлат наметавонист вазифаҳои худро иҷро намояд. Зеро гурӯҳҳои манфиатдор ба қадри оромию субот дар ҷомеа намерасиданд. Ҳолате дар ҷомеа ба вуҷуд омада буд, ки дар он, ба андешаи Э.А. Позднякова, “дар сурати заиф гардидани давлат одамони “бевиҷдон”-“бахт” меёбанд ва одамони “поквиҷдон”-“бадбахтӣ” [7,с.117].

Ҳамаи ин ҳодисаҳо дар Тоҷикистон барои он ба вуҷуд омаданд, ки дар он низоми беҳокимиятӣ ташаккул ёфта, одитарин ҳуқуқҳои инсон поймол мегардиданд. Дар ҷомеа, махсусан, дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе фазои террор, тарс, ҳарос, дурӯғу фитна ҳукмфармо гардид. Одамон дар тарс барои ҳаёт, барои фарзандон, барои хона ва барои оянда мезистанд. Дар асл ин ҳаёт ҳам набуд. Ҳеҷ кас, ҳатто дар

алоҳидагӣ он касоне, ки айни замон аз вайрон гардидани ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон изҳори нигаронӣ мекунанд, дар он вақт овози худро ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони кишвар баланд карда наметавонистанд. Одамон аз рӯйи мансубият ба миллат, дин ва маҳал ҷудо карда мешуданд. Баромадҳои ноогоҳонаи баъзе аз роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ оид ба асорати шаҳрвандони русзабон ба гурези дастаҷамъонаи онҳо оварда расонид. Ҳатто намояндагони худи халқи тоҷик низ аз рӯйи аломати маҳаллӣ хонаҳои худро тарк намуда, ба назди аҷдодони худ баргаштанд. Дар чунин вазъият аз ҳар ҳашт шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон як нафар гуреза шуд.

Воқеан, сабаби чунин бадбахтиҳо – низоъ ҷиҳати дастёбӣ ба ҳокимият, талаботи ғайриконститутсионии тамоми системаи идоракунии давлатӣ, ки дар натиҷа мақомоти ҳифзи тартиботи ҷамъиятиро фалаҷ гардонид, ба ҳисоб меравад. Вайроннамоии қонуният барои баъзе мансабҷӯён ба қоидаи ҳаётӣ табдил ёфт. Дар натиҷаи мураккабшавии вазъият бо роҳи зӯрӣ ҳукумати муросои миллӣ ташкил карда шуд. Ин дар ҳоле сурат гирифт, ки бисёре аз ноҳияҳою вилоятҳо ва зиёда аз 80 фоизи аҳолии Тоҷикистон онро эътироф нанамуданд, ҳатто вазъият низ дар кишвар муътадил нагардид.

Ҳукумати муросои миллӣ изҳорот доир ба истеъфои худро пешниҳод намуд. Ниҳоятан, дар моҳи ноябри соли 1992 Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар баробари масъалаҳои дигар, масъалаи ба истеъфо равон намудани Ҳукумат низ баррасӣ гардид. Ҳайати нави Ҳукумат бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон, ки минбаъд вусъати тоза ҷиҳати муътадилгардонии вазъ дар ҷумҳурӣ бахшид, ташкил ёфт.

Дар замоне, ки оташи ҷанги шаҳрвандӣ пайкари Ватанро месӯхт, ба зимма гирифтани масъулияти роҳбарӣ ва наҷоти давлат коре басо мушкил буд. Аз ин рӯ, вақте Иҷлосияи тақдирсози Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд баргузор мешуд, бисёриҳо на танҳо масъулияти сарварии давлат, балки ҳатто масъулияти роҳбарии вазорату идораҳои давлатиро низ ба зимма гирифтан намехостанд. Хушбахтона, дар натиҷаи талошҳои пайваста ва ҳимояи устувори мардуми шарифи кишвар ба мо муяссар гашт, ки ин масъулияти муқаддасу таърихиро ба уҳда гирем ва давлатдории миллиро аз вартаи нестӣ наҷот диҳем [13,с.9-10].

Дар хусуси аҳамияти таърихии ин иҷлосияи тақдирсоз андешаҳо зиёданд. Ин ҳақиқати таърихист. Чи тавре ки дар ин маврид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳои худ таъкид менамояд, “дар нахустин рӯзҳои истиқлолияти давлатӣ масъалаи ҳифзи тамомияти арзии давлат ҳам яке вазифаҳои аввалиндараҷаи мо буд. Зеро дар он рӯзҳои мудҳиш баъзе неруҳои дохилӣ ва хориҷӣ аллакай нақшаи тақсими Ҷумҳурии Тоҷикистони ягона ва аз таркиби кишвари мо ҷудо намудани вилояту ноҳияҳои алоҳидаро дар сар доштанд. Ин хатари ҷиддӣ ба шарофати ваҳдату ҳамдилӣ ва дастгирии мардуми шарифи кишварамон бартараф гардид” [13,с.10].

Далели раднопазир аст, ки яке аз хусусиятҳои муҳимми таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоштани асоси воқеӣ ҷиҳати устуворгардонии ҳокимият, истиқлолияти кишвар, муайян намудани самтҳои асосии инкишофи давлат дар марҳалаи минбаъда ба ҳисоб меравад. Роҳи рушди минбаъдаи Тоҷикистон дар асоси принсипҳои бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон карда шуд. Ҷолиби диққат аст, ки дар ин марҳалаи барои давлат хатарнок як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ бо мақсади фаъолгардонӣ ва устуворнамоии системаи ҳокимияти давлатӣ ба тасвиб расиданд.

Ҷиҳати баамалбарории чунин як вазифаи мураккабу масъулиятнок роҳбарияти кишвар аз тамоми имкониятҳо истифода намуда, чораҳои зарурӣ андешид. Вобаста ба ин, Қонун “Дар бораи авфи умумӣ” қабул гардида, тамоми нафароне, ки аз давраи 27 май то 25 ноябри соли 1992 рафтори ғайриқонунӣ намуда, ҷиноят содир карда буданд, аз ҷавобгарии ҷиноӣ озод карда шуданд. Қонун «Дар бораи гурезаҳо» низ қабул гардид, ки вобаста ба имконият ба тамоми гурезаҳо имтиёз муайян карда буд. Дар баробари ин, Президиуми Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ як қатор қарорҳоро дар мавриди халъи силоҳи гурӯҳҳои силоҳбадаст қабул намуд.

Аммо дар он вақт як қатор шахсон аз қисмҳои ғайриқонунии мусаллаҳ пешниҳоди роҳбарияти ҷумҳуриро ҷиҳати батанзимдарории оромию субот ба инобат нагирифта, дар баъзе минтақаҳо ҷанги бародаркушро идома медоданд. Барои хомӯш намудани он аз қувваи зиёди Вазорати корҳои дохила ва Кумитаи амнияти миллӣ истифода гардида, то андозае имконият фароҳам оварда шуд, ки Ҳукумат низоми қонунмандиро дар қаламрави кишвар, махсусан дар шаҳри Душанбе таъмин намояд. Бо вуҷуди ин, гурӯҳҳои ҷиноятпеша одамони зиёди бегуноҳро қатл намуда, моликияти аҳолиро ба яғмо мебурданд. Чунин гурӯҳҳо аслан душманони халқ ва Ҳукумати қонунии Тоҷикистон буданд. Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти қудратии он ҷиҳати муборизa алайҳи онҳо аз ҳама гуна чорабиниҳои зарурию қатъӣ истифода менамуд. Муҷозоти ҳар нафаре, ки ҷиноят содир менамуд, аз ҷониби суд таъйин гардида, барои ҳеҷ як шахс ё гурӯҳ худсарона муқаррар намудани ҷазо иҷозат дода намешуд. Барои он ки ҳар як куштор аз паси худ куштори дигарро меовард. Дар иртибот ба ин, ба Вазорати корҳои дохила, Кумитаи амнияти миллӣ ва дигар мақомоти марбутаи ҷумҳурӣ дастури қатъӣ дода шуда буд, ки пеши роҳи ҷиноятқорӣ гирифта шуда, ҷиҳати ошкор намудани ҷиноят тафтишоти ҳаматарафа бурда шавад ва ба он дар асоси муқаррароти қонун баҳогузорӣ гардад. Суд ва прокуратура, ки худ ба худ фаъолияташон қатъ гардида буд, аз нав бунёд гардиданд.

Оғози солҳои 90-ум, хусусан баъди бадастории истиқлолияти худ, Тоҷикистон ба буҳрони шадиди сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ дучор гардид. Дар маҷмӯъ, ҳамаи онҳо кишварро дар ҳолати бунбаст қарор доранд. Сар задани ҷанги ҳамватанӣ таҳти таъсири омилҳои дохилию беруна вазъи буҳрони и кишварро боз ҳам шадид гардонид. Дар ин маврид моро зарур аст, ки доир ба сарчашмаи буҳронҳои бамиёномада чунин натиҷагирӣ намоем:

Сарчашмаҳои буҳрони сиёсӣ-иҷтимоӣ. Чун дигар кишварҳои собиқ Иттифоқи Советӣ солҳои 1990-1992 барои Тоҷикистон низ давраи шадидан паст гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ, алалхусус кишоварзон буд. Дар бисёр ҳолат маҳз ҳамин омил боиси ташаннуҷи иҷтимоӣ ва ҳамрадифи тағйирёбии бетанаффузи системаи ҳокимияти давлатӣ мегардид. Дар ниҳояти кор, он ба шакли муқобилияти ошкорои зиддиҳукуматӣ ва баъдтар ба ҷоҳилияти сиёсии бемисл ва терроризм оварда расонид, ки дар натиҷа тамоми аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ғаму андӯҳи зиёд фаро гирифт.

Ҳар як зуҳуроти мушаххас дар заминаи хушку холӣ ба вуҷуд наомада, тибқи амалкарди қонуниятҳои муайяни рушди ҷомеа дар раванди таъсири ҳодисаҳо зоҳир мегардад. Ҳақиқатан, дар ин давра кишвар ба вазъи бади иҷтимоӣ–иқтисодӣ дучор гардид, ки он самараи пешбурди сиёсати бозсозӣ ва минбаъд барҳамдиҳии робитаҳои анъанавии хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад. Ҳаяҷони вайронкунанда дар ин навбат нисбат ба андешаи солим афзалият пайдо намуд. Дар айни замон ин на ба ислоҳоту созандагӣ, балки ба рӯҳафтодагиву заифгардии тамоми системаи сиёсию давлатии пешина оварда расонид.

Ба вуҷуд омадани фазои холии идеологӣ ва бемавқеъ ба саҳнаи сиёсӣ ворид гардидани неруҳои сиёсии ҳархела, ки ба таври ошкоро кӯшиши ғасби ҳокимиятро менамуданд, вазъияти мураккаби сиёсиро боз ҳам мураккабтар гардонид.

Дар замони аввал, дар авҷи ошкорбаёнӣ ва демократикунонӣ ба саҳнаи сиёсат ворид гардидани чунин неруҳо, ҳамчун раванди муътадили ташаккули прюрализми сиёсӣ дониста мешуд. Аммо аллакай дар оғози ин раванд маълум гардид, ки муносибатҳои хусусияти роҳпаймоию қудратталабидошта аз услуби машҳури фундаментализми исломии ҷаҳонӣ сарчашма мегирад ва он хосияти иртиҷоӣ дорад.

Фоҷеаҳои февралиро ҳамчун эътирози оммаи мардум таҳти сарварии неруҳои демократӣ қаламдод намуданд. Чунончи аз мушоҳидаҳо бармеояд, тарҳи идеологии ин фоҷеаро фундаменталистони исломӣ омода намуда буданд. Фақат аз он садоҳои хираи демократӣ ба гӯш мерасид.

Ҳодисаҳои февралии соли 1990 дар раванди инкишофи таърихии Тоҷикистон монеа ва мушкилоти зиёдеро ба бор оваранд. Гурӯҳҳои начандон калони мансабдорони сатҳи миёна ва поёнӣ, як қатор депутатҳои Шӯрои Олӣ ва гурӯҳи сиёсатмадорон аз мушкилӣ ва муҳоҷии мардум истифода намуда, хостанд ғасби ҳокимиятро ба амал оранд. Онҳо дар байни мардум чандон эътибор надоштанд. Аксари онҳо сиёсатмадорони ақибмонда

буданд ва мехостанд мақоми хешро дар ҷомеа тавассути ин амали нопок баланд гардонанд. Онҳо бо шиорҳои популистии хеш мардумро бовар кунониданӣ мешуданд, ки гӯё онҳо неруи мутаҳаррики ҷомеаи навин, ҷомеае, ки рӯ ба арзишҳои демократӣ овардааст, мебошанд [3,с.156].

Ҳамин тариқ, дар ҷумҳурӣ аз ҳамон вақт сар карда вазъи нави идеологӣ ташаккул ёфт, ки дар қисмати асосии он фундаментализми исломӣ бо ниқоби демократикунонӣ қарор гирифт. Фундаментализми исломии ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, мавқеи геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба назар гирифта, онро ба сифати майдони амалиёти ҳарбӣ барои минбаъд паҳн намудан дар дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ интихоб намуд. Ин ба назар дар ибтидо муваффақияти саргарангкунанда ба ҳисоб мерафт, зеро дар як муддати кӯтоҳи аз байн рафтани ҳизби давлатӣ ва ба вуҷуд омадани фазои холии идеологӣ он ба сифати ҳаракати демократихоҳ ташаккул ёфт.

Ҳамчун неруи пешбар иттиҳоди якҷояи неруҳои ба ном “демократии исломӣ”, ки вобаста ба манфиатҳои кланҳои маҳаллӣ ташкил ёфта буд, ҳам дар интихоботи парламент ва ҳам дар интихоботи Президенти ҷумҳурӣ шикаст хӯрд. Вобаста ба ин шароит Ҳизби наҳзати исломӣ ва қозиёт роҳи дигарро пеш гирифтанд. Онҳо пай бурданд, ки бо роҳи фишору зӯроварӣ ва мусаллаҳона ҳокимиятро ғасб намудан имкон дорад. Онҳо амалан тавонистанд, ки тамоми системаи давлатиро заиф ва фалаҷ гардонанд. Дар моҳи майи соли 1992 онҳо мақомҳои калидиро дар ҳукумат соҳиб гардиданд. Дар моҳи сентябр, тавассути муҳосираи мусаллаҳона ва фишор Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиевро, ки бо роҳи умумихалкӣ интихоб гардида буд, маҷбур намуданд, ки аз вазифа барканор шавад. Ҳукумат низ ба истеъфо рафт, шохаҳои ҳокимият фалаҷ гардиданд, дар ҷомеа бенизомӣ, беқонунӣ ва бесарусомонии умумӣ ҳоким шуд, пойтахти давлат ба гирдоби задухӯрдҳои хунин кашида шуд.

Далели раднопазир аст, ки заифии ҳукумат яке аз омилҳои асосии ноустувории сиёсӣ дар Тоҷикистони тозаистиқлол ба ҳисоб мерафт. Роҳбарияти аввалаи ҷумҳурии соҳибистиқлол ҳамеша кӯмаки дигар давлатҳоро интизор буд.

Ҳокимият дар ҷумҳурӣ пурра дар ихтиёри исломгароён қарор дошт. Шурӯъ аз моҳи майи соли 1992 ҳар гуна муҳорибаҳои стихиявӣ ба муқобили неруҳои исломӣ ба вуҷуд меомаданд. Исёни аз вилояти Кӯлоб бавуҷудомада дар як муддати кӯтоҳ бисёр минтақаҳои ҷумҳуриро фаро гирифт. Ҳар гуна ҳаракатҳои хунини исломгароёнро муқовимати мардумӣ ба ҳолати нокомӣ меовард. Дар натиҷа, ҳокимияти исломгароён суқут карда, ба сари қудрат Раёсати ба таври қонунӣ интихобшудаи Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ омад.

Роҳбарияти нав ба иродаи халқи худ такя намуда, барои ба эътидол овардани вазъият ва пешгирӣ аз чунин бенизомию бетартибӣ чораҳои таъхирнопазир андешид. Ҳокимият хосияти легетимӣ пайдо намуд. Зеро он аз ҷониби аксарияти аҳолии кишвар эътироф гардида буд. Яке аз заминаҳои асосии минбаъд таъмин намудани суботу оромӣ дар ҷомеа боварии мардум ба ҳокимият ва такя намудани ҳокимият ба мардум ба шумор мерафт.

Сарчашмаҳои бухрони иқтисодӣ. Чун дар соҳаи ҳаёти сиёсӣ, дар иқтисодиёт низ бухрон решаҳои амиқ дошт. Дар нимаи дуюми солҳои 80–ум чунин ба назар мерасид, ки қадамҳои созанда ҷиҳати бартарафнамоии бухрони технологӣ дар иқтисодиёти ИҶШС тавассути ислоҳоти иқтисодӣ, ки дар маркази он гузариш аз системаи фармонфармоӣ – маъмурии идоранамоии иқтисодӣ ба иқтисодиёти бозорӣ меистод, гузошта мешавад. Аммо ҳолат хосияти баръакс гирифт.

Қайд намудан зарур аст, ки дар натиҷаи бухрони технологӣ ва алоқаи зич пайдо намудани он бо бухрони равобити байнихоҷагию байниҷумҳурӣ ин ҳолат ба кандашавии минбаъдаи муносибатҳои онҳо оварда расонид. Мунтазам паст гардидани сатҳи истеҳсолот, баландшавии нарх, бухрони молию пулӣ ва беқурбшавии шадиди пул ба вазъияти сиёсӣ ва ҳолати иҷтимоии мардум бетаъсир намонд. Чунин натиҷаи ҳузнангез қонунҳои иқтисодиётро беэътино ва эътибори системаи сиёсиро коста гардонид. Ҳеҷ шакке дар он нест, ки дар гузашта Тоҷикистон яке аз ҷумҳуриҳои қафомонда дар ҳайати ИҶШС буд. Дар оғози солҳои 90-ум нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар

он хеле паст гардид. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба сари аҳолӣ дар солҳои 1992-1996 қариб ба андозаи нисф кам шуд. Дар соли 1998, яъне баъд аз як соли ба имзо расидани Созишномаи умумии ризоият ва истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон ин нишондиҳанда то андозае баланд гардида, ба 215,4 доллари ИМА баробар шуд. Илова бар ин, аз рӯйи индекси рушди инсон, ки аз ҷониби Барномаи рушди СММ омода гардидааст, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳама ҷойи охиринро дар байни ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ дар соли 1999 ишғол мекард [15,с.25].

Сарчашмаҳои буҳрони маънавӣ. Тағйирёбии ҷойгоҳи арзишҳои маънавӣ дар ҷомеа бояд ногузир ба дарки мақсаду роҳҳои минбаъдаи инкишофи он оварда расонад. Фазои холии идеологӣ, ки дар ҷойи идеологияи коммунистии замоне қудратманду фарогир ба вуҷуд омада буд, мухолифати ғоявиро дар ҷомеа, пеш аз ҳама, дар байни қишри зиёӣ ба вуҷуд овард.

Аслан, ҷомеа вобаста ба рӯоварии идеологӣ ба се гурӯҳ ҷудо мегардид. Гурӯҳи аввал, ҷонибдорони идеологияи коммунистӣ мебошанд, ки ба таҷрибаи рушди ҷомеа дар даврони Советӣ такя менамуданд. Гурӯҳи дуюм - мухолифони коммунистон мебошанд, ки худро ҳамчун ҷонибдори арзишҳои умумиинсонӣ ва демократӣ вонамуд мекарданд. Чӣ хеле ки маълум аст, ба ин гурӯҳ, пеш аз ҳама, исломгароён ва ходимони дигаре низ шомил буданд, ки аз рӯйи фаъолияташон фарсахҳо аз демократия дур буда, ба ҳар гуна арзишҳои умумиинсонӣ нафрат доштанд. Ниҳоят, гурӯҳи сеюм, ки теъдоди зиёди одамонро фаро мегирад нафароне мебошанд, ки то ба ҳол мавқеи худро дар муносибат бо идеология муайян нанамуда буданд. Албатта, ин тасодуфӣ нест. Чунки дар ягон мамлакати ҷаҳон аҳолӣ аз тарафи расонаҳои хабарӣ ба ин андоза таҳти таъсир қарор дода нашудааст.

Таъсиррасонию омодасозӣ, пеш аз ҳама, ба хотири дарҳам шикастану аз байн бурдани арзишҳои маънавии пештара анҷом дода мешуд. Вале ҷонибдорӣ аз идеология, ки тавассути васоити ахбори умум ташвиқ мегардад, дар ҳеҷ сурат мардумро гирифтори он намегардонад. Одамон, аслан, бо дарназардошти арзишҳои маънавии худ ба ин ё он идеология рӯ меоранд. Махсусан ин ба ҷавонон тааллуқ дорад. Зеро, ҷавонон аз ҳама аъзоёни дигари ҷомеа бештар таҳти таъсири таассуб қарор дода шуда буданд.

Доир ба буҳрони маънавӣ андешаронӣ намуда, чунин ҳолатро низ ба инобат гирифтан зарур аст. Дарвоқеъ, ҳар гуна мубориза алайҳи зуҳуроти динӣ, ки аз сиёсти давлатии атеистии замони ҳокимияти Шӯравӣ бармеомад, амалан ба эътиқодоти динии мардум латма мезад. Вақте сиёсати бозсозӣ пеш гирифта шуд, монеаҳои динӣ бартараф гардида, воситаҳои ахбори умум, матбуот ва телевизиону радио ба таври ошкоро ҳар гуна маводи хосияти динидоштаро пешниҳод мекарданд. Аз сабабе, ки чунин мавод дастраси оммаи мардум набуд, одамон хеле зиёд ташнаи он гардида буданд ва дар баробари дастрас гардидани маводи динӣ онро бо шавқ мутолиа менамуданд. Даҳҳо ва ҳатто садҳо масҷидҳо аз рӯйи аломатҳои миллию маҳаллӣ кушода шуданд. Дар оғоз ҳама фикр менамуданд, ки ҳама гуна паҳнгардии адабиёти динӣ ҳеҷ бадие надорад. Ҳолате ба вуҷуд омад, ки адабиёти динӣ амалан мавқеи китобҳои дунявиро танг намуд. Таассуби динӣ ба тафаккури одамони зиёд таъсир гузошт. Бисере аз одамон кӯркӯрона ба ҳар гуна ҳаракатҳои ифротии динӣ шомил мегардиданд.

Чунин ба назар мерасид, ки буҳрони маънавӣ пайомади буҳрони сиёсию иқтисодӣ буда, боиси нобудии давлати ягона ва ҷудоиандозиҳо дар дохили давлатҳои нави соҳибистиқлол шуд. Мисоли равшани он Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Баромад аз бунбасти маънавию идеологӣ яке аз масъалаҳои мубрами он замон ба ҳисоб мерафт.

Имрӯз гуфтан мумкин аст, ки замони кӯркӯрона интихоб намудани тарҳи рушди таркиботи ҷамъиятӣ гузаштааст. Ҳеҷ чиз наметавонад раванди инкишофи ҷомеаро боздорад, чун мавҷудияти ҳадафҳои догматикӣ. Системаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таҷрибаи ҳосилнамудааш аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳар гуна таъсиррасонӣ ҷиҳати пешравии ҷомеа аз рӯйи ин ё он нақшаи идеологӣ – хоҳ коммунистӣ ва ё хоҳ динӣ бошад, ба фундаментализми сиёсӣ оварда мерасонад. Аз ин ҷост, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат ба идеология хосияти плюралистӣ дорад. Чи тавре ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб,

иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад» [1].

Дар заминаи чунин андешаҳо метавон хулоса намуд, ки бухрон дар Тоҷикистон дар тирамоҳи соли 1991 зери таъсири як қатор омилҳо ба вуҷуд омад. Ин, пеш аз ҳама алоқаманд аст ба вазъи бади иқтисодӣ; муносибати клании минтақавӣ, ки дар натиҷа ба муборизаи тезутунди сиёсӣ дар байни Шимоли рушдкардаи саноатӣ ва Ҷануби аграрӣ дар ҷумҳурӣ оварда расонид; дараҷаи баланди диндории аҳолӣ ва рушди босуръати ҳизбу ҳаракатҳои исломии барои ҳокимият даъвокунанда. Муборизаи шадид дар байни собиқ элитаи коммунист, халқӣ–демократӣ ва неруҳои исломӣ ҷомеаро ба ҳолати фоҷеавӣ мувоҷеҳ сохт.

Дар натиҷаи роҳпаймоиҳо Ҳукумати эътилофӣ ва Ҳукумати муросои миллӣ таъсис дода шуданд. Вале онҳо натавонистанд шиддати бенизомиеро, ки ҷомеаро фаро гирифта буд, паст кунанд. Барои гирифтани пеши роҳи амалиёти ҳарбие, ки доираи васеъро фаро гирифта буд, намояндагони сохторҳои давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва фармондеҳони гурӯҳҳои мусаллаҳ се маротиба дар Хоруғ, Сайёд ва Калининобод вохӯрӣ намуда, созишнома оид ба мусолиҳаро ба имзо расониданд, вале ин ҳуҷҷатҳо ягон натиҷае надоданд.

27 июли соли 1992 зиёда аз 80 роҳбар ва намоянда аз ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, Федератсияи иттифоқҳои касаба, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, фармондеҳони гурӯҳҳои мусаллаҳ ва ғайра дар шаҳри Хоруғ Созишнома оид ба сулҳ, ки тарафҳои даргирро ҷиҳати оташбас дар тамоми ҳудуди кишвар ухдадор менамуд, ба имзо расониданд. Қисмҳои мусаллаҳ дар зери назорати ВКД ва КАМ вазифадор гардиданд, ки тамоми дидбонгоҳҳои мусаллаҳшударо аз канори роҳҳои калони аҳамияти ҷумҳуридошта ва муассисаҳои давлатӣ гиранд, ситодҳоро барҳам диҳанд, объектҳои мусодиранамударо озод кунанд ва аз қувва барои ҳалли моҷаро истифода нанамоянд. Ин кӯшиши аввалин ҷиҳати бадастории ризоияти миллӣ дар кишвар буд, вале неруҳои сиёсӣ чунин шартҳои созишномаро риоя нанамуданд. Муборизаи ҳамоно идома дошт.

Ҷанги ҳамватанӣ дар Тоҷикистон яке аз бузургтарин хунрезӣ дар фазои собиқ ИҶШС ба ҳисоб рафта, пайомадҳои бисёр бади иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию маънавӣ дошта, зиёда аз ин ҷони одамони зиёдеро рабуд. Чи тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба муносибати даҳумин солгарди Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд менамояд: “Ҳамаи шумо огоҳ ҳастед, ки ҷанги бародаркуш оқибат ба чӣ оварда расонд: иқтисодиёти миллӣ беш аз 7 млрд. доллар зарар дид, зиёда аз 150 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон ҷони худро талаф дод, 55 ҳазор кӯдакон ятиму 25 ҳазор зан бесаробон монд. Бар замми ин, чӣ қадар хонаҳо вайрону валангор гаштанд, мактабҳо сӯхтанд, кӯпрукҳо тарконида шуданд” [11,с.31].

Ҷанги ҳамватанӣ дар Тоҷикистон то 27 июни соли 1997, яъне то замони ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дошт. Ҷанг ҳудуди 1880 рӯзро фаро гирифт. Агар мо онро бо Ҷанги Бузурги Ватанӣ муқоиса намоем, он гоҳ замони идомаи ҷанг таносубан дар Тоҷикистон 372 рӯз зиёдтар сурат гирифтааст. Қайд намудан зарур аст, ки раванди бадастории сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аз рӯйи махсусиятҳои худ дар ҷаҳон назир надорад.

Дар давоми се солу се моҳ муяссар гардид, ки ризоияти миллии деринтизор байни Ҳукумати қонунӣ ва Иттиҳодияи неруҳои мухолифони тоҷик ба вуҷуд ояд. Аз соли 1994 то соли 1997 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди неруҳои мухолифини тоҷик 8 даври гуфтугӯ ва якчанд вохӯрии сатҳи олӣ байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифин Саид Абдуллои Нурӣ сурат гирифт. Ин музокирот таҳти роҳбарии СММ ва иштироки кишварҳои кафил: Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Покистон ва Туркманистон баргузор гардид, ки нақши барҷастаро минбаъд ҷиҳати ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон гузошт.

Гуфтугӯи байни тоҷикон дар моҳи июни соли 1997, пас аз баимзорасии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба анҷом расид. Дар асоси ин

созишнома Комиссияи оштии миллӣ таъсис дода шуд. Дар замони фаъолияти ин Комиссия масъалаҳои сиёсӣ ҳал карда шуданд, ки он боиси зарурияти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Дар ин замина Парламенти дупалатагӣ ташкил карда шуда,30 % мансабҳо дар Ҳукумат ба намояндагони мухолифин дода шуд. Ҳамзамон, масъалаҳои алоқаманд ба баргардонидани гурезаҳо ба Ватан ҳал карда шуданд.

Ҳеҷ ҷойи шубҳае нест, ки бадастории ризоияти миллӣ, сулҳ ва ягонагӣ мантиқан натиҷаи сиёсати дурусти давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан ҷидду ҷаҳди пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад. Роҳбарии хирадмандона, садоқат ва рӯҳияи қавию ватандӯстонаи Сарвари давлат, ташкили самараноки фаъолияти ҳамаи сохторҳои мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, боварии халқ ба неруҳои сиёсӣ ва ҳамкории он дар фазои хуби ҳамдигарфаҳмӣ ҳамчун омилҳои асосии бавуҷудории хайрияти умум ва рушди созанда дар ҷомеаи тоҷикистонӣ гардид. Кӯшиши пайвастаи Сарвари давлат дар ин ҷода, ҳамзамон хиради азалии мардуми шарафманду сарбаланди тоҷик самараи мусбат доданд. Ҳамаи ин, дар маҷмӯъ, боиси он гардид, ки дар ниҳояти кор Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба тасвиб расад.

Дар шароити имрӯза таҷрибаи сулҳи тоҷикон на танҳо арзиши миллӣ, балки арзиши ҷаҳонӣ дорад. Он метавонад ба сифати намунаи барҷаста ҷиҳати ҳалли ҳар гуна моҷароҳои сиёсие, ки дар кишварҳои мухталифи олам ба вуҷуд меоянд, истифода гардад. Тасодуфӣ нест, ки таҷрибаи бадастории сулҳ ва баргардонидани тақрибан як миллион гуреза ба Ватан ва макони доимии зисти худ аз ҷиҳати объективӣ аз ҷониби ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ, алалхусус СММ, САҲА баҳои баланд дода шуда, ҳамчун намуна ё худ тарҳи беназири ҳалли моҷаро эътироф гардидааст. Омӯзиши ҳамаҷонибаи он имконият медиҳад, ки дар сурати сар задани моҷароҳо ва ҳодисаҳои ба ин монанд ҳар чи зудтар роҳҳои ҳалли он пайдо гардад.

Дар баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ зарурияти барқарор намудани фаъолияти ҳамаи зинаҳои сохтору мақомоти фалаҷгардидаи давлатӣ ва ба таври самаранок ба вуҷуд овардани системаи сиёсии ҷомеа ба миён омада, сохторҳои давлатӣ, мақомоти ҳокимияти иҷроия, мақомоти қонунгузор, низоми судӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ташкил карда шуданд ва ислоҳоти идоракунии давлатӣ оғоз гардид, ки то ба ҳол идома дорад.

Ҳар як давлати соҳибистиқлол аз ҳамаи имкониятҳои мавҷудаи худ истифода намуда, кӯшиш менамояд истиқлолияти сиёсӣ, томияти арзии кишвар ва манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҳдидҳои дохилаю беруна ҳифз намояд. Таҳдид ба амнияти миллӣ ин таҳдид ба истиқлолияти сиёсӣ, томияти арзӣ, асосҳои системаи конститутсионӣ ва умуман, ҳастии давлат аст. Аз ин лиҳоз, таъмини амният барои ҳар як давлати мустақил аз вазифаҳои аввалиндараҷаи стратегӣ ва самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии он ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, субъекти асосии таъмини амният давлат мебошад, ки вазифаҳои худро дар ин соҳа ба воситаи мақомоти ҳокимиятҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва додгоҳӣ иҷро менамояд. Дар шароити имрӯзаи ҷаҳон, ки раванди глобализатсияи проблемаҳо ва бархӯрди манфиатҳои давлатҳои абарқудрат шиддат ёфта, хавфи терроризми байналмилалӣ, экстремизми динию сиёсӣ, ҷиноятҳориҳои муташаккилонаи фавқулмиллӣ, қочоқи ғайриқонунии маводи мухаддир, дар доираи манфиатҳои худ дахолат намудани кишварҳои бузург ба корҳои дохилии давлатҳои дигар, ба вуҷуд омадани бухронҳои сиёсӣ ва мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ дар тамоми минтақаҳои олам, муҳоҷирати идоранашаванда, таҳдид ва хатарҳои доимии чи дохилӣ ва чи берунӣ, тамоюлҳои хавфноки сепаратистӣ, ҷудоиандозӣ, маҳалгароӣ ва минтақагароӣ, авҷи муносибатҳои коррупсионӣ ва даҳҳо мушкилоти дигар ҳамчун проблемаҳои доғи рӯз густариш меёбанд, бояд нисбат ба амнияти миллӣ ва таъмини бехатарии он ба хотири ҳифзи истиқлолияти давлатӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

Ҳамин тавр, дар ниҳояти таҳқиқи масъалаи мазкур метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки баъди ба даст овардани истиқлолият, новобаста аз пайомади вазнини ҷанги ҳамватанӣ, мушкилоти иҷтимоӣ–иқтисодӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид, ки қадамҳои

устувори худро ҷиҳати бунёди давлати соҳибихтиёру демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ба пеш гузорад. Воқеан, пас аз ба даст овардани истиқлолият ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурият пеш омад, ки бисёр чизҳоро аз сифр оғоз намояд, мавқеи худро дар арсаи ҷаҳонӣ пайдо кунад, вале новобаста аз надоштани таҷрибаи кофӣ дар ин самт низ хеле ҳам муваффақ гардид. Дар ин солҳо зербинои давлатдории миллӣ гузошта шуд. Раванди шаклгирии давлатдории навини тоҷикон дар шароити бисёр вазнин сурат гирифт. Айни замон дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои нави ислоҳоти давлатдорӣ барои минбаъд вусъат бахшидан ба раванди демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ, устуворгардонии ҷомеаи маданӣ, ки аз фаъолияти назарраси институтҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ғайриҳукуматӣ ва фаъолнокии сиёсии аҳолӣ вобаста аст, меистанд. Ҳамаи ин, бевосита ба ташаккули системаи сиёсии воқеан демократӣ ва бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи олам модернизатсия шудани ҳаёти сиёсии Тоҷикистон алоқамандии ногусастанӣ дорад.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 39 с.
2. Эъломияи истиқлолияи ҶШС Тоҷикистон //Ведемостҳои Совети Олии Республикаи Советии Тоҷикистон. – 1990. -№ 15.
3. Абдуллоев, Н.Ҳ. Воқеаҳои февралӣ: моҳият, хосиятҳои асосӣ ва неруҳои пешбар / Н.Ҳ. Абдуллоев. – Душанбе, 2013. – С. 156.
4. Зокиров, Г.Н. Истиқлолияти сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 156 с.
5. Зокиров, Г.Н. Идеологияи сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2008. – 184с.
6. Маҳмадов, А.Н. Истиқлолият ва таҳкими давлатдории миллӣ / А.Н. Маҳмадов. – Душанбе, 2016. – 204 с.
7. Поздняков, Э.А. Философия политики. 3-е издание, исправленное и дополненное / Э.А. Поздняков. – М.: Весь Мир, 2014. – С.117.
8. Рахмонов, Э. Таджикистан на пороге будущего / Э. Рахмонов. – Душанбе: Шарки озод, 1997. – 239 с.
9. Рахмонов, Э. Таджики в зеркале истории / Э. Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 1997. – 136 с.
10. Рахмонов, Э. Таджикистан: десять лет независимости, национального единства и созидания. В 8-х томах. Т.1. / Э. Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 532 с.
11. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди панҷум / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 570 с.
12. Раҳмон, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 704 с.
13. Раҳмон, Э. Уфуқҳои истиқлол / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ганҷ - нашриёт, 2018. – 436 с.
14. Холов, Х.Қ. Бадастоварии истиқлолият ҳамчун омили асосии ташаккули системаи нави сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Х.Қ. Холов //Истиқлолияти давлатӣ – дарки масъулияти ватандорӣ. (Маҷмӯи мақолаҳо бахшида ба 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе: ЭР - граф, 2019. – С. 85-90.
15. Ширин, А., Кетрин, Б. Гражданская война в Таджикистане: причины и динамика / А. Ширин, Б. Кетрин //Accord: Политика компромисса. Мирный процесс в Таджикистане. – М., 2001. – С. 18-20.

МАСЪАЛАҲОИ ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ СИЁСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои асосии алоқаманд ба раванди ба даст овардани Истиқлолияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъияти сиёсии кишвар дар солҳои 90-ум, ташаккули гуногунандешиву ошкорбаёнӣ, сукути ҳокимияти Ҳизби коммунистӣ, фаъолгардии ҳизбу ҳаракатҳои сиёсию ҷамъиятӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа таҳлилу таҳқиқ гардидаанд. Ҳамзамон, ҷанги ҳамватанӣ ҳамчун монеаи асосии рушди истиқлолият ва инкишофи давлати муосири Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамчунин, дар таҳқиқоти мазкур таваҷҷуҳи хос ба сарчашмаҳои буҳрони сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодиву мафкуравии ҷомеа, ки ҳолати рушди кишварро дар солҳои 90-ум пурра фаро гирифта буданд, зоҳир гардидааст. Муаллифон таъкид менамоянд, ки оғози солҳои 90-уми асри XX марҳалаи бисёр мураккабу пурфоҷеа дар таърихи рушди собиқ ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқии он ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи аз байн рафтани ИҶШС ва канда шудани муносибатҳо, амалан ҳамчун давлати мустақил қарор гирифт. Аммо вазъияти бадастории истиқлолият аз ҷониби понздаҳ ҷумҳурии бародарӣ ба тарзҳои гуногун сурат мегирифт. Аз ҷумла, дар Тоҷикистон таҷрибаи мустақилона бунёд намудани давлат мавҷуд набуд. Дар алоқамандӣ ба ҳолати қайдшуда ва ҳам раванди парокандашавию оғози мустақилият, чи тавре ки муаллиф таъкид менамояд, ин раванд бисёр дарднок ва мураккаб сурат гирифтааст. Ҳамин тариқ, муаллифон таъкид менамоянд, ки пас аз ба даст овардани истиқлолият, новобаста аз паёмади вазнини ҷанги ҳамватанӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид, ки қадамҳои устувори худро ҷиҳати бунёди давлати соҳибихтиёру демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ба пеш гузорад ва дар миқёси байналхалқӣ мақоми арзандаи хешро соҳиб гардад.

Калидвожаҳо: истиқлолият, истиқлолияти сиёсӣ, истиқлолияти давлатӣ, давлати миллӣ, Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, демократия, бухрони сиёсӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, системаи сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ.

ВОПРОСЫ УКРЕПЛЕНИЯ ПОЛИТИЧЕСКОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье анализируются основные вопросы, связанные с процессом обретения политической независимости Таджикистаном, политической ситуацией в стране в 90-е годы, формированием плюрализма и разногласности, падением правящей Коммунистической партии, активизацией политических партий и движений в обществе. В то же время гражданская война рассматривалась как серьезное препятствие на пути развития независимости и развития современного государства Таджикистана. В исследовании также рассматриваются источники политического, социального, экономического и текущего кризиса в стране, который полностью охватывал развитие страны в 90-е годы. Авторы подчеркивают, что начало 90-х годов XX века было очень сложным и трагическим периодом в истории развития бывшего СССР и его союзных республик.Республика Таджикистан является практически независимым государством с момента распада СССР и разрыва отношений. Однако ситуация с обретением независимости пятнадцатью братскими республиками была иной. В частности, в Таджикистане не было опыта построения независимого государства. В связи с вышеупомянутым состоянием, а также с процессом распада и началом независимости, как подчеркивает автор, этот процесс был очень болезненный и сложный. Таким образом, авторы подчеркивают, что после обретения независимости, несмотря на тяжелые последствия гражданской войны, социально-экономические трудности, Республика Таджикистан сумела предпринять решительные шаги по построению суверенного, светского, демократического государства и занять достойное место на международной арене.

Ключевые слова: независимость, политическая независимость, государственная независимость, национальное государство, государственная независимость Республики Таджикистан, демократия, политический кризис, гражданская война, политическая система, политические партии.

ISSUES OF STRENGTHENING POLITICAL INDEPENDENCE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article analyzes the main issues related to the process of gaining political independence in Tajikistan, the political situation in the country in the 90s, the formation of pluralism and disagreement, the fall of the ruling Communist Party, the activation of political parties and movements in society. At the same time, the civil war was seen as a serious obstacle to the development of independence and the development of the modern state of Tajikistan. The study also examines the sources of the political, social, economic and current crisis in the country, which fully covered the country's development in the 90s.The authors emphasizes that the beginning of the 90s of the twentieth century was a very difficult and tragic period in the history of the development of the former USSR and its union republics. The Republic of Tajikistan has been a practically independent state since the collapse of the USSR and the break in relations. However, the situation with the acquisition of independence by the fifteen fraternal republics was different. In particular, there was no experience in building an independent state in Tajikistan. In connection with the aforementioned state, as well as with the process of disintegration and the beginning of independence, as the author emphasizes, this process was very painful and difficult.Thus, the authors comes to the conclusion that after gaining independence, despite the severe consequences of the civil war, socio-economic difficulties, the Republic of Tajikistan was able to take decisive steps to build a sovereign, secular, democratic state and take a worthy place in the international arena.

Keywords: independence, political independence, state independence, nation state, state independence of the Republic of Tajikistan, democracy, political crisis, civil war, political system, political parties.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Зокиров Гулмаҳмад Нозимович*** - доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992)918.70.89.57; (+992)919.60.69.66**
Холов Хушбахт Қодирович - муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992)900-02-67-16**

Сведение об авторах: ***Зокиров Гулмахмад Нозимович*** - доктор политических наук, профессор кафедры политологии Таджикского национального университета. **Адрес**: 734025, РеспубликаТаджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992)918.70.89.57; (+992)919.60.69.66**
Холов Хушбахт Кодирович – Таджикский национальный университет, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры философии. **Адрес**: 734025, РеспубликаТаджикистан, г. Душанбе, проспектРудаки, 17. Телефон: **(+992)900-02-67-16**

Information about the authors: ***Zokirov Gulmakhmad Nozimovich*** - Doctor of Political Sciences, Professor of the Department of Political Science, Tajik National University. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992)918.70.89.57; (+992)919.60.69.66**
Kholov Khushbakht Kodirovich - Tajik National University, Senior Lecturer at the University Department of Philosophy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992)900-02-67-16**

УДК 327.88

ЗАМИНАҲО ВА ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШИ ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Мадвалиев Ҷ.А.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Терроризм дар маҷмӯъ ва терроризми байналмилалӣ дар алоҳидагӣ дар ҷойи хушку холӣ зуҳур намекунанд. Пайдоиши онҳо дар зери таъсири омилҳои гуногун ба амал меояд. Омилҳои мазкур барои тавсеаи миқёси терроризм ва ташаккулёбии фаъолияти террористӣ заминаи мусоид фароҳам меоваранд. Омӯзиши заминаҳо ва омилҳои пайдоиши терроризм аҳамияти зиёди илмию амалӣ дорад. Зеро дар баробари муайян намудани моҳияти терроризм, инчунин ошкор кардани хусусиятҳои муосири он ва мушаххас намудани заминаҳои пайдоиши он хеле муҳим аст. Агар муайян гардидани моҳияти терроризм барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти зиддитеррористӣ мусоидат намояд, мушаххас кардани омилҳо ва заминаҳои пайдоиши он имкон медиҳад, ки зуҳуроти ин падидаи номатлуб пешгирӣ карда шавад. Аслан, пешгирӣ намудани терроризм ва коҳиш додани таъсири он ба воситаи аз байн бурдани осебпазирии ҷомеа имконпазир мегардад. Аз ин рӯ, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки омилҳо ва заминаҳои пайдоиши терроризми муосир масъалаҳо ва шарту шароитҳое мебошанд, ки дар назди терроризм осебпазирии ҷомеаро зиёд менамоянд.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки олимону муҳаққиқон дар мавриди заминаҳои пайдоиши терроризм чунин падидаҳо, ба монанди тундгароӣ ва ифротгароиро махсус таъкид менамоянд. Ба ибораи дигар, дилхоҳ ташкилоти террористӣ ва фаъолияти террористӣ хусусиятҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ доранд. Омӯзиши ин масъала нишон медиҳад, ки дар аксар маврид фикру андешаҳои баёнгардида аз ҳамдигар тафовут доранд ва баъзан мухолифи якдигаранд. Бинобар сабабе, ки тундгароӣ нисбат ба ифротгароӣ падидаи васеътар мебошад, дар аввал нишон додани алоқамандии тундгароӣ ва терроризмро зарур мешуморем.

Бояд иқрор шуд, ки дар аксар маврид тундгароӣ ва терроризмро як мешуморанд, ки дар натиҷаи он баъзан нисбат ба терроризми замони муосир хулосаҳои нодуруст бароварда мешаванд. Олимони Ғарб барои ифодаи тундгароӣ мафҳуми «радикализм»-ро истифода намудаанд, ки он аз калимаи лотинии radix – реша пайдо шуда, намояндагону пайравони тағйиротҳои комилро ифода менамояд. Радикал, яъне тундгаро нафаре мебошад, ки ҷонибдори тағйиротҳои амиқ ва дигаргуниҳои фарогир аст. Ба ибораи дигар, тундгароён мехоҳанд, ки сохтори ҷамъиятӣ, аз ҷумла системаи сиёсии ҷомеаро пурра дигаргун намоянд. Дар марҳилаҳои аввали пайдоиши тундгароӣ гуфтан мумкин аст, ки он барои ҷомеа хавфу хатари бештар надорад. Зеро дар марҳилаҳои аввали пайдоиши худ тундгароӣ, агар мақсади тағйир додани сохтори ҷамъиятиро дошта бошад ҳам, барои амалӣ намудани ин мақсад имкониятҳои лозима надорад. Аммо баъди оне, ки мақсадҳо ва имкониятҳои онҳо бо ҳам мувофиқат менамоянд, хатари тундгароӣ баръало эҳсос мегардад ва пеш аз ҳама, он ба сохтори конститутсионии давлат ва суботи сиёсии мамлакат таҳдид менамояд. Дар ин марҳилаи мубориза тундгароён дар муқобили рақибони худ усулҳои террористиро истифода мебаранд. Олими рус Н.Н. Афанасев иброз медорад, ки «агар тундгароён аз танқиди рӯирости низоми идоракунии давлатӣ ба несту нобуд кардани он оғоз намоянд, пас бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки террорист ҳамон ифротгарои тундгаро мебошад» [3,с.212].

Олимону муҳаққиқон дар мавриди тафовутҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ низ баҳсҳои зиёд анҷом додаанд. Онҳо иброз медоранд, ки тундгароӣ одатан ҷанбаҳои ғоявӣ дорад ва таълимоти мушаххасро пайгирӣ менамояд, ҳол он ки ифротгароӣ бештар хусусияти амалӣ дошта, дар амал татбиқ намудани мақсадҳои сиёсиро пайгирӣ менамояд [17]. Сиёсатшиноси рус М.К. Арчаков ба андешаҳои мазкур зид баромада, иброз медорад, ки «ифротгароён зӯроварии ғайриқонуниро дар фаъолияти худ истифода менамоянд, ки чунин ҳолат онҳоро аз тундгароён фарқ мекунонад» [2,с.51]. Аммо чунин баррасӣ ҳеҷ гоҳ маънои онро надорад, ки тундгароён фаъолияти қонунӣ ва ифротгароён бошанд

фаъолияти ғайриқонунӣ доранд. Ифротгароӣ дар заминаи тундгароӣ пайдо мешавад ва ба иборaи дигар, тундгароӣ заминаҳои ғоявию идеологии ифротгароиро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ гуфтан мумкин аст, ки дилхоҳ шакли ифротгароӣ хусусияти тундгароӣ дорад. Яъне, ифротгароён ҳамон тундгароёне мебошанд, ки мехоҳанд ғояҳои худро ба таври ғайриқонунӣ дар амал татбиқ созанд. Чунин тарзи баррасии масъала бозгӯи он аст, ки мавҷудияти ҳизбу ҳаракатҳои тундгаро ва ифротгаро дар фазои сиёсии мамлакат хавфи зоҳир гардидани терроризмро низ ба вуҷуд меоварад. Зеро терроризм воситае мебошад, ки онро тундгароён ва ифротгароён дар раванди муборизаҳои сиёсӣ дар мавридҳои зарурӣ истифода менамоянд.

Ба шаклҳои тундгароӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намудан хеле муҳим аст. Зеро шакли аз ҳама хавфноки он тундгароии сиёсӣ мебошад, новобаста аз он ки дар заминаи кадом арзишҳо пайдо шуда бошад. Муҳаққиқони рус С.Ф. Самойлов ва М.Н. Насиров тундгароии иҷтимоӣ ва тундгароии сиёсиро аз ҳам фарқ намудаанд. Ба андешаи онҳо, тундгароии иҷтимоӣ афзалият додан ба манфиатҳои як қишри ҷомеа ва ё як гурӯҳи иҷтимоӣ ва тундгароии сиёсӣ бошад, шакли мубориза барои ба даст овардани ҳокимият бе дарназардошти қонунҳои мавҷуда ва минбаъд тағйир додани сохтори сиёсии ҷомеа мебошад [23].

Як қатор муҳаққиқон тундгароии сиёсиро дар маҷмӯъ, ва тундгароии исломиро дар алоҳидагӣ ҳамчун идеология муаррифӣ намудаанд. Воқеан ҳам ҳама гуна идеологияи сиёсӣ дар худ унсурҳои тундгароиро нигоҳ медорад. Бо дарназардошти чунин вазъ дар заминаи идеологияи исломизм тундгароии исломӣ зоҳир мегардад. Муҳаққиқони рус Л.Е. Гринин ва А.В. Коротаев ҷанбаҳои идеологии тундгароии исломиро таҳқиқ намуда, онро дар маҷмӯъ ҳамчун идеологияи исломизм муаррифӣ кардаанд. Онҳо иброз медоранд, ки «яке аз ғояҳои марказии исломизм дар муқобили арзишҳои ғарбӣ қарор додани арзишҳои исломӣ мебошад. Барои бадбинии Ғарб тундгароёни кишварҳои Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна далелҳои гуногуни таърихиро пайгирӣ менамоянд» [5,с.11].

Бояд гуфт, ки дини ислом ва исломизм аз ҳамдигар тафовути ҷиддӣ доранд. Зеро дилхоҳ дин аз идеологияи сиёсие, ки дар заминаи он ташаккул дода шудааст, фарқ менамояд. Ба ҳамин монанд исломизм низ идеологияи сиёсие мебошад, ки дар заминаи дини ислом ҳамчун идеологияи сиёсӣ ташаккул дода шуда, бо ҷанбаҳои маънавию ахлоқии ислом ҳеҷ монандие надорад. Исломизми замони муосир идеологияи сиёсии нисбатан ҷавон ба шумор рафта, ҳамчун пайомади рушду инкишофи қишварҳои ғарбӣ ва дар муқобили онҳо пайдо шудааст. Воқеан ҳам, пешрафти илмию технологии Ғарб боиси он гардид, ки баъзан иҷборӣ ва баъзан ихтиёрӣ таҷрибаҳои онҳо дар кишварҳои дигар, аз ҷумла дар кишварҳои мусулмонӣ ҷорӣ карда шаванд. Махсусан, қабул намудан ва истифода бурдани таҷрибаҳои сиёсию иқтисодии онҳо хашму ғазаби исломистонро ба вуҷуд овардааст. Тӯли солҳои охир бошад, ташаккулёбии исломизм ва тундгароии исломӣ бо наҳзати ислом ва рушду инкишофи ҷомеаи исломӣ алоқаманд мебошад. Чунин ҳолатро ба инобат гирифта, дар муносибат бо идеологияи исломизм ва тундгароии исломӣ як қатор муҳаққиқон мафҳумҳои «исломи сиёсӣ» ва «исломи сиёсишуда»-ро истифода намудаанд [10; 7]. Аммо дар муносибат бо исломизм истифода намудани мафҳуми исломи сиёсӣ имкон намедиҳад, ки паҳлуҳои гуногуни он ифода карда шаванд. Зеро исломизм дар баробари сиёсат, инчунин иҷтимоиёт ва иқтисодиётро низ фаро мегирад, яъне ҳамчун идеологияи сиёсӣ тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятиро, аз ҷумла ҳаёти сиёсиро низ фаро мегирад. Хулоса исломизм дини исломро на танҳо ҳамчун дин, инчунин ҳамчун идеологияи сиёсӣ муаррифӣ менамояд.

Олими рус Г.И. Мирский иброз медорад, ки «исломизм ҳаракати сиёсие мебошад, ки дар заминаи идеологияи тундгароӣ ташаккул меёбад ва асоси онро бунёдгароии исломӣ ташкил медиҳад. Исломистон эътиқодманд бар он ҳастанд, ки сабаби нокомиҳои мусулмонон дур шудан аз арзишҳои исломи ноб, исломи пешгузаштагон, қабул намудани арзишҳои барои ҷомеаи исломӣ бегона ва махсусан қобили қабул набудани арзишҳои дунявӣ мебошад» [15,с.13]. Аз ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки исломизм ин идеологияи тундгароии исломӣ мебошад, ки ҳама гуна пешрафти ҳаёти ҷамъиятӣ ва дастовардҳои тамаддуни инсониро инкор менамояд. Воқеан ҳам тундгароёни исломӣ

мақсад доранд, ки тамоми рукнҳои ҷомеаро дар заминаи исломи ноб, исломи асримиёнагӣ ба роҳ монанд, яъне ҷомеаи исломӣ ва давлати исломӣ ташкил диҳанд. З.И. Левин қайд менамояд, ки «исломизм ин лоиҳаи глобалии дигаргун намудани ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, ки ғояҳои асосии онро нест намудани секуляризм, миллатгароӣ ва ҷаҳонишавии ғарбӣ ташкил медиҳад» [10,с.25]. Шумораи онҳое, ки ин гуна ғояҳоро ҷонибдорӣ мекунанд он қадар зиёд нест, аммо мусулмонон зиёда аз 1 млрд нафарро ташкил медиҳанд, ки дар миёни онҳо млн нафаре пайдо мешавад, ки барои амалишавии ин гуна ғояҳои хаёлӣ боварӣ доранд. Пеш аз ҳама, онҳое, ки пойбанди таассуби динӣ ва хурофоти динӣ ҳастанд, аз пешрафти илмию технологии замони муосир дур мондаанд, аз чунин ғояҳо пайравӣ менамоянд.

Тундгароии исломӣ дар замони муосир бо ҳаракати сиёсию ғоявии салафия робитаи зич дорад. Ба ақидаи А.Малашенко, «намунаи муосири исломизм салафия мебошад» [13,с.14]. Салафия ҳаракати исломие мебошад, ки барқарор намудани сохтори ҷамъиятии дар давраи зиндагии Паёмбар (с) мавҷудбударо ҳадафи худ қарор додааст. Ғояҳои салафия аз таълимоти Ибни Ҳанбал, аш-Шофеӣ, Ибни Таймийа, ваҳҳобизм, «Ихвон-ул-Муслимин» ва чанде дигарон сарчашма мегиранд. Дар адабиёти илмӣ дар аксар маврид салафияро ба воситаи мафҳумҳои «бунёдгароии исломӣ», «анъанагароии исломӣ» ва «наҳзати исломӣ» ифода менамоянд. Салафия барои ҷомеаи Тоҷикистон ва умуман барои ҷомеаи кишварҳои Осиёи Марказӣ хеле хатарнок мебошад. Зеро дар муқобили мазҳаби ҳанафия баромад менамояд ва пояҳои маънавии онро заиф кардан мехоҳад [14].

Дар мавриди бунёдгароии исломӣ ва наҳзати исломӣ сиёсатшиноси америкоӣ С.Хантингтон низ андешаҳои хеле ҷолиб баён намудааст. Ба ақидаи ӯ, «бунёдгароии исломӣ, ки дар аксар маврид ҳамчун исломи сиёсӣ муаррифӣ мегардад, яке аз унсурҳои таркибии раванди серпаҳлуи эҳёи арзишҳо, урфу одатҳо ва гуфторҳои исломӣ, инчунин баргардонидани аҳолии мусулмон ба исломи ноб мебошад. Наҳзати исломӣ ҷараёни фарогири ҳаёти ҷамъиятӣ аст» [24,с.176-177].

Ҳамзамон, дар мавриди тундгароии исломӣ андешаҳои гуногун баён гардидаанд, ки онҳо бо исломизм ҳамшабеҳ мебошанд. Чунончи, дар баъзе таҳқиқотҳо гуфта мешавад, ки «тундгароии исломӣ ҳаракати сиёсие мебошад, ки фаъолияти ҷамъиятӣ ва ҳукуматиро мехоҳад дар асоси қонунҳои шариати ислом ба роҳ монад» [8,с.101]. Ба ҳамин монанд Н.С. Кулешова қайд менамояд, ки «тундгароии исломӣ фаъолияти иҷтимоию сиёсие мебошад, ки ҳаёти сиёсию ҷамъиятиро дар асоси меъёрҳои ислом ташкил кардан мехоҳад» [9,с.157].

Дар заминаи тундгароии исломӣ ба вуҷуд омадани терроризмро бо он асоснок кардан мумкин аст, ки терроризм яроқи неруҳои заиф дар муқобили неруҳои қавӣ мебошад. Терроризм яроқи ақаллият бар зидди аксарият аст. Аз ин рӯ, тундгароёни исломӣ низ дар ҳар як ҷомеа ақаллиятро ташкил медиҳанд ва ҳам заиф ҳастанд. Аз ин рӯ, онҳо барои расидан ба мақсадҳои худ ва ҷуброн намудани заифии хеш терроризмро ҳамчун яроқи сиёсӣ истифода менамоянд. Ғайр аз ин, дар аксар маврид терроризм ва ифротгароиро як мешуморанд. Ҳатто кам нестанд ҳолатҳое, ки дар муносибат бо гурӯҳҳои террористӣ ибораи «ташкилотҳои террористию экстремистӣ»-ро истифода менамоянд. Дар чунин шароит муайян намудани робитаи экстремизм бо терроризм имкон медиҳад, ки нишонаҳои фарқкунандаи онҳо муайян карда шаванд. Баъзан муҳаққиқон муътақиданд, ки терроризм сарчашмаи пайдоиши экстремизм аст, аммо баъзеи дигарон баръакс иброз медоранд, ки экстремизм сабаби паҳншавии терроризм мегардад. Масалан, муҳаққиқи рус М.А. Адамова қайд менамояд, ки «дар аксар маврид занҳоро барои анҷом додани амали террористӣ ташкилотҳои экстремистӣ маҷбур месозанд» [1,с.6]. Омӯзиши хусусиятҳои экстремизм ва терроризм имкон медиҳад, ки нишонаҳои фарқкунандаи онҳо ва алоқамандии байниҳамдигарии онҳо муайян карда шаванд.

Экстремизм ва ҷаҳонбинии экстремистӣ тавре ташаккул дода мешавад, ки пайравону ҷонибдорони он ғояҳои худро ба таври кушод ва намоишкорона эълон медоранд. Аммо террористон бошанд, мақсадҳо ва амалҳои худро ҳеҷ гоҳ ошкор намесозанд ва доимо ба таври пинҳонӣ амал мекунанд. Экстремизм доимо ғояҳои мушаххасро пайгирӣ менамояд, аммо чунин тамоюлот хосси терроризм нест. Олими немис М.Функе иброз медорад, ки «ифротгаро дар муносибат бо системаи сиёсии мавҷуда ҳеҷ гоҳ мавқеи инқилобчиёнро

ишғол намекунад, баръакс ӯ ҳамчун душмани ҳукумат ва сохторҳои давлатӣ баромад намуда, мавқеи ислоҳотчиро мегирад. Аммо мақсади асосии террорист вайрон намудан, несту нобуд кардан ва тарсонидан аст» [21]. Бо андешаҳои мазкур пурра розӣ шудан мумкин нест. Зеро кам нестанд ҳолатҳое, ки экстремистон низ вайрон намудан, аз байн бурдан ва тарсониданро ҳамчун яроқи мубориза истифода менамоянд. Махсусан, дар мавриди зоҳиршавии экстремизми динию сиёсӣ чунин ҳолатро баръало мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ин рӯ, терроризмро ҳамчун шакли ниҳоии экстремизм донистан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ҳолати дигаре ки бояд ёдовар шавад, ин аст, ки ҳамаи террористон экстремист ҳастанд, ҳол он ки ҳамаи экстремистон террорист нестанд. Экстремизмро дар марҳилаҳои аввали пайдоиши он агар аз лиҳози стратегӣ баҳогузорӣ намоем, ба терроризм рӯ намеорад. Зеро барои анҷом додани ин гуна амалҳо ҳанӯз иқтидори лозима надоранд. Танҳо дар марҳилаҳои ниҳоии ташаккулёбии худ, яъне замоне ки барои анҷом додани амалҳои террористӣ иқтидори зарурӣ пайдо намуда бошанд, ба истифодаи терроризм рӯ меоранд. Аз ин рӯ, ҳангоми муайян намудани алоқамандии экстремизм ва терроризм дар кадом марҳилаи ташаккулёбӣ қарор доштани онҳо, иқтидор ва миқёси фаъолияти экстремистӣ бояд ба инобат гирифта шавад.

Баррасии алоқамандии терроризм бо тундгароӣ ва ифротгароӣ нишон медиҳад, ки терроризм ва амали террористӣ, фаъолияти ташкилотҳои террористӣ дар ҳудудҳои мамлакат ва пайвастани ҷавонон ба ин гуна созмону ташкилотҳо аз ҳама бештар аз сатҳи зоҳиршавии тундгароӣ ва ифротгароӣ вобаста мебошад. Дар раванди мубориза бо терроризм дар баробари чорабиниҳои ҳуқуқию меъёрӣ, инчунин паст намудани сатҳи тундгароӣ ва ифротгароӣ низ бояд дар мадди аввал қарор дода шавад. Барои асоснок намудани ин ҳолат зарур мешуморем, ки сабабҳои пайдоиши тундгароӣ ва ифротгароиро низ ёдоварӣ намоем. Агар терроризм дар заминаи тундгароӣ ва ифротгароӣ пайдо шавад, пас дар баробари терроризм пешгирӣ намудани тундгароӣ ва ифротгароӣ низ хеле муҳим аст. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки афзоиши нобаробарӣ ва беадолатии иҷтимоӣ, тавсеаи миқёси камбизоатӣ, афзоиши бекорӣ ва коррупсия, поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон, заиф гардидани ниҳодҳои демократӣ, паст гардидани самаранокии ниҳодҳои давлатӣ, заиф гардидани пояҳои давлати ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғ. боиси пайдоиши тундгароӣ ва ифротгароӣ мегарданд [17,с.56]. Ғайр аз ин, масъалаҳои номбаргардида ба тундгароён ва ифротгароён имконият медиҳанд, ки худро ҳамчун муборизи манфиатҳои халқ нишон дода, доираи васеи одамонро аз қишрҳои осебпазири ҷомеа ба ҷониби худ ҷалб намоянд. Сиёсатшиноси рус Ю.Н. Полтавская дар мавриди пайдоиши тундгароии сиёсӣ қайд менамояд, ки «дар аксар маврид норозигии қишрҳои гуногуни ҷомеа аз самаранокии низоми идоракунии давлатӣ боиси пайдоиши тундгароии сиёсӣ мешавад, аммо аз ин дида масъалаҳои фарохтаре вуҷуд доранд, ки онҳо таҳрикдиҳандаи асосии тундгароӣ мебошанд: мавҷуд набудани шароит барои амалӣ намудани имкониятҳои худ, ғайриимкон будани бартарафсозии камбудиҳо, коҳишёбии саҳми давлат дар таълиму тарбияи ҷавонон, қонеъ нагардидани талаботи моддии одамон ва ғ.» [19,с.105].

Як қатор олимон ба омӯзиши шарту шароитҳо ва омилҳои бавуҷудоварандаи терроризм ва ё ба тавсеаи терроризм мусоидаткунанда ба таври ҷиддӣ машғул гардидаанд. Дар ин раванд ҳам шароитҳои субъективӣ ва ҳам объективӣ ба инобат гирифта шудаанд. Аксарияти муҳаққиқон ба шароитҳои объективӣ бештар такя намуда, иброз медоранд, ки сатҳу сифати рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, устувории ҷомеа, мавҷудияти поймолшавии ҳуқуқу озодиҳо, режими сиёсии давлат ва сатҳу сифати легитимияти он, омилҳои демографӣ, ҷуғрофӣ, идеологӣ, фарҳангӣ боиси пайдоиши зӯроварӣ мегардад. Масалан, Т.Гурр иброз медорад, ки сатҳи пасти рушди иқтисодию иҷтимоии ҷомеа шумораи норозиёнро бештар намуда, онҳоро ба ҷониби тундгароён ва террористон тела медиҳад. Тундгароён бошанд, истифода намудани зӯроварии сиёсиро роҳи ҳалли масъалаҳои номбаргардида муаррифӣ менамоянд [28]. Чунин андешаронӣ дар таҳқиқоти Д.Норик низ ба мушоҳида мерасад [31]. Умуман, сафи олимону муҳаққиқоне, ки пайдоиш ва тавсеаи терроризмро аз омилҳо ва шароитҳои объективӣ вобаста

медонанд, хеле зиёданд. Онҳо, дар маҷмӯъ, иброз медоранд, ки камбизоатӣ, сатҳи пасти маълумотнокӣ, бекорӣ ва нобаробариҳои зиёд дар миёни дороён ва камбизоатон хавфи ташаккулёбии экстремизм ва терроризмро ба вуҷуд меоваранд.

Дар муқобили чунин баррасиҳо як қатор олимону муҳаққиқони дигар алоқамандии терроризм бо омилҳои иқтисодию иҷтимоиро рад намуда, ба хулосае меоянд, ки пайдоиши терроризм аз омилҳои сиёсӣ вобаста аст, на аз иҷтимоию иқтисодӣ [25]. Масалан, А.Крюгер ва Д.Летин дар мақолаи худ қайд менамоянд, ки мамлакатҳои дорои иқтисодиёти тараққикарда аз ҳама бештар объекти терроризм қарор мегиранд. Дар ин маврид субъектҳои терроризм гурӯҳҳои аз лиҳози сиёсӣ истисморшуда ба шумор рафта, сарватмандонро сабабгори чунин вазъият дониста, объекти терроризм қарор медиҳанд. Дар ин маврид гурӯҳҳои аз лиҳози сиёсӣ истисморшуда омилҳои сиёсӣ ва сарватмандон омилҳои иқтисодии терроризмро ташкил медиҳанд [30].

Дар таҳқиқоти С.Хантингтон низ хеле хуб асоснок карда мешавад, ки ҳатто модернизатсия наметавонад устувории сиёсиро таъмин намояд. С.Хантингтон иброз намуда буд, ки низоъҳо ҳам пешрафти ҷамъиятӣ ва ҳам ҷангҳои навбатиро ба вуҷуд овардаанд. Ба ақидаи ӯ, Ҷанги якуми ҷаҳонӣ фашизм ва коммунизмро ба вуҷуд овард, Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ «ҷанги сард»-ро ва дар навбати худ ҷанги сард бархӯрди тамаддунҳо ва низоъҳои фарҳангиро ба амал овард [24,с.35]. Воқеан ҳам, модернизатсия ва пешрафти илмию техникӣ ба тавсеаи терроризм мусоидат намуд ва ба террористон имконият дод, ки соҳиби инфрасохтори замонавӣ гарданд. Аз баррасиҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои террористон ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ ҳам давлатҳои тараққикарда ва ҳам давлатҳои рӯ ба тараққӣ аҳамиятнок мебошанд. Агар дар давлатҳои тараққикарда террористон дар муқобили сарватмандон мубориза баранд, дар кишварҳои дигар барои пурра намудани сафҳои худ фаъолият мекунанд. Дар ин маврид, агар дар бораи амнияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон суҳбат намоем, гуфтан мумкин аст, ки дар мамлакат хавфи ба амал омадани амалҳои террористӣ мавҷуд аст, аммо террористон аз ин стратегия дида, бештар ба стратегияи мағзшӯӣ таваҷҷуҳи бештар медиҳанд ва аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ва қишрҳои дигари осебпазир метавонанд, ки шахрвандони мамлакатро ба сафҳои худ ҷалб намуда, онҳоро на танҳо дар кишварҳои дигар барои анҷом додани амали террористӣ истифода намоянд, балки дар дохили мамлакат низ метавонанд дар муқобили суботи сиёсии ҷомеа сафарбар кунанд.

Д.Рапопорт иброз медорад, ки ташаккулёбии терроризм аз се омили асосӣ иборат мебошад: технологияҳо, таълимотҳо ва рушди ғояҳои демократӣ. Ӯ дар идомаи баррасиҳои худ иброз медорад, ки «дар асри XIX нокомии барномаҳои ислоҳоти демократӣ боиси пайдоиши мавҷи аввали терроризм гардид (солҳои 1870-1920), худмуайянкунии миллӣ мавҷи дуюми терроризмро ба вуҷуд овард (солҳои 1920-1960), системаҳои сиёсии ғайридемократӣ сабаби пайдоиши мавҷи сеюми терроризм агар гардида бошанд (солҳои 1960-1970), мавҷи чоруми терроризм хусусияти динию зиддидемократӣ дорад (солҳои 1980 то имрӯз), зеро дунявият яке аз нишонаҳои асосии демократия мебошад» [32,с.65].

Як қатор муҳаққиқон дар заминаи омӯзиши низомҳои давлатдорӣ ва системаҳои сиёсӣ ба масъалаи пайдоиши терроризм ва фаъолияти террористӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, фикру андешаҳои мухталиф баён кардаанд, ки ин гуна баррасиҳо барои омӯзиши терроризм ва таҳлилу таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни он аҳамияти зиёди илмию амалӣ доранд. Чунончи, М.Креншоу иброз медорад, ки терроризм маҳсули ҷомеаи устувор аст ва он ҳеҷ гоҳ хосси давлатҳои ноустувор ва заиф нест, аз ин рӯ терроризм барои аз байн бурдани устувории ҷомеа зуҳур менамояд [26,с.384]. Аммо ин гуна баррасиҳо то андозае ба воқеият наздик нестанд. Аввал ин ки ин гуна баррасӣ соли 1981 гуфта шудааст ва шояд он замон чунин буд. Аммо дар шароити муосир ҳама гуна давлатҳо зери хавфу хатари терроризм қарор доранд ва ин падида ба суботи сиёсии ҳама гуна кишвар таҳдид менамояд. Гузашта аз ин, дар замони муосир бештар аз ҳама дар ҷомеаҳои ноустувор пайдоиши терроризмро мушоҳида намудан мумкин аст. Д.Норик бошад қайд менамояд, ки режимҳои сиёсии заиф ва ғайрилегитимӣ хавфи пайдоиши терроризмро дучанд менамоянд ва барои пешгирӣ намудани ин гуна терроризм чораҳои ҷазодиҳӣ самараи

дилхоҳ ба бор намеоранд [31,с.22]. Аммо Крюгер ва Лейтин бовар доранд, ки кишварҳои аз лиҳози иқтисодию сиёсӣ рӯ ба инкишоф ҳадафи терроризм не, сарчашмаи терроризм ба шумор мераванд [30]. Тавсеаи терроризм дар кишварҳои демократӣ ва дар ин гуна кишварҳо мавҷуд будани шроити созгор барои фаъолияти террористӣ бо чанд далел асоснок карда мешавад: мавҷудияти ниҳодҳои демократӣ, аз қабили озодии сухан ба террористон имкон медиҳад, ки амалҳои террористиро ба доираи васеи одамон ба намоиш гузоранд, озодиҳои инсон ва шаҳрванд бошад ба террористон имкон медиҳанд, ки бо ҷомеаи шаҳрвандӣ робитаи зич барқарор созанд ва ғ. [29]. Л.Вайнберг иброз медорад, ки кишварҳои дар ҳоли гузариш қарордошта бештар зери фишори терроризм қарор мегиранд. Ба андешаи ӯ, гузариш ба тартиботи нави ҷамъиятӣ на ҳамаро хушҳол менамояд ва зиёданд нафароне, ки бо шароитҳои навин мутобиқ шуда наметавонанд ва худро дар муқобили чунин дигаргуниҳо қарор медиҳанд [33,с.46].

Баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ маълум гардид, ки дар саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ як зумра ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ, ки дар заминаи идеологияи бунёдгароӣ ташаккул ёфтаанд, барномаҳои сиёсии худро тавре таҳия сохтаанд, ки онро дар муқобили фарҳанги ғарбӣ гузоштан мумкин аст. Ба ибораи дигар, ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ дар муқобили империализми фарҳангии Ғарб мубориза бурда истодаанд [27,с.471].

Дар мавриди сабабҳо ва заминаҳои ташаккулёбии терроризм андешаҳои низоъшиносон низ ҷолиби диққат мебошанд. Одатан, низоъшиносон иброз медоранд, ки терроризми муосир ба низоъҳои мавҷуда таъсири ҷиддӣ расонида, шиддати онҳоро зиёд менамоянд. Ҳатто низоъҳои замони муосирро бе дарназардошти терроризм шарҳ додан хеле иштибоҳнок аст. Зеро дар онҳо унсури терроризмро хоҳед нахоҳед пайдо мекунед [20]. Таҳлили низоъҳои замони муосир нишон медиҳад, ки яке аз ҷонибҳои низоъ дар муқобили рақиби худ терроризм ва роҳу усулҳои террористии муборизаи сиёсиро истифода бурдааст. Гузашта аз ин, яке аз ҷонибҳои аксари низоъҳои замони муосирро низ ташкилотҳои террористӣ роҳнамоӣ менамоянд. Бе шакку шубҳа мушоҳида намудан мумкин аст, ки тӯли солҳои охир амалҳои террористӣ ва фаъолнокии террористӣ аз ҳама бештар дар кишварҳои ҷангзада ва минтақаҳои низоӣ ба амал меоянд. Чи гунае ки чуғз (бум) вайронаро дӯст медорад, террористон низ минтақаҳои ҷангзадаро мақбул мешуморанд. Зеро чунин маконҳои низоӣ ва ҷангзада барои паноҳандагии онҳо ва ташкил намудани лагерҳои террористӣ хеле мувофиқ мебошад. Аз ин рӯ, андешаҳои низоъшиносон дар ин маврид воқеияти бебаҳс мебошад. Низоъҳои Афғонистон, Ироқ, Сурия, Судон ва ғ. барои ташаккулёбии терроризм ва тавсеаи миқёси фаъолиятҳои ташкилотҳои террористӣ заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Бо дарназардошти ин омил гуфтан мумкин аст, ки яке аз роҳҳои паст намудани таъсири терроризм аз байн бурдани низоъҳои мусаллаҳона мебошад.

Дар мавриди сабабҳои пайдоиши терроризм андешаҳои иқтисоддонон низ аҳамиятнок мебошанд. Чунончи иқтисодчиён иброз медоранд, терроризм падидае мебошад, ки пеш аз ҳама, ба амнияти иқтисодӣ ва молиявии давлат зарару зиёни ҷиддӣ расонида, ташкилотҳои террористӣ на танҳо мақсадҳои сиёсӣ, балки ба даст овардани фоидаи иқтисодиро низ дар бисёре аз мавридҳо пайгирӣ менамоянд [6,с.46]. Аз лиҳози амнияти иқтисодӣ агар ба амалҳои террористӣ баҳогузорӣ намоем, мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар аксар маврид терроризм ва террор ба маконҳои серодам равона шудаанд. Махсусан, дар кишварҳое, ки соҳаи сайёҳиашон рушд кардааст, чунин маконҳои серодам хеле зиёд ба назар мерасанд. Агар дар маконҳои серодам амали террористӣ анҷом дода шавад, пас зарбаи аввалро соҳаи сайёҳӣ эҳсос менамояд. Яъне, сайёҳон ба давлати ноамн сафар намекунанд ва дар натиҷа ин соҳа на танҳо аз рушд бозмемонад, балки зарари иқтисодӣ ба кишвар расонида мешавад. Ба ҳамин монанд дар робита бо алоқамандии терроризм ва амнияти иқтисодӣ мисолҳои гуногун овардан мумкин аст. Аммо дар маҷмӯъ, иқтисоддонҳо ба моҳияти терроризм таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир накарда, ба механизмҳои таъсиррасонии он ба низомҳои молиявию тиҷоратӣ диққати бештар медиҳанд.

Дар таҳқиқоти як қатор файласуфон иброз мегардад, ки рафтори ғайриодии инсон аз табиати биологии ӯ вобаста аст, зеро агрессивият хосси табиати инсон аст ва аз ин рӯ,

зӯроварию бераҳмӣ дар тӯли таърих инсониятро ҳамроҳӣ намудааст ва то як андоза ба рушди ҷомеаҳои инсонӣ мусоидат низ кардааст [4]. Андешаҳои мазкур барои ифодаи баъзе хусусиятҳои терроризм мувофиқ аст. Аммо терроримзро аз ғаризаҳои биологӣ ва рафтори агрессивӣ вобаста намудан каме иштибоҳнок мебошад. Зеро инсон террорист таваллуд намешавад. Баръакс, ӯ дар зери таъсири муҳити носолим ба террорист табдил меёбад. Пас дар ин гуна шароит омилҳое бояд ба инобат гирифта шаванд, ки дар он мушоҳида намудани на танҳо таъсири терроризм ба муҳит имконпазир бошад, балки омилҳои дигаре, ки ба ташаккулёбии терроризм мусоидат мекунанд, низ фаҳмида шаванд.

Ба омӯзиши терроризм равоншиносон низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, амалҳои террористӣ ва ин гуна рафторро ҳамчун бемории равонӣ ва ё вайрон шудани рӯҳияи инсон муаррифӣ менамоянд [16]. Аз лиҳози рӯҳию равонӣ асоснок намудани табиати терроризм дар асарҳои равоншиносон ва ҷомеашинсон низ ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, равоншиноси машҳури италиявӣ Ч.Ломброзо низ терроризмро худкушие медонад, ки дар зери таъсири омилҳои психологӣ пайдо шудааст. Албатта, дар таълимоти ӯ таъсири омилҳои психологӣ ба муваффақиятҳои инсон низ нишон дода шудааст. Аммо боз паҳлуҳои манфии ин масъала, аз ҷумла зоҳиршавии терроризм низ аз омилҳои психологӣ вобаста карда шудаанд [11; 12]. Ба андешаи мо, дар баъзе аз мавридҳо таъсири омилҳои психологӣ ба зуҳури амалҳои террористӣ имконпазир аст. Аммо на дар ҳама ҳолат ва на дар ҳама вазъият ин омил ба терроризми замони муосир таъсиргузор аст.

Баъзе муҳаққиқон масъалаи терроризмро дар қолабҳои ғайрианъанавӣ таҳлилу баррасӣ намуда, онро ҳамчун воситаи муоширати сиёсӣ дар миёни неруҳои гуногун медонанд. Чунончи В.Б. Петухов иброз медорад, ки терроризм унсури як низоми мураккаби иттилоотию муоширатӣ ба шумор рафта, бо дарназардошти он амали террористӣ ҳамчун паём ба неруҳои мушаххас фиристода мешавад. Яъне, дар низоми иттилоотии мазкур сарчашмаи иттилоот, интиқолдиҳандаи иттилоот ва қабулкунандаи иттилоот дида мешавад. Дар ин низом терроризм ба сифати интиқолдиҳандаи иттилоот баромад менамояд, ки онро неруҳои сиёсӣ ва бозингарони сиёсати ҷаҳонӣ дар аксар маврид истифода менамоянд [18,с.94].

Муҳаққиқи ватанӣ Н.Ш. Раҳмонова омилҳои пайдоиши терроризмро бо дарназардошти дигаргуниҳои замони муосир таҳлилу баррасӣ намуда, иброз медорад, ки дар шароити бухрони иқтисодии миллӣ, ки боиси шиддати мушкилоти иҷтимоӣ ва дигар мушкилоти дохилии бо ҳам алоқаманд мегардад, дар кишвар деградатсияи ҷавонон ва афзудани ҷиноятқорӣ дар байни наврасон ба чашм мерасад; яке аз сабабҳои дигари пайдоиш ва тавсеаи терроризми байналмилалӣ таъсири абарқудратҳо ба давлатҳои мустақил ба шумор меравад. Абарқудратҳо барои амалӣ кардани манфиатҳои худ аз ҳаракатҳо ва созмонҳои террористӣ истифода мекунанд ва онҳоро маблағгузорӣ низ менамоянд (ин дар мисоли Афғонистон, Сурия, Ироқ, Яман ва ғ. дида мешавад) [22,с.88].

Ҳамин тариқ, таҳлилу баррасии заминаҳо ва омилҳои пайдоиши терроризми байналмилалӣ нишон дод, ки ин падида хосси замони муосир мебошад ва дар заминаи падидаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ ташаккул ёфтааст. Аз ҷумла, мафҳуми «тундгароӣ» нисбат ба мафҳумҳои «ифротгароӣ» ва «терроризм» васеътар мебошад ва падидаҳои нисбатан зиёдтарро дар бар мегирад. Ҳама гуна ифротгароӣ, аз ҷумла ифротгароии динию сиёсӣ дар заминаи тундгароӣ пайдо мешавад ва аз ин рӯ дар муносибат бо ифротгароии динию сиёсие, ки зери шиори таълимоти дин зоҳир мегардад, истифода намудани тундгароии динию сиёсӣ мувофиқи мақсад аст. Терроризм дар заминаи ифротгароии сиёсӣ, аз ҷумла ифротгароии динию сиёсӣ пайдо гардида, шакли ниҳоии зоҳиршавии ифротгароӣ дониста мешавад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки ҳама гуна терроризм хусусияти ифротгароӣ ва тундгароӣ дорад. Ба ибораи дигар, террорист ва террористон ҳамон тундгароён ва ифротгароёне мебошанд, ки баъди дастёбӣ ба имкониятҳои бештар роҳу усулҳои муборизаи сиёсиро бо истифода аз терроризм амалӣ намуда истодаанд. Гузашта аз ин, занҷираи тундгароӣ+ифротгароӣ+терроризм барои дарки хусусияти терроризм хеле мувофиқ мебошад.

Муқарриз: *Сафарализода Х.Қ.* – номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Адамова М.А. Женский терроризм в современном политическом процессе: автореф. дис. ... канд. полит. наук / М.А. Адамова. -Ставрополь, 2008. -24 с.
2. Арчаков М.К. Политический экстремизм в России: сущность, проявления, меры противодействия: дис. … д-ра полит. наук / М.К. Арчаков. -Благовещенск, 2016. -320 с.
3. Афанасьев Н.Н. Идеология терроризма // Социально-гуманитарные знания. – 2001. -№6. -С.205-219.
4. Баталов Э. Философия бунта / Э. Баталов. –М., 1973. –240 с.
5. Гринин Л.Е. Исламизм и его роль в современном исламском обществе / Л.Е. Гринин, А.В. Коротаев. –М.: Учитель, 2019. -144 с.
6. Добаев А.И. Экономическая безопасность и терроризм в эпоху глобализации. -Ростов н/Д., 2008. -208 с.
7. Игнатенко А. Эпистемология исламского радикализма / А. Игнатенко // Религия и глобализация на просторах Евразии. -М.: РОССПЭН, 2009. –С. 175-221.
8. Казанцев А.А. Проблема роста исламского радикализма в странах Центральной Азии / А.А. Казанцев // Международная аналитика. – 2016. -№3(17). -С.97-111.
9. Кулешова Н.С. Исламский радикализм как фактор дестабилизации мировой политической ситуации / Н.С. Кулешова // Вестник Московского государственного областного университета. Серия: История и политические науки. – 2018. -№3. -С.153-160.
10. Левин З.И. Очерки природы исламизма / З.И. Левин. -М.: ИВ РАН, 2014. –126 с.
11. Ломброзо Ч. Гениальность и помешательство / Ч. Ломброзо. –М.: Рипол Классик, 2006. –400 с.
12. Ломброзо Ч. Политическая преступность и революция / Ч. Ломброзо, Р. Ляски. –СПб.: Юридический центр-Пресс, 2003. –474 с.
13. Малашенко А. Исламская альтернатива и исламистский проект / А. Малашенко. -М.: Весь мир, 2006. –221 с.
14. Материалы по Салафия [Электронный ресурс]. URL: http://antiterrortoday.com/baza-dannykh/terroristicheskie-i-ekstremistskie-gruppirovki/salafiya/materialy-po-salafiya/1536-salafiya-spravka (дата обращения: 05.07.2020).
15. Мирский Г.И. Радикальный исламизм: сила идеи / Г.И. Мирский // Гроза с Востока. Как ответит мир на вызов ИГИЛ? – М.: Эксмо, 2016. –С.3-57.
16. Ольшанский Д.В. Психология терроризма / Д.В. Ольшанский. –СПб., 2002. –286 с.
17. Осипов В.Г. Радикализм, экстремизм и терроризм: к методологии проблематизации / В.Г. Осипов // Социологический альманах. – 2018. -№9. -С.51-61.
18. Петухов В.Б. Терроризм в информационно-семиотическом и мифологическом пространстве / В.Б. Петухов // Общественные науки и современность. –2008. –№3. –С.92-101.
19. Полтавская Ю.Н. Радикализм и экстремизм в современной России: политические смыслы / Ю.Н. Полтавская // Известия Саратовского университета. Серия: Социология. Политология. – 2012. -Т.12. -№2. -С.104-107.
20. Пономарев В.А. Терроризм как форма и способ насильственного разрешения конфликта: к интерпретации родовых характеристик / В.А. Пономарев // Logos et Praxis. – 2017. -Т.16. -№2. -С.65-74.
21. Понятие и особенности политического терроризма [Электронный ресурс]. URL: https://superinf.ru/view_helpstud.php?id=2466 (дата обращения: 25.05.2020 г.).
22. Раҳмонова Н.Ш. Нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муборизa бо терроризми байналмилалӣ / Н.Ш. Раҳмонова // Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ». –2017. –№3(27). –С.86-89.
23. Самойлов С.Ф. К проблеме различения понятий социального и политического радикализма / С.Ф. Самойлов, М.Н. Насиров // Общество: политика, экономика, право. – 2016. -№2. -С.13-17.
24. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций / С. Хантингтон. –М.: Изд-во АСТ, 2019. –640 с.
25. Abadie A. Poverty, political freedom, and the roots of terrorism / A. Abadie. -Cambridge, 2004. URL: http://www.nber.org/papers/w10859 (accessed: 02.05.2020).
26. Crenshaw M. The causes of terrorism / M. Crenshaw // Comparative politics. -N.Y., 1981. -Vol.13. –№4. -P.384.
27. Jameson F. Valences of the Dialectic / F. Jameson. -N.Y.: Verso, 2009. -P.471.
28. Gurr T. Economic factors / T. Gurr // The roots of terrorism. -N.Y.: Routledge, 2006. -P.85–101.
29. Ghatak S. Domestic terrorism in democratic states: Understanding and addressing minority grievances / S. Ghatak, A. Gold, B.S. Prins // Journal of conflict resolution. - 2017. URL: https://doi.org/10.1177/0022002717734285.
30. Krueger A.B. Kto kogo? A cross-country study of the origins and targets of terrorism / A.B. Krueger, D.D. Laitin. URL: https://pdfs.semanticscholar.org/5190/95d72f1656ea72ed3fe8f1f72eee4d102358.pdf (Accessed: 19.06.2020).
31. Noricks D. The root causes of terrorism / D. Noricks // Social science for counterterrorism putting the pieces together. -Santa Monica: RAND Corporation, 2009. -P.11-70.
32. Rapoport D.C. The four waves of modern terrorism / D.C. Rapoport // Attacking terrorism: Elements of a grand strategy. -Washington: Georgetown univ. press, 2004. -P.65.
33. Weinberg L. Democracy and terrorism / L. Weinberg // The roots of terrorism. -N.Y.: Routledge, 2006. -P.46.

ЗАМИНАҲО ВА ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШИ ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Терроризми байналмилалӣ яке аз таҳдидҳои воқеии замони муосир ба шумор меравад. Айни замон терроризми байналмилалӣ, ки онро баъзан терроризми замони муосир низ меноманд, ба амнияти миллӣ ва суботи сиёсии ҳамаи кишварҳои олам таъсир мерасонад. Таҳлили адабиёти илмӣ ва равандҳои сиёсии сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ташкилотҳои террористию экстремистӣ бо истифодаи имкониятҳои технологию иттилооти замони муосир миқёси фаъолияти худро васеъ намуда, сарҳадҳои миллию давлатиро

убур кардаанд. Таҳқиқи заминаҳои пайдоиши терроризми байналмилалӣ нишон дод, ки омилҳои гуногун дар тавсеаи он сабабгоранд. Яке аз онҳо тундгароӣ ва ифротгароии динию сиёсӣ мебошад. Бо дарназардошти воқеиятҳои бархӯрди тамаддунҳо ва муборизаҳои геополитикӣ гуфтан мумкин аст, ки айни замон муборизаҳои идеологӣ дар заминаи таълимоти динӣ дар ҷараён аст. Махсусан, идеологияи исломизм ва тундгароии исломӣ дар муқобили арзишҳои демократӣ қарор гирифта, давлатҳои дунявиро ҳадафи худ қарор додаанд. Омили дигари пайдоиши терроризми байналмилалӣ минтақаҳои низоъангез мебошад. Зеро дар ҷомеаҳои ноамн имкони озодона фаъолият намудани онҳо ба мушоҳида мерасад. Аммо хусусияти байналмилалӣ касб намудани терроризм омили асосии ташаккулёбии он мебошад. Зеро ташкилотҳои террористию экстремистии замони муосир бо истифода аз иқтидори технологияҳои иттилоотӣ дар ҷомеаҳои гуногун ба тарғибу ташвиқи ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ машғул шуда, сафҳои худро аз ҳисоби шахрвандони кишварҳои мухталиф пурра менамоянд. Чунин омил боиси он гардидааст, ки терроризми иттилоотӣ ҳамчун шакли махсуси терроризми байналмилалӣ пайдо шавад.

Калидвожаҳо: терроризми байналмилалӣ, тундгароӣ, ифротгароӣ, терроризми иттилоотӣ, низоъҳои минтақавӣ, амнияти миллӣ, суботи сиёсӣ, муборизаҳои сиёсӣ.

ПРЕДПОСЫЛКИ И ФАКТОРЫ ПОЯВЛЕНИЯ МЕЖДУНАРОДНОГО ТЕРРОРИЗМА

Международный терроризм является одной из реальных угроз современности. Сегодня международный терроризм, иногда называемый современным терроризмом, имеет негативное воздействие на национальную безопасность и политическую стабильность всех стран. Анализ научной литературы и региональных и мировых политических процессов показывает, что террористические и экстремистские организации, используя современные информационные технологии, расширили сферу своей деятельности и пересекли национальные и государственные границы. Изучение предпосылки возникновения международного терроризма показало, что его распространению способствуют различные факторы. Один из них - религиозный радикализм и религиозно-политический экстремизм. Учитывая реалии столкновения цивилизаций и геополитической борьбы, можно сказать, что идеологическая борьба на основе религиозной доктрины в настоящее время продолжается. В частности, идеология исламизма и исламского экстремизма противостоит демократическим ценностям и нацелена на светские государства. Еще один фактор возникновения международного терроризма - зоны конфликтов. Потому что в нестабильных обществах они могут действовать свободно. Однако международный характер терроризма является ключевым фактором в его формировании. Потому что современные террористические и экстремистские организации, используя потенциал информационных технологий в разных обществах, занимаются пропагандой радикальных и экстремистских идей, пополняя свои ряды за счет граждан различных стран. Этот фактор привел к появлению информационного терроризма как особой формы международного терроризма.

Ключевые слова: международный терроризм, радикализм, экстремизм, информационный терроризм, региональные конфликты, национальная безопасность, политическая стабильность, политическая борьба.

PRECONDITIONS AND FACTORS FOR THE EMERGENCE OF INTERNATIONAL TERRORISM

International terrorism is one of the real threats of our time. Today international terrorism, sometimes referred to as modern terrorism, has a negative impact on the national security and political stability of all countries. Analysis of scientific literature and regional and world political processes shows that terrorist and extremist organizations, using modern information technologies, have expanded their scope of activities and crossed national and state borders. The study of the prerequisites for the emergence of international terrorism has shown that various factors contribute to its spread. One of them is religious radicalism and religious and political extremism. Considering the realities of the clash of civilizations and the geopolitical struggle, it can be said that the ideological struggle based on religious doctrine is currently continuing. In particular, the ideologies of Islamism and Islamic extremism oppose democratic values and target secular states. Another factor in the emergence of international terrorism is conflict zones. Because in unstable societies, they can act freely. However, the international character of terrorism is a key factor in its formation. Because modern terrorist and extremist organizations, using the potential of information technologies in different societies, are engaged in the promotion of radical and extremist ideas, replenishing their ranks at the expense of citizens of different countries. This factor led to the emergence of information terrorism as a special form of international terrorism.

Keywords: international terrorism, radicalism, extremism, information terrorism, regional conflicts, national security, political stability, political struggle.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвончӯи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **Taj-Lucky@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Мадвалиев Джамолиддин Алиджонович*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры политологии и международных отношений. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г.Бохтар, улица Айни, 67. E-mail: **Taj-Lucky@mail.ru**

Information about the author: ***Madvaliev Jamoliddin Alijonovich*** – Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, competitor of the Department of Political Science and International Relations. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar city, street Ayni, 67. E-mail: **Taj-Lucky@mail.ru**

УДК 32.019.51

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ НАЗАРФИРЕБИИ СИЁСӢ

Нуриддинзода С.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Назарфиребӣ ҷузъи таркибии маданияти сиёсию иҷтимоӣ ва равандҳои сиёсии ҷомеа мебошад. Он ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ таърихи хеле қадима дорад. Ҳанӯз аз даврaҳои қадим сар карда одамон барои расидан ба мақсадҳои худ дар муқобили якдигар технологияҳои гуногуни назарфиребиро истифода менамуданд. Назарфиребии даврaҳои қадим ба монанди дурӯғи содалавҳона зоҳир мегардид. Аммо бо мурури замон ва ташаккулёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ санъати назарфиребӣ низ рушд намуда, дар шакли таъсиррасонии даркнашаванда ва натиҷабахш истифода бурда мешавад. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки аз ҷомеаҳои ибтидоӣ сар карда то ба имрӯз технологияи назарфиребӣ ҳамчун воситаи ҳукмронӣ аз ҷониби неруҳои сиёсӣ истифода бурда шудааст. Файласуфи франсафӣ М. Фуко дар бораи хусусияти мифологӣ доштани назарфиребии ҷомеаҳои ибтидоӣ таҳқиқоти гуногун анҷом дода, нақши онро дар рушди ҳувияти иҷтимоию сиёсӣ ва ташаккули умумияти иҷтимоӣ муайян намудааст [21]. Дар маҷмӯъ, гуфтан мумкин аст, ки назарфиребӣ ва ҳадафмандона таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ ҳанӯз аз даврaҳои қадим дар амалияи ҷамъиятӣ хеле зиёд истифода бурда мешуд. Аввалин устодони истифодаи амалии технологияи назарфиребӣ софистони Юнони қадим мебошанд. Онҳо ҳатто барои ҳақ баровардани андешаҳои худ ҷаҳонбинии фалсафию ҷамъиятиеро ташаккул дода буданд, ки онро дар баҳсҳои сиёсӣ моҳирона истифода менамуданд. Ҳатто гуфтан мумкин аст, ки таълимоти софистон аввалин консепсияҳои назарфиребӣ мебошанд. Худи мафҳуми софизм низ аз калимаи юнонии sophisma пайдо шуда, маънояш зиракӣ, ҳилаю найранг мебошад. Софистон кӯшиш менамуданд, ки дар баҳсҳои гуногун далелҳои носаҳеҳро ба воситаи вайрон намудани қоидаҳои мантиқ ҳамчун воситаи исботнамоӣ истифода баранд. Чунин амалҳо бо мақсади гумроҳ намудани шунавандагон анҷом дода мешуданд. Аммо файласуфони Юнони қадим ва Рими қадим мавҷудияти роҳу усулҳои таъсир расонидан ба зеҳну шуури одамонро дарк намуда, дар муқобили софистон санъати суханварӣ ва ё риторикаро ташаккул доданд [1; 23]. Ба андешаи онҳо ҳунари суханварӣ ба одамон имкон медиҳад, ки онҳо на танҳо назарфиребиро дарк намоянд, балки дурустии андешаҳои худро исбот созанд. Бо дарназардошти чунин вазъ донистани ҳунари суханварӣ барои эмин мондан аз таъсири назарфиребӣ зарур шуморида шуда, аз овони кӯдакӣ ба одамон таълим дода мешуд.

Тахминан 2500 сол пеш масъалаи истифодаи назарфиребӣ дар корҳои ҳарбию сиёсӣ аз ҷониби ходими давлатӣ ва файласуфи Чини қадим Сун Тсзи ба таври мукаммал коркард гардида буд [20]. Андешаҳои ӯ дар замони муосир низ ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Дар шароити имрӯза таълимоти Сун Тсзиро дар ташкил ва гузаронидани ҷангҳои иттилоотию психологӣ, амалиётҳои пинҳонӣ ва махсусан, дар фаъолияти хадамоти истихборотӣ ва дигар сохторҳои қудратӣ чи дар кишварҳои Шарқ ва чи дар кишварҳои Ғарб ба таври васеъ истифода менамоянд. Дар Чини қадим назарфиребӣ унсури таркибии санъати ба таври пинҳонӣ идора намудани рақибон, асосҳои ғоявию фалсафии амалияи сиёсат ва дипломатия ба шумор мерафт. Санъати таҳия намудани нақшаи тадриҷии дар марҳилаҳои гуногун амалишаванда, пинҳон нигоҳ доштани мақсадҳои худ аз назари дигарон, барои расидан ба муваффақият истифода намудани маккорӣ ва дому фиреб дар тафаккуру рафтори арбобони давлатӣ, сипоҳсолорон ва дипломатҳои хитоӣ мавқеи марказиро ишғол намуда буд [19,с.19-20].

Дар ташаккули консепсияи назарфиребӣ асари мутафаккири шинохтаи италиявӣ Н. Макиавелли саҳми зиёд гузоштааст. Ӯ дар асари худ «Подшоҳ» исбот менамояд, ки ҳокимиятро на танҳо ба воситаи неру, балки бо роҳи ба даст овардани ризоият низ нигоҳ доштан мумкин аст. Ба андешаи ӯ, подшоҳ барои ба даст овардан ва нигоҳ доштани тобеон бояд пайваста талош варзад. Ба қавли ӯ, подшоҳи хирадманд шавқу рағбати

тобеонро бояд дар самти зарурӣ равона карда тавонад: аз сабаби оне, ки инсон дар як вақт ҳамаи хислатҳои хубро дошта наметавонад, шарт нест, ки подшоҳ бояд чӣ гуна бошад, шарт ин аст, ки ӯ дар назари омма чӣ гуна зоҳир шавад [16]. Ин аст, ки то солҳои наздик мафҳуми назарфиребиро баъзан вақт дар маънои макиавеллизм низ ифода менамуданд. Дар маҷмӯъ, Н.Макиавелли андешаҳоеро пешниҳод намудааст, ки дар ташаккули доктринаҳои ҳукмронии сиёсӣ ва истифодаи назарфиребӣ заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Н. Макиавелли яке аз мутафаккироне мебошад, ки аввалин шуда мафҳуми «издиҳом»-ро истифода менамояд. Ба андешаи Н. Макиавелли, издиҳом оммаи мардуме мебошанд, ки дар бораи сарварӣ ва шахсияти подшоҳ тасаввуроти хеле кам доранд. Диққати онҳоро танҳо симои роҳбар ва тарзи муаррифӣ шудани ӯ ҷалб менамоянд. Дар ин маврид тафовути байни издиҳом ва мардум бояд ба инобат гирифта шавад. Зеро дар аксар маврид мардум ба ақлу хирад ва издиҳом бошад, ба эҳсосот ва ҳиссиёти худ такя менамоянд. Бо дарназардошти ин Н.Макиавелли тавсия медиҳад, ки сарвари хирадманд чи барои мустаҳкам намудани мавқеи худ ва чи барои нигоҳ доштани устувории давлат бояд қодир бошад, ки ҳиссиёт ва майлу рағбати одамонро идора карда тавонад [16,с.76].

Дар миқёси васеъ ва рақобатҳои сиёсӣ бори аввал технологияи назарфиребӣ дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятии Фаронса моҳирона истифода бурда шуд. Дар даврои маорифпарварӣ ислоҳотчиёни Фаронса ба зеҳну шуури оммаи мардум чунон таъсири зиёд расонидаанд, ки аксарияти одамон барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсии онҳо омода буданд. Ба андешаи муҳаққиқи рус С.Н. Бледний, «маорифпарварони Фаронса дар фаъолияти худ ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии нав машғул гардида, ҳамзамон барои амалӣ намудани нақшаҳои сиёсии худ одамонро мағзшӯӣ мекарданд, ки дар натиҷа иқтидори харобкоронаи рӯҳияи озодихоҳон дар назари омма дуруст вонамуд мегардид» [2].

Дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX масъалаи назарфиребӣ ва манипулятсияи шуури ҷамъиятӣ то дараҷае дар таҳқиқоти олимони шинохтаи аврупоӣ ва амрикоӣ таҳлилу баррасӣ мегардад. Аз ҷумла дар бораи ҳаракатҳои оммавӣ ва идора намудани онҳо Г. Лебон, Х. Ортега-и-Гассет, А. Грамши, Г. Лассуэл ва дигарон фикру андешаҳои хеле ҷолиб пешниҳод намудаанд.

Равоншинос ва антропологи франсавӣ Г.Лебон дар асари худ «Психологияи омма» қайд менамояд, ки одамонро бо дарназардошти ҷаҳони ғоявӣ, ҳиссиёт ва одатҳои онҳо идора намудан мумкин аст. Ғайр аз ин, ӯ хусусиятҳои муҳимми оммаро муайян намудааст, ки барои идора намудани одамон хеле муҳиманд. Якум, таъсири афкори ҷамъиятӣ эҳсоси қувваи мағлубнашавандае мебошад, ки дар зеҳну шуури инсон дар зери таъсири издиҳом ба вуҷуд меояд. Чунин эҳсосот масъулияти амалҳои шахсии инсонро аз байн мебарад ва ҳар кореро, ки ӯ анҷом медиҳад, бар дӯши дигарон бор менамояд. Дуюм, издиҳом сироятёбанда мебошад. Яъне, ҳар ҳиссиёте, ки дар издиҳом пайдо мешавад, бо суръати баланд ба иштирокчиёни он сироят мекунад. Сеюм, издиҳом одамоне мебошанд, ки зудбоваранд ва тафаккури танқидӣ надоранд. Аз ин рӯ, онҳо дар зери таъсири ҳиссиёти умумӣ ба он мепайванданд [15,с.160-162]. Чунин хусусиятҳои издиҳом имкон медиҳад, ки дар шуури оммавӣ дилхоҳ ғоя ва ё андеша талқин карда шавад.

Дар навбати худ файласуфи испанӣ Хоссе Ортега-и-Гассет дар асари худ «Исёни омма» дар бораи иқтидори оммаи мардум андешаҳои худро ҷамъбаст намуда, қайд мекунад, ки омма бо фикру андешаҳои хаёлии худ қодир аст, ки таъсири қонунҳоро зиёд намояд ва равандҳои сиёсиро тезонад [18,с.11]. Чунин андешаҳо бори дигар аз он шаҳодат медиҳанд, ки оммаи мардум дар раванди сиёсӣ нақши муҳим мебозанд ва ин аст, ки доимо кӯшиш менамоянд, ки рафтор ва шуури оммавиро ҳадафмандона идора намоянд. Олимони номбаргардида назарфиребиро ҳамчун падидае медонанд, ки аз як ҷониб барои ташаккул додани шахсияти инсон ва мустақил гардонидани он истифода мешавад ва аз ҷониби дигар, воситаи идора намудани гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Ғайр аз ин, консепсияи гегемонияи олими италиявӣ А.Грамши низ барои дарки хусусиятҳои муҳимми назарфиребӣ хеле муҳим мебошад. Ба андешаи ӯ, механизми асосии дар амал татбиқ сохтани ҳокимият ва идора намудани оммаи мардум на маҷбурнамоӣ, балки боваркунонӣ мебошад. Давлат дар пояи ду арзиш побарҷост. Якум, неру ва дуюм,

ризоияти ҷамъиятӣ. Гегемония, ба андешаи А.Грамши, замоне ба даст меояд, ки сатҳи ризоияти ҷамъиятӣ барои идора шудани онҳо фаъол ва баланд бошад. Дар чунин ҳолат гегемония метавонад ба кулли ҷомеа таъсиргузор бошад. Аз ҳама муҳим ин аст, ки гегемония хусусияти динамикӣ дорад ва доимо метавонад чи дар раванди таназзул ва чи дар шароити рушдёбӣ қарор гирад [6,с.205]. Гуфтан мумкин аст, ки гегемония таъсиррасоние мебошад, ки дар ҳолати мавҷудияти он ҳокимият қодир аст, ки ба кулли ҷомеа бе истифодаи маҷбурнамоӣ таъсири худро амалӣ намояд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки тарғибу ташвиқи ҷаҳонбинии илмӣ боиси он гардид, ки дар кишварҳои аврупоӣ идеологияҳои сиёсӣ пайдо гарданд ва ҷойгузини ҷаҳонбинии динӣ шаванд. Аз таърих маълум аст, ки ҷаҳонбинии динӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ дар марҳилаҳои аввали ташаккулёбӣ зиддиятҳои махсусеро соҳиб буданд. Аз ин рӯ, истифодаи технологияи назарфиребӣ дар рафтору гуфтори намояндагони динҳо ва фаъолони идеологӣ ба таври васеъ истифода бурда мешуд. Дар маҷмӯъ, идеологияҳои сиёсӣ агар дар Аврупо пайдо шуда бошанд ҳам, технологияҳои назарфиребӣ ва роҳу усулҳои таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ бори аввал дар ИМА ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ гардида, ташаккул дода шудаанд.

Дар ибтидои асри XX раванди таъсир расонидан ба рафтори одамон, махсусан ба рафтори интихобкунандагон аз ҷониби олимони Донишгоҳи шаҳри Чикаго ба таври системавӣ ва фаъолона таҳқиқ гардидааст. Мактаби илмии Чикаго дар солҳои 20-уми асри XX бо роҳбарии сиёсатшиноси амрикоӣ Ч.Э. Мерриам ташаккул ёфтааст, ки аз аввалин лаҳзаи ташаккулёбии он масъалаҳои рафтори сиёсии одамон, афкори ҷамъиятӣ, муносибатҳои сиёсӣ ва роҳу усулҳои тағйир додани онҳо дар маркази диққати онҳо қарор гирифтааст. Аммо худи мафҳуми «назарфиребӣ» (манипулятсия) дар солҳои 40-50-уми асри гузашта аз ҷониби сиёсатшиносони Ғарб ба гардиши илмӣ ворид карда шуда, дар сатҳи илмию назариявӣ паҳлуҳои гуногуни он ошкор карда шудаанд [17,с.123].

Яке аз намояндагони машҳури мактаби илмии Чикаго сиёсатшиноси амрикоӣ Г.Лассуэлл мебошад. Ӯ дар асари худ «Техникаи тарғибот дар ҷанги ҷаҳонӣ» роҳу усулҳои гуногуни идора намудани ҷомеаро дар заминаи истифодабарии тарғиботу ташвиқот пешниҳод намудааст. Ба андешаи ӯ, дар баробари яроқҳои ҳарбию иқтисодӣ, тарғибот (пропаганда) низ метавонад дар муқобили душман ҳамчун яроқ истифода бурда шавад. Г.Лассуэлл муътақид аст, ки тарғибот воситаи муҳимтарини тағйир додани ақоиди одамон мебошад ва онро барои боваркунонии оммаи мардум истифода намудан мумкин аст [14]. Дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ тарғиботу ташвиқот дар муқобили душманон дар шаклҳои зерин сурат мегирифт: зарба задан ба рӯҳияи ватандӯстии аҳолӣ, аз байн бурдани боварӣ ба музаффарият, вайрон намудани муносибати мардум бо ҳукумати худ, ҷалб намудани таваҷҷуҳи одамон ба мушкилиҳо ва проблемаҳои ҷамъиятӣ, инчунин аз даст додани он арзишҳое, ки натиҷаи муқобилиятҳои сиёсӣ мебошанд. Истифодаи тарғибот дар муносибат бо мардуми маҳаллӣ ва шарикону иттифоқчиён бо мақсади бедор намудани нафрати онҳо нисбат ба душманон, нигоҳ доштани муносибатҳои дӯстона бо иттифоқчиён, нигоҳ доштани муносибатҳо бо ҷонибҳои бетараф ва ғайра анҷом дода мешуд [14, с.10-12].

Қайд намудан зарур аст, ки тарғиботу ташвиқот ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ то ба имрӯз аз ҷониби олимони гуногун таҳқиқ гардидааст. Ин ҷо зарурати таҳлилу баррасӣ намудани онҳо вуҷуд надорад. Зеро мақсади асосӣ дар ин қисми таҳқиқот муайян намудани моҳияти назарфиребӣ мебошад. Пас зарур дониста мешавад, ки муносибат ва алоқамандии тарғибот бо назарфиребӣ муайян карда шавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар байни онҳо ду тафовути ҷиддӣ мавҷуд аст. Якум: ба воситаи тарғибот дурустӣ ва қобили қабул будани нуқтаи назар талқин мегардад ва дар ин раванд боваркунонӣ ҳамчун воситаи амалӣ намудани мақсад истифода бурда мешавад. Аммо назарфиребӣ барои ба даст овардани чунин тарзи дастгирӣ ва ҷонибдорие истифода мешавад, ки дар ҳолати баръакс (яъне, истифода накардани технологияи назарфиребӣ) дастгирии ҷомеаро ба даст овардан мушкил аст. Дуюм: дар ҳама ҳолатҳо субъекти тарғиботро мушоҳида намудан мумкин аст. Барои мисол, дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Вазорати тарғибот дар Германияи фашистӣ ва ба ҳамин монанд шуъбаҳои идеологию тарғиботӣ дар давлатҳои

дигар ташкил карда шуда буданд. Аммо хусусияти фарқкунандаи назарфиребӣ аз тарғибот ин аст, ки субъекти онро муайян кардан мушкил аст. Зеро субъекти назарфиребӣ мақсадҳои худро аз назари мардум пинҳон нигоҳ медорад ва ба ибораи дигар, таъсиррасонӣ тавре ба роҳ монда мешавад, ки одамон мақсади ниҳоиро эҳсос намекунанд.

Дар нимаи дуюми асри XX аввалин асарҳое пайдо мешаванд, ки бевосита ба таҳқиқи назарфиребӣ бахшида шудаанд. Дар ин самт асарҳои Г. Франк, Г. Шиллер, Э.Шостром ва дигарон хеле аҳамиятнок мебошанд. Яке аз аввалин таҳқиқотро ҷомеашиноси немис Г.Франк анҷом додааст. Ба андешаи ӯ, «дар аксар маврид зери мафҳуми назарфиребӣ таъсиррасонии психологие бояд фаҳмида шавад, ки ба таври пинҳонӣ анҷом дода мешавад ва доимо бар зарари онҳоест, ки зери таъсири он қарор гирифтаанд. Мисоли одии назарфиребӣ реклама мебошад» [22,с.75].

Асари олими амрикоӣ Г. Шиллер зери унвони «Манипуляторҳои шуур» низ дар таҳқиқи ин масъала заминаи мусоид гузоштааст. Ба андешаи ӯ, «назарфиребӣ маҷбурнамоии пинҳоние мебошад, ки ба воситаи он ақоид, майлу хоҳиш, ҳиссиёт, муносибат ва рафтори одамон тарҳрезӣ мегардад» [24,с.42].

Дар солҳои 60-70-уми асри гузашта олимони шӯравӣ низ ба таҳлилу таҳқиқи назарфиребӣ оғоз намуда, дар раванди муборизаҳои идеологӣ истифодаи онро асоснок мекунанд. Рушди иртиботи оммавӣ, аз ҷумла радио, телевизион ва матбуоти даврӣ муборизаҳои идеологии системаҳои сиёсии сохтори сотсиалистӣ ва капиталистиро тезутунд намуда, на танҳо дар соҳаи иқтисодиёт, балки дар ҳаёти сиёсӣ, маънавию фарҳангӣ миқёси истифодаи роҳу усулҳои назарфиребиро тавсеа медиҳанд. Дар таҳқиқоти олимони шӯравӣ назарфиребӣ дар муқобили ҷомеаи капиталистӣ қарор дода шуда, бо танқиди назарияҳои идеологии ғарбӣ ва амалияи ҷамъиятии онҳо алоқаманд буд. Онҳо кӯшиш менамуданд, ки камбудиҳои сиёсию идеологии ҷомеаҳои Ғарбро ошкор намуда, сохтори капиталистиро ҳамчун сохтори истисморгар нишон диҳанд [9].

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар таҳқиқоти як қатор олимони рус масъалаи назарфиребӣ хеле васеъ таҳлилу баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, асарҳои Е.Л. Дотсенко, С.Г. Кара-Мурза, Ю.А. Ермаков ва чанде дигарон ба таҳқиқи ҳамин масъала бахшида шудаанд. Дар ибтидои асри XXI бошад, бо дарназардошти дигаргуниҳои замона як гурӯҳ олимон тағйирёбии шаклҳои зоҳиршавии назарфиребиро мушоҳида намуда, онро бо диди нав таҳқиқ намудаанд. Чунончи, В.П. Шейнов, Т.В. Дейк, Р.Холидей, В.М. Коровин, В.Д. Соловей ва дигарон дар ин самт асарҳои алоҳида таҳия намудаанд.

Таҳлилу баррасии асарҳои илмии олимони дар боло номбаргардида нишон медиҳад, ки дар таҳқиқотҳои нахуст анҷомшуда падидаи назарфиребӣ дорои хусусияти манфии муаррифӣ мегардад ва онро хилофи меъёрҳои ахлоқӣ меноманд. Аммо дар асарҳои олимони замони муосир ҳолати дигарро мушоҳида намудан мумкин аст. Маҳз ба ҳамин хотир олимонеро, ки ба таҳқиқи назарфиребӣ машғул шудаанд, ба якчанд гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст.

Гурӯҳи якумро олимоне ташкил медиҳад, ки дар таҳқиқоти онҳо назарфиребӣ ҳамчун падидаи манфӣ муаррифӣ гардида, зарару зиёни он барои шахс ва ҷомеа нишон дода шудааст. Г.Шиллер, Т.В. Дейк, Э.Шостром ва чанде дигарон намояндагони ин мактаби илмӣ мебошанд. Барои мисол, олими нидерландӣ Т.В. Дейк назарфиребиро шакли ғайриқонунии таъсиррасоние медонад, ки бо роҳи вайрон намудани меъёрҳои иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад. Ба ақидаи ӯ, назарфиребӣ яке аз шаклҳои суиистифодаи ҳокимият ва бо роҳу воситаҳои пинҳонӣ идора намудани одамон мебошад [30, с.360]. Р.Холидей хусусиятҳои назарфиребиро дар муқоиса бо таъсиррасонӣ муайян намудааст. Ӯ иброз медорад, ки ҳамаи мо барои оне, ки мақсадҳои худро амалӣ намоем, кӯшиши мекунем, ки ба дигарон таъсир расонем ва ин нишонаи равандҳои иҷтимоии солим мебошад. Назарфиребӣ бошад, замоне пайдо мешавад, ки агар ба таври пинҳонӣ кӯшиш намоем, ки нафареро барои иҷроиши амали мушаххас маҷбур намоем, ӯро истимор кунем ва ҳамзамон ҳуқуқҳои ӯро поймол созем» [28]. Э.Шостром ба чунин анъанаҳо пайравӣ намуда, идора намудани дигарон ва назорат кардани рафтори онҳо, истисмори одамон, ҳамчун воситаи амалӣ намудани мақсадҳо истифода шудани одамонро нишонаҳои назарфиребӣ медонад [25].

Чи гунае ки қайд гардид, олимони рус низ ба таҳқиқи назарфиребӣ ба таври ҷиддӣ машғул гардидаанд. Д.Волкогонов дар асари худ «Ҷангҳои психологӣ» назарфиребиро ҳамчун «воситаи идора намудани ҳолати равонии инсон, дигаргун сохтани ҷаҳони ботинии инсон» муаррифӣ кардааст [4,с.112]. Г.Грачев назарфиребиро ҳамчун воситаи саркӯб намудан ва коҳиш додани фаъолнокии омма ва сафарбар намудани онҳо ба самти дигар медонад, ки он ба сохтори иҷтимоию сиёсии мавҷуда таҳдид мекунад [7,с.44]. Дар омӯзиши назарфиребӣ олими рус С.Г. Кара-Мурза саҳми зиёд гузоштааст. Ҳарчанд асарҳои ӯ хусусияти публитсистӣ дошта бошанд ҳам, дар онҳо моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи ин падида муайян карда шудаанд. Ба андешаи ӯ, барномарезӣ намудани рафтори одамон ва таъсири маънавӣ расонидан ба зеҳну шуури онҳо нишонаҳои назарфиребӣ мебошанд, ки барои таъмин намудани ҳукмронӣ анҷом дода мешаванд. Чунин таъсиррасонӣ ба сохтори психикии инсон равона шуда, ба таври пинҳонӣ тағйир додани ақидаҳо, майлу хоҳишҳо ва мақсадҳои одамонро дар бар мегирад [11,с.32]. Е. Дотсенко ҷавҳари назарфиребиро бо таъсиррасонии психологӣ алоқаманд намуда, иброз медорад, ки ба таври сунъӣ ба амал баровардани он имкон медиҳад, ки ба таври пинҳонӣ ва даркнашаванда майлу хоҳиши дигарон тағйир дода шавад [9,с.59].

Дар асоси гуфтаҳои боло дар мавриди падидаи манфӣ будани назарфиребӣ ба чунин хулосаҳо расидан мумкин аст: хусусияти пинҳонӣ доштани таъсиррасонии психологӣ, ҳамчун воситаи амалӣ намудани мақсадҳо истифода гардидани инсон, ҳадафмандона ва дидаю дониста зарар расонидан ба ҷаҳони ботинии инсон моҳияти назарфиребиро ифода менамоянд.

Дар доираҳои илмӣ дар баробари хусусиятҳои манфии назарфиребӣ, инчунин паҳлуҳои мусбати он низ таҳлилу баррасӣ мегарданд. Аммо қайд намудан бамаврид аст, ки дар ин самти таҳқиқот намояндагони он ангуштшуморанд. Як гурӯҳ олимон ба хусусиятҳои мусбати назарфиребӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, консепсияи назарфиребии позитивиро ташаккул додаанд. Тибқи консепсияи мазкур назарфиребӣ на танҳо барои қонеъ намудани талаботҳои субъекти манипулятсия, балки ба фоидаи объекти он ҳам мебошад. Дар ташаккули консепсияи мазкур А.Зиволевич саҳми аз ҳама бештарро гузоштааст. Ба андешаи ӯ, чунин навъи назарфиребӣ аз ҳама бештар дар корхонаҳои истеҳсолӣ истифода бурда мешавад. Дар ин маврид унсурҳои назарфиребӣ бояд чунон таъсирнок бошанд, ки одамонро барои анҷом додани корҳое, ки намехоҳанд иҷро намоянд, водор карда тавонанд. Дар ҳолати баръакс он вазифаҳое, ки бар дӯши коргарон вогузор шудаанд, дар сатҳи зарурӣ иҷро намегарданд ва зарурӣ дониста намешаванд. Мақсади чунин назарфиребӣ баланд бардоштани самаранокии фаъолияти коргарон аст [31]. Дар чунин шароит истифодаи роҳу усулҳо ва технологияҳои назарфиребӣ ҳам ба фоидаи ташкилот ва ҳам ба фоидаи коргарони он анҷом мепазирад. Ғайр аз ин, назарфиребиро барои муҳофизати афкори ҷамъиятӣ ва ҳамчун воситаи ба масъалаҳои асосӣ ҷалб намудани диққати одамон низ муаррифӣ кардаанд [27,с.138]. Дар асоси гуфтаҳои боло гуфтан мумкин аст, ки назарфиребӣ метавонад хусусиятҳои мусбат низ дошта бошад, ба шарте ки субъектҳои он ба ғайр аз фоидаи худ, инчунин ба фоидаи дигарон низ ин корро анҷом дода бошанд.

Гурӯҳи сеюми олимонро муҳаққиқоне ташкил медиҳанд, ки назарфиребиро аз лиҳози меъёрҳои ахлоқӣ баҳогузорӣ менамоянд ва аз як ҷониб, агар хусусиятҳои назарфиребиро муайян намоянд, аз ҷониби дигар, мавқеи меҳварии онро нишон додаанд. Чунин тарзи баррасӣ дар таҳқиқоти Е. Дотсенко, Ю. Ермаков, В.Шейнов, Э. Бэк ва дигарон ба мушоҳида мерасад. Ин гурӯҳи олимон иброз медоранд, ки хусусиятҳои манфӣ ва мусбати назарфиребиро аз рӯйи мақсади субъект муайян бояд кард. Яъне, агар субъекти назарфиребӣ мақсади мусбат дошта бошад, пас ин падидаро манфӣ гуфтан мумкин нест, аммо дар ҳолати баръакс, онро мусбат гуфта наметавонем.

Дар таҳқиқоти Э. Бэк назарфиребӣ амали иҷтимоӣ ва коммуникативие мебошад, ки барои таъсир расонидан ба раванди қабули қарор, афкори ҷамъиятӣ ва рафтори иҷтимоии ҷомеа нигаронида шудааст. Дар чунин шароит назарфиребӣ ҳамчун омили ба амал омадани иртибот дар байни акторҳои иҷтимоӣ мебошад [26,с.12]. Аз ин нуқтаи назар ба хулосае омадан мумкин аст, ки хусусияти мусбат ва ё манфӣ доштани назарфиребӣ аз

рафтори субъекти он вобаста мебошад, зеро мақсади ташкил намудани иртиботро маҳз ӯ муайян менамояд.

Ғайр аз ин, назарфиребӣ ҳамчун унсури муҳимтарини «неруи нарм» низ муаррифӣ мегардад. Дар ин гуна вазъият водор намудани инсон барои анҷом додани амали мушаххас мақсади назарфиребӣ дониста мешавад, ки он барои объекти манипулятсия ва муҳити иҳотакардаи он ҳеҷ хавфу хатар эҷод намекунад [10,с.216]. Дар робита бо ин масъала қайд намудан бамаврид аст, ки алоқамандии назарфиребӣ бо «неруи нарм» масъалаи хеле баҳснок аст. Дар мундариҷаи «неруи нарм», агарчанде маҷбурнамоӣ дида нашавад ҳам, боваркунонӣ низ дида намешавад. Пас аз рӯйи ин хусусият «неруи нарм»-ро бо назарфиребӣ як шуморидан оё ҷоиз аст? Дар ин маврид аввал якчанд масъаларо баррасӣ намудан зарур аст. Якум ин, ки «неруи нарм»-ро ба ҷойи маҷбурнамоӣ истифода менамоянд. Ҳамзамон, назарфиребӣ ҳамчун воситаи таъсиррасонии психологӣ бе истифодаи зӯроварӣ расидан ба натиҷаҳои интизориро тақозо менамояд. Ҳарчанд воситаҳои мусолиҳатомез мундариҷаи онро ташкил дода бошад ҳам, аз лиҳози риояи меъёрҳои ахлоқӣ каме шубҳаовар мебошад [9,с.44]. Аз ҷониби дигар «неруи нарм»-ро ҳамчун воситаи фишороварӣ ба истиқлолияти давлатӣ, дахолати даркнашаванда намудан ба корҳои дохилии давлат, ноустувор гардонидани авзои сиёсии ҷомеа, идора намудани зеҳну шуур ва афкори ҷамъиятӣ истифода менамоянд [8,с.68].

Гузашта аз ин, «неруи нарм» қобилияти писанд омадан ба дигарон ва ба ин васила ба ҷониби худ ҷалб кардани таваҷҷуҳи одамон мебошад. Ба ибораи дигар, симои мароқангез сарчашмаи асосии «неруи нарм» аст. Бо ин мақсад субъектҳои «неруи нарм» метавонанд барои беҳтар намудани имиҷи худ технологияи назарфиребиро истифода намоянд. Аммо боз мушоҳида намудан мумкин аст, ки технологияи назарфиребиро барои корношоям гардонидани имиҷи рақибон низ истифода мекунанд. Чунин тарзи зоҳиршавии назарфиребиро дар муносибатҳои оштнопазири байнидавлатӣ, дар фаъолияти ташкилотҳои террористӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар маҷмӯъ, агар масъалаи назарфиребиро бе дарназардошти меъёрҳои ахлоқӣ баҳогузорӣ намоем, хусусиятҳои онро ба таври зерин нишон додан мумкин аст: якум, назарфиребӣ амале мебошад, ки барои барқарор намудани иртиботи иҷтимоӣ анҷом дода мешавад ва хусусиятҳои манфӣ ва мусбат доштани он аз мақсадҳои субъекти он вобаста аст; дуюм, назарфиребӣ воситаи дар амал татбиқ намудани мақсадҳо бе истифодаи зӯроварӣ мебошад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми назарфиребӣ дар маъноҳои гуногун истифода бурда мешавад ва онро дар бисёре аз маврид бо падидаҳои дигар низ ҳаммаъно медонанд. Чунин ҳолат ифодагари он аст, ки назарфиребӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ хеле мураккаб ва гуногунтаркиб мебошад. Аксар маврид назарфиребиро бо чунин падидаҳо, ба монанди «ҷангҳои иттилоотӣ», «неруи нарм», «тарғибот», «мағзшӯӣ», «макиавеллизм», паҳн намудани иттилооти носаҳеҳ, бозиҳои сиёсӣ ва монанди инҳо ҳаммаъно медонанд. Ғайр аз ин, мафҳуми «назарфиребӣ»-ро дар бисёре аз мавридҳо ҳамчун муродифи мафҳумҳои «таъсиррасонӣ», «талқиннамоӣ», «боваркунонӣ» низ медонанд. Аммо таҳлилу баррасии моҳият ва мундариҷаи мафҳумҳои мазкур нишон медиҳад, ки падидаҳои номбаргардида муродифи назарфиребӣ набуда, баръакс унсурҳои таркибии он мебошанд. Барои мисол, таъсиррасонӣ раванди бошуурона ва ҳадафмандонае мебошад, ки барои тағйир додани рафтори иштирокчиёни фаъолияти дастаҷамъона равона карда мешавад [12,с.79]. Талқиннамоӣ низ раванди мақсадноке мебошад, ки барои таъсир расонидан ба ҷаҳони ботинии инсон нигаронида шуда, ба самти муайян сафарбар кардани онро тақозо менамояд [13,с.57]. Боваркунонӣ ҳамчун раванде дониста мешавад, ки ба воситаи он ба рафтор ва дидгоҳи одамон бе истифодаи маҷбурнамоӣ таъсиррасонии лафзӣ анҷом дода мешавад [5,с.58]. Чи гунае ки мушоҳида намудан мумкин аст, мафҳумҳои мазкур мазмунан бо ҳамдигар хеле монанд мебошанд, аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар байни онҳо тафовутҳои мушаххас мавҷуданд. Масалан, таъсиррасонӣ дар муқоиса аз талқиннамоӣ тағйир додани шуури одамон ва барномарезӣ намудани онро мақсади худ қарор намедиҳад. Ғайр аз ин, таъсиррасонӣ

метавонад мақсаднок ва бевосита (масалан, дар шакли тарғибот) бошад, аммо боз дидан мумкин аст, ки таъсиррасон баъзан вақт бавосита ва ғайримақсаднок, беинтизор низ зоҳир мешавад. Талқиннамоӣ, дар навбати худ, доимо барномаи амали хуб банақшагирифташуда ва пешакӣ тарҳрезишуда мебошад. Боваркунонӣ боша, раванди муошират кушодаеро инъикос менамояд, ки дар он субъекти таъсиррасонӣ ба фишороварии психологӣ ва усулҳои таъсиррасонии психологӣ рӯ намеорад. Назарфиребӣ бошад, таъсиррасонии коммуникативие аст, ки муносибати объекти худро нисбат ба масъалаҳои гуногун тағйир дода, рафтори онро тавре ташаккул медиҳад, ки бо интизориҳои субъекти назарфиребӣ созгор аст. Чунин таъсиррасонӣ баъзан вақт ба фоидаи объект ва баъзан вақт бар зарари ӯ анҷом меёбад [3,с.245]. Бо дарназардошти мазмуну мундариҷаи масъалаҳои баррасишуда гуфтан мумкин аст, ки таъсиррасонӣ ва талқиннамоӣ унсурҳои таркибии назарфиребӣ мебошанд. Ба зеҳну шуури дигарон таъсир расонидан, тағйир додани рафтори онҳо ва бо чунин роҳ амалӣ намудани нақшаҳои худ мақсади назарфиребӣ дониста мешавад, ки ба воситаи таъсиррасонии иттилоотию психологӣ анҷом дода мешавад. Талқин намудани одамон барои анҷом додани ин ё он амал яке аз хусусиятҳои муҳимми назарфиребӣ аст. Аз рӯйи ин хусусият боваркунонӣ бо назарфиребӣ хеле монанд аст. Зеро ба воситаи боваркунонӣ низ талқин намудани андешаи худ ва тағйир додани рафтори дигарон анҷом дода мешавад. Аммо боваркунонӣ ба таври кушода сурат мегирад, яъне субъект мақсад ва мавқеи худро пинҳон намекунад, баръакс онро баён медорад. Аммо технологияи назарфиребӣ чунин ҳолатро истисно мекунад ва субъекти он кӯшиш менамояд, ки таъсиррасонӣ даркнашаванда бошад ва объекти назарфиребӣ аз мақсади ниҳоӣ огоҳӣ пайдо накунад [29,с.176].

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар аксар маврид олимону муҳаққиқон назарфиребиро ҳамчун падидаи манфӣ муаррифӣ менамоянд. Дар навбати худ, як гурӯҳ олимон назарфиребиро падидаи мусбат медонанд. Ба он нигоҳ накарда, ки шумораи ин гуна олимон хеле кам аст, бо идеяҳои онҳо розӣ шудан мумкин аст. Зеро онҳо дар таҳқиқоти худ фоидаи дуҷонибаи истифодаи назарфиребиро бо далелҳои раднопазир исбот намудаанд. Аммо бо андешаҳои олимоне, ки мавқеи меҳвариро ишғол намудаанд, розӣ шудан каме мушкил аст. Зеро дар баррасиҳои онҳо масъалаҳои баҳснок хеле зиёд ба назар мерасанд.

Аз афкори одамон пинҳон намудани мақсадҳои худ, водор намудани дигарон барои анҷом додани кору амалҳои мушаххас, тағйир додани тасаввурот ва ақидаҳои онҳо мақсадҳои назарфиребӣ ва таъсиррасонӣ маҳсуб меёбанд. Маҳз ба шарофати даркнашаванда будани таъсиррасонии манипулятивӣ объекти назарфиребӣ дар қабули қарор ва ё интихоб худро мустақил эҳсос намуда, бо такя ба майлу хоҳишҳои худ амал менамояд, бехабар аз он ки майлу хоҳиши он зери таъсири психологию иттилоотӣ кайҳо тағйир ёфтааст. Ба ибораи дигар, моҳият ва хусусиятҳои назарфиребӣ дар чунин ҳолатҳо ба таври мушаххас инъикос меёбанд: ба таври пинҳонӣ ва даркнашаванда водор намудани одамон барои анҷом додани амалҳое, ки онро намехоҳанд, ба вуҷуд овардани нафрати онҳо нисбат ба корҳое, ки мехостанд анҷом диҳанд, бо роҳи нигоҳ доштани боварии инсон дар бораи он, ки ӯ дуруст рафтор намуда истодааст. Хусусиятҳои назарфиребиро дар маҷмӯъ, ба таври зерин муайян намудан мумкин аст: 1) аз ҷониби манипулятор истифода гардидани одамон ҳамчун воситаи амалӣ намудани мақсадҳои худ; 2) кӯшиши ба даст овардани фоидаи якҷониба; 3) даркнашаванда будани таъсиррасонии иттилоотию психологӣ; 4) истифодаи технологияҳои гуногуни таъсиррасонӣ барои тағйир додани рафтори одамон; 5) санъати баланди анҷом дода тавонистани амалҳои манипулятивӣ.

Муқарриз: *Сафарализода Х.Қ.* – номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Аристотель. Политика. Риторика. –М.: Эксмо, 2019. –386 с.
2. Бледный С.Н. Проблемы манипулирования сознанием в научной литературе конца XIX – начала XX века / С.Н. Бледный // Социально-гуманитарные знания. – 2004. -№3. -С.292–302.
3. Большой психологический словарь / Под ред. Б.Г. Мещерякова, акад. В.П. Зинченко. -М.: Прайм-ЕВРОЗНАК, 2003. –632 с.

4. Волкогонов Д.А. Психологическая война: подрывные действия империализма в области общественного сознания / Д.А. Волкогонов. -М.: Воениздат, 1983. –288 с.
5. Головин С.Ю. Словарь практического психолога / С.Ю. Головин. -М.: АСТ, 1998. –301 с.
6. Грамши А. Избранные сочинения: Тюремные тетради / А. Грамши. -М.: Изд-во иностр. лит., 1959. -Т. 3. -565 с.
7. Грачев Г. Манипулирование личностью / Г. Грачев, И. Мельник. –М.: Алгоритм, 1999. –236 с.
8. Григорьев М. Soft Power: противодействие манипуляции / М. Григорьев, О. Орджоникидзе // Валовый внутренний продукт – Российское федеральное издание. – 2013. –№4 (82). –С.66-69.
9. Доценко Е.Л. Психология манипуляции: феномены, механизмы и защита: Учебное пособие / Е.Л. Доценко. -М.: Издательство МГУ, 1997. -455 с.
10. Ермаков Ю.А. «Мягкая сила» социально-политических манипуляций человеком / Ю.А. Ермаков // Известия Уральского федерального университета. Сер. 1. Проблемы образования, науки и культуры. - 2013. -№4(119). – С.215-225.
11. Кара-Мурза С.Г. Манипуляция сознанием / С.Г. Кара-Мурза. -М.: Эксмо, 2012. –832 с.
12. Кондратьев М.Ю. Азбука социального психолога-практика / М.Ю. Кондратьев, В.А. Ильин. -М.: ПЕР СЭ, 2007. –464 с.
13. Краткий психологический словарь / Л.А .Карпенко, А.В. Петровский, М. Г. Ярошевский. -Ростов-на-Дону: ФЕНИКС, 1998. –512 с.
14. Ласуэлл Г. Техника пропаганды в мировой войне / Г. Ласуэлл; пер. с англ. –М., 2021. –237 с.
15. Лебон Г. Психология масс / Г. Лебон. -М.: АСТ, 2000. –320 с.
16. Макиавелли Н. Государь / Н. Макиавелли. -М.: Эксмо, 2003. -655 с.
17. Молчанов В. Управление искусством или искусство управления: заметки о контроле над художественной культурой на Западе / В. Молчанов // Вопросы литературы. – 1978. -№1. -С.120-128.
18. Отега-и-Гассет, Хосе Восстание масс / Пер. с исп. А. Гелескула. –М.: Издательство АСТ, 2016. –509 с.
19. Пую Ю.В. Истоки и генезис феномена манипуляции / Ю.В. Пую // Известия Российского государственного педагогического университета им. А.И. Герцена. –2008. –№72. –С.15-25.
20. Сунь-Цзы. Искусство войны / Сунь-Цзы; пер. с англ. М. Михайлова. –М.: Изд-во АСТ, 2019. –160 с.
21. Торгованова О.Н. Концепт «манипуляция» в отражении социально-философских представлений М.Фуко и М.Вебера / О.Н. Торгованова, В.В. Сизова // Вестник Тверского государственного технического университета. Серия: науки об обществе и гуманитарные науки. –2017. –№3. –С.144-147.
22. Франке Г. Манипулируемый человек / Г. Франке; пер. с нем. -М.: Политиздат, 1964. -362 с.
23. Цицерон М.Т. Образцы ораторского искусства / М.Т. Цицерон. –М.: Эксмо, 2020. –320 с.
24. Шиллер Г. Манипуляторы сознанием / Г. Шиллер. –М.: Мысль, 1980. –326 с.
25. Шостром Э. Человек - манипулятор. Внутреннее путешествие от манипуляции к актуализации / Э. Шостром. – М.: Изд-во Инс. психотерапеи, 2008. –192 с.
26. Beck E. The Logic of Manipulation: 33 Techniques of Romanian Political Manipulation / E. Beck. -Bucuresti, 2010. -P.12
27. Golkar S. Manipulated Society: Paralyzing the Masses in Post-revolutionary Iran/ Saeid Golkar // International Journal of Politics, Culture, and Society. –2016. -Vol. 29. -Iss. 2. -P.138.
28. Holiday R. What is Media Manipulation? A Definition and Explanation https://www.forbes.com/sites/ryanholiday/2012/07/16/what-is-media-manipulation-a-definition-and-explanation/?sh=34ce0a353939 (санаи мурочиат: 07.07.2021)
29. Kamassa M. Socio-political manipulation – incidental pathology or immanent component of international realm? / M. Kamassa // Przeglad Stratigiczny. – 2012. -№2. -P.176
30. Van Dijk T. Discourse and manipulation / Van Dijk T. // Discourse & Society. – 2006. –Vol. 17 (2). –P.360.
31. Zivaljevic A. Positive Manipulation Theory A Base for Continuous Motivation https://www.managementexchange.com/hack/positive-manipulation-base-constant-motivation-workplace (санаи мурочиат: 07.07.2021).

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ НАЗАРФИРЕБИИ СИЁСӢ

Пайдоиши назарфиребӣ таърихи қадима дорад. Ҳанӯз аз давраҳои қадим онро ҳамчун воситаи идора намудани одамон ва таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ истифода намудаанд. Баъд аз пайдоиши аввалин идеологияҳои сиёсӣ технологияи назарфиребиро неруҳои сиёсӣ дар муқобили якдигар истифода намудаанд. Маҳз дар чунин шароит таҳқиқи илмии ин масъала оғоз гардидааст. Таҳлилу таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологии назарфиребии сиёсӣ нишон медиҳад, ки онро дар се маъно мефаҳманд. Якум, назарфиребӣ ҳамчун падидаи манфӣ; дуюм, назарфиребӣ ҳамчун падидаи мусбат; сеюм манфӣ ё мусбат будани хусусиятҳои назарфиребӣ вобаста ба мақсадҳои субъекти сиёсат. Бо дарназардошти ин гуна таҳлилу баррасӣ шаклҳои гуногуни назарфиребиро аз ҳам фарқ намудан мумкин аст. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки назарфиребиро субъектҳои сиёсат асосан дар раванди муборизаҳои сиёсию ҳарбӣ истифода намудаанд. Дар замони муосир низ онро ҳамчун яроқи иттилоотию идеологӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ истифода менамоянд. Дар мақолаи мазкур бо мақсади муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои муҳимми назарфиребӣ ҷанбаҳои назариявию методологии он таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Муаллиф тавонистааст, ки нишонаҳои асосии назарфиребии сиёсиро муайян намуда, фарқияти онро аз дигар падидаҳои ҷамъиятӣ

нишон диҳад. Таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки хусусиятҳои муҳимми назарфиребии сиёсӣ ва шаклҳои зоҳиршавии он дар замони муосир муайян карда шаванд.

Калидвожаҳо: назарфиребии сиёсӣ, афкори ҷамъиятӣ, муборизаҳои сиёсӣ, тағйир додани рафтори одамон, амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ.

ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ПОЛИТИЧЕСКОГО МАНИПУЛИРОВАНИЯ

Возникновение манипуляции имеет долгую историю. Она использовался с древних времен как средство контроля поведения людей и влияния на общественное мнение. После появления первых политических идеологий технология манипуляции использовалась политическими силами друг против друга. Именно в этом контексте и началось научное изучение этого вопроса. Анализ и исследование теоретических и методологических аспектов политического манипулирования показывает, что оно понимается в трех смыслах. Во-первых, манипуляция как негативное явление; во-вторых, манипуляция как позитивное явление; третий – определение характеристики манипуляции отрицательной или положительной в зависимости от целей субъекта политики. При таком анализе можно выделить разные формы манипуляции. Анализ научной литературы показывает, что манипуляции использовались политическими акторами в основном в процессе политической и военной борьбы. В наше время она также используется как информационное и идеологическое оружие в политических целях. В статье анализируются теоретические и методологические аспекты манипуляции с целью определения ее сущности и специфических особенностей. Автору удалось выделить основные признаки политического манипулирования и показать его отличия от других социальных явлений. Данное исследование позволяет выявить важные особенности политического манипулирования и формы его проявления в наше время.

Ключевые слова: политическая манипуляция, общественное мнение, политическая борьба, изменение поведения людей, реализация политических целей.

THEORETICAL AND METHODOLOGICAL ASPECTS OF THE STUDY OF POLITICAL MANIPULATION

The emergence of manipulation has a long history. It has been used since ancient times as a means of controlling people's behavior and influencing public opinion. After the appearance of the first political ideologies, the technology of manipulation was used by political forces against each other. It was in this context that the scientific study of this issue began. Analysis and research of theoretical and methodological aspects of political manipulation shows that it is understood in three senses. First, manipulation as a negative phenomenon; secondly, manipulation as a positive phenomenon; the third is to define the characteristics of manipulation as negative or positive, depending on the goals of the subject of the policy. With this analysis, different forms of manipulation can be distinguished. Analysis of scientific literature shows that manipulations were used by political actors mainly in the process of political and military struggle. Nowadays, it is also used as an information and ideological weapon for political purposes. The article analyzes the theoretical and methodological aspects of manipulation in order to determine its essence and specific features. The author was able to identify the main features of political manipulation and show its differences from other social phenomena. This study reveals important features of political manipulation and the forms of its manifestation in our time.

Keywords: political manipulation, public opinion, political struggle, change in people's behavior, implementation of political goals.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **(+992) 988-50-00-08**. E-mail: **mp.kulob@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Нуриддинзода Сайджамолидин Хайдар*** – Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, соискатель кафедры политологии. **Адрес**: 735360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Куляб, улица С.Сафарова, 16. Телефон: **(+992) 988-50-00-08**. E-mail: **mp.kulob@mail.ru**

Information about the author: ***Nuriddinzoda Sayjamolidin Haydar*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, applicant for the Department of Political Science. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulyab city, S. Safarov street, 16. Phone: **(+992) 988-50-00-08**. E-mail: **mp.kulob@mail.ru**

УДК: 321.022

СИМОИ САРВАРИ СИЁСӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ЛЕГИТИМИКУНОНИИ ҲОКИМИЯТ

Ҳаитов Ф.М., Некрӯзи Маҳмадхоҷа
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳаёти сиёсии ҷомеа ва дарки он дар фазои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар заминаи имиҷи сарвари сиёсӣ инъикос ёфта, сарчашмаи иттилоотие мебошад, ки шаҳрвандон онро дарк намуда, ҳамчун воситаи асосии тавсифи симои ҳокимияти давлатӣ эътироф менамоянд. Раванди идоракунии давлатӣ таҷассумгари симои сарвари сиёсӣ дониста мешавад. Дар навбати дигар, мафҳуми «сарвари сиёсӣ» яке аз муҳимтарин истилоҳоти раванди идоракунии давлатӣ ба шумор рафта, дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ нақш ва мавқеи муайянкунанда дорад. Бояд ёдовар шуд, ки гарчанде сарвари сиёсӣ ба сифати шахсияти олӣ дар системаи идоракунии давлатӣ ба шумор равад ҳам, фаъолият ва муваффақиятҳои ӯ аз имиҷи сиёсӣ вобастагии зиёд дорад. Зеро заминаи эътирофи ҳокимияти амалкунанда дар асоси эътирофи симои сарвари сиёсӣ аз ҷониби ҷомеа сурат мегирад. Мақсад аз таҳияи мақолаи мазкур муайян намудаин симои сарвари сиёсӣ ҳамчун воситаи легитимикунонии ҳокимият ва нишон додани нақши ӯ дар идоракуниии давлатӣ ва таъмини устувории ҷомеа мебошад. Барои он, ки масъалаи мазкур хубтару беҳтар фаҳмида шавад, моро зарур аст, ки пеш аз ҳама, ба илмҳои гуманитарӣ мурочиат намоем. Яъне, сараввал муайян намудан зарур аст, ки мақом ва нақши симои сарвари сиёсиро дар раванди легитимикунонии ҳокимияти давлатӣ чӣ гуна тавсиф менамоянд ва чӣ тавр роҳҳои инкишофи симои сарвари сиёсиро муайян месозанд.

Дар доираи илми психология маълумотеро, ки боиси рушди симои сарвари сиёсӣ мегарданд, ба ду қисм ҷудо менамоянд: қисми якум иттилооте, ки коркарди он душвор аст ва ҳамчун меъёри санҷишии имиҷи сарвари сиёсӣ аллакай ташаккул ёфтааст. Қисми дуюми маълумот бар он асос меёбад, ки тибқи дидгоҳи мазкур имиҷи сарвари сиёсиро ниҳодҳои сиёсӣ ва васоити ахбори омма ташаккул медиҳанд. Дар доираи қисми якум метавон хислатҳои сарвари сиёсӣ, муносибат, рафтор, фаъолият ва хусусияти харизматикии ӯро ёдовар шуд, ки ҳамчун омили иҷтимоию психологӣ аллакай тавассути таъсири омилҳои биологӣ ташаккул ёфтаанд. Қисми дуюми муносибат бошад, фаъолияти ниҳодҳои сиёсӣ ва ВАО дар доираи ташвиқу тарғиби мақоми сарвари сиёсӣ дар идоракунии давлатиро фаро гирифта, сарварро ба сифати шахсияти олии раванди идоракунии давлатӣ муаррифӣ менамояд ва муносибати мусбати мардумро нисбати сарвар инкишоф медиҳад. Раванди ташаккули симои сарвари сиёсӣ хусусиятҳои хосси худро дорад. Хусусияти муҳимтарин он аст, ки мукотибаи сарвари сиёсӣ ва пайравони ӯ дар саросари кишвар ва ё минтақаҳои алоҳида баъзан мустақиман сурат мегиранд. Инчунин, омили муайянкунанда барои сарвари сиёсӣ ин иртиботи миёнаравӣ мебошад ва ин маънои онро дорад, ки ҳамкорӣ на танҳо бо кумаки расонаҳои мухталиф сурат мегирад, балки дар байни онҳо чун як унсури фосилавӣ симои сарвари сиёсӣ пайдо мешавад. Ҳар як сарвари сиёсӣ, чун қоида, мекӯшад, ки имиҷи мусбати худро дар раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ инкишоф диҳад, зеро яке аз хусусиятҳои муҳимми ин раванд дар он аст, ки ҳар як шахс дар ҳаёти худ кӯшиш менамояд омилҳои номуайянеро, ки бо нобоварии оянда алоқаманд мебошанд, бартараф созад. Аммо симои мусбати сарвари сиёсӣ бартарии рақобати ӯ хоҳад буд. Ташаккул ва инкишофи имиҷи сиёсии сарвари сиёсиро метавон тавассути омилҳои зерин муайян намуд:

- хусусиятҳои шахсии роҳбар, ки ин доираи муносибат хусусиятҳои ҷисмонӣ, психофизиологӣ, хислат, намуди шахсияти сарвари сиёсӣ, усулҳои тасмимгирии фардиро дар бар мегирад;

- таснифи иҷтимоӣ мақоми сарвари сиёсиро на танҳо вобаста ба вазъи марбут ба вазифаи расмиаш дар бар мегирад, инчунин амнияти моддӣ, ҷиҳати пайдоиши муносибати сарвари сиёсӣ бо гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва шахсоне, ки манфиатҳои

онҳоро намояндагӣ мекунанд, инчунин муносибати сарварро бо рақибони сиёсиаш низ дар бар мегирад;

- хусусиятҳои рамзӣ, ки симои сарвари сиёсиро ба таври рамзӣ дар доираи мафкураи муайян ва ояндаи имконпазири амалу рафтори ӯ дар самти мушаххас фароҳам меоварад, нишон медиҳад.

Омилҳои дар боло номбаргардида барои ташаккули ҳокимияти сарвари сиёсӣ аҳамияти махсус доранд. Хусусиятҳои ҳар як сарвари сиёсӣ фарқ мекунанд ва тағйир додани бисёре аз онҳо қариб ки ғайриимкон аст. Дар доираи муносибатҳои сиёсию ҷамъиятӣ байни сарвари сиёсӣ ва пайравони он, ки ин гуна иртибот ғайримустақим, яъне тавассути ВАО амалӣ мешавад, аксари сифатҳои шахсии сарвари сиёсӣ ба пайравони ӯ номаълум боқӣ мемонанд. Дигар раванди муносибат, ки барои симои сарвари сиёсӣ нақши муайянкунанда мебозад ва сарвари сиёсиро дар назди дигарон бебаҳо мекунаду барои таъсири самаранок шароит фароҳам меорад, ин муносибати мустақими сарвари сиёсӣ бо мардум мебошад. Масалан, Лебон ин навъи муносибатро «дилрабоӣ», М.Вебер бошад, харизма номидааст, ки барои рушди симои сарвари сиёсӣ шароити мусоид фароҳам меоварад. Ҳамзамон, омили дигари инкишофи симои сарвари сиёсӣ ба хусусиятҳои иҷтимоӣ вобаста мебошад, ки ба вазъи сиёсии кунунӣ алоқаманд аст ва сарвари сиёсӣ бояд ба онҳо мувофиқат кунад. Сарвари сиёсӣ ба гурӯҳҳои иҷтимоии муайян таваҷҷуҳ намуда, кӯшиш менамояд, ки шумораи зиёди аҳолиро дастгирӣ намояд. Сарвар бояд эҳтиёҷоти мардумро вобаста ба мавқеи иҷтимоию демографӣ, манфиатҳои сиёсӣ ва идеологии кишвар дарк намояд. Дар ин ҳолат дар эҷоди симои сарвари сиёсӣ нақши асосӣ ба ҳавасманднамоии ассотсиатсияҳои иҷтимоии ҷомеа вобаста мегардад, то пайравони худро мутмаин созад. Сарвари сиёсӣ орзую умедҳо ва эҳтиёҷоти мардумро дар ҷомеа бояд кафолат диҳад. Хусусиятҳои иҷтимоиро метавон як қисми ҳаракаткунандаи симои сарвари сиёсӣ номид, ки бо талаботи воқеият зич алоқаманд буда, вобаста ба рушди вазъият дар самтҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ навсозӣ меорад, баёнгари хусусияти легитимияти ҳокимияти давлатӣ ба шумор меравад.

Симои сарвари сиёсӣ, ташаккул ва инкишофи он дар шароити идоракунии демократӣ барои рушди институти интихоботи умумии озод хеле муҳим аст. Махсусан, тақдири идоракунии давлатӣ ва ҳокимияти давлатӣ ба он вобаста буда, фаъолияти сарвари сиёсӣ, ки симои ӯро бунёд менамояд ва аз ҷониби ҷомеа чӣ гуна қабул карда мешавад, масъалаи рӯз аст. Ҳамзамон, мақоми мардум дар раванди идоракунии давлатӣ, таъсиси ҳокимияти сиёсӣ дар заминаи овози интихобкунандагон ва эътирофи он аз ҷониби неруҳои сиёсӣ баёнгари легитимикунонии ҳокимияти сиёсӣ ба шумор меравад. Масалан, қодир будани афкори ҷомеа дар раванди маъракаи интихоботӣ ба хотири тағйири воқеияти идоракунии давлатӣ ва ё итминон бахшидан ба мардум, ки рӯйдоди рушди имконпазирро бо тағйири элитаи ҳукмрон анҷом додааст, аз муносибати мардум вобаста мебошад. Дар ин раванд воқеист, ки мушкилии эҷоди симоҳои идеалии сарвари сиёсӣ вобаста ба вазъи кунунии идоракунии сиёсӣ, нақш ва мақоми қонунҳо дар идоракунии давлатӣ ва дигар унсурҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асоси ҳолати воқеии рушду инкишофи самтҳои гуногуни ҷомеа бартараф мегардад. Симои намунавии сарвари сиёсӣ дар шуури аҳолӣ мақоми худро пайдо намуда, эътироф мегардад ва ҳамзамон сарвари сиёсӣ дарк менамояд, ки қаҳрамони асосии идоракунии давлатӣ маҳз ӯ мебошад ва тамоми мушкилиҳои ҷойдоштаро бартараф менамояд [8,с.84-92].

Барои сарвари сиёсӣ эҷоди симои ӯ афзалияти зиёд дорад. Технология ва механизмҳои ташаккули имиҷи сарвари сиёсӣ бояд ба таври мунтазам истифода шаванд. Аз ҷумла, намуди зоҳирӣ, суханронӣ, хусусиятҳои ғайриодӣ, амалҳо ва намоишҳои он пайваста ба мардум пешниҳод гарданд. Махсусан, дар раванди ташаккули симои мароқангези сарвари сиёсӣ сифатҳои шахсии ӯ нақши аввалиндараҷа мебозанд. Аз ин рӯ, «сарвар бояд як қатор хислатҳои шахсиро соҳиб бошад (омодагии касбӣ, ахлоқи писандида, иродаи қавӣ, серталабӣ, қобилияти суханварӣ, ҷаҳонбинии васеъ, таҷрибаи зиёд, қобилияти барқарор намудани иртибот бо дигарон, дурусткорӣ, савияи баланди дониш ва ғ.)» [3,с.226].

Бояд қайд намуд, ки симои сарвари сиёсӣ яке аз ҷузъҳои асосии сиёсати давлатӣ ва воситаи муҳимми баланд бардоштани легитимияти ҳокимияти сиёсӣ дониста мешавад. Одатан, имиҷи сарвари сиёсӣ ҳамчун натиҷаи коркарди объекти мураккаб на танҳо аз ҷониби созандаи имиҷ пешниҳод мешавад, балки дар доираи муносибат дарк ва инъикоси он дар шуури ҷомеа низ ҳамин навъи муносибатро бунёд мекунад [4,с.299].

Эътирофи симои давлат дар арсаи байналмилалӣ ва фазои дохилӣ устувории симои сарвари сиёсиро талаб менамояд. Махсусан, нисбат ба давлат пешниҳоди ҳар навъ муносибатҳое, ки кишварро ба қафо мекашад ва ҳамчун ба манбаи ашёи хом табдил медиҳад, боиси ноустувории муносибатҳои ҷомеа гардида, раванди легитимияти ҳокимияти сиёсиро истисно мекунад. Бояд қайд намуд, ки заминаи асосии симои сарвари сиёсӣ аз дигаргуншавии сатҳи легитимияти ҳокимияти сиёсӣ вобаста мебошад. Инчунин, вобастагиҳои бисёрҷабҳа низ вуҷуд доранд, ки боиси эътирофи симои сарвари сиёсӣ мегарданд. Махсусан, дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ, ки дониш ва иттилоот ба сифати захираҳои афзалиятноки неруи ҳокимият дониста мешаванд, коммуникатсияи сиёсӣ, шаклҳо, воситаҳо ва мундариҷаи он дар системаи воситаҳо ва механизмҳои қонунигардонии ҳокимияти сиёсӣ, дар системаи унсурҳои ташаккули симои сарвари сиёсӣ ба вуҷуд меоянд, ки афзалияти симои сарвари сиёсиро дар идоракунии давлатӣ нишон медиҳанд [9,с.165-168].

Роҳҳои ташаккули симои сарвари сиёсӣ, ки воситаи асосии раванди легитимикунонии ҳокимияти давлатӣ дониста мешаванд, гуногун мебошанд. Яке аз роҳҳои муҳим асосҳои психологии ташаккули симои сарвари сиёсӣ ба шумор рафта, дар ин доираи муносибат симои сарвари сиёсӣ образест, ки дар назари гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ махсус ташаккул ёфтааст. Масалан, ба ақидаи Гундарин М.В., «симои саравари сиёсӣ худ ба худ ташаккул наёфта, он дар натиҷаи муносибати мутақобила бо ҷомеа дар асоси арзишҳо ва донишҳо нисбати он пайдо мегардад. Барои он ки симои сарвари сиёсӣ дар раванди муносибатҳо ба ҷомеа таъсири муассир дошта бошад, бояд ба шуури ҷомеа таъсир расонида, дар он ҷой дода шавад. Зеро принсипҳои тарроҳии тасвир бо истифодаи донишҳои иҷтимоӣ-психологӣ дар бораи табиати он асос ёфта, идеяҳоро дар бораи муносибати коллективӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва инчунин дар бораи объекти сиёсӣ муайян мекунад» [1,с.58].

Иттилоот дар бораи як сарвари сиёсӣ тавассути механизмҳои дарки пайравони он амалӣ гардида, дар ташаккули симои сиёсатмадории он таъсир мегузорад. Иттилоот дар шакли дониш тасвири воқеияти мавҷударо нисбат ба симои сарвари сиёсӣ муаррифӣ намуда, бо гузоштани объекти мушаххас ба системаи арзишҳои муайян муқаррар мешавад. Инсоният тағйироти имконпазиреро пешгӯӣ мекунад, ки барои ӯ муҳиманд. Масалан, интихобкунанда дар раванди ташвиқу тарғиби маъракаи интихоботӣ метавонад дарк намояд, ки қудрати сиёсӣ ва тавоноии нокифояи субъекти маъракаи интихоботӣ наметавонад мушкилотеро, ки барои ӯ муҳиманд, ҳал намояд. Аммо дар оянда ба фикри интихобкунандагон ҳамин сиёсатмадор мушкилоти онҳоро ҳал хоҳад кард. Фаъолияти сиёсии омма, пеш аз ҳама, ба обрӯ ва арзиши симои сарвари сиёсӣ муайян карда мешавад. Дастрасӣ ба иттилоот аз ҷониби омма дар бораи симои сарвари сиёсӣ муносибати онҳоро тавсиф ва коркард менамояд, ки он ба ташаккули арзиши симои сарвари сиёсӣ мусоидат намуда, ба фаъолияти сиёсии омма таъсир мерасонад. Таъсир ба афкори омма дар асоси донишҳо тӯлонитар ва устувортар мебошад. Дар доираи муносибати омма ба сарвари сиёсӣ иттилоот ҷузъи маърифати муносибатро ташкил менамояд ва тасвири эҳсосотӣ бошад, нисбати симои сарвари сиёсӣ ҳамчун тасвири ояндаи зарурӣ нақши ҳавасмандкунии оммаро дар идоракунии сиёсӣ иҷро менамояд. Аз ин рӯ, тасвири симои сарвари сиёсӣ муносибати оммаро нисбати он муайян менамояд ва воситаи эътирофи ҳокимияти сиёсӣ гардида, заминаи легитимияти он мешавад.

Омилҳо ва усулҳои ташаккули имиҷи сарвари сиёсӣ, ки инкишофи симои самарабахши ӯро дар шароити муносибатҳои муосир бо ҷомеа муайян мекунад, бояд принсипи тамомияти тасвири додашударо ба анҷом расонад ва принсипи тасмимгирии онро муайян намояд. Дар ин раванд ҳама маводи таблиғотӣ, муаррифӣ ва баромадҳо бояд оммаро ба худи ҳамон маҷмӯи хусусиятҳои психологӣ равона намоянд, ки як навъи симои

сарвари сиёсиро пешниҳод созад. Ба ақидаи Кошелюк М.Е., «принсипи таснифот дар раванди баровардасозии муносибати ҷомеа нисбат ба симои сарвари сиёсӣ маънои онро дорад, ки симои сарвари сиёсӣ бояд дар доираи тасаввуротҳо ҷомеаро ҳавасманд намояд, гарчанде ки ҳиссаи тасаввурот ҳамеша аз ҷониби эҷодкунандагони имиҷ танзим карда мешавад, то ин ки дар раванди амалисозии муносибатҳо ҳамчун фазои муносибатҳои муайяншуда боқӣ монад ва вазифаҳои амалии дақиқро иҷро кунад» [2,с.128]. Бояд қайд намуд, ки дар ин доираи муносибат симои сарвари сиёсӣ дар асоси ду омил ташаккул меёбад: интизории муҳити иҷтимоӣ аз сарвари сиёсӣ ва хусусиятҳои шахсии худи сарвари сиёсӣ. Дар ин раванд бояд хусусиятҳои вақт, ҷой ва мушкилоти мавҷудаи омма ба инобат гирифта шаванд. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои муҳимми ташаккули симои сарвари сиёсӣ ин асосҳои бунёдии симои ӯ буда, бояд ба ҷомеа ба таври ҷолиб пешниҳод гарданд ва ин раванд дар навбати дигар усули муаррифии худи сарвари сиёсӣ ба ҷомеа мегардад, ки устувории муносибати ҷомеаро бо сарвари сиёсӣ инъикос намуда, иштироки онҳоро дар фаъолияти сиёсӣ таъмин менамояд. Иштироки омма дар асоси таъсиррасонии симои сарвари сиёсӣ маънои қабули он аз ҷониби омма буда, раванди қонунии ҳокимияти сиёсиро дар фазои дохили давлат ва хориҷии он нишон медиҳад.

Сохтори имиҷ ҳам хусусиятҳои воқеии сарвари сиёсӣ ва ҳам хислатҳои ба ӯ хосро дар бар мегирад. Таъсири имиҷ ба таври дақиқ аз қобилияти ба вуҷуд овардани ин гуна таснифот муайн карда мешавад. Бахусус, сарвар шахсияти олии идораи давлатӣ буда, дар раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ ба мақоми он ҳамчун субъекти олии давлат рабт дода мешавад. Аз ин хотир, имиҷи сарвари сиёсӣ бояд хусусиятҳои шахсии ӯро ифода намояд. Ҳамзамон, ба симои сарвари сиёсӣ қудрати ҷалби пешгӯӣ дода шавад ва он набояд сода ва ҳамвор бошад. Он бояд ҳамчун як навъи таҷассумкунандаи қувваи олии идораи далатӣ зоҳир гардад. Аз тарафи дигар, симои сарвари сиёсӣ, ки ҳокимияти он дар раванди амалигардонии сиёсати давлатӣ мебошад, бояд дурнамои назоратшавандигиро соҳиб бошад. Зеро дар рушду инкишофи давлати аз ҳокимияти сиёсии амалкунанда вобастабуда нақши муҳим ба сарвари сиёсӣ дода мешавад. Хосияти муайянкунандагӣ ба дурнамои назоратшавандигии имиҷ дар он ҳолат дода мешавад, ки ҳадди ақал шабеҳи берунӣ нисбат ба мундариҷаи пешниҳодшуда монанд бошад [2,с.129].

Роҳҳои дигари ташаккули симои сарвари сиёсиро метавон ба арзишҳои идеологии он вобаста намуд. Дар соҳаи фаъолияти сиёсӣ сарвари сиёсӣ тавассути арзишҳои идеологии он муайян мешавад. Ба сифати заминаи чунин муносибат метавон ақидаи муҳаққиқ Г.Г. Почепсовро пешниҳод намоем. Ба андешаи ӯ, «дар шароити имрӯза сарварони сиёсии муваффақтарин онҳое дониста мешаванд, ки воқеан идеяҳои паҳнкардаашон барои рушди устувори ҷомеа ва идораи давлатӣ аз ҷониби омма ҳамчун асосҳои идеологӣ дар фаъолият эътироф мешаванд. Аксарияти пайравон на ба шахсият, балки ба шахсе, ки идеяҳои тавонои онҳоро инъикос мекунад, тобеъ мегарданд» [6]. Дар шуури омма як навъ муносибати махсус ба сарвари сиёсӣ нуҳуфта аст, ки он метавонад ба сифати шахсияти олии идоракунӣ мушкилии онҳоро бартарф намояд ва барои инкишофи минбаъдаи онҳо шароити мусоид фароҳам намояд. Аз ин рӯ, сарвари сиёсӣ, пеш аз ҳама, бояд ба ҳайси як шахсияти фаъол ва бунёдкор ташаккул ёбад, зеро ҷомеа аз ӯ умедҳои зиёдро интизор аст. Ҳамин тавр, сарвари сиёсӣ бояд ба шахсоне, ки роҳбарии ӯро эътироф мекунанд, муносибати боадолатона ва ғамхорона дошта бошад ва тамоми монеаҳоеро, ки боиси бездоштани рушду инкишофи ҷомеа мегарданд, паси сар намояд. Зеро хусусияти муҳимми сарвари сиёсӣ масъулиятнокӣ ва кордонии ӯ мебошад. Ғайр аз ин, эътибори сарвари сиёсӣ ба таври ғайримустақим аз нуфузи иттифоқчиёни ӯ вобаста аст. Илова бар ин, сарвари сиёсӣ барои ташаккули симои худ пайваста ва мустақим бо ҷомеа дар иртибот бояд бошад ва шахсияти худро баробари шахсияти одамони дигар нишон диҳад, зеро яке аз механизмҳои асосии психологии таъсири шахсии сарвари сиёсӣ шахсияти ӯ дониста мешавад. Ин раванд боиси эътирофи ҳокимияти амалкунанда аз ҷониби ҷомеа буда, муносибатҳои мутақобилаи ҷомеа ва институтҳои ҳокимияти сиёсиро инкишоф медиҳад ва боиси касби летимияти ҳокимият мегардад. Бояд зикр кард, ки асосии самаранокии идораи давлат дар доираи муносибатҳои амалӣ бо дастгирии омма амалӣ гардида, боиси рушди самтҳои соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мешавад.

Дигар доираи муносибате, ки нақш ва мавқеи муайянро дар ташаккул ва инкишофи симои сарвари сиёсӣ иҷро менамояду боиси болоравии легитимияти ҳокимияти сиёсӣ мешавад, ин на сухан ва либосҳои сарвари сиёсӣ, балки амалҳои ӯ ба ҳисоб мераванд. Маҳз амалҳои сарвари сиёсӣ асоси симои офаридашударо ба таври возеҳ нишон медиҳанд. Дар ин асно яке аз роҳҳои асосии эҷоди симои сарвар ин «иҷроиш» мебошад. Танҳо бо роҳи мунтазам иштирок кардан ва муҳимтар аз ҳама, бо ташкили намоишҳо ва муносибатҳои мустақим бо ҷомеа дар асоси мушкилиҳо ва бурдбориҳо дар идораи давлатӣ сарвари сиёсӣ симои худро ба омма муаррифӣ менамояд ва метавонад дар муддати кӯтоҳ симои зарурии худро пайдо намояд. Махсусан, пахши мустақими вохӯрии сарвари сиёсӣ бо ниҳодҳои давлатӣ дар асоси манфиатҳои мардум ва мушкилиҳои раванди идораи давлатӣ тавассути ВАО метавонад симои мусбати сарвари сиёсиро ташаккул диҳад ва ҷомеа онро ба сифати шахсияти олӣ дар идораи давлат эътироф намояд, ӯро ҳамчун баёнгари манфиатҳои худ муаррифӣ созад, ки ин боиси рушди бемайлони мақоми ҳокимияти амалкунанда дар доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ гардида, эътирофи ҳокимияти сиёсӣ ва дастгирии он аз ҷониби ҷомеаро меафзояд [6,с.262].

Эътирофи симои сарвари сиёсӣ аз ҷониби омма ва дарку қабули он самаранокии идораи давлатӣ ва легитимияти ҳокимияти сиёсиро баён менамояд, зеро дастгирии идораи давлатӣ аз ҷониби ҷомеа баёнгари эътирофи сарвари сиёсӣ буда, боиси татбиқи саривақтии қарорҳо ва қонунҳои қабулгардида мешавад ва барои сарвари сиёсӣ шароити мусоиди идоракуниро фароҳам меоварад. Дар доираи чунин муносибат муҳаққиқи рус Кошелюк М.Е. чунин андешаронӣ менамояд: «Ба хотири эътирофи симои сарвари сиёсӣ он дар асоси муносибатҳои воқеӣ, ҳолати инкишоф ва талоботи омма бояд пешниҳод гардад, то сарвари сиёсиро ба сифати қаҳрамони афсонавӣ, мушфиқу меҳрубон ва ҳимоякунандаи манфиатҳои миллӣ нишон дода тавонад» [2,с.75]. Ҳамчун намуна метавон барномаи пешазинтихоботии Ҷимм Картер – президенти ИМА-ро пешниҳод намоем, ки чунин изҳор дошта буд: «Ман деҳқон ҳастам. Ман пули зиёд надорам ва ҳамаи дороиҳои худро аз мардум қарз мегирам» [2,с.356].

Яке аз стратегияҳои самараноки ташаккули симои сарвари сиёсӣ ба даст овардани эътимоднокии омма маҳсуб меёбад. Дар ин фазои муносибат нишон дода мешавад, ки сарвари сиёсӣ ба онҳо монанд аст, вай нисбат ба мушкилоти онҳо нигаронӣ дорад ва ӯ яке аз онҳо мебошад. Дар ниҳоят, барои ҳадафи мустақими фаъолияти сиёсӣ мардум бояд донанд, ки сарвари сиёсӣ мушкилотро мебинад ва мехоҳад, ки ба онҳо сарукор дошта бошад ва масъулиятро барои вазъи кор дар кишвару ҳукумат ба дӯш мегирад. Гирифтани масъулият ҳамчун асоси фаъолият аз ҷониби сарвари сиёсӣ барои ҷомеа як маънии муҳимми психологӣ дорад, ки сарвари сиёсӣ барои ҷомеа бо сабабҳои ғайримуқаррарӣ адолат ва оқилӣ меорад. Ҳамин тариқ, ҷомеа итминон пайдо мекунад, ки давлат дар фазои муносиби идоракунӣ идора мешавад ва ҳаёт мунтазам тағйир меёбад.

Иҷрои вазифаҳои сарвари сиёсӣ аз маҷмӯи сифатҳое вобаста аст, ки симои онро ташкил медиҳад. Симои сарвари сиёсӣ метавон гуфт, ки симои тасаввуротии он буда, ташаккули стихиявӣ ва мақсадноки он дар тафаккури ҷамъиятӣ, дар дохили кишвар ва берун аз он таъсири сиёсӣ ва эҳсосию равонӣ дорад. Симои сарвари сиёсӣ, пеш аз ҳама, дар асоси муайяннамоии самаранокии идораи давлатӣ аз ҷониби ҷомеа дарк гардида, вай ҳамеша ба хаёлот алоқаманд аст. Симои сарвари сиёсӣ муносибати воқеии иҷтимоию психологиро ба вуҷуд меорад, ки рафтори одамонро нисбат ба он муайян менамояд. Дар ҳаёти сиёсии муосир дар ташаккул ва инкишофи симои сарвари сиёсӣ на танҳо таҳиякунандагони он нақши муҳим доранд, инчунин ВАО низ саҳми калон дорад, ки таваҷҷуҳи ҷомеаро ба он ҷалб менамоянд. Аммо аксар вақт ҷомеа на ба таассуроти шахсии мустақими он ва ё дар бораи сарвари сиёсӣ суҳбат мекунад, балки бо овозаҳое, ки дар бораи сарвари сиёсӣ ба вуҷуд омадааст ва омма дорои нуқтаи муайяни онро соҳиб аст, муносибат менамояд. Ҳамин тавр, симои сарвари сиёсӣ дар натиҷаи муоширати байни ҷомеа ва ӯ пайдо мешавад.

Таҳияи стратегияи «мақом» нисбати сарвари сиёсӣ ва муайян намудани омилҳои асосие, ки таъсирбахшии имиҷи сарвари сиёсиро муайян мекунад ва воситаи таъсиррасонии он дониста мешавад, ба хотири эътирофи сарвари сиёсӣ аз ҷониби омма

масъалаи рӯз аст. Пеш аз ҳама, сарвари сиёсӣ вазифаи баҳодиҳиро дар доираи вазъияти бавуҷудомада дар асоси манфиатҳои миллӣ иҷро карда тавонад, зеро симои сарвари сиёсӣ дар раванди муносибатҳо барои омма ҳамчун системаи арзишҳо муайян мешавад, ки он метавонад тамоми мушкилиҳо ва камбудиҳоро баратаф намояд. Махсусан, дар ҳолатҳои душвор ё буҳронӣ бо ҷомеа буда тавонад ва оммаро аз изтироб, тарсу ҳарос берун оварад ва имкониятҳо барои бартарафсозии мушкилии дохилиро таъмин намояд, ки ҳалли мушкилии мавҷуда дар симои савари сиёсӣ аз ҷониби ҷомеа пешбинӣ шудааст [6,с.289].

Раванди ташаккули симои сарвари сиёсӣ яке аз масъалаҳои асосии тасдиқи легитимияти ҳокимияти сиёсӣ дониста шуда, ҳамеша як масъалаи мураккаб ва баҳснок боқӣ мемонад. Соҳаҳои фаъолияти иттилоотии сарвари сиёсӣ ба сифати шахсияти пешбар одатан бо дарназардошти омилҳои таъсиррасонии рӯйдодҳои ҷаҳонӣ ва ҷомеа, технологияи нав ва тамоюлҳои рушди сиёсию иқтисодӣ бояд ислоҳ ва тасҳеҳ карда шаванд. Ҳар як сарвар падидаи гурӯҳӣ дониста мешавад ва дар асоси боварии умумиятҳои иҷтимоӣ соҳиби ҳокимияти сиёсӣ гардида, дастгирии ӯ асоси эҷоди майдони зарурии иттилоот ва барқарор кардани алоқаю иртибот бо ҷомеа мебошад. Роҳҳои самараноки ташаккули симои сарвари сиёсӣ ҳамчун омили легитимияти ҳокимияти сиёсӣ ҳоло ҳам инкишоф дода шуда истодаанд. Симои сарвари сиёсӣ тағйир меёбад ва ҳар як кишвар одатан симои сарвари сиёсии худро солим ва иделӣ нишон медиҳад. Дар ин замина инчунин ба мафҳуми легитимияти ҳокимият низ каме таваҷҷуҳ намудан зарур аст. Легитимияти ҳокимияти давлатӣ асоснокии ҳуқуқии ҳокимият мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва эътирофи ҳокимияти амалкунанда аз ҷониби омма мебошад. «Агар имиҷи сарвари сиёсиро аз сатҳу сифати легитимияти ҳокимият муайян намоянд, пас дараҷаи имиҷи сиёсии давлат аз дараҷаи истиқлоли сиёсии кишварҳо муайян мегардад» [7,с.95]. Яъне, сатҳу сифати легитимияти ҳокимият сарчашмаи асосии имиҷи сиёсии сарвар маҳсуб меёбад.

Бо ташкили интихоботи умумӣ ва эҷоди қонунҳо ҳукумати нав қонунӣ мешавад ва легитимияти ҳокимияти давлатӣ тасдиқ мегардад. Дар доираи муносибатҳои ворисӣ, ки ба устувории анъанаҳои ҷомеа асос меёбад, легитимияти ҳокимият таъмин мешавад. Дар шароити муосир раванди устуворгардонии легитимияти ҳокимият дар Конститутсияҳои давлатҳо нишон дода шуда, он бо амалҳои сарвари сиёсӣ тақвият меёбад. Хусусияти асосии муносибати сарвари сиёсӣ бо шаҳрвандон баёнгари муносибати ҳокимияти амалкунанда ба онҳо мебошад, ки таъсири иҷтимоии онро ба ҷомеа ифода мекунад. Ҳар гуна таъсир, ки ба хотири идораи ҷомеа аз ҷониби сарвари сиёсӣ пешниҳод мешавад, дар доираи қонун ва санадҳои меъёрӣ ба амал бароварда мешавад ва ё аз ҷониби ҷомеа ба хотири рушду инкишофи минбаъда дастгирӣ меёбад. Асоси ташаккули симои сарвари сиёсӣ дар раванди идораи давлат ва баланд гардидани легитимияти ҳокимияти сиёсӣ ифода меёбад [4,с.69].

Дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ зарурати дигаргунсозии ҳамаҷониба ба назар мерасад, махсусан рушди демократия, таъсиси бозори мутамаддин, волоияти қонун ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ масъалаҳои асосии инкишоф ва муайянкунандаи легитимияти ҳокимияти сиёсӣ ба ҳисоб мераванд. Шарти фаъолияти босифати ҳокимияти давлатӣ, ки муваффақияти ислоҳот аз он вобаста аст, эътироф ва дастгирии он аз ҷониби омма қонунӣ будани онро таъмин менамояд. Дар ин ҳолат легитимият бояд ҳамчун як хусусияти ҳамаҷонибаи маънавӣ ва ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ баррасӣ карда шавад, зеро ҷанбаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегирад. Ба андешаи муҳаққиқи илмҳои сиёсӣ Шабо Ж.Л. «раванди амалинамоии қонунигардонии ҳокимияти давлатӣ дар шароити имрӯза ва ислоҳоти муассир бидуни дарки хусусиятҳои фаъолияти механизми қонунигардонии ҳокимияти давлатӣ ғайриимкон аст. Гузашта аз ин, механизми қонунигардонӣ дар шароити ташаккули волоияти қонун, бешубҳа дар заминаи мутобиқати қонун бо принсипҳои бунёди давлати ҳуқуқӣ, принсипи конститутсионализм ва талаботи қонунияти конститутсионӣ дақиқ карда мешавад» [11, с.3]. Раванди амалишавии ин муносибатҳо аз иродаи сарвари сиёсӣ вобаста буда, боиси ташаккули симои ӯ мегардад ва ҳамзамон сабаби эътироф гардидани ҳукумати амалкунанда аз ҷониба ҷомеа гардида, бо ин роҳ легитимияти ҳокимияти давлатӣ таъмин карда мешавад.

Ташаккули симои сарвари сиёсӣ баёнгари легитимияти ҳокимияти сиёсӣ аст ва дар марҳилаҳои бухронӣ эътирофи он аз ҷониби ҷомеа кори саҳл нест. Масалан, ба андешаи муҳаққиқи рус Соколов А.В., «дар ҳолатҳои бесуботии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ арзишҳои эълоншудаи хусусияти либералию демократидошта, ки дар асоси маҷмӯи кафолатҳои муассир пуштибонӣ намешаванд, маъруфияти худро аз даст медиҳанд, ки ин, дар навбати худ, ба болоравии тамоюли кам шудани эътимод ба ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳое, ки онро намояндагӣ мекунанд, сабабгор мешавад» [10, с.3]. Дар ҳолатҳои бухронӣ ҷомеа новобаста аз майлу хоҳиш ба шахсияте умед мебандад, ки ҳокимиятро соҳиб гардида, мушкилиро бартараф намояд. Аз ин хотир, ташаккули симои сарвари сиёсӣ дар ин доираи муносибат баёнгари асосии идораи давлатӣ, устувории ҷомеа ва легитимияти ҳокимияти давлатӣ дониста мешавад, ки ин вобаста аст ба фаъолияти амалии ӯ ва таъмини ҳолати инкишофи давлату соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ. Барои бартараф намудани нобоварии мардум аз ҳокимият сарвари сиёсӣ объективона бояд муносибат намояд, зеро ин омил боиси эътирофи симои ӯ дар идораи давлат гардида, легитимияти ҳокимияти сиёсиро тақвият медиҳад [10,с.3-4].

Раванди амалии муносибатҳои идораи давлатӣ аз фаъолияти ҳукумат вобастагӣ дошта, ба сифати сарвари ҳукумат сарвари сиёсӣ шинохта мешавад. Махсусан, кафолати чунин муносибат ба Конститутсияи давлатҳо алоқаманд буда, асоси самараи идораи давлат ва интизории мардум барои шароити мусоиди зиндагӣ ба ӯ рабт дода шуда, дар як вақт ба сифати сарвари давлат ва ҳокимити сиёсӣ шинохта мешавад. Эътирофи симои сарвари сиёсӣ, ки воситаи легитимикунонии ҳокимият дониста мешавад, вобаста аст ба муносибати амалии сарвари сиёсӣ дар доираи татбиқшавии салоҳиятҳои ӯ дар идораи давлат. Пешниҳоди чунин муносибатро метавон раванди татбиқшавии қонунҳо, эътироф ва эҳтироми ҳуқуқу озодии инсон, ҳимояи истиқлолияти миллӣ, тамомияти арзӣ, пойдории институтҳои давлатию устувории ҷомеа, ҳимояи манфиатҳои миллӣ номид. Зеро асоси муносибати шахс ва ҷомеа манфиат ва талабот буда, пайваста аз сарвари сиёсӣ шароити беҳтарро талаб менамояд. Ҳамин тариқ, симои сарвари сиёсӣ воситаи асосии легитимикунонии ҳокимият ва устувории муносибати мутақобилаи институтҳои давлатӣ ва ҷомеа буда, дар раванди идоракунии давлатӣ дорои нақш ва мавқеи муайян мебошад.

Муқарриз: *Сафарализода Х.Қ.* – номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Гундарин, М.В. Книга руководителя отдела PR. Практические рекомендации [текст] / М.В. Гундарин. – СПб.: Питер, 2009. –368 с.
2. Кошелюк, М.Е. Технологии политических выбров [текст] / М.Е. Кошелюк. – СПб.: Питер, 2004. – 239 с.
3. Махмадов А.Н. Политология: учебник / А.Н. Махмадов, М.У. Хидирова, Сафарализода Х.К. - 2018. – 416 с.
4. Ольшанский, Д.В. Политический PR [текст] / Д.В. Ольшанский. – СПб.: Питер, 2003. – 544 с.
5. Огарев, А.В. Политическое лидерство: социологический анализ / А.В. Огарев. -Ростов н/Д., 1993.-258 с.
6. Почепцов, Г.Г. Имиджелогия [текст] / Г.Г. Почепцов. – М.: Рефл-бук, 2006. –576 с.
7. Сафарализода, Х.К. Международный имидж государства и его взаимосвязь с национальной безопасностью страны [текст] / Х.К. Сафарализода, И.И. Баротов // Известия Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2019. – № 4. – С. 88-97.
8. Шашлов, М.Н. Политический имидж как актуальный предмет исследования [текст] / М.Н. Шашлов // Актуальные проблемы политологии: сборник научных работ. – М.: МАКС-Пресс, 2001. –С.84-92.
9. Чапаева, П.О. Имидж политического лидера как фактор легетимности власти [текст] / П.О. Чапаева // Молодой учёный. – 2017. – № 45. – С.165-168.
10. Соколов, А.В. Имидж политического лидера как фактор легетиматции политичекой власти в современной России: дисс. … канд. полит. наук [текст] / А.В. Соколов. – М., 2009. – 185 с.
11. Шабо, Ж.Л. Основные типы легетимности / Ж.Л. Шабо // Политические исследования. – 1993. – №5. –С.75-86.
12. Шабров, О.Ф Политология: Учебник / Отв. ред. В.С. Комаровский. – М.: Изд-во РАГС, 2002. – 524 с.

СИМОИ САРВАРИ СИЁСӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ЛЕГИТИМИКУНОНИИ ҲОКИМИЯТ

Дар мақолаи мазкур муаллифон ба омӯзиши масъалаи татбиқи легитимияти ҳокимият машғул гардида, нақши симои сарвари сиёсиро дар ин раванд нишон додаанд. Муаллифон дар таҳқиқи ин масъала ба хусусиятҳои симои сарвари сиёсӣ ва самаранокии фаъолияти сиёсии сарвар таваҷҷуҳи бештар намуда, ба ин васила механизмҳои дар амал татбиқ гардидани легитимияти ҳокимиятро нишон додааст. Дар раванди баланд бардоштани легитимияти ҳокимият нақши сарвари сиёсӣ, имиҷи сиёсии сарвар хеле муассир аст. Сарвари сиёсӣ ҳамчун субъекти марказии идоракунии давлатӣ дар заминаи иҷроиши пурраи ваколатҳо ва

салоҳиятҳо фаъолияти қонунии давлат ва самаранокии идоракунии давлатиро таъмин месозад. Гузашта аз ин, хислатҳои шахсии сарвар, муваффақият ва дастовардҳои ӯ, махсусан иродаи сиёсии вай имкон медиҳад, ки эътимод ва боварии одамон дар муносибат ба мақомоти давлатӣ афзоиш ёбад. Механизми муҳимтарини татбиқи легитимияти ҳокимияти давлатӣ бо дарназардошти амалигардонии манфиатҳои миллӣ ва ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Яъне, фаъолияти сиёсие, ки дар заминаи манфиатҳои миллӣ ва оммавӣ амалӣ мегардад, боиси афзоиши легитимият ва татбиқи самараноки он мешавад. Аз ин рӯ, дар мавриди ин масъала хулоса ин аст, ки механизми ташаккулёбӣ ва татбиқи легитимияти ҳокимияти давлатӣ раванди мураккаб ва гуногунпаҳлу ба ҳисоб рафта, аз самаранокии фаъолияти сиёсии сарвари сиёсӣ, симои сиёсии ӯ ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ вобаста аст.

Калидвожаҳо: симои сарвари сиёсӣ, имичи сиёсии сарвар, легитимияти ҳокимият, самаранокии фаъолияти сиёсӣ, мақомоти давлатӣ, идоракунии давлатӣ.

ОБРАЗ ПОЛИТИЧЕСКОГО ЛИДЕРА КАК СПОСОБ ЛЕГИТИМИЗАЦИИ ВЛАСТИ

В данной статье авторы исследуют вопросы легитимности власти и показывают роль политического лидера в этом процессе. При изучении данного вопроса авторы уделяют больше внимание характеристикам имиджа политического лидера и эффективности политической деятельности лидера, а также показывают механизмы утверждения легитимности власти. Роль политического лидера в процессе повышения легитимности власти очень важна. Политический лидер как центральный субъект государственного управления обеспечивает легитимное функционирование государства и эффективность государственного управления на основе полного осуществления полномочий. Более того, личные качества лидера, его успехи и достижения, особенно его политическая воля, позволяют повысить доверие и уверенность людей в их отношении к государственной власти. Важнейший механизм реализации легитимности государственной власти определяется реализацией национальных и общественных интересов. То есть политическая деятельность, осуществляемая на основе национальных и общественных интересов, ведет к повышению легитимности и ее эффективной реализации. Таким образом, вывод по данному вопросу заключается в том, что механизм формирования и реализации легитимности государственной власти представляет собой сложный и многогранный процесс и зависит от эффективности политической активности политического лидера, его политического имиджа и деятельности органов государственной власти.

Ключевые слова: образ политического лидера, политический имидж лидера, легитимность власти, эффективность политической деятельности, органы государственной власти, государственное управление.

THE IMAGE OF A POLITICAL LEADER AS A WAY TO LEGITIMIZE THE POWER

In this article, the authors examines the issues of the legitimacy of power and shows the role of the political leader in this process. When studying this issue, the authors pays more attention to the characteristics of the image of a political leader and the effectiveness of the political activity of the leader, and also shows the mechanisms of asserting the legitimacy of the authorities. The role of the political leader in the process of increasing the legitimacy of the authorities is very important. The political leader as the central subject of public administration ensures the legitimate functioning of the state and the effectiveness of public administration based on the full exercise of powers. Moreover, the personal qualities of a leader, his successes and achievements, especially his political will, make it possible to increase people's trust and confidence in their attitude to state power. The most important mechanism for realizing the legitimacy of state power is determined by the realization of national and public interests. That is, political activity carried out on the basis of national and public interests leads to an increase in legitimacy and its effective implementation. Thus, the conclusion on this issue is that the mechanism for the formation and implementation of the legitimacy of state power is a complex and multifaceted process and depends on the effectiveness of the political activity of a political leader, his political image and the activities of state authorities.

Keywords: the image of a political leader, the political image of a leader, the legitimacy of power, the effectiveness of political activity, government bodies, public administration.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ҳаитов Фирӯз Мирзомуродович*** - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. E-mail: **firuz_95_haitov@mail.ru** Тел.: **(992) 988317117**
Некрӯзи Маҳмадхоҷа – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **nekruzi.mahmadkhoja@mail.ru.** Тел.: **(992) 989112028**

Сведение об авторах: ***Хаитов Фируз Мирзомуродович*** - Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, соискатель. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саида Носира, 33. E-mail: **firuz_95_haitov@mail.ru**
Некрузи Махмадходжа – Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **nekruzi.mahmadkhoja@mail.ru.** Тел.: **(992) 918508268**

Information about the authors: ***Khaitov Firuz Mirzomurodovich*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, applicant. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosira street, 33. E-mail: **firuz_95_haitov@mail.ru**
Nekruzi Mahmadhoja - Tajik National University, applicant. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **nekruzi.mahmadkhoja@mail.ru**. Tel.: **(+992) 918508268**

УДК 323.22/.28

СУБОТИ СИЁСӢ ҲАМЧУН МАСЪАЛАИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВӢ

Ҳасанов Б.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Масъалаи таъмини суботи сиёсӣ доимо таваҷҷуҳи давлатдорону арбобони сиёсӣ ва олимону донишмандонро ба худ ҷалб намудааст. Ин масъала ҳамчун категорияи муҳимтарини илмҳои сиёсӣ аз солҳои 50-уми асри гузашта таҳлилу таҳқиқ гардида истодааст. То ба имрӯз паҳлуҳои гуногуни суботи сиёсӣ ва роҳу усулҳои таъмини он аз ҷониби олимону донишмандони зиёд таҳқиқ гардидаанд. Махсусан дар соҳаи амнияти миллӣ суботи сиёсӣ ва аҳамияти он барои таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ дар шароити пайдоиши таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир таҳқиқ гардида истодааст. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, нисбат ба моҳияти суботи сиёсӣ таърифи ягона ҳанӯз ҳам вуҷуд надорад. Чунин вазъият аз омилҳои гуногун вобаста мебошад. Пеш аз ҳама, самти фаъолияти илмии олимон, мавқеи ҷуғрофии кишварҳои онҳо, режими сиёсӣ ва системаи сиёсии давлатҳо, шарту шароити рушди таърихии кишварҳо ва чанде дигар масъалаҳо боиси пешниҳод гардидани шарҳу тавзеҳи мухталифи он шудаанд. Ҳамзамон қобили зикр аст, ки барои таъмини суботи сиёсӣ сараввал моҳияти он бояд муайян карда шавад. Ба инобат гирифтани моҳият, хусусият ва мундариҷаи суботи сиёсӣ имкон медиҳад, ки нақш ва мавқеи он дар раванди таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва ташаккулёбии давлатдории миллӣ муайян карда шаванд. Бо дарназардошти ин омил дар мақолаи мазкур дар асоси таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи суботи сиёсӣ мақсади ин пажӯҳишро ташкил медиҳад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки суботи сиёсӣ, пеш аз ҳама, бо устувории системаи сиёсии ҷомеа алоқамандии зич дорад. Ин аст, ки дар аксар маврид моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи суботи сиёсиро дар алоқамандӣ бо системаи сиёсии ҷомеа таҳлилу баррасӣ менамоянд. Системаи сиёсии ҷомеа ба монанди дигар системаҳои ҷамъиятӣ аз маҷмӯи унсурҳое иборат аст, ки баҳамалоқамандӣ ва фаъолияти устувори онҳо системаи мукаммалро ташкил медиҳанд. Дилхоҳ система, аз ҷумла системаи сиёсӣ як қатор хусусиятҳои хосро дорост ва пойдории онҳо ифодагари суботи сиёсии ҷомеа ба шумор меравад. Ғайр аз ин, системаи сиёсӣ махсусиятҳоеро дорад, ки унсурҳои таркибии система хусусиятҳои мазкурро доро намебошанд. Системаи сиёсии ҷомеа барои худташаккулдиҳӣ ва худтанзимнамоӣ қодир буда, доимо худро бо муҳити беруна мутобиқ месозад. Ҳамгироӣ ва боҳамалоқамандии унсурҳои таркибии системаи сиёсӣ хусусияти муҳимми онро ташкил медиҳад. Бо дарназардошти махсусиятҳои номбаргардида, суботи сиёсӣ ҳолати боэътидоли системаи сиёсӣ дониста шуда, ифодагари қобилият ва иқтидори он барои нигоҳдошти ҳамгироии унсурҳои таркибӣ, баланд бардоштани самаранокии маркази қабули қарор, дар сатҳи зарурӣ иҷро намудани вазифаҳои худ ва амалӣ карда тавонистани мақсадҳои онро ифода менамояд.

Дар баъзе асарҳо қайд мегардад, ки устувории системаи сиёсӣ аз устувории унсурҳои алоҳидаи он вобаста нест. Зеро системаи сиёсӣ махсусиятҳоеро доро мебошад, ки онҳо хосси унсурҳои таркибии он нестанд. Ба ибораи дигар, устувории ҳеҷ яке аз унсурҳои алоҳида наметавонанд устувории системаи сиёсиро таъмин намояд. Аммо мушоҳида намудан мумкин аст, ки маркази қабули қарорҳои сиёсӣ дар таъмин намудани ҳамгироии ниҳодҳои системаи сиёсӣ нақши муоссир дорад. Аз ин рӯ, устувории ниҳодҳои таъминкунандаи ҳамгироии унсурҳои таркибии системаи сиёсӣ барои таъмини суботи сиёсӣ нақши муҳим мебозанд. Инчунин, ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ва манбаъҳои сиёсии онҳо, ки бо ёрии он ҳифзу бақои системаи сиёсӣ таъмин карда мешавад, метавонанд ҳамчун масъалаи марказии таъмини суботи сиёсӣ дониста шаванд. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки устувории системаи сиёсӣ аз устувории маркази қабули қарор ва самаранокии ниҳодҳои давлатӣ, ки яке аз унсурҳои муҳимтарини онро ташкил медиҳанд, вобастагии зиёд дорад. Чи дар дохили системаи сиёсӣ ва чи берун аз он ба вуҷуд омадани ниҳодҳое, ки барои идора намудани равандҳои сиёсӣ қодиранд, боиси халалдор

шудани суботи сиёсӣ мегарданд. Чунин ҳолатро дар мисоли пайдо шудани неруҳои сиёсии ғайрисистемавӣ (масалан, ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию радикалӣ) ва дахолати давлатҳои хориҷӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Маҳз ба ҳамин хотир дар сарчашмаҳои илмии гуногун суботи сиёсӣ дар алоқамандӣ бо устувории системаи сиёсӣ таҳлилу баррасӣ мегардад.

Мушоҳида кардан мумкин аст, ки мафҳуми «устувории системаи сиёсӣ» дар муносибат бо равандҳои иҷтимоию сиёсие ба кор бурда мешавад, ки онҳо ифодагари буҳронҳои сиёсӣ мебошанд. Муҳаққиқи рус В.М. Панарин пайдоиш ва мавҷудияти буҳронҳои сиёсию иҷтимоиро яке аз нишонаҳои ноустувории системаи сиёсӣ медонад. Ба андешаи ӯ, чунин вазъият дар натиҷаи коҳиш ёфтани самаранокии идоракунии давлатӣ ва заиф шудани ниҳодҳои давлатӣ рух медиҳад [8]. Ба масъалаи устувории системаи сиёсӣ сиёсатшиноси амрикоӣ С.М. Липсет диққати махсус додааст. Ба ақидаи ӯ, системаҳои сиёсӣ бо дарназардошти самаранокӣ ва легитимияти ҳокимият метавонанд аз ҳам тафовут дошта бошанд. Бинобар ин, ӯ системаҳои сиёсии устувор, нисбатан устувор ва ноустуворро аз ҳам фарқ намудааст. Ба андешаи С.Липсет, системаҳои сиёсие, ки дар як вақт ҳам самаранок ва ҳам легитимӣ ҳастанд, системаҳои устувор ба шумор мераванд. Системаҳои сиёсии самаранок, аммо ғайрилегитимӣ ва ё баръакс, бесамар, аммо легитимӣ ба гурӯҳи системаҳои сиёсии нисбатан устувор дохил карда шудаанд. Аммо, системаҳои сиёсие, ки самаранокӣ ва легитимият надоранд, ба системаҳои ноустувор дохил мешаванд. Омилҳое, ки устувории системаи сиёсиро таъмин менамоянд, аз инҳо иборат мебошанд: рақобати сиёсӣ; фаъолиятҳои қонунӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ; мавҷуд набудани ҳизбҳои зиддисистемавӣ; маданияти демократии шаҳрвандон; созиши неруҳои сиёсӣ оид ба арзишҳои сиёсӣ; аз байн бурдани заминаҳои пайдоиши низоъҳои иҷтимоӣ, синфӣ, мазҳабӣ ва ғ. [7,с.92-93]. Муҳаққиқи рус Б.И. Краснов устувории системаи сиёсиро қобилияте медонад, ки ба воситаи он тавозуни байниҳамдигарии неруҳои сиёсӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин гардида, барқарор намудани иқтидори сиёсии тавозуни вайроншуда имконпазир мегардад. Аммо ба андешаи ӯ, мафҳуми «суботи сиёсӣ» дар муқоиса бо мафҳуми «устувории системаи сиёсӣ» васеътар буда, дар ҳолати муътадил нигоҳ доштани системаи сиёсиро тақозо менамояд [6].

Алоқамандии суботи сиёсӣ ва устувории системаи сиёсиро таҳлилу баррасӣ намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои ҳар як ҷомеа таъмини суботи сиёсӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Зеро суботи сиёсӣ дар баробари ҳалли дигар масъалаҳо инчунин устувории системаи сиёсиро низ тақозо менамояд. Таҳлили унсурҳои функсионалии системаи сиёсӣ дурустии чунин воқеиятро нишон медиҳанд. Масалан, А.О. Ярославсева суботи сиёсиро аз маҷмӯи механизмҳо ва ҳолати ниҳодҳои сиёсӣ иборат дониста, таъмини рушди устувори системаи сиёсии ҷомеа аз фаъолияти самараноки онҳо вобаста карда мешавад [15; 16]. А.С. Семченков бошад, суботи сиёсиро ҳамчун ҳолати системаи сиёсии ҷомеа муаррифӣ намуда, онро барои таъмин намудани устуворӣ режими сиёсӣ ва шакли идоракунии давлатӣ, ҳимояи сохтори конститутсионии давлат, сулҳи шаҳрвандӣ ва ризоияти миллӣ зарур медонад [9]. Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки суботи сиёсӣ ҳамчун ҳолати нигоҳ дошта тавонистани сатҳи зарурии ҳамгироии унсурҳои таркибии системаи сиёсӣ ва баланд бардоштани самаранокии маркази қабули қарорҳои сиёсӣ шарти асосии таъмин намудани устуворӣ системаи сиёсӣ дониста мешавад. Дар чунин шакл тасаввур намудани мазмуну мундариҷаи суботи сиёсӣ имкон медиҳад, ки онро ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ муаррифӣ намоем. Гузашта аз ин, муайян намудану ба инобат гирифтани алоқамандии суботи сиёсӣ ва устуворӣ системаи сиёсӣ имкон медиҳад, ки ташаккулёбии системаи сиёсӣ ва равандҳои сиёсии ҷомеа низ таҳлилу баррасӣ карда шаванд.

Ғайр аз ин, як гурӯҳ олимон алоқамандии суботи сиёсӣ ва рушди ҳаёти ҷамъиятиро таҳлилу таҳқиқ намуда, вобастагии байниҳамдигарии онҳоро ба таври гуногун нишон медиҳанд. Ҳатто гуфтан мумкин аст, ки ин масъала баҳсҳои зиёдеро низ дар худ нигоҳ медорад. Зеро дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ суботи сиёсӣ ҳамчун қобилияти системаи сиёсӣ барои нигоҳ доштани сохтори худ ва роҳ надодан ба тағйиротҳои сохторӣ муаррифӣ мешавад. Аммо таҳлили равандҳои сиёсӣ нишон медиҳад, ки суботи сиёсӣ дар шароити

муосир одатан ба воситаи тағйир ёфтани сохтори системаи сиёсӣ таъмин карда мешавад. Кам нестанд ҳолатҳое, ки тағйир ёфтани нақш ва мавқеи унсурҳои таркибии системаи сиёсӣ боиси нигоҳ доштани суботи сиёсӣ мегардад. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки суботи сиёсӣ ва рушду инкишоф бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Мутобиқшавии системаи сиёсӣ бо тағйиротҳои муҳити беруна ифодагари рушди системаи сиёсӣ мебошад. Аз ин рӯ, зарурати устуворӣ ва тағйирёбандагии системаи сиёсӣ дар як вақт ҳам рушду инкишоф ва ҳам суботи сиёсиро тақозо менамояд.

Олими рус О.Ф. Шабров дар ин робита иброз медорад, ки «системаҳои сиёсии шахшуда то ҳолати шикастпазирӣ ва фаноёбӣ устувор ва босубот боқӣ мемонанд. Устувории системаҳои мазкур аз ҳисоби устувории баъзе унсурҳои таркибии он таъмин мегардад, аммо аз сабаби оне, ки дар чунин системаҳо хислати мутобиқшавӣ ба муҳити беруна дида намешавад, рушду инкишоф низ надоранд» [12,с.75]. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, суботи сиёсӣ раванди мутобиқшавии системаи сиёсӣ бо муҳити беруна мебошад, ки он хусусияти динамикӣ дорад ва рушди доимии системаро тақозо менамояд. Яке аз муҳаққиқони ин масъала А.В. Фирсов низ суботи сиёсиро бо омилҳои дар боло номбаргардида вобаста менамояд. Ба андешаи ӯ, «суботи сиёсӣ раванди худташаккулёбӣ ва дигаргуншавии системаи сиёсии ҷомеа ба шумор рафта, тавозуни тағйирёбандаи муносибатҳои мутақобилаи системаи сиёсӣ ва муҳити берунаи онро дар бар мегирад» [10,с.43-44]. Баъзан мушоҳида намудан мумкин аст, ки суботи сиёсӣ ва рушду инкишоф муносибатҳои ихтилофнокро соҳиб мешаванд. Дар чунин шароит меъёри асосии нигоҳдошти тавозуни байни системаи сиёсӣ ва ҷомеа, инчунин ҳифзи самаранокии унсурҳои таркибии он дар мадди аввал қарор дода мешавад. Чунин ҳолатро О.Ф. Шабров ба таври зерин нишон додааст: «Барои ба амал омадани рушди системаи сиёсӣ он бояд то дараҷаи зарурӣ устувор бошад, то ки фаъолияти муназзами худро аз даст надиҳад ва ҳамзамон бояд каме ноустувор бошад, то ки барои анҷом додани тағйироти сифатӣ қобилият дошта бошад» [13,с.185]. Ҳамин тариқ, рушди системаи сиёсӣ ифодагари суботи сиёсии ҷомеа ва ноустуворӣ ин ва ё он унсури таркибии системаи сиёсӣ мебошад, ки барои тағйир додани нақш ва мавқеи он дигаргуниҳои сифатӣ анҷом дода мешавад.

Бояд гуфт, ки системаи сиёсию ҷамъиятии ҷомеаҳои муосир кушодаю демократӣ мебошанд, ки чунин ҳолат барои бештар гардидани таъсиррасонии муҳити беруна шароити мусоид фароҳам меоварад. Бо дарназардошти ин дар шароити имрӯза дар дохили системаи сиёсӣ механизмҳои мутобиққунандаи системаи сиёсӣ бо муҳити беруна ва роҳу усулҳои ҳимоя намудани иқтидори он бояд ба вуҷуд оварда шаванд. Масалан, механизми мутобиққунанда таъсирасонии муҳити берунаро қабул намуда, барои коркард ба маркази қабули қарорҳои сиёсӣ мефиристад ва онро барои таъмини рушди системаи сиёсӣ минбаъд истифода менамояд. Роҳу усулҳои таъмини амнияти системаи сиёсӣ муҳити дохилӣ ва самаранокии унсурҳои таркибии системаро аз таҳдидҳои дохилию беруна ҳимоя менамояд. Масъалаи ҳимояи системаи сиёсиро ба инобат гирифта, О.Ф. Шабров иброз медорад, ки «барои коҳиш додани таъсири манфии муҳити беруна системаи сиёсиро зарур аст, ки то дараҷаи зарурӣ пӯшида ва дастнорас боқӣ бимонад. Барои ин системаи сиёсиро зарур аст, ки чунин хислатҳоро доро бошад: механизми мутобиқшавӣ; механизми ҳимояи системаи сиёсӣ ва унсурҳои таркибии он; ба инобат гирифтани омилҳои мусбати муҳити беруна ва ҳимоя намудани худ аз омилҳои манфии он» [13,с.187]. Ҳамин тариқ, барои суботи сиёсӣ рушди системаи сиёсӣ тақозо мегардад ва ҳамзамон барои таъмин намудани рушди системаи сиёсӣ то дараҷаи зарурӣ суботи сиёсӣ низ лозим аст. Ин аст, ки аз охири асри XX сар карда дар кишварҳои гуногуни олам ба масъалаи таъмин намудани рушди устувор диққати зарурӣ дода, барномаҳо ва стратегияҳои гуногунмуҳлат қабул менамоянд. Ба ин масъала аз ҳама бештар СММ диққат дода истодааст [14]. Олимону муҳаққиқоне, ки самаранокӣ ва устуворӣ системаи сиёсиро таҳқиқ намудаанд, барои муайян намудани ҷанбаҳои гуногуни суботи сиёсӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Дар байни онҳо андешаҳои сиёсатшиноси амрикоӣ Д.Истон хеле муҳиманд. Ӯ миқёси эътирофи арзишҳои сиёсӣ аз ҷониби ҷомеа ва қобилияти ба вуҷуд оварда тавонистани чунин арзишҳоро шарти зарурии таъмини устуворӣ системаи сиёсӣ донистааст. Чунин ҳолат барои таҳқиқоти мо низ хеле арзишманд мебошад. Зеро легитимият ва сатҳи эътирофи

арзишҳои сиёсӣ метавонанд ҳамзамон унсурҳои муҳимми суботи сиёсӣ низ муаррифӣ гарданд. Д.Истон барои нигоҳ доштани иқтидори зарурӣ ва самаранокии системаи сиёсӣ иттилооти аз ҷомеа ба ҷониби ҳокимият нигаронидашударо хеле арзишманд меҳисобад. Зеро ба инобат гирифтани иттилооти дар ҷомеа ташаккулёбанда имкон медиҳад, ки системаи сиёсӣ худро бо муҳити беруна мутобиқ созад ва барои таъмини суботи сиёсӣ шароит фароҳам оварад. Аммо бояд дар назар дошт, ки на ҳамаи иттилоот ва на ҳамаи таъсиррасонии муҳити беруна барои системаи сиёсӣ фоидаовар буда метавонад. Маҳз ба ҳамин хотир Д.Истон хусусиятҳои системаи сиёсиро ба инобат гирифта, осебпазир гардидани онҳоро сабаби халалдор шудани суботи сиёсӣ меномад. Ба андешаи ӯ, системаи сиёсӣ чунин хусусиятҳоро доро мебошад: устуворӣ, мутобиқшавандагӣ, самаранокӣ ва легитимӣ будан. Ҳифзу ҳимояи хусусиятҳои мазкур вазифаи асосии системаи сиёсӣ мебошад [4]. Дар алоқамандӣ бо ин, гуфтан мумкин аст, ки ҳар навъ таъсиррасонии берунае, ки осебпазирии арзишҳои номбаргардидаро ба вуҷуд меоварад, омилҳои бесуботкунандаи ҷомеа мебошанд.

Тавре мушоҳида мегардад, яке аз масъалаҳои таъмини устувории системаи сиёсӣ ва суботи сиёсӣ миқёси эътирофи арзишҳои сиёсӣ ва сатҳи легитимияти ҳокимияти давлатӣ мебошад. Масъалаи мазкур дар таҳқиқоти М.Вебер, Г.Алмонд, С.Верба ва С.Липсет хеле муфассал баррасӣ шудааст. Сиёсатшиносони амрикоӣ Г.Алмонд ва С.Верба устувории системаи сиёсиро аз маданияти сиёсию шаҳрвандӣ вобаста менамоянд. Ҳатто онҳо иброз медоранд, ки унсури асосии дилхоҳ системаи сиёсиро маданияти сиёсӣ ташкил медиҳад [1]. Г.Алмонд ва С.Верба вазифаҳои системаи сиёсиро ба таври зерин муайян намудаанд: вазифаҳои аввалиндараҷаи системаи сиёсӣ, аз қабили иҷтимоикунонии шаҳрвандон, таъмини иштироки сиёсии одамон, робитаи зич барқарор намудан бо ҷомеа. Вазифаҳои ташаккулдиҳандаи равандҳои сиёсӣ, аз қабили тақсими манфиатҳо, коркарди қарорҳо, назорат аз болои иҷроиши қарорҳо. Вазифаҳои сиёсӣ: танзими муносибатҳои сиёсӣ, тақсими манбаъҳо, таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба афкори ҷамъиятӣ, истифодаи манбаъҳо барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ [2]. Иҷро нагардидани вазифаҳои мазкур ва ё қодир набудан барои иҷроиши онҳо суботи сиёсӣ ва устувории системаи сиёсиро халалдор менамоянд. Дар маҷмӯъ, халалдор гардидани суботи сиёсӣ натиҷаи заифшавии ниҳодҳое мебошад, ки онҳо бояд иҷтимоикунонии шаҳрвандон ва ташаккули маданияти сиёсии мушаххасро бояд ба амал бароранд.

Бояд гуфт, ки дилхоҳ системаи сиёсию ҷамъиятие, ки худро ҳифз кардан мехоҳад, ниёз ба суботи сиёсӣ дорад. Сабабҳои асосии ба амал омадани бесуботӣ дар аксар маврид аз худи ҷомеа ва аз шароити мушаххаси рушди системаи ҷамъиятӣ бармеоянд. Зеро дар ҳар як ҷомеа гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ, манфиатҳои гуногуни гурӯҳӣ, талабот ва майлу хоҳиши онҳо, мавқеъҳои гуногуни сиёсӣ ва ғайраҳо ба мушоҳида мерасанд. Аввал ин ки мавҷудияти манфиатҳо ва мавқеъҳои бо ҳам мухолиф метавонанд сарчашмаи пуриқтидори халалдор гардидани суботи системаи сиёсӣ гарданд. Аз ҷониби дигар мавҷудияти чунин мухолифатҳо ҳамчун осебпазирии системаи сиёсии ҷомеа метавонанд аз ҷониби субъектҳои хориҷӣ барои халалдор намудани суботи сиёсии дохилӣ ҳадафмандона истифода бурда шаванд. Дар чунин шароит гурӯҳҳои иҷтимоии пуриқтидор метавонанд объекти асосии таъсиррасонии беруна қарор гиранд. Аз ин рӯ, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки дар ҳар як ҷомеа сарчашмаҳои пуриқтидори ба амал омадани низоъҳо ва халалдор намудани суботи сиёсӣ мавҷуданд. Аммо на дар ҳамаи системаҳои сиёсӣ бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳо истифода намудани онҳо имконпазир аст. Таҳлили суботи сиёсӣ ва халалдор намудани он нишон медиҳад, ки эҳтимолияти аз байн рафтани суботи сиёсӣ дар он ҷомеаҳое дида мешавад, ки дар онҳо системаи сиёсӣ бо таъсиррасонии беруна худро мутобиқ карда наметавонад ва худи ҷомеа қобилияти ба таври танқидӣ баҳогузорӣ кардани чунин навъи таъсиррасониро надорад. Аз ин рӯ, саривақт муайян карда тавонистани таҳдиду хатарҳои берунаю дохилӣ ба амнияти шахс, ҷомеа ва давлат имкон медиҳад, ки суботи сиёсии ҷомеа ва устувории системаи сиёсӣ нигоҳ дошта шавад.

Сабабҳо ва сарчашмаҳои халалдор гардидани суботи сиёсӣ аз ҷониби С.Хантингтон низ ба таври муфассал таҳқиқ гардидаанд. Ӯ ба хулосае меояд, ки сатҳи пасти ниҳодикунонии сиёсӣ ва ғайриимкон будани қонеъ намудани талаботҳои иҷтимоӣ дар

бисёре аз мавридҳо суботи сиёсии кишварҳои рӯ ба инкишофро халалдор месозад. Ба андешаи ӯ, фаъолнокии иҷтимоӣ нисбат ба рушди иқтисодӣ таъсири бештар дорад. Дар ин маврид хулосаи ӯ ин аст, ки агар мутобиқшавии ниҳодҳои сиёсӣ бо тағйиротҳои муҳити атроф ба назар нарасад, модернизатсия ба суботи сиёсии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад [11,с.51]. Афзоиши аҳолии шаҳрнишин, баланд гардидани саводнокии мардум, васоити ахбори омма ва ғ. ба одамони анъанавӣ таъсири амиқ расонида, тарзи зиндагии нав ва роҳу усулҳои қонеъ намудани талаботи онҳоро пешниҳод месозад. Чунин раванд анъанаҳои маърифатӣ ва институтсионалии маданияти сиёсиро корношоям гардонида, сатҳи навбатии майлу хоҳишҳо ва интизориҳоро ба вуҷуд меоварад. Аммо ҷомеаи дар давраи гузариш қарордошта барои қонеъ намудани талаботҳои нав қодир нест, зеро суръати дигаргуниҳо зиёду суръати мутобиқшавии ниҳодҳои сиёсӣ ба муҳити беруна сусттар мебошад. Дар чунн шароит майлу хоҳишҳо бо интизориҳо, талаботҳои нав бо тарзи қонеъ намудани онҳо, майлу хоҳиши одамон бо сатҳи зиндагии онҳо метавонанд мувофиқат накунанд. Чунин ҳолат дар амалияи сиёсӣ боиси халалдор шудани суботи сиёсӣ мегардад. Сабаби асосии он аз омилҳои зерин вобаста мебошад: суръати баланди дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ба оҳистагӣ мутобиқ шудани ниҳодҳои сиёсӣ бо муҳити беруна [11,с.51]. Дар маҷмӯъ, С.Хантингтон ба хулосае меояд, ки суботи сиёсӣ аз таносуби ниҳодикунонӣ ва фаъолнокии сиёсии шаҳрвандон вобаста мебошад. Ба андешаи ӯ, агар мо хоҳем, ки суботи сиёсӣ нигоҳ дошта шавад, дар баробари афзоиши фаъолнокии сиёсии шаҳрвандон инчунин мураккабӣ, мухторият, мутобиқшавӣ ва боҳамалоқамандии ниҳодҳои сиёсии ҷомеа низ бояд афзоиш дода шавад [11,с.68].

Дар баробари ҳамаи ин баррасии масъалаи сатҳи зоҳиршавии суботи сиёсӣ ва марҳилаҳои ташаккулёбии он низ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Дар робита бо ин масъала андешаи ягона вуҷуд надорад. Баъзе муҳаққиқон иброз медоранд, ки дар ҷомеа ё суботи сиёсӣ метавонад вуҷуд дошта бошад, ё метавонад вуҷуд надошта бошад. Аммо чунин ҳолатро гурӯҳи дигари олимон инкор намуда, хусусияти динамикӣ доштани суботи сиёсиро махсус таъкид менамоянд. Олимоне, ки ба таҳқиқи бухронҳои сиёсӣ ва масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ машғул шудаанд, иброз медоранд, ки сатҳи баланди халалдор гардидани суботи системаи сиёсӣ дар натиҷаи ба бухрон дучор омадани системаи сиёсӣ ба амал меояд. Норозигии оммаи мардум аз сиёсати пешгирифтаи синфи ҳукмрон ҳолате дониста мешавад, ки ифодагари бухрони системаи сиёсӣ аст. Ин гурӯҳи олимон таъкид менамоянд, ки ҳарчанд халалдор гардидани суботи сиёсӣ ҳолати бухронӣ ҳам бошад, метавонад тағйиротҳои ҷиддиро ба вуҷуд наоварад. Аммо дар кишварҳои демократӣ он боис мешавад, ки ҳукумат пеш аз муҳлат ба истеъфо равад, фаъолияти парлумон ба буҳрони шадид гирифтор шавад, тавозуни неруҳои сиёсӣ тағйир ёбад ва ғайраҳо [17].

Моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи суботи сиёсӣ инчунин ба воситаи тарзи зоҳиршавии тавозуни манфиатҳо низ шарҳу тавзеҳ дода мешавад. Як қатор олимон ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, халалдор гардидани суботи сиёсии ҷомеаро аз вайроншавии тавозуни манфиатҳо вобаста кардаанд. Чунончи, М.Д. Ковалев иброз медорад, ки системаи сиёсӣ бояд на танҳо барои мустаҳкам намудани мавқеи элитаи ҳукмрон нигаронида шавад, балки барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии равандҳои иҷтимоӣ низ бояд хизмат намояд, то ки шаҳрвандони қаторӣ манфиатҳои сиёсӣ ва ҳуқуқҳои инфиродии худро дар амал татбиқ карда тавонанд [5]. А.В. Фирсов суботи сиёсиро ҳамчун тавозуни баробари манфиатҳои элитаи сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ муаррифӣ кардааст. Ба андешаи ӯ, вайрон шудани чунин тавозун боиси халалдор шудани суботи сиёсии ҷомеа мегардад [10]. Дар ин замина як гурӯҳ олимон таъсири тавозуни манфиатҳоро ба суботи сиёсӣ он қадар таъсиргузор намедонанд. Ба андешаи онҳо дар ҳар як ҷомеа манбаъҳои сиёсӣ доимо ба таври нобарбар тақсим мешаванд ва аз ин рӯ, тавозуни манфиатҳо наметавонад нишондоди асосии мавҷудияти суботи сиёсӣ бошад. Бо дарназардошти чунин вазъ устувории сохторҳои давлатӣ ва ниҳодҳои сиёсӣ шарти асосии таъмини суботи сиёсӣ дониста мешавад. Масалан, Х.А. Гаҷиев суботи сиёсии ҷомеаро аз фаъолияти бомароми ниҳодҳои сиёсӣ ва мавқеи устувори онҳо вобаста кардааст [3]. Дар робита бо ин масъала бояд ёдовар шуд, ки на ҳамаи ниҳодҳои сиёсию ҷамъиятӣ

метавонанд дар таъмини суботи сиёсӣ таъсиргузор бошанд. Ниҳодҳоеро, ки мавҷудияти суботи сиёсӣ аз онҳо вобастаанд, ба таври зерин нишон додан мумкин аст: ниҳодҳои иҷтимоикунонӣ; ниҳодҳои сиёсӣ; ниҳодҳои иқтисодӣ; ниҳодҳои иттилоърасонӣ; ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ. Масалан, ниҳодҳои иҷтимоикунонӣ барои ташаккули маданияти сиёсии шаҳрвандон ва мутобиқ сохтани рафтори онҳо бо талаботи давру замон, ниҳодҳои сиёсӣ барои таъмин намудани ҳамгироии ниҳодҳои дигари ҷамъиятӣ ва ифодаи манфиатҳои мардум хизмат мерасонанд. Ниҳодҳои иттилоърасонӣ дар симои васоити ахбори омма дар шарҳу тавзеҳи равандҳои сиёсӣ ва дастрас намудани иттилооти саҳеҳ кумак мерасонанд. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вазифаи назоратиро иҷро намуда, дар татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсиргузор мебошанд. Дар шароити коҳиш ёфтани иқтидори ниҳодҳои мазкур ва дар сатҳи зарурӣ иҷро нагардидани вазифаҳои онҳо таъсиррасонии манфӣ афзоиш меёбад, ки боиси вайрон шудани суботи сиёсӣ мегардад. Аз чунин шароит субъектҳои манфиатдор моҳирона истифода бурда, раванди ташаккулёбии буҳронҳои сиёсию иҷтимоиро метезонанд. Махсусан рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои иҷтимоию интернетӣ дар шароити имрӯза дар самти халалдор шудани суботи сиёсӣ нақши асосӣ бозида истодаанд.

Ҳамин тариқ, таҳлилу баррасии ҷанбаҳои назариявию методологии суботи сиёсӣ нишон медиҳад, ки он яке аз шартҳои таъмин намудани устувории системаи сиёсии ҷомеа мебошад. Ба ибораи дигар, суботи сиёсӣ нисбат ба устувории системаи сиёсӣ миқёси васеътарро фаро гирифта, чигунагии системаи сиёсиро аз худ вобаста менамояд. Аммо боз дидан мумкин аст, ки таъмини суботи сиёсӣ аз устувории системаи сиёсӣ, махсусан аз устувории маркази қабули қарорҳо вобаста аст. Ғайр аз ин, суботи сиёсӣ бо рушди ниҳодҳои ҷамъиятӣ, хосатан бо рушди ниҳодҳои сиёсӣ, нигоҳ доштани тавозуни қувваҳо, коҳиш додани буҳронҳои сиёсӣ низ алоқамандии зич дорад. Дар маҷмӯъ, суботи сиёсӣ ҳолате мебошад, ки дар натиҷаи устувории системаи сиёсӣ, рушди ниҳодҳои сиёсии ҷомеа, таъмин гардидани тавозуни манфиатҳо ва дар сатҳи паст қарор доштани буҳронҳои сиёсӣ ба даст меояд.

Муқарриз: *Сафарализода Х.Қ.* – номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Алмонд Г. Гражданская культура и стабильность демократии / Г. Алмонд, С. Верба // Политические исследования. – 1992. -№4. –С.122-134.
2. Алмонд Г. Гражданская культура: политические установки и демократия в пяти странах / Г. Алмонд, С. Верба. –М.: Мысль, 2014. –500 с.
3. Гаджиев Х.А. Роль политических институтов в обеспечении политической стабильности / Х.А. Гаджиев // Теории и проблемы политических исследований. – 2016. -№3. -С.123-135.
4. Головенкин Е.Н. Системный подход Дэвида Истона: опыт создания политической теории / Е.Н. Головенкин // Вестник Московского университета. Серия 12. Политические науки. - 2015. -№5. -С.38-52.
5. Ковалев М.Д. Истоки и риски политической нестабильности в развивающихся странах / М.Д. Ковалев. -М.: ИНИОН РАН, 2013. -472 с.
6. Краснов Б.И. Политическая стабилизация и политическая стабильность: методология исследования / Б.И. Краснов. -М.: ИНИОН РАН, 2013. -488 с.
7. Липсет М.С. Политический человек: социальные основания политики / М.С. Липсет; пер с англ. –М.: Мысль, 2016. –612 с.
8. Панарин В.М. Понятийно-категориальный аппарат концепции национальной безопасности / В.М. Панарин // Стратегическая безопасность. – 2014. -№3. -С.26-38.
9. Семченков А.С. Социально-политическая стабильность / А.С. Семченков // Философия и общество. – 2016. -№2. -С.20-38.
10. Фирсов А.В. Технологии поддержания политической стабильности в механизме обеспечения национальной безопасности: российский и зарубежный опыт: дисс. … канд. полит. наук / А.В. Фирсов. -М., 2017. -166 с.
11. Хантингтон С. Политический порядок в меняющихся обществах / С. Хантингтон. -М.: Прогресс-Традиция, 2004. –480 с.
12. Шабров О.Ф. Политическое управление: проблема стабильности и развития / О.Ф. Шабров. -М.: Интеллект, 1997. -200 с.
13. Шабров О.Ф. Управление и самоорганизация как факторы стабильности и развития / О.Ф. Шабров // Эффективные технологии в системе государственного и муниципального управления. -Ростов н/Дону: Изд-во СКАГС, 1999. -С.180-194.

14. Цели в области устойчивого развития. [Электронный ресурс]. – URL: http://www.un.org/sustainabledevelopment/ru/sustainable-development-goals/ (дата обращения: 25.06.2021 г.)
15. Ярославцева А.О. Политическая стабильность и конфигурации политической элиты: интерпретативный потенциал и границы применимости теоретических подходов: дис. … канд. полит. наук / А.О. Ярославцева. - М., 2012. –168 с.
16. Ярославцева А.О. Сравнительные рейтинги и индексы как инструменты измерения политической стабильности / А.О. Ярославцева // Вестник РУДН. Серия: Политология. - 2012. -№2. -С.103-114
17. Sarkesian S.C. U.S. National Security. Policymakers, processes, and politics / S.C. Sarkesian, J.A. Williams, St.J. Cimbala. -3-ed. -L.: Lunn Rienner Publishers, 2011.

СУБОТИ СИЁСӢ ҲАМЧУН МАСЪАЛАИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВӢ

Дар мақолаи мазкур дар заминаи таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ моҳият, мазмуну мундарича ва хусусиятҳои муҳимми суботи сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Инчунин, дар мақола алоқамандии суботи сиёсӣ бо устувории системаи сиёсӣ, рушди ниҳодҳои сиёсӣ, легитимияти сиёсӣ, буҳронҳои сиёсӣ низ нишон дода шудааст. Алоқамандии суботи сиёсӣ бо системаи сиёсии ҷомеа махсус таъкид мегардад. Мубрамияти омӯзиши ин масъала бо он асоснок карда мешавад, ки дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои стратегӣ ва рушди давлатдории миллӣ аз суботи сиёсӣ вобастагии зиёд дорад. Гузашта аз ин, таҳдид ба суботи сиёсӣ, пеш аз ҳама, таҳдид ба сохтори конститутсионии давлат, истиқлолияти давлатӣ ва амнияти миллии кишвар мебошад. Ҳарчанд масъалаи мазкур хеле ҷиддӣ ба шумор равад ҳам, дар илмҳои сиёсии ватанӣ ин масъала дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудааст. Махсусан, дигаргуниҳои илмию технологии замони муосир ва пайдоиши ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ суботи сиёсии давлатҳои гуногунро зери таҳдиду хатар қарор медиҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳарчанд суботи сиёсӣ ҳукмфармо ҳаст, аммо таъсири манфии таҳдидҳои беруна ба он эҳсос мегардад. Дар чунин шароит таҳлилу таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии суботи сиёсӣ имкон медиҳад, ки моҳият ва хусусиятҳои он муайян карда шаванд. Ҳамзамон омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ин масъала имкон медиҳад, ки нақш ва мавқеи суботи сиёсӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва дар раванди ташаккулёбии давлатдории миллӣ муайян карда шаванд.

Калидвожаҳо: суботи сиёсӣ, таъмини суботи сиёсӣ, системаи сиёсӣ, устувории системаи сиёсӣ, рушди ниҳодҳои сиёсӣ, буҳрони сиёсӣ, легитимияти сиёсӣ.

ПОЛИТИЧЕСКАЯ СТАБИЛЬНОСТЬ КАК НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКАЯ ПРОБЛЕМА

В данной статье на основе анализа и изучения научной литературы исследуются сущность, содержание и специфические особенности политической стабильности. В статье также показана связь между политической стабильностью и устойчивостью политической системы, развитием политических институтов, политической легитимностью, политическими кризисами. Кроме этого указывается связь между политической стабильностью и политической системой общества. Актуальность изучения данного вопроса обоснована тем, что реализация стратегических целей и развитие национальной государственности зависят от политической стабильности страны. Более того, угроза политической стабильности - это, прежде всего, угроза конституционному устройству государства, государственной независимости и национальной безопасности. Несмотря на то, что это очень серьезный вопрос, однако он недостаточно изучен в отечественной политической науке. Анализы и наблюдения показывают, что современные научно-технологические изменения и появление террористических и экстремистских партий и движений угрожают политической стабильности различных стран мира. В нынешних условиях в Республике Таджикистан, несмотря на преобладание политической стабильности, на нее негативно влияют внешние угрозы. В этом контексте анализ и изучение теоретических аспектов политической стабильности позволяет определить ее сущность и характеристики. В то же время изучение теоретических аспектов данного вопроса позволяет определить роль и место политической стабильности в политической жизни общества и в процессе формирования национальной государственности.

Ключевые слова: политическая стабильность, обеспечение политической стабильности, политическая система, стабильность политической системы, развитие политических институтов, политический кризис, политическая легитимность.

POLITICAL STABILITY AS A SCIENTIFIC AND THEORETICAL PROBLEM

Илова бар ин, барои мақомоти Русия аудиторияи дохилӣ назар ба шунавандагони беруна хеле муҳимтар буд ва мебошад. Аз ин рӯ, агар Федератсияи Русия гоҳ-гоҳ ба "неруи нарм" муроҷиат кунад, ин асосан барои мустаҳкам кардани «неруи сахт» -и худ ва иҷрои вазифаҳое мебошад, ки аз афзоиши «ҷаззобияти» худ дуранд. Барои Русия коҳиши ҷаззобияти фарҳангии он яке аз масъалаҳои мубрами сиёсӣ мебошад. Тасодуфӣ нест, ки ҳанӯз соли 2007 бо ташаббуси В.Путин Кремл созмони "Русский мир"-ро таъсис дод, ки грантҳои назаррасро барои "ташаккули як интихобкунандаи ҷонибдори Русия дар ҷомеаҳои пасошӯравӣ" ва таблиғи забони русӣ дар кишварҳои ИДМ муайян кард. [6].

Муқоисаи стратегияҳои анъанавӣ ва муосир оид ба истифодаи "неруи нарм" ба мо имкон медиҳад, ки як қатор хулосаҳои муҳим барорем. Дар баробари стратегияи анъанавии (амрикоии) истифодаи "неруи нарм", ки ба ғояи универсалии баланд бардоштани ҷаззобияти кишвар барои ҷаҳони беруна асос ёфтааст (ба монанди «Орзуи Амрико»), имрӯзҳо стратегияҳои объективии нави истифодаи "неруи нарм" вобаста ба захираҳои истифодашудаи ҳадафҳо ва натиҷаҳо фарқ мекунанд. Назари консептуалии давлатҳо дар бораи "тартиботи ҷаҳонии дилхоҳ", масалан, дар стратегияи Чин "сулҳи ҳамоҳанг", "консерватизм ва суннатгароӣ"-и аврупоӣ, "демократияи назоратшаванда ва соҳибихтиёр"-и Русия амалӣ мешавад.

Бо вуҷуди мавҷудияти ҳадафҳои муштараки давлатҳо барои истифодаи "неруи нарм", ба монанди тақвияти нуфузи худ дар ҷаҳон, таъмини муҳити мусоид, ҳадафҳои воқеии давлатҳо гуногунанд: зеро Иёлоти Муттаҳида мақоми "гегемони ҷаҳонӣ" -ро нигоҳ медорад; барои ИА - фароҳам овардани тавозуни пурқувват дар сиёсати хориҷии ИМА, роҳбарӣ дар минтақа рост меояд. ҶМЧ сиёсати протексионистиро дар робита бо фарҳанги миллии худ пеш мебарад, аз содироти молҳои чинӣ, рушди тиҷорат фоидаи иқтисодӣ мегирад; Русия мекӯшад, ки иқтидори пешинаи худро дар миқёси минтақавӣ ва ҷаҳонӣ - мақоми "қудрати бузург"-ро барқарор кунад ва муносибатҳо бо ҳампаймонони собиқи худро барқарор кунад.

Дар байни абзорҳои асосии "неруи нарм", ки тақрибан дар ҳама моделҳои мавриди баррасӣ қарордошта метавон ном бурд: мубодилаи фарҳангӣ, ки тавассути баргузор намудани фестивалҳои фарҳанги миллӣ дар дигар кишварҳо, намоишгоҳҳо, мубодилаи ҳамдигарии фарҳангӣ ва ҳунарӣ сурат мегиранд, ҳайатҳо, омӯзиши муштараки донишҷӯён, дар хориҷи кишвар таъсис додани марказҳои фарҳанг ва паҳн намудани забони миллӣ ба ҳисоб мераванд. Аммо, миқдори маблағгузорӣ ва миқёси чунин чорабиниҳо аз ҳар кишвар фарқ мекунад. То имрӯз натиҷаҳои назаррас дар сиёсати хориҷӣ бо истифода аз "неруи нарм" аз ҷониби Иёлоти Муттаҳида ва Чин ба даст оварда шудаанд, ки бо вуҷуди он ки ба ҳадафҳои худ бо роҳҳои гуногун мерасанд, дар саросари ҷаҳон маъруфият пайдо карданд. Кишварҳои Аврупо худро бинобар шиддат ёфтани равандҳои парокандагӣ дар ИА, ки ба буҳронҳои молиявӣ, бекорӣ ва бесуботии сиёсӣ оварда расонданд, асосан бадном карданд. Дар мавриди "неруи нарм"-и Русия,

мутаассифона, он ҳанӯз натиҷаҳои назаррасе ба бор наовардааст. Айни замон, як қатор саволҳо ҳанӯз ҳам кушода боқӣ мондаанд: "Оё метавон ба муваффақиятҳои давлатҳо ба таври объективӣ баҳо дод, "Чӣ гуна самаранокии истифодаи неруи нармро чен кардан мумкин аст?" Оё Иёлоти Муттаҳида ва Чин метавонистанд чунин муваффақиятҳои назарраси сиёсати хориҷиро танҳо бо кумаки "неруи нарм" ба даст оранд, дар ҳоле ки потенсиали кофии низомӣ ё иқтисодӣ надошта бошанд?

Чунин ба назар мерасад, ки посух ба ин саволҳоро бояд дар ҳавзаи назарияи нави (такмилёфтаи) Ҷ.Най - мафҳуми "неруи нарм" ҷустуҷӯ кард.Агар "неруи нарм" барои ноил шудан ба натиҷаҳо тавассути боваркунонӣ, ҷалб ва ҳамкорӣ равона шуда бошад ва "неруи сахт" - бо ёрии маҷбуркунӣ ва мукофот, пас "неруи ҳушманд"-ро Ҷ. Ҳиринг ҳамчун қобилияти ҳамоҳангсозӣ ва муттаҳид сохтани имконот ва захираҳои қувваҳои "нарм" ва "сахт" ("дипломатияи мушакӣ") муайян мекунад [14,с.112]. Аммо, нақшаи марбут ба ташкили тавозуни неруи "сахт" ва "нарми" давлатҳо дар сиёсати хориҷӣ таҳқиқоти иловагӣ ва муҳокимаи махсусро тақозо мекунад.

Муқарриз: *Шарипов А.Н.* – номзади илмҳои таърих, дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Абрамов В.А. Императивный потенциал «мягкой силы» в стратегиях внутреннего и внешнего развития КНР / В.А.Абрамов // Вестник Читинского гос. ун-та. – 2010. – №3(60). – С. 8-15.
2. Борох О., Ломанов А. От «мягкой силы» к «культурному могуществу». Россия в глобальной политике [Электронный ресурс]. URL: http://globalaffairs.ru/ number/Ot-myagkoi-sily-k-kulturnomu-moguschestvu-15643. (дата обращения 04.09.2012).
3. Давыдов Ю.П. «Жесткая» и «мягкая» сила в международных отношениях / Ю.П. Давыдов // США и Канада: экономика, политика, культура. – 2007. – №1. – С. 3-24.
4. Каримова Г. Возможности применения стратегии «мягкой силы» в рамках Азиатских цивилизационных пространств / Г.Каримова // Современные междунар. отношения. – 2009. – №6. – С. 35-42.
5. Мосяков Д.В. «Мягкая сила» в политике Китая в Юго-Восточной Азии // Новое вост. обозрение: интернетжурнал. [Электронный ресурс]. URL: http://www.journalneo.com/?q=ru/node/45. (дата обращения 25.10.2012).
6. Образование в России для иностранных граждан [Электронный ресурс]. URL: http://www.russia. edu.ru/information/analit/960. (дата обращения 16.10.2012).
7. Объятия дракона. «Мягкая сила» Китая угрожает Западу [Электронный ресурс]. URL: http://www.centrasia. ru/newsA.php?st=1280483760. (дата обращения 02.12. 2012).
8. Стегареску М.Н. «Мягкая сила» как механизм реализации интересов КНР на международной арене / М.Н.Стегареску, Т.В. Колпакова // Россия и Китай: проблемы стратегического взаимодействия: сб. ст. -Чита: Забайкальского гос. унта, 2011. – №9. – С. 79-83.
9. Официальный сайт стипендиального фонда Эйзенхауэра [Электронный ресурс]. URL: http:// eisenhowerfellowships. org/fellows/ fellows. Html. (дата обращения 09.11.2012).
10. Фоминых А. «Мягкая мощь» обменных программ [Электронный ресурс]. URL: http://www.intertrends.ru/ sixteenth/008.htm. (дата обращения 15.11.2012).
11. Цветкова Н.А. Оценка эффективности международной образовательной политики СССР и США в годы «холодной войны» // 200 лет российско-американских отношений: наука и образование: сб. ст.; под ред. А.О. Чубарьяна и Б.А. Рубла. -М.: ОЛМА Медиа Групп, 2007. -С.378-393.
12. Цземянь Ян. Китай о «мягкой силе: взгляд на международную систему как общее достояние // Гоцзивэньтилуньтань. – 2007. – №48. – С. 9-10.
13. Global education digest 2011: comparing education statistics across the world. – UNESCO-UIS, 2011. – 310 p.
14. Nye Jr., Joseph S. Soft Power. The means to success in world politics. – N.Y.: Public Affairs, 2004. – 193 p.
15. Nye J. The paradox of American power: why the world‟s only superpower can‟t go it alone. -N.Y.; Oxford: Oxford Univ. Press, 2002. – 240 p.

«НЕРУИ НАРМ» ДАР СИЁСАТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ: ХУСУСИЯТҲОИ СТРАТЕГИЯҲОИ МИЛЛӢ

Мақола ба мавзӯи меҳварии сиёсати байналмилалӣ бахшида шудааст. Мавзӯъ бевосита ҷойгоҳи неруи нармро дар сиёсати байналмилалӣ дар кишварҳои дорои хусусияти стратегӣ дошта ошкор мекунад. Қувваи нарм ва дипломатияи фарҳангӣ дар ивази неруи сахт дар замони муосир хеле маъруф гардида, ҷойгоҳи худро дар муҳлати начандон дароз дар арсаи байналмилалӣ ишғол намудааст. Албатта, фарҳанг худ бевосита заминаи дипломатияи фарҳангӣ ва "неруи нарм" аст, ки дар кишварҳои мақоми байналмилалӣ дошта ин қувваро “қувваи адолатхоҳ” низ ном мебаранд. Ин мафҳум барои татбиқи сиёсати хориҷӣ нақши асосӣ мебозад ва аллакай дар амалия ин мафҳум дар ин соҳа натиҷаи дилхоҳ дода истодааст. Давлатҳои ҷаҳон ин қувваро ба ҳар роҳу восита истифода мебаранд ва албатта, инъикоси онро дар пешбурди сиёсати хориҷии онҳо пай бурдан мумкин аст. Ҳар кадоми онҳо дар ин қувва манфиати сиёсию иқтисодии худро ҷӯстуҷӯ доранд гарчанде, ки ин қувва манфиати байналмилалӣ дорад. Бо вуҷуди мавҷудияти ҳадафҳои

муштараки давлатҳо барои истифодаи "неруи нарм", ба монанди тақвияти нуфузи худ дар ҷаҳон, таъмини муҳити мусоид ҳадафҳои воқеии давлатҳо гуногунанд: зеро Иёлоти Муттаҳида мақоми "гегемони ҷаҳонӣ" - ро нигоҳ медорад; барои ИА - фароҳам овардани тавозуни пурқувват дар сиёсати хориҷии ИМА, роҳбарӣ дар минтақа,ҶМЧ сиёсати протексионистиро дар робита бо фарҳанги миллии худ пеш мебарад, аз содироти молҳои чинӣ, рушди тиҷорат фоидаи иқтисодӣ мегирад; Русия мекӯшад иқтидори пешинаи худро дар миқёси минтақавӣ ва ҷаҳонӣ - мақоми "қудрати бузург"-ро барқарор кунад ва муносибатҳо бо ҳампаймонони собиқи худро барқарор кунад. Аммо, нақшаи марбут ба ташкили тавозуни неруи "сахт" ва "нарми" давлатҳо дар сиёсати хориҷӣ таҳқиқоти иловагӣ ва муҳокимаи махсусро тақозо мекунад.

Калидвожаҳо: категорияи қувва, қудрати бузург, неруи нарм, стратегияҳои миллӣ, қудрати ҳарбӣ, гегемони ҷаҳонӣ, фарҳанги миллӣ, идеологияи сиёсӣ, сиёсати хориҷӣ.

«МЯГКАЯ СИЛА» В МЕЖДУНАРОДНОЙ ПОЛИТИКЕ: ОСОБЕННОСТИ НАЦИОНАЛЬНЫХ СТРАТЕГИЙ

Эта статья посвящена международной политике, в ней непосредственно раскрывает место мягкой силы в международной политике в странах стратегического характера. Мягкая сила и культурная дипломатия в обмен на жесткую силу стали очень популярными в наше время и за короткий период времени заняли свое место на международной арене. Это культура дипломатии мягкой силы, которую также называют силой справедливости в странах с международным статусом. Эта концепция играет ключевую роль в реализации внешней политики, и на практике эта концепция уже дает желаемые результаты в этой области. Стратегические государства мира используют эту силу всеми способами, и конечно же, ее отражение можно видеть в проведении их внешней политики. Каждая из них преследует свои собственные политические и экономические интересы в этой силе, хотя эта сила имеет общие международные интересы. Несмотря на наличие у государств общих целей по использованию «мягкой силы», таких как усиление своего влияния в мире, обеспечение благоприятной среды, реальные цели государств различны: поскольку США сохраняют статус «глобального гегемона». "; для ЕС - создания прочного баланса во внешней политике США, региональное лидерство; КНР проводит протекционистскую политику по отношению к своей национальной культуре, извлекает выгоду из экспорта китайских товаров, развития торговли; Россия пытается вернуть былое величие в региональном и глобальном масштабе, статус «великой державы» и восстановить отношения со своими бывшими союзниками. Однако план по уравновешиванию «жестких» и «мягких» сил государств во внешней политике требует дальнейших исследований и специального обсуждения.

Ключевые слова: категория силы, великая держава, мягкая сила, национальные стратегии, военная мощь, мировая гегемония, национальная культура, политическая идеология, внешняя политика.

“SOFT POWER” IN INTERNATIONAL POLITICS: FEATURES OF NATIONAL STRATEGIES

This article focuses on international politics. The subject directly reveals the place of soft power in international politics in countries of a strategic nature. Soft power and cultural diplomacy in exchange for strong power have become very popular in modern times and have established their place in the international arena in a short time. It is a culture of diplomacy and a soft power in countries of international status, which is also called the force of justice. This concept plays a key role in the implementation of foreign policy, and in practice this concept is already yielding the desired results in this area. Strategic states of the world use this force by all means, and, of course, its reflection can be seen in the conduct of their foreign policy. Each of them is pursuing its own political and economic interests in this force, although this force has a common international interest. Despite the existence of common goals of states to use "soft power", such as strengthening their influence in the world, providing a favorable environment, the real goals of states are different: because the United States, it retains the status of "global hegemon"; for the EU - to create a strong balance in US foreign policy, regional leadership, the PRC pursues a protectionist policy in relation to its national culture, benefits from the export of Chinese goods, the development of trade; Russia is trying to regain its former greatness on a regional and global scale, the status of a “great power” and restore relations with its former allies. However, the plan to balance the “hard” and “soft” powers of states in foreign policy requires further research and special discussion**.**

Keywords: Category of power, great power, soft power, national strategies, military power, world hegemony, national culture, political ideology, foreign policy.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Меҳрангез Ю.*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға**: 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16. Тел: **918-34- 76-29**

Сведения об авторе: ***Мехрангез Ю.*** – Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, ассистент кафедры права и международных отношений. **Адрес**: 734065, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. Тел: **988-09- 07-06**

Information about the author: ***Mehrangez Y.*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Assistant at the Department of Law and International Relations. **Address**: 734065, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street, 16. Tel: **988-09- 07-06**

УДК 327.7(575.3)

ОМИЛҲОИ ИШТИРОКИ ЗАНОН ДАР ҲАЁТИ СИЁСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Исмоилова М.Б.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Дар замони шӯравӣ ба масъалаи баробарҳуқуқии марду зан аҳамияти ҷиддӣ зоҳир мегашт ва дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон моддаи 33 гуфта шуда буд, ки дар ҷумҳурӣ зану мард ҳуқуқи баробар доранд. Тибқи ин модда халалдор кардани баробарҳуқуқӣ ва поймол кардани ҳуқуқи зан дар таҳсил, иштирок дар корҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва ҳамчунин дар оила мутобиқи қонун ҷазо дода мешавад [9]. Дар замони шӯравӣ, ки баробарии марду зан аз нуқтаи назари таълимоти марксизм амалӣ мегардид, дар Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, дар идораҳои давлатӣ, соҳаи маориф ва тиб, дар созмонҳои ҷамъиятӣ иштироки занон ба назар мерасид. Дар давраи шӯравӣ занони тоҷик ба вазифаҳои роҳбарикунандаи мақоми баланд расида буданд, аммо миқдори ба вазифаи роҳбарикунанда ифои вазифа кардани занон хеле кам буд. «Дар сатҳи баланди роҳбарии замони шӯравӣ 0,5% занон буданду бас» [3,с.14]. Р. Бобоҷониён қайд мекунад, ки дар тӯли 70-соли мавҷудияти ИҶШС танҳо як зан Е.Фурсева аъзои Бюрои сиёсии ИҶШС – мақоми олии идоракунии давлатӣ буд.

Дар давраи шӯравӣ занони тоҷик ба монанди Ӯғулой Шамсиддинова (аввалин вазири маорифи ҷумҳурӣ, соли 1928), Мунаввара Қосимова (вазири саноати сабук солҳои 1954-1957), Анзурат Раҳимова (вазири таъминоти иҷтимоӣ), Тоирова Ҳамро Зоировна (вазири сохтмони шаҳрӣ ва деҳот), Гулнора Пӯлодова (вазири тандурустӣ) дар мансаби вазирӣ фаъолият бурдаанд. Аммо он замон маъруфтияти чандон бузург надоштанд. Кормандони Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистӣ обрӯ ва нуфузи бештар доштанд. Аз ин хотир номи ходимони ҷамъиятиву сиёсӣ, ба монанди Махфират Каримова, Низорамоҳ Зарипова, Ибодат Раҳимова, Гулҷаҳон Бобосодиқова, Биҳоҷал Раҳимова ва Рафиқа Мӯсоева бештар барои мардум шинос буданд [3,с.14-15].

Дар даврони шӯравӣ аз байни занон қаҳрамонони меҳнат, ҳавонавардон, кайҳоннавардон, пешсафони истеҳсолот ба воя расидаанд. Аммо ба навиштаи Р.Бобоҷониён, аксари занон дар зинаҳои миёнаи давлатдорӣ фаъолият мебурданд ва онҳо қувваи ҳаракатдиҳанда ба шумор мерафтанд. Бештари занон дар соҳаҳои идеологӣ фаъолият мебурданд.

Дар зинаҳои миёна намояндагони занони миллатҳои гуногун ба монанди русҳо, тоторҳо ва амсоли инҳо нисбати занони тоҷик бештар буданд.

Баъди соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон масъалаи ба сиёсат ва корҳои давлативу ҷамъиятӣ ҷалб кардани занон аҳамияти зиёд касб кард. Масъалаи баробарии гендерии занон ва мардон дар сиёсат ва корҳои роҳбарикунанда ба вуҷуд омад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) моддаи 17 баробарҳуқуқии занону мардонро муқаррар кард. Соли 1998 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Нақшаи миллии амал оид ба баланд бардоштани нақш ва мақоми занон барои солҳои 1998-2005»-ро қабул кард. Соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа» ба тасвиб расид. Соли 2005 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» қабул гардид. Соли 2016 бошад, Барномаи давлатии «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби духтарон ва занони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022» қабул гашт [8,с.7]. Ғайр аз санадҳои зикршуда барномаҳо, стратегияҳо барои боло бардоштани мақоми зан дар ҷомеа ва ҷалби занон дар корҳои роҳбарикунанда ва сиёсати давлатӣ қабул гардиданд.

Дар суханрониҳои худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мавқеи занон дар корҳои роҳбарикунанда таъкид менамоянд.

Барҳам додани фаҳмиши «заиф» ва «нотавонии занҳо». Дар даврони шӯравӣ ва ҳатто солҳои аввали истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин андеша ҷой дошт, ки занон

ҷинси латифанд ва барои иштирок дар корҳои идораи давлатӣ устувор нестанд. Дар баробари ин, дар солҳои аввали истиқлоли Тоҷикистон чунин андешаҳо ҳам ҷой доштанд, ки занони тоҷик то он дараҷа қарор надоранд, ки русҳо ва дигар миллатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ доштанд. Вақеан ҳам занони тоҷик дар даврони шӯравӣ бештар ба тарбияи фарзандон машғул буданд ва менталитет намегузошт, ки занон ба корҳои роҳбарикунанда бошанд. Дар ин самт занони деҳот бештар маҳдудият доштанд. Барои аз байн бурдани чунин фаҳмиш зарур буд, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ ва пеш аз ҳама, корҳои амалӣ роҳандозӣ гарданд. Ба сиёсат ва корҳои роҳбарикунанда ҷалб кардани занон метавонист стереотипҳоро барҳам занад ва тасаввуротро доир ба фаъол будани занон тағйир диҳад. Дар кишваре, ки аксарияти аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд, пиёда кардани сиёсати ҷалби бештари занон ба корҳои роҳбарикунанда осон набуд. Агарчи чандин қонуну санадҳо дар ин самт қабул гаштаанд, гоҳо муносибати беэҳтиромона нисбати занон дар мавзеъҳои гуногуни кишвар ҷой доранд, ки ин маънои онро дорад, ки дар ин самт корҳои фаҳмондадиҳиро ҷоннок кардан лозим аст.

Ҷалби занон ба корҳои роҳбарикунанда ва нишон додани фаъолнокии онҳо дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон метавонад тасаввуроти шахшударо доир ба заифӣ ва ноуҳдабароии занон аз байн барад.

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даъвати дуюм (2000-2005) аз ҳисоби занон 10 нафар бошанд, пас дар даъвати сеюм (2005-2010) 11 нафар ва ба даъвати панҷум (2015-2020) ба 13 нафар расиданд [4,с.23-25]. Инчунин, ба вазифаҳои роҳбарикунандаи шаҳру ноҳияҳо занон таъйин гаштанд, ки ин ҳама сабаб мешаванд, ки мафҳуми нотавонии занон аз байн бурда шавад.

Барҳам додани хурофоти динӣ доир ба занон. Гарчанд ки дини мубини ислом занону мардонро баробар медонад, аммо хурофтот нисбати занон дар ҷомеаи Тоҷикистон дар солҳои аввали истиқлол ва гоҳо то кунун ҷой дорад. Хурофот чунин талаб мекунад, ки кори зан «дӯхтан, пухтан, шустан аст». Хурофоти динӣ иштироки занонро дар корҳои ҷамъиятӣ бо баҳонаи дар назди мардони бегона гаштани занон манъ мекунад. Ҳамчунин, хурофот доир ба либоспӯшии занон, иштирок накардани онҳо дар таҳсил ва амсоли инҳо ҷой дошт, ки хушбахтона ҳамаи ин омилҳо батадриҷ аз байн рафта истодаанд. Дар сурати ба корҳои давлатӣ, идоракунии маҳаллаҳо, ҷамоат ва шаҳру ноҳия ҷалб гаштани занон сатҳи хурофот нисбати занон кам мегардад, зеро онҳо бо чашми худ мебинанд, ки воқеан занон метавонанд роҳбарӣ кунанд ва пешрав бошанд. Барои расидан ба ҷомеаи мутамаддин ҳама гуна хурофот зарарнок аст.

Ташаккул додани ҷомеаи илмӣ бо иштироки занон. Яке аз масъалаҳои мубрам дар илми сиёсатшиносии ҷаҳонӣ дар охири асри бист ва аввали асри бисту як муайян кардани сатҳи иштироки занон дар илм мебошад. Э.П. Василева вазъи ҷалби занон дар илмро таҳлил карда навишта буд, ки илм танҳо кори мардона аст ва занон дараҷаи ақлонии бо мардон баробарро надоранд [5,с.53]. Гарчанд ки ин масъала кайҳо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳалли худро ёфтааст, дар шароити Тоҷикистон ташаккул додани ҷомеаи илмӣ бо иштироки занони олим дар ҷойи аввал меистад. Зеро занон низ дар баробари мардон тавони бардоштани бори таҳқиқу тадқиқро доранд.

Аммо барои ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷалб кардани занону духтарон, пеш аз ҳама, масъалаи ба таҳсил ҷалб кардани онҳо меистад. Барои ба таҳсил ҷалб кардани духтарон аз манотиқи кӯҳистони Тоҷикистон квотаҳои президентӣ таъсис дода шуданд, ки мақсади асосии он бо донишҳои муосир мусаллаҳ гардонидани духтарон ва занони манотиқи кӯҳистон ва ҷалби минбаъдаи онҳо ба фаъолияти роҳбарикунанда мебошад. Дар Тоҷикистон соли 2011 «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» қабул шуд. Тибқи ин санадҳо ҳамасола духтарон аз манотиқи дурдасти Тоҷикистон ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

Аз як тараф духтарон бо гирифтани маълумоти олӣ соҳиби ҷойи кор ва минбаъд дар вазифаҳои роҳбарикунанда қарор мегиранд. Аммо барои воқеан пеш бурдани ҷомеа муносибати илмӣ ва илмӣ-амалӣ лозим аст.

Дар асри бисту як мафҳуми субкултураи илмӣ ба вуҷуд омадааст, ки дар баъзе ҷомеаҳои илмӣ ҷалби духтарон ва занонро табу меҳисобанд. Масалан, дар илмҳои

техникӣ ва компютерӣ субкултура ба вуҷуд омадааст, ки дар онҳо иштироки занон маҳдуд карда мешавад [6,с.45]. Айни замон низ иштироки занон дар самтҳои илмҳои техникӣ ва компютерӣ дар Тоҷикистон кам ба назар мерасад, аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки барномасозон, таҳиякунандагони барномаҳои кории компютерӣ аз байни духтарони тоҷик кам нестанд.

Мутобиқи таҳлилҳои оморӣ, шумораи таҳқиқоти илмии анҷомдодаи занон рӯ ба афзоиш дорад. Сабаби болоравии саҳми занон дар таҳқиқоти илмӣ ҳамоно ҷалби занон ба корҳои илмӣ таҳқиқотӣ ба шумор меравад. Аз як тараф, ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ омили ба зинаҳои роҳбарикунанда расидани занон бошад, аз тарафи дигар, ин нишондиҳандаи он мебошад, ки занон дар бурдани корҳои таҳқиқотӣ пешқадам гаштаанд. Ҷадвали зеринро ҳамчун далел меорем, ки шумораи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва мутахассисон-муҳаққиқонро аз ҳисоби занон муқаррар мекунад.

Ҷадвали 1 [ниг.: 8,с.15].

	2013	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**
Шумораи заноне, ки таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд	1227	1352	1473	1619	1488	1531	1896
Шумораи мутахассисон-муҳаққиқон	728	779	886	960	984	982	1178

Занони дар соҳаи илм муваффақ корҳои илмӣ, муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳо ва пажӯҳишгоҳҳоро роҳбарӣ мекунанд. Дар Парламенти Тоҷикистон миқдори олимаҳо кам нестанд. Ҷалб гаштани занони олима дар кори сиёсат дар мисоли парлумон ба он оварда мерасонад, ки дар таҳия ва қабули қонунҳо рӯйкард ва муносибати илман асоснок карда мешавад ва дар натиҷа барои ҷомеа қонун ва санадҳои манфиатовар қабул мегарданд.

Фаъолияти байналхалқии сиёсии занон. Маълум аст, ки Тоҷикистон узви чандин созмону ташкилоти байналхалқӣ, ба монанди СММ, САҲА ва монанди инҳо мебошад. Дар сохтори СММ ташкилотҳои СММ Занҳо, ЮНИСЕФ, ЮНЕСКО ва амсоли инҳо фаъолият мебаранд. Занони тоҷик дар баробари занони кишварҳои дигар ҳуқуқ доранд, ки дар бахшҳои созмонҳои байналхалқӣ фаъолият бурда, манфиати Тоҷикистонро ҳимоя кунанд. Дар ин замина омӯхтани забонҳои хориҷӣ афзалият дорад. Дар ин самт низ занони кишвар фаъолнокӣ зоҳир намуда, дар фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ иштирок доранд.

Фаъолият дар созмонҳои байналхалқӣ тақозо менамояд, ки занони тоҷик минбаъд дар чорабиниҳои сиёсии байналхалқӣ низ фаъолона ширкат варзанд.

Рушди соҳибкорӣ ва менеҷменти муосир. Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон зарураи пеш меояд, ки фаъолияти занон дар соҳаи соҳибкорӣ низ рушду тараққӣ ёбад ва занони соҳибкор барои корҳои роҳбарикунанда ва сиёсӣ ҷалб гарданд. М. Бобоқулова дуруст қайд кардааст, ки дар ҳоли ҳозир «соҳибкории бонувон бештар дар он соҳаҳое ба роҳ монда шудаанд, ки дар онҳо қувваи зиёди корӣ талаб карда намешаванд, яъне бонувон на дар соҳаи истеҳсолот, балки дар соҳаи хизматрасонӣ ва тиҷорат бо соҳибкорӣ машғул мегарданд» [2,с.47]. Маълум аст, ки бештари сокинони Тоҷикистон дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва соҳибкории вобаста ба кишоварзӣ низ дар байни занон рушд кардааст. Дар соли 2015 миқдори занони роҳбари хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 34 958 нафарро ташкил дода буд, ки ин миқдор нисбати соли 2010 5 450 адад зиёд аст [2,с.49].

Занон ҳангоми фаъолият ҳамчун роҳбари хоҷагии деҳқонӣ маҳорат ва малакаи роҳбариро аз худ карда, соҳиби таҷриба мегарданд, ки ин ҳам минбаъд барои ҷалби онҳо дар корҳои роҳбарикунандаи давлатӣ замина мегузорад.

Саҳми занон дар соҳибкории бузург низ меафзояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳибкории занон грантҳо ҷудо мекунад. Занони соҳибкор дар баробари ташкил кардани коргоҳҳо занони дигарро бо ҷойи кор таъмин мекунанд, ки ин мушкилоти иҷтимоии ҷомеаро то андозае ҳал мекунад. Гарчанде дар соҳаи соҳибкории занон масъалаҳои ҳалталаб ҷой доранд, аммо дар ин самт корҳо идома дорад. Дар ҳоли ҳозир барои рушди ҳунармандии мардумӣ имтиёзҳо пешкаш гаштаанд ва занони ҳунарманд аз он бархӯрдор мебошанд.

Омили ҳувияти занон дар пешбурди ҷомеа. Табиист, ки занон таиатан зебопараст, дӯстдори тартибот, меҳрубон ва раҳмдил мебошанд. Инро ба назар гирифта, занон ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъйин мегарданд. Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояшон ба ин масъала борҳо таъкид кардаанд.

Занон дар сурати даркорӣ метавонанд корҳои зиёди мондагорро ба анҷом расонанд. Чунончи, дар давраи ҳукмронии Ҳахоманишиён адмирал – фармондеҳи флоти ин давлат Ортмез зан буд, ки бо шунидани номи ӯ душманон ба ҳарос меомаданд. Бухорхудот – подшоҳи шаҳри Бухоро қабл аз ҳамлаи арабҳо зан буд. Дар асрҳои миёна бисёр занон буданд, ки фаъолияти сиёсӣ ва иҷтимоиро ба сомон мерасониданд.

Омили устувории хонадон. Ба корҳои роҳбарикунанда ҷалб гаштани занон ҳаргиз онҳоро аз вазифаи модар будан ва фарзандони солимро ба воя расонидан озод намекунад. Аз мисоли оилаи худ зани роҳбар метавонад, ки мушкилоти ҷомеаро ҳис кунад. Зеро оила ҳам як ҳиссаи хурд, ячейкаи ҷамъият мебошад. Дар масъалаи оиладорӣ ва хонадорӣ зани одӣ ва роҳбар мушкилоти якхела доранд.

Доир ба ахлоқи занон дар қабули қарорҳо ва амал кардан чор фарқи онҳоро аз мардон ҷудо кардаанд:

- занон бештар тарафи ахлоқии муносибат бо одамони дигарро ба назар мегиранд, дар сурате ки мардон қоидаҳои расмӣ ва абстрактиро риоя мекунанд;
- занон натиҷа ва таъсири қарори худро барои ҳамаи нафароне, ки ба он алоқаманданд, дида мебароянд, дар сурате ки мардон ҷонибдори риояи қатъии принсипҳо ҳастанд ва дар натиҷаи он ягон кас зарар бинад ҳам, фарқ надорад;
- занҳо нисбат ба мардон барои рафтори ношоистаашон барои узрпурсӣ омодаанд;
- занон бештар вобаста ба ҳолати мушаххас қарори ахлоқӣ қабул мекунанд [7,с.55].

Роҳбар будан аз занони тоҷик тақозо мекунад, ки суннатҳои неки шарқӣ ва модариро аз даст надиҳанд, таомулҳои миллиро риоя кунанд ва дар ин ҳолат метавонанд, ки ҳамчун роҳбари намунавӣ ва кордону заҳматқарин дар байни мардум ном бароранд.

Муқарриз*: Розиқов Фарҳод* – номзади илмҳои таърих, дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Ашӯрова Н.Ҷ. Устувории занон дар пойдории асолати хонаводагӣ / Н.Ҷ. Ашӯрова // Ахбори ДДҲБСТ. – 2020. -№4(85). -С.42-58.
2. Бобоқулова М.А. Вазъи соҳибкории бонувон дар Тоҷикистони муосир. / М.А. Бобоқулова // Номаи Донишгоҳ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ). – 2018. -№4(57). -С.47-54.
3. Бобоҷониён Р. Хонандаи арҷманд / Бобоҷониён Р. // Бонувон дар сиёсат. -Душанбе: Эр-Граф, 2016. -С.13-19.
4. Бонувон дар сиёсат. -Душанбе: Эр-Граф, 2016. -504 с.
5. Васильева Э.П. Феминизм и наука (сводный реферат) / Э.П. Васильева // Феминизм: Перспективы социального знания. -М., 1992. -С.51-55.
6. Васильева Э.П. Феминистическая мысль и структура знаний (Реферативный обзор) / Э.П. Васильева, О.В. Летов // Феминизм: Перспективы социального знания. -М., 1992. -С.36-50.
7. Воронина О.А. Феминизм и гендерное равенство / О.А. Воронина. -М.: Эдиториал УРСС, 2003. -320 с.
8. Занҳо ва мардҳои Љумҳурии Тољикистон. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти Љумҳурии Тољикистон, 2020. -161 с.
9. Конституция (Основной закон) Таджикской Советской Социалистической Республики (14 апреля 1978 г.) https://nodussr.ru/konstituciya-tadzhikskoj-ssr (дата обращения 25.06.2021).
10. Меъёрҳои ҳуқуқии ҳифзи зан ва оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Ирфон, 2014. -289 с.
11. Национальный доклад к IV Всемирной конференции по положению женщин. -Пекин, 4-15 сентября 1995 г.
12. Фаттоҳзода С. Муқаддима / Фаттоҳзода С. // Бонувон дар сиёсат. -Душанбе: Эр-Граф, 2016. -С.8-12.

ОМИЛҲОИ ИШТИРОКИ ЗАНОН ДАР ҲАЁТИ СИЁСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф омилҳои иштироки занонро дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони бадастории истиқлолияти давлатӣ ба масъалаҳои баландбардории мақоми зан дар ҷомеа диққати аввалиндараҷа медод. Муаллиф ба он нукта ишорат менамояд, ки фаъолгардонии иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоии мамлакат ҳифзи манфиатҳи занон ва пешбурди минбаъдаи онҳоро ба сохторҳои ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ менамояд. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки масоили баландбардории дараҷаи фаъолнокии занон дар равандҳои сиёсӣ, ширкати воқеии онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ диққати ҷомеаро ҷалб намуда, яке аз вазифаҳои афзалиятнок барои Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Ин масоил бо муайянсозӣ ва

пешбурди субъектҳои нави сиёсӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд буда, дорои аҳамияти калони амалӣ ва назариявӣ мебошад. Имрӯз раванди интихоб ва ҷобаҷогузории занон ба вазифаҳои гуногуни роҳбарикунанда тамоюл ба афзоиш дорад. Тамоюлоти ҳавасмандгардонии дараҷаи фаъолнокии занон дар сиёсат, дастгирии фаъолнокии онҳо дар дигар шохаҳои ҳаёти ҷомеа, саъю кӯшиш барои интихоби онҳо ба мақомҳои олии роҳбарикунанда афзалиятнок дар сиёсати дохилии давлат маҳсуб меёбад.

Калидвожаҳо: фаъолнокии сиёсии занон дар ҷомеа, таъмини баробарии гендерӣ ва иҷтимоӣ, пешрафти ҷомеа, таъмини муттаҳиддии ҷомеа ва фаъолияти самараноки тамоми шаҳрвандон.

ФАКТОРЫ УЧАСТИЯ ЖЕНЩИН В ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЖИЗНИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению факторы участия женщин в политической жизни в Таджикистане. Автор отмечает, что Республика Таджикистан с момента обретения государственной независимости уделяла первостепенное внимание вопросам повышения роли женщин в обществе. Автор также отмечает, что активизация участия таджикских женщин в социально-политической жизни страны предполагает защиту их интересов и их дальнейшее продвижение во властные структуры государства. Также автор указывает на то, что проблема повышения степени активности женщин в политических процессах, их реальное участие в социально-политической жизни привлекает общественное внимание и является одной из приоритетных задач для Республики Таджикистан. Эта проблема связана с определением и продвижением новых политических субъектов в политическую жизнь общества, и имеет большое практическое и теоретическое значение. В настоящее время процесс отбора и расстановки женщин на различные руководящие должности имеет тенденцию роста. Тенденция стимулирования степень активности женщин в политике, поддержка их активности в других сферах жизни общества, стремления к избранию их на высшие руководящие посты высшего ранга становится приоритетной во внутренней политике государств.

Ключевые слова: политическая активность женщин в обществе, обеспечение социального и гендерного равенства, прогресс общества, обеспечение объединения общества и эффективной деятельности всех граждан.

FACTORS OF WOMEN'S PARTICIPATION IN POLITICAL LIFE IN TAJIKISTAN

In the article, the author examines and studies the factors of women's participation in political life in Tajikistan. The author notes that the Republic of Tajikistan, from the moment of gaining state independence, has given priority attention to the issues of enhancing the role of women in society. The author also notes that the intensification of the participation of Tajik women in the socio-political life of the country presupposes the protection of their interests and their further advancement into the power structures of the state. The author also points out that the problem of increasing the degree of women's activity in political processes, their real participation in socio-political life attracts public attention and is one of the priority tasks for the Republic of Tajikistan. This problem is associated with the definition and promotion of new political actors in the political life of society, and has great practical and theoretical significance. Currently, the process of selecting and placing women in various leadership positions is on the upward trend. The tendency to stimulate the degree of activity of women in politics, to support their activity in other spheres of society, to strive for their election to top leadership positions of the highest rank is becoming a priority in the internal politics of states.

Keywords: the political activity of women in society, the formation of a regulatory framework, ensuring social and gender equality, the progress of society, ensuring the unification of society and the effective activity of all citizens.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исмоилова Машҳура Буҳоватдиновна*** **–** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1. Телефон: (**+992) 927-65-23-20**

Сведение об авторе: ***Исмоилова Машхура Буховатдиновна*** - Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафуров, старший преподаватель кафедры политологии. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект Мавлонбекова, 1. Телефон: **(+992) 927-65-23-20**

Information about the author: ***Ismoilova Mashkhura Bukhovatdinovna*** **-** Khujand State University named after academician B. Gafurov, senior lecturer at the Department of Political Science. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Avenue, 1. Phone**: (+992) 927-65-23-20**

ИҚТИСОД - ЭКОНОМИКА

Хушвахтзода Қ.Х., Одинаев М.А., Обидов Ф.С., Амонова Д.С. Таҳлили омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***5***

Абдулмумнзода Н.А. Масъалаҳои баҳодиҳӣ ва ташкили баҳисобгирии таркибии дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ..... ***14***

Бобоев М.У. Таҳқиқи муаммоҳои ташкили низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корҳои илмии олимони ватанӣ..... ***20***

Васиев Ф.М., Ван Сан Сан. Муаммоҳои таъмини шуғли аҳолӣ дар давраи пандемия COVID-19..... ***29***

Саидмуродова М.А., Моҳираи Ҷ. Мавқеи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди истеҳсолоти ватанӣ..... ***36***

Тоҳирова Р.С. Аудити қарздориҳои дебитории тиҷоратӣ..... ***44***

Раҳматзода Ҳ.Б. Инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун маҷмуи шароитҳо барои пешбурди фаъолияти инноватсионӣ..... ***52***

Файзуллоев М.К. Мукаммалгардонии захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ва усулҳои идоракунии онҳо..... ***58***

Қурбонов А.Ҷ. Ташаккул ва истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ: асосҳои назариявӣ..... ***65***

Ҷураев Ф.М., Қоситов Ҷ.Р. Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори меҳнатии минтақа: тавсифот, хусусият ва истифодаи самараноки он..... ***76***

Дусмадова А.Ҳ. Ҷанбаҳои илмии идоракунии захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёт..... ***83***

Қурбонов А.Д., Раҳимов Ҷ.О. Асосҳои методологии самаранокии кооперативҳои кишоварзӣ..... ***90***

Ғафорзода Ҷонона Ғафор. Моҳияти иҷтимоию иқтисодии таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити муосир..... ***98***

Хоҷаева Д.А. Самтҳои рушди кластери пахта дар вилояти Суғд..... ***107***

Манучеҳри Нозимии Раҷабзода. Системаи назорати дохилӣ: ҷанбаҳои назариявӣ..... ***116***

Назаров М.С., Ҳакимов С.Н. Ҳолат ва роҳҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***122***

Давлатзода Д.А., Сахибов Е.Н. Теоретические и практические основы формирования устойчивого развития туризма в условиях рынка…….. ***130***

Махмадизода Ф.Б., Наджбудинзода Х.Ш., Махмадизода С.Б. Пути устойчивого развития сельхозтоваропроизводителей регионов в условиях ВТО……. ***138***

Норов Х.Г. Оценка состояния водного сектора: преимущества, недостатки, возможности и угрозы…….. ***146***

Зиёев Б.С., Шокирзода Наджибулло Исуфхон. Развитие форм и механизмов регулирования землепользования в условиях аридной зоны……... ***153***

Назаров А.А., Шарипова Ш.М. Особенности использования местных ресурсов в территориальных образованиях региона……. ***166***

Шарипов У.А. Инвестиционные процессы в энергетическом комплексе региона: некоторые аспекты их активизации……. ***173***

Холов Т.Т. Пути дальнейшего развития предприятий горнорудной промышленности Таджикистана…….. ***181***

Диловаров Р.Д., Мирзомуддинов Д.А. Проблемы рационального использования земельных ресурсов и их влияние на социально-экономическое развитие горных территорий Таджикистана. ***190***

Хурамова З.М. Основные научные подходы к исследованию продовольственной безопасности.... ***199***

ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

Мирзамонзода Хайрулло Мирзамон. Влияние правого статуса судей на определение его, места и правовой сущности……. ***207***

Асрорзода З. Мафҳум ва аломатҳои асосии қарзи бонкӣ дар назария ва амалияи хизматрасониҳои молиявӣ..... ***212***

Соҳибзода М.М., Ҳакимов Я.Б. Шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг): мафҳум ва хусусиятҳои он..... ***218***

Майнусова З.М. Истифода ва татбиқи шартномаҳо дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар намуди уҳдадории чакана: масоили шакли бастани уҳдадорӣ ва хусусиятҳои танзим..... ***226***

Рашидов Ҷ.Қ. Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ташаккул ва инкишофи қонунгузории экологӣ дар давраи Шӯравӣ..... ***234***

СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

Сафарализода Х.К. Источники проявления внутренних угроз в условиях трансформации общества…….. ***240***

Али Эмре Суджу. Отношения средних держав с великими державами в многополярном мире: политика Турции в отношении России и США…….. ***253***

Зокиров Г.Н., Холов Х.Қ. Масъалаҳои таҳкими истиқлолияти сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***264***

Мадвалиев Ҷ.А. Заминаҳо ва омилҳои пайдоиши терроризми байналмилалӣ…… ***273***

Нуриддинзода С.Ҳ. Ҷанбаҳои назариявию методологии таҳқиқи назарфиребии сиёсӣ..... ***282***

Ҳаитов Ф.М., Некрӯзи Маҳмадхоҷа. Симои сарвари сиёсӣ ҳамчун воситаи легитимикунонии ҳокимият..... ***291***

Ҳасанов Б. Суботи сиёсӣ ҳамчун масъалаи илмию назариявӣ..... ***299***

Набизода Эмомалӣ Қуваталӣ. Консепсияи рушди инноватсионӣ: ҷанбаҳои сиёсӣ ва иқтисодии он..... ***307***

Меҳрангез Юсуфӣ. «Неруи нарм» дар сиёсати байналмилалӣ: хусусиятҳои стратегияҳои миллӣ..... ***313***

Исмоилова М.Б. Омилҳои иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ дар Тоҷикистон..... ***320***

ТРЕБОВАНИЯ К НАУЧНЫМ СТАТЬЯМ

1. Соблюдение «Публикационной этики научных журналов Таджикского национального университета»;
2. Статьи принимаются в редакторе World, шрифт Times New Roman для текстов на русском и английском языках, Times New Roman Tj для текстов на таджикском языке, размер (кегль) 14 (таблицы 12), поля 2,5 см, межстрочный интервал 1,5 строки;
3. Объем статьи: не менее 15 и не более 30 страниц компьютерного текста формата А4, включая список литературы и аннотации;
4. Индекс УДК (данный индекс можно получить в любой научной библиотеке);
5. Название статьи заглавными буквами по центру текста;
6. Фамилия И.О. автора(ов)
7. Название организации, где работает(ют) автор(ы);
8. Основной текст статьи (не менее 10 страниц, исключая схемы, рисунки, таблицы, диаграммы, аннотации и список литературы);
9. Список литературы не менее 15 наименований. Статьям, где использованы авторитетные, а также наиболее поздние научные издания отдается предпочтение. Допускается использование не более 25% научных публикаций автора(ов).
10. Список использованной литературы составить в двух вариантах: 1) на языке оригинала (таджикский, русский, английский) и 2) перевод всей использованной литературы на русский язык (для журнала «Вестник ТНУ. Серия естественных наук» список литературы перевести на английский язык)
11. Ссылка на предыдущие публикации научных журналов Таджикского национального университета по теме исследования приветствуется.
12. Название статьи, аннотации и ключевые слова приводится на трех языках (таджикский, русский, английский), аннотация в объеме от 150 до 200 слов, ключевые слова 7-10 терминов;
13. Статьи принимаются в печатном и электронном варианте;
14. Заявление автора(ов) об оригинальности статьи и согласие на издание;
15. Статьи аспиранта/докторанта Ph.D/соискателя принимается к рассмотрению с рекомендацией научного руководителя/научного консультанта;
16. Статья магистранта принимается к рассмотрению только в соавторстве с кандидатом наук/доктором наук;
17. Информация об авторе(ах) на трех языках (таджикский, русский и английский);
18. Ссылки на литературу в тексте обязательны и оформляются следующим образом: [3, с.24], где первая цифра – номер источника в списке литературы, вторая – страница;
19. Нумеровать таблицы, схемы, диаграммы и рисунки и перевести их оглавление/название на русском и английском языках;
20. Представить справку об антиплагиате (статьи на русском и английском языках).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Выходит 10 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук

2021. №5.

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А.Назарова
Редактор таджикского языка: Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734026, г.Душанбе, ул.Буни Хисорак, корпус 14.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 41 усл. п.л. 41.
Подписано в печать 15.10.2021